ISSN 2708-5759

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

## БАХШИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГӢ

*Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

## СЕРИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

*Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

## SERIES OF PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL SCIENCES

*Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni*

**№ 2 (28)**

**Душанбе - 2026**

**ISSN 2708-5759**

*Маҷалла бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, № 399/м ба феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардидааст.*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибоси илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст.*

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2026 таҳти рақами 496/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст.*

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
***Тел.:*** *(+992 37) 224-36-91*
***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*
***Почтаи электронӣ:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*
***Сомонаи маҷалла:*** *www.pedagog.tgpu.tj*

**Сармуҳаррир:** ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Муовини сармуҳаррир:** ***Раҷабзода Сироҷиддин Икром*** *– доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Котиби масъул:** ***Муборакиён С. М.***

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***Маҷидова Бибиҳафиза*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Нугмонов Мансур*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Нурзода Абдулбоқӣ Нур*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Сайфуллоев Хайрулло Габдуллоевич*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Файзализода Ҷумахон Хол*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Юнусова Нафисахон Муродовна*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Дадобоева Мадина Солибоевна*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
***Бобоева Сайёра Бобораҷабовна*** *– доктори илмҳои психологӣ, профессор*
***Қодиров Умаралӣ Дустқобилович*** *- доктори илмҳои психологӣ, профессор*
***Мухамедова Дилбар Ғафурҷоновна*** *- доктори илмҳои психологӣ, профессор*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2026***

**ISSN 2708-5759**

*Журнал включен в перечень рецензируемых научных журналов (изданий) Республики Таджикистан по приказу председателя Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 25 октября 2024 года № 399/м.*

*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки.*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан 10 июня 2026 года под номером 496/ЖР-97.*

***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
***Тел.:*** *(+992 37) 224-36-91*
***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*
***Электронная почта:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*
***Сайт журнала****: www.pedagog.tgpu.tj*

**Главный редактор**: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** *– доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

**Зам. главного редактора**: ***Раджабзода Сироджиддин Икром*** *- доктор химических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

**Ответственный секретарь**: ***Муборакиён С. М.***

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

***Маджидова Бибихафиза*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Нугмонов Мансур*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Нурзода Абдулбоки Нур*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Раджабов Тагоймурод Бобокулович*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Файзализода Джумахон Хол*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Юнусова Нафисахон Муродовна*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Дадобоева Мадина Солибоевна*** *– кандидат педагогических наук, доцент*
***Бобоева Сайёра Бобораджабовна*** *– доктор психологических наук, профессор*
***Кадыров Умарали Дусткобилович*** *- доктор психологических наук, профессор*
***Мухамедова Дилбар Гафурджановна*** *- доктор психологических наук, профессор*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2026***

**ISSN 2708-5759**

*The journal is included in the list of peer-reviewed scientific journals (publications) of the Republic of Tajikistan, as per the order of the Chairman of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan No. 399/m of October 25, 2024.*

*The journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library.*

*The journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from June 10, 2026 under No.496/JR-97.*

***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
***Phone:*** *(+992 37) 224-36-91*
***Fax:*** *(+992 37) 224-13-83*
***E-mail:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*
***Journal website:*** *www.pedagog.tgpu.tj*

**Editor-in-chief:** ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *- Doctor of Historical Sciences, professor, rector of the TSPU named after S. Ayni*

**Deputy Editor-in-chief:** ***Rajabzoda Sirojiddin Ikrom*** *- Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Research at TSPU named after S. Ayni*

**Executive Secretary:** ***Muborakiyon S. M.***

**THE EDITORIAL BOARD:**

***Majidova Bibihafiza*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Nugmonov Mansur*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Nurzoda Abdulboqi Nur*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Rajabov Tagoymurod Boboqulovich*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Sayfulloev Khayrullo Gabduloevich*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Fayzalizoda Jumakhon Khol*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Yunusova Nafisakhon Murodovna*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Dadoboeva Madina Soliboevna*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Docent*
***Boboeva Sayora Boborajabovna*** *– Doctor of Psychological Sciences, Professor*
***Qodirov Umarali Dustqobilovich*** *- Doctor of Psychological Sciences, Professor*
***Mukhamedova Dilbar Gafurdjanovna*** *- Doctor of Psychological Sciences, Professor*

***© TSPU named after S. Ayni, 2026***

# МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ / ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


***Булбулов Ҷ., Абдураимова С. А.***
Нақши истифодаи усулҳои инноватсионии таълим дар бедор намудани шавқу завқи донишомӯзии хонандагони муассисаҳои таълимии камнуфус ..... 7
***Алимов С. Ш., Табаров Д. Д.***
Пути формирования исследовательских и творческих способностей учащихся в рамках реализации компетентностного подхода ..... 13
***Асоев М. М.***
Омилҳои асосии баландбардории сатҳи салоҳияти компютерӣ-иттилоотии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ..... 21
***Саъдуллозода Ш. С. , Раҳмонзода А. Ҷ., Абдулло М. А.***
Системаи маорифи Тоҷикистон дар замони зеҳни сунъӣ: платформаҳо, салоҳияти омӯзгорон ва рушди устувор ..... 28
***Алиев А. Б.***
Муҳити таълим - омили асосӣ дар татбиқи муносибати босалоҳият ..... 36
***Шарипова М. Қ., Алимов С. Ш.***
Асосҳои педагогии инкишофи донишҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ..... 43
***Табаров Д. Д., Ҷумаева М.***
Ташаккули салоҳиятҳои эҷодии хонандагони хурдсол ..... 52
***Саидализода У. Р.***
Усулҳои ҳамкорӣ бо оилаҳои кӯдакони душвортарбия ба воситаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ..... 58
***Саидзода М. Д., Миров М. А.***
Асосҳои педагогии таълими гимнастика дар раванди машғулиятҳои ҷисмонии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ..... 66
***Хаспалаев Т. М.***
Вазифаҳои асосии тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ..... 75
***Зиякова З. А.***
Масъалаҳои таълиму тарбия дар афкори педагогии Садриддин Айнӣ ..... 81
***Мухамадиева Л. М.***
Проблемаҳои ташаккули муносибати босалоҳият дар адабиёти илмӣ тибқи стандартҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ..... 88


## МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ / МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ


***Нугмонов М., Урозов Ф. М.***
Муносибати босалоҳият ва татбиқи он дар таълими математикаи муассисаи таҳсилоти умумӣ ..... 97
***Маҳкамов М.***
Амалинамоии методи баробаркунии Маҳкам дар ҳалли муодилаҳои ирратсионалии ғайристандартии якчандтағйирёбандадор ..... 102
***Назаров А. П., Шарифӣ Қ. Б.***
Методикаи ташкил ва гузаронидани кори санҷишӣ аз фанни геометрияи аналитикӣ оид ба мафҳумҳои нуқта ва порча бо истифода аз методи Пулот ..... 115
***Ҷонмирзоев Э.***
Рушди тафаккури мантиқии хонандагон дар раванди фардикунонии таълими фанни математика ..... 122
***Диловари Б., Амонқулов Ҳ. Г.***
Омӯзиши татбиқи назарияи қиёсшавиҳо ба баъзе масъалаҳои математика ..... 128
***Бурҳонова Р. С.***
Нақши технологияҳои рақамӣ дар рушди фаъолияти маърифатии хонандагон ҳангоми таълими алгебра ..... 136
***Исмоилова С. И.***
Рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика ..... 146

***Умаров У. С., Раҷабов У. Х.***
Методикаи истифодаи овезаҳои таълимӣ ҳангоми омӯзиши мавзуи «Индуксияи электромагнитӣ» дар синфи XI ..... 154
***Алишери З., Муҳаббатов Х. Қ.***
Фаъолгардонии раванди таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ..... 162
***Раҷабов Т. Б., Аминзода Ғ. Р.***
Истифодаи методҳои аналогия ва муқоиса дар дарсҳои физика ..... 169
***Абдуллозода А. М.***
Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар дарси физика ..... 175
***Ҷӯразода Х. Ш., Одиназода С. Ш.***
Усули рушди масъала ва равиши фарқкунанда аз истифодаи технологияҳои рақамии инноватсионӣ дар таълими фанни умумикасбии «Электроника ва электротехника» ..... 180
***Насриддинова Г. Х., Шерматов Д. С.***
Роль цифровые образовательные технологии в формировании профессиональной компетентности будущих учителей физики ..... 187
***Ашуров А. Х.***
Совершенствование учебной программы по физике в средних общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан: анализ, проблемы и рекомендации ..... 195
***Баротзода К. А., Хидиров Ғ. С.***
Таълими фаъол дар татбиқи муносибати босалоҳият ба омӯзиши химияи биологӣ ..... 203
***Файзуллоева М. М., Бобизода Ғ. М., Раҷабзода С. И.***
Таҳлили назариявӣ ва усулҳои интерактивӣ дар таълими химия ..... 213
***Имомова Л. Ч.***
Масоили рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон дар дарсҳои химия ..... 221
***Хидиров Ғ. Т.***
Ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии TBL зимни озмоишҳои химиявӣ ва натиҷаи корҳои озмоишӣ дар раванди таълими биохимия ..... 228
***Қурбонова Г. А., Ҷамшедзода Ф. Ҷ.***
Методикаи омӯзиши нақшу нигори миллии тоҷикӣ дар фаъолияти мусаввирии кӯдакони синни томактабӣ ..... 237
***Исломов Ш., Ҷамшедзода Ф. Ҷ.***
Таснифоти методҳои таълими адабиёти тоҷик дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим ..... 243
***Турсунова М. А.***
Таълими хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ дар синфи 9 ..... 251
***Юлдошева З. И.***
Усули таълими романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ дар курси таърихи адабиёт ..... 259

## ИЛМҲОИ ПСИХОЛОГӢ / ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Маҷидова Б., Рустамова З. Т.***
Омилҳои ташаккулёбии ҳисси шафқат дар хурдсолон ..... 267
***Олимов Т. Ш.***
Масъалаҳои мубрами омодасозии ҷавонон ба ҳаёти оиладорӣ дар шароити муосир ..... 274
***Саидзода Б. Х.***
Аҳаммияти психологии механизми муносибатҳои оилавӣ дар рушди шахсияти фарзандон ..... 281
***Рамазонова Р. С., Маҳмадиева М. П.***
Хонандагони дорои нуқсони нутқидоштаи нобино ва хусусиятҳои онҳо ..... 286
***Сулейманова А. Г.***
Эмоциональное истощение в педагогической культуре как негатив педагогической технологии ..... 293
***Гулматзода М. Қ.***
Аутизми кӯдакона: мушкилии ҳалталаби ҷомеаи муосир ..... 299

ТДУ 37.018.1:37.013.42

# НАҚШИ ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ДАР БЕДОР НАМУДАНИ ШАВҚУ ЗАВҚИ ДОНИШОМӮЗИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ КАМНУФУС

***Булбулов Ҷ., Абдураимова С. А.***
*Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев*

**Муқаддима.** Имрӯз таълим дид ва назари навро тақозо дорад. Сифати таълим новобаста аз шакл ва зинаи таълим талаботҳои навро интизор аст, то ки дарсҳо бо усулҳои замонавӣ гузаронида шаванд. Яке аз масъалаҳое, ки имрӯз назари навро талаб дорад, истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар синфҳои камнуфус аст. Маҳз ин мақола масъалаи мазкурро ба таҳқиқ фаро гирифтааст.

**Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот.** Дар пешбурди корҳои таҳқиқотӣ аз маводҳои илмӣ, методӣ ва адабӣ истифода карда шуд. Дар навиштани мақола ба таҳлил, баҳсу мунозира ва асосноккунӣ диққати асосӣ равона карда шуд.

**Натиҷаҳо ва муҳокима.** Бо такя ба адабиёти ба мавзуъ мувофиқ, таҷрибаи синфҳои камнуфуси муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар, таҷрибаи омӯзгорони собиқадор мавзуъ таҳқиқу асоснок карда шуд. Намунаи роҳҳои тадрис дар синфҳои камнуфус ба таҳқиқ фаро гирифта шуда, дар мақола ҷой дода шуданд. Мисолҳо аз таҷриба оварда шуда қисмати амалии мақоларо мустаҳкам намуданд.

Дар асоси маълумоти мавҷуда ва таҳқиқоти охирини соҳаи маориф дар Тоҷикистон, як қатор олимон дар самти усулҳои инноватсионӣ ва муносибати босалоҳият дар муассисаҳои камнуфус корҳои назаррас анҷом додаанд: Д. Ҳамидова, Н. Сироҷидинов, А. Камолов, М. Абдуллоева, Н. Комилова, Ҷ. Азизов, С.Абдуллоев, Қунғуротов Д. Валиев Б. аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Масалан, Қунғуротов Д. Валиев Б. Қайд мекунанд: “Мактабҳои камкомплектӣ ва равиши таълими муваффақ дар онҳо талаби асоси замон аст” [5, с. 21].

Воридшавии кишвар ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ба пешрафти ояндаи ҷомеа, сифати таълиму тарбия, таъмини маърифатнокии илмию техникӣ, арзишҳои умумибашарӣ, инкишофи озодонаи шахс, тарбияи шаҳрвандӣ ва нашъунамои ояндаи кишвар шароити мусоид фароҳам хоҳад овард.

Ба андешаи Д. Ҳамидова раванди таълим бояд ба хонандагон на танҳо интиқоли дониш, балки рушди тафаккури мустақил, қобилияти ҷамкорӣ ва ҳавасмандии дохилиро таъмин намоянд. Дар синфҳои омехта муаллим бояд усулҳо ва стратегияҳои гуногуни таълимро истифода барад, то эҳтиёҷ ва сатҳи омодагии ҳар як хонанда ба назар ирифта шавад. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим, аз қабили кори гуруҳӣ, омӯзиши муштарак, вазифаҳои амалӣ ва муҳокимаҳои интерактивӣ метавонанд шавқу завқи хонандагонро ба омузиш зиёд намоянд [11, с. 15]. Дар асоси афкори олими муосир ва педагоги машҳури тоҷик, академик Маҳмадулло Лутфуллоев: “Дарси муосир бе истифодаи усулҳои фаъолгардонӣ ва шавқмандкунии хонандагон кори саҳл аст” [6, с. 89]. Ин олимон дарси имрӯзаро бе истифодаи усулҳои фаъол дарси ҳақиқӣ намеҳисобанд. Масалан, Мирбобоева Б. низ бар он ақида аст: “Тадрис дар мактабҳои камкомплектӣ вижагиҳои худро дорад” [7, с. 18] ва амсоли инҳо.

Гарчанде самараи истифодаи усулҳои инноватсионии таълимро аксарияти омӯзгорони фаъолу эҷодкор, шогирдон ва волидайн, аз ҷумла муассисаҳои синфҳои камнуфус дарк карданд ва теъдоди зиёди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва намуди нав алакай онҳоро пурра ё лаҳзаҳои алоҳидаи онро дар шаҳру ноҳияҳои кишвар истифода намуда, ба натиҷаҳои дилхоҳ комёб гардида истодаанд, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки намояндагони зиёди усулҳои анъанавии (муқаррарӣ) таълим имрӯзҳо ҳам мавқеи худро аз даст додан намехоҳанд, зеро дар гузаронидани чунин дарсҳо зарурати ҷустуҷуҳои эҷодӣ, истифодаи воситаҳои аёнӣ, техникӣ, иттилоотию иртиботӣ, шабакаи интернет, видео, компютер ва ғайра ба миён меоварад, ки ба он на ҳамаи омӯзгорон омодагӣ доранд ва дар истифодаи баъзе аз онҳо маҳорату малакаи зарурӣ дар худ такмил надоданд. Илова бар он “... усулҳои муқаррарии таълим ба рушди истеъдод, қобилиятҳои тафаккурию зеҳнӣ, бахусус

маърифатнокии илмию техникӣ, молик гардидан ба қобилияти фикрронии мустақилона ва озод ба таври дилхоҳ мусоидат карда наметавонанд" [8, с. 88], аз ин лиҳоз аксарияти толибилмон, ки таҳкурсии зарурии донишомӯзӣ надоранд, дар раванди ин гуна дарсҳо дар ҳифзи иттилоот ва шарҳу тафсири онҳо ба душвориҳо дучор мегарданд. Таълим дар чунин машғулиятҳо (муқаррарӣ) ба такмили маҳорат, малака ва дониши хонандагони қобилиятнок (1-2 нафар, дар деҳот аз он ҳам кам) равона мешаваду халос, зеро дар ҷараёни онҳо танҳо хонандагони «фаъол» метавонанд мазмун ва моҳияти иттилои пешниҳодшударо то андозае ҳифз намоянд.

Дар ҷараёни ин гуна дарсҳо азхудкунӣ ва бунёди дониш, ки аз дониши қаблӣ (таҳкурсӣ), шарҳу тафсири иттилои нав, мушоҳида ва хулосаҳои худи хонанда маншаъ мегиранд. Хонандагон дар дарсҳои анъанавӣ одатан танҳо ба фаъолияти бахотиргирӣ ва бахотирорӣ ҷалб карда мешаванд. Агар баъди фосилаи муайяни вақт аз шогирдон оид ба иттилои омӯхташуда пурсон шавед, ягон варианти ҷавобро пешниҳод карда наметавонанд, зеро дар ба хотир овардан ба мушкилот дучор мешаванд. Сабаби асосии он дар табдил наёфтани иттилои пешниҳодшуда ба дониши воқеии онҳо мебошад, зеро амалиёти асосӣ дар раванди дарсҳои муқаррарӣ асосан аз суханронии (назария) омӯзгор асос мегирад, на аз таносуби назарияю амалия ва иштироки фаъолонаю мустақилонаи тамоми хонандагон, кӯмаку дастгирии тарафайн дар раванди ҳифзи иттилоот ва шарҳу тафсири мазмуну моҳияти онҳо. Дониши шогирдон дар чунин дарсҳо сатҳӣ ва лаҳзавӣ арзёбӣ мегардад.

Омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи омӯзгорони мамлакатҳои пешрафта бо истифодаи мақсадноки воситаҳои техникӣ, иттилоотию коммуникатсионӣ, шабакаи умумиҷаҳонии интернет, китобхонаи электронӣ аз ҷониби омӯзгорони эҷодкори таълимгоҳҳои озмоишӣ, боварии моро ба имконияти истифодаи усулҳои фаъол (инноватсионӣ) - и таълим дар сатҳи таълимгоҳҳо ва дарсҳои алоҳида устувор гардонид.

Истифодаи дарсҳои инноватсионӣ натанҳо ба демократизатсияи зоҳирӣ ва имрӯзаи соҳаи маориф чун мақоми сернуфузу ҳамаҷонибаи ҷомеа мусоидат мекунад, балки имкон медиҳад, ки озодии ботин ва рушди андешаи насли наврас дар раванди таълиму тарбия ба пуррагӣ таъмин гардад. Истифодаи онҳо инчунин дар ҷараёни таълиму тарбия заминаи воқеии инкишоф ва истифодаи имкониятҳои зеҳнии ҳар як хонандаро фароҳам меорад. Амалияи он ба он мусоидат мекунад, ки шахсият новобаста ба синну сол, мавқеъ, вазъи иқтисодӣ, макони таҳсилу ҷойгиршавӣ (шаҳру деҳот) мавриди эҳтиром қарор гирад ва барои дарки арзишу мақоми худ шароит ва имконият пайдо кунад [4, с. 7-8].

Муҳимтар аз ҳама усулҳои фаъоли таълим фардро дар зинаҳои аввалини ҳаёти ҷамъиятӣ ба қобилияи фикрронӣ, ташаккули маҳорати зеҳнию тафаккурӣ, маърифатнокии илмию техникӣ ҳидоят менамояд.

Дарсҳои инноватсионӣ имконият фароҳам меоранд, ки гурӯҳи хонандагоне, ки бо сабабҳои гуногун муносибати самимона ба донишомӯзӣ надоштанд ва фаъолияти баланд дар раванди дарсҳои муқаррарӣ солҳои зиёд (синфҳои 7-11) нишон дода натавонистанд, дар дарсҳои инноватсионӣ ба фаъолияти мустақилона водор гардида, дар онҳо майлу рағбат нисбат ба донишомӯзӣ рӯз аз рӯз бештар хоҳад гардид.

Самимият, бунёди дониш, озодандешӣ, "эҳтироми шахсият ва ташаккули ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ" [1, с. 14], истифодаи имконияту тавоноӣ, ҳамкорию муносибати самимимонаю инсондӯстона, сатҳи баланди камолоти маънавӣ, мустақилият, ошкор гардидани лаёқат ва истеъдод, адолатшиносӣ - чунин аст рӯихати нотамоми он сифатҳое, ки шахсият аз овони хурдӣ таввассути истифодаи усулҳои инноватсионии таълим ва омилҳои асосии он ба даст оварда метавонад.

Дар раванди усулҳои инноватсионии таълиму тарбия дар сатҳи таълимгоҳҳо ва дарсҳои воқеӣ нақшаю зинаҳои зерини он бояд ба инобат гирифта шаванд. Ҳар як омӯзгор бояд дар бораи онҳо маълумоти дақиқ дошта, моҳияти онҳоро хуб дарк карда бошад ва дар дарсҳояш (амалия) ба онҳо эътибори ҷиддӣ диҳад.

Муҳимтарини ин зинаҳо (нақшаҳо) инҳоянд:

Зинаи якуми нақша - дар бобати бедор намудани майлу рағбати хонандагон ба донишомӯзӣ саҳми арзанда дорад:

- дар марҳилаи аввали ин зина (нақша) хонандагон ба фаъолияти гуногуни азхудкунӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Хонандагон дар ин марҳила ба таври фаъолона дониши қаблии худро доир ба мавзуи пешниҳодшуда ба хотир меоранд (баъди супориши муаллим). Ин фаъолият онҳоро ба санҷиши дараҷаи дониши қаблии хеш раҳнамун месозад, зеро онҳо бояд оид ба мавзуи пешниҳодшуда андеша кунанд. Зинаи аввал хонандагонро водор месозад, ки дар раванди амалиёти инноватсионӣ асосан ба таври фаъолу мустақилона дониши худро мукаммал гардонанд, то ки барои мустаҳкам намудан ва минбаъд ба он донишҳои нав замъ

намудан барои онҳо осон гардад. Ин фаъолият дар бунёд ва афзунгардонии дониш ба онҳо кӯмаки калон мерасонад, зеро тамоми донишҳои нав ва минбаъда дар асоси донишҳои қаблӣ ба воситаи шарҳу тафсир (исбот) - и факту далелҳои иттилои нав пойдор мегарданд ва ба дониш табдил меёбанд. Муҳимтар аз ҳама хонандагон ба воситаи амалиёти аввалаи хеш дар ин зина асос (таҳкурсӣ)- и дониши шахсии худро бунёд менамоянд ва баъдан ба он имконияти зам намудани донишҳои нав ба нав аз ҷониби ҳар як хонанда имконпазир ва осон мегардад.

Мақсади марҳилаи дуввуми ин зина фаъолгардонии амалиёти хонандагон дар дарсҳо мебошад, зеро раванди омӯзиш худ пеш аз ҳама амалиёти рушддиҳандаи раванди тафаккур ва қобилияту истеъдод ба ҳисоб меравад. Фаъолият дар ин зина хонандагонро ба фикрониҳои мантиқию интиқодӣ водор месозад, зеро дониши минбаъдаи даркшаванда аз иттилооти маълум ва даркшуда маншаъ мегиранд. Иттилои ба хонандагон номаълум ва нофаҳмо, ки моҳияти онро дар асоси донишҳои мавҷудаи хеш ҳифз накарданд ва ба дониши қаблии худ пайваст карда натавонистанд, зуд фаромӯш мегардад. “Дар раванди истифодаи таълими инноватсионӣ омӯзгор амалиёти шогирдонро ҳатман фаъол мегардонад” [10, с. 87] ҷалб мекунад, ҳавасманд менамояд, ба вазифа меорад, қувваро мутамарказ менамояд, ба фикрронӣ оид ба иттилооти аз худнашуда водор месозад. Мутаассифона, дар дарсҳои муқаррарӣ хонандагон одатан ба фаъолияти пурсамари мустаҳқилона фаро гирифта намешаванд, зеро дар ҷараёни чунин машғулиятҳо мактабиён одатан ба суханронии муаллимон «гӯш мекунанду халос” [2, с. 24], ва бештари вақт бо сабаби якрангии дарсҳо хоҳ-нохоҳ ба фикру хаёлот фурӯ мераванд ё ба корҳои дигар машғул мегарданд. Дар натиҷа мазмун ва моҳияти мавзуъҳо аз ҷониби шогирдон азхуд карда намешаванд, маҳорату малакаи мустақилонаи онҳо дар рафти иҷрои супоришҳо ташаккул намеёбад, аз ҷумла, супоришҳои хонагӣ аз ҳамдигар рӯбардор карда мешаванд.

Ҷараёни омӯзиши инноватсионӣ бошад, аз хонандагон ва омӯзгорон фаъолияти созанда ва бунёдкоронаро тақозо менамояд ва тарафҳои ба он мутассадӣ бояд дар раванди он фаъолияти беандоза пурсамару самарабахшро нишон диҳанд, аз тамоми воситаҳо ва манъбаҳои дониш мустақилона ва бо дастгирӣ ва кӯмаки якдигару омӯзгор, бо истифода аз техникаю технологияи муосир ва аёнияту дигар воситаҳои ёрирасони замонавӣ фаъолона истифода намоянд. Азбаски азхудкунии минбаъдаи дониш равандест, ки иттилои нав баъди шарҳу тафсири он ба нақшаи пешина пайваст мегардад, аз ин рӯ мақсади сеюми марҳила бедор намудани майлу рағбат (даъват ба фаъолият) аҳаммияти хеле муҳим пайдо мекунад ва дар марҳилаи сеюми зина дар хонандагон шавқу завқи таҳлили мавзуи пешниҳодшуда пайдо мегардад ва мақсади омӯзиш устувор мегардад. Шавқу завқ ва муайян намудани мақсади омӯзиш лаҳзаҳои асосии раванди таълими инноватсионӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷараёни омӯзиши тӯлонӣ (дарозмуддат) вазифаи муҳим арзёбӣ мегарданд ва “... лаҳзаҳои муҳимтарини фаъолгардонии амалиёти хонандагон” [3, с. 63] ба ҳисоб мераванд, зеро мавҷудияти онҳо амалиёти фаъолу пурсамари хонандагонро дар азхудкунии иттилоот ва табдил додани онҳо ба дониши воқеӣ таъмин менамояд.

Зинаи дуюми нақша - ба дарки маъно равона шудааст**.** Хонандагон дар ин зинаи нақшаи таълими инноватсионӣ ба иттилоот ва фикрҳои нав дучор мегарданд. Ин алоқа метавонад бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла, ба воситаи хониши матн, таҳлили мазмун, тамошои навор, нақл, мушоҳида, озмоиш, баҳс ва ғайраҳо барқарор гардад. Маҳз дар ин зина хонандагон бояд дар раванди дарки иттилоот фаъолияти баланду мустаҳқилона дошта бошанд.

Мақсади асосии зинаи дуюми нақша, чӣ тавре, ки қайд карда шуд, дарки маъно ба ҳисоб меравад: аввалан диққат ва ҳавасмандиро, ки дар марҳлаи якум бунёд мегардад, бояд пойдор гардонид. Дуввум талабагон дар назорати раванди дарккунӣ ба ёрии амалӣ ниёз пайдо мекунанд. Хонандагоне, ки дар рафти дарсҳо ба таври фаъолона меомӯзанд, бо масъулияти баланд мехонанд, фаъолияти баланди мустақилона нишон медиҳанд, дониши худро бо истифода аз тамоми манбаъҳои иттилоотию технологӣ, ахборотӣ ва ғайра бою ғанӣ мегардонанд ва дар гирифтани маълумотҳои нав фаъолияти дарккуниашонро мустаҳқилона назорат карда метавонанд. Агар дар раванди иҷрои супоришҳо, мафҳум ё масъалаҳои алоҳидаи душворфаҳму норавшан пайдо шаванд, хонандагони мазкур дар бораи онҳо дар гурӯҳҳо аз нав баҳсу мунозира барпо менамоянд, аз нав дар бораи онҳо мехонанд, аз адабиётҳои иловагӣ истифода менамоянд ва агар моҳияташонро мустақилона аз худ карда натавонанд, ба ҳамдигар ва муаллим саволҳо медиҳанд ва ҷавоби онҳоро қайд мекунанду менависанд.

Хонандагони ғайрифаъол, гарчанде дар қадамҳои аввали дарки маълумоти барояшон душвору нофаҳм душворӣ кашанд, ё фаъолияти азхудкуниашонро мустақилона назорат

карда натавонанд, оид ба масъалаҳои барояшон норавшан саволҳо пешниҳод карда натавонанд ва дар ҳаллу фасл намудани супоришҳо мустақилият нишон дода натавонанд ҳам, дар раванди дарсҳои инноватсионӣ аз мушоҳидаи омӯзгор берун монда наметавонанд, зеро дар гурӯҳҳо дар баробари дигар аъзои он варианти ҷавобҳои ҳамгурӯҳояшонро бо шавқу завқ гӯш карда, ҳатман ба суханронӣ шурӯъ менамоянд, мутобиқи нақшаи фаъолияти хеш ба ҳамдигар дар дарки маъно кӯмак хоҳанд расонид ва ин раванд ба шавқу завқи омӯзиши онҳо ба таври мусбӣ мусоидат менамояд. Дар рафти дарсҳои анъанавӣ бошад, онҳо аз мушоҳидаи омӯзгор одатан берун мемонанд ва ҳамин тариқ қадам ба қадам ба қатори хонандагони қафомонда ва баъдан душвортарбия ворид мегарданд.

Зинаи сеюми нақшаи таълими инноватсионӣ - мустаҳкамкунии дониши бунёдкорона ва истифодаи мафҳумҳои навро дар бар мегирад. Ин зина дорои аҳаммияти хеле муҳим мебошад. Новобаста ба баъзан аз эътибор дур мондани ин зина, он дар донишомӯзии шогирдон амалиёти хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ин зина хонандагон маълумотҳои омӯхтаашонро мустаҳкам менамоянд, нақшаи донишомӯзии худро фаъолона дар асоси мафҳумҳои нав тағйир медиҳанд. Шогирдон ба ҷавобҳояшон дар асоси маълумотҳои наву исботшуда ва асоснокгардидаи гурӯҳҳои дигар ё омӯзгор тағйиротҳо ворид менамоянд. Варианти ҷавобҳояшонро дар асоси шарҳу исботи ҷавобҳои дақиқтару исботшудаи дигар аъзоёни гурӯҳ ё хонандагони алоҳидаи синф, омӯзгор тағйир медиҳанд ё ба он дигаргуниҳо ворид менамоянд. Хонандагон донишҳои навро дар ин зина аз худ мекунанд, ҳамин тариқ алоқамандӣ ва пайдарҳамии омӯзиши мавзуъҳо дар раванди ин зина барқарор мегардад.

Омӯзиш - ин таҷрибаивазкунӣ, тағйирёбӣ ва ташаккулёбии маҳорату малака мебошад. Муҳим он нест, ки ин гуна таҷрибаивазкунӣ дарҳол ба сатҳи баланди камолот, ё дигаргун гардидани ақида оварада расонад. Ба ҷараёни донишомӯзӣ дигаргуншавии воқеӣ ва дарозмуддат хос буда, он фосилаи муайянро дар бар мегирад. Ин дигаргуниҳо дар он сурат ба натиҷаи дилхоҳ оварда мерасонанд, ки агар хонандагон дар раванди донишомӯзӣ ба таври фаъолона ба тағйир додани нақшаи фаъолияти хеш водор карда шаванд, зеро ҷараёни омӯзиши фаъол онро тақозо менамояд.

Дар ин зина иҷрои якчанд мақсадҳо дар назар дошта мешавад:

- аввалан, пешбинӣ карда мешавад, ки хонандагон ба баён намудани фикри шахсии хеш оид ба идеяҳо ва иттилооти нав ҳусни оғоз бахшанд. Ин амалиёт барои бунёди нақшаи фаъолияти донишомӯзӣ хеле зарур мебошад, зеро хонандагон маълумотҳои худашон таҳлилкардаро, ки аз мушоҳидаи шахсӣ ва донишҳои қаблии онҳо оид ба мавзуъҳо бармеоянд, хубтару беҳтар дарк ва ҳифз менамоянд. Аз ҳама бештар иттилоҳое дарк карда мешаванд, ки хонандагон дар бораи онҳо дар вазъиятҳои мусоид идеяҳо ва ибрози назари хешро баъди таҳлилҳо пешниҳод намудаанд;

- мақсади дуввуми ин зина - дастгирӣ ва ҳавасмандкунӣ баҳри ивазкунии солимии фикру идеяҳо дар байни хонандагон мебошад. Бо ин васила таркиби луғавии нутқи онҳо бою ғанӣ мегардад, ҳамзамон имконияти баррасӣ ва муҳокимаи нақшаҳои гуногуни хонандагони дигар гурӯҳҳо фароҳам мегардад. Амалиёти мазкур ба хонандагоне, ки то ҳанӯз нақшаи фаъолияти хешро таҳия накардаанд, имконияти ба он шурӯъ намуданро муҳайё месозад ва онҳо ба он ҳатман шурӯъ менамоянд. Дар ин зина ба хонадагон лозим меояд, ки вариантҳои гуногуни ҷавобҳоро муҳокима намоянд. Ин раванди ивазкунӣ ва таҷрибаомӯзӣ дар азхудкунии дониш ба ҳисоб меравад. Шаклҳои гуногуни фаъолияти якҷоя, кӯмаки тарафайн, дастгирии ҳамдигар ба ташаккули истеъдод, қобилияти зеҳнию тафаккурии хонандагон шароити мусоид фароҳам меорад ва ба ҳавасманд гардидани онҳо таъсири мусбӣ марасонад.

Нақша (зинаҳо) - и фаъолият дар сурати истифодаи оқилонаи усулҳои инноватсионии таълим дар ҷараёни омӯзиш таъмин намуда метавонанд:

- рушди қобилияти зеҳнию таффакурӣ;
- дақиқ муайян намудани мақсади омӯзиш;
- ташкил ва гузаронидани мубоҳисаҳои баландмазмун дар раванди дарсҳо;
- шавқу завқи баланди омӯзиш;
- воридшавии хонандагон ба омӯзиши фаъолона( интерактивӣ);
- ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии таҷрибаивазкунӣ ва кӯмаки тарафайн дар ҷараёни омӯзиш;
- ҳавасмандгардонии андешаронии ҳар як хонанда ва баёни натиҷаҳои он;
- пешниҳоди андешаҳои гуногун ва баҳсу мунозираҳо дар бораи онҳо;
- пешниҳоди вариантҳои гуногуни ҷавобҳо, аз ҷумла, фикрҳои мухталифи шогирдони алоҳида бо пешниҳоди далелҳои раднопазир;
- расонидани кӯмак дар саволгузорӣ ва саволдиҳӣ ба ҳамдигар ва муаллим;

- эътимоднокии дарки иттилоот;
- расонидани кӯмаку дастгирӣ дар ташаккули тафаккури интиқодӣ,
мантиқӣ ва фарҳанги техникӣ;
- таҳияи нақшаи фаъолияти хонанда;
- иконияти истифодаи тамоми манбаъҳои дониш, аз ҷумла омӯзгор +талаба + талаба….талаба + востаҳои ёрирасон (адабиёти гуногуни илмию ахборотӣ ва дарсӣ), техникаю технология + омӯзгор дар раванди дарки мавзуъҳо.

Хулоса. Усулҳои инноватсионии таълим дар бедор намудани шавқу завқи донишомӯзии хонандагони муасисаҳои таълимии камнуфус нақши асосӣ доранд. Таҳқиқот муайян намуд, ки бо роҳи анъанавӣ таълим додани хонандагон на дар синфҳои умумӣ ва дар синфҳои камнуфус натиҷаи хуб медиҳад. Танҳо дар таълиму тарбия замоне муваффақ шудан метавонем, ки агар усулҳои фаъолро ба кор барем. Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки омӯзгорон дар ҷараёни дарсҳои инноватсионӣ шогирдонро самимона роҳбаладӣ намуда, ба онҳо аз манъбаи иттилоотрасон ба шахси наздик, боварinок, шарики боэътимод, мададрасону ғамхор табдил меёбанд. Муносибат ва мавқеи худи омӯзгорон ҳам дар раванди омӯзиши инноватсионӣ нисбат ба мактабиён тағйир меёбад.

***Адабиёт***


1. *Азизова П. Менглиев М. Баъзе масъалаҳои мактаб (синф)-ҳои камнуфус ва роҳу усулҳои ҳалли мушкилоти онҳо // Бойгонии Асматуллоев Хушқадам, муаллими хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
2. *Булбулов Ҷ. "Такмилии ихтисос: воқеият махсусият ва андешаҳо" / Ҷ.Булбулов. - Душанбе, Ирфон, 2013. – 170 с.*
3. *Имомназаров Д. Истифодаи усулҳои инноватсионии таълим дар мактаб (синф)-ҳои камнуфус. Дастури методӣ / Д.Имомназаров . – Душанбе, 2014. – 87 с.*
4. *Дидактика средней школы / Под ред. Данилова. М.А. и Скаткина. М.Н. –М. 1975. – 230 с.*
5. *Қунғуротов Д., Валиев Б. Мактабҳои камкомплектӣ ва равиши таълими муваффақ дар онҳо // Масъалаҳои маориф. – 2011. - №3.*
6. *Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Ирфон, 2001. – 315 с.*
7. *Мирбобоева Б. Вижагиҳои тадрис дар мактабҳои камкомплектӣ // Маорифи Тоҷикистон. – 2013. - № 5.*
8. *Особенности педагогического процесса в малокомплектной школе / Под ред. Т.Т.Фролова.- М., Просвещение, 1991. – 200 с.*
9. *Саидиброимов Ш.О. Дарси муосир ва инъикоси он дар раванди таълим // Паёми Донишкадаи забонҳо. – 2023. - №3(51). – С. 170-176.*
10. *Саидиброимов Ш.О. Тақвияти педагогӣ дар такмил бахшидани сифати таълим бо роҳи табодули таҷриба // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2022. - №3(44). – С. 86-93.*
11. *Ҳамидова, Д., Сироҷиддинов, Н. Таълими фаъол ва методикаи гузаронидани дарсҳо дар синфҳои омехта. Дастури методӣ барои омӯзгорон / Д.Ҳамидова, Н.Сироҷиддинов. – Душанбе: Нашриёти "Маориф", 2014. – 90 с.*


## НАҚШИ ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ДАР БЕДОР НАМУДАНИ ШАВҚУ ЗАВҚИ ДОНИШОМӮЗИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ КАМНУФУС


Дар мақола нақши истифодаи усулҳои инноватсионии таълим дар бедор намудани шавқу завқи донишомӯзии хонандагон, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи камнуфус мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф бо такя ба таҳқиқоти олимони ватанӣ ва таҷрибаи омӯзгорони эҷодкор нишон медиҳад, ки усулҳои фаъоли таълим аз қабили кори гуруҳӣ, омӯзиши муштарак, муҳокимаҳои интерактивӣ ва истифодаи техналогияҳои итиоолотию коммуникатсионӣ, ба рушди тафаккури мустақил, фаъолшавии зеҳнӣ ва ташаккули ҳавасмандии дохилии хонандагон мусоидат менамояд. Дар мақола маҳдудиятҳои дарсҳои анъанавӣ низ баррасӣ шуда, афзалияти таълими инноватсионӣ дар ташаккули донишҳои устувор, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва рушди шахсияти хонандагон асоснок мегардад. Ҳамчунин зинаҳо ва марҳилаҳои асосии татбиқи усулҳои инноватсионӣ дар раванди таълим шарҳ дода шуда, аҳаммияти онҳо дар баланд бардоштани сифати таълим ва бедор намудани шавқу завқи омӯзиши хонандагон нишон дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** инноватсионӣ, усул, хонандагон, камнуфус, фаъолият, таълим, омӯзиш, инкишоф, муассиса, ҳавасмандкунӣ.


## РОЛЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИННОВАЦИОННЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ В ПРОБУЖДЕНИИ ИНТЕРЕСА К УЧЕБЕ У УЧАЩИХСЯ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ С НИЗКИМ УРОВНЕМ ДОХОДА


В статье рассматривается роль использования инновационных методов обучения в пробуждении учебной мотивации и познавательного интереса учащихся, особенно в малокомплектных обшеобразовательных учреждениях. На основе исследований отечественных ученых и практического опыта творчески работаюшых педагогов показано, что активные методы

обучения, такие как групповая работа, совместное обучение, интерактивные обсуждения и использование инфармационно – коммуникационных технологий, способствуют развитию самостоятельного мышления, активизации познавательной деятельности и формированию внутренней мотивации учащихся. В статье также анализируются органичения традиционных методов обучения и обосновываются преимущества инновационного обучения в формировании устойчивых знаний, интеллектуальных умений и нвыков, а также в развитии личности учащегося. Кроме того, раскрываются основные этапы и механизмы внедрения инновационных методов в учёбный процесс и их значение для повышения качества образования и учебной активности школьников.

**Ключевые слова:** инновационный, метод, студенты, малокомплектный, активность, преподавать, обучение, развитие, учреждение, мотивация.

## THE ROLE OF USING INNOVATIVE TEACHING METHODS IN AWAKENING INTEREST IN LEARNING AMONG STUDENTS OF LOW-INCOME EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article examines the role of innovative teaching methods in simulating students' learning motivation and cognitive interest, particularly in small-sized secondary educational institutions. Based on the research of national scholars and the practical experience of creative teachers, the study demonstrates that active learning methods such as group work, cooperative learning, interactive discussions, and the use of information and communication technologies contribute to the development of independent thinking, increased cognitive engagement, and the formation of students' personal growth. The article also analyses the limitations of traditional approaches and substantiates the advantages of innovative instruction in developing sustainable knowledge, intellectual skills, and students' personal growth. Furthermore, the main stages and mechanisms of implementing innovative teaching methods in the educational process are outlined, highlighting their importance in improving educational quality and enhancing students' learning interest.

**Keywords:** innovative, method, students, small-sized, activity, teaching, learning, development, institution, motivation.

***Дар бораи муаллифон***

*Булбулов Ҷумъа*
*Доктори илмҳои педагогӣ,профессори кафедраи педагогика ва психология*
*Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев*
*736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур, 109*
*E-mail: juma.bulbulov1955@gmail.com*

*Абдураимова Суратмо Абдуламидовна*
*Омӯзгори калони кафедраи педагогика ва психология*
*Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев*
*736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур, 109*
*E-mail abduraimovasuratmo84@gmail.com*

***Об авторах***

*Булбулов Джума*
*Доктор педагогических наук, профессор кафедры педагогики и психологии*
*Хорогский государственный университет имени М.Назаршоева*
*736000, Республика Таджикистан, г. Хорог, улица Ш. Шохтемур, 109*
*E-mail: juma.bulbulov1955@gmail.com*

*Абдураимова Суратмо Абдуламидовна*
*Старший преподаватель кафедры педагогики и психологии*
*Хорогский государственный университет имени М.Назаршоева*
*736000, Республика Таджикистан, г. Хорог, улица Ш. Шохтемур, 109*
*E-mail abduraimovasuratmo84@gmail.com*

***About the author***

*Bulbulov Juma*
*Doctor of Pedagogical Sciences, Pedagogical and psychological department*
*Khorog State University named after M. Nazarshoev*
*736000, Republic of Tajikistan, Khorug, Sh. Shohtemur street, 109*
*E-mail: juma.bulbulov1955@gmail.com*

*Abduraimova Suratmo Abdulamidovna*
*The Senior Lecturer, Pedagogical and psychological department*
*Khorog State University named after M. Nazarshoev*
*736000, Republic of Tajikistan, Khorug, Sh. Shohtemur street, 109*
*E-mail abduraimovasuratmo84@gmail.com*

УДК 373.31:37.026

# ПУТИ ФОРМИРОВАНИЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИХ И ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ В РАМКАХ РЕАЛИЗАЦИИ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА

***Алимов С. Ш., Табаров Д. Д.***
*Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни*
*Институт цифровых технологий и искусственного интеллекта Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана*

Бурное развитие науки и техники, автоматизация и роботизация производства, ограниченность природных ресурсов, политические и финансовые кризисы привели к появлению творческих и профессиональных характеристик деятельности человека в современном обществе. В наше время деятельность человека эффективна не только благодаря обладанию знаниями, но и благодаря исследовательским навыкам и умениям, формирование которых начинается в начальных классах. В этот период интеллектуальное развитие ребенка происходит стремительно, быстро меняются виды деятельности, приобретается характер самовыражения. Поэтому, начиная с этого периода физиологического и психологического развития ребенка, наряду с приобретением знаний, главной целью процесса обучения естественным наукам в начальной школе должно стать приобретение навыков и умений, которые являются основными факторами формирования и становления компетенций.

Для достижения этой цели в общеобразовательных и начальных школах реализуются новые образовательные стандарты. Они ускорят переход к гуманитарным моделям начального образования, которые ставят своей целью не только развитие универсальных учебных действий у учеников, но и формирование у них способности к самообразованию (самопознанию), самореализации и исследовательской деятельности. Речь идет о самостоятельном усвоении новых знаний и проверке их на практике. Таким образом, перед таджикской системой образования встает задача формирования исследовательских и творческих способностей у учащихся, что должно стать конечной целью среднего общего образования.

В современной научно-педагогической среде отсутствует однозначное определение научного понимания исследовательской компетентности как конечного результата усвоения основного содержания начального и общего образования в рамках образовательного процесса. В своих исследованиях В. Мухина подчеркивает, что начиная со старшего дошкольного возраста познавательно-исследовательская активность ребенка приобретает новый характер. Она становится осознанной и целенаправленной, направленной на восприятие ребенком устройства предметов, усвоение новых знаний о мире и формирование упорядоченных представлений о событиях, происходящих в его жизни [10, с. 18].

Поступление в первый класс знаменует собой важный этап в когнитивном развитии ребенка, стимулируя не только формирование аналитико-сравнительных навыков, но и развитие логического мышления и способности к структурированию мыслей. В процессе исследовательской деятельности дети интериоризируют социальные нормы, вырабатывают индивидуальные стратегии действия и накапливают личностный опыт, что в совокупности способствует становлению комплекса исследовательских компетенций.

Таким образом, бурное развитие мышления у ребёнка в начале обучения является предиктором успешного формирования творческих и исследовательских способностей ребёнка. «Точно установлено, что более 80% результатов, полученных на начальном этапе обучения, учащийся усваивает и использует на протяжении всей жизни» [9, с. 17].

Данное положение обуславливает необходимость определения признаков и особенностей сформированности перечисленных способностей у младшего школьника.

В опыте современного начального школьного образования наблюдается неорганизованное и бессистемное формирование исследовательской компетентности, что находит свое отражение в острых проблемах образовательного процесса - низком уровне мотивации и инициативности обучения у школьников, невозможности управления

образовательным процессом, недостаточном уровне практических знаний педагогов в этой области, что приводит к дезадаптации (неспособности быстро адаптироваться) ребенка к школьной и общественной жизни.

С поступлением ребёнка в школу происходят серьёзные изменения и трансформации в его отношениях с обществом. Круг его деятельности расширяется, и среди неё на первый план выходят действия, связанные с образовательным процессом и требующие ответственности. Теперь отношения взрослых, учителей и даже посторонних людей с ребёнком, взявшим на себя ответственность за учёбу совершенно иные.

Поведение ребёнка становится «шаблонным», происходит в рамках строгих норм, требования и контроль за ним в семье усиливаются. Процесс адаптации ребёнка из мира детских игр и резвости в совершенно новый мир с ограничениями, нормами, требованиями и контролем очень сложен и труден, оказывая огромное влияние на его психическое и физическое состояние. «Приспособление органов чувств к новым условиям называется адаптацией» [3, с. 52].

Поэтому в этот период, с психологической точки зрения, ребёнок очень чувствителен, введение ограничений, ужесточение требований и контроля усложняет процесс адаптации, в результате чего ребёнок становится раздражительным, возбудимым и капризным. Ребёнок, который всего несколько месяцев или недель назад с энтузиазмом готовился к школе и занимал своё место в обществе, чувствует себя потерянным, его интерес к учёбе пропадает, а интеллектуальная энергия рассеивается и тратится в других направлениях.

В рамках ученических норм и правил развитие самостоятельности, обязывающее ребёнка самостоятельно учиться, исследовать и анализировать явления, предсказывать и предполагать, проверять их, является одним из способов и средств, повышающих интерес ребёнка к учёбе и направляющих его физическую и интеллектуальную энергию в нужное русло. «Человек, не научившийся самостоятельно мыслить с самого детсва, не способен реализовывать свои природные склонности, желания и интересы» [1, с. 244].

К сожалению, большинство учителей начальных классов в современной ситуации не уделяют серьёзного внимания этой стороне вопроса, считая своей главной задачей лишь обучение детей грамоте. И даже в процессе опроса некоторые учителя начальных классов открыто заявляли, что их задача – научить детей грамоте, и им нет нужды изучать естествознание, экономическую теорию, философию, информатику и даже некоторые детали математики. Это, конечно, неправильно и очень плохо. Ведь цель и задача семьи и школы в образовательном процессе – это, прежде всего, подготовка ребёнка к самостоятельной жизни и труду. Например, В.А. Сухомлинский пишет: «Многолетняя работа в школе, судьбы сотен людей, привели меня к глубокому убеждению, что все усилия школы и семьи были направлены на трудовое воспитание» [7, с. 11].

Этот процесс начинается в дошкольном учреждении и начальной школе и продолжается на протяжении всей жизни.

Умение писать, читать и считать ещё не даёт знаний и понимания. Это инструменты и средства для приобретения знаний и понимания. Процесс приобретения знаний и понимания должен идти рука об руку с обучением письму и чтению, и серьёзное внимание следует уделять получению научных знаний. Ведь именно в этот период в сердце ребёнка закладываются семена знаний, которые будут стимулировать аналитические способности мозга и повышать его интерес к самостоятельному приобретению знаний.

Результатом такой безответственной деятельности является то, что сегодня большинство учащихся старших классов и даже студентов вузов не обладают никакой компетентностью. Это те самые учащиеся, которые в начальной школе и их семьи не предпринимали никаких действий в направлении самостоятельной научно-исследовательской, творческой, экспериментальной и трудовой работы.

Как подчёркивают исследователи педагог-психологи Ш.А. Амонашвили, А.А. Люблинская, Л.Ф. Мельчаков они становятся личностями, которые больше не способны мыслить самостоятельно, иметь свое место в обществе, вести дискуссии или отстаивать свою точку зрения [2; 7; 8].

При этом одним из условий формирования компетенций является самостоятельная деятельность ребёнка на основе полученных знаний с целью их реализации или

приобретения новых знаний. Например, в методическом пособии «Компетентностный подход к образованию» говорится: «Компетентностный подход к образованию обязывает педагогов всесторонне готовить учащихся к жизни, используя современные формы и методы обучения и воспитания, поскольку современное общество ждёт от школы и образования опытных учеников, способных решать сложные жизненные задачи и соответствовать требованиям рынка труда» [9, с. 5].

Результаты опроса учителей начальных классов показали, что они (учителя начальных классов) по-разному относятся к новым образовательным стандартам по проведению самостоятельной внеклассной и внешкольной образовательной деятельности, которая является основным фактором развития ключевых компетенций учащихся. Результаты опроса 180 учителей начальных классов из города Душанбе и районов республиканского подчинения показали следующее распределение мнений относительно внеклассной работы:

58% учителей считают, что внеклассная работа относится к компетенции специальных детских учреждений.

27% учителей выражают мнение, что невозможно ежедневно оставлять ребенка в школе после уроков из-за его учебной перегрузки.

Только 15% учителей признают необходимость самостоятельной научно-исследовательской и образовательной деятельности вне школы для формирования личности ребенка.

В рамках исследования отношения учителей к самостоятельной внеклассной и внеурочной деятельности и её влиянию на результаты самостоятельного научного образования учащихся начальной школы, было проведено анкетирование. На вопрос о роли самостоятельного научного образования в развитии личности, 75% учителей ответили, что оно не играет никакой роли, и лишь 25% подтвердили его развивающий потенциал. Это свидетельствует о том, что развивающий потенциал самостоятельной внеклассной и внеурочной деятельности по естествознанию в формировании исследовательской компетентности младших школьников не используется в должной мере, что обусловлено недостаточной изученностью этого потенциала.

Результаты данного исследования согласуются с выводами Л.И. Божовича, А.И. Савенкова и др. и свидетельствуют о том, что большинство учителей начальных классов имеют слабые знания о подготовке младших школьников к научно-исследовательской деятельности [3, с. 10].

Педагоги, ведущие научно-исследовательскую и учебно-исследовательскую работу в начальных классах, не всегда удовлетворены результатами своего труда из-за отсутствия доступа к методическим разработкам и другим возможностям. В связи с этим актуализируется задача определения закономерностей формирования исследовательских компетенций у младших школьников. Решение данной задачи невозможно без предварительной разработки теоретической модели процесса формирования указанных качеств в условиях внеурочной деятельности. Анализ психолого-педагогической литературы свидетельствует о наличии в педагогической науке нерешенной проблемы, связанной с отсутствием теоретических основ формирования исследовательской компетентности младших школьников в контексте внеклассной образовательной работы.

В зависимости от предлагаемых идей выделены следующие группы исследований:

Первую группу составляют исследования, которые видят возможность раскрытия смысла компетентности и исследовательской компетентности в методе анализа особенностей исследовательского поведения, исследовательской деятельности, особенно учебно-исследовательской и рассматривают его как средство прояснения вопроса развития исследовательской компетентности в учебной деятельности.

Вторая группа исследований сосредоточилась на выявлении стандартных характеристик необходимых компетенций у младших школьников. Также анализировались их творческие способности и уровень развития исследовательских навыков.

Третья группа исследований изучала потенциал и возможности внеурочной деятельности для развития исследовательских компетенций у младших школьников. В рамках этого направления рассматривались конкретные правила, взаимосвязи, формы и методы внеурочной работы, а также их роль в общей системе воспитания школы.

Четвертая группа исследований посвящена определению значимости внеурочной деятельности учащихся, возможностей для успешного формирования исследовательских компетенций на начальном этапе обучения.

Однако в результате обзора и изучения имеющихся научных источников мы пришли к выводу, что исследователи проводили исследования по рассматриваемому вопросу в пяти направлениях.

Первое направление формируют исследования, раскрывающие сущность и структуру научно-исследовательской деятельности с учетом научно-исследовательской направленности (Годовикова Д.Б., Лисина М.И., Обухов А.С., Поддьяков А.Н.), рассматривающие составляющие научно-исследовательской деятельности (Давыдов В.В., Зимняя И.А., Казанцев Л.А., Шашенков Е.А.), в том числе учебно-исследовательскую деятельность (Андреев В.И., Журавлев В.Д., Матюшкин А.М., Селевко Г.И.), и видящие основной фактор развития исследовательских компетенций в учебной деятельности исследовательского характера (Иодко А.Г., Проказов О.Г., Семенов Н.А., Ушачев В.П.).

Второе направление исследований посвящено выявлению нормативных характеристик исследовательских умений и навыков у студенов (Бударкевич В.П., Гребенюк О.С., Кларин М.В., Кежватова Н.М., Кочановская Е.В., Лернер И.Я., Литовченко В.Н., Макотрова Г.В., Миршоев А.А., Сальникова О.А., Сергеев А.Г., Фомина Ж.В.), анализируя творческие возможности и определяя уровень развития своих исследовательских способностей (Альтшуллер Г.С., Асташкова В.И., Григорьев Д.В., Матюшкин А.М., Неустроев Г.Н., Пидкасистый П.И., Селевко Г.К.).

Третьим направлением исследований, раскрывающим перспективы и определяющим потенциал внеурочной деятельности, является формирование исследовательских компетенций учащейся средних школ, а также рассматриваются: отдельные правила, взаимоотношения, формы, методы организации внеурочной деятельности и контрольных работ по домашним заданиям и их статус в системе воспитательной работы в образовательном учреждении (Асташкова В.И., Бегимов Х.Х., Голубев Л.К., Иванова Ю.И., Караковский В.А., Светловская Н.Н., Рамазонова М.).

Четвертое направление исследований посвящено определению значимости внеучебной деятельности учащихся (Григорьев Д.В., Ермишева М.Р., Молдажанова А.А., Мусс Г.Н., Степанова М.А., Содиков А., Каримов Б.), возможностям эффективного формирования исследовательских компетенций на начальном уровне обучения (Казанцева Л.А., Леонтович А.В., Савенков А.И.).

Пятое направление исследований включает в себя научную деятельность таджикских учёных-педагогов и психологов по проблеме внедрения компетенций и компетентностного подхода в образованию. Исследования отечественных учёных по формированию исследовательских компетенций учащихся проводились в основном в области лингвистики, математических и естественнонаучных дисциплин (Алимов С.Ш., Бадалова М., Баротов К., Байзоев А., Бегимов Х.Х., Бобизода Ф.М., Гулаев И.Х., Имомназаров Д., Каримзода М.Б., Лутфуллозода М., Джалилова М., Миршоев А.А., Мухтори К., Раджабов Т.Б.) [13, с. 5].

Наряду с проблемами теоретических основ формирования исследовательских компетенций в современной педагогической науке возникли и практико-исследовательские проблемы методического обоснования и разработки способов развития исследовательских компетенций младших школьников в процессе внеклассной и внеурочной деятельности.

Ф.О. Раджабова считает, что низкий уровень профессиональной подготовки будущих специалистов в сфере образования в современных условиях социального развития является серьезной проблемой в отрасли. Автор пишет: «В современных условиях система высшего профессионального образования сталкивается с возросшими требованиями к качеству будущих специалистов, которые должны обладать достаточным уровнем развитых профессиональных компетенций и качествами, позволяющими им конкурировать на современном рынке труда. В этой связи система высшего профессионального образования должна решать новые задачи, определяемые современными реалиями и потребностями общества. Современная ситуация, характеризующаяся быстро меняющимися требованиями к содержанию подготовки будущих специалистов, создает необходимость качественной трансформации системы высшего образования. Такая необходимость вытекает из

потребности общества в образованных, активных и творческих личностях, которые выпускают высшие учебные заведения. Поэтому система высшего профессионального образования сталкивается с совершенно новыми задачами, решение которых должно обеспечить эффективную подготовку конкурентоспособных кадров в различных областях профессиональной деятельности» [11, с. 9].

По мнению М.Дж. Ходжаевой и Ш.А. Ишматовой, развитие коммуникативных навыков в современном обществе представляет большой интерес, поскольку большинство школьников имеют низкий уровень знания языка, что сильно влияют на развития других компетенций. Они подчёркивают, что «Формирование компетенции речи в нынешнем обществе представляет огромный интерес, что обусловлено наличием большой проблемы по недостатку языкового воспитания, а также низкому уровню языковой компетенции большинства людей. Таким образом, человек должен приобрести главные навыки: уметь мыслить в самостоятельной форме, искать наиболее рациональные пути преодоления преград; владеть определенным объемом словарного запаса, развивать в себе коммуникабельность, постоянно работать над собою» [14, с. 180].

Однако данные предложения до сих пор не получили должного практического применения. В опыте организации внеклассной научно-исследовательской деятельности учащихся, в связи с недостаточной изученностью проблем формирования исследовательских компетенций младших школьников и условий интеграции проектно-исследовательской деятельности в систему начального образования, в рамках нового образовательного законодательства и образовательных стандартов, не получил должной оценки развивающий потенциал внеклассной деятельности в процессе формирования исследовательских компетенций младших школьников.

В свете вышеизложенного можно сказать, что основными проблемами современной начальной школы в становлении и развитии исследовательских компетенций учащихся являются следующие:

- в современной образовательной практике, особенно с учетом внедрения новых стандартов, недооцениваются возможности домашнего обучения, в частности, проведение домашних экспериментов, развитие творческих способностей детей, их интереса к познанию и использование малоизученных ресурсов;

- современная система образования, внедряющая новые стандарты, упускает из виду значительный потенциал домашней образовательной деятельности, такой как проведение экспериментов, развитие креативности и познавательного интереса, а также освоение недостаточно изученных ресурсов;

- в условиях новых образовательных стандартов, современная педагогика не уделяет должного внимания возможностям домашнего обучения, особенно в части проведения экспериментов, развития творческих способностей и познавательного интереса детей, а также использования не до конца изученных ресурсов;

- домашняя образовательная деятельность, включая эксперименты, развитие творчества и познавательного интереса, а также использование малоизученных ресурсов, недооценена в современной образовательной практике, особенно в контексте новых стандартов;

- учителям начальных классов недостаточно разъяснена важность формирования и развития исследовательских навыков учащихся в процессе домашней учебной деятельности, их теоретико-методического развития.

Таким образом, одной из основных проблем современной начальной школы остаётся проблема недостаточной научной проработки формирования исследовательских компетенций младших школьников в процессе самостоятельной внеклассной и внеурочной работы в виде домашних экспериментов практики.

Но это лишь одна сторона вопроса. Если же глубже разобраться в вопросе компетенций, то оно не нова в педагогике, а было одним из центральных ещё в классической дидактике. Все современные педагогические и психологические исследователи используют термин «компетенции» в связке с умениями и навыками. То есть на основе приобретённых знаний развиваются умения и навыки, которые превращаются в компетенции, что во всех этих процессах подразумевает приобретение и закрепление новых знаний. Следует отметить,

что реализация знаний и приобретение навыков и умений должны быть направлены на переподготовку и совершенствование знаний.

Например, «учитель должен знать, что невозможно строить текущее и будущее поведение на основе теоретических знаний и вчерашнего опыта, для этого необходимо приобрести опыт использования знаний и навыков в решении повседневных задач» [9, с. 51].

В соответствии с парадигмой компетентностного подхода к образованию важной задачей учителя является обеспечение усвоения знаний и формирования у учащихся навыков и умений различными средствами, минимизируя недостатки образовательного процесса и давая им возможность приобретать ключевые компетенции с раннего школьного возраста. Достижению этих целей способствует компетентностный подход к образованию, повышающий мотивацию учащихся к обучению. Ключевая роль в этом процессе, безусловно, принадлежит учителю. Поэтому для реализации компетентностного подхода в естественнонаучном образовании учителю необходимо обладать следующими навыками, для которых не требуется специальной подготовки:

- обучение в процессе обучения;
- планирование и организация самостоятельной работы младших школьников;
- умение заинтересовать учащихся в обучении посредством различных видов деятельности;
- умение планировать различные формы организации обучения и организовывать деятельность в зависимости от интересов и желаний каждого ученика;
- умение диагностировать и оценивать уровень развития компетенций каждого ученика на основе установленных критериев;
- умение предоставлять учебно-методические материалы, исходя из интересов и желаний ученика;
- умение развивать и организовывать творческую и исследовательскую деятельность учащихся;
- умение формировать и прививать привычку к самооценке у учащихся, рассматривая оценку каждого ученика как оценку результатов своей работы;
- на традиционном уроке учитель может в основном полагаться на метод беседы и обсуждения, делая тему обсуждения интересной и доступной;
- широко использовать современные технические средства, особенно компьютеры [2].

Тот же учитель, обладающий высокой квалификацией и перечисленными компетенциями, может создать условия для формирования у младшего ученика комплекса компетенций и стать причиной его лёгкой адаптации в образовательной, социально-политической, рыночной и информационной среде. В заключение можно сказать, что современная школа не обязана учить всему, а должна прививать ученику стремление к непрерывному обучению.

***Литература***


1. *Алимов С.Ш. Формирования творческих и исследовательских умений и навыков на уроках химии / С.Ш. Алимов // Материалы международной научно-теоретической конференции «Развитие химической, технологической и экологической химии». – Душанбе, 2023. – С. 242-245.*
2. *Амонашвили Ш.А. Основы гуманной педагогики / Ш.А Амонашвили. – М.: Амрита Русь, 2017. - 392 с.*
3. *Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте. Психологическое исследование. – М.: Просвещение, 1968. - 464 с.*
4. *Гоноболин Ф.Н. Психология. Под. ред. проф. Н.Ф. Добрынина / Ф.Н. Гоноболин. – М.: Просвещения, 1973. - 240 с.*
5. *Занина Л.В. Компетентностный подход к рассмотрению деятельности преподавателя педколледжа / Л.В. Занина, Н.П. Меньшикова // Основы педагогического мастерства. Серия «Учебники, учебные пособия». – Ростов-на-Дону: Феникс, 2003. – С. 100-115.*
6. *Занков Л.В. О начальном обучении / Л.В. Занков. – М.: Просвещение, 1963. - 260 с.*
7. *Компетентный подход к образованию (методическое пособие) / Г. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев. – Душанбе: «Ирфон», 2018. - 72 с.*
8. *Люблинская А.А. Детская психология. Учебное пособие для студентов пед. ин-тов. / А.А. Люблинская. – М.: Просвещение, 1971. - 415 с.*

9. *Мельчаков Л.Ф. Воспитание и развитие детей в процессе обучения природоведения. Пособие для учителей / Л.Ф. Мельчаков. – М.: Просвещение, 1981. - 158 с.*
10. *Мухина В.С. Возрастная психология. Феноменология развития: учебник для студ. высш. учеб. заведений / В.С. Мухина. - 10-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательский центр «Академия», 2006. - 608 с.*
11. *Раджабова Ф.О. Психолого-педагогические вопросы внедрение инноваций в высших профессиональных учебных заведениях / Ф.О. Раджабова // Вестник педагогического университета. Серия педагогических и психологических наук. – Душанбе, 2024. – №4 (22). – С. 7-14.*
12. *Савенков А.И. Содержание и организация исследовательского обучения школьников / А.И. Савенков. – М: Сентябрь, 2003. - 205 с.*
13. *Табаров Д.Д. Формирование исследовательских компетенций учащихся начальной школы с использованием домашних экспериментов по естествознанию: дисс. на соис. уч. степ. канд. педагог. наук. / Д.Д. Табаров. – Душанбе, 2023. - 216 с.*
14. *Ходжаева М.Дж. Особенности формирования языковой профессиональной компетенции на основании коммуникативно-деятельностного подхода при обучении русскому языку студентов инженерных специальностей / М.Дж. Ходжаева, Ш.А. Ишматова // Вестник педагогического университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2021. – №22 (6). – С. 180-183.*

## ПУТИ ФОРМИРОВАНИЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИХ И ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ В РАМКАХ РЕАЛИЗАЦИИ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА

В статье на основе изучения и анализа психолого-педагогической литературы показаны актуальность формирования исследовательско-творческого качеств, развивающих компетенции у младших школьников. Отмечено, что в наше время совершенствования личность человека зависит не только от освоенных знаний, но также завысить от исследовательских умений и навыков формирующихся в младшеклассном возрасте. Следует отметить, что проблема компетентного подхода в системе образовании не является новизной, а является важнейшей проблемой классической дидактики. Надо отметить, что потенциал самостоятельного внеклассного и внешкольного работы и домашнего образовательного эксперимента, как развивающий фактор исследовательской компетенции и личности младшего школьника на нужном уровне не изучено, мало оценено и остаётся актуальным. Отмечаем, что внеурочная деятельность в начальной школе, позволяет обеспечить благоприятную адаптацию ребенка в школе и улучшает условия для развития личности ребенка.

**Ключевые слова**: ученик, начальная школа, навыки, компетенция, исследования, творчество, самостоятельная работа, образовательное развитие, личностное развитие, образование.

## РОҲҲОИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ТАДҚИҚОТӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ДАР ЧОРЧӮБАИ ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

Бар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти равоншиносӣ ва педагогӣ, ин мақола аҳаммияти рушди малакаҳои тадқиқотӣ ва эҷодиро, ки салоҳиятҳоро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ инкишоф медиҳанд, нишон медиҳад. Қайд карда мешавад, ки дар замони худтакмилдиҳии мо, шахсияти инсон на танҳо аз донишҳои бадастоварда, балки аз малакаҳо ва қобилиятҳои тадқиқотӣ, ки дар кӯдакӣ инкишоф ёфтаанд, вобаста аст. Бояд гуфт, ки мушкилоти равиши салоҳият дар низоми маориф нав нест, балки масъалаи муҳим дар дидактикаи классикӣ мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки иқтидори корҳои мустақилонаи беруназсинфӣ ва беруназсинфӣ ва таҷрибаҳои таълимии хонагӣ ҳамчун омили рушди салоҳияти тадқиқотӣ ва шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст, ба қадри кофӣ арзёбӣ нашудааст ва то ҳол муҳим боқӣ мемонад. Ба таъкиди мо, ки фаъолиятҳои беруназсинфӣ дар мактаби ибтидоӣ ба таъмини мутобиқшавии мусоиди кӯдак ба мактаб ва беҳтар кардани шароит барои рушди шахсии онҳо мусоидат мекунанд.

**Калидвожаҳо:** хонанда, синфи ибтидоӣ, малака, салоҳият, тадқиқот, эҷодкорӣ, кори мустақилона, рушди таълимӣ, рушди шахсӣ, маориф.

## WAYS OF DEVELOPING STUDENTS' RESEARCH AND CREATIVE ABILITIES WITHIN THE FRAMEWORK OF IMPLEMENTING A COMPETENCE-BASED APPROACH

The article, based on the study and analysis of psycho-pedagogical literature, shows the relevance of the formation and research-creative qualities developing competences in younger schoolchildren. It is noted, that in our time, the improvement of human personality depends not only on the mastered knowledge, but also depend on the research skills and abilities formed in low-school age. It should be noted that the problem of competent approach in the system of education is not a novelty, but it is the most important problem of classical didactics. As a matter of fact, that the potential of independent extracurricular and extracurricular work and home educational experiment as a developing factor of research competence and personality of the younger schoolboy (student) is not studied at the needed level, but a little is appreciated and remains

relevant. We note that extracurricular activities in primary school, allows for a favorable adaptation of the child at school and improve the conditions for the development of the child's personality.

**Keywords:** student, primary school, skills, competence, research, creativity, independent work, educational development, personal development, education.

***Об авторах***

*Алимов Сирожидин Шералиевич*
*Кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподования химии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: jmavluda@inbox.ru*

*Табаров Дилшод Давлатхуджаевич*
*Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры гуманитарных и естество-математических предметов*
*Институт цифровых технологий и искусственного интеллекта*
*Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана*
*734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Борбад, 48/5*
*E-mail: tabarov72@list.ru*

***Дар бораи муаллифон***

*Алимов Сирожидин Шералиевич*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими химия*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121*
*E-mail: jmavluda@inbox.ru*

*Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич*
*Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ*
*Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*
*734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5*
*E-mail: tabarov72@list.ru*

***About the authors***

*Alimov Sirojidin Sheralievich*
*Candidate of pedagogical sciences, associate professor, department of chemistry teaching methods*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: jmavluda@inbox.ru*

*Tabarov Dilshod Davlatkhujaevich*
*Candidate of pedagogical sciences, senior lecturer in the humanities and natural sciences and mathematics subjects*
*Institute of digital technologies and artificial intelligence state institution of the Tajik international university of tourism and entrepreneurship*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad ave., 48/5*
*E-mail: tabarov72@list.ru*

ТДУ 371+50 (2-тоҷ)

# ОМИЛҲОИ АСОСИИ БАЛАНДБАРДОРИИ САТҲИ САЛОҲИЯТИ КОМПЮТЕРӢ-ИТТИЛООТИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Асоев М. М.***
*Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

**Муқаддима.** Дар марҳилаи кунунии рушди бесобиқаи ҷомеаи иттилоотӣ, ки бо густариши босуръат ва татбиқи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ васф карда мешавад, масъалаи баландбардории сатҳи салоҳияти компютерӣ-иттилоотии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами низоми таҳсилоти муосир табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун мутахассиси ҷавон бевосита ба бозори меҳнат қадамҳои нахустини худро мегузоранд, доштани донишҳои баланди касбӣ ва салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ на танҳо талаботи ҷомеаи муосир ба ҳисоб рафта, балки шарти асосии рақобатпазирии онҳо маҳсуб меёбад. Бо пайдоиш ва рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи рақамикунонии таҳсилот яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Ҳоло муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ бо технологияҳои иттилоотию иртиботӣ таъмин гардида, рақамикунонии таҳсилот зина ба зина амалӣ шуда истодааст.

Хусусияти асосии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар он зоҳир мегардад, ки чунин муассисаҳои таълимӣ хатмкунандагонро барои фаъолияти мустақими касбӣ омода месозанд. Бинобар ин, бояд сатҳи рушди салоҳияти компютерӣ-иттилоотии хатмкунандагони чунин муассисаҳо ба талаботи воқеии истеҳсолот ва муҳити рақамии муосир мутобиқ бошад.

Ҳанӯз дар соли 2017 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид карда буданд: *“Таъмин намудани соҳаҳои гуногуни кишвар бо мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнат бар дӯши зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ буда, маҳз ҳамин зинаҳои таҳсилот дар рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии мамлакат саҳми босазо мегузоранд”* [9, с. 22].

**Мавод ва усулҳои тадқиқот.** Таҳлили таҷрибаи муосири таълим собит менамояд, ки мушкилоти бо мутахассисони баландихтисос таъмин намудани бозори меҳнати мосир яке аз масъалаҳои калидии ҷомеаи иттилоотии муосир маҳсуб ёфта, ҳалли он бештар вобаста аст аз сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимии кишвар.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба рақамикунонии соҳаҳои гуногуни ҷомеа, масъалаи ташаккул ва рушди салоҳияти компютерӣ-иттилоотии мутахассисони оянда аҳаммияти махсус пайдо кардааст.

Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки равандҳои рақамикунонӣ зина ба зина дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҷомеа ҷорӣ гардида истодаанд, зарурати муайян ва асоснок намудани омилҳои баландбардории сатҳи салоҳияти компютерӣ-иттилоотии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мубрамияти хос пайдо кардааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқ ва баррасию пешниҳоди омилҳои асосии рушди салоҳияти касбӣ ва баландбардории сатҳи салоҳияти компютерӣ-иттилоотии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонад барои такмили раванди таълим ва омодасозии мутахассисони босалоҳият ва рақобатпазир заминаи мусоидро фароҳам орад.

Дар замони ҷаҳонишавии таҳсилот муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷиҳати тайёркунии мутахассисони босалоҳият рисолати муҳим бар дӯш доранд. Мутахассисони омода кардаи ин зинаи таҳсилот дар пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат нақши басо бориз доранд. Имрӯз зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди омодасозии мутахассисони касбу кори гуногун фаъолияти пурсамар дошта, пайваста аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҷиҳати соҳибкасб шудани аҳолӣ чораҳои зарурӣ роҳандозӣ карда мешаванд. Ҳоло муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо таҷҳизоти нави муосир ба монанди компютерҳо, проекторҳо, тахтаҳои электронӣ ва дигар воситҳои электронӣ таъмин гардида бошанд ҳам, вале на ҳамаи омӯзгорон аз ин воситаҳои электронии

муосир дар раванди машғулиятҳо самаранок истифода мебаранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар амалияи таълимии як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳанӯз ҳам мушкилоти вобаста ба истифодаи пурсамари технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди таълим, норасоии пояи моддӣ-техникӣ ва сатҳи омодагии касбии омӯзгорон ба назар мерасад. Аз ин лиҳоз, сатҳи салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ ва донишҳои касбии хатмкунандагони баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳанӯз ҳам ба талаботи бозори меҳнат пурра ҷавобгӯ нест. Ин ҳолат зарурати таҳқиқ ва муайян намудани омилҳои асосии баландбардории салоҳияти касбии мутахассисони ояндаро бо истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба миён овард.

**Натиҷаи тадқиқот нишон дод**, ки тараққиёт ва пешрафти ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон аз сатҳи татбиқи комили технологияҳои рақамӣ вобастагии зич ва ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, ташаккули салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми рушди салоҳияти касбии мутахассисони оянда эътироф гардида, дар ҷомеаи муосир ба яке аз масъалаҳои мубрами раванди таълим табдил ёфтааст. Бозори меҳнати муосир аз мутахассисон на танҳо донишҳои соҳавӣ, балки малакаҳо ва қобилиятҳои дар фаъолияти касбӣ дуруст татбиқ карда тавонистани технологияҳои иттилоотию иртиботиро низ талаб мекунад.

Тавре ки Ю. А. Шрейдер таъкид мекунад: *«Барои мутахассисони муосир масъалаи иттилоот дар тамоми гуногуншаклии ҷанбаҳояш бояд ҷузъи муҳимми ҷаҳонбинии касбии онҳо гардад. Онҳо бояд сохтор ва хусусиятҳои асосии иттилооти семантикӣ, қонуниятҳои равандҳои афзоиш, куҳнашавӣ ва парокандашавии он, усулҳои муосири ҷустуҷӯ ва коркарди иттилоот, навъҳои системаҳои иттилоотӣ, шабакаҳои компютерӣ ва ҷузъҳои инфрасохтори иттилоотии миллию ҷаҳониро донанд. Ба донишҷӯён омӯзонидани ин донишҳо муҳим аст, то ин, ки онҳо ин донишҳоро дар раванди таҳсил ва дар фаъолияти минбаъдаи худ истифода бурда тавонанд»* [15, с. 19].

Бояд зикр кард, ки бо фароҳам овардани муҳити муосиру мусоиди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва татбиқи усулҳои инноватсионии таълим метавонад ба ташаккули салоҳияти компютерӣ-иттилоотии мутахассисони ҷавон мусоидат кунад, ки ин шарти асосии фаъолият дар ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад.

Салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ ҳамчун қобилияти шахс барои татбиқи дониш ва малакаҳои махсус дар соҳаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ барои ҳалли масъалаҳои касбӣ, рушди донишҳои соҳавӣ ва худтакмилдиҳӣ ҳисобида мешавад. Зеро доштани салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ ба мутахассиси ҷавон имконият медиҳад, ки дар тӯли тамоми ҳаёт таҳсилоти босифат ва муттасил ба даст орад ва ба ин васила устувории мақоми иҷтимоии худро нигоҳ дорад.

Ҳамин тавр, салоҳияти компютерӣ-иттилоотиро метавон ҳамчун қобилиятҳои шахсият ҷиҳати истифодаи дониш ва малакаҳои махсус дар соҳаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ барои ҳалли масъалаҳои касбӣ, нишон додани фардият, эҷодкорӣ, қобилияти мустақилона рушд додани маърифати касбӣ, худшиносӣ ва такмили ихтисос маънидод намуд.

Аз дидгоҳи илми педагогикаи муосир, салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ на танҳо донистан ва истифода кардани технологияҳои компютерӣ аст, балки қобилияти фикр кардан, таҳлил кардан ва истифодаи оқилонаи иттилоот дар муҳити рақамӣ дониста мешавад.

Бояд қайд кард, ки салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ мафҳуми фарогир буда, метавонад чунин унсурҳои асосии зеринро дар бар гирад:

- ✓ дарки асосҳои назариявӣ ва методологии раванди иттилоотикунонии ҷомеаи муосир ва хусусиятҳои асосии он;
- ✓ қобилияти самаранок кор карда тавонистан бо технологияҳои иттилоотию иртиботии муосир;
- ✓ дарки дурусти фазои иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ ва истифодаи пурсамари захираҳои иттилоотӣ;
- ✓ донистани имкониятҳо, хусусиятҳо ва дурнамои истифодаи технологияҳои рақамӣ ҷиҳати идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ;
- ✓ дониши мукаммал дар соҳаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва татбиқи пурсамари ин гуна технологияҳо дар фаъолияти касбӣ;
- ✓ донистани сохтор ва мазмуни пойгоҳи додаҳо ва технологияи истифодабарии он;
- ✓ қобилияти ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркардабароӣ ва ирсоли иттилоот тавассути ҳар гуна шабакаҳои компютерӣ;

✓ маҳорати баланди кор бо таъминоти барномавӣ ва техникии коркарди иттилоот дар фаъолияти касбӣ;

✓ қобилияти мутобиқшавӣ ба технологияҳои нав ва ғайра.

Ташаккули салоҳияти компютерӣ-иттилоотии мутахассисони оянда раванди басо мураккаб ва бисёрҷабҳа мебошад, ки он аз омилҳои гуногун вобаста аст.

Баъзе аз омилҳои асосии баландбардории салоҳияти компютерӣ-иттилоотии мутахассисонро мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

**1. Ташкили таълими босифати технологияҳои иттилоотию иртиботӣ.** Барои ташаккули салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ ва дар заминаи он баланд бардоштани салоҳияти касбии мутахассисони оянда, бояд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барномаҳои таълимӣ тибқи талаботи муосир таҳия гардида, мазмуни барномаҳои таълимӣ бояд пайваста таҷдид карда шаванд. Миқдори соатҳои таълимии фанни технологияи информатсионӣ зиёд карда шуда, ба чанд семестр тақсим карда шаванд. Омӯзиши барномаҳои муосири компютерӣ ва амнияти иттилоотӣ бояд ҷузъи ҳатмии раванди таълим бошад. Вобаста аз самти ихтисос бояд барномаҳои компютерии касбинигаронидашуда мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Инчунин дар раванди таълим новобаста аз самти ихтисос бояд фанҳои барномасозӣ, таҳлили додаҳо, зеҳни сунъӣ ва амнияти иттилоотӣ дохил карда шаванд. Дар раванди машғулиятҳо бояд усулҳои инноватсионии таълим васеъ истифода гардида, воситаҳои аёнии электронии таълимӣ мавриди корбарии дуруст қарор дода шаванд. Имрӯз воситаҳои аёнии таълиму тарбияи муосирро асосан технологияҳои компютерӣ ташкил медиҳанд. Технологияи компютерӣ танҳо василаест, ки истифодаи он аслан ба низоми омӯзиш бояд мувофиқ бошад ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ва вазифаҳои дарс мусоидат намояд. Дар раванди омӯзиш технологияҳои компютерӣ омӯзгор ё китоби дарсиро иваз намекунад, вале хусусиятҳои фаъолияти педагогиро ба куллӣ тағйир дода, рафти дарсро шавқовар ва ҷолиб мегардонанд. Ин гуна технологияҳо дар тинати донишандӯзон болидахотириро ба вуҷуд оварда, барои ба таври осон азхудкунии маводди таълимӣ мусоидат мекунанд. Истифодаи самараноки технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ дар ҷараёни дарс шавқу рағбати донишандӯзонро ба фанни таълимӣ афзун намуда, боиси он мегардад, ки мавзуи омӯхташаванда аз тарафи донишандӯзон ба осонӣ дарк карда шавад.

Бояд қайд кард, ки истифодаи технологияи компютерӣ дар раванди дарс маънои онро надорад, ки фанни таълимӣ ба осонӣ аз худ карда мешавад. Роҳҳои ба осонӣ азхудкунии илм вуҷуд надорад, аммо аз тамоми имкониятҳои ин гуна технологияҳои муосир пурсамар истифода намудан лозим аст, то донишҷӯён ба осонӣ аҳаммияти мавзуи омӯхташавандаро дарк намуда, мустақилона бо шавқу ҳавас ба илмомӯзӣ машғул шаванд. Бинобар ин, дар муҳити таълим бояд чораҳое андешида шаванд, ки барои баланд бардоштани салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ равона шуда бошад.

Ташкили дурусти технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди таълим чунин афзалиятҳоро дорад:

✓ **Баланд шудани сатҳу сифати таълим**-истифодаи компютери фардӣ, тахтаи электронӣ, проектор, шабакаи саросарии интернет ва барномаҳои компютерии таълимӣ дарсро шавқовар ва фаҳмо гардонида, дарки мавзуъро аз тарафи донишандӯзон осон менамояд, ки ин барои баланд шудаи сатҳу сифати таълим мусоидат мекунад;

✓ **Дастрасии осон ва қулай ба захираҳои иттилоотии таълимӣ**-тавассути шабакаи саросарии интернет хонандагон ва омӯзгорон метавонанд ба таври фаврӣ ва осон аз китобхонаҳои электронӣ, сомонаҳо ва манбаъҳои онлайнии дигар захираҳои иттилоотии муосир истифода намуда, донишҳои навро аз худ намоянд.

✓ **Инкишофи малакаҳои рақамӣ**-дар раванди таълим донишҷӯён тарзи истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботии муосирро меомӯзанд, ки ин барои ташаккули донишҳои касбӣ ва рушди салоҳияти рақамии онҳо заминаи мусоидро фароҳам меорад.

✓ **Сарфаи вақт ва осон шудани раванди кори омӯзгор**-омӯзгор метавонад вақтро сарфа намуда, маводҳои таълимиро дар муддати кӯтоҳ ба осонӣ дар шакли рӯнамо омода созад, санҷишҳои электронӣ гузаронад ва ба осонӣ натиҷагирӣ кунад.

✓ **Таълими фосилавӣ ва омӯзиши мустақилонаи дониш ва касб**-технологияҳои иттилоотию иртиботӣ барои дастрасӣ ба таҳсилоти фосилавӣ имкониятҳои зиёдро фароҳам меоранд ва барои мустақилона аз худ намудани донишҳои муосир ва рушди касбият нақши муассир доранд.

✓ **Фаъол гардонидани шавқу рағбати донишҷӯён ба омӯзиш**-тавассути воситаҳои электронии таълимӣ аз ҷӯмла, рӯнамо (презентатсия), видеодарсҳо ва бозиҳои таълимӣ диққати донишҷӯнро бештар ба омӯзиш ҷалб намудан мумкин аст.

✓ **Рушди тафаккури эҷодӣ, андешаронӣ, таҳлилкунӣ ва хулосабарорӣ**-истифодаи дурусти ин гуна технологияҳо ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки масъалаҳоро таҳлил намуда, хулосабарорӣ намоянд.

✓ **Омода шудан ба ҷомеаи иттилоотии муосир**-ҷомеаи муосир, ки ҷомеаи иттилоотӣ ном гирифтааст, бояд мутахассиси ҷавон дониш, малака ва қобилиятҳои кор ва фаъолияти самаранокро дар муҳити рақамӣ ва иттилоотӣ дошта бошад.

✓ **Дастрас шудани мазмуни дарс барои донишҷӯён**- дар раванди дарс истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию иртиботӣ имконият фароҳам меорад, ки мазмуни дарс аз ҷониби донишҷӯён ба осони дарк карда шавад.

**2. Рушди пайвастаи сатҳи тахассусии омӯзгорон.** Нақши асосиро дар ташаккули салоҳияти компютерӣ-иттилооти мутахассисони ҷавон, омӯзгорон иҷро мекунанд. Омӯзгори муосир на танҳо донишҳои касбӣ дошта бошад, балки усулҳои истифодаи пурсамари технологияҳои иттилоотию иртиботиро дар раванди таълим донад ва васеъ истифода бурда тавонад. Бинобар ин, баланд бардоштани савияи касбӣ ва донишҳои компютерии омӯзгорони муосир тавассути курсҳои такмили ихтисос, семинарҳо ва тренингҳо бениҳоят зарур аст. Чунки омӯзгори пуртаҷриба метавонад муҳити мусоиди таълимро фароҳам орад ва дар ташаккули салоҳияти компютерӣ-иттилоотии мутахассисони оянда нақши муассир гузорад.

А. И. Ракитов қайд мекунад, ки *"Компютерҳо ва барномаҳои компютерӣ дар ҳақиқат метавонанд барои аз нав бавуҷуд овардани ашёҳои монанд истифода карда шаванд. Ҳамзамон онҳо ба як воситаи такмили ихтисос табдил ёфтаанд"* [10, с. 45].

Аз ин рӯ, барои дар ҷомеаи иттилоотӣ фаъолияти пурсамар кардан ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат рушди донишҳои рақамии омӯзгори муосир нақши асосиро иҷро мекунад.

**3. Дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ ва инфрасохтори техникӣ.** Муассисаҳои таълимӣ бояд бо таҷҳизоти муосири таълимӣ таъмин бошанд, то ин, ки донишҷӯён донишҳои назариявии аз бар намудаи худро дар амалия татбиқ намуда, малакаҳои касбиро такмил диҳанд. Барои рушди салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ донишҷӯён бояд ба компютерҳои муосир, интернети баландсуръат ва платформаҳои таълимии электронӣ дастрасӣ дошта бошанд. Дар ҷомеаи иттилоотӣ дастрасӣ ба компютерҳои муосир, интернети баландсуръат ва лабораторияҳои технологӣ шарти муҳимми рушди салоҳиятҳои касбии мутахассисони оянда ба ҳисоб меравад.

**4. Ҳамгироии назария бо амалия.** Назария ва амалия аз ҳам ҷудо нестанд, онҳо байни ҳам дар алоқамандии зич ва ногусастанӣ қарор доранд. Назария роҳнамо буда, амалия бошад муҳаррики асосии санҷиш ва татбиқи он ба ҳисоб меравад. Танҳо бо ҳамгироии онҳо мутахассис метавонад донишро дуруст аз худ намуда, онро барои пешрафт ва рушди босуръати ҷомеа мавриди истифода қарор диҳад. Бинобар ин, ба роҳ мондани таълимӣ дуалӣ шарти дигари ташаккули салоҳияти касбӣ ва рушди салоҳияти компютерӣ-иттилоотии мутахассисони оянда ба ҳисоб меравад. Танҳо донишҳои назариявӣ барои ташаккули салоҳияти баланди касбӣ кофӣ нестанд. Ташкили машғулиятҳои амалӣ, лоиҳаҳои гурӯҳӣ ва таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки донишҳои назариявии аз бар намудаи худро дар амал татбиқ намоянд. Ин ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки малакаҳои касбии худро рушд дода, ҷиҳати рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат омода гардида ва дар ҷомеа мавқеи худро пайдо кунанд. Дар асоси ин меъёр мо метавонем чунин хулоса барорем, ки салоҳияти компютерӣ-иттилоотии тавсифдиҳандаи маҷмуи донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳоест, ки аз ҳаёт ва фаъолияти амалӣ ба даст оварда мешавад.

**5. Рушди фарҳанги иттилоотӣ ва тафаккури интиқодӣ.** Шарти дигари ташаккули салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ, доштани фарҳанги иттилоотӣ ва тафаккури интиқодӣ мебошад.

Ф.С. Комилиён фарҳанги иттилоотиро чунин баён мекунад: "*Фарҳанги иттилоотӣ ин маҳорати мувофиқи мақсад истифода бурда тавонистани иттилоот ва барои дарёфт, коркард ва интиқоли он татбиқ карда тавонистани технологияҳои компютерии иттилоотӣ, воситаҳои техникӣ ва усулҳои муосири корбарӣ бо иттилоот мебошад"* [5, с. 38].

Доштани фарҳанги иттилоотӣ ба мутахассис имконият медиҳад, ки маълумотҳоро аз сарчашмаҳои боэътимоди иттилоотӣ интихоб карда, онро дуруст таҳлил намуда, интиқол диҳад ва аз паҳншавии иттилооти бардурӯғ худдорӣ кунад.

Тафаккури интиқодӣ бошад ин қобилиятест, ки ба мутахассис имконият медиҳад то иттилоотро ба таври мантиқӣ арзёбӣ намуда, дар самти фаъолияти корӣ қарорҳои дуруст қабул кунад.

**6. Омӯзиши мустақилона ва худтакмилдиҳӣ.** Дар шароити иттилоотикунонии ҷомеа азхудкунии технологияҳои иттилоотию иртиботӣ яке аз воситаҳои муҳим ва асосии самарабахши рушду худинкишофёбии мутахассисони оянда аст. Дар марҳилаи кунунии рушд ва тағйирёбии босуръати технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, омӯзиши мустақилона ва худтакмилдиҳии донишҳои касбӣ тавассути технологияҳои компютерӣ аҳаммияти хоса пайдо кардааст. Дар ин замина, омӯзиши мустақилона ва худтакмилдиҳӣ ҳамчун равандҳои муҳимми таълимӣ ва иҷтимоӣ баромад менамоянд. Ин омилҳо ба мутахассис имконият медиҳанд, ки ба талаботи бозори меҳнати муосир мутобиқ гардад ва қобилиятҳои зеҳнию касбии худро пайваста рушд диҳад.

Омӯзиши мустақилона равандест, ки мутахассис дар асоси принсипҳои худидоракунӣ, масъулиятнокӣ ва ангезаи дохилӣ бе роҳбарии омӯзгор дониш, малака ва салоҳиятҳоро аз худ мекунад. Дар чунин раванд, шахс худаш ҳадафгузорӣ намуда, манбаъҳои иттилоотиро интихоб ва натиҷаҳои фаъолияти худро арзёбӣ мекунад. Ин навъи омӯзиш метавонад тавассути мутолиаи адабиёт, истифодаи захираҳои рақамӣ ва таҷрибаи амалӣ сурат гирад.

Худтакмилдиҳӣ бошад, ба беҳтарсозии пайвастаи сифатҳои шахсӣ, дониш ва малакаҳои касбӣ равона шудааст. Ин раванд на танҳо ҷанбаҳои маърифатиро, балки паҳлӯҳои ахлоқӣ, равонӣ ва иҷтимоии шахсиятро низ фаро мегирад. Худтакмилдиҳӣ бо рушди тафаккури интиқодӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва такмили қобилиятҳои коммуникатсионӣ зич алоқаманд аст.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши мустақилона ва худтакмилдиҳӣ равандҳои ба ҳам вобаста мебошанд. Омӯзиши мустақилона ҳамчун воситаи асосӣ барои ба даст овардани дониш ва малакаҳои нав хизмат мекунад, дар ҳоле ки худтакмилдиҳӣ доираи васеътар дошта, рушди ҳамаҷонибаи шахсиятро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, омӯзиши мустақилона ҷузъи таркибии худтакмилдиҳӣ мебошад.

**Муҳокима.** Ҳоло дар ҷомеаи иттилоотӣ сифати омода намудани мутахассисони рақобатпазир, ки ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат бошанд, аз сатҳи ташаккули салоҳияти компютерӣ-иттилоотии онҳо вобаста аст, ки он аз омилҳои болозикр вобастагии ниҳоят зич дорад. Зарурати салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ барои мутахассиси оянда аз он иборат аст, ки худро дар ҷомеаи иттилоотӣ муаррифӣ карда, барои рушди фаъолияти касбӣ аз технологияҳои иттилоотию иртиботии замони муосир самаранок истифода намояд.

Фаъолияти касбӣ ин равандест, ки барои мувaффақ шудан ба натиҷаи муайяни ҳадафи гузошташуда анҷом дода мешавад. Дар доираи фаъолияти касбӣ маҷмуи чунин фаъолиятҳое фаҳмида мешаванд, ки дар натиҷаи аз худ кардани донишҳои махсус, салоҳият ва малакаҳои амалии дар раванди таълими мақсаднок ба даст оварда шудаанд фаҳмида мешавад. Салоҳияти компютерӣ- иттилоотии мутахассис қариб тамоми намудҳои фаъолияти касбиро дар бар мегирад, ки бо истеҳсол ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ робитаи зич дорад.

Сатҳи баланди салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ ба мутахассис имконият фароҳам меорад, ки компютер ва технологияҳои рақамиро самаранок истифода кунад, иттилоотро ҷустуҷӯ, таҳлил, арзёбӣ, истифода намояд ва дар муҳити рақамӣ бехатар ва бомасъулият фаъолият намояд.

**Хулоса.** Ҳангоми ҷамъбаст намудани фикрҳои байён гардида, мо метавонем чунин хулоса барорем, ки ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълим дар асоси технологияҳои муосири рақамӣ заминаи мусоидро барои тайёр намудани мутахассисони дорои салоҳияти баланди касбӣ фароҳам меорад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ ба мутахассис имконият медиҳад, ки бо ҳолатҳои гуногуни иҷтимоӣ мутобиқ шавад, фаъолияти худро дуруст ба нақша гирад, мушкилоти истеҳсолиро оқилона ҳал намояд, эҷодкорона фикр карда, дар ҳайати кормандон бомуваффақият фаъолият намуда, роҳнамои коллективӣ меҳнатиӣ бошад. Салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ ҳамчун заминаи касбият хизмат намуда, ба мутахассис имконият медиҳад, ки дар анҷом додани фаъолиятҳои маърифатӣ ва ҳалли вазифаҳои касбию ғайрикасбӣ, фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва зеҳнӣ саҳми арзанда гузорад.

***Адабиёт***

1. *Абдураҳимова Д.А. Нақши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таҷдиди системаи таълим // Вестник науки. - 2025. №4 (85) том 1. С. 620 - 631.*
2. *Беспалов, П. В. Компьютерная компетентность в контексте личностно ориентированного обучения / П. В. Беспалов // Педагогика.- 2003.-№4.-С. 41-45.*
3. *Гершунский, Б.С. Компьютеризация в сфере образования. Проблемы и перспективы / Б. С. Гершунский. - М.: Педагогика, 1987. - 264 с.*
4. *Завьялов, А. Н. Формирование информационной компетентности студентов в области компьютерных технологий // Автореф. Дис. ...канд. пед. наук / А. Н. Завьялов. - Тюмень, - 2005. – 24 с.*
5. *Комилиён Ф.С., Информатика. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (қисми 1). / Ф.С. Комилиён. - Душанбе, Донишварон, 2019. – 406 с.*
6. *Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.11.2006, таҳти №484.*
7. *Мукашева, А. А. Компьютерно-информационный опыт как предмет педагогического исследования. А. А. Мукашева / Материалы международной научно-практической конференции Социальная психология в образовании: проблемы и перспективы - Саратов: Научная книга, 2007. - С. 51-54.*
8. *Олейников, А. А. Организационно- педагогические основы компьютерно-информационного образования студентов гуманитарных факультетов / А. А. Олейников; Монография. - Костанай, 2006. – 229 с.*
9. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" - Душанбе, 22.12.2017.*
10. *Ракитов, А.И. Философия компьютерной революции / А.И. Ракитов. — М: Политиздат, 1991. – 287 с.*
11. *Роберт, И. В. Информационные и коммуникационные технологии в образовании. Учебнометодическое пособие / И.В. Роберт, С.В. Панюкова, А.А. Кузнецов, А.Ю. Кравцова. – М.: Дрофа, 2008. – 312 с.*
12. *Семенов, А. Л. Роль информационных технологий в общем среднем образовании / А. Л. Семенов. - М.: Изд-во МИПКРО, 2000. – 12 с.*
13. *Тришина, С.В. Информационная компетентность как педагогическая категория // Интернет-журнал «Эйдос». 2005. - 10 сент.*
14. *Чурикова, И. И. Формирование компьютерной компетентности современного библиотечного специалиста // Автореф. дис.... канд. пед. наук. / И. И. Чурикова. - Новосибирск, 2007. - 24с.*
15. *Шрейдер, Ю. А. Информационные процессы и информационная среда / Ю. А. Шрейдер // НТИ.-Сер. 1. - 1976. - № 1. - С. 19-27.*

## ОМИЛҲОИ АСОСИИ БАЛАНДБАРДОРИИ САТҲИ САЛОҲИЯТИ КОМПЮТЕРӢ-ИТТИЛООТИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур омилҳои асосии баландбардории сатҳи салоҳияти компютерӣ-иттилоотии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Мафҳуми «салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ» аз нигоҳи илми педагогика мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин дар мақола қайд гардидааст, ки салоҳияти компютерӣ-иттилоотии мутахассиси оянда талаботи замони муосир буда, барои фаъолияти пурсамар намудан дар ҷомеаи иттилоотӣ нақши калидӣ дорад. Зарурати ташаккули салоҳияти компютерӣ-иттилоотии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ин тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнати муосир мебошад, ки ин масъала низ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ташаккули салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ ҳамчун муҳаррики рушди салоҳиятҳои касбии мутахассисони оянда маънидод гардида, омилҳои асосии баландбардории сатҳи салоҳияти компютерӣ-иттилоотии мутахассисони ҷавон пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** салоҳият, компютер, иттилоот, салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ, салоҳияти касбӣ, фаъолияти касбӣ, мутахассиси оянда, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, самаранок, пурсамар.

## ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ ПОВЫШЕНИЯ УРОВНЯ КОМПЬЮТЕРНО-ИНФОРМАЦИОННОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ ВЫПУСКНИКИ СРЕДНИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ В УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматриваются и изучаются основные факторы повышения уровня компьютерной и информационной компетентности выпускников средних профессиональных учебных заведений в условиях Республики Таджикистан. Концепция «компьютерной и

информационной компетентности» исследуется и обсуждается с точки зрения педагогической науки. В статье также отмечается, что компьютерная и информационная компетентность будущего специалиста является требованием современной эпохи и играет ключевую роль в эффективной деятельности в информационном обществе. Необходимость развития компьютерной и информационной компетентности выпускников средних профессиональных учебных заведений заключается в подготовке специалистов, отвечающих требованиям современного рынка труда, что также анализируется. Формирование компьютерной и информационной компетентности рассматривается как двигатель развития профессиональных компетенций будущих специалистов, и представлены основные факторы повышения уровня компьютерной и информационной компетентности молодых специалистов.

**Ключевые слова:** компетентность, компьютер, информация, компьютерно-информационная компетентность, профессиональная компетентность, профессиональная деятельность, будущий специалист, информационно-коммуникационные технологии, эффективность, результативность.

## MAIN FACTORS OF INCREASING THE LEVEL OF COMPUTER-INFORMATION COMPETENCE OF STUDENTS OF SECONDARY VOCATIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS IN THE CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses and studies the main factors of increasing the level of computer and information competence of graduates of secondary vocational educational institutions in the conditions of the Republic of Tajikistan. The concept of "computer and information competence" is studied and discussed from the point of view of pedagogical science. The article also notes that the computer and information competence of a future specialist is a requirement of the modern era and plays a key role in effective activity in the information society. The need to develop computer and information competence of graduates of secondary vocational educational institutions is to prepare specialists who meet the modern labor market, which is also analyzed. The formation of computer and information competence is interpreted as an engine for the development of professional competences of future specialists, and the main factors of increasing the level of computer and information competence of young specialists are presented.

**Keywords:** competence, computer, information, computer-information competence, professional competence, professional activity, future specialist, information and communication technologies, effective, efficient.

***Дар бораи муаллиф***
*Асоев Маҳмадҷабор Маҳмадсаторович*
*Муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисоди рақамӣ*
*Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*
*734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5*
*E-mail: asoev_m_84@mail.ru*

***Об авторе***
*Асоев Махмаджабор Махмадсаторович*
*Старший преподаватель кафедры информационных технологий и цифровой экономики*
*Институт цифровых технологий и искусственного интеллекта*
*Международного университета туризма и предпринимательство Таджикистана*
*734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, п. Борбада, 48/5*
*E-mail: asoev_m_84@mail.ru*

***About the author***
*Asoev Makhmadjabor Makhmadsatorovich*
*Senior Lecturer at the Department of Information Technologies and Digital Economy*
*Institute of Digital Technologies and Artificial Intelligence of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan*
*734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street Borbad, 48/5*
*E-mail: asoev_m_84@mail.ru*

ТДУ 37.014.5:004.8(575.3)

# СИСТЕМАИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ: ПЛАТФОРМАҲО, САЛОҲИЯТИ ОМӮЗГОРОН ВА РУШДИ УСТУВОР

***Саъдуллозода Ш. С., Раҳмонзода А. Ҷ., Абдулло М. А.***
*Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон*
*Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ*

Таҳсилоти ҷаҳонии муосир буҳрони амиқи системавиро аз сар мегузаронад. Гузариш аз рақамикунонии муваққатӣ ба табдилоти системавӣ зарур аст. Микёси норасоии маориф бесобиқа аст. 273 миллион кӯдак ба мактаб дастрасӣ надоранд. 600 миллион кӯдак ба сатҳи ҳадди ақали саводнокӣ ва малакаҳои математика ноил намешаванд. Ду се ҳиссаи онҳо воқеан ба мактаб мераванд. Ин аз бесамарии моделҳои мавҷудаи таълимӣ шаҳодат медиҳад [25].

Мушкилот аз сабаби тафовути рақамӣ боз ҳам шадидтар мешавад. Тибқи гузориши соли 2020-и Бунёди кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) ва Иттиҳоди байналмилалии телекоммуникатсия (ITU), 1,3 миллиард кӯдак (ду се ҳиссаи кӯдакони синни мактабӣ дар саросари ҷаҳон) дар хона ба интернет дастрасӣ надоранд [20; 24]. Танҳо доштани технология дар синфхона мушкилотро ҳал намекунад. Нақши абзорҳои рақамӣ бояд аз нав дида баромада шавад. Онҳо бояд нобаробариҳоро бартараф кунанд, на ин ки онҳоро шадидтар кунанд. Стратегияи нав лозим аст. Дастрасии технологӣ нисбат ба сифати маориф дуюмдараҷа аст. Таҳлили назариявӣ ва амалӣ як холигии асосиро ошкор мекунад. Аз як тараф, истифодаи асбобии технология вуҷуд дорад. Аз тарафи дигар, дастури аз ҷиҳати педагогӣ асоснок мавҷуд аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки модели "як кӯдак, як дастгоҳ" аксар вақт бесамар аст. Бе таҷдиди сохтори методологӣ, он ба исрофи бесамари захираҳо оварда мерасонад.

Рақамикунонии "маъмулӣ" маҳдуд аст. Он ба табдил додани маводҳо ба PDF, баъзан дарсҳои видеоӣ, вобаста аст. Монеаҳои омӯзиш бартараф карда намешаванд. Ҳамасола миллиардҳо доллар сарф мешавад, аммо ягон таъсири мушаххасе ба назар намерасад [25].

Барои бартараф кардани инерсия, тағйири парадигма зарур аст. Диққати асосӣ ба омӯзиши инсонмарказ равона шудааст. Ин гузариш бар асоси ҳашт тағйироти стратегии ЮНИСЕФ сурат мегирад. Он бо фарқиятҳои зерин тавсиф мешавад [25]:

- Тағйироти аввал: аз фарогирӣ ба натиҷаҳо. Меъёри асосӣ афзоиши воқеии дониш аст, на шумораи кӯдакони ҷалбшуда. Арзёбӣ нишондиҳандаҳои ҷудогонаро талаб мекунад. Фаҳмидани он муҳим аст, ки оё технологияҳо фосилаи омӯзишро кам мекунанд ё онро васеъ мекунанд.
- Тағйири дуюм: аз бартарии технологӣ ба инсонмарказӣ. Равиши техномарказӣ бо ваколатдор кардани омӯзгорон ва донишҷӯён иваз карда мешавад. Технологияҳо ба шароити фарҳангӣ мутобиқ карда мешаванд.
- Тағйири сеюм: аз ҷудоии инфиродӣ ба эҷодкории муштарак. Модели "кӯдак дар пеши экран" ба як чизи гузашта табдил меёбад. Онро омӯзиши динамикӣ, бозича ва ҳамкорӣ иваз мекунад. Ин ба ҳамгироии иҷтимоӣ ва муошират байниҳамдигарӣ мусоидат мекунад.
- Тағйироти чорум: далелҳои асосёфта ва миқёспазирь. Бояд аз лоиҳаҳои озмоишии ҷудогона даст кашем. Роҳҳои ҳалли системавӣ лозиманд. Инҳо бояд пойгоҳи мустаҳками далелҳои самаранокӣ дошта бошанд.

Роҳбари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам чораҳоеро барои рушди маориф, ки ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ боқӣ мемонад, андешида истодаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, нақши муҳимми онро дар таъмини ояндаи кишвар таъкид мекунад. Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2023, Сарвари давлат қайд намуд, ки: «… бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад» [1].

Эҷоди экосистемаҳои рақамии бехатари ҷамъиятӣ масъалаи истиқлол ва адолати иҷтимоӣ мебошад. 19 марти соли 2026, дар Рӯзи байналмилалии омӯзиши рақамӣ, ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ ва Иттиҳоди байналмилалии телекоммуникатсионӣ "Хартияи платформаҳои омӯзиши рақамии оммавӣ"-ро роҳандозӣ карданд, ки чаҳорчӯбаи ягонаи

меъёриро барои давлатҳо муқаррар кард [21]. Платформаҳои рақамӣ ҳоло ҳамчун як компоненти "зарурӣ" (need-to-have) эътироф шудаанд, на ҳамчун ҳашамат.

Маориф ҳуқуқи асосии инсон ва неъмати ҷамъиятӣ аст. Дар асри технологияи рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, омӯзиш бештар ба муҳитҳои виртуалӣ мегузарад. Платформаҳои таълимии рақамии оммавӣ ҷузъи зарурии системаҳои муосири маориф мебошанд. Дар хартия ҳафт усул барои тарҳрезӣ, фаъолият ва идоракунии чунин платформаҳо пешниҳод шудааст [21]. Диққати асосӣ ба дастгирии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна равона карда шудааст. Ин ҳуҷҷат ҳамчун роҳнамо барои мутобиқ кардани технологияҳо ба ниёзҳо ва афзалиятҳои маҳаллӣ хизмат мекунад. Ҳадаф эҷоди муҳити рақамӣ мебошад, ки таҳсилоти анъанавиро дар мактабҳо ғанӣ мегардонад.

Моҳияти хартия эҷоди чаҳорчӯбаи ягонаи танзимкунандаи ҷаҳонӣ мебошад. Ин чаҳорчӯба бояд ба кишварҳо дар бунёди экосистемаҳои таълими рақамии бехатар, фарогир ва устувор кумак кунад. Ҷанбаҳои асосии оиннома инҳоянд:

- Платформаҳо ҳамчун инфрасохтори асосӣ: Дар хартия эълон шудааст, ки платформаҳои рақамии оммавӣ дигар на ҳамчун замима, балки як ҷузъи муҳимми такрибии низоми муосири маориф мебошанд.

- Ҳафт усули роҳнамоӣ: Дар ин ҳуҷҷат ҳафт усуле зикр шудаанд, ки бояд кишварҳоро дар тарҳрезӣ, идоракунӣ ва устувории чунин платформаҳо дар ҳама гӯшаву канори ҷаҳон роҳнамоӣ кунанд.

- Амният ва мутобиқат: Яке аз ҳадафҳои асосӣ таъмини мутобиқати техникӣ (интероперабельности) байни системаҳои гуногун, мавҷудияти механизмҳои қатъии амниятӣ ва идоракунии масъулиятноки иттилоот мебошад, то платформаҳо барои муаллимон ва донишҷӯён бехатар ва боэътимод бошанд.

- Фазои рақамӣ ҳамчун идомаи мактаб: Дар хартия таъкид шудааст, ки ҷаҳони рақамӣ бояд идомаи низоми анъанавии маориф бошад, на ивазкунандаи он. Технологияҳо, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, бояд ҳамчун як неъмати ҷамъиятӣ пешниҳод карда шаванд ва ҳамчун абзорҳо барои дастгирии муаллимон хизмат кунанд.

- Фарогирӣ ва дастрасӣ: Ин ташаббус барои бартараф кардани тафовути рақамӣ тавассути таъмини он, ки табдили рақамӣ манфиатҳои ҳамаи муҳассилин, аз ҷумла садҳо миллион нафаронеро, ки айни замон ба захираҳои рақамии босифати оммавӣ дастрасӣ надоранд, ба назар гирад, равона шудааст.

- Арзиши дарозмуддати сармоягузорӣ: Бо таҳкими платформаҳо дар дохили системаҳои идоракунии давлатӣ, хартия ҳадаф дорад, ки сармоягузорӣ дар пайваст кардани мактабҳо ба интернет манфиатҳои дарозмуддати ҷамъиятиро таъмин кунад ва системаҳои маорифро тақвият диҳад.

Дар асоси таҳлили ҳафт принсипи хартия, се омили муҳимро бояд қайд кард:

1. **Мутобиқат (интероперабельности)**: Мутобиқати техникии системаҳо аз порашавӣ ва эҷоди "пораҳои иттилоотӣ"-и ҷудогона пешгирӣ мекунад ва роҳҳои ҳалли муваффақро васеъ ва имконпазир менамояд.

2. **Ҳифзи маълумот ва амнияти киберӣ:** Идоракунии масъулиятноки иттилоот (Data stewardship) шарти зарурии эътимод ба система мебошад.

3. **Фарогирӣ:** Фаъолона бартараф кардани монеаҳои гендерӣ, забонӣ ва ҷисмонӣ.

Таъсири омилҳои макроиқтисодӣ, қабули босуръати технологияҳои рақамӣ, воридшавии интернет дар саросари ҷаҳон ва афзоиши талабот ба кадрҳои соҳибихтисос ба рушди бозори таҳсилоти онлайн (EdTech) мусоидат кардаанд. Истилоҳи EdTech (технологияи таълимӣ) як соҳаи васеъро дар бар мегирад, ки ба омезиши абзорҳои технологияи иттилоотӣ ва барномаҳои таълимӣ, ки барои пешбурди хидматрасонии таълимӣ ва дастрасии ройгон ба онҳо равона шудаанд, алоқаманд аст [13]. Пайдоиши соҳаи EdTech дар солҳои 2000-ум бо рушди технологияҳои интернетӣ алоқаманд аст. Таваҷҷуҳ ба ҷаҳонишавии равандҳои ҷаҳонӣ ва ҳаракати захираҳои меҳнатӣ боиси дарки имконияти эҷоди на танҳо мундариҷаи фароғатии онлайн, балки мундариҷаи таълимӣ низ гардид [16; 23].

Омӯзиши рақамӣ набояд фаъолиятҳои ғайирақамиро иваз кунад. Фаъолияти ҷисмонӣ, бозии озод ва хатти дастӣ муҳиманд (ЮНИСЕФ, 2024). Зарурати ахлоқӣ се қисмро дар бар мегирад [26].

- Зарурати аввал: афзалият додан ба муошират иҷтимоӣ. Технология бояд муошират байнишахсиро осон кунад ва муҳассилинро ҷудо накунад.

- Зарурати дуюм: бехатарии рақамӣ ва саломатии равонӣ. Ҳифзи кӯдакон аз хатарҳои онлайн хеле муҳим аст. Дар баробари ин рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ низ муҳим аст.

- Зарурати сеюм: рушди ҳамоҳанг. Технология имкон медиҳад, ки роҳҳои омӯзиши фардӣ эҷод карда шаванд ва ҳамзамон сохтори иҷтимоии анъанавии омӯзишро нигоҳ доранд.

Дар шароити номуайянии ҷаҳонӣ дар асри 21, табдили рақамии маориф на танҳо як навсозии технологӣ, балки як зарурати стратегӣ барои таъмини соҳибихтиёрӣ ва рақобатпазирии миллатҳо мебошад. Татбиқи Ҳадафи 4-уми Рушди Устувор (SDG 4) аз давлатҳо талаб мекунад, ки ба низомҳои чандир ва фарогири маориф гузаранд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин самт дар Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030 муайян шудааст, ки ҳадафҳои бузургеро барои ворид кардани навовариҳо ба ҳама сатҳҳои раванди таълим муқаррар мекунад [3; 14].

Дар маркази ин раванди динамикӣ зеҳни сунъӣ қарор дорад, ки ҳамчун катализатор барои омӯзиши мутобиқшаванда амал мекунад. Зеҳни сунъӣ (ЗС) илмест, ки дар чорроҳаи илми компютерӣ, кибернетика, нейробиология ва равоншиносӣ қарор дорад ва самараи он ба ҳаёти одамони дар саросари ҷаҳон босуръат ворид мешаванд [19].

Вазъи кунунии экосистемаи маорифи Тоҷикистон бо ҳамбастагии байни чаҳорчӯбаҳои танзимкунанда, таҷрибаи байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани абзорҳои баландтехнологӣ, аз ҷумла зеҳни сунъии тавлидкунанда тавсиф мешавад [11].

Илова бар муассисаҳои анъанавии касбӣ ва таҳсилоти олӣ, дар бозори хизматрасонии таълимӣ бозигарони нав пайдо шудаанд: донишгоҳҳои корпоративӣ, ки дар онҳо ширкатҳо кормандони худро таълим медиҳанд, инчунин ширкатҳои IT, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбиро таъсис медиҳанд, ки малакаҳои заруриро дар муддати кӯтоҳ пешниҳод мекунанд. Чунин ширкатҳои IT-ро одатан ҳамчун ширкатҳои EdTech меноманд. Ширкатҳои маъруф Coursera, Skyeng, Skillfactory, Stepik, Stride, 2U, Udemy, Duolingo, Synergy, Skillbox, Skyeng ва Yandex Practicum ва дигарон мебошанд, ки чунин барномаҳои кӯтоҳмуддати таълимиро пешниҳод мекунанд. Ин ширкатҳо фаъолона бозореро забт мекунанд, ки қаблан танҳо барои донишгоҳҳо пешбинӣ шуда буд. Ин рақобат боиси пайдоиши моделҳои гуногуни омӯзишӣ гардида, имкониятҳои таълимиро барои донишҷӯён васеъ кардааст [15].

Дар Тоҷикистон, омили калидии тағйироти институтсионалӣ ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд буд, ки ба навсозии салоҳияти кормандони омӯзгорӣ нигаронида шудааст [3; 6; 11; 17]. Ин раванд гузаришро аз истифодаи ғайриомавмии гаҷетҳо ба татбиқи мунтазами стандартҳое, ки ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд, нишон медиҳад.

Ҳамгироии меъёрҳои ахлоқӣ барои истифодаи зеҳни сунъӣ ва ҷорӣ намудани чаҳорчӯбаҳои равшани тахассус омӯзгоронро барои тағйироти бунёдии парадигма омода мекунад: аз интиқолдиҳандаи дониш то меъмори муҳити таълимии гибридӣ [23].

Бояд дарк намуд, ки ин гузариш на танҳо сармоягузориҳои инфрасохторӣ, балки асосноккунии ҳамаҷонибаи методологиро низ талаб мекунад, ки таҳлили ҳамаҷонибаи ислоҳоти кунуниро тақозо мекунад. Ҳолати кунунии экосистемаи маорифи Тоҷикистон бо ҳамбастагии байни чаҳорчӯбаҳои танзимкунанда, таҷрибаи байналмилалӣ ва татбиқи абзорҳои баландтехнологӣ, аз ҷумла зеҳни сунъии тавлидӣ, тавсиф мешавад.

Дар раванди рақамикунонии маориф ва рушди зеҳни сунъӣ, ниёзи омӯзгорон барои аз худ кардани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) дар сатҳи касбӣ меафзояд. Сохтори салоҳияти ТИК аз се ҷузъ иборат аст. Ҷузъи ангезанда омодагии дохилиро барои истифодаи ТИК инъикос мекунад. Ҷузъи маърифатӣ дониши технологияҳои муосирро дар таҳсилоти олӣ талаб мекунад. Ҷузъи технологӣ қобилияти ташкили муошират онлайн ва азхуд кардани усулҳои таълими фосилавӣ ва омехтаро нишон медиҳад. Салоҳияти пурра тавассути рушди мутавозини ҳар се ҷузъ ба даст оварда мешавад, ки ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки технологияҳои рақамиро ба раванди таълим самаранок ворид кунанд [12].

Расмикунонии талаботи саводнокии рақамӣ барои омӯзгорон дар "Талаботи тахассусӣ вобаста ба салоҳияти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии омӯзгори муассисаи таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо фармоиши №302-и Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2024 тасдиқ шудааст, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шудааст [10]. Ин стандарт роҳи мантиқии рушди касбиро тавассути системаи сезинагӣ муқаррар мекунад. Сатҳи ибтидоии " Навомӯз" ба огаҳмандии омӯзгор оид ба ТИК ва имкониятҳои онҳо, дониши ибтидоӣ оид ба он ки истифодаи ТИК метавонад раванди таълиму омӯзишро беҳтар гардонад, тамаркуз мекунад. Сатҳи "Ҳамгиросоз" қобилияти омӯзгорро барои воридсозии огаҳмандона, бехатар ва самараноки ТИК дар фаъолияти касбии худ тавсиф менамояд. Сатҳи баландтарин, "Навовар", муаллимеро тавсиф мекунад, ки ба ташаккули мустақилонаи малакаҳои корбурди ТИК, бунёди махзану ҷамъиятҳои рақамӣ ва пешбурди ТИК дар сатҳи мактаб қодир аст.

Ин сатҳҳо тавассути панҷ ҷанбаи асосии фаъолият амалӣ карда мешаванд, ки дар онҳо омӯзгорон тадриҷан аз дарки сиёсати давлатӣ ба иштироки фаъолона дар татбиқи он, аз худ кардани усулҳои муосири ташкили раванди таълим, идоракунии самараноки захираҳои рақамӣ, беҳтар кардани идоракунии маъмурии муҳити таълимӣ ва таъмини рушди доимии касбӣ мегузаранд. Татбиқи ин стандартҳо на танҳо равандҳои сертификатсияро ба низом

медарорад, балки барои омӯзгорон ангезаҳоеро барои иштирок дар озмунҳои касбӣ ва барномаҳои худбаҳодиҳӣ эҷод мекунад ва нақши онҳоро аз корбарони ғайрифаъол ба эҷодкорони фаъоли воқеияти рақамӣ табдил медиҳад [10].

Лоиҳаи ЮНЕСКО ва ИА "Таҳкими таҳсилоти миёна, касбӣ ва техникӣ ва тайёр кардани омӯзгорон дар соҳаи STEM[1] и VET[2] ва касбҳои техникӣ дар Тоҷикистон" асоси аз нав муҷаҳҳаз кардани техникӣ ва методологӣ гардид [18]. Лоиҳа бо Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва Барномаи давлатии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ барои солҳои 2020-2040" мувофиқ аст. Ин дастгирии васеъмиқёс 32 мактаби пилотиро бо озмоишгоҳҳои муосир таъмин намуда, инчунин шаш филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф-ро (ДҶТИБКСМ) дар минтақаҳои калидӣ, аз ҷумла Душанбе, Суғд, Хатлон ва ВМКБ навсозӣ кардааст [17].

Таъсиси чунин пойгоҳҳо аз фанҳои STEM (физика, химия, биология) таъсири дарозмуддатро дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои бахшҳои доништалаби иқтисодиёти кишвар таъмин мекунад.

Инфрасохтори рақамии милли таълимӣ аз ҷониби шабакаи рушдёфтаи захираҳо муаррифӣ мешавад: Мактаб Мобайл – платформаи рақамии таълимӣ [7] ва Китобхонаи электронии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон [5] дорои китобҳои дарсии электронӣ ва дарсҳои видеоӣ мебошад, "Сандукчаи зулбия" [9] ба рушди томактабӣ тамаркуз мекунад ва платформаи LMS аз ДҶТИБКСМ (omuzgorpro.tj) ҳамчун системаи марказии LMS барои рушди касбии омӯзгорони мактабҳои миёна амал мекунад [4; 6]. Системаи иттилоотии идоракунии маориф ва илми Тоҷикистон тавассути барномаи EMIS[3] муаррифӣ мекунад, ки мувофиқи консепсияи тасдиқшудаи ҳукумат дар соли 2007 таъсис ёфтааст [8]. Система модулҳои калидиро дар бар мегирад: вазорат, молияи мактабҳо, таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва касбӣ. EMIS имкон медиҳад, ки банақшагирии таълимӣ, маҷаллаҳои электронӣ, сабтҳои кадрҳо ва донишҷӯён, таҳияи гузоришҳо ва идоракунии молиявӣ анҷом дода шавад. Дастрасӣ тавассути барномаи веб барои сатҳҳои гуногуни корбарон таъмин карда мешавад. Барномаи мобилии "MaktabDG" (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) ба донишҷӯён, волидон ва муаллимон дастрасӣ ба ҷадвалҳо, баҳоҳо, ҳузур ва паёмҳоро медиҳад. Татбиқи EMIS шаффофият, дақиқии маълумот ва самаранокии идоракуниро беҳтар мекунад, гарчанде ки он омӯзиши беҳтари кормандон, таҷҳизот ва амнияти кибериро талаб мекунад. Омори система дар вебсайти maorif.tj нашр карда мешавад.

Барномаи иттилоотӣ барои бақайдгирӣ, таълим ва иртиботи волидайн бо муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (Kudak.tj) платформаи иттилоотӣ барои рақамикунонии таҳсилоти томактабӣ дар шаҳри Душанбе мебошад [2]. Ин платформа ба волидон имкон медиҳад, ки кӯдакистонро дар харитаи электронӣ интихоб кунанд, дархост пешниҳод кунанд ва ба навбат онлайн ҳамроҳ шаванд, фаъолияти фарзанди худро дар кӯдакистон пайгирӣ кунанд, дар бораи ҷойҳои мавҷуда ва гурӯҳҳои синну сол маълумот гиранд ва барои рушди кӯдак аз китобҳои электронӣ, китобҳои аудиоӣ ва афсонаҳо истифода баранд. Барои омӯзгорон, система бақайдгирии кӯдаконро автоматӣ мекунад ва вурудҳои дастӣ иваз мекунад ва пойгоҳи додаҳои ягонаи омориро барои идоракунии маориф эҷод мекунад. Ҳадафи асосии Kudak.tj автоматикунонии таҳсилоти томактабӣ, таъмини шаффофияти бақайдгирӣ, дастрасӣ ба таври системавӣ ба кӯдакон ва гузариши кӯдакистонҳо ба муҳити рақамӣ мебошад.

Зеҳни сунъӣ ба тадриҷ қисми таркибии ҳамаи системаҳои иттилоотӣ мегардад ва ин зарурати танзими талаботро ба меъёрҳои ахлоқии он ба миён меорад.

Фаъолияти ЮНЕСКО оид ба ахлоқ ва идоракунии зеҳни сунъӣ бар асоси Тавсия оид ба ахлоқи зеҳни сунъӣ, ки аз ҷониби 193 кишвар дар соли 2021 қабул шудааст, сурат мегирад [22; 26]. Тавсия ЮНЕСКО-ро вазифадор менамояд, ки абзорҳоеро барои кӯмак ба давлатҳои узв таҳия кунад, аз ҷумла Методологияи арзёбии омодагӣ, абзоре барои имкон додан ба ҳукуматҳо барои эҷоди тасвири ҳамаҷонибаи омодагии онҳо барои истифодаи зеҳни сунъӣ аз ҷиҳати ахлоқӣ ва масъулиятнок барои манфиати ҳамаи шаҳрвандони худ.

Мутобиқ кардани зеҳни сунъӣ ба шароити воқеии мактаб таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад: суръати пасти интернет ва норасоии дастгоҳҳо самаранокии роҳҳои ҳалро коҳиш медиҳанд. Воситаҳои офлайнӣ ва омӯзиши муаллимон оид ба малакаҳои асосии маълумот муҳиманд. Ҳамчунин, барои пешгирӣ аз ҷорӣ кардани стандартҳои хоси шаҳрҳои калон, ҷалби фикру мулоҳизаҳо аз ҷомеаҳои маҳаллӣ муҳим аст. Танҳо тавозуни байни навоварӣ ва

[1] STEM —модели таълимӣ, ки илм (Science), технология (Technology), муҳандисӣ (Engineering) ва математикаро (Mathematics) ба як системаи ягона муттаҳид мекунад.
[2] VET (Vocational Education and Training) —таҳсилоти касбӣ ва омӯзишест, ки барои ба даст овардани малакаҳои амалӣ барои касбҳои мушаххас равона шудааст.
[3] Education Management Information System - Низоми иттилоотии идоракунии маориф

дастрасӣ кафолат медиҳад, ки табдили рақамӣ барои ҳамаи муаҳассилин устувор ва баробар бошад.

Табдили рақамии маориф дар Тоҷикистон ба марҳилаи татбиқи фаъол ворид шудааст. Ҳамкории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони байналмилалӣ (ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, ИА ва дигарон) модели рушди устуворро эҷод кардааст. Пойдевори гузошташуда на танҳо дастрасӣ ба технология, балки рушди фарҳанги нави таълимиро, ки бар асоси навоварӣ, тафаккури интиқодӣ ва фарогирӣ асос ёфтааст, кафолат медиҳад. Ин табдил роҳест барои эҷоди муҳите, ки дар он ҳар як хонанда ва омӯзгор дар Тоҷикистон бо абзорҳо барои амалӣ кардани иқтидори худ дар ҷаҳони рақамии оянда муҷаҳҳаз бошад. Табдили рақамии маориф ва ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ на танҳо абзорҳо, балки моҳияти таълимро низ тағйир медиҳад. ТИК пояи инфрасохторро эҷод мекунад, дар ҳоле ки зеҳни сунъӣ ҳамчун "фишанги зеҳнӣ" амал мекунад, ки равандҳои муқаррарӣ, аз қабили тарҳбандӣ, санҷиш ва форматкуниро автоматӣ мекунад. Ин муаллимонро аз кори механикӣ озод мекунад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки ба тарҳрезии маъно тамаркуз кунанд [11].

Нақши омӯзгор аз интиқолдиҳандаи иттилоот ба меъмори таҷрибаи таълимӣ табдил меёбад. Омӯзгорон ба коршинос, роҳнамо ва илҳомбахш табдил меёбанд, алгоритмҳоро роҳнамоӣ мекунанд ва дақиқии маълумотро тасдиқ мекунанд. Самаранокии табдили рақамӣ маҳз аз салоҳияти инсон вобаста аст: технология таҷрибаи инсонро такмил медиҳад, аммо онро иваз намекунад.

Бо вуҷуди пешрафтҳои назаррас, таҳлил нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон тафовути доимии рақамӣ вуҷуд дорад, ки сармоягузории бештарро ба инфрасохтори коммуникатсионӣ талаб мекунад. Истифодаи ахлоқии зеҳни сунъӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва пешгирии таассуби алгоритмӣ муҳим боқӣ мемонад. Равиши инсонмарказ бояд афзалият дошта бошад: технология барои иваз кардани муошират рӯ ба рӯ пешбинӣ нашудааст, балки барои аз байн бурдани вазифаҳои муқаррарӣ пешбинӣ шудааст, ки ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки ба омӯзиши лоиҳавӣ ва корҳои таълимӣ тамаркуз кунанд. Рушди минбаъдаи система бояд ба густариши сертификатсияи хурд ва эҷоди мундариҷаи маҳаллишуда бо забони тоҷикӣ, ки қодир аст истилоҳот ва контекстҳои мураккаби техникиро дақиқ интиқол диҳад, нигаронида шавад [11].

Дар асоси таҳлили хартия [21] ва вазъи кунунии низоми маориф, тавсияҳои зерин пешниҳод мешаванд.

1. Такмили чаҳорчӯбаи миллии танзимкунанда. Стандартҳои миллӣ барои платформаҳои рақамии оммавӣ бояд беҳтар карда шаванд. Мақоми чунин захираҳо бояд ҳамчун моли рақамии оммавӣ муқаррар карда шавад. Ин ҳифзи маълумоти хонандагон ва омӯзгоронро таъмин мекунад. Истифодаи тиҷоратии ин маълумот ғайри қобили қабул дониста шавад.

2. Таъмини фарогирӣ ва бисёрзабонӣ. Ҳангоми таҳияи порталҳои миллӣ, афзалият дар баробари забонҳои дигар ба мундариҷаи забони тоҷикӣ дода шавад. Платформаҳо бояд дар шароите фаъолият кунанд, ки дастрасии маҳдуд ба интернет вуҷуд дорад. Ин барои минтақаҳои деҳот ва баландкӯҳ муҳим аст.

3. Ҳамгироӣ бо сохтори миллии рақамӣ. Платформаҳои рақамӣ набояд дар доираи маҳдуд вуҷуд дошта бошанд. Ҳамгироии онҳо бо пойгоҳҳои додаҳои Вазорати маориф ва илм тавсия дода мешавад. Ин имкон медиҳад, ки барномаҳои таълимӣ, ҳисоботҳо ва мониторинги сифат дар дохили як экосистемаи ягона ҳамоҳанг карда шаванд.

4. Дастгирӣ ва рушди дараҷаи касбӣ. Технология бояд тақивятдиҳандаи фаъолияти омӯзгор бошад, на ивазкунадаи омӯзгор. Тавсия дода мешавад, ки барномаҳои пайвастаи рушди касбии омӯзгорон амалӣ карда шаванд. Таваҷҷуҳи махсус бояд ба усулҳои гибридии таълим, ки мундариҷаи рақамиро бо дарсҳои рӯ ба рӯ муттаҳид мекунанд, равона карда шавад.

5. Татбиқи ахлоқии зеҳни сунъӣ. Ҷорӣ кардани зеҳни сунъӣ дар платформаҳои давлатӣ бояд тадриҷӣ ва назоратшаванда бошад. Алгоритмҳо бояд мунтазам санҷида шаванд. Муҳим аст, ки мутобиқати онҳо ба заминаи фарҳангӣ ва стандартҳои таълимии Тоҷикистон таъмин карда шавад. Ба омӯзгорон бояд шаффофият дар робита бо фаъолияти чунин системаҳо таъмин гардад.

6. Гузариш ба стандартҳои кушода. Истифодаи нармафзори кушодаасос тавсия дода мешавад. Захираҳои таълимии кушода (OER) низ муфиданд. Ин хароҷоти иҷозатномадиҳиро барои нармафзори хориҷӣ кам мекунад. Платформаҳоро метавон ба таври чандир ба ниёзҳои мушаххаси мактабҳои ватанӣ мутобиқ кард.

7. Тамаркуз ба сифат ва амнияти контент. Захираи ягонаи давлатии маводҳои тасдиқшуда бояд таъсис дода шавад. Ин равиш аз парокандагии мавод пешгирӣ мекунад. Платформаҳо бояд ба "паноҳгоҳи бехатар" табдил ёбанд. Сифати китобҳои дарсӣ ва дастурҳо аз ҷониби комиссияҳои босалоҳият кафолат дода шавад.

***Адабиёт***


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Реҷаи дастрасӣ: https://www.president.tj/event/missives/36370 (санаи мурочиат: 05.11.2024). – [Захираи электронӣ].*
2. *Барномаи иттилоотӣ барои бақайдгирӣ, таълим ва иртиботи волидайн бо муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (Kudak.tj). – Реҷаи дастрасӣ: https://kudak.tj/ (санаи мурочиат: 28.04.2026). – [Захираи электронӣ].*
3. *Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (Сомонаи расмӣ). – Реҷаи дастрасӣ: https://maorif.tj (санаи мурочиат: 18.04.2026). – [Захираи электронӣ].*
4. *Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. – Реҷаи дастрасӣ: https://takmili-ihtisos.tj/ (санаи мурочиат: 18.04.2026). – [Захираи электронӣ].*
5. *Китобхонаи электронӣ. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Реҷаи дастрасӣ: https://marifat.tj/ (санаи мурочиат: 18.04.2026). – [Захираи электронӣ].*
6. *Курси онлайнии СТИКО (RTTI LMS). – Реҷаи дастрасӣ: https://omuzgorpro.tj/ (санаи мурочиат: 18.04.2026). – [Захираи электронӣ].*
7. *Мактаб Мобайл - цифровая образовательная платформа. – Реҷаи дастрасӣ: https://maktabmobile.tj/ (санаи мурочиат: 18.04.2026). – [Захираи электронӣ].*
8. *Низоми иттилоотии идоракунии маориф (EMIS). – Реҷаи дастрасӣ: https://emis.tj (санаи мурочиат: 28.04.2026). – [Захираи электронӣ].*
9. *Сандуқчаи зулбиё. – Реҷаи дастрасӣ: https://tomaktabi.tj/ (санаи мурочиат: 18.04.2026). – [Захираи электронӣ].*
10. *Талаботи тахассусӣ вобаста ба салоҳияти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии омӯзгори муассисаи таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе : Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – 17 с.*
11. *Абдулло, М.А. Цифровая трансформация образования: Глобальный опыт и национальные достижения / М.А. Абдулло, Ш.С. Саъдулозода. – [Электронный ресурс] // Материалы Международной научно-практической конференции: «Внедрение цифровых систем в образование: инновации и искусственный интеллект». – Куляб : Университет инновации и цифровых технологий Таджикистана, 2026. – Режим доступа: https://zenodo.org/records/19824779 (дата обращения: 28.04.2026).*
12. *Балакирева, Э.В. Воспитательный потенциал преподавателя вуза в условиях цифровизации профессиональной подготовки будущих педагогов / Э.В. Балакирева, Е.И. Бражник, Е.К. Веселова // ЧЕЛОВЕК И ОБРАЗОВАНИЕ. – 2026. – Т. 0. – № 4. – С. 121-131. DOI: 10.54884/1815-7041-2025-85-4-122-132.*
13. *Жданович, О.В. Цифровизация образования и EdTech как фактор экономического развития в условиях евразийской интеграции / О.В. Жданович // Цифровая трансформация. – 2025. – Т. 31. – № 1. – С. 13-21.*
14. *Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан на период до 2030 года : утв. постановлением Правительства Республики Таджикистан от 29 сентября 2020 г., № 526. – Душанбе, 2020.*
15. *Соколова, В.А. Сотрудничество университетов и EdTech-компаний как новый тренд современного образования / В.А. Соколова, А.Е. Дайнеко // Научно-методический электронный журнал «Калининградский вестник образования». – 2025. – № 4 (28). – С. 39-48.*
16. *Старшинова, Н.Б. Цифровизация образования: анализ стратегий роста EdTech-отрасли / Н.Б. Старшинова // П 727 Преподаватель будущего: цифровизация, новые компетенции и возможности. – 2025. – Цифровизация образования. – С. 71.*
17. *Таджикистан укрепляет компетенции учителей в области STEM-образования. – Режим доступа: https://www.unesco.org/ru/articles/tadzhikistan-ukreplyaet-kompetencii-uchiteley-v-oblasti-stem-obrazovaniya-cherez-obuchenie (дата обращения: 18.04.2026). – [Электронный ресурс].*
18. *ЮНЕСКО запускает проект по STEM- и VET-образованию с использованием. – Режим доступа: https://www.unesco.org/ru/articles/yunesko-zapuskaet-proekt-po-stem-i-vet-obrazovaniyu-s-ispolzovaniem-ikt-v-tadzhikistane (дата обращения: 19.04.2026). – [Электронный ресурс].*
19. *Искусственный интеллект в Таджикистане: первый шаг в будущее. Искусственный интеллект в Таджикистане. – Режим доступа: https://narodnaya.tj/2025/05/08/iskusstvennyj-intellekt-v-tadzhikistane-pervyj-shag-v-budushhee/ (дата обращения: 19.06.2025). – [Электронный ресурс].*
20. *How many children and young people have internet access at home? – 2020. – Режим доступа: https://data.unicef.org/resources/children-and-young-people-internet-access-at-home-during-covid19/ (дата обращения: 24.04.2026). – [Электронный ресурс].*
21. *UNESCO, UNICEF, ITU. Charter for Public Digital Learning Platforms: Seven principles to steer and sustain public digital learning platforms / UNESCO, UNICEF, ITU. – Paris : UNESCO, 2026. – 18 с. – Режим доступа: https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000397729 (дата*

*обращения: 24.04.2026). – [Электронный ресурс].*
22. *Global AI Ethics and Governance Observatory | Global AI Ethics and Governance Observatory. – Mode of access: https://www.unesco.org/ethics-ai/en (date of access: 24.04.2026). – [Electronic resource].*
23. *OECD Digital Education Outlook 2026 | OECD. – Режим доступа: https://www.oecd.org/en/publications/oecd-digital-education-outlook-2026_062a7394-en.html (дата обращения: 18.04.2026). – [Электронный ресурс].*
24. *Two thirds of the world's school-age children have no internet access at home, new UNICEF-ITU report says. – Mode of access: https://www.unicef.org/press-releases/two-thirds-worlds-school-age-children-have-no-internet-access-home-new-unicef-itu (date of access: 24.04.2026). – [Electronic resource].*
25. *UNICEF. UNICEF Digital Education Strategy 2025–2030: Beyond Digital as Usual: An Equity-Driven, Human-Centered Digital and AI Strategy for Learning / UNICEF. – New York : UNICEF, 2026. – Mode of access: https://www.unicef.org/digitaleducation/media/2101/file/Digital%20Education%20Strategy.pdf (date of access: 24.04.2026). – [Electronic resource].*
26. *United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization (UNESCO). Recommendation on the Ethics of Artificial Intelligence. — Paris: UNESCO, 2022. — URL: https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000380455_rus (дата обращения: 24.04.2026). – 21 с.*

## СИСТЕМАИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ: ПЛАТФОРМАҲО, САЛОҲИЯТИ ОМӮЗГОРОН ВА РУШДИ УСТУВОР

Дар ин мақола буҳрони ҷаҳонии маориф таҳлил карда шуда, зарурати гузаштан аз рақамикунонии муваққатӣ ба табдилоти системавӣ таъкид шудааст. Муаллифон таъкид мекунанд, ки танҳо дастрасии технология мушкилотро ҳал намекунад, балки нобаробариро, бахусус дар заминаи тафовути рақамӣ, шадидтар мекунад. Таваҷҷуҳи махсус ба ҳашт тағйироти стратегии ЮНИСЕФ, Оинномаи платформаҳои таълимии рақамии давлатӣ (ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, ITU, 2026), инчунин нақши зеҳни сунъӣ ва ҷанбаҳои ахлоқии татбиқи он равона карда шудааст. Дар мақола шарҳи мухтасари вазъи кунунии экосистемаи рақамии Тоҷикистон: платформаи мобилии Мактаб, EMIS, Kudak.tj, LMS Omuzgorpro ва талаботи салоҳияти ТИК барои омӯзгорон оварда шудааст. Муаллиф тағйироти мусбат (шаффофият, автоматикунонӣ) ва мушкилоти доимиро (нобаробарӣ дар минтақаҳои дурдаст, омӯзиши кадрҳо, амнияти киберӣ) таъкид мекунад. Дар асоси таҳлил, ҳафт тавсия таҳия шудаанд: такмили чаҳорчӯбаи танзимкунанда, таъмини бисёрзабонӣ ва фарогирӣ, ҳамгироии платформаҳо, рушди доимии касбии омӯзгорон, татбиқи ахлоқии зеҳни сунъӣ, гузариш ба стандартҳои кушода ва таъмини сифати мундариҷа.

**Калидвожаҳо:** табдили рақамии маориф, зеҳни сунъӣ, EMIS (низоми иттилоотии идоракунии маориф), EdTech (технологияҳои таълимӣ), салоҳияти ТИК, Тоҷикистон.

## СИСТЕМА ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА В ЭПОХУ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА: ПЛАТФОРМЫ, КОМПЕТЕНЦИИ УЧИТЕЛЕЙ И УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ

В данной статье анализируется глобальный кризис образования и обосновывается необходимость перехода от временной цифровизации к системной трансформации. Авторы подчеркивает, что простое наличие технологий не решает проблем, а усугубляет неравенство, особенно в условиях цифрового разрыва. Особое внимание уделяется восьми стратегическим изменениям ЮНИСЕФ, Хартии публичных цифровых образовательных платформ (ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, ITU, 2026), а также роли искусственного интеллекта и этическим аспектам его внедрения. В статье представлен обзор текущего состояния цифровой экосистемы Таджикистана: платформы «Мактаб Мобайл», EMIS, Kudak.tj, LMS «Омузгорпро», а также квалификационные требования к ИКТ-компетенциям учителей. Автор выделяет позитивные изменения (прозрачность, автоматизация) и сохраняющиеся проблемы (неравенство в отдалённых регионах, кадровая подготовка, кибербезопасность). На основе анализа формулируются семь рекомендаций: совершенствование нормативной базы, обеспечение многозычности и инклюзивности, интеграция платформ, непрерывное профессиональное развитие педагогов, этичное внедрение ИИ, переход на открытые стандарты и обеспечение качества контента.

**Ключевые слова:** цифровая трансформация образования, искусственный интеллект, EMIS, EdTech, ИКТ-компетенции учителей, Таджикистан.

## THE EDUCATION SYSTEM OF TAJIKISTAN IN THE AGE OF ARTIFICIAL INTELLIGENCE: PLATFORMS, TEACHER COMPETENCE AND SUSTAINABLE DEVELOPMENT

This article analyzes the global education crisis and argues for the need to move from temporary digitalization to systemic transformation. The authors emphasize that the mere availability of technology does not solve problems but rather exacerbates inequality, particularly in the context of the digital divide. Particular attention is paid to the eight strategic changes of UNICEF, the Charter for Public Digital Educational Platforms (UNESCO, UNICEF, ITU, 2026), as well as the role of artificial intelligence and the ethical aspects of its implementation. The article provides an overview of the current state of Tajikistan's

digital ecosystem: the Maktab Mobile platform, EMIS, Kudak.tj, the Omuzgorpro LMS, and the ICT competency requirements for teachers. The author highlights positive changes (transparency, automation) and persistent challenges (inequality in remote regions, personnel training, cybersecurity). Based on the analysis, seven recommendations are formulated: improving the regulatory framework, ensuring multilingualism and inclusivity, integrating platforms, continuous professional development for teachers, ethical implementation of AI, transitioning to open standards, and ensuring content quality.

**Keywords:** Digital transformation of education, Artificial intelligence, EMIS, EdTech, ICT competencies of teachers, Tajikistan.

***Дар бораи муаллифон***

*Саъдуллозода Шаҳриёр Саъдулло*
*Номзади илмҳои техникӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон*
*E-mail: srsaidaliev@gmail.com*
*https://orcid.org/0000-0001-5801-9140*

*Раҳмонзода Аҳмадҷон Ҷамолидин*
*Номзади илмҳои техникӣ, дотсент, сардори Раёсати илм ва инноватсия Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*E-mail: a.rahmonzoda@maorif.tj*
*https://orcid.org/0000-0002-3054-5429*

*Абдулло Мамадамон Абдураҳмонбек*
*Номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи истифодабарии нақлиёти автомобилӣ*
*Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ*
*E-mail: mamadamonabdullo@gmail.com*
*https://orcid.org/0000-0002-6253-5946*

***Об авторах***

*Саъдуллозода Шахриёр Саъдулло*
*Кандидат технических наук, доцент, ректор Университета инноваций и цифровых технологий Таджикистана*
*E-mail: srsaidaliev@gmail.com*
*https://orcid.org/0000-0001-5801-9140*

*Рахмонзода Ахмаджон Джамолидин*
*Кандидат технических наук, доцент, начальник Управления науки и инновации Министерство образования и науки Республики Таджикистан*
*E-mail: a.rahmonzoda@maorif.tj*
*https://orcid.org/0000-0002-3054-5429*

*Абдулло Мамадамон Абдурахмонбек*
*Кандидат технических наук, доцент кафедры «Эксплуатация автомобильного транспорта»*
*Таджикский технический университет им. акад. М.С. Осими*
*E-mail: mamadamonabdullo@gmail.com*
*https://orcid.org/0000-0002-6253-5946*

***About the authors***

*Sadullozoda Shahriyor Sadullo*
*Candidate of Technical Sciences, Associate Professor, Rector of Tajikistan University of Innovation and Digital Technologies*
*E-mail: srsaidaliev@gmail.com*
*https://orcid.org/0000-0001-5801-9140*

*Rahmonzoda Ahmadjon Jamolidin*
*Candidate of technical sciences, associate professor, head of the Department of science and innovation*
*Ministry of education and science of the Republic of Tajikistan*
*E-mail: a.rahmonzoda@maorif.tj*
*https://orcid.org/0000-0002-3054-5429*

*Abdullo Mamadamon Abdurahmonbek*
*Candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of «Operation of road transport»*
*Tajik Technical University named after acad. M.S. Osimi*
*E-mail: mamadamonabdullo@gmail.com*
*https://orcid.org/0000-0002-6253-5946*

ТДУ 37.013:373

# МУҲИТИ ТАЪЛИМ - ОМИЛИ АСОСӢ ДАР ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

***Алиев А. Б.***
*Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар ҷаҳони муосир, ки донишу технология бо суръати баланд рушд меёбанд, низоми таълим бояд ба ин талабот мутобиқ бошад. Аз ин ҷост, ки дар соҳаи маориф дигаргуниҳо рӯз аз рӯз мушоҳида мегарданд ва бештари ҳолатҳо онро кормандони соҳа дар тағйири муносибатҳо, роҳу усулҳои таълим, бознигарии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва маводди таълим дида метавонанд. Барои далели ин гуфтаҳо яке аз вазифаҳои дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷшударо ба сифати намуна овардан мумкин аст, ки чунин қайд шудааст: « ... *Дар замони муосир дастовардҳои шахсии ҳар як шаҳрванд ба қобилияти мутобиқшавии ӯ ба дигаргуниҳо ва донишомӯзии доимии ӯ дар тӯли ҳаёт вобаста аст. Дар навбати худ соҳаи маориф бояд фазоеро муҳайё созад, ки барои рушди ин салоҳиятҳо мувофиқ бошад...*» [8, с. 2].

Агар ба як даҳсолаи охир назар андозем, низоми маорифи ҷумҳурӣ зери таъсири ислоҳот, ки самтҳои гуногуни таълиму тарбияро фаро мегирад, қарор гирифтааст. Пеш аз ҳама ислоҳот ба баланд бардоштани сифати таълим, мутобиқсозии барномаҳо ба талаботи асри XXI ва рушди салоҳиятҳои хонандагон равона шудааст, ки он боиси пайдоиши истилоҳоти нав дар соҳаи педагогӣ ва муносибатҳои муосири таълим гардиданд. Пайдоиши истилоҳҳое чун салоҳият ва босалоҳиятӣ, муносибати босалоҳият, салоҳиятҳои умумӣ (калидӣ, асосӣ), салоҳиятҳои фаннӣ, муҳити мусоиди таълиму омӯзиш ва ғайраҳо нишон медиҳад, ки маориф ба самти нав равона шудааст, яъне самте, ки дар он хонанда дар маркази раванди таълим қарор дорад. Дар масъалаи мазкур мо - як гурӯҳи муаллифон соли 2019 барои таҳияи стандарту барномаҳои фаннӣ, ки як дастури методӣ омада карда будем, ба ин нуктаҳо ишора карда будем: «*Стандартҳои давлатию фаннӣ ва барномаи таълимӣ бо назардошти эҳтиёҷоти ҷомеаи муосир ва раванди ҷаҳонишавии таҳсилот таҷдиди назар гардида, аз натиҷаҳои ниҳоии таълим, ки ба дониш нигаронида шудааст, ба ташаккули салоҳиятҳо равона мегарданд. Тамоми тағйироти бавуҷудомада ҳамчун натиҷаи афзалиятнок эътироф гардидани соҳаи маориф дар сиёсати дохилии кишвар ва таъкиди аҳаммияти он дар пешрафти иқтисод ва таъмини некуаҳволии мардум арзёбӣ гардида, рӯ овардани таҳсилот ба рушди салоҳиятҳои хонандагон ба тамоюли ҷаҳонӣ табдил гардидааст. Вобаста ба ин, муҳити таълим ва раванди омӯзиш низ тағйир ёфта, дар тамоми ҷаҳон шакл гирифтани салоҳиятҳо вобаста ба хусусиятҳо ва ҳадафҳои ҳар кишвару давлат ба назар мерасад*» [2, с. 11].

Дар заминаи он ки омӯзгор шахси калидӣ дар татбиқи ислоҳоти соҳа ба шумор меравад, дарк намудани мафҳумҳои асосӣ ва зарурати ин ислоҳот шартҳои хеле муҳим маҳсуб мешаванд. Мо низ дар яке аз дастурҳои илмӣ-методӣ, ки ба ислоҳоти низоми таълим вобаста ба гузариш ба муносибати босалоҳият равона шудааст, 36 истилоҳи калидиро шарҳ ва тавзеҳ дода, зарурати ҳар яки онҳоро таъкид карда будем: *«Ислоҳоти низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ташаккули маъноҳои нав дар бархе аз вожаҳои маъмулӣ ва пайдоиши як қатор истилоҳоти қаблан номаълум гардид. Ҳатто мутахассисон на ҳамеша дарк мекунанд, ки ин ё он калима чӣ маъно дорад, зеро барои ифодаи баъзе мафҳумҳо синонимҳои гуногун дар маврии тарҷумаҳо истифода мешаванд»* [6, с. 6].

Дар баробари муносибати босалоҳият ба муҳити мусоиди таълиму омӯзиш, ки яке аз омилҳои асосии татбиқи ислоҳоти маориф маҳсуб меёбад, аҳаммияти аввалиндараҷа дода нашудааст ва дар адабиёти илмию методӣ ва рӯзномаҳои даврӣ низ мавриди таҳқиқу омӯзиши васеъ сурат нагирифтаст. Барпо кардани муҳити таълиму омӯзиш, ки имкони фаъолиятҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ, дастрасии озод ба манбаъҳои таълимӣ, муносибати мусбат байни омӯзгору хонанда, инчунин фазои бехатар ва ҳавасмандкунандаро таъмин менамояд бояд бештар таҳлилу таҳқиқ карда шавад, зеро бе муҳити мувофиқ, татбиқи ислоҳоти соҳа, махсусан, муносибати босалоҳият наметавонад самараи дилхоҳ диҳад. Аз ин рӯ, мо дар мақолаи мазкур ба таҳқиқи робитаи байни муҳити таълиму омӯзиш ва татбиқи муносибати босалоҳият, ҳамчунин таҳлили баъзе истилоҳҳои ба ин раванд хосро мавриди омӯзиш ва

баррасӣ қарор додем, ки ба назари мо на танҳо муҳим, балки саривақтӣ мебошад. Мақолаи мазкур ба таҳлили амиқи ин робита бахшида шуда, бо такя ба таҷриба дар мавриди таҳияи "Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва истифодаи маводди таълимии курсҳои такмили ихтисос, ки дар доираи лоиҳаи "Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат" таҳия шудаанд, равона гардидааст.

Дар назари аввал истилоҳҳои «муҳит», «муҳити таълим», «муҳити омӯзиш», «фазо» оммафаҳм ва маъмулӣ ба чашм мерасанд, аммо бо вуҷуди шабоҳат ҳар яке дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Вобаста ба ин мехостем дар аввал ба шарҳи илмии ин мафҳумҳо пардохта, фарқияту умумиятҳои онҳоро бо истинод ба манбаъҳои муътамад пешниҳод намоем.

Дар илм мафҳуми «муҳит» воқеан таърифи ягона ва қатъӣ надорад, чун аз лиҳози забонӣ ба решаи калимаи «муҳит» назар андозем, пас он аз калимаи арабии محيط (муҳит) гирифта шуда, маънои «доира»-ро дорад.

Дар луғати тафсирии истилоҳоти педагогика шарҳи онро мо ҳамчун шароити иҷтимоӣ, маданӣ, иқтисодӣ ва шароитҳои табии зиндагии инсон дарёфтем: *«... Дар зери мафҳуми муҳит шароити иҷтимоӣ, маданӣ, иқтисодӣ ва шароитҳои табиии зиндагии инсон фаҳмида мешавад...»* [4, с. 175].

Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" мафҳуми муҳит ба маъноҳои иҳотакунанда, дарбаргиранда, фарогиранда, атроф, гирду пеш, шароит, муҳити зист омадааст: *«МУҲИТ а. محيط 1. иҳотакунанда, дарбаргиранда, фарогиранда. 2. атроф, гирду пеш. 3. шароит; муҳити зист табиат ва шароите, ки одам дар он зиндагӣ мекунад; 4. кит. уқёнус;баҳри бузург; баҳри муҳит уқёнус»* [11, с. 903]. Аз ин ҷост, ки дар баробари истифодаи мафҳуми «муҳит» боз як қатор истилоҳҳои дигар низ фаъолона истифода мешаванд, аз қабили «муҳити инсон», «муҳити одамон», «муҳити зист», «муҳити зиндагӣ», «атроф», « муҳити таълимӣ» ва ғайра.

Ба андешаи Ясвин Витолд Албертович муҳити таълиму таҳсилот мафҳуми ягона буда, ҳамчунин онро низоми таъсирҳо ва шароитҳо низ дарёфт намудан мумкин аст: *«Зери мафҳуми муҳити таълимӣ (ё муҳити таҳсилот) мо низоми таъсирҳо ва шароитҳоро дар назар дорем, ки ташаккули шахсиятро тибқи намунаи муайян таъмин менамоянд, инчунин маҷмуи имкониятҳои рушдеро, ки дар муҳити иҷтимоӣ ва фазои моддию ашёии атроф мавҷуданд, фаро мегиранд»* [14, с. 14]. Ва агар боз дақиқтар нигарем, пас як мафҳуми дигарро низ вомехӯрем, ки «фазо»-ро ҳам ёдовар мешавад.

Муҳит мафҳуми васеътар буда, «фазо» бошад, бештар ба ҷой ва тарҳрезии он ишора мекунад, ки муҳит дар он ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, мо фазои таълимиро ҳамчун як минтақаи хурде, ки дар он равандҳои таълимӣ баргузор мегардад, мефаҳмем. Чунин фаҳмишро С. В. Кривих хеле хуб таҷассум кардааст: *«Зери мафҳуми фазои таълимӣ мо маҷмуи падидаҳоро дар назар дорем, ки дар худ ҳамкорию таъсири мутақобилаи омилҳои гуногуни иҷтимоиро, ки дар ҳудуди муайян амал мекунанд, фаро мегирад. Дар шакли содатар, зери фазои таълимӣ ҳудуде фаҳмида мешавад, ки танҳо аз дидгоҳи таълимӣ баррасӣ мегардад»* [3, с.106 -111].

Ҳангоми таҳияи маҷмуи модулҳои таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мо ҳанӯз соли 2008 ба масъалаи муҳити таълиму омӯзиш аҳаммияти аввалиндараҷа дода, онро ҳамчун муҳити махсус ташкилкардашуда барои рушди салоҳиятҳо ва ба рушди хонанда нигаронидаро дарҷ карда будем: *«Муҳити таълимӣ ва ё омӯзишӣ аз он чизҳое, ки кӯдакро иҳота мекунад ва ба ташаккули вай таъсир мерасонад, иборат аст.*

*Муҳити таълимӣ муҳити ташкилкардашудаи махсусе, мебошад, ки ба пайдо намудани маҳорату малака ва салоҳиятнокиҳои зарурӣ равона карда шудааст» [10, с. 32]*.

Таҳлил ва муқоисаи мафҳуми муҳити таълимӣ нишон медиҳад, ки бо гузашти солҳо он ба таври мукаммал ва ифодаи васеътар шарҳу тафсир ёфтааст. Масалан, дар «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мафҳуми муҳити таълим ва омӯзиш ба таври зайл шарҳ дода шудааст: *«Муҳити таълим ва омӯзиш ин шароити мукаммали физикӣ, иҷтимоӣ ва педагогӣ мебошад, ки дар он амалӣ намудани раванди омӯзиш дар назар дошта шуда, малака ва салоҳияти омӯзгорон, инчунин муҳити физикии омӯзишро дар бар мегирад, ки дар он раванди таълим (таҳсил) сурат мегирад»* [12, с. 2]. Дар баробари шарҳи мафҳуми мазкур боз ду мафҳуми дигареро ин ҷо мушоҳида намудан мумкин аст, ки онро ҳамчун шароити мукаммали физикӣ, педагогӣ номидаанд. Дар ҳуҷҷати мавриди назар бошад, муҳити педагогӣ ва муҳити физикӣ ин ду боби мустақилро ташкил медиҳанд ва шарҳи худро низ доранд, ки дар зер меорем: *«Муҳити педагогӣ низоми махсусест барои ташкили*

*фаъолияти таълимгирандагон мувофиқи мақсадҳои педагогӣ, ки ба ташаккули муносибатҳои онҳо ба олам, одамон ва ҳамдигар нигаронида шудааст. Дар умум, муҳити педагогӣ ҳамчун маҷмуи шароитҳое, ки дар он таълим, тарбия ва рушди шахсият амалӣ мегарданд, фаҳмида мешавад.*

*Муҳити физикӣ ба фазои омӯзишӣ (аз қабили синфхонаҳо ва дигар утоқҳо барои гузаронидани раванди омӯзиш ва таълим), ки дар онҳо таълимгирандагон, омӯзгорон, мазмун ва мундариҷаи таълим, таҷҳизот ва технологияҳо дар ҳамгироӣ амал мекунанд» [12, с. 3]*.

Чӣ тавре ки дар аввал дарҷ намуда будем, ин мафҳумҳо шарҳи ягона надоранд, аммо моҳиятан онҳо ба самти умумӣ – таълим, тарбия ва рушди таълимгиранда дар шароити муайян нигаронида шуда, барои дарки ҷомеаи педагогӣ равона шудааст. Аз ин рӯ, барои татбиқ намудани моҳияти асосии бобҳои «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» модулҳои таълимӣ барои омӯзгорон таҳия карда шуд. Дар ин ҷо низ мафҳумҳои «Муҳити таълим» , «Муҳити физикӣ», «Муҳити коммуникативӣ», «Муҳити фарҳангӣ» низ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд, ки дар зер овардем:

*«**Муҳити таълим** – маҷмуи умумии фазои физикӣ, равиши педагогӣ, шароити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки дар он омӯзиш сурат мегирад.*

***Муҳити педагогӣ** – ташкили таҷрибаҳои омӯзишӣ, усулҳои таълим ва ҳамкориҳо.*

***Муҳити физикӣ** – ҷанбаҳои ҷойгиршавӣ, сохторӣ ва муҳити бинои муассиса, аз ҷумла синфхона, мебел, рӯшноӣ, ҳавотозакунӣ, тағйирпазирӣ, дастрасӣ, бароҳатӣ ва бехатарӣ.*

***Муҳити коммуникативӣ** – ҷараёни иттилоот, садо ва посух дар фазои таълимӣ.*

***Муҳити фарҳангӣ** – меъёр, расму оин, арзиш ва интизориҳои муштарак, ки рафторро ташаккул медиҳанд»* [7, с. 6].

Ба назари мо ***«муҳити таълим»*** ин низоми восита ва усулҳое, ки барои азхудкунии маводди таълим истифода мешаванд ва ***«муҳити омӯзиш»*** бошад, фазо ва шароите, ки ба рушди тафаккур, ташаббус, шуурнокӣ ва ангеза (ҳавасмандӣ) мусоидат мекунад.

Агар аз як ҷиҳат назар андозем, омӯзгор бояд мафҳумҳои асосиро донад, вале аз ҷиҳати дигар ҳамеша равшан нест, ки онҳо чӣ тавр дар фаъолияти ҳамарӯза татбиқ карда шаванд. Аз ин бармеояд, ки муҳити таълим ва раванди омӯзиш то андозае ба шахсияти омӯзгор вобаста аст. Омӯзгор бо интихоби усулҳо, муносибат ва банақшагирии фаъолияти худ метавонад муҳитро ба фазои эҷодӣ ва рушддиҳанда ё баръакс ба муҳити маҳдудкунандаи рушди хонандагон табдил диҳад. Агар омӯзгорон моҳияти масъаларо дуруст дарк карда, амал намояд, онҳо метавонанд муҳити созгори таълимиро барои рушди хонандагон бунёд намуда, салоҳиятҳои онҳоро рушд диҳанд. Ду вазъияти таълимӣ, ки дар зер оварда шудаанд, равшан нишон медиҳанд, ки чӣ гуна омӯзгор метавонад муҳити рушддиҳанда ё маҳдудкунандаро барои хонандагон фароҳам намояд.

Масалан:

• Дар як синф хонандагон озодона савол медиҳанд, фикри худро баён мекунанд ва дар муҳокима фаъолона ширкат меварзанд.

• Дар синфи дигар бошад хомӯшона супоришро интизоранд, сухани омӯзгорро такрор мекунанд ва аз иштибоҳ кардан метарсанд.

**Ин вазъиятҳо натиҷаи муҳити таълимии гуногун мебошанд.**

| | |
|---|---|
| Агар дар синф хонанда:<br>• озодона савол диҳад;<br>• аз иштибоҳ кардан наҳаросад;<br>• имкони интихоб кардани усул ва ҳамкориро дошта бошад; - он вақт эътимод пайдо шуда, ангеза меафзояд ва хонанда ба иштирокчии фаъол дар раванди таълим табдил меёбад. | Ва баръакс агар хонанда:<br>• дар мадди аввал хомӯшӣ ва интизомро риоя кунад;<br>• танҳо барои ҷавобҳои дуруст баҳо гирад;<br>• вазифаҳо барои ҳама якхеларо ҳал кунад;<br>- он вақт ҳатто кунҷковтарин хонанда низ ташаббус нишон доданро қатъ мекунад. |

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки мо бештар дар заминаи таҳаввулоти низоми таълим, ки ба муносибати босалоҳият нигаронида шудааст, танҳо дар бораи тағйири мазмуни таълим, стандарту барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ бештар таваҷҷуҳ карда, ба бознигарии амиқи муҳити таълиму омӯзиш аҳаммияти дуюминдараҷа додем. Дар асл, муҳити таълим ҳамчун муҳаррики асосии ташаккули салоҳиятҳост, зеро маҳз дар он шароити воқеии татбиқи дониш, малака ва муносибатҳо фароҳам оварда мешавад.

Муҳити таълимии муосир на танҳо фазои физикӣ, балки муҳити иҷтимоӣ, равонӣ ва педагогиро фаро мегирад, ки дар он омӯзиш ҳамчун раванди фаъол, ҳамкорона ва шахсиятсоз сурат мегирад. Дар чунин муҳит, салоҳиятҳои асоси (умумӣ, калидӣ)-и асри XXI — аз ҷумла тафаккури интиқодӣ, муошират (коммуникатсия), эҷодкорӣ, ҳамкорӣ, маҳорати омӯхтан (ё худомӯзӣ) - на омӯзонида, балки дар амал таҷриба мегарданд: «*Муҳити таълимӣ барои омӯзиши салоҳиятҳои универсалӣ бояд дорои супоришҳое бошад, ки дар онҳо хонандагон тавонанд ҳар яке аз ин салоҳиятҳоро зоҳир намоянд*» [1, с. 126].

Ба сифати далели асосӣ таҳқиқотҳои олимони хориҷиро овардан мумкин аст, ки муҳити таълим яке аз омилҳои асосӣ дар рушди салоҳиятҳои эҷодӣ ба ҳисоб меравад. Тавре ки Davies ва ҳаммуаллифонаш (2013) дар таҳлили 58 таҳқиқот нишон додаанд, муҳите, ки қобилияти эҷодии кӯдакон ва наврасонро рушд медиҳад, дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошад: *«Муҳити таълим дар рушди салоҳиятҳои эҷодкорӣ нақши муҳим мебозад. Дар асоси 58 тадқиқот як қатор хусусиятҳои муҳите ҷудо карда шуданд, ки малакаҳои эҷодии кӯдакон ва наврасонро рушд медиҳанд (Davies ва диг., 2013): 1) истифодаи чандири фазо ва вақт дар синфхона; 2) дастрасӣ ба мавод ва захираҳои зарурӣ барои офаридани натиҷаи мушахаси омӯзишӣ; 3) истифодаи бозиҳо, ки худфаъолии хонандагонро таҳрик медиҳанд; 4) муносибатҳои некбинона байни омӯзгорон ва хонандагон бо таъкид ба муколамаи созанда ва ҳамкории муштарак; 5) огоҳии омӯзгорон аз ниёзҳои хонандагон ва банақшагирии чандири таълим»* [9, с. 337].

Аз ҷумла, ба ҳамин монанд андешаро дар рисолаи доктории Мирзозода Раҳмоналӣ дидан мумкин аст, ки муҳити таълимиро ҳамчун заминаи асосии рушди фаъолияти эҷодӣ шарҳ дода, онро ба ду омил вобаста медонад: ташкили фаъолияти таълимӣ ва ҳамкории субъектҳои фаъолият: *«Муҳити таълимӣ заминаи рушди фаъолияти эҷодии донишҷӯён дар раванди омӯзиши математикаи олӣ мебошад. Он бо такя ба ду омил ташаккул меёбад: ташкили фаъолияти таълимӣ ва ҳамкории субъектҳои фаъолият»* [5, с. 55]. Мо низ ба ин андешаҳо вобаста ба аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мувофиқ ҳастем, зеро муҳити таълимро ҳамчун омили калидӣ дар ташаккули шахсияти хонандагон ва рушди фаъолияти эҷодии онҳо арзёбӣ кардан мумкин аст.

Татбиқи муносибати босалоҳият бе муҳити таълимии фаъол, фарогир ва солим ғайриимкон аст. Муҳити таълимӣ на танҳо шароити омӯзиш, балки заминаи ташаккули шахсият ва салоҳиятҳои ҳаётӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар ҳама гуна ислоҳоти соҳаи маориф, муҳити таълим бояд ҳамчун омили стратегӣ ва устувор ба назар гирифта шавад. Тасаввур намоед, ки пештар фақат аз худ кардани таърифу қоидаҳо, формулаҳо ё алгоритми иҷрои фаъолиятҳо кофӣ буд, акнун дарки маъно, баён кардани андеша, таҳлил, баҳс, таҳияи ғояҳо ва фаъолиятҳо дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ муҳимтар шудааст. Ҳамаи ин моҳияти муносибати босалоҳият дар таълим аст ва чунин муҳити таълимро танҳо омӯзгори босалоҳият фароҳам оварда метавонад.

Тибқи талаботе, ки вобаста ба муносибати босалоҳият пайдо шудааст, салоҳиятҳои асосӣ бояд дар маводди таълимӣ ва пешниҳоди супоришҳо инъикос гарданд. Масалан, дар китобҳои дарсии насли нав, аз қабили забони тоҷикӣ ва математикаи синфҳои 1 ва 5 дар чунин шакл дида мешаванд:

- саволҳои кушода, ки таҳлил ва далелҳоро талаб мекунанд;
- супоришҳо барои кори гурӯҳӣ ва муҳокима;
- унсурҳои худбаҳодиҳӣ, рефлексия ва монанди ин.

Барои он ки хонанда воқеан муқоиса, таҳлил ва баҳс карданро оғоз кунад, танҳо иваз кардани супоришҳои китоби дарсӣ кофӣ нест, балки тағйироти фаъолияти омӯзгорро низ талаб мекунад. Омӯзгор шакли дарсро муқаррар мекунад ва муҳите бунёд мекунад, ки хонанда худро иштирокчии фаъол ҳис кунад.

Имрӯз омӯзгор дарсашро бо дарназардошти хонандагони «миёна» тарҳрезӣ намекунад, ӯ медонад, ки ҳар як синф ва ҳатто ҳар як хонанда гуногун аст: баъзеҳо маводро зуд дарк мекунанд, баъзеҳо аз супориши китоби дарсӣ қаноатманданд, дигарон танҳо бо як шарҳи шифоҳии омӯзгор мефаҳманд. Вазифаи омӯзгор ин тарҳрезии супоришест, ки ҳамаи хонандагон дар иҷрои он саҳмгузоранд. Эътирофи гуногунии хонандагон имкон медиҳад, ки онҳо нерӯи худро барои иштирок равона кунанд, ҷолибият ба дарс афзояд ва эътимод ба худро баланд бардорад. Агар мо ба моҳияти гуфтаҳои боло назар андозем, пас мефаҳмем, ки ҳамаи он ифодакунандаи касбияти омӯзгор мебошанд: қобилияти интихоби усулҳо, мутобиқ сохтани фаъолияти таълимӣ ва эҷоди муҳити омӯзишие, ки хонандаро ба андеша кардан ва

иштирок водор мекунад. Барои тақвияти ин гуфтаҳо андешаи Шербакова Т.Н. хеле мувофиқ аст, ки муҳиммияти амсиласозии муҳити таълим ва фароҳам овардани шароитро барои омӯзгори муосир таъкид кардааст: *«Барои омӯзгори муосир муҳим аст, ки ҷузъҳои гуногуни муҳити таълимиро амсиласозӣ (моделсозӣ) карда тавонад ва шароитеро фароҳам созад, ки тарбия ва рушди комили хонандагонро таъмин кунад»* [13, с. 545-548].

Пас, аз таҳлили сарчашмаҳо ва маводди пешниҳодшуда чунин хулосаҳои муҳим баровардан мумкин аст. Пеш аз ҳама, ислоҳоти низоми маорифи ҷумҳурӣ ба баланд бардоштани сифати таълим ва мутобиқсозии барномаву стандартҳои фаннӣ, ки ба талаботи асри XXI равона гардидаанд. Дар ин раванд таҳқиқ ва омӯзиши муҳити таълиму омӯзиш низ бояд мавқеи баробар дошта бошад. Шарҳу тавзеҳи истилоҳҳои нав (салоҳият, муҳити таълим, муҳити омӯзиш, фазо ва ғ.) нишон медиҳад, ки дар соҳаи маориф тағйироти куллӣ сурат гирифта, вобаста ба муносибати босалоҳият хонанда дар маркази раванди таълим буданро тақозо менамояд. Дар ин замина, омӯзгор шахси калидӣ дар татбиқи ин раванд мебошад.

Тафсири муҳити таълим бо дарназардошти моҳияти васеи он дар таҷрибаи миллӣ («Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаи модулҳои такмили ихтисос,) нишон медиҳад, ки муҳит аз унсурҳои физикӣ, педагогӣ, идоракунӣ ва арзёбӣ иборат аст. Ҳарчанд муҳити таълим маҷмуи шароити иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва физикиро низ фаро мегирад, аммо мафҳуми «фазо» бештар ба ҷой ва тарҳрезии равандҳои таълимӣ ишора мекунад.

Инчунин, муҳити таълим ва раванди омӯзиш то андозае аз шахсияти омӯзгор вобаста аст: маҳз омӯзгор бо интихоби усулҳо ва муносибат ва тарзи банақшагирии фаъолияти худ метавонад муҳитро ба фазои эҷодиву рушддиҳанда ё баръакс ба муҳити маҳдудкунанда табдил диҳад. Муҳити мусоиди таълим шарти асосии татбиқи муносибати босалоҳият буда, бе он ислоҳоти соҳа самараи дилхоҳ намедиҳанд. Танҳо дар чунин муҳит салоҳиятҳои асосии асри XXI (тафаккури интиқодӣ, муошират, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ, худомӯзӣ) воқеан дар амал ба таҷриба мубадал мегарданд.

Ниҳоят, тағйир додани стандарту барномаҳои фаннӣ, таҳияи китобҳои дарсии насли нав, ки бо навъи саволҳои кушода, супоришҳои гурӯҳӣ ва унсурҳои худбаҳодиҳӣ таҳия шудаанд ва ба рушди салоҳиятҳо мусоидат мекунанд, аммо ин танҳо як ҷузъи раванди ислоҳот аст. Самаранок истифода бурдани онҳо аз фаъолияти омӯзгор вобаста аст. Омӯзгори босалоҳият метавонад муҳите фароҳам овард, ки дар он хонандагон озодона савол диҳанд, андеша кунанд, баҳс намоянд ва худро иштирокчии фаъол дар раванди таълим эҳсос кунанд.

***Адабиёт***


1. *Атлас практических решений. Поддержка и развитие «мягких» навыков в школе/ под ред. М. С. Добряковой, Е. И. Казаковой. - Издательство: «МУЛЬТИВЕЙС БИЗНЕС ГРУПП», Москва, 2023 - 249 с.*
2. *Бобизода Г., Зиёи Х., Акобиров Ш. ва дигарон. Таҳияи стандарт, барномаи таълим ва роҳнамои омӯзгор барои зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (дастури методӣ) // Бобизода Г., Зиёи Х., Акобиров Ш., Исоев К. Байзоев А. Алиев А.// – Душанбе, 2019. – 42 с.*
3. *Кривых С. В., Соотношения понятий «Среда» и «Пространство» в социокультурном и образовательном аспектах. Мир науки, культуры и образования., №2 (27) 2011. С.106 -111*
4. *Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика. Нуриддинов Г.Н., Обидов И.О., Рахимов Х. ва диг. – Душанбе "Маориф". 1988. – 305 с.*
5. *Мирзозода Р.Р. Методическая система формирования творческой деятельности студентов учреждений высшего профессионального образования в процессе обучения высшей математике в условиях кредитной системы образования [Текст]: Дисс. док. пед. наук: 13.00.08 /Мирзозода Рахмонали Раджаб. -Душанбе, 2024. – 383 с.*
6. *Мухторӣ Қ., Алиев А. ва диг. Маҷмуаи истилоҳоти педагогӣ вобаста ба ислоҳоти низоми маорифи Тоҷикистон/ Мухторӣ Қ., Алиев А. Исматов С., Товбаева М., Каримова И.Х. – Душанбе, 2024. – 123 с.*
7. *Муҳити физикии таълим ва алоқамандии он бо таҷрибаи омӯзгорон (лоиҳа), модули таълимӣ барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни география. – Душанбе -2025, 71 с.*
8. *Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 29 сентябри соли 2020, №526. - 90 с.*
9. *Универсальные компетентности и новая грамотность: от лозунгов к реальности / под ред. М. С. Добряковой, И. Д. Фрумина; при участии К. А. Баранникова, Н. Зиила, Дж. Мосс, И. М.*

*Реморенко, Я. Хаутамяки; Нац. исслед. ун-т «Высшая школа экономики». — М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2020. — 472 с.*
10. *Усулҳои таълим ва омӯзиши интерактивӣ. Дастури таълимӣ. Модули 6. Муҳити таълимӣ дар омӯзиши ба шахсият нигаронидашуда / Зери таҳрири умумии Сафин Д.В., Мусина Р.Г. - Душанбе, 2008. - 57 с.*
11. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 1 (нашри дуввум, бознашр). – Душанбе, 2018. - 996 с.*
12. *"Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 29 январи соли 2025, 2/3. – Душанбе, 2025. - 55 с.*
13. *Щербакова Т. Н. К вопросу о структуре образовательной среды учебных учреждений // Молодой ученый. — 2012. — №5. — С. 545-548.*
14. *Ясвин В.А. Образовательная среда: от моделирования к проектированию. — М.: Смысл, 2001. — 365 с.*
15. *Davies D. et al. (2013). Creative learning environments in education — A systematic literature review // Thinking Skills and Creativity. Vol. 8. P. 80–91.*

## МУҲИТИ ТАЪЛИМ – ОМИЛИ АСОСӢ ДАР ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

Мақола ба таҳлили робитаи муҳити таълим ва татбиқи муносибати босалоҳият дар низоми маорифи ҷумҳурӣ равона шудааст. Мафҳумҳои муҳит, муҳити таълим ва фазои омӯзиш бо такя ба манбаъҳои илмӣ шарҳ дода шуда, фарқият ва умумиятҳои онҳо нишон дода мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки муҳити таълим маҷмуи шароити физикӣ, педагогӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буда, дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон нақши калидӣ дорад. Таҷрибаи миллӣ, аз ҷумла «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва лоиҳаҳои модулҳои такмили ихтисос, муҳити таълимро ба унсурҳои физикӣ, педагогӣ, идоракунӣ ва боби арзёбӣ ҷудо мекунад. Ҳамчунин, дар мақола нақши омӯзгор ҳамчун шахси калидӣ дар ташкили муҳити созгори таълим таъкид шуда, бо мисолҳои воқеӣ нишон дода шудааст, ки муҳит метавонад ё ба рушди хонанда равона бошад (муҳити рушддиҳанда), ё хонандаро маҳдуд намояд (муҳити маҳдудкунанда). Бо далел аз таҳқиқотҳои байналмилалӣ низ нишон дода шудааст, ки муҳити таълим дар рушди салоҳиятҳои эҷодӣ нақши муҳим дорад. Хулосаи асосӣ он аст, ки татбиқи муносибати босалоҳият бе муҳити фаъол, фарогир ва солими таълимӣ ғайриимкон аст ва муҳити таълим бояд ҳамчун омили стратегӣ ва устувор дар ҳама ислоҳоти соҳаи маориф ба назар гирифта шавад.

**Калидвожаҳо:** муҳит, муҳити таълим, муҳити омӯзиш, фазо, салоҳиятҳо, салоҳиятҳои асосӣ (умумӣ, калидӣ), босалоҳият, муносибати босалоҳият, салоҳиятмандӣ, салоҳиятнокӣ.

## ОБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ СРЕДА – ОСНОВНОЙ ФАКТОР В РЕАЛИЗАЦИИ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА

Статья посвящена анализу взаимосвязи образовательной среды и реализации компетентностного подхода в системе образования республики. Понятия «среда», «образовательная среда» и «учебное пространство» раскрываются на основе научных источников, показываются их различия и общие черты. Автор подчеркивает, что образовательная среда представляет собой совокупность физических, педагогических, социальных и культурных условий и играет ключевую роль в формировании компетенций учащихся. Национальный опыт, включая «Национальную рамку развития образования в Республике Таджикистан» и проекты модульных программ повышения квалификации, подразделяет образовательную среду на физические, педагогические, управленческие и оценочные элементы. Кроме того, в статье акцентируется роль учителя как ключевой фигуры в организации благоприятной образовательной среды. На реальных примерах показано, что среда может быть либо ориентированной на развитие учащегося (развивающая среда), либо ограничивающей его (ограничивающая среда). На основании международных исследований также доказано, что образовательная среда играет важную роль в развитии творческих компетенций. Основной вывод заключается в том, что реализация компетентностного подхода невозможна без активной, инклюзивной и здоровой образовательной среды, которая должна рассматриваться как стратегический и устойчивый фактор во всех реформах сферы образования.

**Ключевые слова:** среда, образовательная среда, учебная среда, пространство, компетенции, основные (общие, ключевые) компетенции, компетентный, компетентностный подход, компетентность.

## EDUCATIONAL ENVIRONMENT — A KEY FACTOR IN THE IMPLEMENTATION OF THE COMPETENCE-BASED APPROACH

The article is devoted to the analysis of the relationship between the educational environment and the implementation of the competence-based approach in the national education system. The concepts of "environment," "educational environment," and "learning space" are explained with reference to scientific

sources, highlighting their differences and commonalities. The author emphasizes that the educational environment is a set of physical, pedagogical, social, and cultural conditions, playing a key role in the formation of students' competencies. National experience, including the "National Framework for Education Development in the Republic of Tajikistan" and modular professional development projects, divides the educational environment into physical, pedagogical, managerial, and evaluative components. Furthermore, the article stresses the role of the teacher as a central figure in creating a favorable educational environment. Real examples demonstrate that the environment can either be directed toward student development (a developmental environment) or restrict the learner (a limiting environment). Evidence from international research also shows that the educational environment plays an important role in fostering creative competencies. The main conclusion is that the implementation of the competence-based approach is impossible without an active, inclusive, and healthy educational environment, which must be regarded as a strategic and sustainable factor in all educational reforms.

**Keywords:** environment, educational environment, learning environment, space, competencies, core (general, key) competencies, competent, competence-based approach, competence, competency.

***Дар бораи муаллиф***
*Алиев Асрор Баҳридинович*
*Сармутахассис оид ба таҳсилоти лоиҳаи «Муҳити таълим- асоси таҳсилоти босифат»*
*Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нисормуҳаммад, 13а*
*E-mail: alievdti_74@mail.ru*

***About the author***
*Aliev Asror Bahridinovich*
*Chief Education Specialist of the project "Learning Environment – the Foundation of Quality Education"*
*Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
*734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nisormuhammad Street, 13a*
*E-mail: alievdti_74@mail.ru*

***Об авторе***
*Алиев Асрор Бахридинович*
*Главный специалист по образованию проекта «Образовательная среда — основа качественного образования»*
*Министерство образования и науки Республики Таджикистан*
*734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нисормухаммад, 13а*
*E-mail: alievdti_74@mail.ru*

ТДУ 372·3/4

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ИНКИШОФИ ДОНИШҲОИ ТАБИӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

***Шарипова М. Қ., Алимов С. Ш.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар замони муосир рушди ҷомеа, дигаргунсозии низоми маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таълим мақоми хосеро касб кардааст, ки барои баланд бардоштани сифату ташаккул додани донишҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат менамояд. Хусусияти технологияи омӯзиши донишҳои табиӣ дар раванди таълим, ин омодагии касбии омӯзгорон оид ба ноилшавии натиҷаи баланди инкишофи эҷодии шахсият ба ҳисоб меравад.

Яке аз мақсадҳои таълими фанҳои табиӣ инкишоф додани қобилияти тафаккури математикӣ, мантиқӣ ва бошуурона таҳқиқ намудани ҳодисаҳои олами воқеӣ мебошад. Истифодаи навъҳои гуногуни амсиласозиҳои ёрирасон дар раванди омӯзиши фанҳои табиӣ, ҳалли навъҳои гуногуни масъалаҳои математикӣ ва мантиқии ғайристандартӣ метавонад ба амалӣ шудани ин ҳадаф мусоидат намояд. Инчунин яке аз шароитҳои зарурӣ барои татбиқи бомуваффақияти раванди омӯзиши фанҳои табиӣ таваҷҷуҳ ба мавзуи омӯзишҳо мебошад. К. Д. Ушинский мегӯяд: “Муаллим бояд фаромӯш насозад, ки таълимот маҳрум кардани ҳар гуна манфиат ва танҳо бо қувваи маҷбурӣ, ҳатто агар он аз беҳтарин сарчашмаи муҳаббат ба муаллим бароварда шавад, бидуни дониш, омӯзиши хонандагонро мекӯшад, ки ин аз эҳтимол дур насозад” [15, с. 92].

Ҳаҷми дониши илмӣ ва техникӣ дар ҷаҳон хеле зиёд аст. Дар ин бора Н. К. Крупская чунин навиштааст: “На танҳо қувваи кӯдакон, балки ҳеҷ қувваи инсонӣ ҳам қодир нест, ки тамоми донишҳоро пурра аз худ намояд” [7, с. 24]. Н. К. Крупская рушди қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоиро дастгирӣ мекард. Ӯ бовар дошт, ки кӯдакон бояд аз синфҳои аввал ба мушоҳида кардан, риоя намудани қонунмандии падидаҳо, баровардани хулосаҳои муайян ва истифодаи усулҳои таҳқиқот одат кунанд. Ба андешаи ӯ, хонандагон бояд омӯзанд, ки ҳар як падидаеро, ки мебинанд, таҳлил ва фаҳманд.

Н. К. Крупская таъкид кардааст, ки “яке аз усулҳои муҳимми таҳқиқот ҳангоми омӯзиши асосҳои илм дар он аст, ки дар хонандагони хурдсол таваҷҷуҳи фаъол ба муҳити табиӣ бедор карда шавад. Ин раванд бо бедор намудани хоҳиши фаҳмидани зуҳуроти гирду атроф, истифодаи дониш дар амалия ва кӯшиш барои ҳалли масъалаҳои амалӣ ва назариявӣ татбиқ мегардад. Ҳамзамон, ин усул имконияти васеъ фароҳам меорад, то хонандагон тавонанд ба хулосаҳои мустақилона ва фикрҳои асоснок расанд” [7, с. 471].

Мақсади зарурияти ташаккул додани сатҳи дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз ҷониби олимон, аз ҷумла Л. С. Вигодский., Л. В. Занков., В. С. Стреказозин ва А. В. Усова асоснок карда шудааст. Дар бисёр корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимон (С. А. Березюк., А. И. Грехова., Т. Я. Ишкова., К. И. Кортушов., П. Г. Кавалёв., П. И. Медведский., М. А. Пенжиева) ва инчунин дар дастурҳои методӣ барои омӯзгорон (Н. М. Бернер., М. С. Василева., В. Е. Гмурман., В. А. Крутетский., В. Н. Мочанский., А. Ф. Мелчаков., Л. А. Осадчук) масъалаҳои ташаккули донишҳои асосӣ ва мафҳумҳо аз фанҳои география, химия, физика, биология, технология, математика ва тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ шудаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои ташаккул додани донишҳои ибтидоии фанҳои табиатшиносӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, аз ҷумла, бедор намудани шавқу ҳавас ба омӯзиши ин соҳа, танҳо дар баъзе корҳои муаллифони алоҳида мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Зарурати ташаккул додани мафҳумҳои илмҳои табиӣ ва бедор намудани таваҷҷуҳ ба онҳо дар синфҳои ибтидоӣ аз он иборат аст, ки минбаъд шакл ва усулҳои таълими хонандагони хурдсол такмил дода шуда, дар сатҳи маориф баланд бардошта шавад ва ба ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилоти таълим диққати ҷиддӣ дода шавад. Ин масъала инчунин бо он асоснок мегардад, ки дар ҷумҳурӣ оид ба ташаккул додани дониши ибтидоии илмҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва бедор намудани таваҷҷуҳи онҳо ба илмҳои табиӣ таҳқиқоти бунёдӣ кам мебошад. Илова бар ин, норасоии маводди таълимӣ барои сафарҳои омӯзишӣ, корҳои мушоҳидавӣ ва машғулиятҳои амалӣ низ ба назар мерасад. Ҳамаи ин барои

баланд бардоштани сатҳи донишҳои асосии илмҳои табиӣ, рушди тафаккури хонандагон ва фароҳам овардани имконият барои ташаккули малакаҳои зарурии амалӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Ташаккул додани донишҳои асосии илмҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва бедор намудани таваҷҷуҳи онҳо дар асоси қонунҳои пайдарҳамӣ имконият медиҳад, ки сифати азхудкунии маводди барномаи таълимӣ беҳтар гардад. Ин раванд на танҳо ба рушди таваҷҷуҳи хонандагон ба фанни мазкур мусоидат мекунад, балки шавқу ҳаваси онҳоро нисбат ба илмҳои табиӣ дар маҷмуъ низ афзоиш медиҳад. Рушди нокифояи баъзе самтҳои мушкилоти ташаккул додани дониши ибтидоии илмҳои табиӣ дар назария ва амалияи педагогӣ ба ҳалли самаранокии ин масъала таъсири манфӣ мерасонад. Бо мақсади омӯзиши омилҳои асосии ташаккул додани дониши илмҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, мо аз усулҳои гуногуни таҳқиқотӣ истифода бурдем. Аз ҷумла:

- омӯзиш ва таҳлили адабиёти педагогӣ, психологӣ ва методӣ;
- омӯзиши таҷрибаи педагогии омӯзгорон ва маводҳои марбут ба мавзуи таҳқиқот;
- таҳлили барномаҳо ва нақшаҳои корҳои беруназсинфии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ;
- мушоҳида;
- пурсиши омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ;
- гузаронидани таҷриба бо мақсади муайян кардани сатҳи дониши илмҳои табиӣ дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Бо мақсади ба даст овардани маълумоти муфассалтар оид ба вазъи ташаккул додани дониши ибтидоии фанҳои табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, инчунин дар байни омӯзгорони ин муассисаҳои таълимӣ саволнома гузаронида шуд.

Бо ин мақсад 80 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз шаҳру ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ ҷалб карда шуданд. Барои омӯзгорон чунин саволҳо интихоб гардиданд, ки таҳлили ҷавобҳои онҳо дар якҷоягӣ бо дигар усулҳои таҳқиқотӣ имкон фароҳам оварад, то вазъи воқеии масъала дар таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян карда шавад ва инчунин сабабҳои паст будани сатҳи ҳалли он ошкор карда шуд. Натиҷаҳои таҳлили ҷавобҳои омӯзгорон ба саволҳои пурсишнома, ки бо мақсади омӯзиши омилҳои асосии ташаккул додани дониши фанҳои табиӣ дар синфҳои ибтидоӣ гузаронида шудаанд.

Таҳлили саволномаҳои омӯзгорон ва натиҷаҳои иштирок дар синфҳо сатҳи пасти донишҳои ибтидоии фанҳои табииро дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҷумҳурӣ нишон доданд.

Нақши таълими илмҳои табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои баланд бардоштани дониши ибтидоии хонандагон хеле муҳим аст. Ин раванд бояд бо истифодаи шаклҳо ва усулҳои таълимӣ, ки муносибати маҷмуъро ба ҳалли мушкилот таъмин менамояд, тақвият мебахшад. Аммо, таҳқиқоти анҷомёфта нишон дод, ки дар амал усулҳои ин раванд хеле кам истифода мешаванд. Ба таври мушаххас: танҳо 42,18% аз омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ин усулҳоро истифода мебаранд; 30,00% аз омӯзгорон, умуман, истифода намекунанд; 16,14% танҳо методикаи таҳқиқотии худро истифода мебаранд ва 16,67% танҳо ба ҳадди ақал ва имкониятҳои маҳдуд ин усулҳоро татбиқ мекунанд.

Ин нишондиҳандаҳо раванд ва сатҳи истифодаи усулҳои таълими илмҳои табииро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян мекунанд, инчунин зарурати таҳия ва такмил додани усулҳои таълимиро нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, маълум шуд, ки мавқеи дониши омӯзгорон: - 58,32% омӯзгорон дониши кофӣ дар усули ташкили дониши ибтидоии фанҳои табииро надоранд, ин нишон медиҳад, ки эҳтиёҷи зиёд ба такмили касбии омӯзгорон вуҷуд дорад, бахусус дар равишҳои методологии фанҳои табиӣ.

Равишҳои методологӣ, ки омӯзгорон истифода мебаранд: ҳикоягӣ - 33,5%; баҳс - 22,5%; таҷрибаи намоишӣ - 20,5 %; таҷрибаи фароғатӣ - 14,5 %; кори бузургон - 9,5%.

Ҳамин тавр равишҳои бештар истифодашаванда ба намудҳои маълумот ва ҷалби диққати хонандагон равона шудаанд, вале ин метавонад нишондиҳандаи маҳдудият дар истифодаи усулҳои муосир бошад:

- манбаъҳои адабиёт ва забон: ҳеҷ як омӯзгорони мусоҳибшуда адабиёти илмии машҳурро истифода намебаранд, ки сабаби асосии он дар забони тоҷикӣ пурра набудани чунин адабиёт мебошад;
- 45,60% омӯзгорон барои амалисозии амалия аз адабиёти илмии кӯдакон бо забони русӣ истифода мебаранд;

- натиҷаҳои умумӣ: бисёре аз омӯзгорон ба дониши назариявӣ ва методологии фанҳои табиӣ дастрасӣ надоранд;

- забони адабиёт ва маҳдудияти онҳо дар таҳқиқоти илмӣ як монеаи ҷиддӣ барои татбиқи усулҳои муосир мебошад.

Ин нишон медиҳад, ки барои такмили сифат ва самаранокии таълим дар синфҳои ибтидоӣ, махсусан фанҳои табиӣ, бояд:

- омӯзгорро бо усулҳои нави таълимӣ омӯзонид;

- адабиёти илмиро бо забони тоҷикӣ таҳия ва дастрас намуд;

- равишҳои ҷалбкунанда ва таҷрибавиро бештар татбиқ намуд.

Ба саволи: “Аз чӣ (кӣ) вобаста аст донишҳои ибтидоии фанҳои табиӣ дар синфҳои ибтидоӣ?” аксарияти омӯзгорони мусоҳибашуда (45,60%) чунин ҷавоб доданд, ки омӯзгор бо адабиёти методӣ ва илмӣ таъмин нест ва хонандагон низ бо адабиёти илмӣ дар забони модарӣ дастрасӣ надоранд. Аз таҳлили натиҷаҳои пурсиш бармеояд, ки 32,77% омӯзгорон роҳнамо барои ташаккул додани донишҳои ибтидоии илмҳои табииро дар синфҳои ибтидоӣ надоранд ва дар 55,56% ҳолатҳо набудани адабиёти тоҷикӣ зикр шудааст.

Бояд қайд намуд, ки роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ва инчунин омӯзгорони фанҳои табиӣ ба ин масъала диққати ҷиддӣ намедиҳанд, ки ин ҳолат бо натиҷаҳои саволнома низ тасдиқ карда шудааст. Аксарияти омӯзгорон (45,60%) изҳор доштанд, ки маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва омӯзгорони фанҳои табиӣ масъалаи ташаккул додани донишҳои ибтидоиро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ вазифаи худ намеҳисобанд. Танҳо 12,50%-и омӯзгорони пурсидашуда қайд намуданд, ки омӯзгорони фанҳои табиӣ бо онҳо оид ба имконияти ташаккул додани дониши асосии илмҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ суҳбатҳо мегузаронанд. Ҳамзамон, 32,77%-и омӯзгорон гуфтанд, ки чунин суҳбатҳо танҳо дар ҷараёни баррасии мавзуъҳои муайян баргузор мегарданд. Маълум аст, ки сатҳи пасти ташаккул додани дониши ибтидоии илмҳои табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ боиси паст гардидани сатҳи донишҳои табиӣ-илмии хонандагони хурдсол мегардад. Ин ҳолат минбаъд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ низ эҳсос мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои олии ҷумҳурӣ низ ин масъаларо тасдиқ мекунанд. Дар поён натиҷаҳои таҳқиқоти байни хонандагони синфҳои IV оид ба фанни табиатшиносӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар маҷмуъ 100 нафар хонанда дар таҳқиқот иштирок намуданд.

Ба онҳо саволҳои зерин пешниҳод карда шуданд:

1. Кадом ҳодисаҳои табиӣ ба одамон зарар мерасонанд?
2. Ашёи табиӣ аз чӣ иборатанд?
3. Кадом ҳодиса ва воқеаҳоро шумо бештар донистан мехоҳед?
4. Чаро инсонро ҷузъи ҷудонашавандаи табиат ҳисоб мекунанд?
5. Ашёи табиатро номбар кунед.
6. Барои афзоиши растаниҳо кадом шароитҳо заруранд?
7. Растаниҳо дар ҳаёти инсон чӣ аҳаммият доранд?
8. Кадом растаниҳо барои истеҳсоли матоъ истифода мешаванд?
9. Чаро либоси пашмин нисбат ба либоси пахтагин гармтар аст?
10. Аз моддаҳои пӯсидаи хок чӣ ҳосил мешавад ва онҳо барои чӣ лозиманд?
11. Ба кадом навъи хок ҳаво беҳтар дохил мешавад?
12. Растаниҳо чӣ гуна ба вайроншавии ҷинсҳои кӯҳӣ таъсир мерасонанд? ....

Саволнома аз якчанд саволҳо иборат буда, бо мақсади муайян намудани дониш, шпавку ҳавас, муносибат ва сатҳи дарки хонандагон нисбат ба мавзуи таҳқиқот равона гардида буд. Аз рӯйи таҳлили натиҷаҳои саволномаи гузаронидашуда маълум гардид, ки қисми зиёди хонандагон ба мавзуи мавриди омӯзиш таваҷҷуҳи мусбат доранд. Масалан, тақрибан зиёда аз нисфи иштирокчиён изҳор намуданд, ки онҳо ба омӯзиши мавзуъ шавқи зиёд доранд. Қисми дигар қайд карданд, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ доранд, вале маълумоти онҳо пурра нест. Ҳамчунин таҳлил нишон дод, ки баъзе хонандагон дар фаҳмиши баъзе паҳлуҳои мавзуъ душворӣ доранд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки зарурати истифодаи усулҳои самараноки таълим, аз ҷумла усулҳои интерактивӣ ва машғулиятҳои амалӣ вуҷуд дорад. Натиҷаҳои бадастомада имконият медиҳанд, ки барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва шавқу ҳаваси хонандагон истифодаи роҳу усулҳои муосири таълим муҳим мебошад. Дар маҷмуъ, таҳлили саволнома нишон медиҳад, ки татбиқи тадбирҳои пешниҳодшуда метавонад барои беҳтар гардидани раванди таълим мусоидат намояд.

Дар интихоби саволҳо мо кӯшиш намудем, ки ба хонандагони хурдсол ҳамон гуна саволҳоро пешниҳод намоем, ки онҳо ҳар рӯз бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Маълумот дар бораи сатҳи дониши табиатшиносии хонандагони синфи IV низ оварда шудааст. Сарфи назар аз аҳаммияти баланди таълимӣ ва тарбиявии ташаккул додани донишҳои ибтидоии фанни табиатшиносӣ дар синфҳои ибтидоӣ, ҳалли ин масъала дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба таври кофӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Солҳои зиёд омӯзиши фаъолияти омӯзгорони фанҳои табиӣ, гузаронидани суҳбатҳо бо омӯзгорон ва хонандагон, инчунин пурсишҳо оид ба сабабҳои сатҳи на он қадар баланди донишҳои илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ нишон медиҳанд, ки як қатор омилҳои асосӣ ба ин мушкилот таъсир мерасонанд. Таҳлили ҳолати мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки методологияи ташаккул додани дониши ибтидоӣ дар соҳаи фанҳои табиатшиносии синфҳои ибтидоӣ дар сатҳи зарурӣ рушд карда истодааст. Таҷрибаи педагогӣ ва дониши бисёр омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки системаи додани маълумоти ибтидоӣ оид ба фанҳои табиӣ дар раванди дарсҳо ва дигар чорабиниҳои таълимӣ такмил ва тағйир дода шавад.

Суҳбатҳо, таҳқиқи ҳуҷҷатҳои муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ ва пурсиши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 8, 34, 70 – и ш. Душанбе; Гимназияи ба номи Асадулло Ғуломови ш. Душанбе ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 24, 53-и н. Варзоб нишон доданд, ки усулҳои ташаккул додани дониши ибтидоии илмҳои табиӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба қадри имкон истифода мешаванд. Дар натиҷа, хонандагон ба омӯзиши ин мавод ташаббус ва шавқу ҳаваси мусбат нишон медиҳанд.

Ҳ.Х. Бегимов дар рисолаи худ омили асосии ташаккули шавқу ҳавас ба илмро дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавҷудияти манфиати табиӣ дар муҳит медонад. Ӯ қайд мекунад, ки: “Таваҷҷуҳи табиӣ бояд дар асоси таҳкурсии илмӣ ташкил карда шавад”. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, муаллиф тавсия медиҳад, ки назарияи илмӣ бо объектҳои манфиати табиии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муттаҳид карда шавад. Дар ин раванд вазифаҳои сифатӣ метавонанд нақши муҳим бозанд. Мо ин нуқтаи назари муаллифро ҷонибдорӣ мекунем, зеро таҷрибаи мо нишон медиҳад, ки агар ин раванд дер оғоз шавад ташаккули шавқу ҳавас ба фанҳои табиатшиносӣ тавассути кори эҷодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хеле душвор мегардад. То синни 11–16 солагӣ кӯдакон аллакай дорои як миқдор донишҳои илмӣ мебошанд. Ин донишҳо на танҳо аз дарсҳо, балки аз курсҳои таърихи табиатшиносӣ, география, технология (санъат ва меҳнат), инчунин аз таҷрибаи шахсӣ, барномаҳои телевизионӣ ва радио, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо ба даст меоянд. Хонандагон ба ин маълумотҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд ва агар мо ин донишҳоро ҳамчун иттилооти илмии табиатшиносӣ ба низом дарорем, манфиати табиии онҳо ба самти дақиқ равона мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши хусусиятҳои равандҳои фанҳои табиӣ ва объектҳои табиат аҳаммияти муҳим дорад. Чунин муносибат ба рушди фаъолияти маърифатии кӯдак мусоидат намуда, ба интихоби соҳаи муайяни дониш ва дарки фаъолонаи фанҳои табиатшиносӣ дар синфҳои ибтидоӣ, миёна ва болоӣ замина фароҳам меорад [1, с. 73]. Муаллиф инчунин таъкид мекунад, ки дар ин раванд набояд қонунҳои тарғибу ташвиқ фаромӯш шаванд. Агар ягон мавод ё усули пешниҳодшуда барои хонандагон ҷолиб набошад, зарур аст, ки шакл ва усулҳои пешниҳоди он тағйир дода шаванд, то ки таваҷҷуҳи хонандагон нигоҳ дошта шавад.

Таблиғот бояд, пеш аз ҳама, дар экран намоиш дода шавад. Дар аввал эълон карда мешавад: “Филми нав омода мегардад, ки онро директори машҳур таҳия мекунад ва дар он ҳунармандони номдор иштирок доранд”. Сипас, хабар дода мешавад, ки ин филм, аллакай, дар як студияи бузург ба навор гирифта шуда истодааст. Баъдтар шабакаҳои телевизионӣ, аз ҷумла телевизиони Тоҷикистон (TVT), Сафина (TV Safina), Ҷаҳоннамо (Jahonamo), Баҳористон (TV Bahoriston), Илм ва Табиат, ва Душанбе HD пораҳои ҷолиби филмро намоиш медиҳанд. Дар анҷом бошад, дар як таблиғоти ботантана хабар дода мешавад, ки филме, ки дер боз интизораш буданд, ба экран мебарояд.

Дар натиҷа, тамошобинон, аллакай, муддати кӯтоҳ интизори намоиши филм мешаванд, зеро таваҷҷуҳи онҳо ба он ҷалб гардидааст. Ҳамин тавр, мо низ бояд пеш аз омӯзиши мавзуи нав хонандагони хурдсолро омода созем. Мо бо муаллиф розӣ ҳастем ва бовар дорем, ки риояи чунин муносибат таъсири мусбат мерасонад. Ин усул ба азхудкунии пурра, бошуурона ва бардавоми маводди барнома аз ҷониби мактаббачагони хурдсол мусоидат мекунад,

инчунин барои ба вуҷуд овардани рағбати устувор ба илмҳои табиӣ, ғанигардонии ҷаҳонбинӣ ва рушди фикрронии хонандагон нақши муҳим мебозад.

Ҳамин тариқ, хонандагони синфҳои ибтидоӣ имконият пайдо мекунанд, ки дониши ибтидоии илмҳои табииро ташаккул диҳанд ва ақидаҳои ба ҳам пайвастаро амалӣ созанд, ки ин ба баланд бардоштани сифати азхудкунии маводди барнома ва рушди унсурҳои фанҳои илмҳои табиӣ мусоидат мекунад.

Ғайр аз ин, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ тавсияҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

- омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд мунтазам дар раванди таълими математика ва фанҳои табиӣ барои хонандагони синфҳои I-IV ба таври амалӣ моҳияти фарзияи фанҳоро шарҳ диҳанд ва шароити ҳодисаҳои табиӣ ва равандҳои илмиро омӯзанд. Онҳо бояд семинарҳо, сайёҳатҳо ба муҳити табиӣ ва муассисаҳои дигари илмиро ташкил намоянд, то ки хонандагон ба таҷрибаҳои илмӣ дастрасӣ пайдо кунанд ва фарзияҳои омӯзиширо муайян намоянд;

- омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд гузаронидани таҷрибаву машқҳо аз фанҳои табииро дошта бошанд. Ҳамзамон, онҳо бояд тавонанд, ки маводҳои таълимӣ ва воситаҳои техникии додашударо дуруст истифода баранд, то раванди таълим самаранок ва ҷолиб бошад.

Аз рӯйи андешаи мо, равиши пешниҳодшуда ба ҳамкории зич байни омӯзгорони фанҳои табиӣ ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дошта бошад. Ҳадафи асосӣ ин аст, ки дониш ва методикаи фанҳои табиӣ аз омӯзгорони ихтисосманд ба сатҳи ибтидоӣ дуруст ва муассир интиқол дода шавад. Барои амалӣ кардани ин муносибат, шаклҳои зерин муҳим мебошанд:

- ёрии методӣ - омӯзгорони фанҳои табиӣ метавонанд ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ёрии методӣ расонанд, махсусан ҳангоми тайёр кардани унсурҳои фанҳои табиӣ дар раванди дарс. Ин маънои онро дорад, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо усулҳои дуруст ва мисолҳои дақиқ шинос мебошанд:

- иштирок дар омӯзиши фанҳои табиӣ - омӯзгорони фанҳои табиӣ метавонанд дар дарсҳои фаннӣ иштирок намоянд, то ки хонандагон саволҳои гузашта ва мушкилоти омӯзиширо бо роҳнамоиҳои иловагӣ бартараф кунанд;

- иштирок дар дарсҳои ҳамдигар - дарсҳои муштарак байни омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва фанҳои табиӣ метавонанд таҷрибаи амалӣ ва фаҳмиши амиқ ба хонандагон диҳанд. Омӯзгорони фанҳои табиӣ дар синфҳои ибтидоӣ мавзуъҳои мушаххасро омӯзанд ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз методикаи онҳо истифода баранд;

- ҷаласаи якҷояи иттиҳодияҳо - ташкил кардани ҷаласаҳои муштараки методӣ барои омодасозии дарсҳо ва баррасии таҷрибаҳо барои омӯзгорони фанҳои табиӣ ва синфҳои ибтидоӣ имконияти ҳамоҳангсозии дониш ва методиро фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, муносибати наздиктарин бояд ба ҳамкории зичи методӣ ва амалии дутарафа равона бошад: омӯзгорони фанҳои табиӣ бояд ба тарзи омӯзиши синфҳои ибтидоӣ ҳамроҳ шуда, дар таҳияи дарсҳо ва дарсҳои муштарак иштирок намоянд. Ин ҳамкории дутарафа самаранокии омӯзиши фанҳои табииро дар синфҳои ибтидоӣ баланд мебардорад.

Б. Ю. Римкявичене баъзе усулҳои таълимиро муайян мекунад, ки барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни омӯзиши фанҳои табиӣ мувофиқанд. Муҳим он аст, ки дониши фанҳои табиӣ бо барномаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мувофиқат кунад, зеро мазмун ва моҳияти он дар ҳар як муассисаи таълимӣ хеле гуногун аст. Муаллиф таъкид мекунад, ки ҳангоми омӯзиш, фаъолияти омӯзиши усулҳои таҳсил талаб карда мешавад. Умуман, усулҳои таълим, ки барои омӯзиши фанҳои табиӣ мувофиқанд, ба чунин фаъолиятҳо асос ёфтаанд: интихоби мавзуъ, омӯзиши хусусиятҳои давлат ва объектҳо, тасвир кардани онҳо, гурӯҳбандӣ ва муқоисаи объектҳои омӯхташуда мебошад. Дар баробари ин, муаллиф ба як мушкилоти муҳим таъкид мекунад: “Вақте ки муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ хонандагонро бо донишҳои табиӣ шинос мекунанд, аксар вақт дарсҳо асосан ба усулҳои таълимии шифоҳӣ ва фаъолияти омӯзиши омӯзгор равона мешаванд. Ин метавонад боиси норасоии фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ гардад ва ҳамзамон дониши кофии усулҳои омӯзишро, ки ба сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагон таъсир мерасонад, таъмин наменамояд” [12, с. 9-21].

Таҳлили таҷрибаҳои омӯзгорон нишон медиҳад, ки аксарияти онҳо, ки ба пажӯҳишгоҳҳои ибтидоӣ марбутанд, ба усулҳои таълимии назариявӣ асос меёбанд ва ба усулҳои амалӣ камтар таваҷҷуҳ менамоянд. Ин боиси он мешавад, ки хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ, миёна ва болоӣ дониши кофӣ аз равандҳои табиӣ ва малакаҳои амалӣ надоранд. Яке аз роҳҳои ҳаллу фасли ин мушкилот ҷорӣ кардани таҷрибаҳои элементарии

фанҳои табиӣ, аз ҷумла физика, дар синфҳои ибтидоӣ мебошад. Дар ин замина, мо метавонем якчанд таҷрибаҳои одии физикӣ пешниҳод намоем, ки омӯзгорони фанҳои табиӣ метавонанд онҳоро барои тақвияти дониши амалии хонандагон истифода баранд.

Н. А. Погорелова дар рисолаи худ қайд мекунад, ки масъалаи ташаккули таваҷҷуҳи маърифатӣ ба табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун асоси фарзияи шавқовар муҳим аст. Вай таъкид мекунад, ки ин таваҷҷуҳро метавон тавассути омӯзиши таърихи илми табиат дар синфҳои ибтидоӣ ба даст овард [11, с. 34]. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, нақши таърихи илми табиат дар маориф ва тарбияи хонандагони хурдсол маҳдуд ба мавзуи “Таърихи илмҳои табиат” нест. Ин мавод метавонад ба таври васеъ дар тамоми фанҳои синфҳои ибтидоӣ истифода шавад, зеро он барои пурзӯр кардани вазифаи рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва ташаккул додани дониши диалектикаи маводҳои табиат мусоидат менамояд. Ин омӯзиш дорои таъсири назаррас ба муносибати хонандагон ба дин ва табиат буда, ба онҳо кӯмак мекунад, ки муносибати худро ба хусусиятҳои табиӣ дуруст ва боэътимод муайян намоянд.

А. В. Самсонова қайд мекунад, ки раванди ташаккул додани дониши аввали физикӣ аллакай дар синни томактабӣ оғоз меёбад. Аз хурдсолӣ кӯдак бо мафҳумҳои асосии физика, ба монанди ҳаракат, суръат, қувва, нерӯи барқ, фазо ва ҳатто радиою кайҳон шинос мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки омӯзиши физика дар ин синну сол бештар тавассути бозичаҳо ва бозиҳо амалӣ мешавад, ки ба кӯдак имконият медиҳад, раванди ҳодисаҳои физикӣ ва таъсири онҳоро мустақилона мушоҳида ва таҷриба кунад. Дар синфҳои ибтидоӣ, асосӣ ва миёнаи умумӣ (МТМУ), дониши хонандагон дар бораи ҷисмҳои физикӣ ва равандҳои онҳо васеъ мешавад. Ҳамин тавр, хонандагон бо мафҳумҳои бештар мураккаб, ба монанди вазн, густариши гармӣ, бухоршавӣ, интиқоли гармӣ ва дигар хусусиятҳои ҷисмҳо ва моддаҳо шинос мешаванд [13, с. 36]. Бо такя ба ин нуқтаҳо ва таҷрибаи муаллифон, метавон таъкид кард, ки дарки хонандагон аз ин мафҳумҳо на ҳамеша ҳамаи хусусиятҳои асосӣ ва пайвасти амиқи онҳоро фаро мегирад. Ҳатто барои рушди минбаъдаи дониш ва эътиқод ба илми физика, иштироки омӯзгори физика ва роҳнамоии ӯ хеле муҳим аст. Яъне, танҳо шиносоӣ бо унсурҳои физикӣ тавассути бозича ва таҷриба кофӣ нест, омӯзгор бояд равандҳоро ба таври амиқ, пайваста ва бо истифодаи мисолҳои ҳаётӣ фаҳмонад. Дар натиҷа, барои рушди дониши физикӣ ва ташаккули тафаккури илмӣ дар кӯдакон ва хонандагон зарур аст, ки: мафҳумҳои асосӣ ба тарзи дастрас ва бо намунаҳои амалӣ пешниҳод карда шаванд. Пайвасти байни равандҳои физикӣ ва таҷрибаи ҳаётӣ барои хонандагон равшан карда шавад. Роҳнамоии омӯзгор дар фаҳмидани хусусиятҳои мураккаби физикӣ ва дарки амиқашон барои рушди минбаъдаи таҳсилоти илмӣ таъмин карда шавад.

Х. Сафаров менависад, ки дар мактаби худ кӯшиш мекунем ба хонандагон ҳар чӣ зудтар фаҳмиш доир ба физика диҳем ва барои бедор кардани ҳавасмандии онҳо ба омӯзиши ҳодисаҳои физикӣ маълумот пешниҳод намоем [14, с. 8]. Ю. И. Дик., В. А. Орлов., Л. В. Тарасов дар фарзияи таълими ҷисмонии мактаб, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ шудааст, се марҳиларо пешниҳод мекунанд. Дар марҳилаи якум (синфҳои I-IV) хонандагон бо фаҳмишҳои асосии физикӣ ва ҳолатҳо дар чаҳорчӯбаи ҷараёни муттаҳидии табиати дониш машғул мешаванд. Ин курсҳои омӯзиш ду вазифаи асосиро ҳал мекунанд: аввал, ташвиқ кардани хонандагон ба омӯзиши физика ва дуюм фароҳам овардани замина барои таҳкими анъанаҳои донишҷӯён дар илмҳои табиӣ. Бо назардошти ин,

Б. Мирзоев., Т. П. Деусова., О. Д. Кавашкина., Ҳ. Х. Худоярзода., Ҷ. Х. Раҳимов ва дигарон таъкид менамоянд, ки “омӯзиши фаъолият, бозӣ ва фаъолиятҳои асосӣ дар ҷараёни таълим ба хонандагон имконият медиҳад, ки дониш, малакаю маҳорат ва таҷрибаи ҳаётиро инкишоф диҳанд ва омӯхтани онҳоро тақвият бахшанд”. Аз ин нуқтаи назар, таълими физика бояд бо равиши амалии интерактивӣ (*истилоҳи интерактивӣ аз калимаи англисии “interactive” гирифта шуда, маънояш чизе, ки байни одам ва система ҳамкорӣ ва муоширати фаъол дорад, яъне ҳар ду тараф ба ҳамдигар таъсир мерасонанд*) ва ҷалбкунандаи хонандагон ҳамоҳанг карда шавад.

Ба назари мо, хонандагони хурдсол эҳсоси ниёз ба бозии фаъол ва шавқоварро таҷриба мекунанд, ки ҳадафи он на танҳо фароғат, балки рушди педагогӣ ва омӯзиширо низ таъмин менамояд. Истифодаи иншоотҳои бозӣ, бо дарназардошти манфиатҳои кӯдакон ва ҳавасмандии калонсолон, ба рушди шахсӣ мусоидат менамояд. Хусусан, кӯдак дар раванди бозӣ шавқу ҳавас барои муошират, омӯзиш ва дигар фаъолиятҳои берун аз муҳити таълимиро пайдо мекунад. Дар ҳамин замина, бозӣ ба кӯдак имконият медиҳад, ки худро дар

ҳаёти ҷамъиятӣ таҷриба кунад, далелҳо ва ҳодисаҳои навро омӯзад, инчунин қобилият ва таҷрибаҳои худро инкишоф диҳад.

Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти психологӣ, педагогӣ, методӣ ва таҷрибаи даврии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконият фароҳам меорад, ки хулосаҳои зерин гирифта шаванд:

а) ташкили дониши ибтидоии илмҳои табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ рӯз то рӯз зиёд мешавад. Ин раванд бояд дар корҳои таълимию тарбиявии ҳар як муассисаи таълимӣ ба нақша гирифта шуда, ба ҳар як омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, хусусан омӯзгорони фанҳои табиӣ, математика ва технология ворид карда шавад;

б) масъалаи ташаккул додани дониши ибтидоии илмҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ то ҳол ба таври васеъ мавриди тафтишоти махсус қарор нагирифтааст. Бо вуҷуди ин, ҳалли он ва идомаи раванди омӯзиш имкон медиҳад, ки сифати азхудкунии маводҳои барномаи таълимӣ дар синфҳои поёнӣ ва болоӣ беҳтар шуда, ба рушди омӯзиши фанҳои табиӣ мусоидат кунад;

в) дар мақолаҳои илмӣ-методӣ, мақолаҳои педагогӣ-психологӣ, маҷаллаҳои илмӣ-методӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ олимон қайд кардаанд, ки мушкилоти асосии муаллифон дар таҳлили ташаккул додани дониши ибтидоии илмҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ қарор дорад. Ин масъалаҳо алоҳида ҳал мешаванд, аммо системаи ягона ва мунтазам барои омӯзиши дониши ибтидоии илмҳои табиӣ ҳанӯз вуҷуд надорад.

Таҳлили адабиётҳои илмӣ-методӣ ва таҷрибаи кории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нишон медиҳанд, ки ҳоло дар ташаккул додани дониши ибтидоии илмҳои табиӣ ва дар рушди майлу рағбати хонандагони хурдсол ба омӯзиши фанҳои табиӣ дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ диққати кофӣ дода намешавад. Роҳу усулҳо ва истифодаи донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳо, инчунин ташаккули шавқу ҳавас ба фанҳои табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бояд аниқ муайян шуда, методҳои истифодаи онҳо дар машғулиятҳои беруназсинфӣ пурра коркард ва такмил дода шаванд.

Хулоса, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ метавонанд шавқу ҳаваси хонандагонро ба фанҳои табиӣ ба роҳ монанд, агар ҷараёни дарсро бо машғулиятҳои робитаи байнифаннӣ ташкил кунанд, машғулиятҳои амалӣ аз математика ва табиатшиносӣ гузаронанд, корҳои берунисинфӣ дар соҳаи технологияҳои амалӣ ба роҳ монанд ва истифодаи маводҳои математикӣ барои омӯзиши синфҳоро васеъ созанд.

***Адабиёт***


1. *Бегимов, Х.Х. Дидактические основы формирования элементарных знаний по естественным дисциплинам у учащихся начальных классов / Бегимов Х.Х. // Дис…. канд. пед. наук. – Душанбе: 2010. - 207 с.*
2. *Выготский, Л.С. Мышление и обучение / Л.С. Выготский. – М.: Педагогика, 1984. – 212 с.*
3. *Выготский, Л.С. Познание и социальная деятельность / Л.С. Выготский. – М.: Педагогика, 1986. – 210 с.*
4. *Давыдов, В.В. Педагогика начального образования / В.В. Давыдов. – М.: Просвещение, 1988. – 240 с.*
5. *Ибрагимов, Ш.А. Методика преподавания естественных наук в начальной школе / Ш.А. Ибрагимов. – Ташкент, 2000. – 180 с.*
6. *Кожевников, А.А. Методика преподавания естественных наук детям / А.А. Кожевников. – М.: Просвещение, 1992. – 200 с.*
7. *Крупская Н.К. Педагогические сочинения в 6-ти томах. / Под ред. А.М. Арсеньева и др. / Н.К. Крупская. - М.: Педагогика. Т.6. 1980. - 511 с.*
8. *Лернер, А.И. Педагогика: основы и теории / А.И. Лернер. – М.: Просвещение, 1990. – 256 с.*
9. *Минаева, Г.С. Методика изучения природоведения и биологии в начальной школе / Г.С. Минаева. – М.: Просвещение, 1995. – 192 с.*
10. *Пиаже, Ж. Психология интеллектуального развития / Ж. Пиаже. – М.: Прогресс, 1976. – 320 с.*
11. *Погорелова Н.А. Формирование познавательных инте- ресов младших школьников в процессе изучения природо- ведения во 2 классе. Учебное пособие / Н.А. Погорелова. – Свердловск, 1983.-56 с.*
12. *Римкявичене Б.Ю. Формирование приёмов учебной работы как средство усовершенствования знаний о природе младших школьников: / Б.Ю. Римкявичене // Автореф. дисс…. канд. пед. наук. – Вильнюс, 1979. - 23 с.*
13. *Самсонова А.В. К вопросу о преемственности изучения физики в VI–VII классах и элементов физики в младших классах / А.В. Самсонова. // Физика в школе, 1967. №6 - С. 36-38.*

14. *Сафаров, Х. Пропедевтическая работа с младшими школьниками / Х. Сафаров // Физика в школе, 1990. №6, - С. 18.*
15. *Ушинский, К.Д. Избранные педагогические произведения / К.Д. Ушинский. - М.: Просвещение, 1968. - 557 с.*
16. *Эльконин, Д. Психология ребенка и обучение / Д. Эльконин. – М.: Педагогика, 1989. – 224 с.*

## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ИНКИШОФИ ДОНИШҲОИ ТАБИӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Дар мақолаи мазкур асосҳои педагогии инкишофи донишҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Омӯзиши фанҳои табиӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз мақсадҳои таълими фанҳои табиӣ инкишоф додани қобилияти тафаккури математикӣ, мантиқӣ ва бошуурона таҳқиқ намудани ҳодисаҳои олами воқеӣ мебошад. Истифодаи навъҳои гуногуни амсиласозиҳои ёрирасон дар раванди омӯзиши фанҳои табиӣ, ҳалли навъҳои гуногуни масъалаҳои математикӣ ва мантиқии ғайристандартӣ метавонад ба амалӣ шудани ин ҳадаф мусоидат намояд. Ташаккул додани мафҳумҳои илмҳои табиӣ ва бедор намудани таваҷҷуҳ ба онҳо дар синфҳои ибтидоӣ аз он иборат аст, ки минбаъд шакл ва усулҳои таълими хонандагон такмил, дар сатҳи маориф баланд бардошта ва ба ҳалли ҳаматарафаи мушкилоти таълим диққати ҷиддӣ дода шавад. Ин масъала бо он асоснок мегардад, ки дар ҷумҳурӣ оид ба ташаккул додани дониши ибтидоии илмҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва бедор намудани таваҷҷуҳи онҳо ба илмҳои табиӣ таҳқиқоти бунёдӣ кам мебошад. Илова бар ин, норасоии маводди таълимӣ барои усулҳои омӯзишӣ, корҳои мушоҳидавӣ ва машғулиятҳои амалӣ низ ба назар мерасад. Ҳамаи ин барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои асосии илмҳои табиӣ, рушди тафаккури хонандагон ва фароҳам овардани имконият барои ташаккули малакаҳои зарурии амалӣ ҳангоми омӯхтани фанҳои табиӣ тасаввуротҳои аввалин ҳосил мекунанд, ки ин барои пайдо шудани шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯзиши фанҳои табиӣ ба омӯзгорон шароити мусоид фароҳам меорад.

**Калидвожаҳо:** таҳсилот, таълим, тарбия, дониш, малака, маҳорат, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ ЗНАНИЙ У УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

В данной статье анализируются и обсуждаются педагогические основы развития естественнонаучных знаний у учащихся начальной школы. Обучение естественным наукам учащихся начальной школы является одним из важнейших вопросов. Стоит отметить, что одной из целей обучения естественным наукам является развитие способности к математическому, логическому мышлению и сознательному исследованию явлений реального мира. В достижении этой цели может способствовать использование различных видов вспомогательного моделирования в процессе изучения естественных наук, решение различных видов нестандартных математических и логических задач. Формирование понятий естественных наук и пробуждение интереса к ним у учащихся начальной школы требует дальнейшего совершенствования форм и методов обучения учащихся, повышения уровня образования и серьезного внимания к комплексному решению образовательных проблем. Обоснованность этого вопроса обусловлена тем, что в республике мало фундаментальных исследований по формированию базовых знаний естественных наук у учащихся начальной школы и пробуждению у них интереса к естественным наукам. Кроме того, наблюдается недостаток учебных материалов по методике преподавания, наблюдательной работе и практическим упражнениям. Всё это необходимо для повышения уровня базовых знаний в области естественных наук, развития мышления учащихся и создания возможностей для формирования необходимых практических навыков при изучении естественных наук, что создаёт благоприятные условия для учителей в пробуждении интереса учащихся к изучению естественных наук.

**Ключевые слова**: образование, преподавание, воспитание, знания, навыки, способности, учащиеся начальной школы, учителя начальной школы, общеобразовательные учреждения.

## PEDAGOGICAL PRINCIPLES FOR THE DEVELOPMENT OF NATURAL KNOWLEDGE IN PRIMARY SCHOOL STUDENTS OF GENERAL EDUCATION INSTITUTIONS

This article analyzes and discusses the pedagogical foundations for developing natural science knowledge in primary school students. Teaching natural science to primary school students is a critical issue. It is worth noting that one of the goals of teaching natural science is to develop the ability to think mathematically, logically, and consciously explore real-world phenomena. The use of various types of auxiliary modeling in the study of natural sciences and the solution of various types of non-standard mathematical and logical problems can contribute to achieving this goal. Developing natural science concepts and fostering interest in them in primary school students requires further improvement of the forms and methods of teaching students, raising the level of education, and serious attention to comprehensive solutions to educational problems. This issue is justified by the fact that in the Republic, there is little

fundamental research on developing basic knowledge of natural science in primary school students and awakening their interest in the natural sciences. Furthermore, there is a lack of educational materials on teaching methods, observational work, and practical exercises. All of this is necessary to enhance basic knowledge in the natural sciences, develop students' thinking, and create opportunities to develop essential practical skills in the study of natural sciences. This creates favorable conditions for teachers to awaken students' interest in studying natural sciences.

**Keywords**: education, teaching, upbringing, knowledge, skills, abilities, elementary school students, elementary school teachers, general education institutions.

***Дар бораи муаллифон***

*Шарипова Мавлуда Қадридиновна*
*Унвончӯи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: sharipovamavluda79@gmail.com*

*Алимов Сироҷидин Шералиевич*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими химия*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: jmavluda@inbox.ru*

***Об авторах***

*Шарипова Мавлуда Кадридиновна*
*Соискатель кафедры методики начального образования*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: sharipovamavluda79@gmail.com*

*Алимов Сироджидин Шералиевич*
*Кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания химии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: jmavluda@inbox.ru*

***About the authors***

*Sharipova Mavluda Kadridinovna*
*Applicant of the Department of Methodology of Primary Education*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: saripovamavluda79@gmail.com*

*Alimov Sirodjidin Sheralievich*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Department of Chemistry Teaching Methods*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: jmavluda@inbox.ru*

ТДУ 37.025 (075.8)

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

***Табаров Д. Д., Ҷумаева М.***
*Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъииДонишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

**Муқаддима.** Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки яке аз муҳимтарин ҳадафҳои таҳсилот дар замони муосир, таъмини иҷтимоишавии муваффақонаи кӯдак ба ҷомеа ва ташаккули муносибати эҷодкорона ба фаъолияти ҳамарӯзааш мебошад. Яке аз ҳадафҳои аҳаммиятноки низоми таҳсилоти муосир дар раванди таълиму тарбия дар синфҳои ибтидоӣ, ин ташаккули шахсияти эҷодкор ба шумор меравад. Ин тақозо менамояд, ки ба хонандагони хурдсол эҷодкорӣ омӯзонида шавад, яъне ба онҳо маҳорат ва малакаҳои дарки зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳои таълимӣ тарбиявӣ бо мақсадҳои худмуайянкунии самти фаъолияташон ташаккул дода шавад. Ақидаҳои педагогӣ – психологии муосир дар самти ташаккули тафаккури хонандагони хурдсол таъкид менамоянд, ки дар кӯдакон на танҳо донишҳои аз ҷиҳати мантиқӣ дуруст, балки боз тасаввуротҳое ташаккул дода шаванд, ки онҳоро ба фаъолияти ҷӯяндагӣ ва эҷодкорӣ раҳнамун сохта метавонанд. Ҳамчунин педагогикаи муосир масъалаи ташаккули қобилиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоиро муҳим шуморида, нақши онро дар ташаккули шахсияти кӯдак баланд арзёбӣ менамояд. Қобилият барои шахс аз он сабаб зарур аст, ки дар шинохт ва ошкорсозии имкониятҳои ирсиаш нақши муҳимро иҷро менамояд. Ҳатто як сифати шахсиятро номбар кардан душвор аст, ки бе доштани қобилият инкишоф ёфта тавонад. Хусусият ва сифатҳои психологии шахсии кӯдакон дар раванди таълим, тарбия ва фаъолият ҳадафмандона ташаккул меёбанд. Синни таҳсилоти ибтидоӣ барои ташаккули маҳорату малакаҳо ва дар маҷмуъ салоҳиятҳои эҷодӣ давраи мусоидтарин ба шумор меравад. Зеро дар ин давраи инкишоф кӯдакон ба фаъолияти маърифатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд. Дар ин давра қобилиятҳои эҷодкорона ҷустуҷӯй намудани донишҳо дар зери таъсири кунҷкобӣ ва хоҳиши амиқтар азхуд кардани ашёи мавриди таҳқиқашон қароргирифта сурат гирифта, аксар вақт бо муқоиса, муҳокима ва хулосабарориҳо меанҷомад.

**Мавод ва усулҳои тадқиқот.** Маҳз ташаккул додани салоҳиятҳои эҷодии хонандагони хурдсол муносибати фаъоли ӯро ба объекти омӯзиш таъмин намуда, минбаъд ба муайянкунандаи самти инкишоф ва сатҳи қобилиятҳои эҷодии ӯ табдил меёбад. Бинобар ин инкишоф додани қобилияти эҷодии ҳар як хонандаи хурдсол аз вазифаҳои асосии мактаби муосир ба шумор меравад.

Муҳаққиқон С.Б. Бобоева ва А.А. Собирова масъалаи дар сохтори шахсият аз мавқеи равонӣ баррасӣ намуда чунин менависанд: «…эҷодиёт дар психологияи муосир яке аз проблемаҳои калидӣ маҳсуб меёбад ва дар он аксарияти масъалаҳои асосии соҳаҳои психология – психологияи шахсият, психологияи фаъолият, психологияи педагогӣ ва монанди инҳо инъикос гаштааст. Дар ҷараёни эҷодиёт равандҳои маърифатӣ: эҳсос, идрок, хотир, тафаккур, нутқ, диққат, тасаввурот, хаёл ки шарти муҳимтарини ташаккули зеҳнии шахс дониста шудаанд, ба таври махсус татбиқ мегарданд» [1, с. 227].

Масъалаи ташаккул ва инкишоф додани салоҳиятҳои эҷодии хонандагони хурдсол солҳои охир диққати олимон-муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илмӣ, ба мисли фалсафа, педагогика, психология, забоншиносӣ ва ғайраро ба худ ҷалб карда истода бошад ҳам он дар илми педагогика зуҳуроти нав нест. Педагог ва психологҳо Л.И. Айдарова, Л.С. Виготский, Л.В. Занков, В.В. Давидов, З.И. Калмикова, В.А. Крутетский, Д.Б. Элконин аҳаммияти фаъолиятҳои махсус ташкилгардидаи таълимӣ- тарбиявиро дар самти ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагони хурдсол махсус таъкид мекунанд.

Омӯзиш ва баррасии мушкилоти қобилият ва тафаккури эҷодӣ аз тарафи олимони равоншинос Б.М. Теплов, С.Л. Рубинштейн, В.Г. Ананев, В. Крутетский, А.Г. Ковалев, К. Платонов, А.М. Матюшкин, В. Шадриков, Ю.Д. Бабаева, В.Н. Дружинин, И. Илёсов, В. Юркевич бо таври густурда сурат гирифта будааст. Вале барои муайян кардани он ки кадом намудҳои равандҳои маърифатӣ барои рушди салоҳият ва қобилиятҳои эҷодии хонандагони хурдсол мусоид аст, мо бештар ба ақидаҳои В.В. Давидов, Л.В. Занков, В.В. Краевский, И.Я. Лернер, М.Н. Скаткин ва Д.Б. Элконин такя намудем. Онҳо қайд менамоянд, ки дар шароити чун сел боридани ахбор ба сари кӯдак, имкониятҳои инкишоф ва фаъол гардондани

тахайюлот ва тафаккури эҷодии кӯдакон, ки барои ташаккули салоҳиятҳои эҷодии кӯдакон чун замина хидмат менамояд фаровон гардида, аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Нуқтаи назари И. Лернер ба назар хеле ҳам ҷолиб менамояд, зеро мушохидаҳои педагогии мо дар литсейи ДДОТ ба номи С. Айнӣ нишон медиҳанд, ки дар синфҳои ибтидоӣ азхудкунии ҳақиқии ягон фан бе тахайюлоти фаъоли эҷодӣ, бе тасаввур кардани он чизе, ки муаллим нақл мекунад ва ё дар китоб расми он дарҷ гардидааст имконнопазир аст. Ин моро вазифадор менамояд, ки ҳамчун омӯзгор ба кӯдакон дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ кӯмак расонем, то ин ки бо чашми пӯшида нақлро шунида мазмуни онро дарк намуда, ҳатто ҷузиёти гуногуни онро эҳсос карда тавонанд. Яъне бояд онҳо дарк намоянд, ки манбаи дарки эҷодкорӣ хотира ба шумор рафта, сарчашмаи интиқоли эҷодкорӣ сухан мебошад. Бояд шароитеро муҳайё намуд, ки онҳо орзу кунанд ва муҳимтар аз ҳама, тафаккури эҷодкорӣ ва тахайюли эҷодиашон ташаккул ёбад. Системаи кор оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён дар шакли намуна пешниҳод карда шудааст. Аҳаммиятнокии тоза пайдо кардани он дар солҳои охир ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаи инсонӣ ба шахсиятҳои фаъоле ба шумор меравад, ки дар шароити номуайян дониши ҷамъкардаи худро эҷодкорона такмил дода, қодиранд баробари ба миён омадани мушкилоти нав, роҳҳои баландсифати ҳалли онҳоро дарёбанд.

В.Н. Дружинина ба ақидаи А.Н. Лук такя намуда менависад: «қобилият ва истеъдоди эҷодӣ гарави шукуфоии иқтисодӣ ва воситаи баланд бардоштани эътибори миллӣ» ба шумор меравад [3, с. 89]. Чи хеле ки И. Ш. Мавлонов қайд менамояд «масъалаҳои эҷодӣ на танҳо қобилияти хонандагонро ба татбиқ намудани дониш дар шароитҳои нав ташаккул медиҳанд, балки барои таълими политехникӣ ва ташаккулёбии ҷаҳонбинии диалектикӣ-материалистии хонандагон имкониятҳои хуб фароҳам меоранд» [5, с. 140]. Т.А. Саидхоҷаева чунин меҳисобад, ки қобилиятҳои эҷодии хонандагон дар заминаи амалиётҳои пуршиддати фикрие ташаккул меёбанд, ки бо ба миён овардани ҳолати проблемавӣ дар дарс сурат мегиранд. Ба ақидаи муҳаққиқ таълими проблемавӣ аз омилҳои асосии ташаккули эҷодкории шогирдон ба шумор меравад [11, с. 134].

Мафҳумҳои “эҷод” ва “эҷодиёт” дар фарҳанги забони тоҷикӣ дар шакли зер шарҳ дода шудааст: “ба вуҷуд овардан”, “пайдо кардан”, “офаридан ” [1, с. 623]. Яъне эҷодиёт ин офариниш буда дар тамоми паҳлӯҳои ҳаёту фаъолияти шахс мушоҳида мешавад.

Ҳар гуна фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ аз шахсияти хонандаи хурдсол доштани сифатҳои мушаххасеро талаб мекунад, ки ба ӯ имкон медиҳанд сатҳи муайяни муваффақиятҳоро ноил гардад. Илми психология ин хислатхои равонии фардро ҳамчун кобилияти шахсият тавсиф менамоянд, ки хусусиятит инфиродӣ доранд. Аз ин мавқеъ гуфтан мумкин аст, ки кобилият на дар сохтори дониш, маҳорат ва малакаҳои ҳосилшуда, балки дар суръати азхудкунии онҳо зуҳур ёфта, дар то чи андоза зуд ва осон иҷро намудани фаъолияти мушаххас зоҳир мегардад. Муваффақона сурат гирифтани фаъолият ва сатҳи ноил гардидан ба муваффақият аз кобилият вобаста аст.

Равоншиноси маъруф А.В. Морозов бар ин назар аст, ки хусусиятҳои инкишофи равонии хонандаи хурдсол пурра аз рӯи сифати таълим ва тарбия дар оила ва муассисаи таълимӣ муайян карда мешавад [7, с. 235].

Қобилияти эҷодии хонандагони хурдсол бо истеъдоди онҳо низ дар алоқамандии зич қарор дорад. Истеъдодро аксари муҳаққиқон сатҳи баланди инкишофи қобилиятҳои махсус тавсиф менамоянд. Истеъдод аксар вақт ирсӣ буда мисли қобилиятҳо дар фаъолият ошкор ва инкишоф меёбад. Фаъолияти шахси боистеъдод бо навоварии эҷодокорна фарқ мекунад.

Д. С. Рамазонов нақши бозиро дар ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагони хуурдсол муҳим шуморида ,мафҳуми қобилияти эҷодиро чунин тавсиф менамояд: «Қобилияти эҷодӣ чунин намуди қобилият аст, ки он мутаалиқ ба тафаккури эҷодӣ буда, дар бунёд ва азнавсозии арзишҳои моддию маънавӣ зоҳир мегардад ва минбаъд такмил меёбад» [9, с. 7]. Р. Д. Маннонова ва Н. Д. Бобоҷонова низ дар ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон фаъолиятҳои бадеиро муассир арзёбӣ менамоянд [6, с. 245-251].

Дараҷаи баландтарини инкишофи қобилиятҳоро, ки дар самараи иҷрои амалҳо ифода меёбад иҷрои аълосифатӣ(гениалӣ) фаъолият меноманд. Иҷрои аълосифати амалҳо, ки ба истеъдоди нобиға хос буда бо фаъолияти эҷодӣ мепайвандад ба комёбиҳои фавкулодда дар соҳаҳои гуногуни фаъолият оварда мерасонад. Сатҳи инкишофи инкишофи қобилиятҳои эҷодии хонандагони хурдсолро дар фаъолияти онҳо муайян кардан мумкин аст, зеро ки қобилияти эҷодии инсон тавассути фаъолият инкишоф меёбад.

Ба гуфтаҳои боло такя намуда салоҳиятҳои эҷодии хонандагони хурдсолро дар шакли зер тасниф кардан мумкин аст:

• салоҳиятҳои табиӣ ё органикии эҷодкорӣ, ки ирсан дар шакли идрок, хотира, тафаккур ва ғайра ташаккул меёбанд;

• салоҳиятҳои умумии эҷодӣ;

• салоҳиятҳои эҷодии махсус (мусиқӣ, риёзӣ, забоншиносӣ, техникӣ, варзишӣ ва ғ.);

• салоҳиятҳои назариявӣ ва амалӣ;

• салоҳиятҳои таълимии эҷодӣ;

• салоҳиятҳои муоширатӣ-эҷодӣ, ки муошират бо одамон, малакаҳои субъектӣ-фаъолиятӣ, малакаҳои субъектӣ-таълимиро дар бар мегиранд;

• салоҳиятҳои эҷодии муносибатҳои байнишахсӣ (қобилияти бовар кунонидани дигарон, таъсир расонидан ба дигарон, ноил шудан ба ҳамдигарфаҳмӣ ва ғ.).

Андешаҳои муҳаққиқон моро ба хулосае оварда, ки салоҳиятҳои эҷодии хонандагони хурдсол дар сохтори мундариҷаи таълим ҷузъи мустақиле мебошад, ки донишҳои қаблан гирифташударо ба ҳолати нав гузаронида, имкон медиҳанд, ки мушкилот мустақилона кашф карда шуда, роҳҳои алтернативии ҳалли онҳо таввасути омезиши усулҳои қаблан омӯхташуда ба усулҳои нав сурат гиранд.

Кӯдак қадамҳои аввалини худро ба муассисаи таълимиӣ гузошта, дар сохтори субъективии муносибатҳои инсонӣ мақоми комилан навро ишғол карда, ба дӯши ӯ масъулияти доимии алоқаманд ба фаъолияти таълимӣ гузошта мешавад. Акнун аҳли оила, омӯзгорон ва ҳатто одамони ношинос бо ӯ ҳамчун бо шахсе муошират мекунанд, ки ӯҳдадории таҳсилро ба дӯш гирифтааст.

Мақоми нави иҷтимоӣ ва шароити комилан нави инкишоф муносибатҳои иҷтимоии кӯдакро ба таври қатъӣ танзимшаванда гардонида, аз ӯ худсарии муташаккил ва якравии кӯдаконаро оҳиста – оҳиста дур намуда, ҳосилшавии малакаҳои барои фаъолияти таълимӣ зарур ва барои рушди равонӣ мусоидаткунандаро метезонанд. В.В. Давидов қайд менамояд, ки вазъ ва ҳолати нави иҷтимоии таълимӣ шароити зиндагии кӯдакро мураккабтар гардонида ба як омили стрессовар табдил мегардад. Ҳар як кӯдаке, ки нав бамуассисаи тахълимӣ дохил мешавад, ба фишори равонии зиёд дучор мегардад, ки он ба саломатии ҷисмонии кӯдак ва рафтори ӯ низ таъсири манефӣ мерасонад [2, с. 72].

Ин марҳиларо А. В. Кислов бисёр ҳассос шуморида таъкид менамояд, ки дар ҳамин ҳолат дар ҳамаи гуруҳҳои хонандагони хурдсол муносибати эҷодкорӣ ба раванди таълим ва дар хар як хонанда инкишоф додани салдоҳиятҳои эҷодӣ зарур аст. Ин дар назди омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба мушкилоти нав табдил ёфта, зарурати дар технология ва методикаи таълим ворид намудани чизи навро, ки мустакилияти баланди хонандагонро таъмин намуда худбоварии онҳоро инкишоф медиҳад ба миён меояд. Дар ин мароҳиаи инкишофи синну солӣ сифати асосии зеҳние, ки бояд рушд намояд, ин қобилияти эҷод кардани чизи нав, ки қаблан вуҷуд надошт мебошад. Ба ашё ва ҳодисаҳои маъмулӣ бо нигоҳи нав нигаристан, фарзия ва тахмин намудани оқибатҳои эҳтимолии фаъолият, нақшаи асили кор натиҷаи тафаккури пурсамари эҷодӣ мебошанд [4, с. 21].

Дар ин ҳолдат омӯзгор вазифадор магардад, ки фаъолияти шуури хонандагонро ба таври мақсаднок инкишоф дода самаранок гардонида, онҳоро ба фаъолияти эҷодкорӣ омода созад. Ниёз ба салоҳиятҳои эҷодкорӣ аз ниёзҳои маъмулии маънавӣ ба шумор меравад, зеро ки равандҳои мураккаби аз ҳар як шахс ғайрат ва шуҷоати эҷодиро тақозо менамояд. Бедории фикрии ва ақидавии инсон ба эҷодкорӣ роҳ кушода сифатҳои шахсиро ошкор мекунад, то ин ки қобилиятҳояшро дарк кунад.

**Натиҷа**и тадқиқот нишон дод, ки ташаккул ва инкишоф додани салоҳиятҳои эҷодии хонандагон хусусияти инфиродӣ дошта аз хислатҳои равонии фардии ӯ махсусан миҷоз ва характераш вобаста мебошад. Бинобар ин дар ӯ ташаккул додани хислатхое, ки ба амалкарди муваффақонааш дар намудхои гуногуни фаъолият мусоидат менамоя ва натиҷаи фаъолияташ сифатҳои эҷодкориро дар худ ифода месозад, маънои ба воя расондани наслеро дорад, ки дар инкишофи ҷамъият саҳм гузошта метавонад.

Ба назари мо ба мафҳуми «тафаккури эҷодӣ» таърифи хеле муфассалро В. И. Загвязинский ва А. Ф. Закирова додаанд: "Тафаккури эҷодӣ яке аз намудҳои тафаккурест, ки бо эҷоди маҳсули субъективии нав ва шаклҳои нав дар худи фаъолияти маърифатӣ барои эҷоди он тавсиф мешавад. Ин шаклҳои нав ба ҳавасмандкунӣ, ҳадафҳо, баҳоҳо ва маъноҳо дахл доранд. Тафаккури эҷодӣ аз равандҳои татбиқи дониш ва малакаҳои омодаи тафаккур фарқ мекунад, ки онро репродуктивӣ меноманд" [8, с. 226].

Таваҷҷуҳ ба ин ҷанбаи таълимӣ-тарбиявӣ неруи маънавии инсонро инкишоф дода, боиси ҳадафмандона ва муассир иҷро гардидани амалҳояш, азнавсозии тафаккур, ташаккули психологияи нав, тасдиқи динамизм ҳамчун меъёри мавҷудият мусоидат мекунад. Ба ақидаи равоншиносон синну соли кӯдакони синфҳои ибтидоӣ барои инкишофи маорату малакаои

муоширати ва эҷодӣ мувофиқ ва мусоидтарин ба шумор меравад. Баробари воридшавӣ ба раванди таълим дар ҳаёти кӯдак як гардиши муҳим ба миён омада, дар муносибатҳояшон бо аҳли оила, муаллимон ва ҳамсолон тағйироти ҷиддӣ рух дода, мақоми иҷтимоии кӯдак баландтар мешавад.

Ба ақидаи А. В. Кислов ин ба фаъолияти эҷодии кӯдак мусоидат намуда, дар иҷрои фаъолият ва амалҳое ифода меёбанд, ки ба эҷоди донишҳои нав нигаронида шудаанд [4, с. 21]. Дар раванди ташкили таълиме, ки ба ташаккули салоҳиятҳои эҷодии хонандагони хурдсол нигаронида шудааст иҷроиши қоидаҳои умумии дидактикӣ, ба монанди: илмият дар таълим, бонизомии таълим, пайдарҳамӣ дар таълим, дастрасият ба таълим, фаъолии таълим, устуворӣ ва мустаҳкамии донишҳо, фардият дар таълим аҳаммияти калон пайдо менамоянд. Хонандагон бояд усулхои хозиразамони эҷодкориро таввасути воситаҳои ҳалли масъалаҳои эҷодӣ азхуд карда, тафаккурашонро бо қобилдиятҳои эҷодиашон ба низом дароварда барои ҷустуҷӯй ва қабул кардани қарорҳои эҷодӣ, ҳалли амалии онҳо, инкишоф додани сифатҳои шахсии эҷодиашон, истифода намоянд.

Ин гуфтаҳо моро ба хулосае меоранд, ки марҳилаи таҳсилоти ибтидоӣ, марҳилаи муҳимтарини таълими умумии хонанда мебошад, зеро дар он таҳкурсии асосии фаъолиятҳои минбаъдаи маърифатии шахсият гузошта мешавад. Синни таҳсилоти ибтидоӣ ҳамеша дар маркази диққати тадқиқотчиёни мушкилоти педагогика ва психология қарор дошта будааст.

**Муҳокима.** Салоҳиятҳои эҷодии хонандагони хурдсол хусусиятҳои инфиродии равонӣ ва амалии ӯро ифода карда, иҷроиши бо муваффақияти ҳама гуна амалҳои ӯ бо он алоқаманд буда, ба ҳосилшавии дониш, маҳорат ва малакаҳои нав нигаронида мешавад. Эҷодкории хонандаи хурдсол як қатор сифатҳои равонӣ ва шахсиии ӯро дар бар гирифта, дар доираи он ташаккули тафаккур эҷодӣ, тахайюлот, қобилияти таҳлил ва таркиб сурат мегирад. Дар мактаби муосир, ки дарс шакли асосии таълиму тарбияи хонандаи хурдсол боқӣ мемонад, бинобар ин барномаҳои таълимӣ бояд ба ҳалли масъалаҳои ташаккули салоҳиятҳои эҷодии кӯдак нигаронида шавад.

Раҳими К.М. дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодии кӯдак, пеш аз ҳама муҳити оилавиро муассир шуморида менависад: “Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки расму оин ва анъанаҳои оилавӣ метавонанд ба инкишофи қобилияти эҷодии кӯдакон мусоидат намоянд, зеро дар онҳо унсурҳои эҷодкорӣ, ҳунармандӣ, мусиқӣ ва дигар намудҳои санъат вуҷуд доранд. Ҳамаи ин якҷоя ба инкишофи тафаккури эҷодӣ, тасаввурот ва қобилияти баѐни фикру афкори кӯдакон мусоидат мекунад. Муҳити оилавӣ метавонад маконе бошад, ки кӯдакон аз волидон ва бародарону хоҳарони калонсол мушоҳидакорӣ ва ибрат гиранд, ки ба рушди салоҳиятҳои эҷодии онҳо низ таъсир мерасонад. Масалан, шуғлу майлҳои волидайн ва ҷалби онҳо дар лоиҳаҳои эҷодӣ метавонад кӯдаконро ба талошҳои эҷодии худ илҳом бахшад” [10, с. 252].

Бо тавсияи устодон дар литсейи ДДОТ ба номи С. Айнӣ фаъолият намуда, мушоҳида намудам, ки яке аз масъаладои муҳим дар ҷодаи ташаккули салоҳиятҳои эҷодии хонандагони хурдсол ин бедор намудани шавқмандии маърифатии онҳо мебошад. Таҷрибаи шахсӣ ва маслиҳати устодони собиқадор манро ба хулосае оварда, ки дар самти бедор намудани шавқмандии маърифатии хонандагони хурдсол пеш аз ҳама фароҳам овардани фазои мусбӣ ва шафофи равонӣ ва боварӣ байни омӯзгор ва кӯдакон дар синф ба шумор меравад. Баъд аз он икишоф додани ҷузъиёти сохтории равандҳои маърифатии хонандагон, ба монанди диққат, хотира, тафаккур, инкишофи нутқ ва мафҳуму тасаввурот зарур мебошад, ки онҳо барои ташщаккул ва рушди қобилиятҳои эҷодии шахсият замина мебошанд.

Баъдан инкишофи тафаккури эҷодӣ ва тасаввуроти хонандагон тавассути фаъолияти эҷодӣ сурат мегирад, ки тавассути иҷрои вазифаҳои зеррин амалӣ карда мешаванд:

1) додани донишҳои нав ба хонандагони хурдсол бо роҳу усулҳои шифоҳӣ (суҳбат, ҳикоя, нақл ва тавсиф), аёнӣ (мушоҳида, намоиш ва озмоиш) ва амалӣ (машқ, корҳои хаттӣ ва нақшакашӣ);

2) иҷроиши вазифаҳои дидактикӣ дар шакли азхудкунии донишҳо, ташаккули маҳорату малакаҳои таълимӣ, дар амал истифодабарии донишҳо,фаъолияти эҷодӣ, мустаҳкамкунӣ ва санҷиши натиҷаҳои таълимӣ;

3) иҷроиши вазифаҳои маърифатии тасифӣ-намоишӣ, репродуктивӣ, гузориши проблемавӣ, эвритикӣ, реконструктивӣ, таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ;

4) иҷроиши фаъолиятҳои эҷодӣ таввасути истифода аз усулҳои калидӣ, саволҳои санҷишӣ, муқоиса ва амсилазозӣ.

Ба иҷрои ин вазифаҳо бо истифода аз тарзҳои корбарии бисёрвариантa, рафъи ихтилофот, ташкили ҳолати проблемавӣ, истифодаи бозиҳои дидактикӣ, ташкили ҳолати ҷӯяндагии маърифатӣ ва бой гардонидани тахайюлот иҷро намудан мумкин аст.

Шаклҳои ташкили таълиме, ки ба ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ оварда мерасонанд, метавонанд фардӣ, ҷуфтӣ, гуруҳӣ, фронталӣ, синфӣ ва беруназсинфӣ бошанд. Методикаи ташаккули салоҳиятҳои эҷодие, ки мо таҳия намуда истифода менамоем, истифодаи воситаҳои зерини таълимиро тақозо менамояд: воситаҳои табии таълимӣ, ба мисли гербарияҳо, коллексияи тухмии растаниҳо, коллексияи гамбускҳо, коллексияи парвонаҳо, тасвирҳо, суроб ва амсилаҳо, таблитсаю нақшаҳо, тавсифи ҳолат ва ҳодисаҳо бо аломатҳои шартӣ ва сухан, муаммоҳо ва воситаҳои техникии таълим. Ин амалҳои дидактикӣ ба тамоми дарсҳои мо хосияти эҷодкорӣ бахшида дар шакли фаъолиятҳои амалӣ, дарс – экскурсия, дарс – мизи мудаввар, дарс – ҳисоботи эҷодӣ ва дарс – руйнамоӣ гузаронида мешаванд.

**Хулоса.** Дар охир ҳаминро гуфтанием, ки одамон ҳар рӯз корҳои зиёди хурду бузург ва одию мураккабро иҷро мекунанд, ки ба онҳо гоҳо ба осонӣ ва гоҳо бо душворӣ имконпазир мегардад. Дар ҳалли ин масъалаҳо амалҳои эҷодкорӣ пайваст гардида, роҳҳои нави ҳаллӣ масъала дарёфт шуда, амал ва ё ашёҳои куллан нав ба вуҷуд меояд. Он сифатҳои алоҳидаи ақлонии инсон, аз ҷумла тафаккур, мушоҳида, муқоиса ва таҳлил, барқарорсозии алоқамандиҳои байни ҳодисаю ашёҳоро ташаккул медиҳанд, ки онҳо дар якчоягӣ заминаҳои равонии ташаккули салоҳиятҳои эҷодиро ташкил медиҳанд. Бо инкишоф додани ин салоҳиятҳо мо барои ташаккули шахсияти эҷодкор заминаҳои заруриро фароҳам меорем.

***Адабиёт***


1. *Бобоева, С. Б. Таҳқиқи ҷанбаҳои инфиродӣ-психологии қобилияти эҷодии шахс / С. Б., Бобоева, А. А. Собирова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ, № 4-2 (18) Душанбе – 2023. - С. 227-234.*
2. *Давыдов, В.В. Психическое развитие младших школьников: экспериментальное психологическое исследование / В.В. Давыдов – Москва: - Педагогика, 1990. – 160 с.*
3. *Дружинин, В. Н. Психология общих способностей / В. Н. Дружинин. - С-П, 2009. – 137 с.*
4. *Кислов, А. В. Диагностика творческих способностей ребенка: практич. Пособ / Кислов. - М.: Речь, 2011.- С.21.*
5. *Мавлонов, И. Ш. Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон зимни омӯзиши физика/ И. Ш. Мавлонов/ Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ, Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ, № - 1 - (15) Душанбе - 2023. - С. 138 -143.*
6. *Маннонова, Р. Д. Омӯзиши хусусиятҳои эҷодии фаъолияти наврасон дар илми психология. // Р. Д. Маннонова, Н. Д. Бобоҷонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ, № 4-2 (18) Душанбе – 2023. - С. 245–251.*
7. *Морозов, А.В. Основы психологии. Учебник для вузов. - М.: Академический Проект, 2005.*
8. *Педагогический словарь: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / под ред. В. И. Загвязинского, А. Ф. Закировой. М.: Академия, 2008. - 352 с.*
9. *Рамазонов, Д.С. Нақши бозӣ дар рушд ва ташаккулёбии қобилияти эҷодии кӯдакон / Д.С. Рамазонов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ, Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ, № 2 (12) 2022. - С. 7-10.*
10. *Раҳимӣ К. М. Нақши оила ҳамчун падидаи иҷтимоиву педагогӣ дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдак / К.М. Раҳимӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ, № 4-2 (18) Душанбе – 2023. - С. 251-256.*
11. *Саидходжаева, Т.А. Проблемное обучение на уроках иностранного языка – способ формирования творческой активности и познавательных интересов личности / /Саидхоҷаева Т.А. // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ, № 2 (12) - 2022. - С. 133-135.*
12. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Нашриёти "Советская энциклопедия". - М., 1969. – 951 с.*


## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ


Ба ақидаи муаллифон, яке аз муҳимтарин ҳадафҳои таҳсилот дар замони муосир, таъмини иҷтимоишавии муваффақонаи кӯдак ба ҷомеа ва ташаккули муносибати эҷодкорона ба фаъолияти ҳамарӯзааш мебошад. Зикр мегардад, ки хусусият ва сифатҳои психологии шахсии кӯдакон дар раванди таълим, тарбия ва фаъолият ҳадафмандона ташаккул меёбанд. Муаллифон муайян намудаанд, ки синни таҳсилоти ибтидоӣ барои ташаккули маҳорату малакаҳо ва дар маҷмуъ салоҳиятҳои эҷодӣ давраи мусоидтарин ба шумор меравад. Ба хулосае меоянд, ки он сифатҳои алоҳидаи ақлонии инсон, аз ҷумла тафаккур, мушоҳида, муқоиса ва таҳлил, барқарорсозии алоқамандиҳои байни ҳодисаю ашёҳоро ташаккул медиҳанд, ки онҳо дар якчоягӣ заминаҳои равонии ташаккули салоҳиятҳои эҷодиро ташкил медиҳанд. Бо инкишоф додани ин салоҳиятҳо мо барои ташаккули шахсияти эҷодкор заминаҳои заруриро фароҳам меорем.



**Калидвожаҳо**: таълим, тарбия, салоҳият, таҳсилот, мактаб, хонандаи хурдсол, фаъолият, эҷодиёт, салоҳиятҳои эҷодӣ.

## РАЗВИТИЕ ТВОРЧЕСКИХ КОМПЕТЕНЦИЙ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

По мнению авторов, одной из важнейших целей образования в современном мире является обеспечение успешной социализации ребенка в обществе и формирование у него творческого подхода к своей повседневной деятельности. Следует отметить, что личностно-психологические особенности и качества детей целенаправленно формируются в процессе обучения, воспитания и деятельности. Авторами установлено, что младший школьный возраст является наиболее благоприятным периодом для развития умений и навыков, а также общих творческих компетенций. Они приходят к выводу, что такие индивидуальные интеллектуальные качества человека, как мышление, наблюдение, сравнение и анализ, формируют установление связей между событиями и объектами, которые в совокупности образуют психологические основы развития творческих способностей. Развивая эти компетенции, мы создаем необходимые основы для формирования творческой личности.

**Ключевые слова:** образование, воспитание, компетентность, обучение, школа, учащаяся молодежь, активность, творчество, творческая компетентность.

## DEVELOPING CREATIVE ABILITIES OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS

According to the authors, one of the most important goals of education in the modern world is to ensure successful socialization of the child in society and the formation of a creative approach to his daily activities. It should be noted that the personal and psychological characteristics and qualities of children are purposefully formed in the process of training, education and activity. The authors have established that primary school age is the most favorable period for the development of skills and abilities, as well as general creative competencies. They come to the conclusion that such individual intellectual qualities of a person as thinking, observation, comparison and analysis form the establishment of connections between events and objects, which together form the psychological foundations for the development of creative abilities. By developing these competencies, we create the necessary foundations for the formation of a creative personality.

**Keywords:** education, upbringing, competence, training, school, students, activity, creativity, creative competence.

***Дар бораи муаллифон***

*Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич*
*Н.и.п., муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ*
*Институти технолоияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*
*734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5*
*E-mail: tabarov72@list.ru*

*Ҷумаева Майгула*
*Муаллими синфҳои ибтидоии Литсей Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

***Об авторах***

*Табаров Дилшод Давлатходжаевич*
*Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры гуманитарных и естество-математических предметов*
*Институт цифровых технологий и искусственного интеллекта*
*Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана*
*734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Борбад, 48/5*
*E-mail: tabarov72@list.ru*

*Джумаева Майгула*
*Учительница начальных классов лицея*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121*

***About the authors***

*Tabarov Dilshod Davlatkhujaevich*
*Senior lecturer in the Humanities and natural sciences and mathematics subjects*
*Institute of Digital Technologies and Artificial Intelligence of the Tajikistan International University of Tourism and Entrepreneurship*
*734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 48/5*
*E-mail: tabarov72@list.ru*

*Dzhumaeva Maigula*
*Primary school teacher of the Lyceum*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

ТДУ 37.013.42:796.011(575.3)

# УСУЛҲОИ ҲАМКОРӢ БО ОИЛАҲОИ КӮДАКОНИ ДУШВОРТАРБИЯ БА ВОСИТАИ ВАРЗИШ ВА ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

***Саидализода У. Р.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар шароити дигаргуниҳои муосири иҷтимоӣ масъалаи тарбияи насли наврас аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб менамояд. Тағйирот дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири муҳити иттилоотӣ ва таҳаввули арзишҳо ба раванди ташаккули шахсияти наврасон таъсири назаррас расонида, масъалаҳои иҷтимоишавӣ ва рушди онҳоро ба яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти педагогӣ ва психологӣ табдил додааст.

Дар ин замина афзоиши ҳолатҳои рафтори девиантӣ дар байни ноболиғон зарурати омӯзиши омилҳои таъсиррасон ва такмили механизмҳои пешгирӣ ва ислоҳи онҳоро ба миён меорад. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯи воситаҳои муассири тарбиявӣ барои пешгирии зуҳуроти номатлуби рафтор аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Яке аз омилҳои муҳимтарини иҷтимоишавии наврасон оила ба ҳисоб меравад. Маҳз дар муҳити оила асосҳои рафтори ахлоқӣ, арзишҳои ҳаётӣ ва муносибат ба ҷомеа ташаккул меёбанд. Сифати муносибатҳои оилавӣ, сатҳи фарҳанги педагогии волидон ва муҳити равонии оила ба рушди иҷтимоӣ ва маънавии наврас таъсири мустақим мерасонанд.

Дар баробари ин, қисми зиёди мушкилоти рафтории наврасон бо сатҳи нокифояи салоҳияти педагогии волидон, вазъи номусоиди равонӣ дар оила, суст гардидани назорати тарбиявӣ ва набудани ҳамкории мунтазами оила бо муассисаҳои таълимӣ алоқаманд мебошанд. Дар чунин ҳолат эҳтимоли пайдоиши мушкилот дар раванди иҷтимоишавӣ, коҳиш ёфтани ҳисси масъулиятшиносӣ ва зуҳури шаклҳои гуногуни рафтори девиантӣ бештар мегардад.

Дар шароити муосир зарурати такмил ва ҷорӣ намудани шаклҳои нави ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ рӯз аз рӯз бештар мегардад. Яке аз самтҳои муҳимми чунин ҳамкорӣ истифодаи имкониятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ҳисоб меравад, зеро онҳо дорои иқтидори назарраси тарбиявӣ, инкишофдиҳанда ва иҷтимоисозӣ мебошанд. Машғулиятҳои варзишӣ ба ташаккули интизомнокӣ, масъулиятшиносӣ, ироданокӣ, малакаҳои муошират ва ҳамкорӣ мусоидат намуда, барои ҷалби наврасон ба фаъолияти иҷтимоии мусбат заминаи мусоид фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, истифодаи мақсадноки воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш метавонад ҳамчун яке аз роҳҳои муассири таҳкими ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар самти тарбияи наврасони душвортарбия арзёбӣ гардад.

Масъалаҳои марбут ба тарбияи оилавӣ ва ҳамкории оила бо муассисаҳои таълимӣ дар осори олимони тоҷик низ мавқеи муҳим доранд. Аз ҷумла, М.М. Маҳмадносирова зимни омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи кӯдакон дар оилаи тоҷик таъкид менамояд, ки: «Анъанаҳои оилавӣ ва арзишҳои миллӣ ҳамчун омили муҳимми ташаккули ахлоқии шахсияти кӯдак баромад мекунанд» [9, с. 84]. Ин андеша нишон медиҳад, ки муҳити оилавӣ на танҳо вазифаи нигоҳубин ва таълиму тарбияро иҷро мекунад, балки ҳамчун фазои асосии интиқоли арзишҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ низ хизмат менамояд.

Ба андешаи муҳаққиқ, нигоҳ доштани пайдарҳамӣ ва ворисияти тарбияи оилавӣ ба ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ, эҳтиром нисбат ба калонсолон ва устувории арзишҳои ахлоқӣ дар байни насли наврас мусоидат мекунад. Дар воқеъ, маҳз тавассути муносибатҳои оилавӣ кӯдак таҷрибаи аввалини иҷтимоиро ба даст оварда, меъёрҳои рафтор ва муносибат ба ҷомеаро аз худ менамояд. Аз ин рӯ, нуқтаи назари мазкур аҳаммияти муҳити оилавиро ҳамчун омили асосии иҷтимоишавии шахсият ва ташаккули сифатҳои мусбати маънавию ахлоқии кӯдак боз ҳам равшантар месозад.

Педагоги тоҷик Ф. Шарифзода тарбияро ҳамчун раванди ягона ва пайвастаи ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа баррасӣ намуда, таъкид мекунад, ки: «Самаранокии фаъолияти тарбиявӣ аз мувофиқати таъсирҳои педагогии ҳамаи ниҳодҳои иҷтимоие вобаста аст, ки дар ташаккули шахсияти кӯдак иштирок менамоянд» [18, с. 56]. Ин нуқтаи назар аз он шаҳодат медиҳад, ки ноил гардидан ба натиҷаҳои мусбат дар тарбия танҳо дар сурати ҳамоҳангӣ ва ягонагии таъсирҳои тарбиявии оила, мактаб ва ҷомеа имконпазир аст. Ба

андешаи олим, ҳар қадар фаъолияти ин ниҳодҳо бо ҳамдигар мувофиқ ва мақсаднок ба роҳ монда шавад, ҳамон қадар раванди ташаккули шахсияти кӯдак самараноктар мегардад. Ҳамзамон, Ф. Шарифзода ба аҳаммияти ҳифз ва истифодаи анъанаҳои миллии тарбия таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, зарурати мутобиқ намудани онҳоро ба талаботи ҷомеаи муосир таъкид менамояд.

Ш.Н. Давлатова низ зимни таҳлили шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақши ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Ба андешаи муҳаққиқ, таҳкими робитаҳои байни ин ду ниҳоди иҷтимоӣ яке аз шартҳои муҳимми баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тарбиявӣ мебошад. Ӯ қайд менамояд, ки: «Тағйироти иҷтимоию иқтисодии даҳсолаҳои охир ба имкониятҳои тарбиявии оила таъсири назаррас расонида, зарурати такмил додани механизмҳои дастгирии педагогии волидон ва густариши шаклҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо оиларо ба миён овардааст» [3, с. 112–118].

Мазмуни ин андеша нишон медиҳад, ки дар шароити ҷомеаи муосир оила бо як қатор мушкилот ва таъсирҳои нави иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардидааст, ки метавонанд ба иҷрои вазифаҳои тарбиявии он таъсир расонанд. Аз ин рӯ, нигоҳ доштани самаранокии тарбияи оилавӣ бе дастгирии мақсадноки педагогӣ ва ҳамкории мунтазам бо муассисаҳои таълимӣ душвор мегардад. Дар чунин шароит густариши робитаҳои байни волидон ва омӯзгорон, ҷалби фаъолонаи оила ба раванди таълиму тарбия ва муттаҳид сохтани талошҳои тарбиявии ҳамаи субъектҳои он аҳаммияти махсус касб менамояд.

Дар таҳқиқоти худ муҳаққиқ ва файласуфи шинохтаи тоҷик Б. Самиев, ки ба масъалаҳои тарбия ва афкори маърифатпарваронаи мутафаккирони тоҷик бахшида шудаанд, ба нақши тарбияи ахлоқӣ дар ташаккули шахсияти ҷавонон аҳаммияти махсус медиҳад. Ба андешаи олим, «Рушди масъулияти иҷтимоӣ, камолоти шаҳрвандӣ ва эҳтиром нисбат ба арзишҳои миллӣ бояд тавассути таъсири муштараки оила, муассисаҳои таълимӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ амалӣ гардад» [15, с. 143]. Ин нуқтаи назар нишон медиҳад, ки ташаккули шахсияти ҷавон раванди мураккаб ва бисёрҷанба буда, танҳо дар доираи фаъолияти як ниҳоди иҷтимоӣ таъмин шуда наметавонад. Дар ин раванд нақши оила, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа ба ҳамдигар пайваста буда, маҳз ҳамоҳангии таъсирҳои тарбиявии онҳо барои рушди шахсияти фаъол, соҳибмаърифат ва масъулиятшинос заминаи мусоид фароҳам меорад. Аз ин рӯ, ташаккули ҷаҳонбинии солим, ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва масъулияти иҷтимоии ҷавонон бояд ҳамчун натиҷаи фаъолияти муштараки ҳамаи субъектҳои тарбия баррасӣ гардад.

Дар ин замина таҳкими ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ ҳамчун яке аз шартҳои муҳимми баланд бардоштани самаранокии раванди тарбия арзёбӣ мегардад. Ҳамоҳангии фаъолияти тарбиявии волидон ва омӯзгорон ба пешгирии душвортарбиягӣ, коҳиш додани зуҳуроти рафтори девиантӣ ва беҳтар гардидани мутобиқшавии иҷтимоии наврасон мусоидат менамояд.

Дар чунин шароит тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш метавонанд ҳамчун воситаи муассири муттаҳидсозии талошҳои тарбиявии оила ва муассисаи таълимӣ хизмат намоянд. Машғулиятҳои варзишӣ на танҳо ба таҳкими саломатӣ ва рушди ҷисмонии наврасон мусоидат мекунанд, балки барои ташаккули интизомнокӣ, масъулиятшиносӣ, ҳамкорӣ ва дигар сифатҳои муҳимми иҷтимоӣ низ замина фароҳам меоранд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таҳкими ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ аҳаммияти махсуси иҷтимоӣ ва педагогӣ дорад. Дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таъсири рӯзафзуни муҳити иттилоотӣ нақши оила дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносии шаҳрвандӣ ва фарҳанги рафтори наврасон боз ҳам бештар мегардад. Аз ин рӯ, таҳкими иқтидори тарбиявии оила ва такмили ҳамкории он бо муассисаҳои таълимӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳимми педагогикаи муосир арзёбӣ мешавад.

Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ин раванд метавонанд ҳамчун воситаи муассири таъсиррасонии педагогӣ хизмат намоянд. Машғулиятҳои мунтазами варзишӣ ба ташаккули чунин сифатҳои муҳимми шахсият, аз қабили масъулиятшиносӣ, интизомнокӣ, ироданокӣ, малакаҳои муошират ва ҳамкорӣ мусоидат намуда, барои рушди иҷтимоии наврасон заминаи мусоид фароҳам меоранд. Иштирок дар фаъолияти варзишӣ ба наврасон имконият медиҳад, ки қобилиятҳои худро инкишоф дода, таҷрибаи муносибатҳои созандаи иҷтимоиро аз худ намоянд. Ҳамзамон, машғулиятҳои варзишӣ ва чорабиниҳои оммавии солимгардонӣ барои

самаранок истифода намудани неруи ҷисмонӣ ва эҳсосии наврасон мусоидат карда, онҳоро ба фаъолияти иҷтимоии мақбул ва судманд ҷалб менамоянд.

Таҳлили таҷрибаи фаъолияти муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки иштироки муштараки волидон ва наврасон дар чорабиниҳои варзишию солимгардонӣ натиҷаҳои назарраси тарбиявӣ ба бор меорад. Чунин шакли ҳамкорӣ ба таҳкими муносибатҳои дохилиоилавӣ, рушди ҳамдигарфаҳмӣ ва ташаккули муҳити мусбати равонӣ дар оила мусоидат менамояд. Дар ҷараёни фаъолиятҳои муштарак робитаҳои байни волидон ва фарзандон мустаҳкам гардида, имкониятҳои нав барои дастгирии равонӣ, муошират самаранок ва ҳамкории созанда ба вуҷуд меоянд.

Илова бар ин, иштироки муштараки аъзои оила дар чорабиниҳои варзишӣ ба баланд гардидани фаъолнокии иҷтимоӣ ва масъулиятшиносии наврасон таъсири мусбат мерасонад. Наврасон тавассути чунин фаъолиятҳо меъёрҳои муносибатҳои иҷтимоӣ, эҳтиром ба дигарон, қобилияти кор дар гурӯҳ ва ҳисси масъулиятро аз худ менамоянд. Аз ин рӯ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш метавонанд ҳамчун воситаи муассири таҳкими ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ, инчунин ҳамчун омили муҳимми пешгирии душвортарбиягӣ ва рушди ҳамаҷонибаи шахсияти наврасон баррасӣ карда шаванд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ нишон медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба ташкили ҳамкории мунтазами оила ва мактаб тавассути воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар самти кор бо наврасони душвортарбия ҳанӯз ҳам ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Гарчанде ки дар таҳқиқоти илмӣ ҷанбаҳои алоҳидаи тарбияи ҷисмонӣ ва тарбияи оилавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, имкониятҳои варзиш ҳамчун воситаи муттаҳидсозии талошҳои тарбиявии волидон ва омӯзгорон то ҳол таҳқиқоти амиқ ва асосноки илмиро талаб менамоянд. Ин ҳолат зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи масъала ва муайян намудани роҳҳои самараноки истифодаи имкониятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро дар фаъолияти тарбиявӣ тақозо мекунад.

Дар ин замина зарурати аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани нақш ва имкониятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун воситаи таҳкими ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ ба миён меояд. Ҳамчунин, муайян намудани роҳҳои самараноки истифодаи онҳо дар пешгирӣ ва ислоҳи рафтори девиантӣ, баланд бардоштани сатҳи иҷтимоишавӣ ва рушди шахсияти наврасон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Ҳалли ин масъала метавонад барои такмили низоми корҳои тарбиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкории ҳамаи субъектҳои раванди тарбия заминаи мусоид фароҳам оварад.

Аз ҷониби дигар, педагогикаи муосир оиларо ҳамчун нахустин ва муҳимтарин ниҳоди иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд, ки дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши ҳалкунанда дорад. Маҳз дар муҳити оила асосҳои ахлоқӣ, арзишҳои иҷтимоӣ, муносибат ба ҷомеа ва меъёрҳои рафтор ташаккул меёбанд. Аз ин рӯ, сифати муносибатҳои дохилиоилавӣ ва муҳити равонии оила ба рушди шахсият ва раванди иҷтимоишавии наврас таъсири бевосита мерасонанд.

Дар таҳқиқоти Л.И. Божович таъкид шудааст, ки: «Хусусияти муносибатҳои оилавӣ ба рушди соҳаи ангезишии наврас ва рафтори иҷтимоии ӯ таъсири бевосита мерасонад» [2, с. 137]. Ин андеша аҳаммияти муҳити оилавиро дар ташаккули хусусиятҳои шахсӣ ва иҷтимоии наврас боз ҳам равшантар месозад. Муҳити солими равонӣ ва муносибатҳои мусбати оилавӣ барои рушди ангезаҳои иҷтимоии мусбат, ташаккули худбаҳодиҳии муносиб ва мутобиқшавии бомуваффақияти иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Баръакс, номувофиқатӣ, муноқишаҳои дохилиоилавӣ ва камбудиҳои тарбиявӣ метавонанд заминаи пайдоиши мушкилоти рафторӣ ва зуҳуроти гуногуни душвортарбиягиро фароҳам ованд.

Мазмуни ин андеша аз он шаҳодат медиҳад, ки сифати муносибатҳои дохилиоилавӣ дар рушди шахсияти наврас нақши муайянкунанда дорад. Муҳити мусоиди равонӣ, ки бар асоси эҳтироми мутақобила, эътимод, дастгирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ташаккул ёфтааст, барои рушди ангезаҳои устувори мусбат нисбат ба таҳсил, меҳнат, фаъолияти ҷамъиятӣ ва худтакмилдиҳӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Дар чунин муҳит наврас меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоии пазируфташударо аз худ намуда, ҳисси масъулиятшиносӣ, мустақилият ва боварӣ ба имкониятҳои шахсии худро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, муҳити солими оилавӣ ҳамчун яке аз заминаҳои муҳимми ташаккули ҷаҳонбинӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии наврас баромад мекунад.

Бо ҳамин сабаб, таҳкими иқтидори тарбиявии оила, баланд бардоштани фарҳанги педагогии волидон ва фароҳам овардани фазои мусоиди равонӣ дар муҳити оилавӣ аз ҷумлаи

шартҳои муҳимми пешгирии душвортарбиягӣ ва таъмини рушди ҳамаҷонибаи шахсияти наврас маҳсуб меёбанд. Самаранокии фаъолияти тарбиявӣ аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки оила то чӣ андоза метавонад барои рушди иҷтимоӣ ва маънавии фарзанд шароити муносиб муҳайё намояд.

Ин нукта дар таҳқиқоти А.А. Реан низ тасдиқи худро меёбад. Ба андешаи муҳаққиқ, вайроншавии муносибатҳои байни кӯдак ва волидон яке аз омилҳои асосии ташаккули рафтори девиантии ноболиғон ба ҳисоб меравад [13, с. 95]. Олим таъкид менамояд, ки набудани ҳамдигарфаҳмӣ, эътимод ва дастгирии эмотсионалӣ дар муҳити оила метавонад ба пайдоиши мушкилоти равонӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуда, наврасро ба зуҳуроти гуногуни рафтори номатлуб майл диҳад.

Мазмуни ин андеша аҳаммияти муносибатҳои солими оилавиро дар раванди ташаккули шахсияти кӯдак боз ҳам равшантар месозад. Ҳар қадар муносибатҳои байни аъзои оила бар пояи эҳтиром, ғамхорӣ ва дастгирии мутақобила ба роҳ монда шаванд, ҳамон қадар имконияти пайдоиши мушкилоти рафторӣ коҳиш меёбад. Баръакс, муноқишаҳои доимӣ, бетаваҷҷуҳӣ нисбат ба эҳтиёҷоти кӯдак ва заиф гардидани робитаҳои эмотсионалӣ метавонанд барои пайдоиши мушкилот дар раванди иҷтимоишавӣ ва ташаккули рафтори девиантӣ замина фароҳам оваранд.

Дар чунин шароит ҷустуҷӯи воситаҳои педагогие, ки тавонанд ҳамзамон ба шахсияти наврас ва муҳити оилавии ӯ таъсири мусбат расонанд, аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Яке аз чунин воситаҳои муассир фаъолияти варзишӣ ба ҳисоб меравад. Варзиш имконият фароҳам меорад, ки наврасон ва волидон дар фаъолияти муштарак иштирок намуда, муносибатҳои байниҳамдигариро таҳким бахшанд ва барои ташаккули муҳити мусбати тарбиявӣ замина гузоранд. Маҳз фаъолияти муштараки ҷисмонӣ метавонад воситаи муассири наздикшавии аъзои оила ва таҳкими робитаҳои эмотсионалии онҳо гардад.

Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба таври анъанавӣ ҳамчун воситаҳои муҳимми таҳкими саломатӣ ва рушди ҷисмонии шахсият эътироф шудаанд. Аммо аҳаммияти онҳо танҳо бо иҷрои вазифаҳои солимгардонӣ маҳдуд намегардад. Дар педагогика ва психологияи муосир варзиш ҳамчун омили муҳимми иҷтимоишавӣ, тарбияи ахлоқӣ ва рушди шахсият мавриди омӯзиш қарор гирифта, иқтидори васеи тарбиявӣ ва иҷтимоии он бештар таъкид мегардад. Аз ин рӯ, варзиш на танҳо ба рушди ҷисмонӣ, балки ба ташаккули сифатҳои муҳимми шахсӣ ва иҷтимоӣ низ мусоидат мекунад.

Фаъолияти варзишӣ барои рушди чунин сифатҳои шахсият, аз қабили интизомнокӣ, масъулиятшиносӣ, матонат, мақсаднокӣ, қобилияти ҳамкорӣ ва худназораткунӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Дар ҷараёни машғулиятҳои мунтазам наврасон на танҳо малакаҳои ҷисмониро такмил медиҳанд, балки хусусиятҳои иродавӣ ва ахлоқии худро низ инкишоф медиҳанд. Иштирок дар фаъолиятҳои варзишӣ ба онҳо имконият медиҳад, ки таҷрибаи муносибатҳои иҷтимоии мусбатро аз худ намуда, малакаҳои муошират ва ҳамкориро дар амал такмил диҳанд.

Дар раванди машғул шудан ба варзиш наврас тадриҷан меъёрҳои ҳамкории дастаҷамъонаро аз худ мекунад, манфиатҳои шахсиро бо манфиатҳои гурӯҳ мувофиқ месозад ва масъулияти худро дар назди дигарон эҳсос менамояд. Илова бар ин, фаъолияти варзишӣ ба ташаккули қобилияти қабули қарор дар вазъиятҳои гуногун, риояи қоидаҳо ва идора намудани рафтори шахсӣ мусоидат мекунад. Маҳз чунин таҷриба барои рушди мустақилият, устувории равонӣ ва омодагӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ аҳаммияти калон дорад.

Ба андешаи И.П. Подласий, «таъсири тарбиявии варзиш аз қобилияти он барои фароҳам овардани ҳолатҳои муваффақият ва ташаккули таҷрибаи мусбати иҷтимоии шахсият вобастагӣ дорад» [11, с. 311]. Ин нуқтаи назар нишон медиҳад, ки варзиш на танҳо воситаи рушди ҷисмонӣ, балки муҳити махсуси тарбиявӣ низ мебошад, ки дар он наврас имконият пайдо мекунад қобилиятҳои худро амалӣ намуда, ба натиҷаҳои муайян ноил гардад. Маҳз дар ҷараёни фаъолияти варзишӣ эҳсоси муваффақият, боварӣ ба қувваи худ ва масъулияти шахсӣ ташаккул меёбад. Чунин таҷриба ба таҳкими ангезаҳои мусбат, баланд гардидани фаъолнокии иҷтимоӣ ва рушди устувории иродавии наврасон мусоидат менамояд.

Аҳаммияти махсусро иштироки муштараки волидон ва фарзандон дар фаъолияти варзишӣ касб мекунад. Чунин ҳамкорӣ ба таҳкими муносибатҳои дохилиоилавӣ, рушди ҳамдигарфаҳмӣ ва эътимоди мутақобила мусоидат намуда, имконият медиҳад, ки волидон дар баробари рушди ҷисмонии фарзандон ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, иродавӣ ва иҷтимоии онҳо низ таъсир расонанд.

Дар ҷараёни фаъолияти варзишӣ наврас меомӯзад, ки манфиатҳои шахсии худро бо манфиатҳои даста мувофиқ созад, барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ кӯшиш намояд ва нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти худ масъулият эҳсос кунад. Чунин таҷриба ба рушди малакаҳои муошират, ҳамкорӣ, эҳтироми мутақобила ва риояи қоидаҳои иҷтимоӣ мусоидат намуда, барои ташаккули шахсияти иҷтимоан фаъол ва масъулиятшинос замина фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, варзишро метавон ҳамчун воситаи муассири ташаккули шахсият арзёбӣ намуд, ки дар он имкониятҳои рушди ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ бо ҳам пайваст гардида, барои тарбияи наврасони фаъол, масъулиятшинос ва иҷтимоишуда заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Дар муҳити варзишӣ наврас тадриҷан дарк мекунад, ки ноил шудан ба натиҷаҳои баланд заҳмати пайваста, интизом ва масъулиятро талаб менамояд. Чунин таҷриба ба рушди худназораткунӣ, устувории иродавӣ ва қобилияти идора намудани рафтор мусоидат мекунад.

Барои наврасони душвортарбия фаъолияти варзишӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро онҳо аксаран бо сатҳи пасти худназораткунӣ, ҳаяҷоннокии эмотсионалӣ ва мушкилоти мутобиқшавии иҷтимоӣ фарқ мекунанд. Дар ин шароит варзиш метавонад ҳамчун воситаи муассири танзими рафтор ва рушди сифатҳои мусбати шахсият хизмат намояд.

Ҷалби наврасон ба фаъолияти ҷисмонӣ ва варзишӣ имконият медиҳад, ки неруи ҷисмонӣ ва эҳсосии онҳо ба самти созанда равона карда шавад. Машғулиятҳои мунтазам ба коҳиши таҷовузкорӣ, рушди малакаҳои муошират, таҳкими масъулиятшиносӣ ва ташаккули муносибатҳои ҳамкорона мусоидат намуда, барои азхуд намудани меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ шароити мусоид фароҳам меоранд.

Дар таҳқиқоти А.А. Реан таъкид шудааст, ки фаъолияти муташаккилонае, ки риояи қоидаҳо ва меъёрҳои муайянро талаб менамояд, ба рушди худтанзимкунии рафтор ва баланд гардидани сатҳи масъулияти иҷтимоии наврасон мусоидат мекунад [13, с. 97]. Мазмуни ин андеша нишон медиҳад, ки иштирок дар фаъолияти мақсаднок ва низомманд ба наврасон имкон медиҳад малакаҳои идоракунии рафтор, назорати эҳсосот ва қабули қарорҳои масъулонаро инкишоф диҳанд. Аз ин нуқтаи назар, варзиш ҳамчун муҳити иҷтимоӣ ва тарбиявии махсус баромад намуда, барои ташаккули шахсияти иҷтимоан фаъол, мустақил ва масъулиятшинос заминаи мусоид фароҳам меорад.

Илова бар ин, муҳити варзишӣ барои қонеъ намудани ниёзҳои наврасон ба худшиносӣ, худтасдиқкунӣ, эътирофи иҷтимоӣ ва ноил шудан ба муваффақият имкониятҳои мусоид фароҳам меорад. Дар ҷараёни мусобиқаҳо, машғулиятҳо ва чорабиниҳои варзишӣ наврасон метавонанд қобилият ва имкониятҳои худро нишон дода, мавқеи худро дар байни ҳамсолон муайян намоянд ва эҳсоси арзишмандии шахсиро ташаккул диҳанд. Маҳз чунин таҷриба ба таҳкими худбаҳодиҳии мусбат ва рушди эътимод ба қувваи худ мусоидат мекунад. Дар натиҷа эҳтимоли интихоби роҳҳои ғайримақбул ва иҷтимоан номатлуби худтасдиқкунӣ коҳиш ёфта, наврас барои ба даст овардани эътироф ва муваффақият роҳҳои созанда ва иҷтимоан қобили қабулро интихоб менамояд.

Захираи муҳимми тарбиявии варзиш дар фаъолияти муштараки волидон ва фарзандон ифода меёбад. Чунин ҳамкорӣ ба таҳкими муносибатҳои дохилиоилавӣ, рушди эътимод ва ҳамдигарфаҳмӣ мусоидат намуда, барои ташаккули муҳити мусбати тарбиявӣ замина фароҳам меорад. Иштироки волидон дар чорабиниҳои варзишӣ ба ташаккули фазои ягонаи тарбиявӣ мусоидат карда, ҳамоҳангии таъсирҳои тарбиявии оила ва муассисаи таълимиро таъмин менамояд.

Дар чунин шароит наврас намунаҳои мусбати рафтор ва муносибатро аз муҳити наздики иҷтимоии худ аз худ намуда, малакаҳои ҳамкорӣ ва масъулиятшиносиро инкишоф медиҳад. Аз ин рӯ, ҳамкории муштараки волидон ва фарзандон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун воситаи муассири таҳкими муносибатҳои оилавӣ, баланд бардоштани самаранокии корҳои тарбиявӣ ва пешгирии зуҳуроти рафтори девиантӣ арзёбӣ мегардад.

Тавре ки В.А. Сухомлинский таъкид намудааст: «Раванди тарбия дар ҳамон ҳолат самаранокии бештар касб мекунад, ки агар кӯдак ягонагии талабот ва таъсирҳои тарбиявии оила ва муассисаи таълимиро эҳсос намояд» [17, с. 154]. Мазмуни ин андеша нишон медиҳад, ки мувофиқати мавқеъҳо ва таъсирҳои тарбиявии волидон ва омӯзгорон дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши ҳалкунанда дорад. Дар шароити ҳамоҳангии фаъолияти тарбиявии оила ва муассисаи таълимӣ наврас меъёрҳои иҷтимоӣ ва қоидаҳои рафторро ҳамчун низоми ягона қабул намуда, онҳоро дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ татбиқ менамояд. Аз

ин рӯ, ягонагии талаботҳои тарбиявӣ яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани самаранокии раванди тарбия ба ҳисоб меравад.

Дар низоми тарбияи наврасони душвортарбия нақши махсусро намудҳои миллии варзиш ва бозиҳои анъанавии варзишӣ мебозанд. Истифодаи онҳо имконият медиҳад, ки вазифаҳои рушди ҷисмонӣ бо ҳадафҳои ташаккули худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ ва мероси таърихии халқ ба таври ҳамоҳанг амалӣ гарданд. Дар ин замина бозиҳои миллӣ на танҳо ҳамчун воситаи рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ, балки ҳамчун омили муҳимми тарбияи маънавию иҷтимоӣ низ баромад мекунанд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин намудҳои фаъолияти варзишӣ, аз қабили гӯштингирӣ, чавгонбозӣ, бандкашӣ, нишонзанӣ, аспдавонӣ ва дигар бозиҳои миллии варзишӣ дорои аҳаммияти баланди тарбиявӣ мебошанд. Ин намудҳои фаъолият барои рушди неруи ҷисмонӣ, ташаккули ирода, матонат, далерӣ ва эҳтиром нисбат ба рақиб мусоидат намуда, ҳамзамон ба таҳкими арзишҳои миллӣ дар шуури насли наврас таъсири мусбат мерасонанд. Маҳз ҳамин хусусиятҳо имконият медиҳанд, ки онҳо ҳамчун воситаи муассири тарбияи иҷтимоӣ ва маънавӣ истифода шаванд.

Ҳамчунин, бозиҳои миллии варзишӣ барои ташаккули руҳияи ҳамкорӣ, масъулиятшиносӣ ва эҳтиром ба меъёрҳои ҷамъиятӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Барои наврасони душвортарбия иштирок дар чунин фаъолиятҳо аҳаммияти махсус дошта, имконият медиҳад, ки неру ва эҳсосоти худро ба самти созанда равона намуда, таҷрибаи мусбати муошират ва ҳамкории иҷтимоиро аз худ намоянд. Дар натиҷа онҳо тадриҷан малакаҳои муносибатҳои байниҳамдигарӣ, риояи қоидаҳо ва фаъолияти дастаҷамъонаро инкишоф медиҳанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ нишон дод, ки тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дорои имкониятҳои васеи тарбиявӣ буда, метавонанд ҳамчун воситаи муассири ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар тарбияи наврасони душвортарбия истифода шаванд. Иштироки муштараки волидон ва фарзандон дар чорабиниҳои варзишию солимгардонӣ ба таҳкими муносибатҳои дохилиоилавӣ, баланд гардидани масъулиятшиносӣ ва беҳтар шудани муҳити равонии оила мусоидат менамояд.

Муайян гардид, ки фаъолияти варзишӣ барои рушди сифатҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии наврасон, аз ҷумла интизомнокӣ, ироданокӣ, масъулиятшиносӣ ва малакаҳои ҳамкорӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Ҳамзамон, истифодаи намудҳои миллии варзиш ва бозиҳои анъанавӣ ба ташаккули худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои фарҳангии халқ мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳлил инчунин нишон доданд, ки ҷалби наврасон ба фаъолияти варзишию солимгардонӣ яке аз воситаҳои муассири пешгирии рафтори девиантӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоии онҳо мебошад. Дар ин замина ҳамоҳангии фаъолияти оила, муассисаи таълимӣ ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ ҳамчун шарти муҳимми самаранокии корҳои тарбиявӣ арзёбӣ мегардад.

Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои гуногуни ҳамкории оила ва мактаб тавассути воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш васеъ истифода карда шаванд.

***Адабиёт***


1. *Барномаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026 : замима ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, № 568. – Душанбе, 2021. – 48 с.*
2. *Божович, Л. И. Личность и её формирование в детском возрасте / Л. И. Божович. – Санкт-Петербург : Питер, 2008. – 398 с.*
3. *Давлатова, Ш. Н. Социально-педагогические условия воспитания детей в современной таджикской семье и в школе : дис. ... канд. пед. наук : 13.00.01 / Ш. Н. Давлатова. – Душанбе, 2011. – 198 с.*
4. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» : аз 22 июли соли 2013, № 1004. – Душанбе, 2013.*
5. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» : аз 5 марти соли 2007, № 211. – Душанбе, 2007.*
6. *Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе : Маориф, 2016. – 52 с.*
7. *Лутфуллоев, М. Педагогикаи миллӣ / М. Лутфуллоев. – Душанбе : Маориф, 2020. – 384 с.*
8. *Макаренко, А. С. Книга для родителей / А. С. Макаренко. – Москва : Просвещение, 1988. – 320 с.*

9. *Махмадносирова, М. М. Социально-педагогические условия воспитания детей в современной таджикской семье : дис. ... канд. пед. наук : 13.00.01 / М. М. Махмадносирова. – Душанбе, 2014. – 186 с.*
10. *Мудрик, А. В. Социальная педагогика : учебник для вузов / А. В. Мудрик. – Москва : Академия, 2017. – 240 с.*
11. *Подласый, И. П. Педагогика : учебник для вузов / И. П. Подласый. – Москва : Юрайт, 2021. – 576 с.*
12. *Раҳмон, Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе : Шарқи озод, 2025. – 48 с.*
13. *Реан, А. А. Психология личности / А. А. Реан. – Санкт-Петербург : Прайм-ЕВРОЗНАК, 2019. – 288 с.*
14. *Салимов, Н. Педагогика / Н. Салимов. – Душанбе : Маориф, 2021. – 416 с.*
15. *Самиев, Б. Ҷ. Педагогические взгляды таджикских мыслителей о нравственном воспитании молодёжи / Б. Ҷ. Самиев. – Душанбе : Ирфон, 2016. – 286 с.*
16. *Степанов, В. Г. Психология трудных школьников / В. Г. Степанов. – Москва: Академический проект, 2018. – 254 с.*
17. *Сухомлинский, В. А. Сердце отдаю детям / В. А. Сухомлинский. – Москва : Педагогика, 1981. – 382 с.*
18. *Шарифзода, Ф. Назарияи тарбия / Ф. Шарифзода. – Душанбе : Ирфон, 2019. – 312 с.*

## УСУЛҲОИ ҲАМКОРӢ БО ОИЛАҲОИ КӮДАКОНИ ДУШВОРТАРБИЯ БА ВОСИТАИ ВАРЗИШ ВА ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои муҳимми ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар раванди тарбияи наврасони душвортарбия тавассути воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Дар асоси таҳлили васеи адабиёти илмӣ-педагогӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти муосир ва таҷрибаи амалии корҳои тарбиявӣ нақш ва аҳаммияти фаъолияти варзишӣ ҳамчун воситаи муассири таъсиррасонӣ ба шахсияти наврас муайян гардидааст. Муайян карда шудааст, ки ҷалби мунтазами наврасон ба машғулиятҳои варзишӣ барои пешгирии рафтори девиантӣ, коҳиш додани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ, ташаккули интизомнокӣ, масъулиятшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, фаъолияти варзишӣ ҳамчун омили муҳимми таҳкими муносибатҳои дохилиоилавӣ, беҳтар гардидани фазои маънавию равонии оила ва рушди ҳамкории созандаи байни падару модар ва фарзанд арзёбӣ шудааст. Дар таҳқиқот самтҳои асосии ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ тавассути чорабиниҳои варзишию солимгардонӣ асоснок гардида, роҳҳои ҷалби фаъоли волидайн ба раванди тарбия пешниҳод шудаанд. Инчунин, шартҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва оила дар самти тарбияи наврасони душвортарбия муайян гардида, аҳаммияти онҳо дар рушди иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонии наврасон нишон дода шудааст

**Калидвожаҳо:** наврасони душвортарбия, оила, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, рафтори девиантӣ, иҷтимоишавӣ, тарбия, ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ, фаъолияти варзишӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ.

## ПУТИ СОТРУДНИЧЕСТВА С СЕМЬЯМИ ТРУДНОВОСПИТУЕМЫХ ПОДРОСТКОВ ПОСРЕДСТВОМ СПОРТА И ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ

В данном исследовании всесторонне рассмотрены вопросы взаимодействия семьи и образовательного учреждения в процессе воспитания трудновоспитуемых подростков посредством средств физического воспитания и спорта. На основе анализа научно-педагогической литературы, современных исследований и практического опыта воспитательной работы раскрыты возможности спортивной деятельности как эффективного механизма формирования личности подростка. Установлено, что систематическое вовлечение подростков в спортивные занятия способствует профилактике девиантного поведения, снижению уровня правонарушений, развитию дисциплинированности, ответственности, целеустремлённости и уважительного отношения к социальным нормам и ценностям. Особое внимание уделено роли спорта в укреплении внутрисемейных отношений, улучшении морально-психологического климата семьи и формировании доверительных отношений между родителями и детьми. В работе обоснованы основные направления сотрудничества семьи и образовательного учреждения через организацию спортивно-оздоровительной деятельности, а также определены эффективные формы участия родителей в воспитательном процессе. Кроме того, выявлены педагогические условия, способствующие повышению результативности совместной работы семьи и школы по воспитанию трудновоспитуемых подростков. Полученные результаты подтверждают значительный воспитательный потенциал физической культуры и спорта в процессе социальной адаптации, нравственного становления и гармоничного развития личности подростков.

**Ключевые слова:** трудновоспитуемые подростки, семья, физическая культура, спорт, девиантное поведение, социализация, воспитание, сотрудничество семьи и школы.

## WAYS OF COOPERATION WITH FAMILIES OF DIFFICULT ADOLESCENTS THROUGH SPORTS AND PHYSICAL EDUCATION

This study comprehensively examines the interaction between the family and educational institutions in the process of educating and guiding difficult adolescents through physical education and sports activities. Based on an extensive analysis of scientific and pedagogical literature, contemporary research findings, and practical educational experience, the study reveals the significant potential of sports activities as an effective tool for influencing adolescent behavior and personal development. The findings demonstrate that regular participation in sports contributes to the prevention of deviant behavior, reduces the risk of juvenile delinquency, and promotes the development of discipline, responsibility, self-control, perseverance, and respect for social values and norms. Particular attention is given to the role of sports in strengthening family relationships, improving the psychological climate within the family, and fostering constructive communication between parents and children. The study substantiates the main directions of cooperation between families and educational institutions through sports and health-promoting activities and identifies effective ways of involving parents in the educational process. Furthermore, it determines the pedagogical conditions necessary for enhancing the effectiveness of this cooperation. The results confirm that physical education and sports possess substantial educational and social potential, contributing to adolescents' successful social adaptation, moral development, and overall personal growth.

**Keywords:** difficult adolescents, family, physical education, sport, deviant behavior, socialization, upbringing, family-school cooperation.

***Дар бораи муаллиф***
*Саидализода Умедҷон Рамазон*
*Муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандӣ*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: umedconsajdaliev1@gmail.com*

***Об авторе***
*Саидализода Умеджон Рамазон*
*Старший преподаватель кафедры физического воспитания и гражданской обороны*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: umedconsajdaliev1@gmail.com*

***About the author***
*Saydalizoda Umedjon Ramazon*
*Senior Lecturer, Department of Physical Education and Civil Defense*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: umedconsajdaliev1@gmail.com*

ТДУ: 796.41:371+378

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАЪЛИМИ ГИМНАСТИКА ДАР РАВАНДИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ҶИСМОНИИ ДОНИШҶЎЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

***Саидзода М. Д., Миров М. А.***
*Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов*

***Муқаддима.*** Дар шароити муосири рушди низоми таҳсилот, омодасозии мутахассисони тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, яке аз самтҳои муҳимми ҷомеа барои идоракунии солимӣ мусоидат мекунад. Дар ин раванд таълими варзиши гимнастика қисми асосии тарбияи ҷисмонӣ, дар ташаккули саломатӣ, қобилияти ҷисмонӣ, устувории равонӣ ва тарбияи ахлоқии донишҷӯён нақши муҳимро ишғол менамояд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таълими гимнастика барои рушди ҷисмонӣ ва барои баланд бардоштани сатҳи интизом, масъулиятшиносӣ ва фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён равона карда мешавад. Гимнастика дар раванди таълим воситаи муҳимми ташаккули тарзи ҳаёти солим барои пешгирии бисёр бемориҳои вобаста дар камҳаракатӣ мувофиқат мекунад [1, с. 116]. Машқҳои мунтазами гимнастикӣ баро беҳтар шудани кори системаи дилу рагҳо, нафаскашӣ ва устувории умумии организм мусоидат менамоянд.

***Маводҳо ва усулҳои тадқиқот.*** Дар шароити донишгоҳҳо истифодаи усулҳои муосири таълими гимнастика, аз ҷумла машқҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ, барномаҳои таълимии фарқшаванда ва истифодаи технологияҳои рақамӣ, имконият медиҳад, ки раванди омӯзиш самараноктар гардад. Инчунин, таваҷҷуҳ ба омодагии методӣ ва касбии омӯзгорон нақши муҳим мебозад, зеро сифати таълим аз сатҳи маҳорати онҳо вобастагии мустақим дорад. Дар шароити муосири рушди низоми таҳсилоти олӣ масъалаи такмили омодагии ҷисмонии донишҷӯён аҳаммияти махсус касб менамояд. Гимнастика ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули сифатҳои ҷисмонӣ, рушди қобилиятҳои ҳаракатӣ ва таҳкими саломатии донишҷӯён нақши калидӣ мебозад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши асосҳои педагогии таълими гимнастика дар раванди машғулиятҳои ҷисмонӣ яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад.

Дар заминаи ташаккули афкори педагогӣ, масъалаи тарбияи ҷисмонӣ, бахусус таълими гимнастика, мавқеи муҳимро ишғол менамуд [3, с. 360]. Мутафаккирон ва аҳли фарҳанги он давра, аз қабили Абдураҳмон Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва Алишер Навоӣ, дар осори худ ба тарбияи ҳамоҳанги ҷисмонӣ ва маънавии инсон аҳаммияти хосса медоданд. Онҳо таъкид менамуданд, ки рушди ҷисмонӣ, аз ҷумла машқҳои гимнастикӣ, барои ташаккули шахсияти солим ва фаъол заминаи устувор мегузорад [4, с. 90]. Асосҳои педагогии таълими гимнастика дар он давра ба принсипҳои мутаносибии рушди бадан, тадриҷан мураккаб гардидани машқҳо ва мутобиқати онҳо ба синну сол ва имкониятҳои ҷисмонии шогирдон такя мекарданд. Машқҳои гимнастикӣ на танҳо барои қавӣ гардонидани бадан, балки барои рушди ирода, сабр, дақиқӣ ва интизом истифода мешуданд, ки ин ҳама ҷузъҳои муҳимми тарбия ба ҳисоб мерафтанд.

Ҳамзамон, дар баъзе муассисаҳои таълимӣ ва муҳитҳои фарҳангӣ шаклҳои ибтидоии барномаҳои таълимии гимнастикӣ ба роҳ монда шуда буданд. Ин барномаҳо машқҳои гуногуни ҳаракатӣ, бозиҳои ҷисмонӣ ва усулҳои омодагии ҷисмониро дар бар гирифта, ба тарбияи насли солим ва фаъол равона мешуданд. Бо ҳамин тарз, таълими гимнастика ҳамчун ҷузъи муҳимми низоми тарбия ташаккул ёфта, дар рушди фарҳанги ҷисмонӣ ва педагогикаи он давра саҳми назаррас гузоштааст.

Ғизои солим ва тарзи ҳаёти солим яке аз пояҳои муҳимми асосҳои педагогии таълими гимнастика ба ҳисоб меравад [5, с. 10]. Дар раванди таълими гимнастика танҳо рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ, балки ташаккули фарҳанги умумии саломатӣ низ мавқеи калидӣ дорад. Аз нигоҳи педагогӣ, омӯзгор бояд ба шогирдон на танҳо техникаи иҷрои машқҳоро омӯзонад, балки дар онҳо фаҳмиши дурусти нигоҳубини бадан, реҷаи рӯз ва одатҳои солими зиндагиро низ ташаккул диҳад.

Ғизои солим ҳамчун ҷузъи муҳимми тарзи ҳаёти солим ба рушди муътадили организм, баланд шудани қобилияти корӣ ва барқароршавии қувва пас аз машқҳои гимнастикӣ мусоидат мекунад [6, с. 25]. Дар асосҳои педагогии таълим таъкид мешавад, ки шогирдон бояд бо принсипҳои ғизои мутавозин истеъмоли сафедаҳо, равғанҳо, карбогидратҳо,

витаминҳо ва минералҳо шинос карда шаванд. Ин донишҳо ба онҳо имкон медиҳанд, ки фаъолияти ҷисмонии худро бо талаботи организм мутобиқ намоянд.

Ҳаёти солим инчунин риояи реҷаи дурусти рӯз, хобу истироҳати кофӣ, тозагии шахсӣ ва фаъолиятҳои мунтазами ҷисмониро дар бар мегирад. Дар таълими гимнастика ин омилҳо ҳамчун шарти зарурии ба даст овардани натиҷаҳои баланд ва пешгирии хастагӣ ё осебҳо баррасӣ мешаванд [7, с. 52]. Омӯзгор метавонад тавассути машғулиятҳои амалӣ, суҳбатҳо ва намунаи шахсӣ дар шогирдон одатҳои солими зиндагиро ташаккул диҳад.

Аз ин хотир, ҳамгироии ғизои солим ва тарзи ҳаёти солим ба раванди таълими гимнастика на танҳо самаранокии машқҳоро баланд мебардорад, балки ба тарбияи шахсияти солим, фаъол ва масъулиятнок мусоидат менамояд.

Аз нуқтаи назари педагогӣ, таълими гимнастика бояд ба принсипи фардикунонӣ такя намояд, яъне омӯзгор бояд сатҳи инкишофи ҳар як кӯдакро ба назар гирифта, ҳаҷм ва шиддати машқҳоро мувофиқ гардонад [8, с. 238]. Ин раванд на танҳо самаранокии таълимро баланд мебардорад, балки аз пайдоиши осебҳо ва хастагии бармаҳал пешгирӣ мекунад.

Ҳамзамон, шароити гигиенӣ, реҷаи дурусти машғулият, таъмини истироҳати кофӣ ва ғизои мутавозин ҳамчун омилҳои ҷудонашавандаи раванди таълими гимнастика ба ҳисоб мераванд [9, с. 60]. Риояи ин талаботҳо барои рушди солими кӯдакон ва баланд гардидани қобилияти ҷисмонии онҳо заминаи мусоид фароҳам меорад.

Илова бар ин, муҳити оилавӣ ва иҷтимоӣ, ҳолати равонӣ ва муносибати кӯдак ба машқҳо низ дар раванди омӯзиши гимнастика нақши муҳим мебозанд. Дастгирии равонӣ, ҳавасмандгардонӣ ва ташкили муҳити мусбати омӯзишӣ имкон медиҳад, ки кӯдакон бо шавқу ҳавас ба машқҳо машғул шуда, натиҷаҳои беҳтар ба даст оранд.

Бо ҳамин тарз, дар асосҳои педагогии таълими гимнастика ба инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ диққати махсус дода шуда, ҳамаи омилҳои таъсиррасон ба таври ҳамгиро ба назар гирифта мешаванд.

**Асосҳои таҳаввулоти машғулиятҳои гимнастикӣ**

| Самтҳо | Пеш аз истиқлолият (давраи Шуравӣ) | Дар давраи истиқлолият |
|---|---|---|
| Ҳадафи асосӣ | Омодагӣ ба меҳнат ва ҳимояи Ватан | Рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва тарзи ҳаёти солим |
| Барномаҳои таълимӣ | Якхела ва мутамарказ (барномаи умумииттифоқӣ) | Миллӣ ва мутобиқ ба шароити кишвар |
| Намудҳои машғулият | Маҳдуд, асосан классикӣ | Васеъ, бо назардошти намуди варзиши миллӣ ва байналмилалӣ |
| Усулҳои таълим | Анъанавӣ, бештар назариявӣ | Инноватсионӣ ва амалигаро |
| Нақши омӯзгор | Иҷрокунандаи барнома | Эҷодкор ва роҳнамо |
| Мусобиқаҳо | Дар доираи системаи ягонаи давлатӣ | Сатҳи мактабӣ, миллӣ ва байналмилалӣ |
| Таваҷҷуҳ ба саломатӣ | Маҳдуд | Афзалияти баланд ба саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим |

Ин ҷадвал таҳаввулоти машғулиятҳои гимнастикиро дар ду давраи таърихӣ пеш аз истиқлолият (давраи шуравӣ) ва дар давраи истиқлолият муқоиса намуда, тағйироти муҳимми педагогӣ, мазмунӣ ва ташкилӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмониро нишон медиҳад.

Пеш аз ҳама, фарқият дар ҳадафи асосӣ хеле равшан аст [10, с. 153]. Дар давраи шуравӣ гимнастика бештар ҳамчун воситаи омодасозии ҷавонон ба меҳнат ва ҳимояи Ватан истифода мешуд. Яъне, таваҷҷуҳ бештар ба омодагии ҷисмонӣ бо мақсадҳои давлатӣ равона буд. Аммо дар давраи истиқлолият ҳадаф васеътар гардида, ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва баланд бардоштани сифати зиндагӣ нигаронида шудааст.

Дар мавриди барномаҳои таълимӣ, дар давраи пешин як низоми мутамарказ ва ягона амал мекард, ки барои тамоми ҷумҳуриҳо якхела буд. Ин барномаҳо имкони ба назар гирифтани хусусиятҳои миллӣ ва маҳаллиро кам медоданд. Дар давраи истиқлолият бошад, барномаҳо бештар хусусияти миллӣ гирифта, ба шароити иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҷисмонии аҳолии кишвар мутобиқ карда шудаанд.

Тағйирот дар намудҳои машғулият низ назаррас аст. Пештар машғулиятҳо асосан ба шаклҳои классикии гимнастика маҳдуд буданд. Имрӯз бошад, доираи онҳо васеъ гардида, унсурҳои варзишҳои миллӣ ва равияҳои муосири байналмилалиро низ дар бар мегирад, ки ин ба шавқмандии бештар ва гуногуншаклии омӯзиш мусоидат мекунад.

Дар самти усулҳои таълим, давраи шуравӣ бештар ба усулҳои анъанавӣ ва назариявӣ такя мекард. Ҳоло бошад, равишҳои инноватсионӣ, интерактивӣ ва амалигаро бештар истифода мешаванд, ки иштироки фаъолонаи хонандагонро таъмин менамоянд.

Нақши омӯзгор низ тағйир ёфтааст. Агар қаблан омӯзгор асосан иҷрокунандаи барномаи муайяншуда мебуд, имрӯз ӯ ҳамчун шахси эҷодкор, ташаббускор ва роҳнамои раванди таълим баромад мекунад, ки метавонад усулҳо ва шаклҳои гуногуни таълимро мутобиқ намояд.

Дар масъалаи мусобиқаҳо, пештар онҳо дар доираи як системаи ягонаи давлатӣ баргузор мегардиданд. Дар замони истиқлолият бошад, сатҳ ва доираи мусобиқаҳо васеъ шуда, аз мактабӣ то байналмилалиро дар бар мегирад, ки барои рушди маҳорати варзишгарон имкониятҳои бештар фароҳам меорад.

Ниҳоят, таваҷҷуҳ ба саломатӣ дар давраи истиқлолият ба маротиб зиёд гардидааст. Агар қаблан ин омил аҳаммияти дуюмдараҷа дошт, имрӯз саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим яке аз самтҳои асосии сиёсати соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, ин ҷадвал нишон медиҳад, ки машғулиятҳои гимнастикӣ аз як низоми бештар стандартизатсияшуда ва мақсаднок ба як раванди чандҷанба, инсонмеҳвар ва мутобиқ ба талаботи замони муосир табдил ёфтаанд.

Машғулиятҳои ҷисмонии донишҷӯён, махсусан дар соҳаи гимнастика, аз замонҳои қадим барои таҳкими саломатӣ, омодагии ҷисмонӣ ва рушди қобилиятҳои фардӣ мавқеи махсус доштаанд [11, с. 158]. Аммо дар шароити имрӯзаи таҳсилоти олӣ, шахсияти ҳар як донишҷӯ ва талаботи шахсӣ ба таври дақиқ ва индивидуалӣ омӯхта шуда, то ихтисос ва машқҳои гимнастикӣ ҳамчун воситаи самараноки таълим барои ҳар як донишҷӯ интихоб ва татбиқ мешаванд.

2. Машғулиятҳои дарсӣ ва амалигардонии педагогикаи гимнастика дар донишгоҳҳо як намуди фаъолиятҳои ҷисмонӣ мебошанд, ки на танҳо ҷисми донишҷӯёнро таҳким мекунанд, балки ҳаёти равонӣ ва иҷтимоии онҳо низ таъсир мерасонанд. Вақте, ки дарсҳои гимнастика дар муҳити воқеии таълим ба амал дароварда мешаванд, муҳити омӯзишӣ ва руҳияи донишҷӯён дар фаъолияти ҷисмонӣ тағйир меёбад. Аз ин лиҳоз, таҳлили амалии дарсҳо дар гимнастика бояд ба ду самт ба назар гирифта шавад:

Таҳкиму таҷриба дар амал ҳангоми гузаронидани дарсҳои гимнастика, аввалин ва муҳимтарин мақсад ин аст, ки донишҷӯён малакаҳои ҷисмонии худро дар амал татбиқ мекунанд [12, с. 28]. Усулҳои омӯзишӣ ва методикаи таълими гимнастика ба донишҷӯён муҳити мувофиқи амалро фароҳам оваранд, ки онҳо тавонанд ҳама дастуруламалҳо, амалҳои дақиқ ва техникиро дар амал татбиқ менамоянд.

Гимнастика бо усулҳои дақиқ ва омодагии ҷисмонии баланди донишҷӯён дар муҳити иҷтимоӣ омили муҳимми тарбияи гурӯҳӣ ва ташкил кардани дастгоҳҳои манфиатнок барои ҳамкорӣ байни донишҷӯён мебошад. Ҳамин тавр, машғулиятҳои ҷисмонӣ на танҳо ба рушди ҷисмонӣ, балки ба ёрии ҷудоии руҳии шахсият ва таълим дар муҳити гурӯҳӣ мусоидат мекунанд.

3. Принсипи инфиродӣ ва шахсиро дар раванди машғулиятҳои гимнастика, принсипи инфиродӣ, ки мувофиқи қобилиятҳо ва хислатҳои ҳар як донишҷӯ фарқ мекунад, бояд дуруст ба амал ояд. Ҳар як донишҷӯ дар дарсҳо таҷрибаҳои гуногун ва ҷараёни омӯзишро бо суръат ва тарзи хоси худ аз сар мегузаронад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд пайваста ба мониторинги таҷриба ва амалҳои гуногуни донишҷӯён диққат диҳад, то ки онҳо ба натиҷаҳои хуб ва воқеӣ расанд.

Мисолан, барои донишҷӯе, ки дар якчанд мавридҳои гимнастикӣ мушкил дорад, омӯзгор бояд барномае таҳия кунад, ки ба ӯ кӯмак кунад, аз сабабҳои ҷисмонӣ ва психологии худ бедор шавад. Ба ибораи дигар, омӯзгор метавонад ҳамагӣ барои як гурӯҳи донишҷӯён таълим диҳад, аммо мавқеъ ва тақсимоти шукуфоӣ ва сатҳҳои маҳорати донишҷӯён бояд ба назар гирифта шавад.

4. Методологияи фаъоли ҳавасмандкунонии раванди таълим дар гимнастика бояд асосан фаъол ва амалӣ бошад. Гимнастика на танҳо машқҳои ҷисмонӣ мебошад, балки як равиши амалӣ аст, ки донишҷӯёнро ба дақиқ ва дуруст анҷом додани амалҳо ва техникаи ҷисмонӣ ҳавасманд мекунад. Барои таъмин кардани ҳавасмандии донишҷӯён, омӯзгор бояд усулҳои фаъол ва бозиҳои амалӣ ва эҷодӣ истифода кунад, ки дар он донишҷӯён метавонанд машқҳои гимнастикаро дар муҳити озмоишӣ ё як шабакаи боҳамӣ иҷро кунанд.

5. Сарварӣ ва нигоҳи ба сатҳи амалиётӣ дар раванди дарсҳои воқеии гимнастика, омӯзгор бояд метавонанд ба ҳар як донишҷӯ дар сатҳи амалиётӣ кӯмак расонанд ва нишон диҳанд, ки чӣ гуна ҳар як амалро бо дурустӣ ва ҳавасмандӣ иҷро кунанд. Ҳангоми анҷом додани машқҳо, донишҷӯён бояд нақши роҳбарӣ ва шиддатро дар иҷрои амалҳо санҷида, фаъолияти ҳозира ва фардиро муқаррар созанд. Роҳбарии дуруст дар таҳияи гуруҳи одамон дар муҳити таълимӣ кӯмак мекунад, ки ҳар як донишҷӯ тавассути қарорҳои амалӣ ва дуруст омодагӣ бинобар талаботи шахсӣ дошта бошад.

Таҳлилҳои назариявӣ нишон медиҳанд, ки дар осори олимони тоҷик, аз ҷумла дар мақолаҳои нашршуда дар маҷаллаи илмии «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ», масъалаҳои методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ ва гимнастика мавқеи хос доранд. Ба андешаи муҳаққиқон, самаранокии таълими гимнастика пеш аз ҳама ба дуруст ба роҳ мондани принсипҳои педагогӣ, аз қабили пайдарҳамӣ, дастрасӣ, инфиродӣ ва фаъолиятнокии донишҷӯён вобаста мебошад.

Чунончи, як қатор олимони ватанӣ таъкид менамоянд, ки дар раванди машғулиятҳои гимнастикӣ истифодаи усулҳои фаъоли таълим, аз ҷумла машқҳои амалии гуногун, бозиҳои ҳаракатӣ ва усулҳои инноватсионӣ, ба баланд гардидани шавқу рағбати донишҷӯён мусоидат мекунад. Инчунин, онҳо бар он назаранд, ки омезиши дурусти назария ва амалия дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ шарти асосии азхудкунии самараноки малакаҳои гимнастикӣ мебошад.

Ба гуфтаи олимони тоҷик, яке аз ҷанбаҳои муҳимми педагогии таълими гимнастика ин ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён мебошад. Яъне, омӯзгор бояд сатҳи омодагии ҷисмонӣ, қобилият ва ҳолати саломатии ҳар як донишҷӯёнро ба назар гирифта, барнома ва сарбории машқҳоро мутобиқ созад. Ин равиш имкони раванди таълимро самаранок ва бехатар мегардонад.

***Муҳокима.*** Ҳамзамон, дар мақолаҳои илмии мазкур таъкид мегардад, ки ташаккули малакаҳои худназоратӣ ва худтакмилдиҳӣ дар донишҷӯён яке аз вазифаҳои муҳимми тарбияи ҷисмонӣ мебошад. Гимнастика ҳамчун воситаи универсалӣ метавонад дар ин самт нақши муассир бозад, зеро он талаб менамояд, ки донишҷӯён ҳаракатҳои худро дақиқ идора намуда, натиҷаҳои худро мунтазам арзёбӣ кунанд.

Дар маҷмуъ, таҳлили ақидаҳои олимони тоҷик нишон медиҳад, ки асосҳои педагогии таълими гимнастика бояд ба равиши комплексӣ такя намоянд, ки дар он омезиши усулҳои анъанавӣ ва муосири таълим, ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии донишҷӯён мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Бояд қайд кард, ки гимнастика як ҷузъи муҳимми тарбияи ҷисмонӣ дар рушди ҳамаҷонибаи шахс нақши калидӣ дорад. Ин намуди варзиш ба такмили қобилияти ҷисмонӣ ва ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, иродавӣ ва эстетикӣ мусоидат мекунад. Ба ин хотир, омӯзиши гимнастика дар асоси принсипҳои педагогӣ ба роҳ монда мешавад.

Гимнастика як воситаи хуб барои таҳким ва ривоҷи хислатҳои ахлоқӣ дар байни донишҷӯён аст. Боварӣ, интизорӣ, кӯшиш ва таҳаммулпазирӣ ҳамаи ин хислатҳо метавонанд дар раванди таълим тавассути мукофот ва ташвиқ кӯмак кунанд.

Ҳадафи асосии таълими гимнастика ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта мебошад. Ҳадафи асосии таълими гимнастика ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта мебошад. Ин раванд рушди ҳамзамони қобилиятҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва ахлоқии донишҷӯёнро таъмин менамояд [13, с. 185]. Барои расидан ба ин ҳадаф, дар раванди таълими гимнастика як қатор вазифаҳои муҳимми педагогӣ ҳал карда мешаванд. Пеш аз ҳама, таваҷҷуҳ ба таҳкими саломатии донишҷӯён равона мегардад, ки он тавассути инкишофи дурусти ҳаракати мушакҳо, беҳтар намудани фаъолияти узвҳои ҳаётан муҳим ва ташаккули қомати дуруст амалӣ мешавад.

Ҳамзамон, дар раванди машғулиятҳо донишҷӯён малака ва қобилиятҳои асосии ҳаракатиро аз худ менамоянд. Онҳо иҷрои дурусти машқҳоро меомӯзанд, ҳамоҳангии ҳаракатҳоро такмил дода, бо қоидаҳои техникаи бехатарӣ шинос мегарданд.

Аҳаммияти таълимии ин намуди варзиш барои тарбияи сифатҳои ахлоқӣ ва иродавӣ тааллуқ дорад. Машқҳои мунтазам ба ташаккули интизом, масъулият, устуворӣ, ҷасорат ва худназоратӣ мусоидат мекунанд [14, с. 15]. Ин сифатҳо дар фаъолияти варзишӣ, ва ҳаёти ҳаррӯза низ аҳаммияти мусбӣ медиҳанд. Инкишофи ин сифатҳо заминаи муҳим барои фаъолияти муваффақ дар дигар намудҳои варзиш ва фаъолияти меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд зикр намуд, ки таълими гимнастика як раванди мураккаби педагогӣ ба рушди ҳаматарафаи шахсият равона гардида, барои тарбияи насли солим, фаъол ва ҳамаҷониба омода мусоидат мекунад.

**Вазифаҳои педагогии варзиши гимнастика**

| | |
|---|---|
| Вазифаҳои солимгардонӣ | Таҳкими саломатӣ, рушди дурусти системаи мушакҳо, беҳтар намудани фаъолияти дилу рагҳо ва нафаскашӣ, пешгирии бемориҳо ва инкишофи қомати дуруст |
| Вазифаҳои таълимӣ | Ташаккули малака ва қобилиятҳои ҳаракатӣ, омӯзиши техникаи дурусти машқҳо, азхудкунии донишҳои назариявӣ оид ба гимнастика ва қоидаҳои бехатарӣ |
| Вазифаҳои тарбиявӣ | Инкишофи сифатҳои иродавӣ ва ахлоқӣ, аз ҷумла интизом, масъулият, ҷасорат, қатъият, худназоратӣ ва қобилияти кор дар гурӯҳ |

| | |
|---|---|
| Вазифаҳои инкишофдиҳанда | Рушди сифатҳои ҷисмонӣ, ба монанди қувва, чолокӣ, устуворӣ, қобилият |
| Вазифаҳои эстетикӣ | Ташаккули фарҳанги ҳаракат, ҳисси зебоӣ, ритм ва ҳамоҳангии ҳаракатҳо |

Вазифаҳои солимгардонӣ пеш аз ҳама ба саломатии ҷисмонӣ таъсир мерасонанд. Онҳо ба ташаккули организми солим ва қавӣ, баланд шудани қобилияти корӣ ва фаъолият, кам шудани хастагӣ ва стресс, инчунин инкишофи тарзи ҳаёти солим мусоидат мекунанд. Донишҷӯе, ки ҷисман солим аст, одатан фаъолтар, боқувват ва ба таҳсилу зиндагӣ омодатар мебошад.


Вазифаҳои таълимӣ бошанд, ба омӯзиши дониш ва малакаҳои мушаххас равона шудаанд. Дар натиҷаи онҳо тафаккури мантиқӣ ва фаҳмиши ҳаракатҳо рушд меёбад, малакаҳои дуруст ва бехатар ташаккул меёбанд, сатҳи дониш дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ баланд мегардида, қобилияти худомӯзӣ ва такмили худ инкишоф меёбад. Ин ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки машқҳоро фаҳмад ва дуруст истифода намояд.

Вазифаҳои тарбиявӣ ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва иродавӣ равона шудаанд. Онҳо ба рушди интизом ва масъулият, ташаккули ирода ва устуворӣ дар расидан ба ҳадаф, ба баланд шудани худназоратӣ ва худидоракунӣ, инчунин инкишофи малакаҳои кор дар гурӯҳ ва эҳтироми дигарон мусоидат мекунанд. Ин сифатҳо барои муваффақият дар таҳсил, фаъолияти касбӣ ва зиндагии иҷтимоӣ аҳаммияти калон доранд.

Вазифаҳои инкишофдиҳанда ба рушди сифатҳои ҷисмонӣ равона гардида, афзоиши қувва, чолокӣ, устувориро таъмин менамояд. Онҳо барои беҳтар шудани ҳамоҳангии ҳаракатҳо, баланд шудани эътимод ба худ ва омодагӣ ба фаъолияти гуногуни ҷисмонӣ ва варзишӣ мусоидат менамоянд [15, с. 44]. Донишҷӯе, ки ҷисман рушдёфта аст, худро бовариноктар ҳис карда, фаъолона дар машғулиятҳо иштирок мекунад.

Вазифаҳои эстетикӣ бошанд, ба ташаккули фарҳанги ҳаракат ва ҳисси зебоӣ равона шудаанд. Дар натиҷаи онҳо ҳаракатҳои донишҷӯ зебо ва ҳамоҳанг мегарданд, қомат ва рафтор беҳтар мешавад, ҳисси ҳаракат инкишоф меёбад. Ин гуна сифатҳо шахсиятро фарҳангӣ, нозук ва ҷаззоб мегардонанд.

**Принсипҳо педагогии варзиши гимнастика**




Принсипи мутобиқсозӣ ба синну сол ва имкониятҳо. Машқҳо ва усулҳои омӯзиш бояд ба қобилиятҳои ҷисмонӣ ва равонии шогирдон мутобиқ шаванд. Ин принсип талаб мекунад, ки гимнастика барои ҳар як кӯдак мувофиқ бошад.

Принсипи ҳамоҳангӣ ва таносуби ҳаракатҳо. Ҳаракатҳо бояд дуруст ва мувофиқ бо якдигар иҷро шаванд, ки ба рушди устувор ва дурустии техникӣ кӯмак мекунад.

Принсипи интерактивӣ ва фардӣ. Таълим бояд фаъол ва ҷолиб бошад, бо истифода аз усулҳои интерактивӣ, ки шогирдонро ба иштирок ва изҳори фикрҳои худ ташвиқ мекунад. Ҳар шогирд бояд ҳис кунад, ки омӯзиш ба ӯ ва талаботаш мувофиқ аст.

Принсипи мақсаднокӣ ва мувофиқ. Ҳар як машқ ва барномаи таълимӣ бояд бо мақсадҳои равшан ва самаранок, мувофиқ ба имкониятҳои ҳар як кӯдак, таълим дода шавад.

Принсипи таҳсил ва таҷрибаи амалӣ. Омӯзиш на танҳо назариявӣ, балки бо таҷрибаи амалӣ бояд ҳамоҳанг бошад, то шогирдон дурустии иҷрои ҳаракатҳо ва машқҳоро амалӣ фаҳманд.

Принсипи шодмонӣ. Важагӣ ба ҳисси шодмонӣ ва рафтори мусбӣ дар раванди омӯзиш. Машқҳои гимнастика бояд ҷолиб ва шавқовар бошанд, ки шогирдон ба онҳо рағбат пайдо кунанд.

Принсипҳои асосии педагогӣ дар таълими гимнастика муҳим буда, ба рушди ҳаранди таълими донишҷӯёнро бехатар ва самаранок месозад.

Ба ин хотир, ҳамаи ин вазифаҳо дар якҷоягӣ ба ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта мусоидат мекунанд. Яъне донишҷӯ ҷисман солим, аз ҷиҳати зеҳнӣ рушдёфта, ахлоқан тарбияёфта ва иҷтимоан фаъол мегардад. Аз ин лиҳоз, гимнастика маҷмуи машқҳо, воситаи пурқуввати тарбия ва рушди инсон ба ҳисоб меравад.

***1. Принсипи илмият.*** Ин принсипи раванди таълим ба донишҳои илмӣ такя мекунад. Омӯзгор аз фанҳои анатомия, физиология ва педагогика истифода бурда, машқҳои дурустро интихоб мекунад.

***2. Принсипи дастрасӣ (мутобиқат).*** Машқҳо барои сатҳи омодагии ҷисмонӣ ва донишии донишҷӯён мувофиқ мебошад. Агар машқҳо хеле душвор бошанд, донишҷӯён онҳоро иҷро карда наметавонанд; агар хеле осон бошанд, рушд суст мегардад. Ба ин хотир, омӯзгор машқҳоро мувофиқи имкониятҳо интихоб менамояд.

***3. Принсипи пайдарпайӣ.*** Дар раванди таълими пайдарпайӣ аз сода ба мураккаб, аз осон ба душвор, аввал ҳаракатҳои асосӣ омӯхта шуда, баъдан элементҳои мураккабтар риоя мегардад. Ин тартиб барои азхудкунии устувори малакаҳо мусоидат мекунад.

***4. Принсипи фаъолият.*** Донишҷӯён дар раванди таълим фаъолона иштирок намуда, машқҳоро иҷро намуда, савол ва иштирок мекунанд.

Ин намуди фаъолият шавқу рағбат ва самаранокии омӯзишро зиёд мекунад.

***5. Принсипи инфиродӣ.*** Ҳар як донишҷӯ хусусиятҳои шахсии худро дорад (сатҳи ҷисмонӣ, қобилият, саломатӣ). Омӯзгор ин фарқиятҳоро ба назар гирифта, ба ҳар як шахс муносибати инфиродӣ нишон медиҳад. Ин ба пешрафти беҳтари ҳар як донишҷӯ мусоидат мекунад.

***6. Принсипи бехатарӣ.*** Ин яке аз муҳимтарин принсипҳост. Ҳангоми иҷрои машқҳои гимнастикӣ қоидаҳои техникаи бехатарӣ риоя шуда, осебҳо пешгирӣ карда мешавад. Омӯзгор тарзи дурусти иҷрои машқҳоро нишон дода, шароити бехатарро таъмин менамояд. Риояи ин принсипҳо имкон медиҳад, ки раванди таълими гимнастика самаранок, бехатар ва ба рушди ҳамаҷонибаи донишҷӯён равона гардад.

Усул ва воситаҳои таълим дар раванди омӯзиши гимнастика бо ҳамдигар робитаи зич дошта, як системаи ягонаи педагогиро ташкил медиҳанд. Самаранокии таълим аз он вобаста аст, ки омӯзгор то чӣ андоза дуруст усулҳоро интихоб карда, онҳоро бо воситаҳои мувофиқ пайваст менамояд.

Дар раванди таълим, пеш аз ҳама, усули шарҳдиҳӣ ва намоиш истифода мешавад. Омӯзгор аввал моҳият ва тарзи иҷрои машқро шарҳ дода, сипас онро ба таври амалӣ нишон медиҳад. Чунонки педагогҳои соҳа таъкид мекунанд: «Намоиши дуруст ва фаҳмондани возеҳ асоси ташаккули малакаҳои ҳаракатӣ мебошад». Ин усул барои дарк ва фаҳмиши ибтидоии машқҳо хеле муҳим аст. Пас аз он усули машқ (такрор) истифода бурда мешавад, зеро маҳз такрори пайваста боиси мустаҳкам шудани малакаҳо мегардад. Ба гуфтаи мутахассисон: «Малакаи устувор танҳо дар натиҷаи такрори сершумор ва мунтазам ба даст меояд». Дар ин марҳила донишҷӯён ҳаракатҳоро борҳо иҷро намуда, онҳоро такмил медиҳанд. Ҳамзамон, барои осон намудани омӯзиши элементҳои мураккаб, усули қисм - қисм истифода мешавад. Яъне машқи мураккаб ба қисмҳои алоҳида ҷудо гардида, тадриҷан омӯхта мешавад. Ин усул имкон медиҳад, ки донишҷӯён бе душворӣ ҳаракатҳоро аз худ намоянд.

Барои баланд бардоштани шавқу ҳавас ва фаъолият, усули бозӣ ва усули мусобиқа хеле муассир мебошанд. Онҳо муҳити мусоид ва рақобати солимро ба вуҷуд оварда, донишҷӯёнро ба иштирок ва беҳтар иҷро кардани машқҳо ҳавасманд мекунанд. Тавре, ки гуфта мешавад: «Бозӣ ва мусобиқа воситаи пурқуввати ангезиши фаъолияти ҷисмонӣ мебошанд». Дар баробари ин, усули худназоратӣ аҳаммияти калон дорад. Донишҷӯён иҷрои машқҳои худро таҳлил карда, хатогиҳоро ислоҳ менамоянд. Ин ба рушди мустақилият ва масъулияти онҳо мусоидат мекунад.

Ҳамаи ин усулҳо бо воситаҳои таълим зич алоқаманданд. Воситаҳои асосии гимнастика, пеш аз ҳама, машқҳои умумирушддиҳанда мебошанд, ки ба инкишофи умумии бадан мувофиқат мекунанд. Инчунин, машқҳои асбобӣ (масалан, турник ва брус) барои рушди қувва, устуворӣ ва ҳамоҳангсозӣ истифода мешаванд. Ғайр аз ин, машқҳои

акробатикӣ барои рушди чолокӣ ва тавозун аҳаммияти калон доранд. Дар баробари онҳо, машқҳои нафаскашӣ барои беҳтар шудани фаъолияти системаи нафаскашӣ мусоидат мекунанд. Ниҳоят, машқҳои ислоҳӣ ва табобатӣ барои пешгирӣ ва ислоҳи нуқсонҳои ҷисмонӣ, инчунин барқарорсозии саломатӣ истифода мешаванд. Ба андешаи мутахассисон: «Гимнастика воситаи рушди ҷисмонӣ ва муҳимми нигоҳдории саломатӣ низ мебошад».

Ҳамин тавр, истифодаи дурусти усулҳо ва воситаҳои таълим имкон медиҳад, ки раванди омӯзиши гимнастика самаранок, шавқовар ва барои саломатии донишҷӯён фоиданок гардад. Дарси гимнастика як раванди муназзами педагогӣ сохтори муайян дошта, аз се қисми асосӣ иборат мебошад: омодагӣ, асосӣ ва хотимавӣ. Ин тартиб имкон медиҳад, ки фаъолияти ҷисмонии донишҷӯён тадриҷан инкишоф ёфта, бо натиҷаи мусбат анҷом ёбад.

Қисми аввал қисми омодагӣ, барои омода кардани бадан барои фаъолияти ҷисмонӣ равона шудааст. Дар ин марҳила сафоробӣ, дави сабук ва машқҳои гармкунанда иҷро карда мешаванд. Ин машқҳо ба фаъол гардидани кори мушакҳо ва беҳтар шудани гардиши хун мусоидат мекунанд. Чунонки дар адабиёти педагогӣ қайд шудааст: «Қисми омодагӣ заминаи физиологӣ ва равонии фаъолияти минбаъдаро фароҳам меорад». Қисми дуюм қисми асосӣ, марҳилаи муҳимтарини дарс ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо омӯзиш ва такмили машқҳо, иҷрои элементҳои акробатикӣ ва машқҳои ҳамоҳангсозӣ амалӣ мегарданд. Маҳз дар ҳамин қисм донишҷӯён малака ва маҳорати худро инкишоф медиҳанд. Ба таъкиди мутахассисон: «Қисми асосӣ маркази асосии ташаккули қобилиятҳои ҷисмонӣ ва ҳаракатӣ мебошад». Қисми сеюм қисми хотимавӣ, барои паст кардани шиддати ҷисмонӣ ва барқарорсозии бадан пешбинӣ шудааст. Дар ин марҳила машқҳои оромкунанда иҷро шуда, ҷамъбасти дарс гузаронида мешавад. Тавре, ки гуфта мешавад: «Анҷоми дурусти дарс кафолати барқароршавии босуръати қобилияти кории ҷисм аст». Дар ин раванд нақши омӯзгор хеле муҳим мебошад. Омӯзгор дорои дониши назариявӣ ва амалӣ буда, дарсро дуруст ташкил менамояд, бехатариро таъмин мекунад ва донишҷӯёнро ба фаъолияти фаъол ҳавасманд месозад. Илова бар ин, ӯ бояд намунаи тарзи ҳаёти солим бошад. Ба гуфтаи олимон: «Шахсияти омӯзгор омили калидии таъсиррасонӣ ба рушди ҷисмонӣ ва маънавии донишҷӯён мебошад».

**Натиҷа.** Дар асоси таҳлили маводди пешниҳодшуда метавон ба чунин натиҷаҳои муҳим расид, ки таълими гимнастика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ як раванди мураккаб, бисёрҷанба ва аз ҷиҳати педагогӣ асоснок мебошад. Он на танҳо ба рушди ҷисмонии донишҷӯён, балки ба ташаккули сифатҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии онҳо низ таъсири амиқ мерасонад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки истифодаи усулҳои муосири таълим, аз ҷумла равишҳои интерактивӣ, машқҳои амалӣ, усули инфиродӣ ва технологияҳои нав, самаранокии раванди омӯзишро ба таври назаррас баланд мебардорад. Ҳамзамон, омезиши дурусти назария ва амалия дар дарсҳои гимнастика шарти асосии азхудкунии устувори малакаҳои ҳаракатӣ ва рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ мебошад. Муайян гардид, ки риояи принсипҳои педагогӣ, ба монанди илмият, дастрасӣ, пайдарпайӣ, фаъолиятнокӣ, инфиродӣ ва бехатарӣ, барои ташкил ва гузаронидани дарсҳои самаранок аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Ин принсипҳо имкон медиҳанд, ки раванди таълим мутобиқ ба имкониятҳои донишҷӯён ба роҳ монда шуда, рушди устувори онҳо таъмин гардад.

**Хулоса,** таълими гимнастика ҳамчун ҷузъи муҳимми тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дорои имкониятҳои васеъ барои рушди ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯён мебошад. Дар шароити татбиқи дурусти асосҳои педагогӣ, истифодаи усулҳои муосир ва фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимӣ, он метавонад ба баланд бардоштани сатҳи саломатӣ, қобилияти ҷисмонӣ ва омодагии касбии ҷавонон мусоидат намояд. Ҳамин тавр, ташкил ва гузаронидани дурусти дарси гимнастика, дар якҷоягӣ бо фаъолияти самараноки омӯзгор ва иштироки фаъолонаи донишҷӯён, ба ноил шудан ба натиҷаҳои баланди таълимӣ ва солимгардонӣ мусоидат менамояд.

***Адабиёт***


1. *Ашурова, Н.Ҷ. Инъикоси машқу варзиши занон дар «Шоҳнома»- ва Абулқосим Фирдавсӣ ва «Хамса» -и Низомии Ганҷавӣ / Н.Ҷ. Ашурова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - 2019, №5 (82) С. 116-126.*
2. *Иванов, И.И. Теория и методика физического воспитания студентов / И.И. Иванов. – Москва: Академия, 2021.*
3. *Каримзода М.Б. Вазъи таълим ва таъмини кадрии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021) / М.Б. Каримзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2025, №6 (119) С. 360-367.*
4. *Каримов, Ш.Б. Инновационные методы обучения физической культуре в вузах / Ш.Б. Каримов. - Қазон: Университет, 2022. - С. 33-90.*

5. *Консепсияи миллии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. С. 10-33.*
6. *Нуруллоев, Д. Асосҳои назариявӣ ва амалии тарбияи ҷисмонӣ / Д. Нуруллоев. – Душанбе: ДДОТ, 2024.-368 с.*
7. *Петрова, Н.В. Современные технологии обучения гимнастике в вузе / Н.В. Петрова. – Санкт-Петербург: Лань, 2022. - 448 с.*
8. *Розиқов Қ.С. Усулҳои умумии омӯзгорӣ дар тарбияи ҷисмонӣ истифодашаванда/ Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳақиқони ҷавон ДДОТ ба номи С.Айнӣ. - 2022, №1 (54), С.-238.-243.*
9. *Раҳимов А.А. Методикаи таълими гимнастика ва намудҳои машқҳои варзишӣ. – Душанбе: Маориф, 2023, С. 60 - 112.*
10. *Саидова М. Х. Методические рекомендации по формированию комплексных многофункциональных организаций физкультурно-спортывного обслуживания населения Республике Таджикистан // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -2015, №5-2 (66) С. 153-159.*
11. *Саидова М. Х. Организации комплексн физкультурно-спортивого обслуживания населения в регионах Республики Таджикистан/Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2015, №5-2 (66) С. 158 - 163.*
12. *Сидоренко, О.П. Педагогические основы физического воспитания студентов / О.П. Сидоренко. – Киев: Освыта, 2020.- 380 с.*
13. *Яқубов Н. Бозиҳои серҳаракат ва аҳаммияти он дар тарбияи насли наврас/ Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳақиқони ҷавон ДДОТ ба номи С.Айнӣ. - 2020, №2 (47) С. 185 – 191.*
14. *WHO (World Health Organization). Guidelines on Physical Activity and Sedentary Behaviour. – Geneva, 2020. С. 15–40.*
15. *Johnson, L. Modern Gymnastics Teaching Methods in Higher / L. Johnson, R. Smith. - Education. London: Routledge, 2021. - С. 44-88.*

## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАЪЛИМИ ГИМНАСТИКА ДАР РАВАНДИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ҶИСМОНИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Муаллифон дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ, таҷрибаи педагогӣ ва талаботи муосири низоми таҳсилот чунин хулоса менамоянд, ки таълими гимнастика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, яке аз самтҳои муҳимми тарбияи ҷисмонӣ ба ҳисоб меравад. Ин фан ҳамаҷониба шахсро аз ҷиҳати ҷисмонӣ инкишоф медиҳад. Асоснокии мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити муосир сатҳи камҳаракатӣ, хастагии равонӣ ва паст шудани фаъолияти ҷисмонии донишҷӯён зиёд гардидааст. Ба ин хотир, гимнастика ҳамчун воситаи самараноки солимгардонӣ ба беҳтар шудани саломатӣ, баланд бардоштани қобилияти корӣ ва пешгирии бемориҳо мусоидат менамояд. Муаллифон таъкид мекунанд, ки истифодаи принсипҳои педагогӣ (илмият, дастрасӣ, пайдарпайӣ, фаъолият, инфиродӣ ва бехатарӣ) дар раванди таълим заминаи асосии самаранокии дарсҳои гимнастика мебошад. Ин принсипҳо имконият медиҳанд, ки таълим ба талаботи илмӣ ва имкониятҳои инфиродии донишҷӯён мувофиқ гардонида шавад. Инчунин, дар мавзуъ аҳаммияти усулҳо ва воситаҳои таълим махсус таъкид мегардад. Усулҳои шарҳдиҳӣ ва намоиш, машқ (такрор), омӯзиши қисм - қисм, бозӣ, мусобиқа ва худназоратӣ дар якҷоягӣ бо машқҳои умумирушддиҳанда, акробатикӣ, асбобӣ, нафаскашӣ ва табобатӣ раванди таълимро самаранок ва шавқовар мегардонанд.

**Калидвожаҳо:** гимнастика, таълими ҷисмонӣ, принсипҳои педагогӣ, методҳои таълим, воситаҳои таълим, донишҷӯ, омӯзгор, саломатӣ, тарбияи ҷисмонӣ.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОБУЧЕНИЯ ГИМНАСТИКЕ В ПРОЦЕССЕ ЗАНЯТИЙ ПО ФИЗИЧЕСКОМУ ВОСПИТАНИЮ СТУДЕНТОВ УЧРЕЖДЕНИЙ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

На основе анализа научной литературы, педагогического опыта и современных требований системы образования авторы приходят к выводу, что преподавание гимнастики в высших профессиональных учебных заведениях является одним из важнейших направлений физического воспитания. Эта дисциплина всесторонне развивает человека физически. Актуальность темы проявляется в том, что в современных условиях возрос уровень малоподвижности, умственной усталости и снижения физической активности учащихся. В этой связи гимнастика как эффективное средство укрепления здоровья способствует улучшению здоровья, повышению трудоспособности и профилактике заболеваний. Авторы подчеркивают, что использование педагогических принципов (наука, доступность, последовательность, активность, индивидуальность и безопасность) в учебном процессе является основной основой эффективности уроков гимнастики. Эти принципы позволяют адаптировать образование к научным требованиям и индивидуальным возможностям учащихся. Также в теме подчеркивается важность методик и средств обучения. Методы объяснения и демонстрации, практика (повторение), сегментированное обучение, игры, соревнования и самоконтроль в сочетании с общеразвивающими, акробатическими, инструментальными, дыхательными и лечебными упражнениями делают образовательный процесс эффективным и интересным.

**Ключевые слова:** гимнастика, физическое воспитание, педагогические принципы, методы обучения, учебные пособия, ученик, учитель, здоровье, физическое воспитание.

**PEDAGOGICAL FOUNDATIONS OF TEACHING GYMNASTICS IN THE PROCESS OF PHYSICAL EDUCATION CLASSES FOR STUDENTS OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION INSTITUTIONS**

Based on the analysis of scientific literature, pedagogical experience and modern requirements of the education system, the authors conclude that teaching gymnastics in higher vocational education institutions is one of the most important areas of physical education. This discipline comprehensively develops a person physically. The relevance of the topic is manifested in the fact that in modern conditions the level of inactivity, mental fatigue and decreased physical activity of students has increased. In this regard, gymnastics as an effective means of health promotion contributes to improving health, increasing working capacity and preventing diseases. The authors emphasize that the use of pedagogical principles (science, accessibility, consistency, activity, individuality and safety) in the educational process is the main basis for the effectiveness of gymnastics lessons. These principles allow education to be tailored to the scientific requirements and individual capabilities of students. Also, the topic emphasizes the importance of teaching methods and tools. Methods of explanation and demonstration, practice (repetition), segmented learning, games, competitions and self-control, in combination with general developmental, acrobatic, instrumental, breathing and therapeutic exercises, make the educational process effective and interesting.

**Keywords:** gymnastics, physical education, pedagogical principles, teaching methods, teaching aids, student, teacher, health, physical education.

***Дар бораи муаллифон***

*Саидзода Мадина Додарҷон*
*Омӯзгори калони кафедраи назария ва методикаи бозиҳои варзишӣ*
*Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов*
*734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Лучоб, 53*
*E-mail: saidzoda@mail.ru*

*Миров Мустафо Абдуразоқович*
*Омӯзгори калони кафедраи назария ва методикаи гимнастика*
*Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов*
*734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Лучоб, 53*
*E-mail: r.mirov@mail.ru*

***Об авторах***

*Саидзода Мадина Додаржон*
*Старший преподаватель кафедры теории и методики спортивных игр*
*Таджикский института физической культуры им. С. Рахимова*
*734026, Республики Таджикистан*
*г.Душанбе, улица Лучоб, 53*
*E-mail: saidzoda@mail.ru*

*Миров Мустафа Абдуразокович*
*Старший преподаватель кафедры теории и методики гимнастики*
*Таджикский институт физической культуры имени С. Рахимова*
*734026, Республики Таджикистан*
*г.Душанбе, улица Лучоб, 53*
*E-mail: r.mirov@mail.ru*

***About the authors***

*Saidzoda Madina Dodarjon*
*Senior lecturer of the Department of Theory and Methods of Sports Games*
*Tajik Institute of Physical Education named after S. Rakhimov*
*734026, Repablic of Tajikistan city Dushanbe street Luchob, 53*
*E-mail: saidzoda@mail.ru*

*Mirov Mustafa Abdurazokovich*
*Senior lecturer of the Department of Theory and Methods of Gymnastics*
*Tajik Institute of Physical Education named after S. Rakhimov*
*734026, Repablic of Tajikistan city Dushanbe street Luchob, 53*
*E-mail. r.mirov@mail.ru*

ТДУ 340.12:37.035

# ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

***Хаспалаев Т. М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Тарбияи ҳуқуқӣ на танҳо ҳамун азхудкунии донишҳои ҳуқуқӣ, балки асоси рушди фарҳанги ҳуқуқӣ ва такмили пояҳои давлату давлатдории ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад. Мақсади асосии раванди тарбияи ҳуқуқӣ коркарди муқаррароти ҳуқуқии шахсият ба рафтори қонунманд, ба ҳимояи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Ҳар як шаҳрвандро зарур аст, ки нуқтаи назари устувор дошта бошад, то ки риояи қонунҳоро таъмин намоянд. Маҳз дар чунин ҳолат ташаккули давлати ҳуқуқӣ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа имконпазир мегардад [7, с. 623].

Тавассути тарбияи ҳуқуқӣ як қатор вазифаҳои муҳим амалӣ карда мешаванд. Вазифаи муҳимми тарбияи ҳуқуқӣ ташаккули муносибати боэҳтиромонаи шаҳрванд ба ҳуқуқ, қонун, арзишҳои умумиинсонӣ, инунин ташаккули ҳисси эътимоднокӣ дар самаранокии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт метавон қайд намуд, ки эътимоднокӣ хусусияти асосӣ ва муҳимми шуури ҳуқуқии инфиродӣ шуморида мешавад.

Ба сифати вазифаҳои тарбияи ҳуқуқӣ метавон ҷанбаҳои зеринро арзёбӣ намуд:

-баланд гардидани эътибори қонун;

-рафтори устувори қонунмандонаи тамоми шаҳрвандон;

-ташаккул ва инкишофи сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ҳамчун қисми асосии шуури ҷамъиятӣ;

- ташакул ва инкишофи фарҳанги ҳуқуқӣ;

- тарбияи ҳисси масъулият барои амалҳои худ дар назди ҷомеа ва давлат.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили вазифаҳои тарбияи ҳуқуқӣ метавон қайд намуд, ки ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқии ҷавонон яке аз вазифаҳои муҳимми он ба ҳисоб меравад. Маҳз ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки ҷавонон моҳияти ҳуқуқ, зарурати риояи қонун ва принсипҳои адолати иҷтимоиро ба пуррагӣ дарк намоянд. Ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ҷавононро аз марҳилаи донишҳои одии ҳуқуқӣ вориди сатҳи тафаккури ҳуқуқӣ менамояд, ки дар он ҳуқуқ ҳамчун арзиш, меъёр ва воситаи танзими муноибатҳои иҷтимоӣ қабул карда мешавад.

Мувофиқи ақидаи муҳаққиқон тафаккури ҳуқуқӣ на танҳо азхудкунии донишҳои ҳуқуқӣ, балки қобилияти татбиқи қонунҳо, баррасии вазъият аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, ташаккули мавқеи шахсӣ нисбат ба амалҳои дуруст ва нодурустро дарбар мегирад. Муҳақиқи рус А.В. Поляков қайд менамояд, ки тафаккури ҳуқуқӣ ин қобилияти шахс дар сатҳи арзишӣ дарк намудани моҳияти ҳуқуқ ва татбиқи амалии он ба ҳисоб меравад. Яъне, ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ танҳо бо омӯхтани қонун маҳдуд нагардида, маҷмуи донишҳо, қобилияти таҳлил ва муносибати арзиширо ба ҳуқуқ дарбар мегирад [9, с. 67].

Тарбияи ҳуқуқӣ ба ташаккул ва инкишофи сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ, эътиқоди шахсӣ ба қонун ва омодагии риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ равона карда шудааст. Тафаккури ҳуқуқӣ дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда бояд ба инсон маҳорату малакаи таҳлил ва интихоби рафтори қонунмандро омӯзад [11, с. 45].

Дар шароити ҷомеаи демократӣ ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ба унсури муҳим ва асосии амнияти миллӣ мубаддал мегардад, зеро мавқеи он дар ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва эътимоди оммаи мардум ба ниҳодҳои давлатӣ бузург аст. Инчунин, ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ дар тарбияи шаҳрвандӣ нақши калидӣ дорад; он бо таъсиргузории оила, муассисаҳои таълимӣ, воситаҳои ахбори умум, муҳити иҷтимоӣ ва низоми таълим ташаккул ёфта, имконият медиҳад, ки шахсият худро ҳамчун субъекти фаъол ва масъули равандҳои ҷамъиятӣ эҳсос намояд. “Ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ яке аз шартҳои зарурии устуворӣ ва мустаҳкамии давват ва марҳилаи муҳимми тарбияи шаҳрвандӣ аст” [13, с. 55].

Ҳамин тариқ, ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ дар тарбияи шахсӣ босалоҳият, қонунманд, бофарҳанг ва масъулиятшинос заминаи заруриро фароҳам оварда, устувории суботи сиёсӣ ва рушди давлату давлатдориро таъмин менамояд.

Ташаккули сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ва огоҳии шаҳрвандон вазифаи дигари тарбияи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаи мазкур имконият медиҳад, ки инфирод ҳуқуқ, озодӣ, уҳдадориҳо ва механизмҳои ҳимояи онҳоро дарк намояд, дар ҳаёти иҷтимоӣ ба таври

фаъол ва қонунманд иштирок намояд. Дар ин самт, таъмини дастрасӣ ба дониш ва иттилооти ҳуқуқӣ барои тамоми қишрҳои ҷомеа, аз он ҷумла, ҷавонон, занон, гурӯҳҳои осебпазир муҳим мардад.

Самтҳои асосии такмили маърифати ҳуқуқӣ аз чорабиниҳои ҷадиди амалишаванда вобаста аст, ки метавон чунин арзёбӣ намуд:

- таъмини дастрасии баробар ба сарашмаҳои иттилооти ҳуқуқӣ: китобхонаҳо, марказҳои таълимӣ ва машваратӣ, порталҳои рақамӣ;

- такмили барномаҳои таълимии ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, ки ба ташаккул ва инкишофи ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд;

- ташкили курсҳо, семинарҳо ва тренингҳои ҳуқуқӣ;

- ташкили марказҳои ройгони машварати ҳуқуқӣ ва ғайраҳо.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки ташаккул ва рушди маърифати ҳуқуқии ҷавонон аз сатҳ ва сифати чорабиниҳои амалишаванда вобаста аст. Аз ин хотир, зарур аст, ки бо назардошти вазъияти мавҷудаи маърифати ҳуқуқӣ, дар кишвар чорабиниҳои мухталифи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ амалӣ карда шаванд.

Муҳаққиқи рус Ю.А. Дмитриев қайд менамояд, ки сатҳи огоҳии ҳуқуқӣ бевосита ба сатҳ ва сифати рафтори қонунмандӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа таъсир мерасонад. Дар ҷомеае, ки сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ мушоҳида карда мешавад, бештар мушкилоти ҳуқуқӣ ва ноустувории иҷтимоӣ пайдо мегардад [2, с. 74]. Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ нишондиҳандаи асосии ҷомеа ҳуқуқбунёд буда, таъмини дастрасӣ ба донишҳои ҳуқуқӣ шарти таъмини адолати иҷтимоӣ шуморида мешавад.

Маърифати ҳуқуқӣ заминаи фарҳанги ҳуқуқӣ ва унсури муҳимми рушди ҷомеаи демократӣ мебошад. Ҷомеа танҳо дар ҳамон ҳолат устувор ва мустаҳкам боқӣ мемонад, ки шарвандон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро омӯзанд ва онро фаъолона ва самимона риоя кунанд. Муҳаққиқи тоҷик Қ.Шарифзода таъкид менамояд, ки огоҳии ҳуқуқӣ ба ташакули тафаккури қонунманд, эҳтироми қонун ва худназоратии шаҳрвандон мусоидат менамояд [12, с. 89].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки маърифати ҳуқуқӣ на танҳо ахудкунии донишҳои ҳуқуқӣ аст, балки раванди мураккаби иҷтимоӣ, фарангӣ ва сиёсӣ мебошад, ки барои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, қоҳиши ҳуқуқваронкунӣ ва зӯроварӣ, рушди ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ, таҳкими қонуният ва тартибот дар ҷомеа заминаи устуворро таъмин менамояд.

Вазифаи дигари тарбияи ҳуқуқӣ ташаккул ва инкишофи масъулияти ҳуқуқӣ ва шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи тарбияи масъулият ва масъулиятшиносӣ мураккаб ва гуногунҷанба мебошад. Аксарияти педагогҳои машҳур нисбати ин масъала ақидаҳои худро иброз намудаанд. Дар ин самт метавон таҳқиқоти Ю.П. Азаров, Г.С. Арефева, М.И. Бобнева, Р.И. Косолапов, В.С. Марков, Н.А. Минкина, В.М. Ломов, инчунин асарҳои педагогҳои машҳур А.С. Макаренко, В.С. Сухомлинский, Н.К.Крупская ва дигаронро махсусан қайд намуд.

Муҳаққиқи рус В.П.Прядеин мафҳуми “масъулият”-ро ҳамчун “Кафолати субъект дар самти бадастории натиҷа (мақсад) бо қувваи худ дар асоси қабули мустақили қарор, дарки қарз ва виҷдон” тасниф намудааст [10, с. 33]. Лекин, агар масъулиятро ҳамун мақсад қабул намоем, пас барои бадастории он ангеза зарур аст. Психологи шуравӣ А.Н. Леонтев пешниҳод намудааст, ки ангеза ҳамчун сифати низомии шахсият, ки ба фаъоляти муайян водор менамояд, баррасӣ карда шавад [4, с. 75]. Дар таҳқиқи ангеза зарурати баррасии ирода ба миён меояд, зеро дар асоси аксарияти амал ва фаъолияти инсон унсури иродавӣ ҷой дорад. Ҳамин тариқ, чунин мешуморем, ки фаҳми масъулият ҳамун мақсад, бештар ба номуаянӣ ва нодақиқӣ оварда мерасонад. Аз ин хотир, баррасии масъулият ҳамчун сифат, ки ба инсон хос аст, ба мақсади таҳқиқи мазкур мувофиқ аст.

Заминаи асосии фаҳми масъулият дар педагогика ғояҳои А.С. Макаренко ва В.А. Сухомлинкий ба ҳисоб меравад. “масъалаи муноибати рафиқ ба рафиқ ин на масъалаи дӯстӣ, на масъалаи меҳру муҳаббат, на масъалаи ҳамсоягӣ, балки ин масъалаи вобастагии масъулиятӣ мебошад” [5, с. 210]. Албатта, консепсияи вобастагии масъулиятӣ муҳим аст, лекин дар шароити имрӯза нисбат ба ҷавонони муосир истифода гардидани он ғариимкон аст. Идеология, инунин вазъияти таърихӣ дар давраи пешниҳод гардидани ин ғоя дигар буд, аз шароити имрӯза ба куллӣ тафовут дошт. Ҷавонони муосир нибатан озод буда, ҳам аз нуқтаи назари иқтиодиёт ва ҳам аз мавқеи амнияти маишӣ дар ҷаҳони дигар зиндагӣ мекунанд. Аз ин хотир, фаҳми масъулият ҳамчун сифати шахсият, ки дар муносибат бо мъёрҳои ахлоқии ҷомеа ифода мегардад, ба ақидаи мо дуруст аст.

Вазифаи масъулияти шахсро водор менамояд, ки на танҳо ҳуқуқҳои худро дарк намояд, балки уҳдадориҳои худро бо масъулияти баланд иҷро намояд. Дар натиҷа, шахс дарк менамояд, ки озодӣ бе масъулият вуҷуд дошта наметавонад, ҳар як амал бояд дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад. Дар доираи вазифаи мазкур шаҳрванд меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро ҳамчун арзиш қабул мекунанд; дар назди қонун ҷавобгариро эҳсос менамоянд; мавқеи фаъоли шаҳрвандиро дар фаъолияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ зоҳир менамоянд; муҳиммияти ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро эътироф мекунанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳисси масъулият дар натиҷаи тарбияи мунтазами ирода ва шуури иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Инчунин, масъулияти ҳуқуқӣ ҳамчун унсури асосии тарбияи шаҳрвандӣ танҳо дар ҳолати иштироки фаъоли шахсият дар ҳаёти иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ дар заминаи огоҳии ҳуқуқӣ, донишҳои сиёсӣ ва дарки маниатҳои миллӣ рушд менамояд.

Ҳамин тариқ, масъулияти ҳуқуқӣ ва шаҳрвандӣ заминаи асоии ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд ба шумор меравад. Тарбияи ҳуқуқӣ, ки ба ташаккуи масъулияти ҳуқуқӣ мусоидат менамояд, на танҳо вазифаи муассисаҳои таълимӣ, балки вазифаи тамоми ниҳодҳои иҷтимоӣ, ба монанди оила, воситаҳои ахбори умум, ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

Инкишофи малакаҳои амалии ҳимояи ҳуқуқ вазифаи дигари тарбияи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҷомеаи муосир ҳар як нафар бояд малакаву маҳорати амалии ҳуқуқӣ дошта бошад, ки дар ҳуҷҷатгузорӣ, муроҷиат намудан ба мақомоти муаян, ҷамъоварии далелҳо, тартиботи расмии ҳимояи ҳуқуқ дар суд ва дигар ниҳодҳо, роҳҳои қонунии ҳифзи манфиатҳои шахсӣ ифода мегардад.

Тарбияи амалии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон, махсусан ба ҷавонон имконият медиҳад, ки ҳуқуқҳои шахсӣ ва оилавии худро дуруст истифода баранд; дар муносибатҳои меҳнатӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии манфиатҳои худро ҳимоя намоянд; аз тартиботи судӣ ва ғарисудии ҳимояи ҳуқуқҳои худ бохабар бошанд; аз механизмҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дуруст истифода баранд; ҳангоми зарурат ба қонуншиканӣ, коррупсия ва поймол гардидани ҳуқуқ муқовимат нишон диҳанд.

Педагоги машҳури рус А.С. Макаренко қайд намудааст, ки тарбия шахсро бояд ба фаъолияти мустақилона ва қобилияти ҳимояи манфиатҳои худ дар дораи қонун омода намояд [6, с. 37]. И.А. Кон таъкид намудааст, ки донишҳои назариявӣ танҳо дар ҳолати амалигардӣ арзиши муайян пайдо мекунанд. Ҳуқуқ то ҳамон замон муҳим боқӣ мемонад, ки инсон онро истифода карда тавонад [3, с. 84]. Муҳаққиқи рус Ю.М. Батурин қайд намудааст, ки шаҳрванд бояд малакаҳои ҳуқуқии амалӣ, аз он ҷумла таҳияи ариза, тартиби муроҷиат, шиносоӣ бо санадҳои ҳуқуқӣ ва истифодаи механизмҳои судиро аз худ намояд [1, с. 6].

Ҳамин тариқ, инкишофи маҳорату малакаҳои амалии ҳимояи ҳуқуқ яке аз воситаҳои бартараф намудани поймолшавии ҳуқуқ ва таъмини рушди маърифати ҳуқуқии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Танҳо бо малакаву маҳорати амалии ҳуқуқӣ шахс метавонад ҳуқуқҳои худро ҳимоя намояд, ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳми арзанда гузорад.

Пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ташаккули фарҳанги қонунмандӣ вазифаи калидӣ ва стратегии тарбияи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз дар заминаи эҳтиромии қонун ва канорағӯӣ аз қонунвайронкуниҳо суботу амният ва рушди устувори ҷомеа таъмин карда мешавад. Тарбияи ҳуқуқӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва мубадда гардидани рафтори қонунманд ба одат мусоидат менамояд.

Инфирод танҳо дар ҳолати дарки моҳият ва мазмуну мундариҷаи меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибати арзиширо пеша менамояд ва аз ҳуқуқвайронуниҳо худдорӣ менамояд. Тарбияи дуруст ва вокеии ҳуқуқӣ ҳисси масъулиятро такмил дода, шахсро ба риоияи меъёрҳои ҳуқуқӣ водор менамояд. Дар ҳолати мубаддал гардидани рафтори қонунанд ба одати муқаррарии шаҳрвандӣ, инфирод ҳатто дар вазъияти душвор аз қонунваронкунӣ худдорӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, тарбияи ҳуқуқӣ яке аз самтҳои асоси ва муҳимми мубориза бо ҷиноятқорӣ, коррупсия, қонуншиканӣ, зӯроварӣ, таҳқири ҳуқуқи дигарон, рафторҳои зиддиқонунӣ ба ҳисоб мравад. Дарки оқибатҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳар як амал ва рафтор, инфиродро водор менамояд, ки аз рафтор, кирдор ва гуфтори номатлуб худро канор гирад.

Дар ҳолати ҳукмронии сатҳи баланди фарҳанги қонунмандӣ дар ҷомеа, самаранокии пешгирии ҳуқуқваронкунӣ таъмин карда мешавад. Фарҳанги қонунмандӣ аз ҷаҳони маънавии шахс, тарбияи ҳуқуқӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва муносибати арзишии оммаи

мардум ба қонунҳо вобаста аст. Аз ин хотир, зарур аст, ки тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати фарҳангӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ карда шавад.

Ташаккул ва инкишофи муносибати арзишӣ ба ҳуқуқ ва қонун вазифаи муҳимми тарбияи ҳуқуқӣ буда, дар рушди ҷомеаи қонунманд, устувор ва демократӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Ҳуқуқ ва қонун арзишҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ мебошанд, ки устуворӣ ва ойдории дават, амнияти тамоми ҷомеаро таъмин менамоянд. Дар доираи тарбияи ҳуқуқӣ дар шуури ҷавонон қонун ҳамчун арзиш, ки ҳуқуқ ва озодиҳоро ҳифз менамояд ва кафолати адолати иҷтимоӣ аст, мустаҳам мегардад.

Дар доираи тарбияи ҳуқуқӣ ба дарки ҷанбаҳои зерин таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд: қонун воситаи маҳдуднамоӣ нест, балки он кафолати озодӣ аст; роияи қонун на аз тарс аст, балки аз эътиқод ба адолат ва масъулият сарашма мегирад; қонун бахши муҳимми фарҳанги сиёсӣ ва маънавии милат аст.

Муносибати арзишӣ танҳо дар ҳамон ҳолат ташаккул меёбад, ки инфирод моҳияти қонун ва нақши онро дар ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ дарк намояд, онро ҳамун дастур мавриди истифода қарор диҳад. Инчунин, муносибати арзишӣ бо эҳтиром ба давлат ва давлатдорӣ алоқаманд аст, ки чунин ҷанбаҳо, ба монанди қадр намудани фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ; эътирофи нақши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартибот; эътимод ба суд, прокуратура, парламент ва дигар ниҳодҳои давлатиро барбар мегирад. Дар ҳолати дар сатҳи паст қарор доштани муносибати арзишӣ ба қонун эҳтимолияти пайдо шудани ноустуворияи ҷомеа ба миён меояд.

Ташаккули муносибати арзишӣ дар ҳамон ҳолат бомуваффақ мегардад, ки дар раванди тарбияи ҳуқуқӣ формулаи зерин ба инобат гирифта шавад: дониш – фаҳмиш – қабул – эътиқод – рафтор. Инфирод, танҳо дар ҳолати қабули қонун ҳамчун меъёри ахлоқӣ ва ҳимоя ҷомеа, онро эҳтиром менамояд.

Дар ҷомеаи тоҷик, ки анъанаҳои ахлоқӣ ва маънавӣ васеъ паҳн гардидаанд, тарбияи ҳуқуқӣ ба назардошти арзишҳои миллӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин самт метавон эҳтироми калонсолон, риояи ваъда, ростқавлӣ, масъулиятшиносиро махсусан қайд намуд, ки дар заминаи қонн низ амалӣ карда мешаванд. Ҳамин тавр, қонун ҳамун унсури фарҳанги маънавии миллӣ пазируфта мешавад.

Муҳаққиқи рус Г.В. Осипов нисбати масъалаи мазкур чунин қайд намудааст: “Қонунмандӣ танҳо дар ҳамон ҳолат амалӣ мегардад, ки қонун барои шаҳрвандон ба арзиши маънавӣ мубаддал гардад, қонун на ҳамун маҷмуи фармонҳо, баки ҳамун арзиши иҷтимоӣ қабу карда шавад” [8, с. 152]. Тарбияи ҳуқуқӣ бояд ба ташаккул ва инкишофи зеҳни озод, инсони масъул ва қонунманд равона гардад, ки ҳуқуқро ҳамчун арзиши фарҳангӣ қабул ва эҳтиром намояд.

Ҳамин тариқ, муносибати арзишӣ ба ҳуқуқ ва қонун заминаи асосии фарҳанги ҳуқуқӣ, қонунмандӣ ва суботи ҷомеа мебошад. Тарбияи ҳуқуқиро зарур аст, ки эҳтироми қонунро ҳамчун арзиши волои маънавӣ дар шуури шарвандон ташаккул диҳад.Чунин муноибат дар пешгирии ҳуқуқваронкунӣ, таҳкими адолат ва рушди устувори давлат аҳаммияти бузург дорад.

Тарғиби принипҳои демократия, адолати иҷтимоӣ вазифаи муҳимми тарбияи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз тариқи рушди маърифати ҳуқуқӣ ва ҷаҳонбинии деморатӣ имконияти бунёди ҷомеаи қонунманд, боадолат ва баробарҳуқуқ таъмин карда мешавад. Тарғиби демократия ба ташаккули тафаккури озод, эҳтироми фикри дигарон, қобилияти муколама ва иштироки фаъоли шаҳрвандонро мусоидат менамояд.

Дар ин самт дар доираи тарбияи ҳуқуқӣ ба заминаи асосии деморатия будани ҳуқуқ, таъмини озодиҳо дар доираи қонун, масъулияти шарвандӣ будани иштироки сиёсӣ ва ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи хосса дода мешавад. Демократия танҳо дар ҳолати огоҳии шаҳрвандон аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ ва амалӣ намудани онҳо рушд менамояд.

Тарбияи ҳуқуқӣ ба фаҳми дурусти адолати иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Адолати иҷтимоӣ вориднамоии муносибатҳои одилона дар тақсимоти неъматҳои иҷтимоӣ, роияи баробари тамоми одамон дар назди қонун, дастгирии гурӯҳҳои осебпазир, таъмини шароити баробар дар рушди шахсӣ ва иҷтимоиро пешниҳод менамояд. Ҷанбаҳои зикргардида танҳо тариқи баланд бардоштани маъриати ҳуқуқӣ ва эҳтиром ба меъёрҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои тарбияи ҳуқуқӣ маҷмуи тадбирҳо мбошанд, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ, афкори қонуншиносӣ ва рафтори қонунманд равона карда шудаанд. Тарбияи ҳуқуқӣ сиёсати муҳимми иҷтимоӣ мебошад, ки ба бунёди ҷомеаи фаъол ва созанда,

қонунманд ва масъул замина мегузорад. Маҳз дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои тарбияи ҳуқуқӣ ҷомеа ба сатҳи бааанди ҳуқуқбунёдӣ мерасад ва шаҳрвандон ҳамун муҳофизони қонун ва суботи давату ҷомеа баромад менамоянд.


***Адабиёт***

1. *Батурин Ю.М. Правовая культура личности / Ю.М.Батурин. –М., 2015. -256 с.*
2. *Дмитриев Ю.А. Правовое воспитание граждан / Ю.А. Дмитриев. –М., 2012. - 312 с.*
3. *Кон И.А. Педагогика и права / И.А. Кон. –М., 1990. –222 с.*
4. *Леонтьев, А. Н. Деятельность. Сознание. Личность / А.Н. Леонтьев. 2-е изд. -М.: Политиздат, 1977. - 304 с.*
5. *Макаренко, А. С. Педагогические сочинения / А.С. Макаренко.-М.: Изд-во АПН РСФСР, 1983. Т. 4. - 398 с.*
6. *Макаренко А.С. Книга для родителй / А.С.Макаренко. –М., 1978. - 325 с.*
7. *Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права / Н.И. Матузов, А.В. Малько. - М.: Юристъ, 2001. -761 с.*
8. *Осипов Г.В. Россия: новый курс / Г.В.Осипов. –М., 1966. –342 с.*
9. *Поляков А.В. Общая теория права / А.В. Поляков. –СПб, 2015. - 472 с.*
10. *Прядеин, В. П. Понятия ответственности, исполнительности, воли как объекты психолого-педагогического исследования / В.П. Прядеин // Научный диалог. 2012. № 1. – С.33-42.*
11. *Сайфиддинов М. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон / М.Сайфиддинов. –Душанбе, 2020. - 283 с.*
12. *Шарифзода Қ. Фалсафаи ҳуқуқ / Қ.Шарифзода. –Душанбе, 2012. - 218 с.*
13. *Ятимов С. Давлат ва ҳуқуқ: назария ва амалия / С.Ятимов. –Душанбе, 2018. – 232 с.*


## ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ


Дар мақолаи мазкур вазифаҳои асосии тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф кайд менамояд, ки тарбияи ҳуқуқӣ на танҳо ҳамчун азхудкунии донишҳои ҳуқуқӣ, балки асоси рушди фарҳанги ҳуқуқӣ ва такмили пояҳои давлату давлатдории ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад. Тавассути тарбияи ҳуқуқӣ як қатор вазифаҳои муҳим амалӣ карда мешаванд. Вазифаи муҳимми тарбияи ҳуқуқӣ ташаккули муносибати боэҳтиромонаи шаҳрванд ба ҳуқуқ, қонун, арзишҳои умумиинсонӣ, инунин ташаккули ҳисси эътимоднокӣ дар самаранокии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқии ҷавонон яке аз вазифаҳои муҳимми он ба ҳисоб меравад. Маҳз ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки ҷавонон моҳияти ҳуқуқ, зарурати риояи қонун ва принсипҳои адолати иҷтимоиро ба пуррагӣ дарк намоянд. Тафаккури ҳуқуқӣ дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда бояд ба инсон маҳорату малакаи таҳлил ва интихоби рафтори қонунмандро омӯзад ташаккул ва рушди маъриати ҳуқуқии ҷавонон аз сатҳ ва сифати чорабиниҳои амалишаванда вобаста аст. Ҳисси масъулият дар натиҷаи тарбияи мунтазами ирода ва шуури иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Инчунин, масъулияти ҳуқуқӣ ҳамчун унсури асосии тарбияи шаҳрвандӣ танҳо дар ҳолати иштироки фаъоли шахсият дар ҳаёти иҷтимоӣ ташаккул меёбад.



**Калидвожаҳо:** тарбияи ҳуқуқӣ, донишҳои ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ , рафтори қонунманд, давлати ҳуқуқӣ, арзишҳои умумиинсонӣ, ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқӣ, тарбияи шаҳрвандӣ, машварати ҳуқуқӣ.


## ОСНОВНЫЕ ФУНКЦИИ ПРАВОВОГО ВОСПИТАНИЯ В ГРАЖДАНСКОМ ОБЩЕСТВЕ


В данной статье рассматриваются основные функции правового воспитания в современном обществе. Автор отмечает, что правовое воспитание – это не только приобретение правовых знаний, но и основа развития правовой культуры и совершенствования основ государства и правовой государственности. Ряд важных задач реализуется посредством правового воспитания. Важной задачей правового воспитания является формирование уважительного отношения гражданина к закону, праву, универсальным человеческим ценностям, а также формирование чувства уверенности в эффективности правовых норм. Одной из его важных задач является формирование правового мировоззрения молодежи. Именно правовое мировоззрение позволяет молодежи в полной мере понимать сущность права, необходимость соблюдения закона и принципы социальной справедливости. Правовое мышление в условиях меняющегося общества должно обучать человека навыкам и умениям анализа и выбора правомерного поведения. Формирование и развитие правового сознания молодежи зависит от уровня и качества проводимой деятельности. Чувство ответственности формируется в результате систематического воспитания воли и общественного сознания. Также правовая ответственность как основной элемент гражданского воспитания формируется только при активном участии личности в общественной жизни.



**Ключевые слова:** правовое воспитание, правовые знания, правовая культура, правомерное поведение, правовое государство, общечеловеческие ценности, правовое мировоззрение, правовое мышление, гражданское воспитание, юридическая консультация.

## THE MAIN FUNCTIONS OF LEGAL EDUCATION IN CIVIL SOCIETY

This article examines the main functions of legal education in modern society. The author notes that legal education is not only the acquisition of legal knowledge but also the foundation for developing a legal culture and improving the foundations of the state and the rule of law. A number of important objectives are achieved through legal education. A key objective of legal education is to foster a citizen's respectful attitude toward the law, rights, and universal human values, as well as to cultivate a sense of confidence in the effectiveness of legal norms. One of its key goals is to develop a legal worldview in young people. A legal worldview allows young people to fully understand the essence of law, the need to comply with the law, and the principles of social justice. Legal thinking in a changing society must teach individuals the skills and abilities to analyze and choose lawful behavior. The development of legal awareness in young people depends on the level and quality of their activities. A sense of responsibility is formed through the systematic cultivation of willpower and social consciousness. Furthermore, legal responsibility, as a fundamental element of civic education, is developed only through the active participation of the individual in public life.

**Keywords:** legal education, legal knowledge, legal culture, lawful behavior, rule of law, universal human values, legal worldview, legal thinking, civic education, legal consultation.

***Дар бораи муаллиф***
*Хаспалаев Турахон Маҳмадалиевич*
*Унвончӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: muhammadsaidjon40@gmail.com*

***About the author***
*Khaspalaev Turakhon Mahmadalievich*
*Applicant of the University-wide Department of Pedagogy*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: muhammadsaidjon40@gmail.com*

***Об авторе***
*Хаспалаев Турахон Махмадалиевич*
*Соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: muhammadsaidjon40@gmail.com*

ТДУ 37.01.3:373.3(575.2)

# МАСЪАЛАҲОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР АФКОРИ ПЕДАГОГИИ САДРИДДИН АЙНӢ

***Зиякова З. А.***
*Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

Дар аввали қарни ХХ дар шаҳрҳои калонтарини сарзамини Осиёи Миёна ҳаракати пешқадами ҷадидия ба амал омад, ки намояндагони он бо тамоми ҳастӣ дар роҳи пешрафту беҳбудии ҷомеа рушду нумуи кишвар, ривоҷи илму фарҳанг равнақи мактабу маориф, таҳаввули бедории фикрии мардум ва камолоти маънавии халқу миллат корнамоиҳои ибратбахш анҷом додаанд. Ҷадидон аз ғафлат наҷот ёфтан ва ба шоҳроҳи тамаддуни умумибашарӣ дохил шуданро, пеш ҳама, дар ислоҳи мактабу маориф ва ба ташкил намудани таълиму тадрис медиданд. Дар таърихи тамаддуни тоҷик бошад, ин навъи мактабҳо нақши беандоза гузоштанд.

Ходимони илму фарҳанги тоҷик дар қарни пеш аз инқилоби Октябр дар таъсиси ин таълимгоҳҳо нақши беандоза гузоштанд. Бо ибтикори ҷадидон дар як муддати кӯтоҳ бошад, дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Тошканд, Андиҷон, Қӯқанд, Хуҷанд ва ғайра мактабҳои навусул созмон ёфтанд, ки дар ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии мардум инқилоби фикрӣ ба вуҷуд оварданд. Асосгузорони ин мактабҳо Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдулқодири Шакурӣ, Садриддин Айнӣ, Абдуррауфи Фитрат ва дигарон буданд ва бо ин навъ усули таҳсил ба бедор ва равшанфикрӣ тарғиб намудан ин пешаи корро ривоҷ доданд. Ногуфта намонад, ки бештарини соҳибони мактабҳои усули нав ва умуман тарғибгарони ҷадидия шоирону нависандагон буданд. Устод Айнӣ бошад, дар фаъолияти пеш аз инқилобиаш, аз мударрис буданаш дар мадраса боз дар эҷоди шеъру шоирӣ низ қалам кашидааст.

Муаллифони китоби «Таърихи адабиёти советии тоҷик» (1984) дар хусуси зарурат ва моҳияти мактабҳои усули нав навиштаанд: «Пайдоиши макотиби усули ҷадидия як ҳодисаи нави замон буда, низоми суннатӣ ва анъанавии маорифи кишварро тағйир дод, вале проблемаҳои ҳалнотолаби мактаби миллӣ дар Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва маҳалҳои тоҷикнишин ҳамоно вуҷуд доштанд. Нахустин мактабҳои навусулӣ, ки ғолибан тоторию ӯзбекӣ буданд, талаботи талабагони тоҷикро қонеъ карда натавонистанд. Бахусус, забони таҳсил ва китобу воситаҳои таълимӣ, ки аксарият туркӣ буданд, барои толибилмони тоҷик душвориҳои зиёдро пеш меовард. Аз ин рӯ, дар назди равшанфикрони тоҷик зарурати таъсиси мактабҳои миллӣ ва нашри китобҳои таълимӣ ба забони тоҷикӣ ба пеш омад» [1, с. 16].

Барои он ки диққати хонандагон ба мактабҳои ҷадидӣ ҷалб карда шавад, устод Айнӣ идеяи асосии қарор гирифтани порчаҳои шеърӣ ва мақсаду мазмуни ҳикояҳоро барои хонандагон рӯшан сохтан ҳам порчаҳои насрӣ ва ҳам шеъриро меоварад, ки аз анъанаи гузаштаи адабиёти классикӣ шакл гирифтааст. Садриддин Айнӣ бошад мактабро ҳамчун манбаъ ва сабаби осоиши рӯзгор таърифу тавсиф менамояд. Мақоми боргоҳи маърифат, яъне мактабро дар рушду инкишофи маънавии инсон ва васеъ намудани ҷаҳонбинии ӯ дар радифи талаботи масъалаи мактабҳои ҷадидия, ки ҳам дарсҳои динӣ ва ҳам дунявиро дарбар мегирифтанд, баръало зикр намудааст. Ин порчаи шеърӣ бошад дар бораи мактаб характернок мебошад:

*Бечон ҷасадро қадре набошад,*
*Ҷисм аст мактаб, ҷон аст мактаб* [2, с. 12].

Садриддин Айнӣ мактабро манбаи ақлу идрок ва ба камолрасии бачаҳо шуморидааст.

Дар рубоии зерин мактаб ҳамчун ҷойи хушбахтӣ ва дуркунандаи ғаму андӯҳ, сарчашмаи тараққиёти маънавии хонанда тасвир карда шудааст. Хислати характерноки рубоӣ дар он аст, ки махсусан барои хонадагони наврас нигаронида шудааст, ки бо ақлу дониш таъсир расонида, онҳоро ба сӯйи мактаб даъват кунад:

*Мактаб ба ту медиҳад илму адаб,*
*Мактаб зи ту мебарад ғаму ранҷу тааб* [2, с. 11].

Баъд аз он рубоӣ оид ба мактаб саволу ҷавоби мароқангез оварда шудааст, ки он ба синну сол ва фаҳмиши хондагони хурдсол хеле мувофиқ буда, дар байни бачагон ҳиссиёти дӯстӣ ва рафоқатро тарбия менамояд. Дар ин ҷо устод Айнӣ хонандагони олиҳиммататеро, ки дар равиши берун аз дарс ва берун аз он ашёи худро барои истифода берун аз дарс барои

шариконашон медиҳанд, одамони хуб мешуморад. Масалан, Собир ном бача дар рафти дарс қалами худро нохост мешиканад. Рафиқи ӯ Аҳмадҷон ба вай қалам ва коғаз дода мегӯяд: «Ману ту шарик ҳастем, ҳар чизе, ки ман дошта бошам, мисли чизи худ гирифта сарф намо» [2, с. 13]. Яке аз роҳҳои дигаре, ки инсон метавонад дар зиндагии хеш доимо сарфароз гардад, ин аст, ки дар зиндагӣ бояд дар соҳаи меҳнат тарбия дида бошад. Садриддин Айнӣ бошад фикри худро бо як рубоии пурҳикмати халқӣ ҷамъбаст кардааст:

*Нобурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад,*
*Музд он ки гирифт, ҷони бародар, ки кор кард* [2, с. 15].

Як роҳи дигари омӯхтан ва аз бар намудани донишро, ки устод Айнӣ дар осори худ нишон додааст, машғулияти коллективона мебошад. Вай таъкид менамояд, ки хонандагон машғулияти коллективонаро бояд дар ҷойҳои кушод ва хушбоду ҳаво гузаронанд. Аз ҳамин ҷост, ки пас аз тасвирҳои фасли баҳор ба хонандагон муроҷиат намуда, онҳоро ба хониши коллективона даъват менамояд:

*Хуш он кас, к-ӯ дар ин фаслу сол,*
*Равад бар бӯстон бо дӯстдорон* [2, с. 14].

Садриддин Айнӣ аҳаммияти калони донишандӯзӣ доштани саёҳати фаннӣ ба машғулияти коллективиро таъкид намуда, онро ба тартиби дарсхонии мактаби куҳна муқобил гузоштааст.

Устод Айнӣ дар ин ҷо соҳибмарҳаматиро бо хислатҳои бади худбинӣ ва бахилӣ муқобил мегузорад. Садриддин Айнӣ қайд менамояд, ки мактаб маданӣ ва боэътибор буда, хонандагонро аз расвоиҳои олами феодалӣ эмин медорад, ба ӯ илму адаб бахшида, шахси соҳибмаърифат ва азиз мегардонад. Инак, «Маснавӣ дар васфи мактаб» моҳияти ҳақиқии ин масъаларо равшан менамояд:

*Эй монда қадам ба роҳи мактаб,*
*Олист мақому ҷои мактаб* [2, с. 11].

Аз ин сатрҳо маълум мегардад, ки С. Айнӣ мактабро ҳамчун ибтидои тараққиёти маданияти хонандагон ва манбаи руҳии онҳо ҳисоб менамояд. Ба фикри устод Айнӣ маҳз дар ҳамин гуна мактабҳо илму дониш омӯхта, шахси бомаънӣ ва бофаросат шудан мумкин аст. Садриддин Айнӣ аз ҷавонон, ки ояндаи миллат ва пешбарандаи давр мебошанд, дар мактаб таҳсил намудан ва ҳарҷониба инкишоф ёфтани онҳоро талаб менамояд, зеро насли наврас ояндаи тамаддуни ӯро таъмин менамояд.

Дар маснавии мазкур Айнӣ на дар хусуси мактаби куҳна, балки дар бораи мактабҳои методи нав сухан рондааст, зеро мактаби куҳна ба талаботи саводи ҳақиқӣ номусоид буд ва тамоми заковати хонандаро поймол намуда, ақлу идроки вайро аз дарк намудани илму дониш боз медошт. Ин сохти таълимот дар он давра беҳбудиро ба вуҷуд наовард. Ин аст, ки

*Ҳар ки саъй кард, ин неъмат бар рағбат мехӯрад,*
*Он ки танпарвар бувад, имрӯз ҳасрат мехӯрад* [2, с. 28].

Ин порчаи шеърӣ бошад дар китоби «Таҳсиб-ус-сибён» дар ҳикояи «Палав» оварда шудааст, ки каҳрамони ҳикоя, яъне Маҳмудбойро оварда, ин гуна рафтори ин шахсро нисбати шариконаш инъикос намуда, ки тарзи тайёр намудани оши палавро нишон додааст. Барои он китоби «Таҳсиб-ус-сибён», яъне тарбияти кӯдакон ном гирифтааст, ки ин ҳикояҳо бо тарзи содаву фаҳмо бояд барои хонанда расад. Мақсади нависанда ин аст, ки мазмуни асар бояд мувофиқи синну сол ва бо тарзи фаҳмо барои хонандагони мактабҳои усули нав муносиб бошад.

*Палавро ончунон бояд барои сӯфиён пухтан,*
*Биринҷаш рӯю равған зеру мурғаш дар миён бошад* [2, с. 28].

Ин порчаи шеърӣ бошад, дар асли худ муҳтавои ҳикояро дарбар гирифта моҳияти ҳикояи насриро нишон медиҳад.

Асосан порчаҳои шеърии «Таҳсиб-ус-сибён» аз ҷиҳати забонӣ сода буда, барои хонанда фаҳмо мебошанд. Дар маҷмуъ порчаҳои шеърии китоби «Таҳсиб-ус-сибён» ҳафтоду ду байтро ташкил намуда, дар байни онҳо миқдоран маснавӣ, ғазал, рубоӣ ва байт дида мешавад. Ҳамаи мисраъҳои шеърӣ бошад аз худи муаллиф нестанд.

Дар хусуси порчаҳои шеърии китоби «Таҳсиб-ус-сибён» чеҳраҳои намоён ва мунаққидони барҷастаи адабиёти тоҷик дар бораи мавқеи порчаҳои шеърӣ дар китоби «Таҳсиб-ус-сибён» ва хусусиятҳои илмию амалии ин китоб мулоҳизаҳои судбахш баён намудаанд. Ин мунаққидон, аз қабили И. С. Брагинский, Р. Ҳошим, А. Сайфуллоев, М. Саидова, С. Табаров, Х. Мирзозода ва дигарон мебошанд, ки дар мақолаву асарҳояшон фикру ақидаҳояшонро иброз намудаанд.

Дар хусуси аҳаммияти порчаҳои шеърии китоби «Таҳсиб-ус-сибён» профессор Х. Мирзозода дар китоби худ «Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт» (1973) ва дар мақолаи

«Аҳаммияти эстетикии порчаҳои адабии китоби «Таҳсиб-ус-сибён»-и С. Айнӣ» дар хусуси мавқеи порчаҳои шеърӣ дар китоби «Таҳсиб-ус-сибён» сухан меронад. Масалан, барои исботи фикр аз мақолаи мунаққид иқтибосе меоварем. «Дар китоби «Таҳсиб-ус-сибён»-и С. Айнӣ тавсиф ва тарғиби маданияти нав, ҳусну ахлоқи нав, одоби нав, образи одамони нав ва мактаби нав ҷойи асосиро ишғол кардааст. Шеърҳои «Маснавӣ дар васфи мактаб», «Замзамаи дабистон», «Мактаб», «Боз мактаб», «Саҳаргоҳон» гаштаву баргашта тасдиқ менамоянд, ки дар ибтидои асри ХХ масъалаи муҳим дар зиндагии халқҳои Осиёи Миёна пеш аз ҳам масъалаи мактабу маориф ва кӯшишҳо барои ҳаёти нав буда, зебоии инсонро муносибати ӯ ба мактаби нав-усули ҷадид ва зиндагии нав муайян кардааст» [9, с. 167-173].

Тибқи маълумоти таърихнигор Намоз Ҳотамов нахустин мактаби усули нави форсии тоҷикӣ ба маорифпарвари номии Самарқанд Абдуқодир Шакурӣ тааллуқ дорад. Бо ташаббуси ӯ соли 1901 дар гузари Хоҷамуроди шаҳри Самарқанд чунин мактаби аввалин кушод шуд. Таъсиси ин мактабҳои усули ҷадидия низ дар фаъолияти педагогии устод Айнӣ таъсир гузошт, ки мавсуф аз солҳои 1905 қарни ХХ ба мударрисӣ дар мадрасаҳои Бухоро таълим додан шуруъ намуд. Аввалин мактаби усули савтия барои атфоли Бухоро, ки моҳи октябри соли 1908 аз ҷониби тараққипарварони тоҷик Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Аҳмадҷон Ҳамдӣ дар манзили Мунзим ташкил шуд, дар роҳи инқилоби фикрии аҳли Бухоро пояи устувор гузошт. Ин мактаб, ки дар таърих бо номи «Мактаби Мунзим» маъруф аст, моҳи сентябри соли 1909 бо амри ҳукумати амирӣ баста шуд ва ба таври пинҳонӣ чанд вақт амал кард. Табъу нашри китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимии Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ – «Асбоби савод» ё ин ки «Алифбои мактаби исломия» (1903), «Мухтасари ҷуғрофияи Русия» (1906) ва дигар асарҳои маорифпарварон буданд, ки дар таълиму тадриси мактабҳои нав роҳи то андозае программавии таълими нав дида мешуд. Устод Айнӣ бошад, дар ҳамин радиф аз ҳамон солҳо сар карда ба навиштани китобҳои дарсӣ шуруъ намуд. Аз ҳамин лиҳоз бошад аввалин китоби дарсии педагогӣ барои хонандагони мактабҳои ҷадидия, ки ҳам ҷиҳати динӣ ва ҳам дунявӣ дошт, дар асоси донишҳо дар мадраса ба кор бурда мешуд. Устод Садриддин Айнӣ бошад фаъолияти педагогиашро аз ҳамон замон, ки дарсҳои тоҷикиро барои хонандагони тоторҳо ва баъзе ҷадидоне, ки бар мактабҳои ҷадидӣ шавқу рағбати зиёд доштанд, ин маҷмуъаҳоро ба чоп тайёр намуд. Дар фаъолияти педагогӣ устод Айнӣ бошад китобҳои дарсиро барои хонадагон тайёр намуд буд, аз қабили «Тартил-ул-Қуръон» (1909), «Заруриёти диния» (1914), «Таҳсиб-ус-сибён», ки бо таҳрири Айнӣ ду бор чоп гардида буд ва боз бисёр дигар дастуру китобҳои таълимии ҷадидон, ки барои макотиби усули ҷадидия таҳия гардид, баҳри баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии мардум нигаронида шуда буданд ва дар шароити онвақтаи Осиёи Миёна аҳаммияти бузург доштанд. Устод Айнӣ китоби қироатии «Таҳсиб-ус-сибён»-ро барои ҳамин гуна мактабҳои нав таълиф намуд, ки сифатан аз китобҳои мактабҳои куҳна фарқ дошт. Мақсади асосии Садриддин Айнӣ аз навиштани китобҳои мазкур бо ақлу ирода ва бо донишҳои амиқи дунявӣ тарбия намуда, маърифатнок кардани фарзандони меҳнаткашон буд. Садриддин Айнӣ мактабро ҳамчун манбаи илму дониш тасвир менамояд. Ӯ таъкид менамояд, ки барои аз худ намудани асосҳои илм бояд мавзуъҳои гуногунро фаро гирифт, ки маъмултарини онҳо ахлоқу одоби ҳақиқии инсон аст. Ҳурмати падару модар, ҳақгӯй, боинсофӣ, аз худ намудани илму дониш, табиатдӯстӣ, ёрӣ расонидан ба муҳтоҷон ва дармондагон ва монанди инҳо ҷузъи таркибии фаъолияти толибилм мебошад. Дар байни ҳамаи инҳо мавзуи илму дониш мавқеи асосиро ишғол менамояд, зеро китоб ба мақсади босавод ва доно тарбия намудани наслҳои наврас навишта шудааст. Садриддин Айнӣ дар асари мазкур мактабҳои усули навро хеле таъриф намудааст. «Мактаб ҷойе аст, ки аз барои фоидаи мо бино кардаанд, ҷои ёд гирифтани илму тарбия аст» [2, с. 16]. Дар ҷойи дигари китоб чунин иброз медорад: «Мактаб ҷойи муборак аст, пас ба моён лозим аст, ки мактабро дӯст дорем, ҳурмати мактабро нигоҳ дорем» [2, с. 16].

Мақом ва нақши устод С. Айнӣ дар таърихи адаб, илм ва маданияти тоҷик на фақат ҳамчун нависанда ва шоир публитсист ва олими номдор шинохта шудааст, балки ӯ мутафакири соҳаи педагогика низ мебошад.

Садриддин Айнӣ ҳаёти худро бо мактаб, ба таълиму тарбияи насли наврас бахшида буд. Китобҳои машҳури ӯ «Таҳзиб-ус-сибён», “Духтарбача ё Холида”, “Мактаби куҳна” ва “Ёддоштҳо”, ба масъалаҳои гуногуни таълим бахшида шудаанд. Албата ӯ ҳам дар китобҳои дарсӣ, ҳам дар мақолаҳои публисистӣ ва ҳам дар асарҳои илмию бадеии хеш дар ҷараёни баррасӣ ва таҳлилии низоми таълиму тарбия дар мадрасаҳои аморати Бухоро, мактабҳои усули нав ва муассисаҳои таълими замони Шуравӣ ақидаҳои басе ҷолиби педагогӣ баён кардааст. Ин мулоҳизаҳо ба таълим ва навъҳои гуногуни тарбия, чун тарбияи ахлоқӣ, тарбияи гуманистӣ (инсондӯстӣ), тарбияи ватанхоҳӣ, беҳдошти тандурустӣ, тарбияи

эстетикӣ (зебоишиносӣ) ва тарбияи ҷисмонӣ равона шуда, зиёда аз як аср боз дар рӯшду нумуи маорифи тоҷик хизмат карда истодааст.

Устод Айнӣ дар ҳаёти инсон мавқеи тарбияро басо муҳим арзёбӣ карда, қишрҳои гуногуни ҷомеаро ба тарбияи бонизоми насли наврас роҳнмоӣ кардааст

Дар асарҳои С. Айнӣ инсони меҳнаткаш, инсоне ки аз хурдӣ дар руҳи меҳандӯстӣ ва накукорӣ тарбия ёфта, ба падару модар омӯзгорон ва дигар қишрҳои ҷомеа фоида мерасонад, васфу ситоиш мешавад. Асоси хушбахтии насли наврасро дар назарбаландӣ, меҳнатдӯстӣ ва саховатмандӣ донистааст. Масалан дар фасли “Бачаи боақл”-и «Таҳзиб-ус-сибён» омадааст, ки: “Бачаи боақл падару модараш ҳар таом диҳад, мехӯрад ва ҳар либос диҳад, мепӯшад. Зиёда талаб намекунад. Ба чизи касе ҳавасаш намеравад... чашм сер ва назарбаланд мебошад”.

*Ҳар кас ки назарбаланд бошад,*
*Фарҳундаву арҷманд бошад [2, с. 17]*.

Назарбаландиву саховатмандӣ, яке аз сифатҳои муҳимми ахлоқи ҳамида ба ҳисоб рафта, ба таълиму тарбияи насли наврас иртиботи комил дорад ва устод Айнӣ ин мафҳумро ба мафҳуми булҳавасӣ муқобил гузошта, бо ҳамин дар тарбияи фарзанд эҳтиёткор будани падару модарро таъкид мекунад. Масалан дар “Духтарбача ё Холида» овардааст, ки Холидаи шаш сола фарзанди ягонаи хонадон буда ва ҳар хоҳиши ӯ аз тарафи волидайн ба ҷо оварда мешуд, ба дараҷае, ки Холида пойбанди ҳавову ҳавас гардида буд: “Холида қабат-қабат либосҳо пушида нигину гӯшвораҳоро овехта, худро меорост, духтарони дигарро назараш намегирифт. Чунки ӯ қадру қимати одамонро дар либос медид” [2, с. 20].

Рӯзе ба Фотима ки бо либосҳои одӣ дар даст китоб аз мактаб меомад, вохӯрда, ӯро “магар ту чунин либосҳои нав надорӣ?”- гӯён шарм доронданӣ мешавад. Фотима ба Холида китобашро дароз карда, нодонии ӯро исбот мекунад ва дар айни ҳол боиси ба китоб рӯ овардани дугонааш мешавад, Устод Айнӣ чунин мешуморад, ки хислатҳои бади фарзандонро дар хурдсолӣ аз байн бояд бурд, зеро андак беэътиборӣ дар тарбияи фарзанд метавонад меваҳои талх ба бор орад.

Дар муассисаҳои таълимии асримиёнагӣ чӣ тавре ки аз ҳикояи “Мактаби куҳна» бар меояд, усули золимонаи таълим - ҷазои ҷисмонии мактаббача бо чӯб ҷорӣ буд ва устод ин усули таълимро тамоман маҳкум мекунад, зеро ин усул ба пешравии дарсхонии талабагон ёрӣ намерасонад, балкӣ, боиси қафо монӣ ва дарсгурезии талаба мегардад.

Бояд зикр кард, ки ҷараёни таълими атфол басо мураккаб ва заҳматталаб мебошад ва хислату табиати талабагон дар як поя қарор надорад. Барои ин заҳмати муаллим ва падару модар лозим аст. Бинобар ин С. Айнӣ ба муқобили ҷазои ҷисмонӣ баромада, дар айни ҳол усули умумии ҷазоро инкор намекунад. Ба ақидаи ӯ сахтгирии насли наврас бояд хусусияти тарбиявӣ дошта бошад ва ба ақлу шуури атфол таъсир карда, онҳоро ба масъулиятшиносӣ роҳнамоӣ намояд, яке аз шогирдони устод Айнӣ - Раҳим Ҳошим чунин ёдовар шудааст, ки: “Ба фикри С. Айнӣ, падару модар ва инчунин муаллим бояд ба тамоми ҷиҳатҳои ҳаёти бача диққат намоянд ва ӯро ҳама вақт дар таҳти мушоҳидаи худ нигоҳ доранд. Муаллим бояд нисбат ба ҳар як талаба ҳассос ва бодиққат буда, ҳеҷ як рафтор ва кирдори ӯро аз назар нагурезонад» [11, с. 2].

Устод Айнӣ дар осори педагогии худ ба тарбияи гуманистии насли наврас таваҷҷуҳи зиёд намуда, тарбияи атфолро дар руҳияи инсондӯстӣ, раҳму шавқат ба муҳтоҷону дармондагон дониста, ин навъи тарбиро тарбияи комили инсонӣ мешуморад. “Одами боақл,- ба қавли Айнӣ,- ба ҷамъи мардум ҳатто ба ҳайвонҳо некӣ мекунад. Ҳеҷ касро озор намедиҳад, ба мардум зарар ва заҳмат намерасонад, ба ҳоли бева ва бечора дилаш месӯзад, ба онҳо тараҳҳум мекунад. Ба қадри имкон некӣ мерасонад» [11, с. 2].

Ақидаҳои омӯзгории С. Айнӣ дар масъалаи тарбияи гуманистии насли наврас пайваста инкишоф меёбад. Дар китоби қироати “Духтарбача ё ки Холида» омадааст, ки тарбияи муаллима Холидаро дар роҳи муҳаббат бо волидайну ҳамсолон таъкид шудааст, ки сар то по ақидаҳои гуманистист. Масалан рӯзе духтарчаи ҳамсоя Қундуз ба об ғарқ мешавад, “дар ин ҳол Холида...худро ба ҳавз ҳаво дода, Қундузро бардошта аз об бароварда ва ҳамроҳи холааш як- ду соат ба Қундуз нигоҳу бин намуда, ӯро аз ҳолати марг наҷот доданд» [3, с. 34].

Андешаҳои устод Айнӣ вобаста ба тарбтяи инсондӯстӣ ва мулоҳизаҳояш оид ба тарбияи ватандӯстӣ пайваст мебошанд. Аз осори то давраи инқилоби Октиябр навиштаи устод маълум мешавад, ки ӯро ноободии Ватан, дар торикиву нооромии мондани сокинони аморати Бухоро дар ташвиш овардааст ва барои аз ин вартаи ҳалокат раҳонидани Бухоро ва сокинони он талош меварзад то ки ғояи ободӣ ва рушду нумуи онро дар осори омӯзгориаш низ ба насли наврас талқин мекунад. Дар «Таҳзиб-ус-сибён» овардааст, ки модар ба писари хурдиаш, ки дар шаҳри Бухоро мехонд, мактуб навишта, аз ҷумла мегуяд: “Нури дидаи ман,

аз ту танҳо як хоҳиш дорам, ки ин аст: дар роҳи хондан саъй кун, ғайрат кун! Одам шав! Баъд аз он ба қадре, ки метавонӣ дар ватан ва аҳли ватани худ ва ҳам миллати худ хидмат намой! Ба ман ҳамин шараф бас аст, ки ходими донишманди миллат ёдгор гузорам» [2, с. 34]

Махсусан асарҳое, ки устод дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ навиштааст, руҳи ватандӯстӣ ва ҳимояи Ватан аз ғоратгарони аҷнабӣ басо қавӣ мебошад ва ин осор, аз ҷумла "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ва "Исёни Муқанаъ», дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ дар тарбияи ҷавонону наврасони тоҷик басо бузург аст. Вақте, ки насли наврас аз охири китоби "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» навиштаҷоти варақеро, ки аз миёнбанди Темурмалики шаҳид дарёфт шудааст, мехонад, арзиши Ватанро ҳар як ватандор бо тамоми ҳастӣ эҳсос мекунад: "Эй он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва одамдӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории Ватани азизи ман аст!» ва ин байтҳам зикр шудааст:

*Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзу,*
*Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок! [1, с. 64].*

С. Айнӣ чун омӯзгори соҳибтаҷриба хислату табиати насли наврасро хуб медонист ва аз хурдӣ, ба зебоӣ майл доштани насли наврас устодро водор кардааст, ки дар китобҳои дарсӣ ва осорҳои бадеии ба атфол бахшидааш ба тарбияи эстетикии талабагон эътибори ҷиддӣ диҳад.

Ба қавли С. Айнӣ тарбияи эстетикии хонандагон аз хондан оғоз мегардад ва устод яке аз вазифаҳои муҳиммӣ падару модар ва муаллимро дар руҳи зебопарастӣ, дарки мусиқӣ ва муҳаббат ба табиату мусиқӣ тарбия намудани насли наврас медонад [1, с. 120].

Вақте ки талаба аз асарҳои бадеии Айнӣ, махсусан аз қиссаи "Одина» ва романи "Дохунда», рангорангии манзараҳои табиати куҳистони тоҷикро мутолиа мекунад, руҳаш болида гардида, меҳраш ба ин макони зебову дилрабо дучанд мешавад. Он ташбеҳҳо, он тавсифҳо ва он тасвирҳои басо рағбатнок талабаи хурдсолро ба созандагӣ ва дӯстдории табиат ҳидоят мекунад, масалан: "Партави офтобе, ки ба сари девори ин дара афтодааст, аз даруни ин оби соф ва ҷӯйи шаффоф акси худро намоён карда, шаъшаапошӣ мекунад, сангҳои деворӣ дара аз даруни ин оби оташтоб ба тарзе намоён мешавад, ки гуё сангтарошони ҳунарманд сангҳои рахдорро бо як тартиби ҳандасагӣ болои ҳам чида бошанд» [4, с. 8].

С. Айнӣ тавассути асарҳои бадеи худ ба қалбу руҳи талабагон таъсир расонида, бо ҳамин дар тарбияи эстетикии онҳо саҳми босазо гузошт. Албатта, дуруст аст, ки руҳи солим тани солимро тақозо мекунад. Бинобар ин устод, бо такя ба ақидаҳои омӯзгорони барҷаста, дар мактаб чун фанни таълимӣ ҷорӣ кардани тарбияи чисмониро зарур мешуморид ва боз таъкид мекард, ки дар ҳар мактаб барои тарбияи ҷисмонии талабагон шароити зарурӣ муҳаё бошад. Ҳамчунин, барои ҷисману руҳан солим ба воя расиданӣ насли наврас риояи тартиби рӯзро зарур мешуморид. Дар «Таҳзиб-ус-сибён», меоварад, ки Муҳаммадфарид на танҳо дар рӯзҳои дарс, ҳатто дар рӯзҳои таътил низ тартиби рӯзро риоя мекард, то ки ҷисми ӯ ҳамеша фаъолу руҳаш болида бошад. "Муҳаммадфарид дар моҳи шарифи рамазон як дарс мехонд. Баъд аз дарс як-ду соат хобида, баъд аз он ба сайру гашт мебаромад. Тамошогаҳаш ҳамеша китобхонаҳо буд» [2, с. 28].

Тандурустӣ ва беҳдошти саломатии насли наврас ба вазъи санитарии муҳити зист низ вобастагӣ дорад ва ин масъала низ аз назари боркбинии устод Айнӣ дур намондааст. Бинои мактаби деҳаи Соктарей, ки Садриддин дар он таҳсил мекард, ба одитарини талаботи муассисаи таълимӣ ҷавобгӯ набуд. Рӯшноӣ намерасид, ҳаво намерасид, таҳсили ягонаи бачагони синусолашон гуногун ба занозанӣ ва хусумати онҳо боис мегардид. Ин аст, ки устод сохти номуносиби таълимиро дар мактаби куҳна мавриди накуҳиши шаддид қарор дода, дар қаламрави Бухоро, шояд бори аввал усули ба синфҳо ҷудо кардани мактаб - бачагонро пешниҳод мекунад [1, с. 122]. "Мактаб бояд ки ба ҷойи васеъи хушҳаво бино ёфта бошад. Фазояш софу покиза бошад. Заминаш берутубату бетааффун бошад. Шогирдони мактаб ба чор қисм тақсим шаванд. Ҳар синф бо шарикони худ ба ҷойи худ нишинанд» [8, с. 12].

Садриддини Айнӣ дар тарбияи меҳнати фарзанд мавқеи волидонро баланд арзёбӣ мекунад ва ин ақидаро дар мисоли падари худ-Сайидмуродхоҷа (дар ҳикояҳои "Мактаби куҳна», "Аҳмади девбанд" ва "Ёддоштҳо" овардааст, ки Саидмуродхоҷа барои таъмини рӯзгори оила ҳамеша машғули кору меҳнат буд боз дар фурсатҳои муносиб аз бузургони сухан мисолҳо оварда фарзандонро дар руҳи меҳнати ҳалол тарбия менамуд. Рӯзе падар аз шоир Исо ин байтро қироат карда:

*То ба кай зи бекорӣ фарсудагӣ мурдан?*
*Нусхае ба каф дорӣ, ҷамъ созу аҷзо кун!*

оварда шарҳ медиҳад ва илова мекунад, ки: “Дидӣ, ин одам чи қадар доност: бекориро баробари мурдан мешуморад, ҳар чӣ бошад, ягон кор кун мегуяд”. Ва писар аз ин суҳбат панд гирифта мегуяд, ки: “Ин суҳбат барои ҳаёт ва фикри ман таъсири бузург кард, чунонки саллаҳои калони олимтарошонро бад медидагӣ шудаам, инчунин аз бекорӣ ҳам нафрат мекардагӣ гардидам» [2, с. 110].

Масъалаи оила ва тарбияи хонаводагӣ дар фаъолияти омӯзгории С. Айнӣ мавқеъи марказӣ дорад ва ин падида дар тамоми осори дарсӣ ва публитсистиву бадеии нависанда зикр шудааст.

Падари Айнӣ Сайидмуродхоҷа то охири умр ягон лаҳза ва андешаи ояндаи фарзандаш-Садриддин фориғ набуд. Қайд мекунад адабиётшинос Соиб Табаров “Ҳатто Сайидмуродхоҷа дар ин вазъияти ниҳоят сангину мушкили аҳволаш (яъне ба бемории вабо гирифтор буд) дар соату дақиқаҳои вопасини ҳаёташ фикру андешаи ояндаи фарзандаш Садриддинро мекунад ва ба ӯ муроҷиаткунон чунин васияти таърихӣ мекунад: “Хон! Дар чӣ гуна душворӣ бошад ҳам, хон! Лекин қозӣ нашав, раис нашав, имом нашав! Агар муддарис шавӣ, майлат» [2, с. 143-144].

Албатта, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар ягон давраи таърих кам намешавад ва имрӯз, дар замони авҷи тараққиёту нуфузи бесобиқаи техника ва техналогияи нави ҷаҳонӣ, масъулияти волидон дар таълиму тарбияи фарзанд боз ҳам баланд мегардад.

Ҳамин тариқ, афкори педагогии Садриддин Айнӣ дар натиҷаи андӯхтани таҷрибаи зиёд ҳангоми таҳсил дар мадрасаҳои Бухорои амирӣ ва фаъолияти омӯзгорӣ дар мактабҳои ҷадидӣ ва шуроӣ ташаккул ёфта, арзишҳои баланди илмӣ ва иҷтимоӣ касб намуд, боиси боз ҳам ғанию пурмазмун шудани андешаҳои ахлоқии мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик дар мавриди таълиму тарбияи насли наврас гардид. Ин аст, ки устод чун шахсияти бузурги таърих бо назарияи педагогика дар таърихи мактабу маорифи Тоҷикистон ҷойгоҳи арзанда дорад.

***Адабиёт***


1. *Абдуманнонов А., Сайфуллоев А., Мирзозода Х. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1984. – 354 с.*
2. *Айнӣ С. Таҳсиб-ус-сибён (Ба чоп ҳозиркунанда С. Табаров). – Душанбе: Маориф, 1994. – 100 с.*
3. *Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро (Баргардонанда аз ӯзбакӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб: Р. Ҳошим). – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.*
4. *Аслонова Н. Баъзе андешаҳои адабӣ–эстетикии Садриддин Айнӣ // Маҷмуаи илмии ДМТ. – 2010. - №5 (61). – С. 259-262.*
5. *Аслонова Н. Шахсияти Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 48 с.*
6. *Асозода Х. Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ. – Душанбе, 2004. – 90с.*
7. *Бақозода Ҷ. Устод Айнӣ ва афкори адабию эстетики тоҷик дар солҳои 20-ум//Ахбороти Академияи фанҳои ҷамъиятӣ (Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ). – 1976. - №2. – С. 59-63.*
8. *Брагинский И. С. Проблемы творчество Садриддина Айни. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 176 с.*
9. *Мирзозода Х. Аҳаммияти эстетикии порчаҳои адабии китоби «Таҳсиб-ус-сибён»-и Садриддин Айнӣ // Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт. – Душанбе: Ирфон, 1973. – С. 167-173.*
10. *Рашод М. Фалсафа аз оғози таърих. (Таҳияи Сайдбеки Муҳамадулло ва Сайдиёни Исматулло). – Душанбе: Ирфон, 1990. – 478 с.*
11. *Ҳошим Р. Айнӣ ва аввалин китобҳои дарсӣ // Маориф ва маданият. – 1977. - 30 июн. – С. 2.*


## МАСЪАЛАҲОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР АФКОРИ ПЕДАГОГИИ САДРИДДИН АЙНӢ


Устод Садриддин Айнӣ ҳамчун яке аз нахустин мутафаккирони тоҷик дар соҳаи маориф ва педагогика нақши муҳим дошт. Ақидаҳои педагогии ӯ ба рушди маънавиёти наврасон, тарбияи ахлоқӣ ва ватандӯстона нигаронида шудаанд. Муаллифи мақола нақши С. Айниро дар таъсиси мактабҳои усули нав ва таҳияи нахустин китобҳои дарсии миллӣ, аз қабили «Таҳзиб-ус-сибён» мавриди таҳлил қарор додааст. Таваҷҷуҳи махсус ба муносибати маҷмуии мутафаккир нисбат ба тарбияи насли наврас зоҳир шудааст. Дар мақола ҷанбаҳои калидии консепсияи педагогии Айнӣ: тарбияи ахлоқӣ, гуманистӣ, ватандӯстӣ, зебоипарастӣ ва ҷисмонӣ таҳқиқ мешаванд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки афкори педагогии Садриддин Айнӣ, ки дар пайвандгоҳи арзишҳои суннатӣ ва талаботи даврони нав ташаккул ёфтаанд, таҳкурсии низоми муосири маорифи Тоҷикистонро гузошта, дар масъалаҳои тарбияи оилавӣ ва мактабӣ аҳаммияти худро нигоҳ медоранд.



**Калидвожаҳо:** Садриддин Айнӣ, афкори педагогӣ, маорифпарварӣ, мактабҳои усули нав, «Таҳзиб-ус-сибён», гуманизм, тарбия, тарбияи меҳнатӣ, мактаби миллӣ.

## ПРОБЛЕМЫ ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ В ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ МЫСЛИ САДРИДДИНА АЙНИ

Садриддин Айни, один из первых мыслителей Таджикистана в области образования и педагогики, сыграл важную роль в развитии национального воспитания. Его педагогические идеи были направлены на формирование нравственных качеств у детей и молодежи, а также воспитание патриотизма. Автор статьи анализирует роль С. Айни в создании новометодных школ и разработке первых национальных учебников, таких как «Тахзиб-ус-сибён». Особое внимание уделяется комплексному подходу мыслителя к воспитанию подрастающего поколения. В работе исследуются ключевые аспекты педагогической концепции Айни: нравственное, гуманистическое, патриотическое, эстетическое и физическое воспитание. Автор делает вывод о том, что педагогические идеи Садриддина Айни, сформированные на стыке традиционных ценностей и требований новой эпохи, заложили фундамент современной системы образования в Таджикистане и сохраняют свою актуальность в вопросах семейного и школьного воспитания.

**Ключевые слова:** Садриддин Айни, педагогическая мысль, просвещение, новометодные школы, «Тахзиб-ус-сибён», гуманизм, воспитание, трудовое воспитание, национальная школа.

## PROBLEMS OF TEACHING AND EDUCATION IN THE PEDAGOGICAL THOUGHT OF SADRIDDIN AINI

Sadriddin Ayni, one of the first thinkers in the field of education and pedagogy in Tajikistan, played a significant role in the development of national education. His pedagogical ideas focused on the moral development of children, youth, and fostering patriotism. The author of the article analyzes the role of S. Ayni in the establishment of new-method (jadid) schools and the development of the first national textbooks, such as "Tahzib-us-sibyon." Special attention is paid to the thinker’s comprehensive approach to the upbringing of the younger generation. The work explores key aspects of Ayni's pedagogical concept: moral, humanistic, patriotic, aesthetic, and physical education. The author concludes that Sadriddin Ayni's pedagogical ideas, formed at the intersection of traditional values and the demands of a new era, laid the foundation for the modern education system in Tajikistan and maintain their relevance in contemporary family and school upbringing.

**Keywords:** Sadriddin Ayni, pedagogical thought, enlightenment, Jadidism, new-method schools, "Tahzib-us-sibyon," humanism, upbringing, labor education, national school.

***Дар бораи муаллиф***
*Зиякова Зулайхо Азизуллоевна*
*Ассистенти кафедраи молия, ҳуқуқ, гумрук ва забонҳои хориҷӣ*
*Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*
*735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, к. Исмат Шарифов, 3*

***Об авторе***
*Зиякова Зулайхо Азизуллоевна*
*Ассистент кафедры финансов, права, таможенного дела и иностранных языков*
*Международный институт Дангара при Таджикского международного университета туризма и предпринимательства*
*735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Исмата Шарифова, 3*

***About the author***
*Ziyakova Zulaykho Azizulloevna*
*Assistant of the Department of Finance, Law, Customs Affairs and Foreign Languages*
*Dangara International Institute of the Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship*
*735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Ismat Sharifov street, 3*

ТДУ 372.8:51+373

# ПРОБЛЕМАҲОИ ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР АДАБИЁТИ ИЛМӢ ТИБҚИ СТАНДАРТҲОИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Мухамадиева Л. М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар шароити муосири рушди ҷомеа низоми маориф вазифадор аст, ки на танҳо дониши назарявии хонандагонро ташаккул диҳад, балки қобиляти салоҳиятҳои амалӣ, тафаккури мантиқӣ ва малакаи истифодаи донишро дар ҳаёти воқеӣ инкишоф диҳад. Аз ин лиҳоз, гузариш аз таълими анъанавӣ ба муносибати босалоҳият яке аз самтҳои муҳимми ислоҳоти соҳаи маориф ба шумор меравад. Фанни математика, махсусан геометрия, дар ташаккули тафаккури мантиқӣ, фазоӣ ва мустақили хонандагон нақши муҳим дорад. Дар синфи 7 хонандагон бори аввал бо мафҳумҳои нисбатан мураккаби геометрӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки фахмиши дурусти онҳо талаб мекунад, ки раванди таълим самаранок ва ба қобилятҳои амалӣ нигаронида шавад. Аз ҳамин сабаб истифодаи асоҳои математикаи муносибати босалоҳият дар таълими геометрия аҳаммияти хос пайдо мекунад. Муносибати босалоҳият дар таълим имконият медиҳад, ки хонандагон на танҳо формула ва таърифҳоро аз ёд кунанд, балки онҳоро дар ҳалли масъалаҳо, таҳлили вазъиятҳои ҳаётӣ ва фаъолияти мустақилона истифода баранд. Ин равиш сатҳи фаъолнокии хонандагонро баланд бардошта, шавку ҳаваси онҳоро ба омӯзиши математика меафзояд. Мақсади муносибати босалоҳият таҳқиқ ва асоснок намудани роҳҳои истифодаи математика муносибати бо салоҳият дар таълими геометрияи синфи 7-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- омӯзиши мафҳуми муносибати босалоҳият дар таълим;
- таҳлили хусусиятҳои таълими геометрияи дар синфи 7;
- баррасии усулҳо ва роҳҳои тадбиқи муносибати босалоҳият дар дарсҳои геометрия;
- муайян намудани самараноки истифодаи ин равиш дар раванди таълим.

Равиши салоҳиятнокӣ маънои онро дорад, ки созишнома ё мувофиқи байни ҷомеа ва шахс амалӣ мешавад [1, с. 12]. Босалоҳият ва муносибати дуруст бо хонандагон яке аз масъалаҳои асосӣ дар фаъолияти омӯзгорӣ ва рушди маънавии хонандагон ба шумор меравад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, адабиёти илмӣ ҳамчун манъбаи дониш ва ахлоқ, на танҳо малакаҳои илмиро мустаҳкам мекунад, балки ба ташаккули шахсияти босалоҳият ва одоби дуруст низ таъсир мерасонад. Масъалаи муносибати босалоҳият дар адабиёти илмӣ ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки хонандагонро ба арзишҳои ахлоқӣ ва рафторҳои дуруст роҳнамоӣ кунанд.

Босалоҳият маънои шахсро дорад, ки қодир аст қарорҳои дуруст қабул кунад, масъулиятшинос бошад ва ба қоидаҳои ахлоқӣ риоя намояд. Дар доираи адабиёти илмӣ, муносибати босалоҳият бо хонандагон метавонад аз ду ҷиҳат баррасӣ шавад:

1. Муносибати омӯзгорон ва хонандагон, ки дар он эҳтиром, шаффофият ва ростқавлӣ асоси муносибат мебошанд.
2. Истифодаи адабиёти илми барои ташаккули одоб ва ахлоқи дуруст дар хонандагон.

Адабиётии илмӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки мушкилотро таҳлил кунанд, фикри мустақил дошта бошанд ва дар муҳити иҷтимоӣ қарорҳои дуруст қабул намоянд. Аз ин рӯ, муносибати босалоҳият на танҳо муҳим, балки зарур аст, то хонандагон шахсият ва манавияти комилро ба даст оранд.

Дар адабиёти илмӣ масъалаи муносибати босалоҳият ба тариқи равшан баён мегардад. Дар китобҳо ва мақолаҳое, ки ба таҳсилоти миёна нигаронида шудаанд, одатан масъалаҳои зерин баррасӣ мешаванд:

Масъулиятшиносӣ ва қоидаҳои ахлоқӣ:

- Китобҳои илмӣ ба хонандагон мефаҳмонанд, ки барои ҳар амал бояд масъулият дошта бошанд ва қарорҳои дуруст қабул кунанд.
- Муносибати устод ва хонандагон: Омӯзгорон бояд намунаи рафтори босалоҳият бошанд, чунки рафтори онҳо ба таври мустақим ба хонандагон таъсир мерасонад.
- Таҳлили вазъиятҳо ва мисолҳо: дар китобҳо ва мақолаҳои илмӣ мисолҳои амалӣ оварда мешаванд, ки хонандагон метавонанд аз онҳо омӯзанд ва фикри дуруст ва босалоҳиятро дар худ таҳким бахшанд.

Бо вуҷуди аҳаммияти муносибати босалоҳият дар амал баъзе мушкилот вуҷуд доранд:

1. Норосоии адабиёти муосир ва дастрасӣ ба он: баъзе муассисаҳо китобҳои нав ва мақолаҳои илмиро бо тарзи осон ва фаҳмо дастрас карда наметавонанд.

2. Тарзи пешниҳод ва таҳсил: агар адабиёт бо забони мушкил ва ғайрифаҳмо навишта шуда бошад, хонандагон ба осонӣ фикри босалаҳиятро қабул карда наметавонанд.

3. Норасоии омӯзгорони намунавӣ: омӯгороне, ки худ намунавӣ ва босалоҳият нестанд, наметавонанд ба хонандагон рафтори дурустро омӯзанд.

Ин мушкилот нишон медиҳанд, ки бояд адабиёти илмӣ ҳамеша ба ҳолати мавқеи хонандагон мутобиқ карда шавад ва омӯзгорон низ ҳамқадами таълим ва адабиёт бошанд. [2. с. 120].

Барои беҳтар намудани муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, тадбирҳои зерин муфиданд.

1. Истифодаи адабиёти фаҳмон ва муосир: Китобҳо ва мақолоҳо бояд бо мисолҳо ва вазъиятҳо ҳаётанд муҳим барои хонандагон пур карда шаванд.

2. Тарзи омӯзиши интерактивӣ: Дарсҳо бояд ба таври фаъол ва иштирокчӯёна баргузор шаванд, ки хонандагон фикри мустақил ва босалоҳиятро рушд диҳанд.

3. Мушоҳида ва омӯзиши рафтор: Омӯзгорон бояд намунаи рафтори босалоҳият бошанд ва хонандагонро дар амалҳои дуруст роҳнамоӣ кунанд.

4. Интегратсияи адабиёт бо ҳаёти ҳаррӯза. Маълумот ва мисолҳо бояд ба вазъиятҳои воқеии хонандагон ва ҷомеа алоқаманд бошанд, то онҳо осон қабул кунанд.

Муносибати босалоҳият дар адабиёти илмӣ як ҷузъи муҳимми таҳсилоти миёна мебошад. Адабиёт на танҳо донишҳои илмиро фароҳам меорад, балки ба ташаккули шахсияти босалоҳият ва аҳлоқи дуруст дар хонандагон низ мусоидат мекунад. Барои ин, омӯзгорон бояд намунаи рафтори босалоҳият бошанд ва адабиётро ба тарзи фаҳмо ва амалӣ истифода баранд. Бо татбиқи роҳҳои пешниҳодшуда, муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёна метавонанд беҳтар ва муасиртар гарданд.

Муносибати босалоҳият яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти педагогӣ мебошад. Он дар адабиёти илмӣ ҳамчун равиши маънидод мешавад, ки хонандагонро барои омӯзиши фаъол, мустақилона ва масъулиятнок омода мекунад. Адабиётҳо нишон медиҳад ки татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълим на танҳо дониш, балки салоҳиятҳо ва малакаҳои омӯзиширо низ рушд медиҳад. Яке аз мушкилоти муҳим масъалаи баҳогузорӣ ба ҳисоб меравад. Усулҳои анъанавии баҳогузорӣ на ҳамеша имконият медиҳанд, ки сатҳи ташаккули салоҳиятҳои хонандагон пурра муайян карда шавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки усулҳои нави баҳогузорӣ, аз ҷумла баҳогузории ҷараёнӣ ва худбаҳогузорӣ, васеъ истифода шаванд. Ин усулҳо ба хонанда имкон медиҳанд, ки пешрафти худро дарк намояд ва камбудиҳоро ислоҳ кунад. Мушкили дигар нокифоя будани заҳираҳои таълимӣ ва маводҳои методӣ мебошад. На ҳамаи китобҳои дарсӣ ва дастурҳо ба талаботи муносибати босалоҳият мутобиқанд. Барои ҳалли ин масъала таҳияи маводҳои иловагӣ, масъалаҳои амалӣ ба супоришҳои эҷодӣ аҳаммияти калон дорад. Ҳамин тариқ, мушкилоти татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими матиматикӣ воқеӣ мебошанд, аммо онҳо ҳалшавандаанд [3, с. 22]. Мо такмили маҳорати касбии омӯзгорон, истифодаи усулҳои муосир таълим ва ташкили муҳити мусоиди таълимӣ метавон самаранокии ин равишро таъмин намуд. Татбиқи муваффақонаи муносибати босалоҳият ва баланд гардидани сифати таълим ва рушди ҳамаҷонибаи хонандагон мусоида менамояд.

Адабиёти илмӣ яке аз воситаҳои асосии татбиқи стандартҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор меравад. Китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва маводди иловагии илмӣ на танҳо барои интиқоли донишҳои назариявӣ хизмат мекунанд, балки дар ташаккули муносибати босалоҳият ва ҷахонбинии хонандагон нақши муҳим дорад. Мазмуни адабиёти илмӣ бояд ба талаботи стандартҳои таҳсилот мутобиқ буда, рушди тафаккури мустақил ва малакаҳои амалиро таъмин намояд. Муносибати босалоҳият тавассути адабиёти илмӣ дар холате самаранок ташаккул меёбад, ки мавод бо забони фаҳмо, мантиқӣ ва мисолҳои ҳаётӣ пешниҳод карда шавад. Ин раванд ба рушди масъулиятшиносӣ ва муносибати одилана нисбат ба омӯзиш мусоидат мекунад. Аммо дар амал баъзан дида мешавад, ки баъзе китобҳои дарсӣ ё адабиётҳо бештар ба додани маълумоти назариявӣ маҳдуд шуда, ба рушди муносибати босалоҳият аҳаммияти кофӣ намедиҳанд. Ин ҳолат боиси паст гардидани шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯзиш мегардад. Нақши омӯзгор дар истифодаи адабиёти илмӣ низ ҳеле муҳим аст. Омӯзгор бояд тавонад мазмуни китобро бо талаботи стандартҳо мутобиқ намуда, хонандагонро ба фикронию таҳлили мустақил ҷалб намояд. Агар адабиёти илми дуруст интихоб ва бо усулҳои фаъол истифода шавад, он метавонад воситаи самаранокии ташаккули муносибати босалоҳият дар муҳити таълимӣ гардад. Ҳамин тариқ, адабиёти илмӣ

дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо манбаи дониш, балки омили муҳимми тарбияи шахсияти босалоҳият ба ҳисоб меравад. Такмили мазмун ва услуби адабиёти илми яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад.

Дар шароити ислоҳоти низоми маориф муносибати босалоҳият бо стандартҳои муосири таҳсилот робитаи зич дорад. Маориф яке аз соҳаҳои муҳимми ҷомеа нақши калиди дар рушди иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии давлат мебозад. Сатҳи маърифат, ҷаҳонбинӣ ва малакаҳои шаҳрвандии насли наврас маҳз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташаккул меёбанд. Аз ин рӯ, такмили низоми маориф ва мутобиқ гардонидани он ба талаботи замон яке аз вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ ба шумор меравад. Стандартҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳуҷҷатҳои меъёрӣ мебошанд, ки талаботи асосиро нисбат ба мазмун, ҳаҷм ва натиҷаҳои таълим муайян менамояд. Дар асоси стандартҳо равандҳои таълимӣ ба тавре ташкил карда мешаванд, ки хонандагон тавонанд донишҳоро дар амал истифода намоянд. Стандартҳои нави таҳсилот на танҳо хаҷми дониши хонандагонро муайян мекунанд, балки натиҷаҳои таълимиро дар шакли салоҳиятҳо муқаррар менамоянд. Аз ин рӯ, муносибати босалоҳият ҳамчун асоси назарявии татбиқи ин стандартҳо баррасӣ мешавад. Стандартҳои муосири таҳсилот ба ташаккули қобилияти хонандагон барои истифодаи донишҳо дар вазъиятҳои воқеӣ равона шуданд. Ин равиш омӯзиши танҳо назариявӣ фаротар рафта ба рушди қобилияти фикронии мустақил, таҳлил, қабули қарор ва муносибати масъулиятнок диққати махсус медиҳад, балки аҳаммияти худро аз даст намедиҳад, аммо он ҳамчун воситаи рушди салоҳиятҳои зеҳни ва амалӣ истифода мешавад. Муносибати босалоҳият маҳз ҳамин равишро таъмин намуда, мутобиқати раванди таълимро ба талаботи стандартҳо кафолат медиҳад. Дар таълими математика, махсусан геометрия, мутобиқати стандартҳои муосир бо муносибати босалоҳият аҳаммияти махсус дорад. Мафҳумҳои геометрӣ аксаран хусусияти абстрактӣ дорад, аз ин рӯ омӯзгор бояд онҳоро ба воситаи фаъолияти амалӣ ва масъалаҳои проблемавӣ фаҳмо гардонад. Ин равиш ба талаботи стандартҳо ҷавобгӯ буда, сифати азхудкунии маводро баланд мебардорад. Муносибати босалоҳият инчунин ба татбиқи равиши натиҷагирона дар таълим мусоидат мекунад. Яъне омӯзгор ҳангоми банақшагирии дарс на танҳо мундариҷаи мавзуъ, балки натиҷаҳои интизории таълимиро ба назар мегирад. Ин натиҷаҳо бояд ба ташаккули салоҳиятҳои калиди ва фаннӣ равони карда шаванд, ки ин талаботи асосии стандартҳои муосир ба шумор меравад.

Илова бар ин, стандартҳои муосири таҳсилот истифодаи усулҳои гуногун таълим ва баҳогузориро талаб мекунанд. Муносибати басалоҳият имконият медиҳад, ки баҳогузорӣ на танҳо дониш, балки раванди фикрронӣ ва фаолияти хонандагонро низ фаро гирад. Ин амал шаффофияти баҳогузориро таъмин намуда, ба рушди худ баҳогузории хонандагон мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, муносибати босалоҳият ва стандартҳои муосири таҳсилот якдигарро такмил медиҳад. Тадбиқи ин равиш дар таълими математика ба баланд шудани сифати таълим, мутобиқати натиҷаҳои таълимӣ ба талаботи ҷомеа ва омодасозии хонандагон ба фаъолияти минбаъда мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ маориф ва стандартҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо ҳам алоқаманд буда, дар заминаи онҳо рушди шахсияти босалоҳият, масъулиятшинос, ватанпарвар ва фаъол ба роҳ монда мешавад. Риояи дурусти стандартҳо ва истифодаи самараноки адабиёти илмӣ шарти асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот ба ҳисоб меравад [4, с. 43].

Дар таълими анъанавӣ диққати асоси бештар ба интиқоли донишҳои тайёр равона карда мешавад. Омӯзгор нақши асосиро иҷро намуда, хонанда асасан ҳамчун қабулкунандаи маълумот баромад мекунад. Ин равиш гарчанде, ки барои асхудкунии маълумоти назариявӣ мусоид аст, на ҳамеша ба ташаккули малакаҳои мустақилона фикрронӣ ва истифодаи донишҳо дар амал мусоидат менамояд. Муносибати босалоҳият аз усулҳои анъанавӣ бо он фарқ мекунад, ки дар маркази раванди таълим шахсияти хонанда қарор мегирад. Дар ин равиш хонанда на танҳо дониш мегирад, балки фаъолона дар раванди омӯзиш иштирок мекунад. Ӯ меомӯзад, ки масъалаҳоро таҳлил намояд, роҳҳои гуногуни ҳалли онҳоро муқоиса кунад ва қарорҳои асоснок қабул намояд. Яке аз афзалятҳои муҳимми муносибати босалоҳият рушди мустақилияти таълимии хонандагон мебошад. Дар раванди чунин таълим хонандагон таҷрибаи масъулиятӣ омӯзиши худро ба ӯхда мегиранд. Онҳо мефаҳманд, ки натиҷаи омӯзиш танҳо аз омӯзгор вобаста нест, балки аз саъю кӯшиши худи онҳо вобастагии калон дорад. Афзалияти дигар он аст, ки муносибати босалоҳият донишҳоро бо ҳаёти воқеӣ мепайвандад. Ҳангоми омӯзиши математика, махсусан геометрия, хонандагон имконият пайдо мекунанд, ки донишҳои худро дар ҳалли масъалаҳои амалӣ истифода баранд. Ин равиш аҳаммияти фанро дар зиндагӣ нишон дода, шавқу ҳаваси хонандагонро ба омӯзиш зиёд менамояд. Дар муқоиса бо усулҳои анъанавӣ муносибати босалоҳият ба рушди

тафаккури мантиқӣ ва интиқодӣ аҳаммияти бештар медиҳад хонанда на танҳо ҷавоби дурустро меҷӯяд, балки сабабҳои интихоби онро шарх медиҳад. Ин амал ба ташаккули қобилияти асосноккунии фикр ва хулосабарорӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин муносибати босалоҳият имконият медиҳад, ки усулҳои гуногуни таълим истифода шаванд. Кори гурӯҳӣ муҳокима, масъалаҳои проблемавӣ ва супоришҳои эҷодӣ қисми муҳимми раванди таълим мегарданд. Ин унсурҳо дар усулҳои анъанавӣ камтар истифода мешаванд, аммо барои рушди ҳамаҷонибаи хонандагон аҳаммияти калон доранд. Ҳамин тариқ афзалиятҳои муносибати босалоҳият нисбат ба усулҳои анъанавии таълим дар он зоҳир мешаванд, ки он ба рушди шахсияти хонанда, ташаккули қобилятҳои амалӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи ҷомеаи муосир мусоидат менамоянд. Ин равиш барои баланд бардоштани сифати таълим математика аҳаммияти махсус дорад.

Бо вуҷуди аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштани муносибати босалоҳият, татбиқи он дар раванди таълими математика бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ мегардад. Ин мушкилот ҳам хусусияти методӣ ва ҳам ташкиливу равониро доранд, ки ҳалли онҳо диққати махсусро таълаб менамоянд. Яке аз мушкилоти асосӣ сатҳи нокифояи омодагии баъзе омӯзгорон ба истифодаи усулҳои босалоҳият мебошад. Омӯзгорон, ки солҳо бо усулҳои анъанавӣ фаъолият кардаанд, на ҳамеша омодаанд, ки равиши кори худро тағйир диҳанд. Дар чунин ҳолат истифодаи курсҳои такмили ихтисос ва омӯзиши таҷрибаи пешқадам метавонад. Ба ҳалли масъала мусоидат намояд. Мушкилоти дигар ба маҳдуд будани вақт дарс вобаста аст. Татбиқи усулҳои босалоҳият, аз ҷумла муҳокима, кори гурӯҳӣ ва масаълаҳои проблемавӣ, вақти бештарро талаб мекунад. Дар шароити маҳдуд будани соатҳои таълимӣ омӯзгор маҷбур мешавад, ки байни ҳаҷми мавод ва сифати азхудкунии он мувозинат ҷустуҷӯ намояд. Барои ҳалли ин масъала истифодаи ба нақшагирии оқилонаи дарс ва интихоби усулҳои самаранок зарур мебошад. Илова бар ин, сатҳи гуногунии омодагии хонандагон низ метавонад татбиқи муносибати босалоҳиятро душвор гардонад. Дар як синф хонандагоне таҳсил мекунад, ки қобилят ва суръати азхудкунии онҳо фарқ мекунад. Дар чунин ҳолат татбиқи равиши инфиродӣ ва фарқгузории супоришҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки ҳамаи хонандагонро ба раванди таълим ҷалб намояд.

Дар солҳои охир дар соҳаи маориф тағйироти ҷиддӣ ба амал омада истодааст, ки яке аз самтҳои асосии он гузариш ба таълими ба натиҷа нигаронишуда мебошад. Дар ин замина, муносибати босалоҳият ҳамчун равиши муосири таълим ба миён омадааст. Моҳияти ин муносибат дар он зоҳир мегардад, ки диққати асосӣ на ба ҳаҷми дониш, балки ба қобилияти истифодаи дониш дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ равона карда мешавад. Салоҳият маҷмуи дониш, малака, маҳорат ва таҷрибае мебошад, ки шахс метавонад онҳоро дар фаъолияти амалӣ татбиқ намояд. Аз ин рӯ, муносибати босалоҳият таълимро ба равандест табдил медиҳад, ки дар он хонанда фаъол, мустақил ва масъули омӯзиши худ мегардад. Дар чунин равиш омӯзгор на танҳо манбаи дониш, балки роҳнамо ва ташкилкунандаи фаъолияти таълимӣ мебошад. Муносибати босалоҳият имконият медиҳад, ки дар хонандагон тафаккури мантиқӣ, қобиляти таҳлил ва хулосабарорӣ, малакаи ҳалли масъалаҳо ва кор дар гурӯҳ ташаккул ёбад. Ин сифатҳо барои мутобиқшавии хонандагон ба талаботи ҷомеаи муосир хеле муҳим ба ҳисоб мераванд.

Фанни матетика яке аз фанҳои асосии таҳсилоти миёна буда, барои рушди зеҳнӣ ва мантиқии хонандагон аҳаммияти калон дорад. Дар доираи муносибати босалоҳият, таълими математика бояд чунин ба роҳ монда шавад, ки хонандагон тавонанд донишҳои гирифташонро дар амал истифода баранд. Дар таълими анъанавӣ аксаран ба аз ёд кардани қоидаҳо ва формулаҳо диққат дода мешуд. Аммо муностбати босалоҳият талаб мекунад, ки хонандагон маънои мафҳумҳоро дарк намуда, онҳоро дар ҳалли масъалаҳои амалӣ татбиқ намоянд. Масалан ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои геометрӣ хонандагон бояд танҳо таърифҳоро донанд, балки тавонанд шаклҳои геометриро дар муҳити атроф шинохта, хусусиятҳои онҳоро таҳлил кунанд. Муҳити таълимӣ яке аз омилҳои муҳимми татбиқи муносибати босалоҳият ба ҳисоб меравад. Дар чунин муҳит хонандагон озодона фикри худро баён мекунанд ва аз хатогиҳо наметарсанд. Дар таълими математика муҳити таълимӣ метавонад тавассути истифодаи воситаҳои аёнӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои интерактивӣ ғанӣ гардонида шавад. Ин воситаҳо фаҳмиши маводро осон намуда, раванди таълимро ҷолибтар мегардонад [5, с. 202]. Муҳити мусоиди таълимӣ инчунин ба рушди муносибатҳои мусбат байни омӯзгор ва хонандагон мусоидат мекунад. Ҳамкории самаранок дар раванди таълим ба баланд шудани натиҷаҳои таълимӣ ва ташаккули салоҳиятҳои устувор оварда мерасонад. Ин равиш сатҳи шавқу ҳаваси хонандагонро ба омӯзиши математика баланд бардошта, фаъолият ва иштироки онҳоро дар раванди дарс зиёд мекунад. Ҳамзамон, он барои ташаккули

салоҳиятҳои умумӣ, аз ҷумла тафаккури мантиқӣ, малакаи иртибод ва худомӯзӣ мусоидат менамояд.

Муносибати босалоҳият дар таълими математика бо як қатор равишҳои муосири педагогӣ робитаи зич дорад. Аз чумла, он бо таълими шахсиятгаро, таълими фаъол ва таълими проблемавӣ ҳамоҳанг мебошад. Ҳамаи ин равишҳо ба рушди қобилятҳои фикронӣ ва мустақилияти хонандагон равона шудаанд. Дар таълими шахсиятгаро хусусиятҳои инфиродии хонанда ба назар гирифта мешаванд. Муносибати босалоҳият низ ҳамин ҳадафро пайгири намуда, имконият медиҳад, ки ҳар як хонанда мувофиқи сатҳи донишу малакаи худ фаъолият кунад. Ин равиш махсусан дар таълими геометрия аҳаммияти калон дорад, зеро сатҳи дарки тафаккури фазоии хонандагон гуногун аст. Равиши фаъол дар таълими иштироки бевоситаи хонандаро дар раванди омӯзиш таъмин менамояд. Дар доираи муносибати босалоҳият истифодаи саволҳои мушкил, масъалаҳои ғайристандарти ва муҳокимаҳои гурӯҳи васеъ ба роҳ монда мешавад. Ин усулҳо барои ташаккули тафаккури мантиқӣ ва қобиляти хулосабарорӣ мусоидат мекунанд.

Барои татбиқи самаронокии муносибати босалоҳият дар таълими математика риояи як қатор шартҳои педагогӣ зарур мебошад. Пеш аз ҳама, омӯзгор бояд моҳияти ин равишро дуруст дарк намояд ва дар фаъолияти худ истифода бурда тавонад. Яке аз шартҳои муҳим муҳити мусоиди таълимӣ мебошад. Дар чунин муҳит хонандагон худро озод ҳис карда, фикри худро бе тарс баён менамоянд. Ин ҳолат рушди тафаккури мустақил ва фаъол мусоидат мекунад. Шарти дигар интихоби дурусти усулҳо ва воситаҳои таълим мебошад. Истифодаи воситаҳои аёнӣ, расмҳо, моделҳо ва технологияҳои иттилоотӣ дар таълими геометрия имконият медиҳад, ки хонандагон мафҳумҳои мураккабро осонтар дарк намоянд.

Истифодаи муносибати босалоҳият дар таълими математика имконият медиҳад, ки сифати дониш ва сатҳи фаҳмиши хонандагон беҳтар гардад. Дар чунин шароит хонандагон математика ҳамчун фанни зарурӣ ва амалӣ қабул намуда, ба омӯзиши он шавқи бештар пайдо мекунанд. Муносибати босалоҳият инчунин барои ташаккули салоҳиятҳои умумӣ, аз ҷумла тафаккури мантиқӣ, қобилияти таҳлил ҳамкорӣ ва худомӯзӣ мусоидат менамояд. Ин салоҳиятҳо барои идомаи таҳсил ва фаъолияти минбаъдаи хонандагон аҳаммияти калон доранд. Дар шароити муосири рушди маориф муносибати босалоҳият ҳамчун яке аз самтҳои асосии такмили раванди таълим эътироф мегардад. Ин равиш ба он равона шудааст, ки на танҳо ҳаҷми донишҳои хонандагон афзоиш ёбад, балки қобиляти истифодаи ин донишҳо дар вазиятҳои гуногун ташаккул ёбад. Аз ин лиҳоз, таълими математика низ бояд ба талаботи замон мутобиқ карда шавад. Муносибати босалоҳият дар таълими математика имконият медиҳад, ки хонандагон малакаҳои таҳлилӣ, мантиқӣ ва эҷодии худро инкишоф диҳанд. Дар ин раванд диққати асосӣ ба фаъолияти мустақили хонандагон равона мегардад. Онҳо меомӯзанд, ки масъалаҳоро таҳлил намоянд, роҳи ҳалли мувофиқро интихоб кунанд ва натиҷаҳоро асоснок намоянд. Хусусияти муҳимми ин равиш дар он аст, ки дониш ҳамчун восита баррасӣ мешавад, на ҳамчун ҳадафи ниҳоӣ. Яъне омӯзиши формулаҳо ва қоидаҳо танҳо барои истифодаи амалӣ ва зеҳнӣ хизмат мекунад.

Муаммои дарс диққати ҳар як омӯзгорро ҳамеша ба худ ҷалб мекунад. Зеро дарс шакли асосии ташкили ҷароёни таълим буда, беҳбуди сифати таҳсилот, тарбия ва инкишофи шахсияти хонандагон бевосита аз тарзҳои ташкил ва гузаронидани он вобаста мебошад. Такмил ва бозсозии ҷараёни таълими математика ба тағйирёбӣ ва сохтори дарс оварда мерасонад, ки ҷустуҷӯи асосӣ дар сохтори ин ҷараён ба ҳалли мушкилоти таълими инкишофёбанда нигаронида шудааст. Аз назари методӣ дарси математика ду ҷиҳати зуҳуроти системавӣ дорад. Аз як ҷихат, дарс- шакли ташкили таълимӣ буда, ба мазмун, тарзҳои азбаркунӣ, методҳо муносибат надорад. Аз тарафи дигар, дарс-қисми ҷараёни таълими буда, дар он аъломатҳои ҳамин ҷараён-намудҳои мазмун, методҳо, зинаҳои азбаркунии дониш, пайдарпаи ва гуногунии унсурҳои он дар ҳамбастагӣ ошкор мешаванд. Бояд қайд кард, ки дарс ба маънои якум шакли таълимиро (лексия, семинар, мубоҳиса, фронталӣ, гурӯҳӣ, фардӣ) тавсиф медихад. Дар ҳар гуна шакл дарсро ҳамчун ҷараёни мустақили томи таълим фаҳмидан равост, ки фаҳмиши маънои дуюм дар аввал зуҳр меёбад. Бинобар ин кушиш мекунем,ки дарсро ҳамчун система маъно бахшем ва унсурҳои асосиионро муайян кунем.

Ба маънои васеъ, тахти мафҳуми дарси математика системаи ташкилёбандаеро мефаҳмем, ки мақсади он амалиёти якҷояи фаъолияти омӯзгор ва талаба, инчунин мақсад, мазмун, восита, шакл ва методҳои таълими математикаро раванди муайян бахшида, барои ба даст овардани сифатҳои махсуси ба насли ҷавонон зарурӣ нигаронда шудааст.

Ҳангоми ба ташкилдиҳандаҳои унсурӣ чудокунии дарс ҳамчун система ба эътибор гирифтани шартҳои зерин зарур мебошанд: воқеӣ будани унсурҳо; зарур ва кифоя будани

унсурҳои ҷудошуда; нисбатан мустақил ва тавсифи хусусии унсурҳо; робита ва баҳамтаъсирбахшии унсурҳо; баробарқуввагии унсурҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳо.

Дар зери мафҳуми унсурҳои дарс ҳамчун система – қисмҳои нисбатан қавии воқеияти том, ки мувофиқи аломатҳои муайян ҷудо карда шудаанд ва дар ин система ба ҳам робита ва ҳамгиро мебошанд, фаҳмида мешавад.

Таснифи дарси математика ҳамчун системаи методӣ, дар он зоҳир мегардад, ки амалиёти он дар натиҷаи фаъолияти субъектҳои дар дарс иштироккунанда (омӯгор ва талаба) амалӣ мегардад. Бинобар ин сохтор, амал ва инкишофи дарс ҳамчун система дар як вақт истифодаи тамоюлҳои системавӣ ва фаъолро дар назар дорад. Таснифи ҷамъбасткунии тамоюли системавиро ба инобат гирифта, мавқеи онро дар омӯзиши дарс муқаддамтар донистан равост. Шарти мавҷудияти дарси математика аз ҷараёни амалиёти ахбор, ки мазмуни таълими математикаро муайян мекунад, вобаста мебошад. Пас, ахбори (математикии) таълимӣ яке аз унсурҳои асосии дарси математика буда, бояд маводди асосии азбаркуни аз тарафи хонандагон бошад.

Дарс ҳамчун системаи дар асоси фаъолияти омӯзгор пайдо ва амал мекунад. Вобаста ба мақсади дарси математика (амалиёти система) омӯзгор фаъолияти методии худро ташкил медиҳад: информатсияи (ахборӣ) муайян дорад: асоҳои методологӣ психологӣ-педагогӣ ва методии таълим (дарс), воситаҳо, методҳо ва шаклҳои ташкили дарси математикаро медонад. Бинобар ин фаъолияти омӯзгор-унсури зарурии дарс (система) мебошад.

Мақсади ниҳоии дарси математика ҳамун система бояд дар ҳар як хонанда ташаккул додани намуди муайяни дониш, малака ва маҳоротҳои математикӣ бошад, яъне дар интиҳои дарс бояд натиҷаи ниҳоӣ аён гардад, ки чун қоида аз мақсади гузошташудаи дарси математика бояд фарқ кунад ва тавсифи дараҷаи азбаркунии мазмунро дошта бошад. Бармеояд, ки унсури зарурӣ ва хотимадиҳандаи дарс ҳамчун система-натиҷаи ниҳоии дарси математика мебошад [6, с. 77].

Дар муносибати босалоҳият омӯзгор нақши калиди дорад. Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми муффақияти омӯзгор ташаккули муносибати босалоҳият дар хонандагон мебошад. Агар омӯзгор тавонад муҳити эҳтиром, ҳамкорӣ ва масъулиятшиносиро дар синф ба вуҷуд оварад, хонандагон ба омӯзиш бо шавқу ҳавас муносибат мекунанд. Дар чунин шароит на танҳо дониши назариявӣ, балки малакаҳои иҷтимоӣ ва аҳлоқӣ низ рушд меёбанд. Ӯ на танҳо дониш медиҳад, балки фаъолияти хонандагонро роҳнамоӣ мекунад. Омӯзгор вазифадор аст, ки хонандагонро ба фикронӣ, таҳлил ва ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо ҳидоят намояд. Омӯзгор бо истифода аз усулҳои муосири таълимӣ метавонад хонандагонро ба андешаронӣ ва ҷустуҷӯи мустақили дониш ҳавасманд намояд. Ин усулҳо метавонанд масъалаҳои проблемавӣ, саволҳои кушода ва муҳокимаҳои гурӯҳиро дар бар гиранд. Илова бар ин, омӯзгор бояд сатҳи омадагии хонандагонро ба назар гирад ва равиши инфиродиро татбиқ намояд. Ин амал имкон медиҳад, ки ҳар як хонанда мувофиқи қобилятҳои худ рушд ёбад ва дар раванди таълим худро бороҳат ҳис кунад.

Омӯзгори муосир бояд тавонад:

- масъалаҳои омӯзиширо ба фаъолияти амалӣ пайванд диҳад;
- хонандагонро ба кори гурӯҳӣ ҷалб намояд;
- натиҷаи фаъолияти хонандагонро на танҳо аз рӯи дониш балки аз рӯи салоҳият баҳогузорӣ кунад.

Ин омилҳо ба баланд гардидани сифати таълими математика ва ташаккули салоҳиятҳои устувори хонандагон мусоидат менамояд.

Геометрия яке аз бахшҳои муҳимми математика мебошад, ки дар рушди тафаккури фазоӣ ва мантиқии хонандагон нақши асосӣ мебозад. Фанни геометрия аз қадим то инҷониб вуҷуд дорад ва аз сабаби талаботи амалии фаъолияти инсон (зарурати ченкунии майдони заминҳо, чен кардани ҳаҷми ҷисмҳои гуногун ва ғайра) пайдо шудааст. [7. с. 182]. Дар синфи 7 хонандагон бо мафҳумҳои нав, аз қабили нуқта, хат кунҷ, бисёркунҷаҳо ва хосиятҳои онҳо шинос мешаванд. Фаҳмиши дурусти ин мафҳумҳо асосӣ омӯзиши минбаъдаи геометрияро ташкил медиҳад. Истифодаи муносибати босалоҳият дар таълими геометрияи синфи 7 имкон медиҳад, ки хонандагон мафҳумҳои геометриро на ҳамчун донишҳои ҷудогона балки ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳо қабул намоянд. Масалан, ҳангоми омӯзиши кунҷҳо ва шаклҳои геометрӣ метавон мисолҳои амалӣ ва вазъятҳои ҳаётиро истифода бурд, ки фаҳмиши хонандагонро амиқтар мегардонад. Ин равиш ба ташаккули мустақилияти хонандагон, баланд шудани сатҳи тафаккури мантиқӣ ва қобилияти татбиқи дониш мусоидат менамояд. Дар натиҷа, сифати таълим беҳтар шуда, хонандагон ба омӯзиши фан шавқи бештар пайдо мекунанд.

Муносибати босалоҳият дар раванди таълими математика ва махсусан геометрия дар ташаккули тафаккури мантиқи ва фазоии хонандагон нақши калидӣ дорад. Дар доираи ин равиш хонанда на танҳо қоида ва формулаҳоро аз ёд мекунад, балки қобилияти таҳлил, муқоиса, хулосабарорӣ ва татбиқи донишҳоро дар ҳолатҳои гуногун меомӯзад. Фаъолияти мустақилона дарк ва азхудкунии амиқи маводди таълимиро таъмин мекунад. [8. с. 185]. Дар таълими геометрия муносибати босалоҳият имконият фароҳам меорад, ки хонандагон шаклҳо, муносибатҳои фазоӣ ва вобастагиҳои геометриро дарк намояд. Ин равиш рушди тасаввуроти фазоӣ, тафаккури мантиқӣ ва қобиляти ҳал кардани масъалаҳои амалиро тақвият медиҳад. Ҳамин тавр, муносибати босалоҳият дар таълими математика ва геометрия заминаи устувор барои рушди тафаккури мантиқӣ ва фазоии хонандагон фароҳам оварда, онҳоро барои омӯзиши минбаъда ва фаъолияти мустақилона омода месозад. Муносибати босалоҳият омӯзгорро водор месозад, ки хонандагонро ба ҷустуҷӯи, таҳлил ва хулосабарории шахсӣ ҷалб намояд. Ин раванд боиси рушди масъулият, худназоратӣ ва худбаҳодиҳии хонандагон мегардад. Дар натиҷа, хонандагон ба омӯзиши фаъол ва огоҳона одат мекунанд.

Истифодаи масъалаҳои амалӣ ҷузъи ҷудонашавандаи муносибати босалоҳият дар таълими математика ва геометрия мебошад. Масъалаҳое, ки бо ҳаёти воқеӣ алоқаманданд, ба хонандагон имкон медиҳанд, ки аҳаммияти донишҳои назариявиро дар амал дарк намоянд. Ин гуна масъалаҳо шавқ ва ҳавасмандии хонандагонро зиёд мекунанд. Дар таълими геометрия масъалаҳои амалӣ метавонанд ба ҳисобу ченкуни, сохтмон ва таҳлили шаклҳои геометрӣ вобаста бошанд. Ҳалли чунин масъалаҳо қобиляти фикрониро рушд дода, донишҳои хонандагонро устувор мегардонад.

Методҳои таълим бояд дар асоси қоидаҳои дидактикӣ интихоб ва татбиқ шаванд, то ки раванди омӯзиш самаранок ва мувофиқ ба мақсадҳои таълим гардад. Муносибати босалоҳият истифодаи шаклҳои гуногуни кори таълимиро талаб мекунад. Ба ин кори инфиродӣ, гурӯҳӣ ва коллективӣ доҳил мешаванд. Ҳар яке аз ин шаклҳо барои рушди ҷамбаҳои гуногуни қобилятҳои хонандагон мусоидат менамояд. Кори гурӯҳи дар таълими математика ва геометрия ба хонандагон имкон медиҳад, ки фикрҳои худро баён намоянд, далел пешниҳод кунанд ва нуқтаи назари дигаронро қабул намоянд [9, с. 141]. Дар синф геометрия, хонандагон метавонанд ҳар як қадам дар ҳалли теоремаро шарҳ диҳанд. Ин раванди рушди муошират, ҳамкорӣ ва масъулияти дастаҷамъонаро таъмин мекунад. Дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият нақши омӯзгор тағйир меёбад. Омӯзгор на танҳо манбаи дониш, балки роҳнамо ва ташкилкунандаи фаъолияти таълими мегардад. Ӯ бояд шароити фароҳам оварад, ки хонандагон фаъолона иштирок намуда, фикрониро инкишоф диҳанд. Омӯзгор бо интихоби дурусти усулҳо вазифа ва шаклҳои таълим метавонад самаранокии раванди омӯзишро баланд бардорад. Дар чунин ҳолат хонандагон худро субъекти фаъол ҳис намуда, ба омӯзиш муносибати ҷиддӣ пайдо мекунанд.

Ҳадафҳои асосии раванди таълими математика: таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофёбанда мебошанд. Амалисозии функсияи таълимӣ, ташаккулёбии қобиляти ба амал баровардани фаъолияти эҷодиро таъмин намуда, барои аз худ намудани системаи донишҳои математикӣ дар дарки олами гирду атроф кӯмак менамояд. Мазмуни функсияи тарбиявӣ дар хонандагон дида тавонистани шаклгирии қобилият, диққат, хотира, тафаккур, фаъолии идрок ва мустақилият, усулҳои мантиқии фаъолияти фикрӣ ва усулҳои умумитаълимӣ мебошад.

Барои ба ин ҳадафҳо ноил гардидан усул, шакл ва воситаҳои зиёди таълим мавҷуданд. Муҳим ин аст, ки аз байни онҳо интихоби дуруст намоем ва натиҷаи самарабахш диҳад. Дар замони асри 21 зиндагӣ мекунем. Ҳамаи мо медонем, ки асри 21 асри техника ва технология аст. Барои ба дарс ҷалб намудани хонандагон мо аз техникаву технология самарабахш истифода барем. Масалан дар фанни математика баъзе мафҳумҳо мафҳумҳои аввалин мебошанд, ки ва онҳо муайяннашавандаанд. Мафҳумҳои адади натуралӣ, нуқта, хати рост ва ғайра. Агар мо бо маводди нав мавзуҳои содаю мураккабро бо истифодаи воситаҳои аёнӣ ва компютерӣ омӯзонем хонандагонро ба мавзуи омӯхташаванда бедор мекунад. Дар давраи омӯзиши фанни математика шавқу ҳаваси зиёд пайдо карда, ҳаваси дар дарс кор кардан ва фаъол шудани хонандагонро бедор гардида, онҳо низ барои фаҳмидани маводди нав кӯшиш мекунанд. Ва ҳама вақт ба манитор диққат намуда, талош мекунанд, ки аз муаллим як дониши навро аз худ кунад [10, с. 260].

Дар таълими геометрия, барои фаҳмидани хусусиятҳои шаклҳои сеандоза хонандагон метавонанд бо истифодаи модели пластикӣ ё нармафзорҳои 3D, инфироди ва гурӯҳӣ, шаклҳоро таҳлил ва таҳия кунанд. Барои омӯзиши алгебра ва ҳисоби майдонҳо хонандагон метавонанд дар гурӯҳ масъалаҳои ҳаётӣ ҳал кунанд, масалан хисоб кардани майдони хонаи

худ, тақсимоти маблағ, барои ҳисоб кардани хароҷот ва тақсимоти захираҳо ё таҳлили фазои синфхона стратегияҳои гуногунро таҳлил ва муқоиса кунанд, то роҳҳои самароктаринро интихоб намоянд. Дар раванди инфиродӣ хонандагон метавонанд ба тарзи лоиҳӣ модели геометрӣ созанд. Мисли сохтани нақшаи боғ ё моделҳои архетектурӣ, ки ба рушди тафаккури фазоӣ ва мустақилияти хонанда мусоидат мекунад. Дарсҳои математика бояд бо истифодаи принсипҳои таълимии мустаҳкам, машқҳои гуногун ва усулҳои таълимии интерактивӣ (муошират ҳамкорӣ) тарҳрезӣ шаванд, токи хонандагон фикри мантиқӣ дошта бошанд ва малакаҳои ҳалли масъалаҳоро инкишоф диҳанд [11, с. 10]. Хонандагон метавонанд маълумоти ҷамъшуда аз мушоҳидаҳои синфро таҳлил кунанд. Ин раванд тафаккури фазоиро рушд медиҳад ва имконият медиҳад, ки хонандагон мустақилона хулоса бароранд. Кори гурӯҳӣ дар раванди омӯзиш хонандагон бо ҳам муошират намуда, ҳамкорӣ ва масъулияти дастаҷамъона ташаккул медиҳад. Дар натиҷа, хонанда ҷавогӯи вазъиятҳои нав ва ғайримоддӣ шуда, қобилияти таҳлили илмиро фароҳам меорад.

Ин раванд ба хонандагон кӯмак мекунанд, ки:

- қобилияти мутақобилона фикр кардан ва натиҷаҳоро баҳогузорӣ кардан рушд ёбад;
- малакаҳои амалӣ ва эҷодиро муттаҳид кунанд;
- омадагӣ ба омӯзиши минбаъда ва вазиятҳои нав ба даст оранд.

Омадагӣ ба олимпиадаҳои математика ё лоиҳаҳои амалӣ, таҳлили масоил ва пешниҳоди роҳҳои нави ҳалли мушкилот. Ҳамин тавр, муносибати босалоҳият ба хонандагон кӯмак мерасонад, ки амалӣ ва назарявиро муттаҳид кунанд, мушкилотро мустақилона ҳал намоянд ва тафаккури эҷодиро дар раванди таълим инкишоф диҳанд.

***Адабиёт***


1. *Хуторской, А.В. Компетентности подход в образовании / А.В. Хуторской. - Москва: Академия, 2013. – 73 с.*
2. *Гусаев, В.А. Теория и методика обучения математике: психолого-педагогические основы / В.А. Гусаев. – Москва: Бином, 2014. – 456 с.*
3. *Нугмонов, М. Стандарти давлатии маълумоти математикӣ. Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон Китоби 2. / М. Нугмонов. - Душанбе: Поликон, 2005. - 134 с.*
4. *Зимняя, И.А. Ключевые компетенции как результатобразования / И.А. Зимняя.–Москва. 2004. - 38 с.*
5. *Сластёнин, В. А. Педагогика / В. А. Сластёнин. –Москва: Академия, 2018. -576 с.*
6. *Нугмонов, М. Дарси муосири математикаи мактабӣ. Нашри 2 бо ислоҳу иловаҳо / М. Нугмонов. – Душанбе: Сифат, 2018.-222 с.*
7. *Цепкин, А. Г. Маълумотнома аз математика барои мактабҳои миёна Дар зери таҳр. С. А. Степанов. / А. Г. Цепкин - Душанбе: Маориф, 1989. - 510 с.*
8. *Денищева, Л.О. Теория и методика обучения математике в школе / Л.О. Денищева, А.Е. Захарова И. Зубарева. - Москва: Бином, 2014. -247с.*
9. *Лернер, И.Я. Дидактические основы методов обучения. / И.Я. Лернер. - Москва: Педагогика, 1981.-185 с.*
10. *Мухамадиева, Л.М. Раванди таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ: "Татқиқотҳои муҳандисӣ, иноватсия ва сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика ва саноат" / Л.М. Мухамадиева. - Душанбе: 2023. - С. 260-261.*
11. *Истомина, Н.Б. Методика обучения математике в начальных классах / Н.Б. Истомина. – Смоленск: Ассоциация XXI век, 2009.-144 с.*


## ПРОБЛЕМАҲОИ ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР АДАБИЁТИ ИЛМӢ ТИБҚИ СТАНДАРТҲОИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ


Дар мақола моҳият ва аҳаммияти муносибати босалоҳият дар раванди таълими математика ва геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ шудааст. Мақсади таҳқиқ муайян намудани имкониятҳои татбиқӣ ин равиш дар рушди тафаккури мантиқӣва фазоии хонандагон мебошад. Дар кору усулҳои таҳлил муқоиса ва ҷамъбаст истифода гардидаанд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки муносибати босалоҳият самаранокии раванди таълимро баланд мебардорад. Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар истифодаи натиҷаҳо дар фаъолияти омӯзгорон зоҳир мегардад. Ҳамчунин мушкилоти арзёбии натиҷаҳои таълим, камбуди шароити моддиву техникӣ ва борбардории зиёди мундариҷаи таълим ҳамчун омилҳои боздорандаи татбиқи муносибати босалоҳият баррасӣ мегарданд. Дар фарҷом таъкид мешавад, ки ҳалли ин мушкилот тавассути такмили низоми тайёркунӣ ва бозомӯзии омӯзгорон, навсозии мундариҷа ва технологияҳои таълим, инчунин ҷори намудани усулҳои муосири арзёбии салоҳиятҳои хонандагон имконпазир мебошад.



**Калидвожаҳо:** маориф, дониш, малака, маҳорат, муносибати босалоҳият, сифати таҳсилот, масъала, мустақилона, адабиёти илмӣ, стандартҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

## ПРОБЛЕМЫ ФОРМИРОВАНИЯ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА В НАУЧНОЙ ЛИТЕРАТУРЕ СООТВЕТСТВИИ СО СТАНДАРТАМИ ОБЩЕГО СРЕДНЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье рассматриваются сущность и значение компетентностного подхода в процесси обучения математике и геометрии в учреждениях общего среднего образования. Цель исследования заключается в определении возможностей применения данного подхода в развитии логического и пространственного мышления учащихся. В работе использованыметоды анализа, сравнения и обобщения. Полученные результаты свидетельствуют о том, что компетентностный подход повышает эффективность образовательного процесса. Практическая значимость исследования заключается в возможности учителей. Кроме того, анализируются проблемы оценки образовательных результатов, дефицит материально-технических ресурсов и перегруженность содержания обучения. В заключении подчеркивается, что эффективная реализация компетентностного подхода возможна при условии совершенствования системы подготовки и повышения квалификации педагогических кадров, обновления содержания и технологий обучения, а также внедрения современных методов оценки сформированности компетенций обучающихся.

**Ключевые слова:** образование, знания, умения, навыки, компетентностный подход, качества образования, текстовые задачи, самостоятельность, научная литература, стандарты обшего среднего образования.

## PROBLEMS OF FORMING A COMPETENCY-BASED APPROACH IN SCIENTIFIC LITERATURE IN ACCORDANCE WITH THE STANDARDS OF GENERAL SECONDARY EDUCATION

The article examines the essence and significance of the competency-based approach in the process of teaching mathematics and geometry in general secondary education institutions. The purpose of the study is to identify the possibilities of applying this approach to the development of students' logical and spatial thinking. The methods of analysis, comparison and generalization are used in the research. The results show that the competence-based approach increases the effectiveness of the educational process. The practical significance of the study lies in the possibility of using the results in teachers' professional activities. In addition, the article analyzes problems related to the assessment of learning outcomes, insufficient material and technical resources, and the overload of educational content. The conclusion emphasizes that the effective implementation of the competence-based approach requires the improvement of teacher training and professional development systems, the modernization of educational content and teaching technologies, as well as the introduction of modern methods for assessing students' competencies.

**Keywords:** education, knowledge, skills, proficiency, competency-based approach, quality of education, word problems, independence, scientific literature, general secondary education standards.

***Дар бораи муаллиф***
*Мухамадиева Лолахон Мамаюсубовна*
*Унвончӯи кафедраи методикаи таълими математика*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: lolamuhamadieva13@gmail.com*

***Об авторе***
*Мухамадиева Лолахон Мамаюсубовна*
*Соискатель кафедры методики обучения математики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: lolamuhamadieva13@gmail.com*

***About the author***
*Mukhamadieva Lolahon Mamayusubovna*
*The Applicant of the Department of Methods of Teaching Mathematics*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: lolamuhamadieva13@gmail.com*

ТДУ 372.8:51+373

# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

***Нугмонов М., Урозов Ф. М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар замони муосир масъалаи ҳаматарафа ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим, чӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва чӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавқеи хоса пайдо мекунад. Зеро гузариш ба низоми босалоҳият (раванди Болонӣ), ки аксари давлатҳои тараққикардаи ҷаҳонро фарогир мебошад, имконият фароҳам меоварад дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятҳои математикии хонандагони муассисаи таҳсилоти умумӣ аз нав коркард, боиси озмоиши педагогӣ ва дар ҳамин асос ба зинаҳои таҳсилот пешниҳод карда шаванд.

Вобаста ба ворид гаштани низоми босалоҳият дар таълими математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаю олии касбӣ зарур мешуморем, ки мавқеи салоҳиятнокӣ дар таълими фанҳои сикли математикӣ аз диди илмӣ (назариявӣ) асоснок ва аз диди амалӣ дар асоси таҷрибаҳои озмоишӣ боиси тадқиқотҳои ҳамаҷониба қарор дода шаванд. Зеро то ҳол ба ҳалли ин мушкилот аҳаммияти хоса дода намешавад ва таҳлилгароии илмӣ, ки воридшавии низоми босалоҳиятро боиси ташаккули раванди таълим мегардонад, бояд ба тадқиқоти мукаммал ва мушаххас зарурат дошта бошад.

Таҳлили адабиёти мавҷуда ва таҷрибаи кунунии мо собит менамоянд, ки то ҳол дар ин самт ҳанӯз тадқиқотхои илмӣ-методии фарогири мавзуъ кифоя нестанд.

Ҷорӣ намудани низоми муносибати босалоҳият дар таҳсилот, аз ҷумла таълими математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусмяиҳои хоси худро бояд дошта бошад, зеро он ба стандарт, барнома ва дар ин асос ба мазмуни таълим, ки аллакай дар китобҳои дарсии амалкунанда мавҷуданд зич алоқаманд буда, зарурати такмилдиҳиро мехоҳад.

Тавре ки таҳлили назариявии раванди амалигардонии муносибати босалоҳият ва дар ин асос таҷрибаи ҳанӯз номукамали таълими математика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ собит менамоянд, барои ба таври эътимоднок ҷорӣ намудани низоми номбурда тадқиқотҳои илмӣ-методӣ заруранд, то ки муносибати анъанавии таълими давомёбандаро бо низоми босалоҳият ба таълим иваз карда тавонанд.

Аз ин лиҳоз, баланд шудани сифати таҳсилоти математикии хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, тавре ки ишора рафт, ба такмил додани мазмуни таълим вобаста мебошад, ки бояд стандарт ва барномаи таълими такмилёфта муайян намоянд. Оид ба ин масъалаи рӯз ҳарчанд ақидаҳои мухталиф мавҷуданд, то ҳол дар маводди таълимии омӯхташавандаи математикии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеи муносибати босалоҳият ба таълими математика ба инобат гирифта намешавад.

Сохтори маводди таълимии китобҳои дарсӣ ва унсурҳои онҳоро дарбаргиранда дар адабиёти илмӣ-методии гузашта ва муосири соҳаи методикаи таълими математика васеъ ифода ёфта бошанд ҳам, вале то ҳол паҳлуҳои гуногуни ба ин масъалаи рӯз (муносибати босалоҳият ба таълим) нигаронидашуда, ки сиёсати давлатамон онро тақозо мекунад, равшан нагардидааст.

Офаридани маводди таълимӣ ва ҷойгир кардани он дар китобҳои дарсӣ кори басо мушкил ва заҳматталаб мебошад ва тақозо мекунад, ки пеш аз дастраси умум (хонанда) гардидани он зинаҳои гуногун, аз ҷумла аз озмоиши илмӣ-методӣ бояд гузарад, ҳарчанд китобҳои дарсии математикаи имрӯза аз чунин зинаи асосӣ нагузаштаанду номи “китоби дарсӣ”-ро муаррифӣ мекунанд. Ин тарзи фаъолият ба натиҷае оварад, ки маводди таълимии мавриди омӯзишбуда, дар батартибории мазмуни маводди таълимӣ, дар дуруст интихоб кардани масъала, машқ ва супоришҳои таълимӣ, дар дуруст истифода бурдани истилоҳи математикӣ, дар тасвири аёниятҳои математикӣ, дар ҷорӣ намудани муносибати блосалоҳият ба таълими фан ва ғайра ба хатогиҳо роҳ дода шуд ва ин боиси дар саҳифаҳои рӯзномаҳою маҷаллаҳо пайдо шудани фикрҳои мухталиф ва асоснок гардиданд. Ҳарчанд муносибати

босалоҳият дар стандарт, барномаи таълим ва маводди дидактикии барои омӯзгор пешниҳодшуда мавқеи худро ёфта бошад ҳам, то ҳол дар маводди таълимии амалкунандаи мактабӣ ин масъала ҳалли худро наёфтааст. Ба тариқи умумӣ, дар сохтори китобҳои дарсии амалкунандаи математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба норасогиҳо ва хатогиҳо роҳ дода шуд, ки дар шароити кунунии иқтисодии ҷомеа бартараф кардани онҳо кори осон нест.

Китоби дарсӣ яке аз воситаҳои асосии таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, раванди дарсро дар системаи таълим таъмин мекунад ва он бояд чунон сохтор гирад, ки ба барномаи таълимӣ ва стандарти маълумоти математикӣ мувофиқ буда, барандаи асосии мазмун (ахбори таълимӣ) ва намудҳои фаъолияти математикӣ бошад. Маводди таълимии он дар шароити кунунӣ барои хонандагон ҳатмӣ ва бояд мувофиқи хусусиятҳои синнусолии онҳо бошад [8].

Аз ин ҷост, ки дар маводди таълимии китобҳои дарсии математикаи муасссиаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, камбудӣ ва норасогиҳои зиёд мавҷуданд. Ин бесабаб нест ва муҳимашон зеринҳоянд:

- дар таркиббандии маводди китобҳои дарсӣ ба инобат нагирифтани методикаи баён ва аз ин рӯ, ҷузъҳои маводро ба дарс (ба як дарс) мувофиқ карда натавонистан;
- гуногун будани тарзи баёни китоб (агар китоб ду ё зиёда дорои муаллифон дошта бошад, баёни мазмун гуногун аст);
- истифода бурдани машқ ва масъалаҳое, ки ба дарки хонанда дастрас нестанд, яъне масъала ва машқҳо, дар ҳолатҳои зиёд тавсифи муҳити зисти хонандаро ифода наменамоянд ва ба таркиббандии китоб мусоидат намекунанд, яъне салоҳиятнокии хонандаро тақвият намебахшанд;
- дар баъзе ҳолатҳо нақшаҳо, ҷадвалҳо, графикҳо, фигураҳо тасвири амиқи воқеияти математикиро таҷассум (тасвир) намекунанд, ки ба дарки нодурусти воқеияти математикӣ аз тарафи хонанда оварда мерасонанд (инро аллақай таҷрибаҳои омӯзгорони пешқадам собит намуд), яъне дур рафтан аз маҷмуи салоҳиятҳое, ки хонанда бояд дошта бошад;
- аз озмоиши илмӣ (методӣ) нагузаштани китобҳо, ба инобат нагирифтани фикру андешаҳои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олимони соҳаи методикаи таълими математика (таҷрибаи офариниши китоби дарсӣ дар собиқ Шуравӣ ва мамлакатҳои пешқадам собит мекунанд. ки китоб то аз озмоиши илмӣ-методӣ нагузашта бошад, ба сифати китоби дарсӣ тасдиқ намешавад) [8].

Бояд қайд кард, ки маводди китоби дарсии математика маҳсули соф дастовардҳои илмии математика нест, ки дар натиҷаи фаъолияти илмии олимони ин соҳа дар тӯли асрҳо ба вуҷуд омада бошад, ҳарчанд дарстовардҳои илмии математика мазмуни асосии китоби дарсиро ташкил медиҳанд. Чун масъалаи таълифи китоби дарсӣ пеш меояд, аллакай ӯ ба худ мазмуни илмии методикаи таълими математикиро мегирад. Зеро масъалаҳои илмӣ, системанокӣ, маълумотдиҳӣ, фаъолнокӣ ва мустақилӣ, тамоюли фардӣ, аёнӣ, мустаҳкамии донишҳо ва як қатор масъалаҳои ба номбурдаҳо алоқаманди дар асоси дастовардҳои гузашта ва муосири илмии методикаи таълими математика ҳаллу фасл меёбанд ва муносибати босалоҳиятро ба таълим таъмин мекунанд. Ба ибораи дигар гӯем, масъалаҳои номбурда ба қатори масъалаҳои методологие мансубанд, ки раванди методии китоби дарсиро бояд муайян ва ҳаллу фасл намоянд.

Вобаста ба ин бояд чанд масъалаи методологии таълифи китоби дарсии математикаро мадди назар бояд кард.

1. Пеш аз ҳама, мазмуни китоби дарсиро мафҳумҳо, қоидаҳо, қонунҳо, назарияҳо ва воқеиятҳои математикӣ ташкил медиҳанд, ки аз диди методӣ суфта карда шуда, ба хусусиятҳои синнусолии хонандаи муассисаи таҳсилоти умумӣ ва ба мақсади таҳсилоти математикӣ мувофиқ бояд бошанд. Зеро дар байни назарияи илмии математика ва методикаи таълими он фарқияти ҷиддӣ мавҷуд аст. Ин фарқият (асосӣ) аз он иборат аст, ки методикаи таълими математика, методикаи баёни донишҳои илмии математикиро истифода барад ҳам, вале онро нусхабардорӣ накарда, дар мувофиқа бо мақсадҳое, ки ҷомеа дар назди муассисаҳои таълимӣ мегузорад, ҳаллу фасл менамояд. Ҳоло, ки фикри баёни назарияи математикӣ бо мақсади омӯзиш мавҷуд нест, методикаи таълими математика наметавонад ба сохтори дохилии назарияҳои математикӣ сару кор дошта бошад. Ҳарчанд баёни худии назарияҳои математикӣ низ аз ибтидо сохтори методиро ба худ мегиранд ва муаллифони онхо низ аз диди методӣ онҳоро банду баст менамоянд, зеро аз мактаби омӯзиш (методӣ) гузаштаанд.

2. Ба инобат гирифтани раванди психологии маводди таълимии китоби дарсӣ, баёни мавод вобаста ба хусусиятҳои психологии синнусолии хонандагон. Вобаста ба ин, ба инобат гирифтани масъалаҳое, ки ба тафаккури математикӣ, ҳисиёт, диққат, тасаввурот, забони математикӣ ва амсоли онҳо, яъне масъалаҳои ба салоҳият нигаронидашуда, вобастаанд,. Зеро илми психология қонуниятҳои инкишофи шахсиятро муқаррар намуда, бо ҳамин ба дурустии сохтори методии маводди таълимӣ ва умуман ташкили дарс дар ҳамин асос ёрӣ мерасонад. Дар банду баст ва сохтори китоби дарсӣ ба инобат гирифтани зинаҳои наздиктарини инкишофи хонанда (Л. С. Виготский). Дар сурати ба инобат нагирифтани ин принсип пайдарҳамии раванди таълимро таъмин кардан ғайриимкон мебошад. Ин нукта дар офариниши китоби дарсӣ мавқеи хоса пайдо мекунад ва бояд ба инобат гирифта шавад. Тавре ки таҳлили китобҳои дарсии математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ собит менамояд, ин масъала ҳанӯз дар таълифи китобҳо ҳалли худро наёфтааст ва муаллифонро зарур аст, ки ба раванди равонии таълиф диққати зарурӣ диҳанд.

3. Дар сохтори китоби дарсӣ ба инобат гирифтани зина ба зина ташаккул додани тафаккури назариявӣ, зеро тафаккури математикӣ бештар тавсифи назариявӣ дорад ва нисбат ба тафаккури эмпирикӣ (ба маънои таҷрибавӣ) имконият медиҳад ба мазмуни маводди таълимӣ ҷуқуртар дохил шавем, яъне тибқи салоҳияти доштаи хонанда мазмуни таълимро баён намоем [8; 9].

4. Азбаски ҷараёни таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳо ва муассисаҳои дигари таълимӣ низ) бо моҳияти худ ҷараёни ҳалли масъалаҳои математикӣ мебошад, пас ҳангоми сохтори китоби дарсӣ ба инобат нагирифтани амалиёти фаъолияти тафаккур (муқоиса, анализ, синтез, ҷамъбасткунӣ, мушаххасгардонӣ, абстрагонӣ ва ғайра) костагии мавқеи китоби дарсиро собит менамояд ва ташаккули муносибати босалоҳиятро таъмин намекунад.

5. Ба инобат гирифтани масъала ва машкҳои ба матн мувофиқ, татбиқӣ маводди назарияви дар ҳалли масъалаҳо, аз ҷумла масъалаҳои амалӣ, баёни маводди назариявӣ дар асоси дохил намудани масъала ва машқҳо бо назардошти масъалаҳое, ки ба тафаккури хонанда дастрасанд ва онро инкишоф медиҳанд, истифодаи малакаҳое, ки ҳаёти хонандагонро таҷассум мекунанд.

Инчунин, дар сохтори маводди таълимии китоби ларсӣ ба инобат гирифтани функсияҳои методию дидактикӣ зарур аст, ки муҳимтаринашон хоси методологии таълифи маводди китоб буда, муносибати босалоҳиятро дар таълими математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин менамоянд:

1. Ахборотдиҳӣ - қайди мазмуни маълумоти математикӣ ва намудҳои фаъолият (методӣ-математикӣ), ки бояд дар хонанда ташаккул дода шаванд. Азбаркунии донишҳо ва намудҳои фаъолияти математикӣ бояд ба тарбия ва ташаккулдиҳии инкишофи хонандагон мусоидат намояд.

2. Табдилдиҳӣ - такмил ва азнавкоркунии донишҳои илмӣ-назариявии математикӣ, мантиқӣ, ҷаҳонбинӣ, ки ба стандарти маълумоти математикӣ ва барномаи давлатии маълумоти математикӣ мувофиқат мекунанд дар асоси принсипҳои методию дидактикӣ сохтор меёбанд.

3. Системанокӣ - таъмини қатъии баёни пайдарпаии маводди таълимӣ дар шакли система (мақсад, мазмун, воситаи коммуникатсионӣ-методӣ, фаолияти омӯхгор ва хонанда), ки ба тамоюли мазмунию методии курси математикаи мактабӣ (адад, ченкунии бузургӣ, муодилаю нобаробарӣ, функсия, табдилдиҳии айниятӣ, фигура) мувофиқат мекунад ва ба натиҷаи ниҳоӣ меорад [5].

4. Мустаҳкамкунӣ ва худназоратӣ - мувофиқи мақсад бо роҳбарии омӯзгор ташаккул додани намудҳои амалиёти математикии хонандагон, ёрӣ барои азхудкунии чуқури маводди ҳатмии таълим ва дар ҳамин асос фаъолияти амалӣ гузаронидан, ки муносибати босалоҳиятро ба таълими фан бояд таъмин намояд.

Ҳамин тавр, бо ба инобат гирифтани гуфтаҳои болоӣ, салоҳияти таълимӣ аз математикаи муассисаи таҳсилоти умумӣ барои ташаккули силсилаи донишҳо, малакаю маҳорат, мусоидат намуда, ба ташаккули мустақилияти хонанда меорад. Салоҳиятнокии дар алоқамандии фанҳои таълимӣ ташаккулёфта бошад, ба захираҳои маъриатӣ, таҷрибаҳо малака ва маҳорати хонанда таъсири мусбат мерасонад. Салоҳияти таълимӣ аз силсилаи дониш, малакаю маҳорат фикрронии когнитивӣ (дарк) ва қисматҳои фаъоли амалиётӣ доштан иборат буда, тарзи муносибат ва фаъолияти шахсро дар вазъиятҳои гуногун таъмин менамояд. Ташаккули салоҳияти таълимӣ дар дарсҳои математика ба хонанда барои ҳалли мушкилоти шахсию иҷтимоии худ ёрӣ мерасонад.

***Адабиёт***

1. *Булыгина Л.Н. Формирование коммуникативной компетентности школьников / Л. Н. Булыгина // Вопросы психологии. - 2010. - № 2. - С. 149-152.*
2. *Бермус А. Г. Проблемы и перспективы реализации компетентностного подхода в образования [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://www.bestreferat.ru/referat-78164.html (дата обращения: 05.11.2025).*
3. *Зимняя И.А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата современного образования [Электронный ресурс] //Интернет-журнал "Эйдос". - 2006. Режим доступа: http://www.eidos.ru/journal/2006/0505.htm (дата обращения: 05.11.2025).*
4. *Лебедев О.Е. Компетентностный подход в образовании [Электронный ресурс] // Школьные технологии. -2004. -№5. -С.3-12. - Режим доступа: http://www.orenipk.ru/seminar/ lebedev.htm (дата обращения: 05.11.2025).*
5. *Нугмонов М. Пайдарҳамии таълими математика дар мактаби таҳсилоти умумӣ (монография).- Душанбе: АИП, 2005. - 168 с.*
6. *Нугмонов М. Стандарти давлатии маълумоти математикӣ. Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷ.Т. Китоби 2. – Душанбе: Поликон, 2005. – С. 13-51.*
7. *Нугмонов М., Раззоқов А., Норов Р. Роҳнамои фанни алгебра. Синфи 8. – Душанбе: «Маориф», 2017. - 84 с.*
8. *Нугмонов М. Дарси муосири математика. - Душанбе: Сифат, 2017. – 296 с.*
9. *Нугмонов М., Туронов С., Қурбонов С. Стандарти таҳсилоти математикӣ. Синфҳои 5-11. – Душанбе: Маориф, 2018. – 110 с.*
10. *Нугмонов М., Олимов А. ва диг. Маводди дидактикӣ аз алгебра барои синфи 8. – Душанбе: Сифат, 2010.*
11. *Селевко Г. К. Компетентности и их классификация // Народное образование. - 2008. - № 4.*
12. *Хуторской А. В. Ключевые компетенции и образовательные стандарты [Электронный ресурс]//Интернет-журнал "Эйдос". 2002. Режим доступа: http://eidos.ru/journal/2002/0423.htm (дата обращения: 05.11.2025).*

## МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи муносибати босалоҳият дар раванди таълими математикаи муассисаи таҳсилоти умумӣ аз диди назариявӣ мавриди муҳокима қарор дода шудааст. Муносибати босалоҳият ба таълим, ки стандарти таълим муайян мекунад, болоравии сифати таълиму тарбия, пеш аз ҳама, такмили мазмуни маълумотро тақозо мекунад, ки ба мақсади маълумоти математикӣ мувофиқ буда, фаъолияти математикии хонандагонро дар муассисаи таҳсилоти умумӣ таъмин менамояд. Дар мақола баъзе масъалаҳои такмили маводди таълимии китобҳои дарсӣ, вобаста ба татбиқи муносибати босалоҳият, масъалаҳои методологие, ки раванди методии китоби дарсиро бояд муайян ва ҳаллу фасл намоянд, мавриди муҳокима қарор нирифтаанд. Принсипҳои методологии таълифи китобҳои дарсии насли нав ва вазифаҳои асосии дидактикии онҳо (ахборотдиҳӣ, табдилдиҳӣ, системанокӣ ва худназоратӣ) пешниҳод шудаанд, ки ба ташаккули тафаккури назариявӣ ва мустақилияти маърифатии хонандагон нигаронида шудаанд.

**Калидвожаҳо:** муносибати босалоҳият, таълими математика, муассисаи таҳсилоти умумӣ, стандарти таҳсилот, китоби дарсӣ, методикаи таълими математика, функсияи методӣ.

## КОМПЕТЕНТНОСТНЫЙ ПОДХОД И ЕГО ПРИМЕНЕНИЕ В ОБУЧЕНИИ МАТЕМАТИКЕ В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ШКОЛЕ

В статье рассматриваются вопросы компетентностного подхода в процессе обучения математике в средних общеобразовательных учебных заведениях с теоретической точки зрения. Компетентностный подход к образованию, определяющий стандарт образования, требует повышения качества образования и воспитания, прежде всего, совершенствования содержания информации, соответствующей цели математического образования и обеспечивающей математическую деятельность учащихся в среднем учебном заведении. В статье представлены некоторые вопросы совершенствования учебно-методических материалов, связанные с реализацией компетентностного подхода, а также методологические вопросы, которые следует выявить и решить в методическом процессе создания учебника. Предложены методологические принципы составления учебников нового поколения и их ключевые дидактические функции (информационная, трансформационная, систематизирующая и самоконтроль), направленные на формирование теоретического мышления и познавательной самостоятельности учащихся.

**Ключевые слова:** компетентность, обучения математике, средная общеобразовательная школа, стандарт обучения, учебная книга, методика обучения математике, методическая функция.

**COMPETENCY-BASED APPROACH AND ITS IMPLEMENTATION IN TEACHING MATHEMATICS IN GENERAL EDUCATION INSTITUTIONS**

The article examines the issues of the competency-based approach in the process of teaching mathematics in general secondary educational institutions from a theoretical perspective. The competency-based approach to education, which defines educational standards, requires improving the quality of teaching and upbringing—primarily by enhancing information content that aligns with the goals of mathematics education and ensures the mathematical activity of students. The article presents several issues regarding the improvement of teaching and methodological materials related to the implementation of the competency-based approach, as well as methodological questions that must be identified and addressed during the instructional process of creating a textbook. Proposes methodological principles for developing next-generation textbooks and outlines their core didactic functions (informative, transformative, systematic, and self-control) aimed at fostering theoretical thinking and cognitive independence in students.

**Keywords:** competency, mathematics teaching, general secondary school, educational standard, textbook, mathematics teaching methodology, methodological function.

***Дар бораи муаллифон***

*Нугмонов Мансур*
*Профессори кафедраи методикаи таълими математика*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: nugmonov@mail.ru*

*Урозов Фирдавс Маҳмадрасулович*
*Ассистенти кафедраи методикаи таълими математика*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: firdavshojaev94@gmail.com*

***Об авторах***

*Нугмонов Мансур*
*Профессор кафедры методики преподавания математики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: nugmonov@mail.ru*

*Урозов Фирдавс Махмадрасулович*
*Ассистент кафедры методики преподавания математики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: firdavshojaev94@gmail.com*

***About the authors***

*Nugmonov Mansur*
*Professor of the Department of Methods of Teaching Mathematics*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: nugmonov@mail.ru*

*Urozov Firdavs Makhmadrasulovich*
*Assistant of the department of methods of teaching mathematics*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: firdavshojaev94@gmail.com*

ТДУ 372.851

# АМАЛИНАМОИИ МЕТОДИ БАРОБАРКУНИИ МАҲКАМ ДАР ҲАЛЛИ МУОДИЛАҲОИ ИРРАТСИОНАЛИИ ҒАЙРИСТАНДАРТИИ ЯКЧАНДТАҒЙИРЁБАНДАДОР

***Маҳкамов М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Зимни масъалаҳалкунӣ марҳилаи аз ҳама мушкилтарин ва муҳимтарин ҷустуҷӯи тарзҳо, усулҳо ва методи ҳалли он мебошад. Вақте, ки методи ҳал кардани масъалаи додашударо дарёфтем, албатта ҳамаи амалиёти дигар, ки аз иҷрои амал ва методҳои маълум, санҷишу тадқиқ ва баёни ҷавоб иборатанд, хело ҳам осон мешаванд ва мушкилоти зиёдатӣ сарфи назар мешавад.

Методи ҳалли масъалаи додашударо чӣ тавр ҷустуҷӯ бояд кард? Барои ёфтани тарзи ҳал кардани масъалаи ғайристандартӣ чӣ гуна амалиётро иҷро намудан лозим меояд?

Воқеан андеша дар бораи он аст, ки одам тарзи ҳал кардани масъалаи пешниҳодшударо чӣ тавр ҷустуҷӯ карда, онро чӣ тавр дар соҳаҳои гуногуни илм дар муддати тӯлонӣ омӯхтаю татбиқ менамояд. Оид ба ин масъала, психологҳо диққати махсус доданд.

Тибқи дастовард ва кӯшишҳои бисёр назарияҳои мухталифи раванди ҷустуҷӯи методҳои масъалаҳалкунӣ дарёфт гардиданд. Аммо, мутаассифона, ягонтои онҳоро бе чунучаро қабул кардан ҳоло имконнопазир аст, зеро ҳар яке норасогии муайяне дорад. Ҳамин тавр, ҳам бошад, дар амалия ҳар якеро истифода метавон кард, онҳо ба дараҷае кӯмак расонида метавонанд.

Проблема дар ҳамон лаҳзаҳое пайдо шуданаш имконпазир аст, ки одам дар амалиёти ба ягон объект равона кардаи худ ба ягон мушкилот ё монеае дучор меояд. Ба монанди мавриде, ки барои қаноатманд шудани ягон талаботи худ одам ба монеае дучор меояд ва он мушкилот дар натиҷаи надонистани ягон хосияти объект ҳосил мегардад, он гоҳ мегӯянд, ки ӯ ба вазъияти проблемавӣ дучор омадааст.

Ин имкониятҳои пайдоиши вазъияти проблемавӣ (монеаъ дар роҳи расидан ба мақсад пайдошуда, зиддиятҳое, ки дар байни талаботи одам ва имконияти ноилшавии он ва монанди инҳо пайдо мешаванд) барои ба ин вазъият дохил шудани одам ба сифати шартҳои зарурӣ хизмат кунанд ҳам, дар айни ҳол ба сифати шартҳои кифоягӣ хизмат карда наметавонанд. Барои иҷро шудани ҳар ду шарт одам бояд ин монеаъро дарк кунад ва аз ин ҳама муҳимашро бинад, ки ӯ бартарафшавии онро ҳатман хоҳад. Инро бо мисоли содатарин намоиш додан мумкин аст. Коргаре ягон детал (қисми иншооте)-ро тайёр мекунад. Мақсади амалиёти ӯ аз бисёртар ва хушсифат тайёр кардани он деталҳо иборат мешавад, зеро ин, агар аз як ҷиҳат, барои зиёдтар ва бо сифат сохта шудани он иншоот сабаб шавад, аз ҷиҳати дигар, боиси афзоиши маоши ӯ мешавад. Бинобар ин ӯ мехоҳад, ки вазифаи дар наздаш гузошташударо бошарафона иҷро кунад. Аммо рӯзе аз рӯзҳо миқдори муайяни деталҳои тайёркардаи ӯро аз сабаби бадсифатии онҳо қабул намекунанд. Аммо коргар аввалҳо, ба ин аҳаммият надода, корашро давом додан мегирад, зеро, ба ақидаи ӯ миқдори боқимондаи деталҳои босифат ӯро қаноатманд менамояд.

Ана ҳамин рафтори коргар, ки ҳанӯз зиддияти ба вуҷуд омадаро пай набурдааст, берун аз вазъияти проблемавӣ монданашро ифода мекунад. Дар ин мисоли мо гарчанд шарти зарурии пайдоиши вазъияти проблемавӣ мавҷуд бошад ҳам, вале дар амал он барои коргар вуҷуд надорад. Аммо чунин коргар бепарвогии худро бисёр давом дода наметавонад, бинобар ин ӯ албатта ба ҷустуҷӯи сабаби бесифат баромадани деталҳое, ки барои сохтанашон қувва сарф кардааст, шурӯъ мекунад. Ана дар ҳамин марҳила вазъияти проблемавӣ барои коргар ба вуҷуд меояд, зеро ӯ мамониятро дарк намуда, барои бартараф кардани он мекӯшад. Дар ин маврид қабул нашудани деталҳои бадсифат ба сифати шарти зарурию пайдоиши вазъияти проблемавӣ хизмат хоҳад кард.

Умуман, агар одам зиддияти мавҷударо дарк намуда, дар айни ҳол барои бартарафкунии он шурӯъ кунад, яъне ӯ ба вазъияти проблемавӣ дохил гардад, он гоҳ ба ҳолати эҳсосотии мураккаби хосе дучор меояд. Ин ҳолатро шартан вазъияти проблемавӣ меномем.

Дар ин маврид ҳолати вазъияти проблемавӣ чӣ хоҳиши ба амалинамоии мақсади амалиёти худ, чӣ ҳиссиёти на он қадар возеҳи вазъият, чӣ дарёфтан хушнудӣ аз кашфиёт (дарк намудан), чӣ тарс аз ночории бартарафкунии мамониат ва монанди инҳо дохил

мегарданд. Чунин ҳолат инсонро водор менамояд, ки барои аз он раҳо гардидан чораҳо андешад, ба ибораи дигар, ба амалиёти фаъоли фикрӣ ворид шавад. Айни замон ӯ мекушад, ки аз маҳаки вазъият берун баромада, ба он дурустар нигарад, то ки ба мақсади гузоштаи худ ноил гардад. Инсон ба вазъияти пайдошуда аҳаммият медиҳад ва онро таҳлил менамояд.

Вобаста аз шиддатнокии вазъияти проблемавӣ одам ва хислатҳои хоси ӯ нисбат ба чунин ҳолат, аз дараҷаи тафаккур ва захираи таҷрибаи ҳаётии ӯ, он таҳлили вазъият амиқ ё рӯякӣ шуданаш мумкин аст ва бинобар ин, ба натиҷаҳои гуногун меоварад:

а) вазъияти проблемавиро ҳамчун таассуроти тамоман манфӣ қабул карда, дар айни ҳол барои ноилшавии ба мақсади гузошта исроркорона рафтор карда, одам ба фикрронии амиқ фурӯ рафта бо ҳамин аз мақсади гузошта даст мекашад ва бинобар ин аз вазъияти проблемавӣ “берун меояд”;

б) аз вазъияти проблемавии худ низ руҳафтода шуда, вале аз сабаби ноилшавӣ нисбатан қавитар буданаш ва дар натиҷаи суботкории худ, одам ба маҳорат ва малакаи худ муроҷиат намуда, вазъияти ба ҳамин монандро меҷӯяд ва бо ҳамин проблемаи гузошташударо бо ёрии воситаҳои ба ӯ маълум ҳал карданӣ мешавад. Гоҳо чунин кӯшиш ба таҳлили амиқи вазъияти проблемавӣ такя намекунаду характери системавӣ дорад, бинобар ин фақат барои ҳалли проблема равона кунонида мешаваду, аммо ба он ноил намегардонад. Дар натиҷа одам модели вазъияти проблемавии дигаре ба хотираш омадаро месозад, ки он ба модели вазъияти ба он афтидаи ӯ алоқамандие надорад;

в) дар охир, дар мавриди мусоид, одам вазъияти ҳосилшударо ҳаматарафа ва амиқ таҳлил карда, ҳама гуна ҷузиётҳои таркибии онро ошкор намуда, робитаю муносибатҳои байни он ҷузъҳоро муқаррар карда, тавсифи монеъаро ошкор месозад. Таркиббандии натиҷаҳои чунин таҳлили системавиро одам махсус қайд карда (навишта ё дар хотир нигоҳ дошта), бо ҳамин модели воқеии вазъияти проблемавиро месозад. Дар айни ҳол ин модели нишонавӣ ба сифати вазъияти проблемавӣ хизмат хоҳад кард. Ана, ҳамин объекти ҳосилшуда, ки модели нишонавии вазъияти проблемавист, масъала мебошад.

Ба ҳамин тариқ, дар ҷараёни аз тарафи шахсе қабул карда шудани масъалаи додашуда тафаккури ӯ ҳамоно ба амалиёти ҳар тарафа шурӯъ хоҳад кард ва дар айни ҳол, масъалаи ба табъи худаш мувофиқеро месозад, ки он ҳамчун модели субъективии масъалаи додашуда хизмат хоҳад кард.

Ҳам дар мавриди масъалагузорӣ ва таҳияи модели нишонавии он ва ҳам дар мавриди масъалаи тайёрро қабул кардани шахсе масъала ба чунин объекте мубаддал мегардад, ки ба он амалиёти он шахс равона карда мешавад. Ва агар он шахс якбора имконияти татбиқи методи ба ӯ маълумро ошкор намоянд, он гоҳ ба вазъияти нави проблемавӣ боз дохил мегардад.

Агар мо муқоиса намоем, ки ин вазъияти проблемавии мазкур бо вазъияте, ки ҳангоми аз тарафи одамгузошташавии масъала ба миён меояд, пас чунин манзара ба назар хоҳад расид: дар ҳар ду субъект аз ҳамон як шахс иборат асту аммо мақсад тағйир ёфтааст, зеро дар мавриди дуюм на барои таҳияи модели вазъият, балки баҳри дарёфти методи ҳалли масъала мекӯшем; объект бошад тағйир меёбад, зеро дар мавриди аввала агар он таҳияи масъала иборат бошад, баъдан он аз худи масъалаи додашуда иборат мешавад; дар охир, агар дар мавриди аввала тарзи таҳияи моделро ҷустуҷӯ кунад, дар мавриди дуюм набудани методи тайёр барои ҳал кардани масъала ба сифати монеа хизмат хоҳад кард.

Акнун аз вазъияти проблемавӣ чӣ тавр раҳо ёфтани шахси масъала ҳалкунандаро ҳангоми ҷараёни ҳалли муодилаҳои ирратсионалии якчандтағйирёбандадор дида мебароем. Барои ин чунин шахс бояд ба воситаҳои зерини ҳалкунии масъала соҳиб бошад:

1. Системаи умумӣ ва махсуси (барои соҳаи муайяни илм, чунончи математика) схемаи эврестикии ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо, ки шахс дар раванди таълим ва дар амалиёти масъалаҳалкунӣ аз худ намудааст. Мавриди қулай аст, ки қисмати зиёди ин схемаҳои эврестикиро худи одам бевосита дарк намекунаду танҳо ҷузиёти интуитивии амалиёти ӯро ташкил медиҳад.

2. Системаи донишу маҳорати назариявию амалии ҳамон соҳаи илм, аз ҷумла математика, ки дар доираи он масъалаи додашуда ҳал карда мешавад. Ба ин система, ҳамчун қисматҳои таркибӣ, алгоритмҳои намудҳои гуногун барои ҳал кардани масъалаҳои муайян ва таҷрибаи шахсӣ доир ба ҳал кардани масъалаҳое, ки алгоритм надоранд, дохил мегардад.

3. Системаи усулҳои мантиқии натиҷабарориҳо ва табдилдиҳии муҳокимаронихо. Ба системаи мазкур, аз ҷумла, маҳорати таҳлилкунӣ, таркиббандӣ намудан, абстраксия кардан, ҷамъбасткунӣ ва монанди инҳо дохил мешаванд. Ба ҳамин система натиҷабарориҳо аз рӯи муқоиса, аналогия ва индуксия, ки ҳақиқатташбеҳанд, низ дохил мегардад.

Ҳалли муодилаҳои ирратсионалии якчандтағйирёбандадор раванди ниҳоят мураккаби азбаркуниро доранд. Ҳамзамон гуногуншаклии муодилаҳои ирратсионалии якчандтағйирёбандадор методистон ва муҳақиқонро дар ҳайрат мегузорад. Ба хонандагон шарҳи тарзу методҳои ҳалли муодилаҳои дилхоҳи ирратсионалии якчандтағйирёбандадор бо методҳои мавҷуда ғайриимкон аст, чунки муодилаҳои ирратсионалӣ ба ҳаде такрорнашаванда мебошанд ва методи универсалии ҳалли дилхоҳи онҳоро дар адабиёти мавҷуда пайдо кардан ногузир аст. Ҳатто иҷрои ҳатмии нишондодҳо ва маслиҳату машваратҳои омӯзгор ҳам ҳалли масъалаи тадқиқшавандаро дар схема баргузор кардан номункин аст.

Ҳамзамон дар ягон китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муодилаҳои ғайристандартии якчандтағйирёбандадор ба чашм нарасиданд, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки то ҳол ба омӯзиши ин мавзуъ муҳақиқе оғоз накардааст.

Ҳангоми таҳия намудани методи Маҳкам, мо бисёр китобҳоро мавриди омӯзиш қарор додем, ба монандӣ: Аксенов А.А. “Теоретические основы обучения школьников поиску решения математических задач” [1], Бартенев Ф. А. “Нестандартные задачи по алгебре” [2], Березин В. Н., Березина Л. Ю., Никольская И. Л. “Сборник задач для факультативных и внеклассных занятий по математике” [3], Вавилов В.В., Мельников И.И. и др. “Задачи по математике. Алгебра” [4], Василевский А.Б. “Обучение решению задач по математике” [5], Галицкий М. Л., Гольдман А. М Звавич Л. И. “Сборник задач по алгебре для 8-9 классов” [6], Галкин Е.В. “Нестандартные задачи по математике. Алгебра” [7], Гальперин Г.А., Толпыго А.К. “Московское математическое олимпиады” [8], Горбачёв Н.В. “Сборник олимпиадных задач по математике” [9], Ғуломов И. ва диг. “Алгебра ва ибтидои анализ” [10], Дорофеев Г.В., Потапов М.К., Розов Н.Х. “Пособие по математике для поступающих в вузы” [11], Егерев В.К., Зайцев В.В., Кордемский Б.А. и др. “Сборник конкурсных задач по математике для поступающих во втузы” [12], Иванов О.А. “Практикум по элементарной математике: алгебро-аналитические методы” [13], Кострикина Н.П. “Задачи повышенной трудности в курсе алгебры 7-9 классов” [14], Қодиров Н. “Тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо” [15], Левитас Г.Л. “Нестандартные задачи по математике в 7-11 классах” [16], Лейбсон К.Л. “Сборник практических заданий по математике. Часть 2. 9 класс” [17], Литвиненко В.Н., Мордкович А.Г. “Практикум по элементарной математике: Алгебра, тригонометрия” [18], Лукьянова Г.С., Новиков А.И. “Рациональные и иррациональные уравнения и неравенства” [19], Махкамов М. “Об обучении решение уравнений высшей степень методом дополнения” [20], Маҳкамов М., Рачабов Т.Б., Каримзода Т. “Мақоми олимпиадаҳои математикӣ дар ташаккули фаъолияти математикии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” [21], Махкамов М. “Алгоритм введения вспомогательных переменных для решения нестандартных систем иррациональных уравнений” [22], Маҳкамов М. “Методҳои ҳалли масъалаҳо аз алгебра” [23], Маҳкамов М., Аминов Н., Авезов Р. “Масъалаҳои ғайристандартӣ” [24], Маҳкамов М., Аминов Н., Авезов Р. Алгебра: “Ҳалли масъалаҳои душвори синфи 11” [25], Мельников И.И., Сергеев И.Н. “Как решать задачи по математике на вступительных экзаменах” [26], Михайловский В.И., Тарасюк В.Е., Ченкал Е.А., Шунда Н.Н., Савич Е.Ф. “Практикум по решению задач” [27], Осимов Қ.У., Фридман Л.М. Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ [28], Петраков И. С. “Математические кружки в 8-10 классах” [29], Петров К. “Сборник задач по алгебре” [30], Пржевальский Е.М. “Сборник алгебраических задач” [31], Райхмист Р.Б. “Задачник по математике для учащихся средней школы и поступающих в вузы” [32], Садовничий Ю.В. “Алгебра. Конкурсные задачи с решениями: учебное пособие” [33], Сагитов Р.В., Шершнев В.Г. “Сборник задач по математике. Для подготовительных курсов” [34], Сивашинский И. Х. “Теоремы и задачи по алгебре и элементарным функциям” [35], Смышляев В. К. “Практикум по решению задач школьной математики” [36], Супрун В.И. “Математика для старшеклассников: нестандартные методы решения задач” [37], Пиров Р., Усмонов Н. “Алгебра ва ибтидои анализ” [38], Пойа Д. “Как решать задачу” [39], Титаренко О.М. “5770 задач з математики відповідями” [40], Туманов С. И. “Поиски решения задачи” [41], Финкельштейн В.М. “Что делать, когда решить задачу не удается” [42], Фридман Л.М., Турецкий Е.Н. “Как научиться решать задачи” [43], Шарыгин И. Ф. “Факультативный курс по математике. Решение задач” [44], Шахмейстер А.Х. “Иррациональные уравнения и неравенства” [45] ва ғ.

Дар китобҳои овардашуда ва дигар китобу маводди омӯхташуда оид ба татбиқи методи Маҳкам дар ҳалли муодилаҳои ирратсионалии ғайристандартии якчандтағйирёбандадор ягон муодила бо ҳаллаш ва ё беҳалаш оварда нашудааст.

Бинобар ин маводе, ки ҳоло Шумо шинос мешавед, бори нахуст таҳия карда шуда, тамоми муодилаҳое, ки бо ҳалаш ва барои худомӯзӣ дар мақола овардашудааст муаллиф

таҳия намудааст. Мо гӯмон мекунем, ки муодилаҳои овардашударо фақат бо методи Маҳкам бо осонӣ ҳал намудан имконпазир аст. То ҳол тарзҳои дигари ҳал ба мо маълум нестанд.

Мақсади асосии таҳияи мақолаи мазкур аз он иборат аст, ки хонандагонро ба методи нави баробаркунии Маҳкам, ҳангоми ҳалли муодилаҳои ирратсионалии ғайристандартии якчандтағйирёбандадор шинос намоем.

Дар мақолаи овардашуда ҳалли муодилаҳои ирратсионалии ғайристандартии якчанд тағйирёбандадор бо методи Маҳкам таҳлил карда шудаанд. Ҳангоми истифодаи методи баробаркунии «Маҳкам» дар ҳалли муодилаҳои ирратсионалӣ одатан ду ё чор тағйирёбанда истифода бурда мешаванд, ки барои сода кардани раванди ҳалли онҳо мусоидат мекунанд.

Дар раванди татбиқи методи баробаркунии ифодаҳо ҳангоми ҳалли муодилаҳои ирратсионалии ғайристандартии якчанд тағйирёбандадор, асосан методҳои зерин истифода шудаанд: дохил кардани тағйирёбандаи нав; ивазкунӣ ба тағйирёбандаи ибтидоӣ; интихоб; робитаи ҳалли муодилаҳои ирратсионӣ бо соҳаи муайян кардани функсия (СҚР).

*Ҳангоми ҳалли муодилаҳои ирратсионалӣ бо методи Маҳкам, бояд кӯшиш кард, ки ақаллан ду ифодаи як намуд тағйирёбандадор интихоб карда шаванд. Аз дуруст интихоб кардани ифодаҳои мувофиқ ҳалли муодилаҳои ирратсионалӣ вобастагии калон доранд.*

**Масъалаи 1.** Муодилаи зеринро дар соҳаи ададҳои бутун ҳал мекунем:

$\sqrt{x+7}+\sqrt{x+84}+\sqrt{y+9}+y\sqrt{y-3}+\sqrt{t+1951}=74$ (1)

**Ҳал.** СҚР: 1) $\begin{cases} x+7\ge 0, \\ x+84\ge 0; \end{cases} \begin{cases} x\ge -7, \\ x\ge -84 \end{cases} \Rightarrow x\ge -7$ . 2) $\begin{cases} y+9\ge 0, \\ y-3\ge 0; \end{cases} \begin{cases} y\ge -9, \\ y\ge 3 \end{cases} \Rightarrow y\ge 3.$

3) $t+1951\ge 0$; $t\ge -1951$.

Пас, СҚР-и муодилаи (1) $x\in(-7;+\infty)$, $y\in(3;+\infty)$ ва $t\in(-1951;+\infty)$ мешавад.

**Ҳал.** Муодилаи (1)-ро бо методи баробаркунии Маҳкам ҳал мекунем. Дар муодилаи (1) тағйирёбандаҳои навро дохил намуда, системаи муодилаҳои зеринро тартиб медиҳем:

$$\begin{cases} \sqrt{x+7}=a>0, \\ \sqrt{x+84}=b>0; \end{cases} \begin{cases} x+7=a^2, \\ x+84=b^2. \end{cases} \quad (2) \qquad \begin{cases} \sqrt{y+9}=m>0, \\ \sqrt{y-3}=n>0; \end{cases} \begin{cases} y+9=m^2, \\ y-3=n^2. \end{cases} \quad (3)$$

Системаи муодилаҳои (2) ва (3)-ро пай дар пай ҳал мекунем.

**Ҳалли системаи муодилаҳои (2):** Аз муодилаи дуюм, муодилаи якумро тарҳ мекунем:

$b^2-a^2=77$ ё ки $(b-a)(b+a)=77$ (4)

Тарафи рости муодилаи (4)-ро бо назардошти $a>0$, $b>0$ ва $b-a<b+a$ будан, ба ҳамзарбҳо ҷудо карда, онро бо тарзи “интихоб” (подбор) ҳал мекунем.

$(b-a)(b+a)=1\cdot 77=7\cdot 11$.(5)

Аз муодилаи (5) дуто системаи муодилаҳоро тартиб дода, онҳоро ҳал мекунем:

**а)** $\begin{cases} b-a=1, \\ b+a=77; \end{cases} \begin{cases} 2a=76, \\ 2b=78; \end{cases} \begin{cases} a=38; \\ b=39. \end{cases}$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ баргашта, қиматҳои $a=38$ ва $b=39$-ро ба системаи муодилаҳои (2) гузошта, онро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} x+7=a^2, \\ x+84=b^2. \end{cases} \begin{cases} x+7=38^2, \\ x+84=39^2. \end{cases} \begin{cases} x=1437, \\ x=1437 \end{cases} \Rightarrow x_1=1437;$$

**б)** $\begin{cases} b-a=7, \\ b+a=11; \end{cases} \begin{cases} 2a=4, \\ 2b=18; \end{cases} \begin{cases} a=2, \\ b=9. \end{cases}$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ баргашта, қиматҳои $a=2$ ва $b=9$-ро ба системаи муодилаҳои (2) гузошта, онро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} x+7=a^2, \\ x+84=b^2. \end{cases} \begin{cases} x+7=2^2, \\ x+84=9^2. \end{cases} \begin{cases} x=-3, \\ x=-3 \end{cases} \Rightarrow x_2=-3;$$

**Ҳалли системаи муодилаҳои (3):** Аз муодилаи якум, муодилаи дуюми системаи муодилаҳои (3)-ро тарҳ мекунем:

$m^2-n^2=12$ ё ки $(m-n)(m+n)=12$ (6)

Тарафи рости муодилаи (6)-ро бо назардошти $m>0, n>0$ ва $m-n<m+n$ будан ба ҳамзарбҳо ҷудо карда, онро бо тарзи “интихоб” ҳал мекунем.

$(m-n)(m+n)=1\cdot 12=2\cdot 6=3\cdot 4$.(7)

Шарти масъаларо ба инобат гирифта, аз муодилаи (7) фақат якто системаи муодилаҳоро тартиб дода, онро ҳал мекунем:

а) $\begin{cases} m-n=2, \\ m+n=6; \end{cases} \begin{cases} 2m=8, \\ 2n=4; \end{cases} \begin{cases} m=4; \\ n=2. \end{cases}$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ баргашта, қиматҳои $m=4$ ва $n=2$-ро ба системаи муодилаҳои (3) гузошта, онро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} y+9=m^2, \\ y-3=n^2. \end{cases} \begin{cases} y+9=4^2, \\ y-3=2^2. \end{cases} \begin{cases} y=7, \\ y=7 \end{cases} \Rightarrow y=7.$$

Барои ёфтани қимати $t$, қиматҳои $x_1=1437$ ва $y=7$-ро ба муодилаи (1) мегузорем:

$\sqrt{1437+7}+\sqrt{1437+84}+\sqrt{7+9}+7\cdot\sqrt{7-3}+\sqrt{t+1951}=74;$

$\sqrt{1444}+\sqrt{1521}+\sqrt{16}+7\cdot\sqrt{4}+\sqrt{t+1951}=74;$

$38+39+4+14+\sqrt{t+1951}=74;\ \sqrt{t+1951}=-1542<0.$

Пас, ҳангоми $x_1=1437$ ва $y=7$ будан, муодилаи (1) дар соҳаи ададҳои ҳақиқӣ ҳал надорад.

Акнун қиматҳои $x_2=-3$ ва $y=7$-ро ба (1) гузошта, қимати тағйирёбандаи $t$-ро меёбем:

$\sqrt{-3+7}+\sqrt{-3+84}+\sqrt{7+9}+7\cdot\sqrt{7-3}+\sqrt{t+1951}=74;$

$\sqrt{4}+\sqrt{81}+\sqrt{16}+7\cdot\sqrt{4}+\sqrt{t+1951}=74;\ 2+9+4+14+\sqrt{t+1951}=74;$

$\sqrt{t+1951}=45;\ t+1951=2025;\ t=74.$ **Ҷавоб:** $(-3;\ 7;\ 74)$.

**Масъалаи 2.** Муодилаи зеринро дар соҳаи ададҳои бутун ҳал мекунем:

$$\sqrt{x^3+37}+\sqrt{x^3+73}-6\sqrt{x+y+6}-\sqrt{x+y+9}-\sqrt{y^2+36}+t^2=2025.$$

**Ҳал.** Дар муодилаи додашуда тағйирёбандаҳои навро дохил намуда, онро бо методи баробаркунии Маҳкам ҳал мекунем:

$$\begin{cases} \sqrt{x^3+73}=a>0, \\ \sqrt{x^3+37}=b>0; \end{cases} \begin{cases} x^3+73=a^2, \\ x^3+37=b^2. \end{cases} (1)$$

Аз муодилаи якум, муодилаи дуюмро тарҳ мекунем:

$a^2-b^2=36$ ё ки $(a-b)(a+b)=36$ (2)

Шартҳои $a>0$, $b>0$ ва $a-b<a+b$ бударро ба ҳисоб гирифта, тарафи рости муодилаи (2)-ро ба ҳамзарбҳо ҷудо ҳал мекунем.

$(a-b)(a+b)=1\cdot36=2\cdot18=4\cdot9.$ (3)

Муодилаи (3)-ро мувофиқи шарти масъала дар соҳаи ададҳои бутун ҳал мекунем. Аз ин лиҳоз мо фақат, ҳосили зарби ададҳои ҷуфт ё тоқро муоина карда, якто системаи муодилаҳоро тартиб дода, онро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} a-b=2, \\ a+b=18; \end{cases} \begin{cases} 2a=20, \\ 2b=16; \end{cases} \begin{cases} a=10; \\ b=8. \end{cases}$$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ баргашта, қиматҳои $a=10$ ва $b=8$-ро ба системаи муодилаҳои (1) гузошта, онро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} x^3+73=10^2, \\ x^3+37=8^2; \end{cases} \begin{cases} x^3+73=100, \\ x^3+37=64; \end{cases} \begin{cases} x^3=27, \\ x^3=27; \end{cases} \begin{cases} x=3, \\ x=3 \end{cases} \Rightarrow x=3.$$

Барои муайян намудани қимати $y$ боз системаи муодилаҳои зеринро тартиб дода, онро бо методи баробаркунии Маҳкам ҳал мекунем:

$$\begin{cases} \sqrt{x+y+6}=a>0, \\ \sqrt{x+y+9}=b>0; \end{cases} \begin{cases} x+y+6=a^2, \\ x+y+9=b^2. \end{cases} (4)$$

Аз муодилаи дуюм, муодилаи якумро тарҳ мекунем:

$b^2-a^2=3$ ё ки $(a-b)(a+b)=3$ (5)

Азбаски $a>0$, $b>0$ ва $a-b<a+b$ аст, бинобар ин тарафи рости муодилаи (5)-ро ба тариқи зерин ба ҳамзарбҳои мусбат ҷудо мекунем:

$(b-a)\cdot(b+a)=1\cdot 3$.(6)

Аз муодилаи (6) системаи муодилаҳо тартиб дода, онро ҳал мекунем:

$\begin{cases} b-a=1, \\ b+a=3; \end{cases} \begin{cases} 2a=2, \\ 2b=4; \end{cases} \begin{cases} a=1; \\ b=2. \end{cases}$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ бармегардем: Қиматҳои $x=3$, $a=1$ ва $b=2$-ро ба системаи муодилаҳои (4) гузошта, онро ҳал мекунем:

$\begin{cases} x+y+6=a^2, \\ x+y+9=b^2. \end{cases} \begin{cases} 3+y+6=1^2, \\ 3+y+9=2^2; \end{cases} \begin{cases} y=-8, \\ y=-8 \end{cases} \Rightarrow y=-8.$

Акнун қиматҳои $x=3$ ва $y=-8$-ро ба муодилаи додашуда гузошта, қимати $t$-ро меёбем:

$\sqrt{3^3+37}+\sqrt{3^3+73}-6\sqrt{3-8+6}-\sqrt{3-8+9}-\sqrt{(-8)^2+36}+t^2=2025;$

$\sqrt{64}+\sqrt{100}-6\cdot\sqrt{1}-\sqrt{4}-\sqrt{100}+t^2=2025;$

$8+10-6\cdot 1-2-10+t^2=2025;\ t^2=2025;\ t=\pm 45.$

**Санҷиш:** $\sqrt{3^3+37}+\sqrt{3^3+73}-6\sqrt{3-8+6}-\sqrt{3-8+9}-\sqrt{(-8)^2+36}+(\pm 45)^2=2025;$

$8+10-6\cdot 1-2-10+2025=2025;\ 2025=2025$. Пас, қиматҳои $x=3$, $y=-8$ ва $t=\pm 45$ муодилаи матлубро қаноат менамоянд. **Ҷавоб:** $(3;-8;-45),(3;-8;45)$.

**Масъалаи 3.** Муодилаи зеринро дар соҳаи ададҳои бутун ҳал мекунем:

$\dfrac{\sqrt{x+22}+\sqrt{x+55}}{\sqrt{y+19}+\sqrt{y+52}}+\dfrac{\sqrt{2y+87}\cdot\sqrt{2y+70}}{\sqrt[3]{x+131}+\sqrt[3]{x+70}}=9$. (1)

**Ҳал.** СҚР: 1) $\begin{cases} x+22\ge 0, \\ x+55\ge 0; \end{cases} \begin{cases} x\ge -22, \\ x\ge -55 \end{cases} \Rightarrow x\ge -22$. 2) $\begin{cases} y+19\ge 0, \\ y+52\ge 0; \end{cases} \begin{cases} y\ge -19, \\ y\ge -52 \end{cases} \Rightarrow y\ge -19.$

Пас, СҚР-и муодила $x\in(-22;+\infty)$ ва $y\in(-19;+\infty)$ мешавад.

Аз ифодаҳои мувофиқи сурат ва махраҷи муодилаи (1), дуто системаи муодилаҳо тартиб медиҳем:

$\begin{cases} \sqrt{x+55}=a>0, \\ \sqrt{x+22}=b>0; \end{cases} \begin{cases} x+55=a^2, \\ x+22=b^2. \end{cases}$ (2) $\begin{cases} \sqrt{2y+87}=a>0, \\ \sqrt{2y+70}=b>0; \end{cases} \begin{cases} 2y+87=a^2, \\ 2y+70=b^2. \end{cases}$ (3)

Аввал системаи муодилаҳои (2)-ро ҳал мекунем. Аз муодилаи якум, муодилаи дуюмро тарҳ мекунем:

$a^2-b^2=33$ ё ки $(a-b)(a+b)=33$(4)

Муодилаи ҳосилшударо бо тарзи “интихоб” ҳал мекунем. Тарафи рости муодилаи (2)-ро ҳангоми $a>0$ ва $b>0$ будан, ба ҳамзарбҳо ҷудо мекунем:

$(a-b)(a+b)=1\cdot 33=3\cdot 11=33\cdot 1=11\cdot 3$.(5)

Азбаски $a-b<a+b$ аст, бинобар ин аз муодилаи (5) дуто системаи муодилаҳоро тартиб дода, онҳоро ҳал мекунем:

$\begin{cases} a-b=1, \\ a+b=33. \end{cases}$ (6) $\begin{cases} a-b=3, \\ a+b=11. \end{cases}$ (7)

**Системаи муодилаҳои (6)-ро ҳал мекунем:** $\begin{cases} a-b=1, \\ a+b=33; \end{cases} \begin{cases} 2a=34, \\ 2b=32; \end{cases} \begin{cases} a=17; \\ b=16. \end{cases}$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ баргашта, қиматҳои $a=17$ ва $b=16$-ро ба системаи муодилаҳои (1) гузошта, онро ҳал мекунем:

$\begin{cases} x+55=a^2, \\ x+22=b^2. \end{cases} \begin{cases} x+55=17^2, \\ x+22=16^2. \end{cases} \begin{cases} x=234, \\ x=234. \end{cases} \begin{cases} x=234, \\ x=234 \end{cases} \Rightarrow x_1=234.$

**Системаи муодилаҳои (7)-ро ҳал мекунем:** $\begin{cases} a-b=3, \\ a+b=11; \end{cases} \begin{cases} 2a=14, \\ 2b=8; \end{cases} \begin{cases} a=7; \\ b=4. \end{cases}$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ баргашта, қиматҳои $a=7$ ва $b=4$-ро ба системаи муодилаҳои (1) гузошта, онро ҳал мекунем:

$\begin{cases} x+55=a^2, \\ x+22=b^2. \end{cases} \begin{cases} x+55=7^2, \\ x+22=4^2. \end{cases} \begin{cases} x=-6, \\ x=-6 \end{cases} \Rightarrow x_2=-6.$

Акнун системаи муодилаҳои (3)-ро ҳал мекунем: $\begin{cases} 2y+87=a^2, \\ 2y+70=b^2. \end{cases}$

Аз муодилаи якум, муодилаи дуюмро тарҳ мекунем:

$a^2-b^2=17$ ё ки $(a-b)(a+b)=17$.(8)

Тарафи рости муодилаи (8)-ро ба ҳамзарбҳои мусбат ҷудо мекунем:

$(a-b)(a+b)=1\cdot 17=17\cdot 1$.(9)

Азбаски $a-b<a+b$ аст, бинобар ин аз муодилаи (9) фақат, якто системаи муодилаҳоро тартиб дода, онро бо тарзи “интихоб” ҳал мекунем.

$\begin{cases} a-b=1, \\ a+b=17; \end{cases} \begin{cases} 2a=18, \\ 2b=16; \end{cases} \begin{cases} a=9; \\ b=8. \end{cases}$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ баргашта, қиматҳои $a=9$ ва $b=8$-ро ба системаи муодилаҳои (3) гузошта, онро ҳал мекунем:

$\begin{cases} 2y+87=a^2, \\ 2y+70=b^2. \end{cases} \begin{cases} 2y+87=9^2, \\ 2y+70=8^2. \end{cases} \begin{cases} 2y=-6, \\ 2y=-6 \end{cases} \Rightarrow y=-3.$

**Санҷиш:** Ҳангоми $x_1=234$ ва $y=-3$ будан:

$\frac{\sqrt{234+22}+\sqrt{234+55}}{\sqrt{-3+19}+\sqrt{-3+52}}+\frac{\sqrt{2\cdot(-3)+87}\cdot\sqrt{2\cdot(-3)+70}}{\sqrt[3]{234+131}+\sqrt[3]{234+70}}=9$; $\frac{16+17}{4+7}+\frac{9\cdot 8}{\sqrt[3]{365}+\sqrt[3]{304}}\neq 9$.

Ҳангоми $x_2=-6$ ва $y=-3$:

$\frac{\sqrt{-6+22}+\sqrt{-6+55}}{\sqrt{-3+19}+\sqrt{-3+52}}+\frac{\sqrt{2\cdot(-3)+87}\cdot\sqrt{2\cdot(-3)+70}}{\sqrt[3]{-6+131}+\sqrt[3]{-6+70}}=9;$

$\frac{4+7}{4+7}+\frac{9\cdot 8}{\sqrt[3]{125}+\sqrt[3]{64}}=9$; $\frac{11}{11}+\frac{9\cdot 8}{5+4}=9$; $1+8=9$; $9=9$.

Пас, ҳалли муодилаҳои матлуб, фақат $x=-6$ ва $y=-3$ мешаванд.

*Ҳангоми ҳал намудани масъалаи сеюм, системаи муодилаҳоро аз ифодаҳои махраҷ тартиб дода, боз ба натиҷаи аввал омадан мумкин аст.* **Ҷавоб:** $(-6;-3)$.

**Масъалаи 4.** Муодилаи зеринро дар соҳаи ададҳои бутун ҳал мекунем:

$\sqrt{x+y+25}+\sqrt{y+t+74}+\sqrt{x+t+9}+1=\sqrt{x+y+45}+\sqrt{y+t+11}+\sqrt{x+t+69}$ (1)

**Ҳал.** СҚР: 1) $\begin{cases} x+y+25\geq 0, \\ x+y+45\geq 0; \end{cases} \begin{cases} x+y\geq -25, \\ x+y\geq -45 \end{cases} \Rightarrow x+y\geq -25$;

2) $\begin{cases} y+t+74\geq 0, \\ y+t+11\geq 0; \end{cases} \begin{cases} y+t\geq -74, \\ y+t\geq -11 \end{cases} \Rightarrow y+t\geq -11$; 3) $\begin{cases} x+t+9\geq 0, \\ x+t+69\geq 0; \end{cases} \begin{cases} x+t\geq -9, \\ x+t\geq -69 \end{cases} \Rightarrow x+t\geq -9.$

Акнун системаи нобаробариҳои зеринро ҳал мекунем:

$\begin{cases} x+y\geq -25, \\ y+t\geq -11, \\ x+t\geq -9; \end{cases} \begin{cases} x+y+t\geq -22{,}5 \\ x+y\geq -25, \\ y+t\geq -11, \\ x+t\geq -9; \end{cases} \begin{cases} x+y+t\geq -22{,}5 \\ x+y+t\geq -25+t, \\ x+y+t\geq -11+x, \\ x+y+t\geq -9+y; \end{cases} \begin{cases} x+y+t\geq -22{,}5 \\ -22{,}5\geq -25+t, \\ -22{,}5\geq -11+x, \\ -22{,}5\geq -9+y; \end{cases} \begin{cases} t\leq 2{,}5 \\ x\leq -11{,}5, \\ y\leq -13{,}5. \end{cases}$

Пас, СҚР-и муодилаи (1) $x\in(-\infty;-11{,}5)$, $y\in(-\infty;-13{,}5)$ ва $t\in(-\infty;2{,}5)$ мешавад.

Барои татбиқ намудани методи баробаркунии Маҳкам муодилаи (1) се системаи муодилаҳои ёрирасонро тартиб медиҳем:

$\begin{cases} \sqrt{x+y+25}=a>0, \\ \sqrt{x+y+45}=b>0; \end{cases} \begin{cases} x+y+25=a^2, \\ x+y+45=b^2. \end{cases}$ (2)

$\begin{cases} \sqrt{y+t+74}=m>0, \\ \sqrt{y+t+11}=n>0; \end{cases} \begin{cases} y+t+74=m^2, \\ y+t+11=n^2. \end{cases}$ (3)

$$\begin{cases}\sqrt{x+t+9}=k>0,\\ \sqrt{x+t+69}=l>0;\end{cases}\quad\begin{cases}x+t+9=k^2,\\ x+t+69=l^2.\end{cases}\quad(4)$$

Системаи муодилаҳои (2), (3) ва (4)-ро пай дар пай муоина мекунем.

**I.** Дар системаи муодилаҳои (2), аз муодилаи дуюм, муодилаи якумро тарҳ мекунем:

$b^2-a^2=20$ ё ки $(b-a)(b+a)=20\,(5)$

Тарафи рости муодилаи (5)-ро ҳангоми $a>0, b>0$ ва $b-a<b+a$ будан, ба ҳамзарбҳо ҷудо мекунем.

$(b-a)(b+a)=1\cdot 20=2\cdot 10=4\cdot 5.(6)$

Азбаски муодиларо дар соҳаи ададҳои бутун ҳал мекунем, аз ин лиҳоз ҳосили зарби ададҳо ҷуфт ё тоқро интихоб кунем, бинобар ин аз муодилаи (6) фақат, якто системаи муодилаҳоро тартиб дода, онро ҳал мекунем:

$$\begin{cases}b-a=2,\\ b+a=10;\end{cases}\quad\begin{cases}2a=8,\\ 2b=12;\end{cases}\quad\begin{cases}a=4;\\ b=6.\end{cases}$$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ баргашта, қиматҳои $a=4$ ва $b=6$-ро ба системаи муодилаҳои (2) гузошта, онро ҳал мекунем:

а) $\begin{cases}x+y+25=a^2,\\ x+y+45=b^2.\end{cases}\quad\begin{cases}x+y+25=4^2,\\ x+y+45=6^2.\end{cases}\quad\begin{cases}x+y=-9,\\ x+y=-9\end{cases}\Rightarrow x+y=-9\,.\,(7)$

**II. Системаи муодилаҳои** $\begin{cases}y+t+74=m^2,\\ y+t+11=n^2\end{cases}$ **-ро ҳал мекунем:**

Аз муодилаи якум, муодилаи дуюмро тарҳ мекунем:

$m^2-n^2=63$ ё ки $(m-n)(m+n)=63\,(8)$

Тарафи рости муодилаи (8)-ро ҳангоми $m>0, n>0$ ва $m-n<m+n$ будан, ба ҳамзарбҳо ҷудо мекунем:

$(m-n)(m+n)=1\cdot 63=3\cdot 21=7\cdot 9\,.(9)$

Аз муодилаи (9) сето системаи муодилаҳоро тартиб дода, онҳоро ҳал мекунем:

а) $\begin{cases}m-n=1,\\ m+n=63;\end{cases}\quad\begin{cases}2m=64,\\ 2n=62;\end{cases}\quad\begin{cases}m=32;\\ n=31.\end{cases}$ б) $\begin{cases}m-n=3,\\ m+n=21;\end{cases}\quad\begin{cases}2m=24,\\ 2n=18;\end{cases}\quad\begin{cases}m=12;\\ n=9.\end{cases}$

в) $\begin{cases}m-n=7,\\ m+n=9;\end{cases}\quad\begin{cases}2m=16,\\ 2n=2;\end{cases}\quad\begin{cases}m=8;\\ n=1.\end{cases}$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ баргашта, қиматҳои $m=32$, $n=31$; $m=12$, $n=9$ ва $m=8$, $n=1$-ро ба системаи муодилаҳои (3) пай дар пай гузошта, онҳоро ҳал мекунем:

а) $\begin{cases}y+t+74=m^2,\\ y+t+11=n^2.\end{cases}\quad\begin{cases}y+t+74=32^2,\\ y+t+11=31^2.\end{cases}\quad\begin{cases}y+t=950,\\ y+t=950.\end{cases}\Rightarrow y+t=950\,;(10)$

б) $\begin{cases}y+t+74=m^2,\\ y+t+11=n^2.\end{cases}\quad\begin{cases}y+t+74=12^2,\\ y+t+11=9^2.\end{cases}\quad\begin{cases}y+t=70,\\ y+t=70.\end{cases}\Rightarrow y+t=70\,;(11)$

в) $\begin{cases}y+t+74=m^2,\\ y+t+11=n^2.\end{cases}\quad\begin{cases}y+t+74=8^2,\\ y+t+11=1^2.\end{cases}\quad\begin{cases}y+t=-10,\\ y+t=-10.\end{cases}\Rightarrow y+t=-10\;\;(12)$

Азбаски $y+t\le -13{,}5+2{,}5=-11$ ё $y+t\le -11$ аст, пас муодилаҳои $y+t=950$ ва $y+t=70$ ба СҚР-и муодилаи (1) дохил намешавад.

**III. Акнун системаи муодилаҳои** $\begin{cases}x+t+9=k^2,\\ x+t+69=l^2\end{cases}$ **-ро ҳал мекунем.**

Аз муодилаи дуюм, муодилаи якумро тарҳ мекунем:

$l^2-k^2=60$ ё ки $(l-k)(l+k)=60\,(13)$

Вобастагиҳои $l>0, k>0$, $l-k<l+k$-ро ба инобат гирифта, тарафи рости муодилаи (13)-ро ба ҳамзарбҳо ҷудо мекунем.

$(l-k)(l+k)=1\cdot 60=2\cdot 30=3\cdot 20=4\cdot 15=5\cdot 12=6\cdot 10\,.(14)$

Азбаски муодилаи (1)-ро дар соҳаи ададҳои бутун ҳал мекунем, бинобар ин аз муодилаи (14) фақат дуто системаи муодилаҳоро тартиб дода, онҳоро ҳал мекунем:

**а)** $\begin{cases} l-k=2, \\ l+k=30; \end{cases} \begin{cases} 2l=32, \\ 2k=28; \end{cases} \begin{cases} l=16; \\ k=14. \end{cases}$ **б)** $\begin{cases} l-k=6, \\ l+k=10; \end{cases} \begin{cases} 2l=16, \\ 2k=4; \end{cases} \begin{cases} l=8; \\ k=2. \end{cases}$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ баргашта, қиматҳои $l=16$, $k=14$ ва $l=8$, $k=2$-ро ба системаи муодилаҳои (4) гузошта, онро ҳал мекунем:

1) $\begin{cases} x+t+9=k^2, \\ x+t+69=l^2; \end{cases} \begin{cases} x+t+9=14^2, \\ x+t+69=16^2; \end{cases} \begin{cases} x+t=187, \\ x+t=187 \end{cases} \Rightarrow x+t=187. \quad (15)$

Азбаски $x+t \le 11{,}5+2{,}5=14$ ё ки $x+t \le 14$ аст, пас системаи муодилаҳои (15) ба СҚР дохил намешавад.

2) $\begin{cases} x+t+9=k^2, \\ x+t+69=l^2; \end{cases} \begin{cases} x+t+9=2^2, \\ x+t+69=8^2; \end{cases} \begin{cases} x+t=-5, \\ x+t=-5 \end{cases} \Rightarrow x+t=-5. \quad (16)$

Акнун аз муодилаҳои (7), (10), (11), (12), (15) ва (16) шашто системаи муодилаҳои зеринро тартиб медиҳем:

1) $\begin{cases} x+y=-9, \\ y+t=-10, \\ x+t=-5. \end{cases}$ 2) $\begin{cases} x+y=-9, \\ y+t=70, \\ x+t=187. \end{cases}$ 3) $\begin{cases} x+y=-9, \\ y+t=70, \\ x+t=-5. \end{cases}$

4) $\begin{cases} x+y=-9, \\ y+t=-10, \\ x+t=187. \end{cases}$ 5) $\begin{cases} x+y=-9, \\ y+t=950, \\ x+t=187. \end{cases}$ 6) $\begin{cases} x+y=-9, \\ y+t=950, \\ x+t=-5. \end{cases}$

Системаи муодилаҳои 3), 4), 5) ва 6) дар соҳаи ададҳои ҳақиқӣ ҳал надоранд. Системаи муодилаҳои 1) ва 2)-ро бо методи ҷамъкунӣ ҳал мекунем:

1) $\begin{cases} x+y=-9, \\ y+t=-10, \\ x+t=-5; \end{cases} \begin{cases} x+y+t=-12 \\ x+y=-9, \\ y+t=-10, \\ x+t=-5; \end{cases} \begin{cases} x+y+t=-12 \\ x+y+t=-9+t, \\ x+y+t=-10+x, \\ x+y+t=-5+y; \end{cases} \begin{cases} x+y+t=-12 \\ -12=-9+t, \\ -12=-10+x, \\ -12=-5+y; \end{cases} \begin{cases} t_1=-3 \\ x_1=-2, \\ y_1=-7. \end{cases}$

2) $\begin{cases} x+y=-9, \\ y+t=70, \\ x+t=187; \end{cases} \begin{cases} 2(x+y+t)=248 \\ x+y=-9, \\ y+t=70, \\ x+t=187; \end{cases} \begin{cases} x+y+t=124 \\ x+y+t=-9+t, \\ x+y+t=70+x, \\ x+y+t=187+y; \end{cases} \begin{cases} x+y+t=-12 \\ 124=-9+t, \\ 124=70+x, \\ 124=187+y; \end{cases} \begin{cases} t_2=133, \\ x_2=54, \\ y_2=-63. \end{cases}$

Ҳамин тавр, муодилаи матлуб дорои ҳалҳои $x_1=-2$, $y_1=-7$, $t_1=-3$ ва $x_2=54$, $y_2=-63$, $t_2=133$ гардид.

Санҷиш нишон дод, ки қиматҳои $x_1=-2$, $y_1=-7$, $t_1=-3$ ва $x_2=54$, $y_2=-63$, $t_2=133$ ҳалҳои системаи муодилаҳои матлуб мешаванд. **Ҷавоб:** $(-2;\ -7;\ -3), (54;\ -63;\ 133).$

**Масъалаи 5**. Муодилаи зеринро ҳал мекунем:

$\sqrt{xy+24}+\sqrt{xt+40}+\sqrt{yt+6}+3=\sqrt{xy+29}+\sqrt{xt+49}+\sqrt{yt+19}$ (1)

**Ҳал.** СҚР-и системаи муодилаҳои (1) $xy \ge -24$, $xt \ge -40$ ва $yt \ge -6$ мешаванд.

Барои бо методи Маҳкам ҳал намудани системаи муодилаҳои (1) системаи муодилаҳои ёрирасони зеринро тартиб медиҳем:

$\begin{cases} \sqrt{xy+24}=a, \\ \sqrt{xy+29}=b. \end{cases}$ (2) $\begin{cases} \sqrt{yt+19}=m, \\ \sqrt{yt+6}=n. \end{cases}$ (3) $\begin{cases} \sqrt{xt+40}=k, \\ \sqrt{xt+49}=l. \end{cases}$ (4)

Системаи муодилаҳои (2), (3) ва (4)-ро ҳал карда, қиматҳои $xy$, $yt$ ва $xt$ -ро меёбем.

**I. Системаи муодилаҳои (2)-ро ҳал мекунем:**

1) $\begin{cases} \sqrt{xy+24}=a>0, \\ \sqrt{xy+29}=b>0. \end{cases}$ ё ки $\begin{cases} xy+24=a^2, \\ xy+29=b^2. \end{cases}$ (5)

Аз муодилаи дуюм, муодилаи якумро тарҳ мекунем: $b^2-a^2=5$.(6)

Тарафи рост ва чапи муодилаи (6)-ро ба ҳамзарбҳо ҷудо мекунем.

$(b-a)(b-a)=1\cdot 5$ (Дигар ҳолатҳо ҷой надоранд).

Аз ин муодила системаи муодилаҳо тартиб дода, онро бо методи “интихоб” ҳал мекунем:

$$\begin{cases} b-a=1, \\ b+a=5; \end{cases} \begin{cases} 2a=4, \\ 2b=6; \end{cases} \begin{cases} a=2, \\ b=3. \end{cases}$$

Акнун қиматҳои $a$ ва $b$-ро ба системаи муодилаҳои (5) мегузорем:

$$\begin{cases} xy+24=a^2, \\ xy+29=b^2. \end{cases} \text{ ё ки } \begin{cases} xy+24=2^2, \\ xy+29=3^2. \end{cases} \begin{cases} xy=-20, \\ xy=-20 \end{cases} \Rightarrow xy=-20\,(6)$$

**II. Системаи (3)-ро ҳал мекунем:**

$$2)\ \begin{cases} \sqrt{yt+19}=m>0, \\ \sqrt{yt+6}=n>0; \end{cases} \text{ ё ки } \begin{cases} yt+19=m^2, \\ yt+6=n^2. \end{cases} (7)$$

Аз муодилаи якум, муодилаи дуюмро тарҳ мекунем: $m^2-n^2=13$.(8)

Тарафи рост ва чапи муодилаи (8)-ро ба ҳамзарбҳо ҷудо карда, онро ҳал мекунем.

$(m-n)(m+n)=1\cdot 13$. (Дигар ҳолатҳо ҷой надоранд)

Аз ин муодила системаи муодилаҳои зеринро тартиб дода, онро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} m-n=1, \\ m+n=13; \end{cases} \begin{cases} 2m=14, \\ 2n=12; \end{cases} \begin{cases} m=7, \\ n=6. \end{cases}$$

Акнун қиматҳои $m$ ва $n$-ро ба системаи муодилаҳои (3) мегузорем:

$$\begin{cases} yt+19=m^2, \\ yt+6=n^2; \end{cases} \begin{cases} yt+19=7^2, \\ yt+6=6^2; \end{cases} \text{ ё ки } \begin{cases} yt=30, \\ yt=30 \end{cases} \Rightarrow yt=30.\,(9)$$

**III. Системаи (4)-ро ҳал мекунем:**

$$3)\ \begin{cases} \sqrt{xt+40}=k>0, \\ \sqrt{xt+49}=>l>0 \end{cases} \text{ ё ки } \begin{cases} xt+40=k^2, \\ xt+49=l^2. \end{cases} (10)$$

Аз муодилаи дуюм, муодилаи якумро тарҳ мекунем: $l^2-k^2=9$.(11)

Тарафи рост ва чапи муодилаи (11)-ро ба ҳамзарбҳо ҷудо карда, онро ҳал мекунем.11

$(l-k)(l+k)=1\cdot 9$. (Дигар ҳолатҳо ҷой надоранд).

Аз муодилаи охирон системаи муодилаҳои зеринро тартиб дода, онро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} l-k=1, \\ l+k=9; \end{cases} \begin{cases} 2l=10, \\ 2k=8; \end{cases} \begin{cases} l=5, \\ k=4. \end{cases}$$

Акнун қиматҳои $l$ ва $k$-ро ба системаи муодилаҳои (10) мегузорем:

$$\begin{cases} xt+40=k^2, \\ xt+49=l^2. \end{cases} \text{ ё ки } \begin{cases} xt+40=4^2, \\ xt+49=5^2. \end{cases} \begin{cases} xt=-24, \\ xt=-24. \end{cases} \Rightarrow xt=-24.\,(12)$$

Акнун аз муодилаҳои (6), (9) ва (12) системаи муодилаҳои зеринро тартиб дода, онро бо методи зарбкунӣ ҳал мекунем:

$$\begin{cases} xy=-20, \\ yt=30, \\ xt=-24; \end{cases} \begin{cases} xy=-20, \\ yt=30, \\ xt=-24, \\ xy\cdot yt\cdot xt=-20\cdot 30\cdot(-24); \end{cases} \begin{cases} xy=-20, \\ yt=30, \\ xt=-24, \\ (xyt)^2=120^2; \end{cases} \begin{cases} xy=-20, \\ yt=30, \\ xt=-24, \\ xyt=\pm 120. \end{cases}$$

Акнун ҳар ду тарафи муодила якумро бо $t\neq 0$, муодила дуюмро ба $x\neq 0$ ва муодила сеюмро ба $y\neq 0$ зарб карда, қиматҳои $x$, $y$ ва $t$-ро меёбем:

$$\begin{cases} xy=-20, \\ yt=30, \\ xt=-24, \\ xyt=\pm 120; \end{cases} \begin{cases} xyt=-20t, \\ xyt=30x, \\ xyt=-24y, \\ xyt=\pm 120; \end{cases} \begin{cases} \pm 120=-20t, \\ \pm 120=30x, \\ \pm 120=-24y, \\ xyt=\pm 120; \end{cases} \begin{cases} t=\mp 6, \\ x=\pm 4, \\ y=\mp 5. \end{cases}$$

Санҷиш нишон дод, ки $x_1 = 4$, $y_1 = -5$, $t_1 = -6$ ва $x_2 = -4$, $y_2 = 5$, $t_2 = 6$ ҳалҳои муодилаҳои матлуб мешаванд. **Ҷавоб:** $(4; -5; -6)$, $(-4; 5; 6)$.

Ҳамин тавр, таҳқиқ нишон медиҳад, ки методи Маҳкам барои ҳалли масъалаҳое, ки бо роҳҳои анъанавӣ ғайриқолибӣ ҳал карда мешаванд, унсурҳои эвристикӣ ва креативиро фаъол менамояд. Мақсади асосии татбиқи ин метод рушди маҳорати идоракунии вазъиятҳои мушкил дар математика ва ташаккули тафаккури мустақилони хонандагон ва сода намудани муодилаҳои якчандтағйирёбандадори мураккаб ба муодилаҳои содатар мебошад.

***Адабиёт***


1. *Аксенов А.А. Теоретические основы обучения школьников поиску решения математических задач (монография). Орел: Орлов. гос. ун-т. 2005. – 125 с.*
2. *Бартенев Ф. А. Нестандартные задачи по алгебре: Пособие для учителей. М.: Просвещение, 1976. - 95 с.*
3. *Березин В. Н., Березина Л. Ю., Никольская И. Л. Сборник задач для факультативных и внеклассных занятий по математике: Книга для учителя. М.: Просвещение, 1985. - 175 с.*
4. *Вавилов В.В., Мельников И.И. и др. Задачи по математике. Алгебра. Справочное пособие. М.: Наука, 1987. - 437 с.*
5. *Василевский А.Б. Обучение решению задач по математике: учебное пособие для пед. ин-тов по физ.-мат. спец. Минск: Вышэйшая школа, 1988. 254 с.*
6. *Галицкий М. Л., Гольдман А. М Звавич Л. И. Сборник задач по алгебре для 8-9 классов: Учебное пособие для учащихся школ и классов с углубленным изучением математики. 2-е изд. М.: Просвещение, 1994. 272 с.*
7. *Галкин Е.В. Нестандартные задачи по математике. Алгебра: Учеб. пособие для учащихся 7-11 кл. – Челябинск: «Взгляд», 2004. – 448 с.*
8. *Гальперин Г.А., Толпыго А.К. Московское математическое олимпиады: Кн. Для учащихся. /Под ред. А. Н. Колмогорова. М.: Просвещение, 1986. - 303 с.*
9. *Горбачёв Н.В. Сборник олимпиадных задач по математике. -М.: МЦНМО, 2004. 560 с.*
10. *Ғуломов И., Акбаров Р., Изатуллоев К., Ҳалимов Ғ., Маҳмудов Т. Алгебра ва ибтидои анализ. Китоби дарсӣ барои синфи 10. –Душанбе: ОПЕК, 2005. -288 с.*
11. *Дорофеев Г.В., Потапов М.К., Розов Н.Х. Пособие по математике для поступающих в вузы. –М.: «Наука», 528 с.*
12. *Егерев В.К., Зайцев В.В., Кордемский Б.А. и др. Сборник конкурсных задач по математике для поступающих во втузы /Под ред. М. И. Сканави. 6-е изд. –М.: ООО «Издательский дом «ОНИКС» 21 век»: ООО «Издательство «Мир и Образование», 2004. -608 с.*
13. *Иванов О.А. Практикум по элементарной математике: алгебро-аналитические методы: учеб. пособие. -М.: МЦНМО, 2001. 319 с.*
14. *Кострикина Н.П. Задачи повышенной трудности в курсе алгебры 7-9 классов: Кн. для учителя. –М.: Просвещение, 1991. –239 с.*
15. *Қодиров Н. Тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо: Дастур барои муаллим. -Д.: Маориф, 1987. -80 с.*
16. *Левитас Г.Л. Нестандартные задачи по математике в 7-11 классах. –М.: ИЛЕКСА, 2009. 64 с.*
17. *Лейбсон К.Л. Сборник практических заданий по математике. Часть 2. 9 класс. –М.: МЦНМО, 2009. -184 с.*
18. *Литвиненко В.Н., Мордкович А.Г. Практикум по элементарной математике: Алгебра, тригонометрия. М.: «ABF», 1995. -352 с.*
19. *Лукьянова Г.С., Новиков А.И. Рациональные и иррациональные уравнения и неравенства: Учебное пособие. /Под ред. А.И.Новикова. Рязань, 2004. –202 с.*
20. *Махкамов М. Об обучении решение уравнений высшей степень методом дополнения. //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ (Серияи 2. Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ). №3 (3). Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. -Д.: 2020. С. 40-44.*
21. *Маҳкамов М., Раҷабов Т.Б., Каримзода Т. Мақоми олимпиадаҳои математикӣ дар ташаккули фаъолияти математикии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. 2025, № 5. С. 284-291.*
22. *Махкамов М. Алгоритм введения вспомогательных переменных для решения нестандартных систем иррациональных уравнений. //Научно-теоретический журнал Вестник Набережночелнинского государственного педагогического университета. Выпуск посвящен VI Международной научно-практической конференции «Перспективы развития математического образования и информационных технологий» 28 марта 2025 года, Республика Татарстан, Набережные Челны. №1 (54) Март, 2025. С.203-207.*
23. *Маҳкамов М. Методҳои ҳалли масъалаҳо аз алгебра. Дастури илмию-таълимӣ. – Д.: Маориф, 2024. –1136 с.*
24. *Маҳкамов М., Аминов Н., Авезов Р. Масъалаҳои ғайристандартӣ. –Д.: Маориф, 2017. -152 с.*
25. *Маҳкамов М. Методи нави баробаркунии Маҳкам дар ҳалли системаи муодилаҳои ирратсионалии ғайристандартӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2026. - №1 (27).*

26. *Мельников И.И., Сергеев И.Н. Как решать задачи по математике на вступительных экзаменах. -М.: Изд-во Моск. ун-та, 1990. – 304 с*
27. *Михайловский В.И., Тарасюк В.Е., Ченкал Е.А., Шунда Н.Н., Савич Е.Ф. Практикум по решению задач. Киев, "Вища школа", 1978, -478 с. (На украинском языке).*
28. *Осимов Қ.У., Фридман Л.М. Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ: Дастур барои муаллим. -Д.: Маориф, 1987 - 208 с.*
29. *Петраков И. С. Математические кружки в 8- 10 классах: Книга для учителя. - М.: Просвещение, 1987. - 223 с.*
30. *Петров К. Сборник задач по алгебре: Кн. для учителя. Пер. с болг. М.: Просвещение, 1984.-208 с.*
31. *Пржевальский Е.М. Сборник алгебраических задач. Пособие для учителей. Часть 1. Задачи на преобразования выражений и уравнений. Издание второе. – М.: Учпедгиз, 1941. -332 с.*
32. *Райхмист Р.Б. Задачник по математике для учащихся средней школы и поступающих в вузы. –М.: Московский Лицей, 2007. -304 с.*
33. *Садовничий Ю.В. Алгебра. Конкурсные задачи с решениями: учебное пособие. –М.: Издательство "Экзамен", 2007. -445 с.*
34. *Сагитов Р.В., Шершнев В.Г. Сборник задач по математике. Для подготовительных курсов. Издание восьмое, исправленное и дополненное. –М.: Издательство «Менеджер». 2007. -160 с.*
35. *Сивашинский И. Х. Теоремы и задачи по алгебре и элементарным функциям. -М.: Наука. 1971. 368 с.*
36. *Смышляев В. К. Практикум по решению задач школьной математики: Учебное пособие для студентов-заочников пятого курса физико-математических факультетов педагогических институтов. -М.: Просвещение, 1978. 96 с.*
37. *Супрун В.И. Математика для старшеклассников: нестандартные методы решения задач. Мн.: Аверсэв, 2009. 196 с.*
38. *Пиров Раҳмон, Усмонов Нурулло Алгебра ва ибтидои анализ. Китоби дарсӣ барои синфи 10. –Душанбе: "Собириён", 2005. -288 с.*
39. *Пойа Д. Как решать задачу. – М.: Либроком, 2010. – 208 с.*
40. *Титаренко О.М. 5770 задач з математики відповідями. -Харків: Торсінг плюс, 2007. - 336 с.*
41. *Туманов С. И. Поиски решения задачи. -М.: Просвещение, 1969. 280 с.*
42. *Финкельштейн В.М. Что делать, когда решить задачу не удается. –М.: Илекса, 2008. -74 с.*
43. *Фридман Л.М., Турецкий Е.Н. Как научиться решать задачи: Кн. для учащихся старших классов средних школ. – М.: Просвещение. 1989. - 192 с.*
44. *Шарыгин И. Ф. Факультативный курс по математике. Решение задач: Учебное пособие для 10 класса средней школы. М.: Просвещение, 1989. 252 с.*
45. *Шахмейстер А.Х. Иррациональные уравнения и неравенства. –М.: Издательство МЦНМО: СПб.: «Петроглиф»: «Виктория плюс», 2008. -216 с.*

## АМАЛИНАМОИИ МЕТОДИ БАРОБАРКУНИИ МАҲКАМ ДАР ҲАЛЛИ МУОДИЛАҲОИ ИРРАТСИОНАЛИИ ҒАЙРИСТАНДАРТИИ ЯКЧАНДТАҒЙИРЁБАНДАДОР

Дар мақолаи мазкур методи баробаркунии Маҳкамро дар ҳалли муодилаҳои ирратсионалии ғайристандартии якчандтағйирёбандадор баён ва татбиқ карда, дар он бисёр адабиёти илмӣ ва методӣ таҳлил карда шудааст. Барои татбиқи методи Маҳкам силсилаи муодилаҳои ирратсионалии ғайристандартии якчандтағйирёбандадор тартиб дода шудаанд. Муаллиф пайдоиши методҳои масъалаҳои математикиро аз назари психологияи тафаккур шарҳ дода, муносибати шахсро бо «вазъияти проблемавӣ» (мамониятҳо дар роҳи ноилшавӣ ба мақсад) таҳлил менамояд. Қисмати асосӣ ба тавзеҳи методи Маҳкам асос ёфтааст, ки онро ба воситаи дохил кардани тағйирёбандаи нав ва баробаркунии ифодаҳои мувофиқ татбиқ карда шудааст. Методи интихоби ду ифодаи як хел номаълум дошта барои табдил доданаи муодилаҳои мураккаб ба системаи муодилаҳои содатари алгебравӣ истифода бурда мешаванд. Ин метод дар манбаъҳои мавҷудаи илмӣ оварда нашуда, бори аввал дар ин мақола бо намунаҳои амалӣ баён гардидааст. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки ин метод барои ҳалли масъалаҳое, ки бо роҳҳои анъанавӣ ғайриқолиби ҳал карда мешаванд, унсурҳои эвристикӣ ва креативиро фаъол менамояд. Мақсади асосии мақола, рушди маҳорати идоракунии вазъиятҳои мушкил дар математика ва ташаккули тафаккури мустақилони хонандагон ва сода намудани муодилаҳои якчандтағйирёбандадори мураккаб ба муодилаҳои содатар мебошанд. Навоварӣ дар маводди пешниҳодшуда ин истифодаи методи Маҳкам дар ҳалли муодилаҳои якчандтағйирёбандадор буда, он бори аввал тавсия дода шудааст. Аҳаммияти амалии мақола барои рушд ва тафаккури эҷодии хонандагон дар ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ ва қобилияти пайдо намудани тарзҳои нави ҳал ва роҳнамои омӯзгор хизмат карда метавонад.

**Калидвожаҳо:** методи Маҳкам, муодилаҳои ирратсионалии ғайристандартӣ, вазъияти проблемавӣ, табдили муодилаҳо, дохил кардани тағйирёбандаи нав, баробаркунии ифодаҳо, муодилаҳои якчандтағйирёбандадор, эвристикаи математикӣ, модели масъалаҳалкунӣ.

## РЕАЛИЗАЦИЯ МЕТОДА УРАВНИВАНИЯ МАХКАМА ПРИ РЕШЕНИИ НЕСТАНДАРТНЫХ ИРРАЦИОНАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ С НЕСКОЛЬКИМИ ПЕРЕМЕННЫМИ

В статье описан и применён метод уравнивания Махкама для решения нестандартных иррациональных уравнений с несколькими переменными. Проанализирована научная и методическая литература по этой теме. Для демонстрации метода составлен ряд примеров таких уравнений. Рассмотрено происхождение методов решения математических задач с позиции психологии

мышления, а также отношение человека к проблемным ситуациям как к препятствиям на пути к цели. Основная часть посвящена объяснению метода Махкама, реализованного через введение новой переменной и уравнивание соответствующих выражений. Выбор двух выражений для одного неизвестного позволяет преобразовать сложные уравнения в простую алгебраическую систему. Метод не встречается в существующих источниках и впервые представлен здесь с практическими примерами. Исследование демонстрирует, как он активирует эвристические и креативные подходы для задач, не поддающихся традиционным методам. Цель статьи - развить навыки работы со сложными математическими ситуациями, сформировать у учащихся самостоятельное мышление и упростить уравнения с несколькими переменными. Новизна заключается в применении метода уравнивания для уравнений с несколькими переменными, что рекомендуется впервые. Практическая ценность - в развитии творческого мышления учеников при решении нестандартных задач, поиске новых подходов и поддержке учителей.

**Ключевые слова:** метод Махкама, нестандартные иррациональные уравнения, проблемная ситуация, преобразование уравнений, введение новой переменной, система уравнений, уравнений с несколькими переменными, математическая эвристика, модель решения задач.

## IMPLEMENTATION OF THE MAHKAM EQUALIZATION METHOD FOR SOLVING NON-STANDARD IRRATIONAL EQUATIONS WITH MULTIPLE VARIABLES

This article describes and applies the Mahkam equalization method for solving non-standard irrational equations with multiple variables. Scientific and methodological literature on the topic is analyzed. A series of examples of such equations is compiled to demonstrate the method. The origins of methods for solving mathematical problems are examined from the perspective of thinking psychology, along with human attitudes toward problem situations as obstacles to achieving goals. The main section explains the Mahkam method, implemented by introducing a new variable and equalizing corresponding expressions. Selecting two expressions for one unknown allows transforming complex equations into a simple algebraic system. The method is not found in existing sources and is presented here for the first time with practical examples. The study shows how it activates heuristic and creative approaches for tasks unsolvable by traditional means. The article's goal is to develop skills in handling complex mathematical situations, foster independent thinking in students, and simplify multidimensional equations. The novelty lies in applying the equalization method to multidimensional equations, recommended for the first time. Practical value includes developing students' creative thinking in solving non-standard problems, finding new approaches, and supporting teachers.

**Keywords:** Mahkam method, non-standard irrational equations, problem situation, equation transformation, introducing a new variable, equation system, multivariable equations, mathematical heuristics, problem-solving model.

***Дар бораи муаллиф***
*Махкамов Мамадчон*
*Номзади илмхои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математика*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ. 121*
*E-mail: mahkamov_m51@mail.ru*

***Об авторе***
*Махкамов Мамаджон*
*Кандидат педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания математики Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: mahkamov_m51@mail.ru*

***About the author***
*Makhkamov Mamadjon*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Methods of Teaching Mathematics*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: mahkamov_m51@mail.ru*

ТДУ 372.851:378.147

# МЕТОДИКАИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ КОРИ САНҶИШӢ АЗ ФАННИ ГЕОМЕТРИЯИ АНАЛИТИКӢ ОИД БА МАФҲУМҲОИ НУҚТА ВА ПОРЧА БО ИСТИФОДА АЗ МЕТОДИ ПУЛОТ

***Назаров А. П., Шарифӣ Қ. Б.***
*Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

**Муқаддима**. Дар раванди таълим барои арзёбии сатҳи дониш, маҳорат ва малакаҳои донишҷӯён шаклҳои гуногуни арзёбӣ истифода бурда мешаванд. Аз ҷумла, кори санҷишӣ ва кори мустақилона ҷойгоҳи махсус доранд. Гарчанде ки ин ду мафҳум дар зоҳир гуногун ба назар мерасанд, дар асл онҳо ҳаммафҳум буда, ҳар ду ба санҷиши сатҳи дониш, маҳорату малака, тафаккур ва мустақилияти донишҷӯ равона шудаанд. Дар санҷишҳои марҳилавӣ кори мустақилона гузаронида шуда, дар марҳилаи ниҳоӣ кори саниҷшӣ оид ба мавзуъҳои омӯхташуда ва арзёбии сатҳи донишҳои ташаккулдодашуда гузаронида мешавад. Кори санҷишӣ одатан барои муайян кардани дараҷаи азхудкунии маводди дарсӣ истифода мешавад. Он метавонад дар шакли тест, саволу ҷавоб, масъалаҳалкунӣ ё навиштани иншо гузаронида шавад.

**Мақсади кор**. Мақсади асосии кори санҷишӣ арзёбии дониш, маҳорату малака ва қобилияти истифодаи он дар амал мебошад. Дар ин раванд донишҷӯ бояд мустақилона фикр кунад ва дониши худро нишон диҳад. Аз ҷониби дигар, кори мустақили донишҷӯён низ маҳз ба рушди мустақилият, тафаккури интиқодӣ ва қобилияти таҳлил нигаронида шудааст. Ҳангоми иҷрои кори мустақилона донишҷӯ бе кӯмаки мустақими омӯзгор маводро меомӯзад, маълумот ҷамъ меорад ва хулосаи шахсии худро пешниҳод менамояд. Ин раванд низ як навъ санҷиши дониш ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки кори санҷишӣ ва кори мустақилона аз рӯйи моҳият якдигарро такмил медиҳанд. Ҳар ду шакл сатҳи дониш, малака ва қобилияти мустақилона кор кардани донишҷӯро муайян мекунанд. Фарқият танҳо дар шакли гузаронидан ва вақти иҷрои онҳост, на дар мазмуну ҳадаф. Аммо он шаклҳои ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилона ва санқишӣ, ки дар муқаддима нишон дода шудаанд, ба талаботи замони муосир ҷавогӯй нестанд. Бо ин мақсад дар кори мазкур методи дигар мавриди коркард ва омӯзиш қарор дода мешавад.

**Қисми асосӣ**. Кори санҷишӣ яке аз намудҳои асосии корҳои мустақилонаи донишҷӯ ва арзёбии сатҳи дониш дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад. Тавре ки устоди азизамон, профессор Мансур Нугмонов дар тавсияҳои методии худ қайд менамояд, “Кори санҷишӣ дар раванди тайёрии касбии донишҷӯ иҷро шуда, барои муайян намудани сатҳи дониш ва малакаҳои азбаркардашуда аҳаммияти калон дорад” [10, с. 15]

Мақсади асосии кори санҷишӣ муайян намудани сифати азхудкардаи маводди таълимӣ ва сатҳи донишу малакаҳое мебошад, ки тибқи стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) ва барномаи таълимии фан ё барномаи кории фан (силлабус) муайян шудаанд. Ин навъи корҳо имкон медиҳанд, ки натиҷаи фаъолияти таълимии донишҷӯ ба таври воқеӣ арзёбӣ карда шавад.

Яке аз ҳадафҳои муҳимми кори санҷишӣ таъмин намудани робитаи баръакс байни донишҷӯ ва омӯзгор мебошад. Бо ёрии он камбудиҳо ва норасогиҳои раванди таълим ошкор гардида, барои ислоҳи онҳо чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Барои омӯзгор кори санҷишӣ нишондиҳандаи сатҳи дониш, малака ва салоҳиятҳои касбии донишҷӯ мебошад. Барои донишҷӯ бошад, кори санҷишӣ имконият медиҳад, ки донишҳои худро ҷамъбаст намуда, онҳоро такмил диҳад ва ба фаъолияти таълимии худ баҳо диҳад. Илова бар ин, корҳои санҷишӣ ҳисси масъулиятшиносӣ ва шавқи донишҷӯро ба омӯзиш баланд мебардоранд [16, с. 163-169]

Дар замони муосир рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, аз ҷумла соҳаи маориф, таъсири амиқ расонидааст. Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим имконият медиҳад, ки фанҳои дақиқ, махсусан геометрияи аналитикӣ, бо усулҳои нав ва самаранок омӯзонда шаванд. Мафҳумҳои нуқта ва порча ҳамчун асоси геометрияи аналитикӣ маҳз бо ёрии воситаҳои рақамӣ равшантар ва фаҳмотар мегарданд.

Геометрияи аналитикӣ яке аз бахшҳои муҳимми илми математика мебошад, ки усулҳои алгебравиро барои тадқиқи шаклҳои геометрӣ истифода мебарад. Асоси ин фан дар пайваст намудани мафҳумҳои геометрӣ бо координатаҳо ва формулаҳо ифода меёбад. Дар байни

мафҳумҳои асосии геометрияи аналитикӣ нуқта ва порча ҷойи махсус доранд, зеро омӯзиши ҳамаи дигар объектҳои геометрӣ аз онҳо оғоз меёбад [12, с. 376-379].

Кори санҷишӣ дар раванди таълим нақши калидӣ мебозад, зеро он имкон медиҳад, ки сатҳи азхудкунии маводди таълимӣ муайян карда шавад. Ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи донишҷӯён ошкор гарданд ва ҳамзамон ангезаи онҳо барои омӯзиши минбаъда ва сатҳи мустақилияти онҳо тақвият ёбад. Яке аз шаклҳои асосии дониш санҷиши анъанавӣ мебошад. Бо вуҷуди маъруфияти худ, ин усул якчанд камбудиҳо дорад, ба монанди шумораи маҳдуди саволҳо, супоришҳо, машқҳо ва имконнопазирии санҷиши ҳамаҷонибаи фаҳмиши донишҷӯён аз мавод [6, с. 224]. Аз ин рӯ, бисёре аз омӯзгорон усулҳои алтернативиро меҷӯянд, ки имкон медиҳанд арзёбии ҳамаҷонибаи дониши донишҷӯёнро таъмин кунанд.

Яке аз шартҳои муҳимми ташаккули дарси инкишофӣ ташкили фаъолияти кори мустақилонаи донишҷӯён дар сатҳҳои гуногун ба шумор меравад. Таҳлил ва таҷрибаи амалии раванди таълим собит месозанд, ки чунин равиш на танҳо ба самаранок идора намудани раванди таълим мусоидат мекунад, балки дар муҳити таълимӣ фазои мусоиди равонӣ, эътимод ва ҳисси муваффақиятро низ ташаккул медиҳад. Ҳамзамон, ташкили корҳои мустақилона ва санҷишӣ бо назардошти сатҳи омодагӣ ва қобилиятҳои инфиродии донишҷӯён имконият фароҳам меорад, ки онҳо дар раванди омӯзиш фаъолона иштирок намуда, барои пешрафти устувори таълимӣ, инчунин барои ошкорсозӣ ва рушди иқтидори зеҳнии донишҷӯён заминаи устувор пайдо менамоянд.

Мо дар таҳқиқотҳои худ таҳти унвони «Методикаи ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилона ва баҳогузории объективона ба сатҳи дониши донишҷӯён аз геометрия бо истифода аз технологияҳои рақамӣ» қайд карда будем, ки «...кори мустақилонаи донишҷӯён яке аз омилҳои калидии ноил шудан ба ҳадафҳои таълимӣ маҳсуб меёбад. Ба андешаи мо, чунин фаъолият ҳамчун воситаи асосии ташаккули омӯзиши фаъол баромад намуда, дар рушди малакаҳои таҳлилӣ ва тадқиқотии донишҷӯён нақши муассир мебозад» [15, с. 108-115]. Дар ин замина, зарурати таҳия ва татбиқи методикаҳои самараноки ташкил, роҳандозӣ ва баҳогузории корҳои мустақилона ва санҷишӣ аз ҷониби омӯзгорон ба миён меояд. Омӯзгори муваффақ бояд барои ҳар як кори мустақилона шаклҳои мувофиқ, мундариҷаи илмӣ-пурмазмун ва механизмҳои арзёбии шаффофу объективонаро интихоб намояд. Дар натиҷаи чунин равиши методӣ, донишҷӯён на танҳо дониши назариявӣ азхуд мекунанд, балки малака, маҳорат ва салоҳиятҳои касбии заруриро низ ташаккул медиҳанд, ки барои фаъолияти минбаъдаи касбии онҳо аҳаммияти муҳим дорад.

Ин нуқтаи назар аҳаммияти калидии кори мустақилона ва санҷиширо дар низоми таҳсилоти муосир боз ҳам равшантар мегардонад. Дар шароити рақамигардонии раванди таълим, кори мустақилона ва санҷишии донишҷӯён на танҳо ҳамчун василаи такрор ва мустаҳкамсозии маводди таълимӣ, балки ҳамчун омили ташаккули тафаккури эҷодӣ, қобилияти ҳаллу фасли масъалаҳо ва истифодаи дониш дар вазъиятҳои амалӣ баромад мекунад. Махсусан дар омӯзиши геометрия, ки дар он тафаккури фазоӣ, мантиқӣ ва таҳлилӣ нақши асосӣ дорад, ташкил ва роҳандозии дурусти корҳои мустақилона метавонад самаранокии омӯзишро ба маротиб баланд бардорад.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ имкониятҳои навро барои ташкили чунин фаъолият фароҳам меорад. Барномаҳои интерактивӣ, платформаҳои таълимии электронӣ, моделсозии геометрӣ ва захираҳои мултимедиявӣ шароит муҳайё месозанд, ки донишҷӯён мавзуъҳоро амиқтар дарк намуда, мустақилона тадқиқ ва таҷриба гузаронанд. Дар баробари ин, технологияҳои рақамӣ ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки раванди иҷрои корҳои мустақилона ва санҷиширо пайгирӣ намояд, натиҷаҳоро таҳлил кунад ва ба ҳар як донишҷӯ бозхурди саривақтӣ ва асоснок пешниҳод намояд.

Муҳаққиқи соҳаи педагогика Аҳмедов Ҳ.М. таъкид менамояд, ки технологияҳои рақамӣ дар таълим ҳамчун воситаи муассири интиқол ва татбиқи дониш тавассути компютер ва дигар дастгоҳҳои электронӣ истифода мешаванд. Ба андешаи ӯ, ин технологияҳо барои донишомӯзони минтақаҳои дурдаст шароити дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, иҷрои супоришҳо ва иштирок дар барномаҳои онлайнро фароҳам оварда, самаранокии низоми таълимро баланд мебардоранд. [1, с. 307-313]

Баҳогузории объективонаи корҳои мустақилона ва санҷишӣ низ яке аз ҷузъҳои муҳимми ин раванд ба ҳисоб меравад. Татбиқи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои дақиқ, истифодаи рубрикаҳо, санҷишҳои электронӣ ва шаклҳои гуногуни арзёбӣ шаффофият ва адолатро дар муайян намудани сатҳи дониши донишҷӯён таъмин мекунад. Ин равиш на танҳо сатҳи донишро дақиқтар инъикос менамояд, балки донишҷӯёнро ба худназоратӣ, худбаҳогузорӣ ва такмили пайвастаи фаъолияти таълимии худ ҳавасманд месозад [7].

Ҳамин тариқ, методикаи самараноки ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилона ва санҷишӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ омили муҳимми баланд бардоштани сифати таълим, рушди салоҳиятҳои касбӣ ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир ба шумор меравад. Татбиқи чунин равиш дар омӯзиши геометрия имкон медиҳад, ки донишҷӯён на танҳо донишҳои назариявӣ азхуд намоянд, балки онҳоро дар амал татбиқ карда, ҳамчун шахсиятҳои фаъол, мустақил ва эҷодкор ташаккул ёбанд [14, с. 94-98].

Арзёбии дониш муқоиса бо барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ки дар банди 5.2.2. чунин омадааст. “Раванди баҳодиҳии имтиҳонҳои ҷорӣ ва натиҷабарории ниҳоии азхудкунӣ аз рӯи ҳар як фан ва дигар намудҳои фаъолият (аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ) аз ҷониби Шурои таълимӣ-методии донишгоҳ дар асоси "Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" муайян карда мешавад.” [2, с. 15-16].

Дар тадқиқоти мазкур методи Пулот татбиқ карда мешавад, ки аз ҷониби яке аз муаллифони кори мазкур эҷод гардидааст [6, с. 200], [7], [8]. Ба методи мазкур таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро ҳамчун яке аз методҳои муосири арзёбии объективонаи дониш меҳисобанд. Истифодаи ин метод пеш аз ҳама ба коҳиш ёфтани меҳнаталабии фаъолияти омӯзгор мусоидат менамояд, зеро раванди таҳия ва санҷиши супоришҳо ба таври низомнок ва самаранок тавассути барномаҳои компютерӣ ба роҳ монда мешавад. Илова бар ин, методи Пулот имконият фароҳам меорад, ки барои ҳар як донишҷӯ, новобаста аз шумораи иштирокчиён дар раванди таълим ва кори санҷишӣ, вариантҳои инфиродии супоришҳо пешниҳод карда шаванд. Ин вариантҳо аз лиҳози сохтор ва муҳтаво ба ҳамдигар монанд набуда, сатҳи мустақилияти фикрронӣ ва масъулияти донишҷӯёнро баланд мебардоранд. Дар натиҷа, имкони нусхабардории роҳи ҳал ва ҷавобҳо ба миён намеояд, адолат ва шаффофият дар арзёбии дониш таъмин мегардад.

Выготский Л. С. дар китоби худ таҳти унвони “Мышление и речь” таъкид мекунад, ки «Фаҳмиши мафҳумҳои абстрактӣ танҳо дар асоси воситаҳои аёнӣ ва фаъолияти муштарак ба сатҳи баланд мерасад.» Ин ақида дар омӯзиши мафҳумҳои нуқта ва порча бо истифода аз воситаҳои рақамӣ аҳаммияти махсус дорад [3, с. 362].

Нуқта ва порча мафҳумҳои абстрактӣ мебошанд ва барои бисёре аз донишҷӯён фаҳмидани онҳо танҳо бо тавзеҳи шифоҳӣ ё тасвир дар тахтаи синфӣ душвор аст. Технологияҳои рақамӣ, ба монанди тахтаи электронии интерактивӣ, Smart-экранҳо, барномаҳои компютерӣ ва платформаҳои таълимии онлайн, имкон медиҳанд, ки ин мафҳумҳо ба таври аёнӣ нишон дода шаванд. Масалан, бо истифода аз барномаҳои геометрӣ омӯзгор метавонад ҷойгиршавии нуқтаро дар тири ададӣ ё ҳамвории координатӣ нишон диҳад ва бо ҳаракат додани он тағйирёбии координатаҳоро дарҳол ба донишҷӯён фаҳмонад.

Нуқта мафҳуми ибтидоии геометрия мебошад. Он андоза надорад ва танҳо мавқеи муайянро дар фазо нишон медиҳад. Дар геометрияи аналитикӣ нуқта дар тири ададӣ бо як адад ва дар ҳамвории координатӣ бо ду адад координатаҳои х ва у муайян карда мешавад. Масалан, нуқтаи А(х, у) мавқеи онро нисбат ба меҳвари уфуқӣ ва амудӣ нишон медиҳад. Муайян намудани координатаи нуқтаҳо имкон медиҳад, ки масъалаҳои гуногун, аз қабили ёфтани масофа байни нуқтаҳо ё таҳлили ҷойгиршавии онҳо, ҳал карда шаванд [9].

Порча қисми хати рост мебошад, ки бо ду нуқтаи охир маҳдуд шудааст. Агар ду нуқтаи А ва В дода шаванд, пас ҳамаи нуқтаҳои байни онҳо порчаи АВ-ро ташкил медиҳанд. Дар геометрияи аналитикӣ фарқ гузоштан байни бузургии порча ва дарозии порча хеле муҳим аст. Бузургии порча метавонад мусбат ё манфӣ бошад ва самти ҳаракатро аз як нуқта ба нуқтаи дигар нишон медиҳад, дар ҳоле ки дарозии порча ҳамеша адади мусбат мебошад ва танҳо масофаро ифода мекунад.

Яке аз афзалиятҳои асосии технологияҳои рақамӣ дар омӯзиши порча дар он аст, ки хонандагон метавонанд фарқияти байни бузургии порча ва дарозии порчаро ба таври амалӣ мушоҳида намоянд. Бо ҳаракат додани нуқтаҳои ибтидоӣ ва ниҳоии порча дар муҳити рақамӣ, самт, бузургӣ ва дарозии он фавран тағйир меёбанд. Ин раванд ба хонандагон кумак мекунад, ки робитаи байни формулаҳои математикӣ ва маънои геометрии онҳоро беҳтар дарк намоянд.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар таълими геометрияи аналитикӣ ба ташаккули омӯзиши фаъол мусоидат мекунад. Донишҷӯён аз шунавандаи ғайрифаъол ба иштирокчии фаъоли раванди таълим табдил меёбанд. Ҳамчунин, муҳити рақамӣ имконият медиҳад, ки сатҳи инфиродии омӯзиш таъмин гардад ва ҳар як донишҷӯ мувофиқи қобилияти худ пеш равад. Ҳамин тариқ, технологияҳои рақамӣ дар омӯзиши геометрияи аналитикӣ, махсусан дар ташаккули мафҳумҳои нуқта ва порча, нақши муҳим ва муассир доранд. Онҳо на танҳо

фаҳмиши мафҳумҳои абстрактиро осон мегардонанд, балки сифати умумии таълимро баланд мебардоранд. Истифодаи мақсадноки воситаҳои рақамӣ метавонад ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ баррасӣ гардад.

Дар курси дуюми ихтисоси математика ва информатика корҳои санҷишӣ аз фанни геометрияи аналитикӣ дар мавзуи «Порча» бо роҳбарии омӯзгорони кафедраи геометрия ва математикаи олӣ Авезов Рафаббек ба баланд бардоштани сатҳи дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён гузаронида шуд. Дар раванди омӯзиш корҳои санҷиширо бо ду тарз амалӣ намудем.

Тарзи аввал бо истифода аз воситаҳои анъанавии таълим, аз ҷумла қоғазу қалам ва тахтаи синф, гузаронида шуд. Ин шакли таълим ба равиши классикии омӯзиш такя намуда, имконият фароҳам оварда, ки раванди санҷиш ва таҳкими дониш дар муҳити мустақими таълимӣ сурат гирад. Бо дарназардошти сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён ба онҳо чор варианти гуногуни супоришҳо пешниҳод карда шуд, то ки принсипи фардикунонии таълим то ҳадди имкон таъмин гардад. Бо вуҷуди ин, дар ҷараёни иҷрои супоришҳо дар баъзе мавридҳо ҳолатҳои рӯйбардории донишҷӯён аз якдигар ба мушоҳида расид. Ин ҳолат ба сатҳи мустақилияти иҷрои корҳо таъсири манфӣ расонида, арзёбии воқеии дониш ва қобилияти инфиродии онҳоро то андозае маҳдуд сохт. Аз ин рӯ, масъалаи таҳкими назорати раванди иҷрои супоришҳо ва ташаккули ҳисси масъулияти шахсӣ миёни донишҷӯён аҳаммияти ҷиддӣ пайдо мекунад. Дар маҷмуъ, истифодаи воситаҳои анъанавии таълим, сарфи назар аз баъзе маҳдудиятҳо, барои ташаккули заминаи устувори дониш, малакаву маҳорат ва рушди тафаккури мантиқии донишҷӯён мусоидат намуд.

Мисолҳое, ки дар амалия санҷида шудааст:

Дар тири ададӣ ду нуқта дода шудаанд. Бузургӣ ва дарозии порча ёфта шавад.

а) A=-28,25 ва B=40,69; AB= |AB|=

б) C=-23,38 ва D=38,31; CD= |CD|=

Мисоли 1.

A=-28,25 ва B=40,69

AB= B-A = 40,69-(-28,25)=68,94

|AB|=68,94

Мисоли 2.


C=-23,38 ва D=38,31

CD= D-C = 38,31-(-23,28)=61,69

Тарзи дуюми ташкили раванди таълим бо истифода аз барномаҳои компютерӣ ва татбиқи методи Пулот амалӣ карда шуд. Ин равиш ба истифодаи технологияи рақамӣ такя намуда, муҳити таълимиро бештар фарогир ва мутобиқ ба талаботи замони муосир гардонид. Методикаи мазкур ба он асос меёбад, ки сарфи назар аз якхела будани сохтор ва мазмуни саволҳо барои ҳамаи донишҷӯён, нишондиҳандаҳои оморӣ ва маълумоти ададии масъалаҳо ба таври инфиродӣ тағйир дода мешаванд. Чунин тарҳрезӣ имконият фароҳам меорад, ки ҳар як донишҷӯ бо варианти инфиродии супоришҳои кори санҷишӣ кор намояд.

Афзалияти муҳимми ин метод дар он зоҳир мегардад, ки имконияти рӯйбардорӣ комилан аз байн бурда мешавад. Тағйирёбии параметрҳои воридшаванда ва додаҳои оморӣ шароити иҷрои мустақилонаи супоришҳоро таъмин намуда, арзёбии воқеии сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи ҳар як донишҷӯро имконпазир мегардонад. Дар натиҷа, принсипи адолат ва шаффофият дар раванди санҷиш беҳтар риоя мешавад.

Илова бар ин, истифодаи барномаҳои компютерӣ ба татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал мусоидат менамояд. Донишҷӯён имконият пайдо мекунанд, ки натиҷаҳои ҳисоббарорӣ ва таҳлилҳои худро бо воситаҳои рақамӣ санҷида, саҳеҳии онҳоро арзёбӣ намоянд. Ҳамзамон, ин раванд ба рушди малакаҳои кор бо технологияҳои муосири иттилоотӣ, баланд бардоштани саводи рақамӣ ва мутобиқшавӣ ба муҳити касбии рақамигардонидашуда заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳамин тариқ, татбиқи методи Пулот дар якҷоягӣ бо барномаҳои компютерӣ самаранокии раванди таълимро боло бурда, сатҳи мустақилият ва масъулияти донишҷӯёнро тақвият мебахшад. Бо ин мақсад барномаи компютериро бо истифода аз методи Пулот таҳия намудем. Он танҳо аз як файли барномавии GA_Porcha.exe иборат аст, ки аксар вақт онро Windows-замима меноманд. Барномаи компютерии мазкурро ба ҳар як компютер тариқи анъанавии нусхабардорӣ ва гузоштан ё бо дигар технология ба компютерҳо насб мекунанд. Ҳар як донишҷӯ худ мустақилона барномаи компютериро ба кор омода менамояд. Дар натиҷа шакли муколамагии барнома бо як варианти кори саниҷшӣ кушода шуда, дар экрани компютер инъикос меёбад (Расми 1).




Расми 1. Варианти кори санҷишӣ

**Хулоса**. Дар таҳияи мақолаи мазкур методҳо, таҳлили адабиёти илмӣ, мушоҳидаи раванди таълим ва муқоисаи шаклҳои анъанавӣ ва рақамии таълим оид ба арзёбии сатҳи донишҳои ташаккулдодашуда аз фанни геометрияи аналитикӣ доир ба мафҳумҳо нуқта ва порча истифода бурда шуданд. Ҳамчунин таҷрибаи истифодаи барномаҳои таълимии рақамӣ ва муҳитҳои интерактивӣ дар омӯзиши мафҳумҳои нуқта ва порча мавриди баррасӣ қарор гирифт. Тадқиқ нишон медиҳад, ки технологияҳои рақамӣ дар фаҳмондани мафҳумҳои нуқта ва порча самаранокии баланд доранд. Дар муҳити рақамӣ нуқта ҳамчун объекти динамикӣ муаррифӣ мешавад, ки координатаҳои он бо ҳаракат додан тағйир меёбанд. Ин равиш ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки вобастагии байни ҷойгиршавии нуқта ва қиматҳои координатиро амиқтар дарк намоянд. Илова бар ин, барномаҳои таълимии рақамӣ имконият медиҳанд, ки донишҷӯён мустақилона масъалаҳоро ҳал намуда, натиҷаҳоро фавран санҷанд. Ин усул на танҳо сатҳи фаҳмишро баланд мебардорад, балки малакаҳои таҳлилӣ ва тафаккури мантиқиро низ инкишоф медиҳад. Татбиқи методи Пулот ва барномаи компютерии дар заминаи он сохташуда нишон дода шуд, ки он дар раванди ташкил ва гузаронидани кори санҷишӣ истифода карда мешавад. Тасдиқ карда шуд, ки бо истфода аз барномаи компютерии мазкур сатҳи мустақилияти донишҷӯён зимни иҷрои супоришҳои варианти кори санҷишӣ инкишоф дода шуда, меҳнати омӯзгор сабук карда шуд. Объективияти санҷиши дониши донишҷӯён таъмин карда шуд.

***Адабиёт***


1. *Аҳмедов Ҳ.М. Муаммоҳои мубрами омодасозии омӯзгорони оянда ба истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ / Ҳ.М. Аҳмедов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – No. 12. – С. 307-313.*
2. *Барномаи таҳсилотӣ аз рӯи самт (ихтисос) Самти ихтисос: 02 педагогикаи синну соли наврасӣ ва ҷавонӣ, гурӯҳи ихтисосҳо: 02 05 таълими фанҳои физика ва математикӣ, ихтисос: 1- 02 05 03 - 02 - Математика. Информатика, тахассус: Омӯзгор, дараҷаи академӣ: Бакалавр, муҳлати таҳсил: 5 сол. - Душанбе – 2022. – 60 с.*
3. *Выготский Л. С. Мышление и речь [Текст] // Книга / Л. С. Выготский Москува 1934. С 362.*
4. *Мельникова И.Н., Соболева Т.С., Фастовец Н.О. Методические рекомендации к практическим занятиям по высшей математике. Часть 1. Элементы линейной алгебры. – М.: Издательский центр РГУ нефти и газа им. И.М. Губкина, 2013. – 66 с.*
5. *Мищенко А.С., Фоменко А.Т. Курс дифференциальной геометрии и топологии. –М: Изд-во МГУ 1980. - 440 с.*
6. *Назаров, А.П. Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] // Монография / А.П. Назаров // Матбааи ҶДММ "Баҳманруд", – Душанбе - 2020. - 226 с. ISBN 978-99975-0-394-7.*
7. *Назаров, А.П. Барномасозии кори санҷишии №3 аз математика дар синфи 5-ум [Матн] / А.П. Назаров, Р.Т. Абидов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2025 с. №4 (26). С.103. – 107.*
8. *Назаров, А.П. Методикаи барномасозии кори санҷишии №2 аз математика дар синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] / А.П. Назаров, Р.Т. Абидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 2025. №8. С. 301-307.*

9. *Негматова Р. Х. Баъзе синфи функсияҳо ва фазоҳои функционалӣ [Матн] / Негматова Р. Х. // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ дар мавзуи «Проблемаҳои муосири илмҳои табиӣ риёзӣ» бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040). Душанбе-2025. - 393 с.*
10. *Нӯъмонов М. Тавсияҳои методӣ оид ба таҳияи корҳои санҷишӣ. [Матн] //Тавсияҳои методӣ / Нӯъмонов М. – Душанбе: ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2014. – 15 с.*
11. *Погорелов А.В. Геометрия Москва "Наука" 1984. – 273 с.*
12. *Сатторов А.Э. Оиди робитаи байнифаннӣ дар таълими геометрияи аналитикӣ [Матн] / Сатторов А.Э., Аҳмадалиева М. О., Сатторов Ф.А. // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ дар мавзуи «Проблемаҳои муосири илмҳои табиӣ риёзӣ» бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040). Душанбе-2025. - С. 376-379.*
13. *Сатторов А.Э., Янгибоев У. Нақши табдилдиҳиҳои геометрӣ зимни таълими геометрия [Матн] / Сатторов А.Э., Янгибоев У. Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ дар мавзуи «Проблемаҳои муосири илмҳои табиӣ риёзӣ» бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) Душабе, 2024. - С. 171-181.*
14. *Шарипов, Қ. Б. Асосҳои психологӣ-педагогии арзёбии раванди таълим дар шароити низоми кредитии таҳсилот (дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ) / Қ. Б. Шарипов // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2022. – № 1(11). – С. 94-98.*
15. *Шарипов, Қ. Б. Методикаи ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилона ва баҳогузории объективона ба савияи дониши донишҷӯён аз геометрия бо истифода аз технологияҳои рақамӣ / Қ. Б. Шарипов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2025. – № 4(26). – С. 108-115.*
16. *Шарипов, Қ. Б. Меъёри баҳогузорӣ ба дониши донишҷӯён дар замони муосир / Қ. Б. Шарипов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2023. – Vol. 2, № 1-3(113). – С. 163-169.*

## МЕТОДИКАИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ КОРИ САНҶИШӢ АЗ ФАННИ ГЕОМЕТРИЯИ АНАЛИТИКӢ ОИД БА МАФҲУМҲОИ НУҚТА ВА ПОРЧА БО ИСТИФОДА АЗ МЕТОДИ ПУЛОТ

Мақолаи мазкур ба таҳлили шаклҳои гуногуни арзёбии сатҳи дониш, малакаҳои амалӣ, қобилиятҳои фикрӣ ва маҳорати касбии донишҷӯён бахшида шудааст. Дар он нақши кори санҷишӣ ва кори мустақилона дар раванди таълим мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамбастагии онҳо дар баҳогузорӣ ва рушди тафаккури мустақилонаи донишҷӯён таъкид гардидааст. Қайд карда мешавад, ки ин ду шакли фаъолияти таълимӣ метавонанд дар намудҳои гуногун, аз ҷумла тестҳо, саволу ҷавоб, ҳалли масъалаҳо ва навиштани иншо амалӣ гарданд. Ин равишҳо ба мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ ва ташаккули малакаҳои амалӣ мусоидат менамоянд. Муаллифон бо истифода аз усулҳои анъанавӣ ва технологияҳои муосири рақамӣ, аз ҷумла методи Пулот ва барномаҳои компютерӣ, самаранокии раванди таълим ва дараҷаи татбиқи донишҳои назариявиро дар амал арзёбӣ менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки истифодаи ҳамзамонии усулҳои анъанавӣ ва технологияҳои инноватсионӣ ба баланд бардоштани сифати таълим, рушди малакаҳои таҳлилӣ ва амалӣ, инчунин тақвияти қобилияти худомӯзӣ ва худназоратии донишҷӯён мусоидат мекунад. Дар маҷмуъ, тадқиқоти мазкур дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонад дар такмили методикаи таълими фанни геометрияи аналитикӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди таълим истифода гардад.

**Калидвожаҳо:** кори санҷишӣ, кори мустақилона, геометрияи аналитикӣ, нуқта, порча, методи Пулот, барномаи компютерӣ, технологияҳои рақамӣ, самаранокии таълим, методикаи таълим.

## МЕТОДИКА ОРГАНИЗАЦИИ И ПРОВЕДЕНИЯ КОНТРОЛЬНОЙ РАБОТЫ ПО АНАЛИТИЧЕСКОЙ ГЕОМЕТРИИ ПО ТЕМЕ ПОНЯТИЕ ТОЧКИ И ОТРЕЗКА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ МЕТОДА ПУЛАТ

Данная статья посвящена анализу различных форм оценки уровня знаний, практических умений, интеллектуальных способностей и профессиональных компетенций студентов. В ней рассматривается роль контрольной работы и самостоятельной работы в образовательном процессе, а также подчеркивается их взаимосвязь в оценивании и развитии самостоятельного мышления студентов. Отмечается, что данные формы учебной деятельности могут реализовываться в различных видах, включая тестирование, вопросы и ответы, решение задач и написание эссе. Эти подходы способствуют укреплению теоретических знаний и формированию практических навыков. Авторы, используя как традиционные методы, так и современные цифровые технологии, включая метод Пулот и компьютерные программы, оценивают эффективность образовательного процесса и уровень применения теоретических знаний на практике. Результаты исследования показывают, что одновременное использование традиционных методов и инновационных технологий способствует повышению качества образования, развитию аналитических и практических навыков, а также укреплению способности студентов к самообучению и самоконтролю. В целом данное исследование имеет как теоретическую, так и практическую значимость и может быть использовано для

совершенствования методики преподавания аналитической геометрии и повышения эффективности образовательного процесса.

**Ключевые слова:** контрольная работа, самостоятельная работа, аналитическая геометрия, точка, отрезок, метод Пулота, компьютерная программа, цифровые технологии, эффективность обучения, методика обучения.

## METHODOLOGY FOR ORGANIZING AND CONDUCTING TEST ASSESSMENT IN ANALYTICAL GEOMETRY ON THE CONCEPTS OF POINT AND SEGMENT USING THE PULOT METHOD

This article is devoted to the analysis of various forms of assessing students' knowledge levels, practical skills, intellectual abilities, and professional competencies. It examines the role of test assessments and independent work in the educational process, emphasizing their interconnection in evaluation and in the development of students' independent thinking. It is noted that these two forms of educational activity can be implemented in different formats, including tests, question-and-answer sessions, problem-solving tasks, and essay writing. These approaches contribute to strengthening theoretical knowledge and developing practical skills. The authors, using both traditional methods and modern digital technologies, including the Pulot method and computer programs, evaluate the effectiveness of the educational process and the level of application of theoretical knowledge in practice. The results of the study show that the combined use of traditional methods and innovative technologies contributes to improving the quality of education, developing analytical and practical skills, and enhancing students' abilities for self-learning and self-assessment. Overall, this research has both theoretical and practical significance and can be used to improve the methodology of teaching analytical geometry and to increase the effectiveness of the educational process.

**Keywords:** test work, independent work, analytic geometry, point, line segment, Pulot method, computer program, digital technologies, teaching effectiveness, teaching methodology.

***Дар бораи муаллифон***

*Назаров Ахтам Пулотович*
*Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
*Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*734009, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33*
*E-mail: ahtam_69@mail.ru*

*Шарифӣ Қаҳрамон Баҳронзода*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи асосҳои технологияи информатсионӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: kahramons@mail.ru*

***Об авторах***

*Назаров Ахтам Пулатович*
*Доктор педагогических наук, профессор*
*Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан*
*734009, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33*
*E-mail: ahtam_69@mail.ru*

*Шарифи Кахрамон Бахронзода*
*Кандидат педагогических наук, доцент кафедры основ информационных технологий*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: kahramons@mail.ru*

***About the authors***

*Nazarov Ahtam Pulotovich*
*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
*Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan*
*734009, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Street, 33*
*E-mail ahtam_69@mail.ru*

*Sharifi Qahramon Bahronzoda*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Fundamentals of Information Technology*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Aini*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: kahramons@mail.ru*

ТДУ 373.3.016:51

# РУШДИ ТАФАККУРИ МАНТИҚИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ФАРДИКУНОНИИ ТАЪЛИМИ ФАННИ МАТЕМАТИКА

***Ҷонмирзоев Э.***
*Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф*

Таҳсилоти муосир ва рушди фанни математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯзиши мантиқ ва фикр кардани систематикӣ диққати махсус медиҳад. Мантиқ ҳамчун илм ва воситаи асосии ташаккули тафаккури аналитикӣ ба хонандагон малакаи дуруст ва ҳадафмандона фикр карданро меомӯзад. Дар ҷаҳони муосир, ки маълумот ва технология зуд тағйир меёбанд, малакаи таҳлил, тасниф ва хулосабарорӣ барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ ва фаннӣ хеле муҳим аст.

Мақсади ин мақола фаҳмондани аҳаммияти мантиқ дар таълими математика, омӯзонидани малакаҳои фикрии систематикунонӣ ва таҳлилии хонандагон ва нишон додани робита байни малакаҳои мантиқӣ ва рушди қобилияти ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ мебошад. Дар ин замина, масъалаҳои математикӣ ва воқеии ҳаётӣ ҳамчун воситаҳои фардикунонӣ истифода мешаванд, ки ба хонандагон имконият медиҳанд фикру мулоҳизаи худро ба тарзи мантиқӣ ташкил диҳанд ва қобилияти хулосабарорӣ ва тасмимгирии дурустро инкишоф диҳанд.

Дар мақола раванди фардикунонӣ ва усулҳои татбиқи мантиқ дар таълими математика таҳлил карда мешаванд, инчунин мисолҳои амалӣ ва масъалаҳои ҳаётӣ пешниҳод мегарданд, ки малакаҳои таҳлилӣ ва эҷодӣ ба хонандагон омӯзонида мешаванд.

Тафаккури мантиқӣ яке аз асосҳои муҳимми рушди зеҳнӣ ва қобилияти мустақилона фикр кардани хонандагон дар синфҳои болоии муассисаи таълимӣ мебошад. Бо болоравии синф ва мураккабшавии маводди фанни математика, хонандагон на танҳо бояд формулаҳо ва қоидаҳои ҳисобро донанд, балки малакаҳои таҳлил, муқоиса, хулосабарорӣ ва ҳалли масъалаҳоро низ инкишоф диҳанд [14, с. 100].

Фардикунонии таълими фанни математика имкон медиҳад, ки ҳар хонанда дар сатҳи худ фаъолият намояд, роҳҳои ҳалли мушкилотро интихоб кунад ва малакаҳои мантиқии худро дар вазъиятҳои гуногун истифода барад. Бо истифода аз усулҳои фардикунони, омӯзгорон метавонанд фикри мустақил ва эҷодии хонандаро рушд диҳанд, ки ин ба рушди умумии зеҳн ва тайёрии ӯ барои ҳаёти воқеӣ мусоидат мекунад.

Мақсади таҳқиқи ин мақола пешниҳоди усулҳо, мисолҳо ва супоришҳои муосири фардикунонӣ барои рушди тафаккури мантиқии хонандагон дар синфҳои болоӣ мебошад. Мақола ба омӯзгорон воситаи амалии татбиқи ин равандро пешниҳод мекунад ва барои баланд бардоштани самаранокии таълим ва рушди малакаҳои зеҳнӣ нигаронида шудааст.

Дар синфҳои 5–11 хонандагон ба марҳилаи нави таълими фанни математика ворид мешаванд, ки дар он масъалаҳо мураккабтар шуда ва талаботи фикри мантиқӣ зиёд мегардад. Фардикунонии таълим имкон медиҳад, ки хонандагон:

- роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳоро интихоб кунанд;
- мавқеи худашонро дар ҳалли муаммо муайян намоянд;
- фикри мустақил, таҳлилӣ ва хулосабарорро рушд диҳанд;
- ба натиҷаҳои худ ҷавобгарӣ нишон диҳанд.

Мантиқ яке аз қадимтарин ва муҳимтарин илмҳоест, ки ба омӯзиши қонунҳо ва шаклҳои дурусти фикр равона шудааст. Мантиқ ҳамчун илми мустақил аз асрҳои қадим ташаккул ёфта, нақши он дар рушди тафаккури инсон бебаҳост [4, с. 73].

Асосгузори мантиқ ҳамчун илм файласуфи Юнони қадим Арасту мебошад. Ӯ аввалин шуда назарияи хулосабарории систематикуниро таҳия кард ва усулҳои хулосабарории дурустро муқаррар намуд, ки то имрӯз ҳамчун асоси фикркунии мантиқӣ истифода мешаванд. Арасту мантиқро ҳамчун “ҳикмати фикркунии дуруст” муайян карда, хулосабарорӣ, далел ва исботро асоси фикркунии илмӣ донист. Дар асрҳои миёна ва давраи Нав донишмандон ва файласуфон назарияҳои навро ҷорӣ карданд. Масалан: Сино ва файласуфҳои шарқӣ назарияи мантиқро бо равишҳои аналитикӣ ва тарзи баҳс муайян карданд; Фалсафаи Аврупо дар асрҳои XVII–XVIII, аз ҷумла Декарт ва Лейбнис, ба таҳлили равандҳои фикр ва хулосабарорӣ аҳаммияти калон доданд [2, с. 89].

Мантиқ илми қонунҳо ва усулҳои дурусти фикр мебошад. Мақсади асосии он муайян кардани дурустии фикр ва хулосаҳо мебошад. Мантиқ ду бахш дорад:

- мантиқи формалӣ: ба шакл ва сохтори хулосабарорӣ ва далел асос меёбад. Дар ин бахш системаҳои рамзӣ, шаклҳои алгебравӣ ва синтаксис истифода мешаванд;
- мантиқи номутаносиб (материалӣ): ба маъно ва дурустии хулосаҳо вобаста мебошад.

Назарияи хулосабарорӣ қисми муҳим ва марказии мантиқ аст. Он равандҳои фикр ва муносибатҳои байни пешниҳоди дуруст ва хулосаҳои дурустро меомӯзад [14, с. 67].

Фардикунонии раванд ба хонанда имкон медиҳад, ки тасниф, муқоиса, таҳлил, синтез ва умумӣ карданро мустақилона истифода барад ва таҷрибаи шахсии худро ба кор гирад.

**Рушди тафаккури мантиқӣ дар синфҳои 5–6**

*1. Вазифаҳои таҳлил ва муқоиса*

Масъала: «Дар синфи 5, 20 хонанда ҳастанд: 12 писар ва 8 духтар. Муайян кунед, ки чӣ қадар хонандагон аз рӯи ҷинс фарқ доранд ва фарқро дар шакли графикӣ нишон диҳед».

Мантиқ: хонандагон маълумотро таҳлил мекунанд ва тасвирҳо (ҷадвал, диаграмма) месозанд.

*2. Вазифаҳои тасниф ва умумӣ*

Масъала: «Аз 30-то китоб, 10-то адабиёти тоҷик, 12-то адабиёти рус ва 8 -то адабиёти хориҷӣ мебошанд. Китобҳоро аз рӯи забон ва жанр тасниф кунед».

Мантиқ: хонандагон малакаи тасниф ва сохтани категорияҳои умумиро аз худ мекунанд.

*3. Масъалаҳои сабабу натиҷа*

Масъала: «Агар ҳар як хонанда 5 дақиқа китоб хонда бошад, чанд дақиқа тамоми синф хонда метавонанд?»

Мантиқ: хонанда сабабу натиҷаро муайян мекунад ва ҳисобро анҷом медиҳад.

*4. Вазифаҳои эҷодӣ ва исботи мантиқӣ*

Масъала: «Агар ду хонанда рақамҳои 1 то 10-ро ҷудо кунанд, ҳосили ҷамъи кадом ҷуфтҳо адади 10 мешавад?»

Мантиқ: хонандагон ҳамаи имкониятҳоро баррасӣ мекунанд ва роҳи ҳалли худро исбот мекунанд.

5. Тамаркуз ба фардикунонӣ [7, с. 34]

- Ҳар хонанда метавонад роҳҳои ҳалли худро интихоб кунад;
- Баррасӣ ва муқоиса бо ҳамсолон фикри эҷодӣ ва мустақилро рушд медиҳад;

Кор бо масъалаҳои ҳаётӣ малакаҳои таҳлил ва хулосабарории хонандаро тақвият медиҳад.

Рушди тафаккури мантиқӣ дар синфҳои 7–8

Масъалаҳо ва усулҳои амалӣ

Масъала: «Як гурӯҳи 7 нафарӣ барои хариди 5 намуди маҳсулот маблағ ҷамъ мекунад. Агар нархи маҳсулот гуногун бошад, ҳар нафар чӣ қадар бояд пардохт кунад, ки то ҳамаи харочот пурра шавад?»

Мантиқ: хонандагон роҳи тақсим ва ҳисобро интихоб ва натиҷаро бо далел исбот мекунанд.

Вазифаҳои таҳлил ва муқоиса бо ҷадвал ва диаграмма

Масъала: «Дар синфи 7, 28 хонанда ҳастанд: 10 нафар ба варзиш машғуланд, 12 нафар ба мусиқӣ ва боз 6 нафар ҳам ба варзиш ва ҳам ба мусиқӣ. Чанд нафар хонандагон танҳо ба як фаъолият машғуланд?»

Мантиқ: хонандагон маълумотро таҳлил, онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо ва натиҷаро бо формула исбот мекунанд.

Вазифаҳои умумӣ ва тасниф бо доираи васеъ

Масъала: «Аз 50-то китоб 20-то адабиёти миллӣ, 15-то адабиёти ҷаҳонӣ ва 15-то адабиёти илмӣ мебошанд. Китобҳоро аз рӯи жанр ва забон гурӯҳбандӣ кунед.»

Мантиқ: хонандагон малакаи тасниф ва сохтани категорияҳои умумиро истифода мебаранд.

Масъалаҳои сабабу натиҷа ва пайдарпайӣ

Масъала: «Агар як мошин ҳар як соат 60 км масофа тай кунад, чанд соат лозим аст, ки 180 км равад?»

Мантиқ: хонанда сабабу натиҷаро муайян ва ҳисобро анҷом медиҳад.

Вазифаҳои эҷодӣ ва исботи мантиқӣ

Масъала: «Дар қатор аз ададҳои 1 то 20, ададҳои тоқ ва ҷуфтро ҷудо кунед. Фарқ байни ҷамъ ва ҷудокуниро муайян кунед.»

Мантиқ: хонандагон роҳи ҳалли худро интихоб ва натиҷаро исбот мекунанд.

*Рушди тафаккури мантиқӣ дар синфҳои 9–11*

Дар синфҳои болоӣ (9–11) хонандагон бо масъалаҳо ва маводҳои мураккаби математикӣ рӯбарӯ мешаванд. Ин марҳила талаб мекунад, ки хонандагон малакаҳои тафаккури таҳлилӣ, синтез, муқоиса, тасниф, қабули қарор, сохтан, исбот ва ҳалли масъалаҳои эҷодиро дар сатҳи васеътар истифода баранд [12, с. 145].

Фардикунонии таълим дар синфҳои боло имкон медиҳад:

-роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳоро мустақилона интихоб кунанд;

-равандҳои мантиқиро дар таҳлили маълумот ва ҳалли проблема истифода баранд;

-фикри эҷодӣ ва қобилияти аргументатсияро такмил диҳанд;

-таҳлил, муқоиса, умумӣ кардан ва сохтани пайдарпайӣ (занҷирҳои мантиқӣ) барои ҳалли масъалаҳоро самаранок истифода кунанд.

Ҳадафи асосӣ ин аст, ки хонандагон на танҳо қоида ва формулаҳоро донанд, балки муҳокимаи мантиқӣ ва далелноки натиҷаҳоро аз худ кунанд [3, с. 65].

Усулҳои амалӣ барои рушди тафаккури мантиқӣ

Барои рушди тафаккури мантиқӣ дар синфҳои болоӣ метавон супоришҳои амалӣ ва мисолҳои зеринро истифода бурд:

Синфҳои 5–6

| *№* | *Масъала* | *Шарҳи мантиқӣ* |
|---|---|---|
| 1 | Дар қуттӣ 12-то себ, 8-то нок ва 10-то мандарин ҳаст. Агар хонандагон ҳар рӯз як мева хӯранд, чӣ гуна онҳоро тақсим кунанд, то ки ҳамаи меваҳо баробар истифода шаванд? | Хонандагон бояд ҳисоб кунанд ва гурӯҳҳоро баробар тақсим кунанд, имкониятҳои гуногунро баррасӣ кунанд. |
| 2 | Дар як хона 4 хонанда ҳаст. Сӯҳроб 5 сомонӣ дорад ва мехоҳад 2 намуди ширинӣ харад. Ба ҳар як хонанда чӣ қадар мерасад? | Ҳисобкунии тақсимотӣ ва муқоиса байни маблағ ва маҳсулот. |
| 3 | 15-то тасвирро аз рӯи шакл ва ранг тасниф кунед. | Хонандагон малакаи тасниф ва сохтани категорияҳоро истифода мебаранд. |
| 4 | Агар ҳар хонанда 3 дақиқа китоб хонад, барои хондани 15 дақиқа ҳамаи хонандагон чӣ қадар вақт сарф мекунанд? | Сабабу натиҷаро муайян мекунанд ва ҳисоб мекунанд. |
| 5 | 7 нафар ба бозӣ мебароянд ва мехоҳанд 3 дастгоҳро тақсим (ҷудо) кунанд. Чӣ гуна тақсимро ба роҳ монанд? | Хонандагон роҳҳои гуногуни тақсим ва ҳалли масъалаҳои ҳаётиро баррасӣ мекунанд. |

Синфҳои 7–8

| *№* | *Масъала* | *Шарҳи мантиқӣ* |
|---|---|---|
| 1 | Гурӯҳи хонандагон барои хариди 5 намуди маҳсулот маблағ ҷамъ карданд. Агар арзиши маҳсулот гуногун бошад, чӣ тавр бояд маблағ тақсим шавад? | Хонандагон роҳҳои тақсим ва ҳисобро интихоб ва далел медиҳанд. |
| 2 | Дар синф 28 хонанда ҳаст. 10 нафар варзиш мекунад, 12 нафар мусиқӣ ва 6 нафар ҳарду корро мекунад. Чанд нафар танҳо як фаъолият доранд? | Таҳлили маълумот ва сохтани диаграмма барои фаҳмидани фарқ. |
| 3 | Аз 50-то китоб 20-то адабиёти миллӣ, 15-то адабиёти ҷаҳонӣ ва 15-то адабиёти илмӣ. Китобҳоро аз рӯи жанр ва забон гурӯҳбандӣ кунед. | Малакаи тасниф ва сохтани категорияҳои умумӣ. |
| 4 | Агар мошин ҳар соат 60 км тай кунад, чанд вақт лозим аст, то 180 км тай кунад? | Сабабу натиҷа ва ҳисобкунии пайдарпайиро истифода мебаранд. |
| 5 | Ададҳои 10 то 40-ро ҷуфт ва тоқ ҷудо кунед ва фарқиятҳоро муайян кунед. | Ҳонандагон таҳлил ва исботи мантиқӣ мекунанд. |

3. Синфҳои 9–11

| *№* | *Масъала* | *Шарҳи мантиқӣ* |
|---|---|---|
| 1 | Гурӯҳи ҷавонон барои хариди маводди сохтмонӣ маблағи муайян доранд. Агар арзиши маводҳо фарқ кунад, чӣ гуна бояд маблағ тақсим карда шавад? | Таҳлил ва муқоиса, истифодаи роҳҳои гуногуни тақсим. |
| 2 | Дар мактаб 300 хонанда ҳаст. 40% духтарон ва 60% писарон. Агар 50 хонанда варзиш кунад, чӣ қадар писарон ва духтарон иштирок мекунанд? | Маълумотро таҳлил ва ҷадвал тартиб медиҳанд. |
| 3 | Хонандагон ба се гурӯҳи фаъолият ҷудо мешаванд: варзиш, санъат ва илм. Ҳар хонанда метавонад як ё якчанд гурӯҳро интихоб кунад. Ҳамаи имкониятҳоро тасниф ва ҳисоб кунед. | Малакаи умумӣ кардан ва тасниф. |
| 4 | Агар мошин ҳар соат 80 км масофа тай кунад, 4 соат роҳро тай мекунад, чӣ қадар масофа мегузарад? Агар суръат тағйир ёбад, чӣ қадар вақт лозим аст? | Сабабу натиҷа ва ҳисобкунии пайдарпайиро истифода мебаранд. |

| | | |
|---|---|---|
| 5 | Барои сохтани график ё диаграмма аз маълумоти таҳқиқоти мактабӣ, ҳамаи имкониятҳоро баррасӣ кунед ва сабабҳои интихоби худро исбот кунед. | Фикри мустақил, таҳлил ва ҳалли муаммоҳои мураккаб. |

Фардикунонии таълим маънои онро дорад, ки раванди таълим ба қобилиятҳо, шавқ ва эҳтиёҷоти ҳар як хонанда мутобиқ карда мешавад. Ин раванд имконият медиҳад, ки хонандагон ба таври фаъол ва эҷодӣ мушкилотро ҳал кунанд, малакаҳои мантиқиро такмил диҳанд ва малакаҳои шахсии омӯзиширо инкишоф диҳанд (Синфҳои 5–8) [1, с. 45].

| *№* | *Масъала* | *Ҳал ва шарҳи мантиқӣ* |
|---|---|---|
| 1 | Дар мактаб як синф 24 хонанда дорад. Агар 3/4 духтарон бошанд, чанд нафар писар ҳастанд? | 24 × 3/4 = 18 духтар; 24 – 18 = 6 писар |
| 2 | 5 хонанда метавонанд як чорабинии варзишӣ интихоб кунанд (футбол, баскетбол, волейбол). Чанд усул барои тақсим вуҷуд дорад? | Хонандагон роҳҳои гуногунро баррасӣ, тасвир ва хулоса мекунанд. |
| 3 | Нархи як китоб 25 сомонӣ. Агар хонанда 3 китоб харида, 20 сомонӣ кам дошта бошад, маблағи дошташ чанд сомонӣ буд? | 3 × 25 = 75; 75 – 20 = 55 сомонӣ |
| 4 | Синф ба ду гурӯҳ тақсим мешавад. Ҳар гурӯҳ бояд нақшҳои гуногуни як проектро иҷро кунад. Чӣ гуна тақсим беҳтар аст? | Хонандагон тарзи эҷодӣ ва мантиқии тақсимро пешниҳод мекунанд ва далел медиҳанд. |
| 5 | Дар қуттӣ 5 тӯб сурх, 3 сабз, 2 кабуд. Хонанда як тӯбро тасодуфан мебарорад. Ҳамон тӯб сабз шудан чӣ эҳтимол дорад? | 3/10 = 0,3 ё 30% |
| 6 | Нархи билет ба кинотеатр x сомонӣ, 3 билет харид, 10% тахфиф. Нархи умумӣ? | Формула истифода мешавад: 3 × x × 0,9 |
| 7 | Дар як шаҳрак ҳаҷми фурӯш дар 12 моҳ графикӣ оварда шудааст. Моҳҳои серфурӯш ва камфурӯш? | Хонандагон таҳлил, муқоиса ва хулосабарорӣ мекунанд. |
| 8 | Агар нархи маҳсулот сол ба сол 5% афзоиш ёбад, пас аз 3 сол нарх чанд мешавад? | Нархи аслӣ × $1,05^3$ |
| 9 | Дар мактаб 240 хонандагон ҳастанд. Муодилаи синфи 6 ба 5 = 4:3. Чанд хонанда дар синфи 6 ҳастанд? | 4 + 3 = 7 → 1 қисми = 240/7 ≈ 34; Хонандагони синфи 6 = 4 × 34 = 136 |
| 10 | Дар дӯкон нархи шоколад 25 сомонӣ, тахфифи 12%. Нархи ниҳоӣ? | 25 × 0,12 = 3; 25 – 3 = 22 сомонӣ |
| 11 | Дар қуттӣ шоколад ва конфет ба таносуби 3:5. Агар шоколад 120 дона бошад, чанд конфет? | 1 қисми = 120 / 3 = 40; Конфет = 40 × 5 = 200 |
| 12 | Сайёҳон 150 км масофаро дар 3 соат тай мекунанд. Чанд км дар 1 соат мераванд? | 150 / 3 = 50 км/соат |
| 13 | Нархи мол 80 сомонӣ, афзоиши 15%. Нархи ниҳоӣ? | 80 × 0,15 = 12; 80 + 12 = 92 сомонӣ |
| 14 | Муодилаи духтарон ба писарон 5:3, синф 32 хонанда. Духтарон ва писарон? | 5 + 3 = 8 → 1 қисми = 32/8 = 4; Духтарон = 5×4=20, Писарон =3×4=12 |
| 15 | Нархи китоби дарсӣ 60 сомонӣ, тахфифи 25%. Нархи ниҳоӣ? | 60 × 0,25=15; 60–15=45 сомонӣ |
| 16 | Шакар ва орд таносуби 3:7. Агар 210 г орд бошад, чанд шакар лозим? | 1 қисми = 210/7=30; Шакар = 3×30=90 г |

*Муҳиммияти мантиқ дар таълими математика*

Мантиқ ҳамчун илм ба хонандагон малакаи фикр кардани систематикӣ, дуруст ва ҳадафмандона меомӯзад. Ин малакаҳо барои рушди тафаккури мантиқӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳои математикӣ ва ҳаётӣ, ҳамчунин қобилияти баровардани хулосаҳои дуруст ва асоснок хеле муҳим мебошанд.

Мантиқ ба хонандагон имкон медиҳад, ки масъалаҳоро қадам ба қадам ва систематикӣ таҳлил кунанд, алоқамандӣ ва сабабҳои ҳодисаҳоро фаҳманд [8, с. 124].

Мисол математикӣ:

Дар як мактаб 120 хонанда ҳастанд. Агар 2/3 духтарон бошанд, чанд нафар духтар ва чанд нафар писар ҳастанд?

Ҳисоб: 120 × 2/3 = 80 духтар

Ҳисоб: 120 – 80 = 40 писар

Шарҳ: Хонандагон бояд алоқамандии миқдорҳо ва ҳисобҳоро дуруст баррасӣ кунанд, ки ин таҳлили систематикӣ ва мантиқиро талаб мекунад.

Мантиқ ба хонандагон нишон медиҳад, ки чӣ гуна аз маълумоти дода шуда хулосабарорӣ кунанд ва хулосаҳояшон дуруст ва асоснок бошанд.

Мисол: Агар ҳамаи квадратҳо чор кунҷ дошта бошанд ва фигура дорои чор кунҷ бошад, оё он квадрат аст?

Ҷавоб: Фигура метавонад квадрат бошад, аммо маълумоти бештар лозим аст, ки хулоса ҳатмӣ бошад.

Ҳалли масъалаҳо дар ҳаёти воқеӣ

Мисол: Агар як нӯшокӣ 1,5 литр об дошта бошад ва ҳар шиша 0,5 литрро ҷо гирад, чанд шиша пур мешавад?

Ҳисоб: 1,5 ÷ 0,5 = 3 шиша

Шарҳ: Хонанда бояд ададҳоро дуруст таҳлил кунад ва ба хулосаи дуруст расад.

Мантиқ ҳамчун фан асоси тафаккури систематикӣ ва таҳлилии хонандагон мебошад. Малакаҳои мантиқӣ ба онҳо кумак мекунанд, ки:

- масъалаҳоро таҳлил ва тасниф кунанд;
- аз маълумот хулосаҳои дуруст бароваранд;
- масъалаҳои ҳаётӣ ва математикӣ ҳал кунанд;
- фикрҳои худро ба тарзи мантиқӣ ва асоснок ифода намоянд.

Ҳамин малакаҳо на танҳо барои фанни математика, балки барои ҳаёти ҳаррӯза ва таҳсилоти минбаъда аҳаммияти калон доранд [15, с. 60].

Фанни математика ҳамчун воситаи фардикунонӣ барои ташаккули мантиқ муҳим аст, зеро он ба хонандагон имкон медиҳад, ки:

- равандҳои таҳлилу синтезро омӯзанд;
- робитаҳо ва муқаррариятҳоро дар объектҳо ва падидаҳо мушоҳида кунанд;
- малакаҳои хулосабарорӣ ва исботро дар амал татбиқ кунанд.

Мантиқ ҳамчун асоси фикрии систематикунонӣ ва таҳлилии хонандагон нақши муҳим дар таълими математика дорад. Омӯзиши мантиқ ба хонандагон малакаи дуруст ва қадам ба қадам фикр кардан, таҳлил ва таснифи маълумот, ҳамчунин баровардани хулосаҳои асоснокро меомӯзад. Ин малакаҳо на танҳо барои ҳалли масъалаҳои фаннӣ, балки барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ ва қабули қарорҳои дуруст дар ҳаёти рӯзмарра низ аҳаммияти калон доранд.

Математика ҳамчун воситаи фардикунонӣ имкон медиҳад, ки хонандагон равандҳои таҳлил, синтез ва хулосабарориро дар амал татбиқ кунанд, робитаҳо ва муқаррариятҳоро дар объектҳо ва падидаҳо мушоҳида намоянд ва малакаҳои мантиқиро такмил диҳанд. Ҳамин тариқ, омӯзиши мантиқ дар таълими математика на танҳо малакаҳои зеҳнӣ ва таҳлилӣ, балки қобилияти мустақилона фикр кардан, далел овардан ва қароргирии дурустро низ дар хонандагон рушд медиҳад [13, с. 39].

Бо ин васила, рушди малакаҳои мантиқӣ ва таҳлилии хонандагон тавассути фанни математика омода кардани онҳо барои таҳсилоти минбаъда, ҳаёти касбӣ ва иҷтимоӣ ва қабули қарорҳои оқилона ва асоснокро таъмин мекунад.

***Адабиёт***


1. *Аристотел. Органон. – Юнон 2001. – 320 с.*
2. *Ахмедов, Ш. Методикаи таълими математика дар мактабҳои миёна. — Душанбе: Дониш, 2018. — 256 с.*
3. *Адамар Ж. Исследование психологии процесса изобретения в области математики. – Нью-Йорк, 1945 – 320 с.*
4. *Bloom B.S. Taxonomy of educational goals: cognitive sphere. - New York, 1956. - 320 с.*
5. *Выготский Л.С. Психология развития ребенка. – Москва, 1984. – 375 с.*
6. *Галперин П.Я. Психология морального действия. – Москва, 1988 – 268 с.*
7. *Дьяченко Н.Ф. Развитие логического мышления у учащихся. – Москва, 2001. – 456 с.*
8. *Қодирова, М. Дидактикаи муосир: назария ва амалия. — Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. — 298 с.*
9. *Пиаже Ж. Мышление и духовное развитие. - Париж, 1970. – 232 с.*
10. *Поля Г. Как решить задачу: новые аспекты в математическом методе. - Принстон, 1945. - 344 с.*
11. *Поля Г. Математика и вероятностный анализ. - Принстон, 1954. – 234 с.*
12. *Сайфиддинов, Ҳ. Технологияҳои муосири таълим. — Душанбе: Ирфон, 2020. – 212 с.*
13. *Сухомлинский В.А. Сердце отдаю детям. – Москва: Просвещение, 1980. – 256 с.*
14. *Фролов В.В. Методы формирования логического мышления в школьной математике. – Санкт-Петербург, 2010. - 246 с .*
15. *Engelbrecht, J., Harding, A. Teaching and Learning Mathematics at the Tertiary Level. Springer, 2005. - 256 с.*


## РУШДИ ТАФАККУРИ МАНТИҚИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ФАРДИКУНОНИИ ТАЪЛИМИ ФАННИ МАТЕМАТИКА


Мақола ба таҳлили рушди тафаккури мантиқии хонандагон дар раванди фардикунони таълими фанни математика дар синфҳои 5–11 бахшида шудааст. Дар он муҳиммияти истифодаи усулҳои фардикунонӣ, ки ба ҳар хонанда имконият медиҳанд дар сатҳи худ фикр кунад, роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилотро интихоб кунад ва малакаҳои таҳлил, муқоиса, тасниф ва исботи далелро дар амал

истифода барад, равшан карда мешавад. Ҳангоми таҳияи мақола ба истифодаи масъалаҳои ҳаётӣ ва воқеии математикӣ аҳаммияти махсус дода шудааст, ки хонандагонро барои истифодаи донишҳои худ дар вазъиятҳои гуногуни ҳаёт омода мегардонад. Таъкид шудааст, ки рушди тафаккури мантиқӣ на танҳо барои омӯзиши фанҳои дақиқ, балки барои ташаккули фикри эҷодӣ, қобилияти қабули қарор ва ҳалли мустақилонаи мушкилот дар ҳаёти ҳаррӯза муҳим аст. Дар мақола усулҳо ва супоришҳои мушаххас барои ҳар синф пешниҳод шудаанд, ки фардикуниро дар синфҳои 5–6, 7–8 ва 9–11 таъмин мекунанд.

**Калидвожаҳо:** тафаккури мантиқӣ, фардикунони таълим, математика, ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ, муҳокима ва исбот, таҳлил ва муқоиса, тасниф ва умумӣ кардан.

## РАЗВИТИЕ ЛОГИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ИНДИВИДУАЛИЗАЦИИ ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКЕ

Статья посвящена анализу развития логического мышления учащихся в процессе индивидуализации обучения математике в 5–11 классах. В работе подчеркивается важность применения индивидуализированных методов, позволяющих каждому учащемуся мыслить на своём уровне, выбирать различные способы решения задач и применять навыки анализа, сравнения, классификации и доказательства на практике. Особое внимание уделено использованию жизненных и практических задач по математике, которые помогают учащимся применять знания в реальных жизненных ситуациях. Развитие логического мышления рассматривается не только как инструмент изучения точных наук, но и как основа формирования творческого мышления, способности к принятию решений и самостоятельному решению проблем. В статье представлены конкретные методы и задания для каждого класса, обеспечивающие индивидуализацию обучения в 5–6, 7–8 и 9–11 классах.

**Ключевые слова:** логическое мышление, индивидуализация обучения, математика, жизненные задачи, аргументация и доказательство, анализ и сравнение, классификация и обобщение.

## DEVELOPMENT OF LOGICAL THINKING IN STUDENTS IN THE PROCESS OF INDIVIDUALIZING MATHEMATICS INSTRUCTION

The article focuses on the development of students' logical thinking in the process of individualized mathematics education for grades 5–11. It emphasizes the importance of using individualized methods that allow each student to think at their own level, choose different ways of solving problems, and apply skills such as analysis, comparison, classification, and proof in practice. Special attention is given to the use of real-life and practical mathematical problems, which help students apply their knowledge in various everyday situations. The development of logical thinking is presented not only as a tool for learning exact sciences but also as a foundation for creative thinking, decision-making abilities, and independent problem-solving. The article provides specific methods and tasks for each grade, ensuring individualized learning in grades 5–6, 7–8, and 9–11.

**Keywords:** logical thinking, individualized education, mathematics, real-life problems, argumentation and proof, analysis and comparison, classification and generalization.

***Дар бораи муаллиф***
*Ҷонмирзоев Эраҷ*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
*Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф*
*734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15*
*E-mail: eraj1964@mail.ru*

***Об авторе***
*Джонмирзоев Эрадж*
*Кандидат педагогических наук, доцент*
*Республиканский иниститут повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования*
*734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нисара Мухаммада, 15*
*E-mail: eraj1964@mail.ru*

***About the author***
*Jonmirzoev Eraj*
*Candidate of Pedagogy, Associate Professor*
*Republican Institute of Advanced Training and Retraining of Education Workers*
*734024, Республика Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nisar Muhammad street, 15*
*E-mail: eraj1964@mail.ru*

ТДУ 511.41

# ОМӮЗИШИ ТАТБИҚИ НАЗАРИЯИ ҚИЁСШАВИҲО БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКА

***Диловари Б., Амонқулов Ҳ. Г.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
*Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар шаҳри Душанбе*

**Муқаддима.** Бо ёрии назарияи қиёсшавиҳо (муқоисаҳо) масъалаҳои гуногуни математикиро ҳал намудан мумкин аст. Чӣ хеле ки маълум аст, назарияи қиёсшавиҳо яке аз қисмҳои асосии назарияи ададҳо ба ҳисоб рафта, дар аксар масъалаҳои назарияи ададҳо ва умуман дигар масъалаҳои математика низ истифодаи васеъ дорад.

Дар ин мақола омӯзиши татбиқи назарияи қиёсшавиҳо ба баъзе масъалаҳои арифметикӣ, дида баромада шудааст.

Аввал мухтасар мафҳуми қиёсшавиҳоро баён мекунем.

**Таъриф.** Агар ду ададӣ бутуни $a$ ва $b$ −ро ба ададӣ натуралии $m$ тақсим кунем бақияҳои якхелаи $r$ мувофиқ ояд, он гоҳ онҳо аз рӯи модули $m$ баробарбақия ё ки аз рӯи модули $m$ қиёсшаванда номида мешаванд.

Аз рӯи модули $m$ қиёсшавандагии ададҳои $a$ ва $b$ чунин $a \equiv b(modm)$ навишта мешавад ва ин тавр хонда мешавад: “$a$ бо $b$ аз рӯи модули $m$ қиёсшаванда аст”. Агар

$$a \equiv b(mod\ m) \quad (1)$$

бошад он гоҳ:

1) фарқи $a - b$ ба $m$ тақсим мешавад ва баръакс, яъне фарқи $a - b$ ба $m$ тақсим шавад, қиёсшавии (1) иҷро мешавад.

2) $a = b + mt, t \in Z$ ва бараъкс, агар $a = b + mt, t \in Z$ бошад, он гоҳ қиёсшавии (1) иҷро мешавад.

Хосиятҳои қиёсшавиҳоро ва дигар маълумотҳоро оид ба назарияи қиёсшавиҳо дар адабиётҳои [1; 2; 3; 5; 6; 7; 8] ва татбиқи назарияи қиёсшавиҳоро аз адабиётҳои [2, с.201-206], [5, с.45-49], [8, с.147-159] дидан мумкин аст.

Акнун татбиқи назарияи қиёсшавиҳоро ба баъзе масъалаҳои арифметикӣ дида мебароем.

**I. Аломатҳои тақсимшавии ададҳо.** Бигузор ададҳои бутуни

ихтиёрии $N = \overline{a_n a_{n-1} \cdots a_2 a_1 a_0}$ ва $m > 1$ дода шуда, талаб карда шавад, ки бақияи хурдтаринии аз тақсим намудани ададӣ $N$ ба $m$ ёфта шавад.

Ададӣ $N$ −ро дар намуди зерин навиштан мумкин аст:

$$N = \overline{a_n a_{n-1} \cdots a_2 a_1 a_0} = a_n 10^n + a_{n-1} 10^{n-1} + \cdots + a_2 10^2 + a_1 10 + a_0 =$$
$$= a_0 + a_1 10 + a_2 10^2 + \cdots + a_{n-1} 10^{n-1} + a_n 10^n.$$

Бигузор, ададӣ $10^k$ аз рӯи модули $m$ ба синфи тафриқҳое, ки тафриқи хурдтарини ғайриманфии он ба $r_k$ баробар аст, таллуқ дошта бошад, он гоҳ қиёсшавии $10^k \equiv r_k(mod\ m), (k = \overline{0,n}), r_0 = 1$ ҷой дорад. Он гоҳ , ададӣ $N$ −ро чунин навиштан мумкин аст

$$N \equiv a_0 r_0 + a_1 r_1 + a_2 r_2 + \cdots + a_{n-1} r_{n-1} + a_n r_n (mod\ m). \quad (2)$$

Агар $R_m = a_0 r_0 + a_1 r_1 + a_2 r_2 + \cdots + a_{n-1} r_{n-1} + a_n r_n$ бошад, он гоҳ (2)−ро чунин навиштан мумкин аст: $N \equiv R_m (mod\ m)$. Ҳамин тавр, ададӣ $N$ аз рӯи модули $m$ бо ададӣ хурдтарин $R_m$ иваз карда шуд. Дар ин қиёсшавии охирон $R_m = 0$ бошад, ададӣ $N$ ба $m$ бе бақия тақсим мешавад, агар

$R_m \neq 0$ бошад, он гоҳ ададӣ $N$ −ро ба $m$ тақсим кунем, бақия ба $R_m$ баробар мешавад. Акнун баъзе ҳолатҳои хусусиро дида мебароем.

1. Бигузор $m = 9$ бошад, яъне аломати тақсимшавии дилхоҳ ададӣ

натуралиро ба 9, нишон медиҳем.

Ҳар ду тарафи қиёсшавии $10 \equiv 1(mod\ 9)$ −ро ба дараҷаи $k$ бардошта, ҳосил мекунем: $10^k \equiv 1(mod\ 9)$. Аз ин қиёсшавӣ маълум мегардад, ки

$r_k = 1$ барои ҳамаи $k = \overline{0,n}$ . Он гоҳ $R_9$ намуди зеринро доро мебошад:

$R_9 = a_0 + a_1 + a_2 + \cdots + a_{n-1} + a_n$ .

Аз ин ифода қоидае, ки ба мо маълум аст бармеояд, яъне ададӣ натуралии $N$ дар ҳамон ҳолат ба 9 тақсим мешавад, агар суммаи рақамҳои $N$ ба 9 тақсим шавад, яъне

$$N \equiv R_9 \equiv a_0 + a_1 + a_2 + \cdots + a_{n-1} + a_n \equiv 0(mod\ 9).$$

Азбаски, ададӣ 9 ба 3 тқсим мешавад, аз ин ҷо аломати тақсимшавии ададҳо ба 3 бармеояд, яъне ададӣ натуралии $N$ дар ҳамон ҳолат ба 3 тақсим мешавад, агар суммаи рақамҳои $N$ ба 3 тақсим шавад, яъне

$$N \equiv R_3 \equiv a_0 + a_1 + a_2 + \cdots + a_{n-1} + a_n \equiv 0(mod\,3).$$

**2.** Бигузор $m = 7$ бошад, яъне аломати тақсимшавии дилхоҳ ададӣ натуралии $N$ −ро ба ададӣ 7, нишон медиҳем.

Азбаски дуруст будани қиёсшавиҳои зерин аён аст, яъне

$10^0 \equiv 1(mod\,7), 10^1 \equiv 3(mod\,7), 10^2 \equiv 2(mod\,7), 10^3 \equiv -1(mod\,7),$

$10^4 \equiv -3(mod\,7), 10^5 \equiv -2(mod\,7), 10^6 \equiv 1(mod\,7), 10^7 \equiv 3(mod\,7),$

$10^8 \equiv 2(mod\,7), 10^9 \equiv -1(mod\,7), \ldots$ , он гоҳ ҳангоми $m = 7$ будан аз

$R_m = a_0r_0 + a_1r_1 + a_2r_2 + \cdots + a_{n-1}r_{n-1} + a_nr_n$ истифода бурда меёбем, ки

$$R_7 = \underbrace{a_0 + 3a_1 + 2a_2 - a_3 - 3a_4 - 2a_5} + \underbrace{a_6 + 3a_7 + 2a_8 - a_9 - 3a_{10} - 2a_{11}} + + \underbrace{a_{12} + \cdots}\ .$$

Пас, $N \equiv R_7 \equiv \underbrace{a_0 + 3a_1 + 2a_2 - a_3 - 3a_4 - 2a_5} + + \underbrace{a_6 + 3a_7 + 2a_8 - a_9 - 3a_{10} - 2a_{11}} + \underbrace{a_{12} + \cdots} \equiv 0(mod\,7)$ . (3)

**Мисол 1.** Аз аломати тақсимшавии ададҳо ба 7 истифода бурда, муайян кунед, ки ададӣ $N = 1797523$ , ба 7 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** Дар ин ҷо $a_0 = 3, a_1 = 2, a_2 = 5, a_3 = 7, a_4 = 9, a_5 = 7,$

$a_6 = 1$. Акнун аз формулаи (3) истифода бурда, меёбем:

$$R_7 = a_0 + 3a_1 + 2a_2 - a_3 - 3a_4 - 2a_5 + a_6 =$$

$$= 3 + 3 \cdot 2 + 2 \cdot 5 - 7 - 3 \cdot 9 - 2 \cdot 7 + 1 = -28 \equiv 0(mod\,7).$$

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ададӣ додашудаи $N = 1797523$ ба 7 бе бақия тақсим мешавад, дар ҳақиқат $1797523 = 7 \cdot 256789$.

**Мисол 2.** Аз аломати тақсимшавии ададҳо ба 7 истифода бурда, муайян кунед, ки ададӣ $N = 58419518$ , ба 7 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** Дар ин ҷо $a_0 = 8, a_1 = 1, a_2 = 5, a_3 = 9, a_4 = 1, a_5 = 4, a_6 = 8, a_7 = 5$. Акнун аз формулаи (3) истифода бурда, меёбем:

$$R_7 = a_0 + 3a_1 + 2a_2 - a_3 - 3a_4 - 2a_5 + a_6 + 3a_7 =$$

$$= 8 + 3 \cdot 1 + 2 \cdot 5 - 9 - 3 \cdot 1 - 2 \cdot 4 + 8 + 3 \cdot 5 = 24 \equiv 3(mod\,7) \not\equiv 0(mod\,7).$$

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ададӣ додашудаи $N = 58419518$ ба 7 тақсим намешавад, дар ҳақиқат $58419518 = 7 \cdot 8345645 + 3$.

**3.** Бигузор $m = 11$ бошад, яъне аломати тақсимшавии дилхоҳ ададӣ натуралии $N$ −ро ба ададӣ 11, нишон медиҳем.

Ҳар ду тарафи қиёсшавии $10 \equiv -1(mod\,11)$ ба дараҷаи $k = \overline{0,n}$ бардошта пайдо мекунем: $10^k \equiv (-1)^k(mod\,11)$. Ҳангоми $k = 0,1,2,3, \ldots$ будан меёбем: $10^0 \equiv 1(mod\,11)$, $10^1 \equiv -1(mod\,11), 10^2 \equiv 1(mod\,11), 10^3 \equiv -1(mod\,11), 10^4 \equiv 1(mod\,11), \ldots$ .

Акнун аз аз формулаи $R_m = a_0r_0 + a_1r_1 + a_2r_2 + \cdots + a_{n-1}r_{n-1} + a_nr_n$ истифода бурда меёбем, ки

$$R_{11} = a_0 - a_1 + a_2 - a_3 + a_4 - a_5 + a_6 - a_7 + a_8 - a_9 + a_{10} - a_{11} + \cdots =$$

$$= (a_0 + a_2 + a_4 + a_6 + a_8 + \cdots) - (a_1 + a_3 + a_5 + a_7 + a_9 + \cdots) \equiv$$

$$\equiv 0(mod\,11)\ .\ (4)$$

**Мисол 3.** Аз аломати тақсимшавии ададҳо ба 11 истифода бурда, муайян кунед, ки ададӣ $N = 79034153$, ба 11 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** Дар ин ҷо $a_0 = 3, a_1 = 5, a_2 = 1, a_3 = 4, a_4 = 3, a_5 = 0, a_6 = 9, a_7 = 7$. Акнун аз формулаи (4) истифода бурда, меёбем:

$$R_{11} = (a_0 + a_2 + a_4 + a_6 + a_8 + \cdots) - (a_1 + a_3 + a_5 + a_7 + a_9 + \cdots) =$$

$$= (3 + 1 + 3 + 9) - (5 + 4 + 0 + 7) = 16 - 16 = 0 \equiv 0(mod\,11).$$

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ададӣ додашудаи $N = 79034153$ ба 11 бе бақия тақсим мешавад, дар ҳақиқат $79034153 = 11 \cdot 7184923$.

**Мисол 4.** Аз аломати тақсимшавии ададҳо ба 11 истифода бурда, муайян кунед, ки ададӣ $N = 3568921$, ба 11 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** Дар ин ҷо $a_0 = 1, a_1 = 2, a_2 = 9, a_3 = 8, a_4 = 6, a_5 = 5, a_6 = 3$. Акнун аз формулаи (4) истифода бурда, меёбем:

$$R_{11} = (a_0 + a_2 + a_4 + a_6 + a_8 + \cdots) - (a_1 + a_3 + a_5 + a_7 + a_9 + \cdots) =$$

$$= (1 + 9 + 6 + 3) - (2 + 8 + 5) = 19 - 15 = 4 \not\equiv 0(mod\,11).$$

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки адади додашудаи $N = 3568921$ ба 11 тақсим намешавад, дар ҳақиқат $3568921 = 11 \cdot 3244457 + 4$.

**II. Тафтиши натиҷаи амали арифметикӣ бо ёрии адади 9.**

Маълум аст, ки қиёсшавии

$10^k \equiv 1(mod\ 9)$ (5)

барои $k = 0,1,2,\ldots$ будан ҷой дорад. Инчунин ҳар як адади

$N = a_n 10^n + a_{n-1}10^{n-1} + \cdots + a_1 10 + a_0$

бо адади $N_1 = a_n + a_{n-1} + \cdots + a_1 + a_0$ аз рӯи модули 9 қиёсшаванда аст, яъне $N \equiv N_1(mod\ 9)$. Дар ҳақиқат, аз (5) истифода бурда, ҳосил мекунем:

$$N = a_n 10^n + a_{n-1}10^{n-1} + \cdots + a_1 10 + a_0 \equiv$$
$$\equiv a_n \cdot 1 + a_{n-1} \cdot 1 + \cdots + a_1 \cdot 1 + a_0(mod\ 9) = N_1(mod\ 9).$$

Монанди ҳамин, агар $M = b_m 10^m + b_{m-1}10^{m-1} + \cdots + b_1 10 + b_0$ бошад, он гоҳ $M_1 = b_m + b_{m-1} + \cdots + b_1 + b_0$ ва дар ин ҷо ҳам $M \equiv M_1(mod\ 9)$

аст. Ҳамин тавр системаи қиёсшавиҳои

$$\begin{cases} N \equiv N_1(mod\ 9), \\ M \equiv M_1(mod\ 9) \end{cases} (6)$$

−ро пайдо мекунем. Аз хосиятҳои қиёсшавиҳо истифода бурда, аз (6) ҳосил мекунем: $N \pm M \equiv N_1 \pm M_1(mod\ 9)$.

Аз қиёсшавии охирон тасдиқоти зерин бармеояд:

*агар натиҷаи амалҳои ҷамъ ва тарҳи ададҳои M ва N дуруст бошад, он гоҳ сумма ва тарҳи ададҳои* $N_1$ ва $M_1$ *бо суммаи рақамҳои натиҷаи амалҳо, аз рӯи модули* 9 *қиёсшаванда мебошад.*

Ичунин боз аз хосиятҳои қиёсшавиҳо истифода бурда, аз (6) ҳосил мекунем: $N \cdot M \equiv N_1 \cdot M_1(mod\ 9)$.

Аз қиёсшавии охирон тасдиқоти зерин бармеояд:

*агар натиҷаи амали зарби ададҳои M ва N дуруст бошад, он гоҳ зарби ададҳои* $N_1$ ва $M_1$ *бо суммаи рақамҳои натиҷаи амали зарб, аз рӯи модули* 9 *қиёсшаванда мебошад.*

Акнун якчанд мисолҳоро дида мебароем.

**Мисоли 5.** Дурустӣ ва ё нодурустии амали ҷамъи ададҳои зеринро муайян мекунем: 371456 + 278096 = 649252.

**Ҳал.** Суммаи рақамҳои ҷамъшавандаи якум ба 26 баробар буда,

$26 \equiv 8(mod\ 9)$ ва суммаи рақамҳои ҷамъшавандаи дуюм бошад, ба 32 баробар буда, $32 \equiv 5(mod\ 9)$. Суммаи рақамҳои ҳосили ҷамъ бошад, ба 28 баробар буда, $28 \equiv 1(mod\ 9)$. Лекин, $8 + 5 = 13 \equiv 4 \not\equiv 1(mod\ 9)$ аст. Аз ҳамин сабаб ҳосили ҷамъи ёфташуда, яъне 649652 нодуруст аст. Дар ҳақиқат, 371456 + 278096 = 649552.

**Мисоли 6.** Дурустӣ ва ё нодурустии амали ҷамъи ададҳои зеринро муайян мекунем: 289456 + 2479041 = 2768497.

**Ҳал.** Суммаи рақамҳои ҷамъшавандаи якум ба 34 баробар буда,

$34 \equiv 7(mod\ 9)$ ва суммаи рақамҳои ҷамъшавандаи дуюм бошад, ба 27 баробар буда, $27 \equiv 0(mod\ 9)$. Суммаи рақамҳои ҳосили ҷамъ бошад ба 39 баробар буда, $43 \equiv 7(mod\ 9)$. Азбаски $7 + 0 = 7 \equiv 7(mod\ 9)$ аст, бинобар ин ҳосили ҷамъи ёфташуда, дуруст мебошад.

**Мисоли 7.** Бо ёрии модули 9 санҷед, ки ҳосили зарби зерин

73416 · 8539=626879224 дуруст аст ё не?

**Ҳал.** Суммаи рақамҳои зарбшавандаи якум ба 21 баробар буда, $21 \equiv 3(mod\ 9)$ ва суммаи рақамҳои зарбшавандаи дуюм ба 25 баробар буда, $25 \equiv 7(mod\ 9)$. Суммаи рақамҳои ҳосили зарб бошад ба 46 баробар буда, $46 \equiv 1(mod\ 9)$. Лекин, $3 \cdot 7 = 21 \equiv 3 \not\equiv 1(mod\ 9)$. Бинобар ин натиҷаи зарб нодуруст мебошад. Дар ҳақиқат, 73416 · 8539=626899224.

**Мисоли 8.** Бо ёрии модули 9 санҷед, ки ҳосили зарби зерин

659832 · 4314=2846515248 дуруст аст ё не?

**Ҳал.** Суммаи рақамҳои зарбшавандаи якум ба 33 баробар буда,

$33 \equiv 6(mod\ 9)$ ва суммаи рақамҳои зарбшавандаи дуюм ба 12 баробар буда, $12 \equiv 3(mod\ 9)$. Суммаи рақамҳои ҳосили зарб бошад ба 45 баробар буда, $45 \equiv 0(mod\ 9)$. Азбаски $6 \cdot 3 = 18 \equiv 0(mod\ 9)$ аст, пас,

натиҷаи зарб дуруст мебошад.

**III. Муайян намудани дарозии даври касрҳо, ҳангоми гузаштан аз касри одӣ ба даҳӣ**

Чӣ хеле, ки маълум аст, ҳангоми гузаштан аз касри одии ихтисорнашавандаи $\frac{a}{b}$, яъне $(a,b)=1$, ба касри даҳӣ, дар ҳосили тақсим касри даврии беохир пайдо мегардад.

Барои муайян намудани миқдори рақамҳои дар давр буда, ҳолатеро дида мебароем, ки агар махраҷи касри ихтисорнашавандаи $\frac{a}{b}$ зарбшавандаҳои ба ададҳои 2 ва 5 каратиро надошта бошад, яъне агар $(b,10)=1$. Дар ин ҳолат метавон гуфт, ки $a<b$, чунки ҳангоми касри нодурустро, яъне $a>b$ −ро ба даҳӣ гардонидан, аз он қисми бутунаш ҳатман ҷудо карда мешавад. Маълум аст, ки барои чунин каср сурат яке аз қиматҳои аз $b$ хурд ва бо $b$ байниҳамсодаро қабул мекунад, ки шумораи ингуна ададҳо ба $\varphi(b)$ баробар аст. Дар ин ҷо $\varphi(b)$ −функсияи Эйлер буда, бо формулаҳои зерин ҳисоб карда мешавад:

агар $b=p_1^{\alpha_1}p_2^{\alpha_2}\dots p_k^{\alpha_k}$ бошад, он гоҳ

$$\varphi(b)=b\left(1-\frac{1}{p_1}\right)\left(1-\frac{1}{p_2}\right)\dots\left(1-\frac{1}{p_k}\right),$$

$$\varphi(b)=a\left(p_1^{\alpha_1}-p_1^{\alpha_1-1}\right)\left(p_2^{\alpha_2}-p_2^{\alpha_2-1}\right)\dots\left(p_k^{\alpha_k}-p_k^{\alpha_k-1}\right) \text{ ва}$$

$$\varphi(p^{\alpha})=p^{\alpha}-p^{\alpha-1},\varphi(p)=p-1,$$

ки дар ин ҷо $p$ −ададӣ сода.

**Таъриф.** Нишондиҳандаи ададӣ бутуни $a$ аз рӯи модули $m$ гуфта, ҳамин хел ададӣ хурдтарини мусбати бутуни $P_m(a)$ −ро меноманд, ки қиёсшавии $10^{P_m(a)}\equiv 1(mod\,m)$ иҷро мегардад.

Агар $a=10$ бошад, қиёсшавии $10^{P_m(10)}\equiv 1(mod\,m)$ иҷро гардида, дар адабиётҳои [2,4,5,8] исбот карда шудааст, ки $P_m(10)$ тақсимкунандаҳои $\varphi(m)$ мебошад.

Барои муайян кардани дарозии даври касрҳои даҳӣ тасдиқоти зерин ҷой дорад.

***Теорема.*** *Бигузор касри дурусти $\frac{a}{b}$ дода шуда бошад, ки $a$ −ададӣ бутун, $b$ − ададӣ натуралӣ ва байниҳамсода бо ададҳои $a$ ва* 10 *бошад. Он гоҳ ҷудокунии касри $\frac{a}{b}$ ба касри даҳии беохир дорои $P_b(10)$ рақам дар давр мебошад.*

**Исбот.** Бигузор $P_b(10)=k$ бошад, он гоҳ қиёсшавии $10^k\equiv 1(mod\,b)$ барои $k=0,1,2,\dots$ иҷро мешавад. Аз рӯи теремаи тақсими бақиянок, баробарӣ ва нобаробарии $10a=bc_0+r_1, 0\le r_1<b$ ҷой дорад. Дар ин баробарӣ $(10a,b)=(b,r_1)=1$ мебошад, ки дар ин ҷо рамзи $(m,n)$ −КТУ ададҳои $m$ ва $n$ −ро нишон медиҳад. Бинобар он $r_1$ баробари нол шуда наметавонад, пас баробариҳои зеринро пайдо кардан мумкин аст:

$$\left.\begin{array}{l}10a=bc_0+r_1,\\ 10r_1=bc_1+r_2,\\ \dots\dots\dots\dots\dots\\ 10r_{k-1}=bc_{k-1}+r_k.\\ \dots\dots\dots\dots\dots\end{array}\right\},\ (7)$$

ки дар ин ҷо барои ҳамаи $i$ −ҳо

$$1\le r_i<b, 0\le c_i=\frac{10r_i-r_{i+1}}{b}<10\ (r_0=a),(r_i,b)=1.$$

Ҳар яки онҳоро мувофиқан бо $10b, 10^2b, \dots, 10^kb, \dots$ тақсим карда, ҳосил мекунем:

$$\frac{10a}{10b}=\frac{bc_0+r_1}{10b}\to\frac{a}{b}=\frac{c_0}{10}+\frac{r_1}{10b},$$

$$\frac{10r_1}{10^2b}=\frac{bc_1+r_2}{10^2b}\to\frac{r_1}{10b}=\frac{c_1}{10^2}+\frac{r_2}{10^2b},$$

$$\frac{10r_2}{10^3b}=\frac{bc_2+r_3}{10^3b}\to\frac{r_2}{10^2b}=\frac{c_2}{10^3}+\frac{r_3}{10^3b},$$

… … … … … … … … … … … … … … … … … … … … …

$$\frac{10r_{k-1}}{10^kb}=\frac{bc_{k-1}+r_k}{10^3b}\to\frac{r_{k-1}}{10^{k-1}b}=\frac{c_{k-1}}{10^k}+\frac{r_k}{10^kb}$$

… … … … … … … … … … … … … … … … … … … … …

Аз ин ҷо пайдо мекунем:

$$\frac{a}{b}=\frac{c_0}{10}+\frac{c_1}{10^2}+\frac{c_2}{10^3}+\dots+\frac{c_{k-1}}{10^k}+\frac{r_k}{10^kb}=\dots.\ (8)$$

Аз баробарии (8) ҳосил мекунем:

$$a\cdot 10^k=(c_0 10^{k-1}+c_1 10^{k-2}+\dots+c_{k-1})b+r_k,$$

ё ин ки $a \cdot 10^k \equiv r_k (mod\, b)$. Аз қиёсшавии $10^k \equiv 1 (mod\, b)$ истифода бурда, барои қиёсшавии охирон ҳосил мекунем: $a \equiv r_k (mod\, b)$. Азбаски,

$1 \le r_k < b, 1 \le a < b$, он гоҳ $r_k = a$. Баробар будани қиматҳои $r_k$ ва $a$ онро нишон медиҳад, ки баъди $k$ қадам баробариҳои (4) даврӣ такрор мешавад, яъне $c_{k+s} = c_s$ барои $s = 0,1,2, \dots$. Азбаски, ҳангоми $n \to \infty$

$$\frac{r_n}{10^n b} \to 0$$

аст, пас аз (8) ҷудокунии даврии адади $\frac{a}{b}$ – ро меёбем, яъне

$$\frac{a}{b} = \frac{c_0}{10} + \frac{c_1}{10^2} + \cdots + \frac{c_{k-1}}{10^k} + \frac{c_0}{10^{k+1}} + \frac{c_1}{10^{k+2}} + \cdots + \frac{c_{k-1}}{10^{2k}} + \cdots$$

ё кӯтоҳ

$$\frac{a}{b} = 0, (\overline{c_0 c_1 \dots c_{k-1}}).$$

Ин нишон медиҳад, ки кӯтоҳтарин дарозии даври касри $\frac{a}{b}$ ба $k$ баробар будааст. Дар ҳақиқат, агар

$$\frac{a}{b} = 0, (\overline{c_0 c_1 \dots c_{l-1}})$$

бошад, он гоҳ

$$\frac{a}{b} = \frac{c_0}{10} + \frac{c_1}{10^2} + \cdots + \frac{c_{l-1}}{10^l} + \frac{1}{10^l} \cdot \frac{a}{b}.$$

Аз ин ҷо

$a \cdot 10^l = (c_0 10^{l-1} + c_1 10^{l-2} + \cdots + c_{l-1}) b + a \equiv a (mod\, b)$.

Азбаски, $(a, b) = 1$, он гоҳ $10^l \equiv 1 (mod\, b)$. Аз қиёсшавиҳои $10^l \equiv 1 (mod\, b)$ ва $10^k \equiv 1 (mod\, b)$ бармеояд, ки $l = k$ будааст.

**Мисоли 9.** Миқдори рақамҳои дар давр будаи касри одии $\frac{7}{13}$ , ҳангоми ба касри даҳии беохир ҷудо кардани ин каср ёфта шавад.

**Ҳал.** Маълум, ки ададҳои 7 ва 13 байниҳамсодаанд, бинобар ин, мувофиқи теорема барои ҳалли ин масъала лозим аст, ки $P_{13}(10)$ ҳисоб намоем. Тақсимкунандаҳои адади $\varphi(13) = 12$ ин ададҳои 1, 2, 3, 4, 6, 12 мебошанд. Бо воситаи санҷиш боварӣ ҳосил кардан мумкин аст, ки дар байни ин ададҳо хурдтарин ададе, ки қиёсшавии $10^k \equiv 1 (mod\, b)$ –ро қаноат мекунонад ин адади 6 аст, яъне

$10^6 \equiv 1 (mod\, 13)$.

Пас, $P_{13}(10) = 6$ будааст. Бинобар ин ҷудокунии касри $\frac{7}{13}$ ба касри даҳии беохир дар давр дорои $P_{13}(10) = 6$ рақам мебошад. Дар ҳақиқат, $\frac{7}{13} = 0, (538461)$.

**Мисоли 10.** Миқдори рақамҳои даври касри одии $\frac{5}{37}$ мувофиқояндаро меёбем.

**Ҳал.** Аввало муайян мекунем, ки $\varphi(37) = 36$ аст. Адади $36 = 2^2 \cdot 3^2$ ба ададҳои 1, 2, 3, 4, 6, 9, 12, 18, 36 тақсим мешавад ва байни ин ададҳо хурдтарин ададе, ки қиёсшавии $10^k \equiv 1 (mod\, b)$ –ро қаноат мекунонад ин адади 3 аст, яъне $10^3 \equiv 1 (mod\, 37)$.

Пас, $P_{37}(10) = 3$ будааст. Бинобар ин ҷудокунии касри $\frac{5}{37}$ ба касри даҳии беохир дар давр дорои $P_{37}(10) = 3$ рақам мебошад. Дар ҳақиқат, $\frac{5}{37} = 0, (135)$.

Акнун қоидаҳои аломати тақсимшавии ададҳоро ба баъзе ададҳо бе исбот меорем.

**IV.** Аломати тақсимшавии адади $N$ ба адади 17.

Рақами охирони адади $N$ –ро ба 5 зарб зада, аз адади боқимонда тарҳ мекунем. Агар ҳосили фарқ ба 17 тақсим шавад, он гоҳ адади $N$ ҳам ба 17 тақсим мешавад. Агар адади $N$ калон бошад, ин ҳисобкунӣ такрор мешавад.

**Мисоли 11.** Аз қоидаи овардашуда истифода бурда санҷед, ки адади 956199 ба 17 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** $95619 - 45 = 95574$,

$9557 - 20 = 9537$,

$953 - 35 = 918$,

$91 - 40 = 51$.

Адади 51 ба 17 тақсим мешавад, пас адади додашуда 956199 низ ба 17 тақсим мешавад, яъне $956199 = 17 \cdot 56247$.

**Мисоли 12.** Аз қоидаи овардашуда истифода бурда санҷед, ки адади 67425 ба 17 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** $6742-25=6717, 671-35=636, 63-30=33.$

Адади 33 ба 17 тақсим намешавад, пас адади додашуда 67425 низ ба 17 тақсим намешавад, яъне $67425=17\cdot 3966+3.$

**V.** Аломати тақсимшавии адади $N$ ба адади 19.

Рақами охирони адади $N$ –ро ба 2 зарб зада, ба адади боқимонда ҷамъ мекунем. Агар ҳосили ҷамъ ба 19 тақсим шавад, он гоҳ адади $N$ ҳам ба 19 тақсим мешавад. Агар адади $N$ калон бошад, ин ҳисобкунӣ такрор мешавад.

**Мисоли 13.** Аз қоидаи овардашуда истифода бурда санҷед, ки адади 918688 ба 19 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** $91868+16=91884,$

$9188+8=9196,$

$$919+12=931,$$

$$93+2=95.$$

Адади 95 ба 19 тақсим мешавад, пас адади додашуда 918688 низ ба 19 тақсим мешавад, яъне $918688 = 19\cdot 48352.$

**Мисоли 14.** Аз қоидаи овардашуда истифода бурда санҷед, ки адади 89321 ба 19 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** $8932+2=8934, 893+8=901, 90+2=92.$

Адади 92 ба 19 тақсим намешавад, пас адади додашуда 89321 низ ба 19 тақсим намешавад, яъне $89321=19\cdot 4701+2.$

**VI.** Аломати тақсимшавии адади $N$ ба адади 23.

Рақами охирони адади $N$ –ро ба 7 зарб зада, ба адади боқимонда ҷамъ мекунем. Агар ҳосили ҷамъ ба 23 тақсим шавад, он гоҳ адади $N$ ҳам ба 23 тақсим мешавад. Агар адади $N$ калон бошад, ин ҳисобкунӣ такрор мешавад.

**Мисоли 15.** Аз қоидаи овардашуда истифода бурда санҷед, ки адади 679558 ба 23 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** $67955+56=68011,$

$6801+7=6808,$

$$680+56=736,$$

$$73+42=115.$$

Адади 115 ба 23 тақсим мешавад, пас адади додашуда 679558 низ ба 23 тақсим мешавад, яъне $679558 = 23\cdot 29546.$

**Мисоли 16.** Аз қоидаи овардашуда истифода бурда санҷед, ки адади 37591 ба 23 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** $3759+7=3766, 376+42=418, 41+56=97.$

Адади 97 ба 23 тақсим намешавад, пас адади додашуда 37591 низ ба 23 тақсим намешавад, яъне $37591=23\cdot 1634+9.$

**VII.** Аломати тақсимшавии адади $N$ ба адади 29.

Рақами охирони адади $N$ –ро ба 3 зарб зада, ба адади боқимонда ҷамъ мекунем. Агар ҳосили ҷамъ ба 29 тақсим шавад, он гоҳ адади $N$ ҳам ба 29 тақсим мешавад. Агар адади $N$ калон бошад, ин ҳисобкунӣ такрор мешавад.

**Мисоли 17.** Аз қоидаи овардашуда истифода бурда санҷед, ки адади 76966 ба 29 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** $7696+18=7714, 771+12=783, 78+9=87.$

Адади 87 ба 29 тақсим мешавад, пас адади додашуда 76966 низ ба 29 тақсим мешавад, яъне $76966 = 29\cdot 2654.$

**Мисоли 18.** Аз қоидаи овардашуда истифода бурда санҷед, ки адади 826711 ба 29 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** $82671+3=82674,$

$8267+12=8279,$

$$827+27=854,$$

$$85+12=97.$$

Адади 97 ба 29 тақсим намешавад, пас адади додашуда 826711 низ ба 29 тақсим намешавад, яъне $826711=29\cdot 28507+8.$

**VIII.** Аломати тақсимшавии адади $N$ ба адади 31.

Рақами охирони адади $N$ −ро ба 3 зарб зада, аз адади боқимонда тарҳ мекунем. Агар ҳосили фарқ ба 31 тақсим шавад, он гоҳ адади $N$ ҳам ба 31 тақсим мешавад. Агар адади $N$ калон бошад, ин ҳисобкунӣ такрор мешавад.

**Мисоли 19.** Аз қоидаи овардашуда истифода бурда санҷед, ки адади 678683 ба 31 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** $67868 - 9 = 67859,$

$6785 - 27 = 6758,$

$$675 - 24 = 651,$$

$$65 - 3 = 62.$$

Адади 62 ба 31 тақсим мешавад, пас адади додашуда 678683 низ ба 31 тақсим мешавад, яъне $678683 = 31 \cdot 21893.$

**Мисоли 20.** Аз қоидаи овардашуда истифода бурда санҷед, ки адади 37298 ба 31 тақсим мешавад ё не?

**Ҳал.** $3729 - 24 = 3705, 370 - 15 = 355, 35 - 15 = 20.$

Адади 20 ба 31 тақсим намешавад, пас адади додашуда 37298 низ ба 31 тақсим намешавад, яъне $37298 = 31 \cdot 1203 + 5.$

**Хулоса.** Дар баъзе ҳолатҳо муайян кардани тақсимшавии адади додашуда ба ин ё он адад бо аломатҳои тақсимшавиҳо на он қадар қулай бошад ҳам, аз тарафи дигар вуҷуд доштани ин гуна аломатҳои тақсимшавии ададҳоро нишон медиҳад.

***Адабиёт***


1. *Александров В.А., Горшенин С.М. Задачник – практикум по теории чисел.- Москва, Просвещение, 1972. – 80 с.*
2. *Бухштаб А.А. Теория чисел.- Москва:- Просвещение, 1966. - 508 с.*
3. *Виноградов И.М. Асосҳои назарияи ададҳо.- Душанбе, Маориф, 1990. – 207 с.*
4. *Воробьев Н.Н. Признаки делимости.- Москва: Наука , 1987. – 75 с.*
5. *Гребенча М.К. Теория чисел.- Москва: Учпедгиз, 1949. – 128 с.*
6. *Грибанов В.У., Титов П.И. Сборник упражнений по теории чисел.-Москва: Просвещение, 1964. – 142 с.*
7. *Кудреватов Г.А. Сборник задач по теории чисел.- Москва: Просвещение, 1970. – 126 с.*
8. *Маҳкамов М. Методикаи ҳалли масъалаҳои математика Душанбе, ДДОТ ба номи С Айнӣ. 2024-340 с.*
9. *Маҳкамов М. Раззоқов А. Бойматов К. Маҳфили математикони ҷавон. Нашри сеюм бо тағироти куллӣ Душанбе, Маориф, 2025 – 304 с.*
10. *Маҳкамов М. Бойматов К. Нуралиев Ё. Қодиров Н. Методикаи ҳалли масъалаҳои матнӣ дастури методӣ барои донишҷуён ва омӯзгорон – Душанбе, Маориф 2020. – 132 с.*
11. *Михелович Ш.Х. Теория чисел.-Москва: Высшая школа, 1967. – 336 с.*
12. *Степанов С.А. Сравнения.-Москва: Знание, 1975. – 60 с.*
13. *Чориев У., Олимов М.И. Корҳои санҷишӣ, мустақилона ва тавсияҳои методӣ аз алгебра ва назарияи ададҳо.- Душанбе, 2021. – 210 с.*


## ОМӮЗИШИ ТАТБИҚИ НАЗАРИЯИ ҚИЁСШАВИҲО БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКА


Назарияи қиёсшавиҳо дар фанни назарияи ададҳо яке аз мафҳумҳои асосии ин фан мебошад. Бо ёрии назарияи қиёсшавиҳо масъалаҳои гуногуни назарияи ададҳо ва умуман математика ҳал карда мешаванд. Масалан, ёфтани решаҳои ибтидоӣ аз рӯи модули сода ва мураккаб, символи Лежандр ва хосиятҳои он, ёфтани индексҳо аз рӯи модули сода ва мураккаб, символи Якоби ва дигар масъалаҳои назарияи ададҳо бе ёрии назарияи қиёсшавиҳо ҳал карда намешавад. Дар мақолаи мазкур аз назарияи қиёсшавиҳо (муқоисаҳо) истифода бурда, аломатҳои тақсимшавии ададҳо ба ададҳои 3, 7, 11, 17, 19, 23, 29, 31, тафтиши натиҷаи амали арифметикӣ бо ёрии адади 9, муайян намудани дарозии даври касрҳо, ҳангоми гузаштан аз касри одӣ ба даҳӣ бо мисолҳои мушаххас баён карда шудааст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар баъзе ҳолатҳо бо истифодаи назарияи қиёсшавиҳо масъалаҳои омӯхташаванда осон гардида, дар вақти ҳисобу китоб вақти зиёдеро талаб намекунад.



**Калидвожаҳо**: назарияи қиёсшавиҳо, математика, назарияи ададҳо, адади бутун, бақия, модул, татбиқи назарияи қиёсшавиҳо, аломатҳои тақсим, амали арифметикӣ.


## ОБУЧЕНИЕ ПРИМЕНЕНИЕ ТЕОРИИ СРАВНЕНИЙ К НЕКОТОРЫМ ЗАДАЧАМ МАТЕМАТИКИ


Теория сравнений в теории чисел является одним из основных понятий этой дисциплины. С помощью теории сравнений решаются различные задачи теории чисел и математики в целом. Например, нахождение первобразных корней по простым и составным модулям, символ Лежандра и его свойства, нахождение индексов по простым и составным модулям, символ Якоби и другие задачи теории чисел не могут быть решены без помощи теории сравнений. В данной статье, используя теорию сравнений, излагаются признаки делимости чисел на 3, 7, 11, 17, 19, 23, 29, 31, проверка

результатов арифметических операций с помощью числа 9, а также определение длины периода дробей при переходе от обыкновенной дроби к десятичной, с конкретными примерами. Следует отметить, что в некоторых случаях использование теории сравнений упрощает изучаемые задачи и не требует много времени при расчетах.

**Ключевые слова:** теория сравнений, математика, теория чисел, целые числа, остаток, модуль, применение теории сравнений, признаки делимости, арифметические операции.

## TEACHING THE APPLICATION OF COMPARATIVE THEORY TO SOME MATHEMATICAL PROBLEMS

Congruence theory in number theory is one of the fundamental concepts of this discipline. Congruence theory is used to solve various problems in number theory and mathematics in general. For example, finding primitive roots for prime and composite modules, the Legendre symbol and its properties, finding indices for prime and composite modules, the Jacobi symbol, and other problems in number theory cannot be solved without congruence theory. In this article, using the theory of comparisons, the signs of the divisibility of numbers into 3, 7, 11, 17, 19, 23, 29, 31, checking the results of arithmetic operations using the number 9, as well as determining the length of the period of fractions when switching from an ordinary fraction to a decimal, with specific examples. It should be noted that in some cases, the use of comparative theory simplifies the tasks being studied and does not require much time in calculations.

**Keywords:** theory of comparisons, mathematics, number theory, integers, remainder, modulus, application of the theory of comparisons, signs of divisibility, arithmetic operations.

***Дар бораи муаллифон***

*Диловари Бобомурод*
*Муаллими калони кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: dilovaribobomurod@gmail.com*

*Амонқулов Ҳусейн Гулмуродович*
*Муаллими калони кафедраи технологияи иттилоотӣ ва автоматикунонӣ*
*Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии "Донишкадаи пулод ва хӯлаҳои Москва" (МИСиС) дар шаҳри Душанбе*
*E-mail: amonkulov_huseyn@mail.ru*

***Об авторах***

*Диловари Бобомурод*
*Старший преподователь кафедры информационных и коммуникационных технологий Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: dilovaribobomurod@gmail.com*

*Амонкулов Хусейн Гулмуродович*
*Старший преподаватель кафедры «Информационны технологии и автоматизация»*
*Филиал Национального исследовательского технологического университета «Московского института стала и сплавов» (МИСиС) в городе Душанбе*
*E-mail: amonkulov_huseyn@mail.ru*

***About the authors***

*Dilovari Bobomurod*
*Senior lecturer of the Department of Information and communication technologies Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: dilovaribobomurod@gmail.com*

*Amonkulov Huseyin Gulmurodovich*
*Senior Lecturer, Department of Information Technology and Automation*
*Dushanbe Branch of the National University of Science and Technology, Moscow Institute of Steel and Alloys (MISiS)*
*E-mail: amonkulov_huseyn@mail.ru*

ТДУ 372.851:004

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН ҲАНГОМИ ТАЪЛИМИ АЛГЕБРА

***Бурҳонова Р. С.***
*Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ*

**Муқаддима.** Дар шароити рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ ва ворид гардидани технологияҳои рақамӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёт, низоми таҳсилот низ ба тағйироти ҷиддӣ ниёз дорад. Яке аз вазифаҳои муҳимми педагогикаи муосир на танҳо интиқоли дониш, балки рушди фаъолияти маърифатии хонандагон, ташаккули фикру тафаккури мантиқӣ ва қобилияти таҳлили мустақилонаи масъалаҳо ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари педагогика ва психологияи таълим, фаъолияти маърифатӣ ҳамчун раванди фаъолонаи дарк, таҳлил, муқоиса ва коркарди иттилоот арзёбӣ мегардад, ки он дар раванди омӯзиш нақши калидӣ мебозад.

**Методологияи таҳқиқот**. Дар раванди таҳқиқот маҷмуи методҳои назариявӣ ва амалӣ истифода гардиданд. Аз ҷумла, таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ ва методӣ оид ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар таълими математика, муқоиса ва ҷамъбасти назарияҳои мавҷуда, мушоҳидаи раванди таълими алгебра, таҳлили таҷрибаи истифодаи платформаҳои рақамӣ, аз қабили GeoGebra, Desmos ва LearningApps, инчунин методи таҳлил ва хулосабарорӣ истифода шуд. Ин методҳо имкон доданд, ки нақши технологияҳои рақамӣ дар рушди фаъолияти маърифатии хонандагон ҳангоми таълими алгебра муайян карда шавад.

**Муҳокима.** Дар ин раванд истифодаи технологияҳои рақамӣ имконият медиҳад, ки муҳити таълимӣ бештар интерактивӣ, визуалӣ ва таҳлилӣ гардад. Платформаҳои рақамӣ ба хонандагон шароит фароҳам меоранд, ки онҳо бо маълумот мустақилона кор кунанд, равандҳои математикӣ ва мантиқиро таҳлил намоянд ва робитаи байни мафҳумҳои назариявӣ ва ҳолатҳои амалӣ-ро дарк кунанд. Ин раванд ба рушди фикру тафаккури мантиқӣ, таҳлилӣ ва эҷодии хонандагон мусоидат намуда, онҳоро аз иштирокчии пассив ба субъекти фаъоли раванди таълим табдил медиҳад [2; 10].

Аз нигоҳи методикаи таълими математика, истифодаи муҳити рақамӣ имконият медиҳад, ки усулҳои фаъоли омӯзиш ба таври самаранок татбиқ карда шаванд. Машқҳои интерактивӣ, моделҳои рақамӣ ва симулятсияҳо ба хонандагон имконият медиҳанд, ки мафҳумҳои назариявиро тавассути таҷриба ва таҳлил дарк намоянд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи воситаҳои визуалӣ, аз ҷумла графикҳо, диаграммаҳо ва моделҳои интерактивӣ, фаҳмиши маводди таълимиро амиқтар намуда, малакаҳои таҳлилӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳоро рушд медиҳад [4].

Дар шароити таҳсилоти муосир, платформаҳои рақамӣ ба монанди GeoGebra, Desmos ва LearningApps имконият медиҳанд, ки мавзуъҳои алгебра ба таври интерактивӣ ва визуалӣ омӯзонда шаванд. Бо истифодаи ин воситаҳо хонандагон метавонанд таъсири тағйирёбии параметрҳоро дар графикҳои функсияҳо мушоҳида намоянд, системаҳои муодилаҳоро таҳлил кунанд ва робитаи байни қонунҳои математикӣ ва натиҷаҳои амалиро дарк намоянд [6]. Ин раванд на танҳо малакаҳои ҳисобиро такмил медиҳад, балки қобилияти моделсозӣ, таҳлил ва қабули қарорҳои мустақилонаро низ рушд медиҳад**.**

Ҳамзамон, муҳити рақамӣ барои ташкили омӯзиши мустақилона ва фаъолияти гурӯҳии хонандагон шароити мусоид фароҳам меорад. Е.С. Полат таъкид менамояд, ки «хонандагон метавонанд сатҳи донишҳои худро мустақилона санҷанд, хатогиҳоро таҳлил намоянд ва роҳи дурусти ҳалли масъалаҳоро муайян кунанд. Чунин раванд масъулият, мустақилият ва қобилияти идоракунии фаъолияти омӯзиширо дар хонандагон ташаккул медиҳад» [9]**.**

Ҳамин тариқ, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар раванди таълими алгебра ба баланд гардидани самаранокии омӯзиш ва рушди фаъолияти маърифатии хонандагон мусоидат мекунад. Муҳити рақамӣ имконият медиҳад, ки равандҳои таълим бештар интерактивӣ, таҳлилӣ ва ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон равона гарданд. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаи истифодаи технологияҳои рақамӣ дар рушди фаъолияти маърифатии хонандагон яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти педагогии муосир ба ҳисоб меравад.

Аз нуқтаи назари педагогика ва психологияи таълим, фаъолияти маърифатии хонандагон ҳамчун раванди фаъолонаи дарк, таҳлил ва коркарди дониш арзёбӣ мешавад. Мақсади асосии таълим дар педагогикаи муосир на танҳо интиқоли дониш, балки ташаккули қобилияти фикрронӣ, таҳлил ва истифодаи дониш дар ҳолатҳои гуногун мебошад. Дар ин раванд технологияҳои рақамӣ ҳамчун воситаи муҳимми методикӣ хизмат мекунанд, зеро онҳо муҳити интерактивӣ ва динамикиро фароҳам меоранд, ки фаъолияти зеҳнии хонандаро

фаъол мегардонад.Истифодаи платформаҳои рақамӣ дар раванди таълим имкон медиҳад, ки равандҳои маърифатӣ ба таври самаранок ташкил карда шаванд. Хонандагон дар муҳити рақамӣ имконият пайдо мекунанд, ки бо маълумот мустақилона кор кунанд, натиҷаҳои фаъолиятро таҳлил намоянд ва робитаҳои байни мафҳумҳои математикӣ ва ҳолатҳои воқеиро дарк кунанд. Чунин раванд ба рушди тафаккури мантиқӣ, таҳлилӣ ва эҷодӣ мусоидат намуда, хонандаро аз иштирокчии пассив ба субъекти фаъоли раванди омӯзиш табдил медиҳад.Аз ҷиҳати методикаи таълим, муҳити рақамӣ шароити мусоидро барои татбиқи усулҳои фаъоли омӯзиш фароҳам меорад. Машқҳои интерактивӣ, моделҳои рақамӣ ва симулятсияҳо ба хонандагон имконият медиҳанд, ки мафҳумҳои назариявиро тавассути таҷриба ва таҳлил дарк намоянд. Ин раванд на танҳо фаҳмиши маводро амиқтар мекунад, балки қобилияти таҳқиқотӣ, муқоисавӣ ва моделсозии хонандагонро низ рушд медиҳад.

Ҳамзамон, истифодаи технологияҳои рақамӣ ба рушди малакаҳои худомӯзӣ ва худназоратии хонандагон низ таъсири мусбат мерасонад. Хонандагон метавонанд сатҳи донишҳои худро мустақилона санҷанд, хатогиҳоро таҳлил намоянд ва роҳи дурусти ҳалли масъалаҳоро муайян кунанд. Ин раванд масъулияти шахсӣ, мустақилият ва қобилияти идоракунии фаъолияти омӯзиширо ташаккул медиҳад.Аз ин нуқтаи назар, татбиқи технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим ба баланд гардидани самаранокии омӯзиш ва рушди фаъолияти маърифатии хонандагон мусоидат мекунад. Муҳити рақамӣ имконият медиҳад, ки равандҳои таълим бештар интерактивӣ, таҳлилӣ ва ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон равона гарданд. Аз ин рӯ, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар педагогикаи муосир ҳамчун омили муҳим барои ташаккули фикру тафаккури мантиқӣ, рушди малакаҳои таҳлилӣ ва тайёр намудани хонандагон ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ арзёбӣ мегардад.

Равандҳои визуалӣ дар омӯзиши математика ва рушди фикру тафаккури таҳлилӣ ва истифодаи равандҳои визуалӣ дар омӯзиши математика яке аз унсурҳои муҳимми самаранокии таълим ба ҳисоб меравад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи графикҳо, диаграммаҳо, моделҳо ва муҳити рақамии интерактивӣ на танҳо фаҳмиши назариявиро осон мекунад, балки малакаҳои таҳлилӣ, фикру тафаккури мантиқӣ ва қобилияти ҳалли мушкилотро низ рушд медиҳад.

Визуализатсия имконият медиҳад, ки омӯзиши инфиродӣ ва гурӯҳӣ ҳамзамон ба роҳ монда шавад. Омӯзгор метавонад мисолҳои интерактивӣ ва машқҳои динамикӣ пешниҳод кунад, ки хонандагонро водор мекунад фикр кунанд, баҳс кунанд ва натиҷаҳоро бо ҳамсинфон мубодила намоянд. Ин раванд шавқу ҳавас ва мотивацияро афзоиш медиҳад ва малакаҳои ҳамкорӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин қобилияти ҳалли мустақилонаи мушкилоти мураккабро рушд медиҳад. В.А. Далингер ацида дорад, ки «Равандҳои визуалӣ дар омӯзиши математика як омил ва воситаи муассир барои фаҳмиши беҳтар, таҳлили воқеӣ ва рушди фикру тафаккури мантиқӣ мебошанд. Муҳити визуалӣ хонандаро водор мекунад, ки маълумот ва формулаҳоро пассивона қабул накунад, балки фаъолона таҳлил, моделсозӣ ва пайваст кардани назария бо амалияро иҷро кунад» [4, с. 150.]. Ин раванд ба ташаккули малакаҳои муосири математикӣ, таҳлили мустақилонаи мушкилот ва қабули қарорҳои дуруст мусоидат мекунад. Ҳамзамон, истифодаи платформаҳои рақамӣ ва визуализатсияи динамикӣ хонандаро барои омӯзиши фаъолона ва ҳамкорӣ водор менамояд, ки ин ба баланд бардоштани самаранокии таълим ва шавқу ҳаваси хонандагон дарс медиҳад

Педагогикаи муосир ва нақши технологияҳои рақамӣ дар таҳсилоти муосир дар замони муосир дигар тасаввурнопазир аст, агар истифодаи технологияҳои рақамӣ ва платформаҳои интерактивиро дар назар нагирем. Дар шароити афзоиши зудзудани маълумот ва мураккабии масъалаҳои иҷтимоӣ ва илмӣ, хонандагон бояд қобилияти таҳлил, моделсозӣ ва ҳалли мустақилонаи мушкилотро дошта бошанд. Дар ин замина, технологияҳои рақамӣ ҳамчун воситаи калидӣ барои ташаккули фикру тафаккури мантиқӣ ва малакаҳои амалии хонандагон хизмат мекунанд.

Истифодаи муҳити рақамӣ имкон медиҳад, ки равандҳои таълим на танҳо назариявӣ, балки визуалӣ, интерактивӣ ва динамикӣ ташкил шаванд. Омӯзгор метавонад мавзуъҳои алгебра ва дигар фанҳои дақиқро тавассути платформаҳои GeoGebra, Desmos ва LearningApps ҳамчун моделҳо ва машқҳои интерактивӣ пешниҳод намояд, ки хонандагон таъсири тағйироти параметрҳоро мустақиман мушоҳида ва таҳлил кунанд.Муҳити рақамӣ барои ташкили фаъолиятҳои гурӯҳӣ ва ҳамкорӣ низ мусоид аст. Омӯзгор метавонад мисолҳои интерактивӣ ва машқҳои динамикӣ пешниҳод кунад, ки хонандагонро водор менамояд фикр кунанд, баҳс кунанд ва натиҷаҳоро бо ҳамсинфон мубодила намоянд. Ин раванд на танҳо шавқу ҳавас ва мотивацияро афзоиш медиҳад, балки малакаҳои коммуникатсионӣ, ҳамкории гурӯҳӣ ва қобилияти ҳалли мушкилоти мураккабро низ рушд медиҳад [2, с. 84; 10, с. 112].

Хотираи хонандагон дар ин синну сол асосан тасвирӣ мебошад. Аз ин рӯ, истифодаи расмҳо, ашёҳои аёнӣ ва моделҳои математикӣ ба беҳтар дарк ва дар хотир нигоҳ доштани мавод кумак мерасонад. Бо мурури замон хотираи мантиқӣ рушд меёбад, ки барои ҳалли масъалаҳои мураккаб муҳим аст. Дар раванди таълими математика инчунин рушди худбаҳодиҳӣ муҳим мебошад. Хонанда бояд натиҷаи кори худро дарк кунад, хатогиҳоро бинад ва ислоҳ намояд. Ин ба ташаккули эътимод ба худ ва масъулиятнокӣ мусоидат мекунад.

Навъи асосии фаъолияти кӯдакон дар аввал бозӣ аст, вале тадриҷан фаъолияти таълимӣ бартарӣ пайдо мекунад. Аз ин рӯ, дарсҳои математика бояд бо унсурҳои бозӣ ва вазъиятҳои шавқовар ташкил карда шаванд, то гузариш аз бозӣ ба омӯзиш осон гардад.

Ҳавасмандӣ дар омӯзиши математика нақши муҳим дорад. Агар хонанда шавқу ҳавас надошта бошад, омӯзиш натиҷаи хуб намедиҳад. Аз ин рӯ, истифодаи мисолҳои ҳаётӣ (масалан, ҳисоб кардани пул, мева, масофа) метавонад шавқи хонандагонро зиёд намояд.

Тақрибан дар синни 9–10-солагӣ тафаккури интиқодӣ тадриҷан ташаккул меёбад. Дар ин давра хонанда метавонад ҷавобҳои худро таҳлил кунад ва роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳоро муқоиса намояд. Дар дарсҳои математика ин қобилият тавассути саволҳои проблемавӣ ва муҳокимаи роҳҳои ҳалли масъалаҳо инкишоф дода мешавад.

Дар маҷмуъ, хусусиятҳои синнусолии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд ҳангоми ташкили дарсҳои математика ба инобат гирифта шаванд, зеро онҳо заминаи асосии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, тафаккури мантиқӣ ва мустақилияти хонандагонро ташкил медиҳанд.

“Синни мактабии хурд — давраест, ки кӯдак меомӯзад меъёрҳои рафторро дарк кунад ва худро ҳамчун як қисми коллектив эҳсос намояд” [6, с. 123]. Гарчанде ки муошират бо ҳамсолон ҳанӯз фаъолияти асосӣ намешавад, аҳаммияти он босуръат меафзояд. То синфи чорум кӯдакон бештар «мо» мегӯянд, ки ба он ҳамсинфон ва омӯзгорро низ дохил мекунанд.

Дар ин давра робита бо омӯзгор аҳаммияти махсус дорад. “Агар муносибат бо омӯзгор хуб ба роҳ монда нашавад, ин метавонад ба ангеза ва муносибати умумӣ ба мактаб таъсир расонад” [12, с. 150]. Барои падару модарон муҳим аст, ки ба суханони кӯдак дар бораи омӯзгор диққат диҳанд ва дар ҳолати зарурӣ чора андешанд.

Дар раванди таълими математика рушди мустақилияти хонандагон аҳаммияти махсус дорад. Кӯдак бояд ба омодасозии мавод, интихоби роҳи ҳал ва иҷрои супоришҳо ҷалб карда шавад. Масалан, ҳангоми ҳалли мисолҳои одӣ (ҷамъ, тарҳ, муқоиса) кӯдак метавонад худ қадамҳои ҳалли масъаларо муайян кунад. Муҳим аст, ки кӯдак аз оғози дарс ҳадафи омӯзишро дарк намояд: ӯ бояд фаҳмад, ки имрӯз чӣ меомӯзад ва чӣ гуна ин дониш дар ҳалли масъалаҳои математикӣ истифода мешавад. Ин равиш ба ташаккули тафаккури мақсаднок ва мантиқӣ мусоидат мекунад. Дар охири ҳар дарс бояд хулоса бароварда шавад: чӣ омӯхта шуд, кадом масъалаҳо осон буданд ва кадомашон душвор. Ин амал ба рушди худтаҳлилкунӣ ва фикрронии зеҳнӣ мусоидат мекунад.

Истифодаи супоришҳои иловагӣ, аз ҷумла машқҳои рушди диққат, хотира ва тафаккур, дар таълими математика хеле муҳим мебошад. Бозиҳои математикӣ, масъалаҳои мантиқӣ ва супоришҳои шавқовар шавқи кӯдаконро ба омӯзиш зиёд мекунанд.

Дарсҳои математика бояд дар шакли бозӣ низ гузаронида шаванд, зеро кӯдакони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти бозигарона бештар майл доранд. Тавассути бозӣ онҳо осонтар ҳисоб кардан, муқоиса ва ҳалли масъалаҳоро меомӯзанд.

Вазифаи хонагӣ бояд қобили иҷро, ба мавзуи гузашта вобаста ва ҷолиб бошад. Масалан, масъалаҳои одии ҳаётӣ (ҳисоб кардани мева, бозичаҳо ё пул) ба таҳкими дониш мусоидат мекунанд.

Таҳсил дар мактаби ибтидоӣ пояи тамоми таҳсилоти минбаъда мебошад. Ҳар як кӯдак бо суръати худ рушд мекунад ва муваффақияти ӯ на танҳо ба қобилият, балки ба дастгирии оила ва муҳити таълимӣ вобаста аст. Дар замони муосир масъалаи таълими рушддиҳанда аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Хонандаи мактаби ибтидоӣ бояд на танҳо донишро азёд кунад, балки қобилияти фикрронӣ дошта бошад, то тавонад донишро дар амал истифода барад. Агар таълим танҳо ба азёдкунӣ асос ёбад, донишҳо сатҳӣ мемонанд, вале агар ба фикрронӣ такя кунад, онҳо устувор ва самаранок мегарданд.

“Омӯзиш бояд барои кӯдак фаҳмо, аёнӣ ва ба ҳаёт наздик бошад. Кӯдак беҳтар меомӯзад, вақте ки ӯ чизҳоро бо чашм мебинад, бо амал иҷро мекунад ва мустақилона фикр мекунад. Омӯзиш набояд танҳо азёдкунӣ бошад, балки бояд ба дарки маъно ва фаҳмиши амиқ асос ёбад. Дар таълим бояд аз ашёҳои аёнӣ, мисолҳои ҳаётӣ ва фаъолияти амалӣ истифода бурда шавад. Омӯзиш бояд ба кӯдак шодӣ оварад, на фишор, ва ӯ бояд эҳсос кунад, ки омӯзиш як раванди ҷолиб ва муфид аст” [7, с 155]. Ин андешаҳои Коменский бо таълими муосири математика дар синфҳои ибтидоӣ робитаи мустақим дорад. Зеро дар дарсҳои математика истифодаи ашёҳои аёнӣ (масалан, чӯбчаҳо, донаҳо, расмҳо ва моделҳо), инчунин масъалаҳои ҳаётӣ ба беҳтар фаҳмидани амалҳои математикӣ мусоидат мекунад. Ин равиш на танҳо азёдкуниро кам мекунад, балки тафаккури мантиқӣ ва қобилияти мустақилонаи ҳалли масъалаҳоро низ инкишоф медиҳад.

**Натиҷа.** Дастовардҳои ман нишон медиҳад, ки татбиқи дурусти усулҳои таълими рушддиҳанда дар дарсҳои математика ба баланд гардидани сифати дониш, рушди тафаккур ва омодагии хонандагон ба фаъолияти минбаъдаи таълимӣ ва ҳаётӣ мусоидат менамояд. Зеро хонанда тавассути истифодаи мисолҳои амалӣ, аз қабили ҳисобҳои марбут ба маблағ, меваю сабзавот, масофа ва масъалаҳои мантиқӣ, қобилияти фикрронӣ ва таҳлилро инкишоф медиҳад.Таваҷҷуҳ ба рушди зеҳнии хонандагон бо талаботи ҳаёти муосир вобастагии зич дорад. Ҳаёт пайваста дар назди инсон масъалаҳои нав мегузорад, ки ҳалли онҳо дониш ва тафаккури амикро талаб мекунад. Аз ин рӯ, новобаста аз тағйирёбии барномаҳои таълимӣ, ташаккули фарҳанги фаъолияти зеҳнӣ ҳамеша яке аз вазифаҳои асосии таълиму тарбия боқӣ мемонад.

«Муваффақияти рушди зеҳнӣ асосан дар раванди дарс таъмин мегардад” [13, с. 140]. Аз маҳорати омӯзгор вобаста аст, ки то чӣ андоза шавқу ҳаваси хонандагон, сатҳи дониш ва омодагии онҳо ба худомӯзӣ ташаккул меёбад». Аксари олимон бар он назаранд, ки рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва зеҳнӣ бе таълими проблемавӣ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, омӯзгорон бояд дарсро бо муносибати эҷодкорона ва ҷиддӣ ташкил намоянд, то хонандагон тавонанд мустақилона фикр карда, масъалаҳоро ҳал намоянд ва дар зеҳни онҳо мисолу масъалаҳо устувор ҷой гиранд.

Қобилиятҳои эҷодӣ тавассути фаъолияти фикрӣ амалӣ мегарданд. Асоси равонии ин раванд назарияи тафаккур ҳамчун раванди эҷодӣ мебошад, ки онро С.Л. Рубинштейн пешниҳод намудааст. Тафаккур дар рушди зеҳнии инсон нақши асосӣ дорад. Дар таҳқиқи масъалаи рушди зеҳнӣ олимони зиёде, аз ҷумла Н.А. Менчинская, П.Я. Гальперин, Н.Ф. Тализина, Т.В. Кудрявцев, Ю.К. Бабанский, И.Я. Лернер, М.И. Махмутов, А.М. Матюшкин ва И.С. Якиманская саҳми арзанда гузоштаанд. Гарчанде ин масъала дар адабиёти психолого-педагогӣ ба таври кофӣ баррасӣ шудааст, дар амалияи мактаб ба он ҳанӯз ҳам таваҷҷуҳи зарурӣ дода намешавад.

Системаи таълими рушддиҳанда ба рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, хоҳиши омӯзиш ва малакаҳои ҳамкории хонандагон равона шудааст. Дар синни мактабии хурд рушди зеҳн хеле босуръат сурат мегирад. Аммо бояд дар хотир дошт, ки қобилиятҳои зеҳнӣ танҳо дар фаъолияти фаъол ва амалӣ инкишоф меёбанд. На ҳар гуна фаъолият, балки танҳо фаъолияте, ки аз ҷиҳати маънавӣ ва эҳсосӣ ҷолиб аст, метавонад инкишофи қобилиятҳоро таъмин намояд. Аз ин рӯ, ҳар як омӯзгори пешрафта чунин мешуморад, ки омӯзиш бояд барои кӯдак шодӣ бошад, на танҳо вазифа. Аз ин рӯ, дарсҳо бояд дар сатҳи баланди шавқу ҳавас, фаъолият ва дар муҳити мусоид гузаранд.

Самаранокии рушди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз фаъолияти омӯзгор ва муносибати эҷодии ӯ вобаста аст. Вақте ки омӯзгор усулҳое истифода мебарад, ки равандҳои мураккаби маърифатиро фаъол месозанд ва фаъолияти мустақили хонандагонро ташвиқ мекунанд, натиҷаҳои таълим беҳтар мегарданд. Ташаккули тафаккури мустақилона яке аз вазифаҳои муҳимми педагогика мебошад. Маводди таълимӣ бояд хусусияти проблемавӣ дошта бошад. Супоришҳо бояд масъалаҳои фикриро дар бар гиранд. Барои омӯзгор ин масъалаҳо маълуманд, вале барои хонанда онҳо ҳамчун мушкилоти нав зоҳир мегарданд. Агар маводди таълимӣ барои хонанда душвор бошад ва ӯ барои ҳалли он омода набошад, омӯзгор бояд онро ба шакле пешниҳод намояд, ки барои дарки бевосита дастрас бошад.

**Хулоса.** Ҳамин тавр, рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ яке аз самтҳои муҳимми раванди таълим ба ҳисоб меравад. Таҳлили мавод нишон медиҳад, ки таълими математика имкониятҳои васеъ барои ташаккули тафаккури мантиқӣ, қобилияти таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст ва ҳалли мустақилонаи масъалаҳоро фароҳам меорад. Намуна:

**Супоришҳои мантиқӣ.**

**1. «Кадомаш зиёдатӣ аст?»**

Аз байни ададҳо якеро хориҷ кунед ва сабабашро фаҳмонед:

• 12, 18, 24, 30, 35
• 5, 10, 15, 20, 22
• 3, 6, 9, 12, 14

**2. Қаторро давом диҳед:**

• 2, 4, 6, 8, _ _ _ ,
• 5, 10, 15, 20, _ _ _,
• 1, 4, 9, 16, __, __ (фикр кунед чаро)

**3. «Кадом адад мавҷуд нест?»**

• 10, 20, _ , 40, 50
• 3, 6, _ , 12, 15
• 100, _ , 300, 400

**Масъалаҳои фикрронӣ**

**1.** Дар як қуттӣ 24 себ буд. Ба 3 кӯдак баробар тақсим карданд. Ҳар кӯдак чанд себ гирифт?

**2.** Дар синф 28 хонанда аст. 12 нафар духтаронанд. Писарон чанд нафаранд?

**3.** Як китоб 48 саҳифа дорад. Шогирд дар 3 рӯз ҳар рӯз 8 саҳифа хонд. Оё китобро тамом кард? Чӣ қадар саҳифа монд?

**4.** Модар 36 конфет дошт. Вай ба 4 фарзандаш баробар дод. Ҳар як фарзанд чанд конфет гирифт?

**Супоришҳои мантиқӣ ва эҷодӣ**

**1. «Рақамро ёбед».** Ман як адад фикр кардам:

• Он аз 20 калон аст
• Аз 30 хурд аст
• Ба 2 ва 5 тақсим мешавад. Ин адад кадом аст?

**2.** Се адад гир:

• Ҷамъи онҳо = 30
• Якеаш 10 аст
• Дуюмаш аз 10 калон аст. Се ададро ёб.

**3. «Масъалаи худатро соз»**

Бо истифодаи ададҳои 5, 10, 15 як масъала тартиб деҳ ва ҳал кун.

**Супоришҳои геометрӣ**

**1.** Кадом шакл зиёдатӣ аст?

• квадрат, росткунҷа, секунҷа, давра

**2.** Шаклҳоро давом деҳ:

• ○ ▲ ○ ▲ ○ _ _ _
• □ □ △ □ □ △ _ _ _

**3.** Дар расм 6 квадрат ва 4 секунҷа аст. Ҳамаи фигураҳо чандтоанд?

**Супоришҳои ҳаётӣ**

**1.** Саид 2 сомонӣ дошт, падар боз 3 сомонӣ дод. Ӯ чанд сомонӣ дорад?

**2.** Дар бозор 5 кг себ ва 3 кг нок хариданд. Ҳамагӣ чанд кг мева шуд?

**3.** Дар автобус 15 одам нишаст. Дар истгоҳ 5 нафар фуромаданд ва 3 нафар савор шуданд. Ҳоло чанд нафар аст?

**5. Бозии “Кӣ зудтар месозад?” (рақобатӣ). Супориш:**

• Аз 10 кубик **квадрат** соз
• Аз 12 чӯбча **секунҷаҳои хурд** соз
• Аз қоғаз **3 шакли гуногун бурида гир**. **Савол:** Кӣ бештар шакл сохт? Кадомаш душвортар буд?

**6. Машқи “Ҳисоб ва моделсозӣ”. Супориш:**

• 5 квадрат каш
• Ба ҳар квадрат 2 нуқта гузор
• Ҳама нуқтаҳоро ҳисоб кун. **Савол:** Ҳама чанд нуқта шуд? Агар квадрат 6 бошад, чӣ мешавад?

**7. Бозии “Шаклро ёбед ва табдил диҳед”. Супориш:**

• Аз квадрат → секунҷа соз (бо буридан ё кашидан)
• Аз росткунҷа → 2 квадрат соз
• Аз давра → чӣ сохтан мумкин?. **Савол:**

Оё ҳар шаклро ба дигар шакл табдил додан мумкин?

**8. Бозии гурӯҳӣ “Архитекторҳо”. Супориш:** Гурӯҳҳо:

• “Мактаб” месозанд
• “Боғ” месозанд

• “Мост” месозанд. Бо истифода аз:
• шаклҳои геометрӣ
• коғаз
• кубикҳо. **Савол:** Кадом гурӯҳ беҳтар сохт? Чаро ин шаклҳоро интихоб кардед?

**9. Бозии “Сохтани намуна (пурра кун)”. Супориш:**

Аз чӯбча ё шаклҳо чунин қаторро соз ва идома деҳ:

• ■ ● ■ ● ■ _ _ _
• ▲ ▲ ■ ▲ ▲ ■ _ _ _
• ○ ■ ■ ○ ■ ■ ○ _ _ _. **Савол:** Қоидаи қатор чист? Оё метавонӣ худат намуна созӣ?

**10. Машқи “Геометрияи пинҳон” Супориш:** Дар расм (ё дар синф) шаклҳоро ёб:
• 3 секунҷа
• 2 квадрат
• 1 давра. **Савол:** Кадом шакл бештар аст? Кадомаш камтар?

Самаранокии ин раванд пеш аз ҳама ба маҳорати омӯзгор, интихоби дурусти усулҳо ва шаклҳои таълим, инчунин ба ташкили муҳити мусоиди омӯзиш вобаста аст. Истифодаи супоришҳои проблемавӣ, машқҳои мантиқӣ, усулҳои интерактивӣ ва шаклҳои бозии таълимӣ ба фаъол гардидани фаъолияти маърифатии хонандагон мусоидат намуда, шавқу ҳаваси онҳоро ба омӯзиш зиёд мегардонад. Муҳим аст, ки раванди таълим на танҳо ба додани донишҳо, балки ба ташаккули қобилияти «омӯхтан», мустақилият ва эҷодкорӣ равона гардад. Танҳо дар ин сурат метавон заминаи устувори рушди зеҳнии кӯдакро гузошт. Дар натиҷа метавон гуфт, ки татбиқи дурусти усулҳои таълими рушддиҳанда дар дарсҳои математика ба баланд гардидани сифати дониш, рушди тафаккур ва омодагии хонандагон ба фаъолияти минбаъдаи таълимӣ ва ҳаётӣ мусоидат мекунад.

***Адабиёт***


1. *Абдурахмонов А. Педагогикаи мактаби ибтидоӣ. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 220 с.*
2. *Ашуров Х. Методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе: Маориф, 2015. – 198 с.*
3. *Богоявленский Д.Н., Менчинская Н.А. Психология усвоения знаний в школе. – М.: Педагогика, 1959. – 312 с.*
4. *Выготский Л.С. Мышление и речь. – М.: Педагогика, 1982. – 285 с.*
5. *Давыдов В.В. Проблемы развивающего обучения. – М.: Педагогика, 1986. – 367 с.*
6. *Занков Л.В. Обучение и развитие. – М.: Педагогика, 1975. – 198 с.*
7. *Коменский Я.А. Великая дидактика. – М.: Педагогика, 1982. – 320 с.*
8. *Крутецкий В.А. Психология математических способностей школьников. – М.: Просвещение, 1968. – 256 с.*
9. *Матюшкин А.М. Проблемные ситуации в мышлении и обучении. – М.: Педагогика, 1972. – 240 с.*
10. *Нуров С. Рушди тафаккури хонандагон дар раванди таълим. – Душанбе: Маориф, 2013. – 205 с.*
11. *Нуъмонов М. Моделсозии математикии масъалаҳои таълимӣ асоси фаъолияти тадқиқотии донишҷӯён. Паёми ДДОТ шумора: №3 (3). 2019 - 262–267 с.*
12. *Раҳимов Б. Асосҳои таълиму тарбия дар мактаби ибтидоӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 190 с.*
13. *Саидов М. Психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. – Душанбе: Дониш, 2010. – 210 с.*
14. *Ҳомидов А. Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ. – Душанбе: Маориф, 2016. – 220 с.*


## РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА


Дар мақола масъалаи рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика аз нуқтаи назари педагогикаи муосир ва психологияи синнусолӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таъкид мегардад, ки математика ҳамчун фанни асосии таълимӣ дорои имкониятҳои васеъ барои ташаккули тафаккури мантиқӣ, қобилияти таҳлил, муқоиса, гурӯҳбандӣ, абстраксия ва ҷамъбасткунии донишҳои хонандагон мебошад. Дар раванди тадқиқот нишон дода мешавад, ки истифодаи усулҳои таълими рушддиҳанда, супоришҳои проблемавӣ, машқҳои мантиқӣ ва шаклҳои фаъоли ташкили дарс ба баланд бардоштани сатҳи фаъолияти маърифатӣ ва зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад. Инчунин, нақши омӯзгор ҳамчун роҳбари раванди таълим, ташаккулдиҳандаи муҳити мусоиди омӯзиш ва ангезандаи фаъолияти мустақили хонандагон махсусан муҳим арзёбӣ мегардад. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар сурати дуруст ташкил намудани раванди таълим дар дарсҳои математика, на танҳо сатҳи дониш, балки қобилиятҳои фикрронӣ, эҷодкорӣ ва мустақилияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ низ ба таври назаррас рушд меёбанд.



**Калидвожаҳо:** таълими математика, мактаби ибтидоӣ, қобилиятҳои зеҳнӣ, тафаккури мантиқӣ, рушди зеҳн, омӯзиши рушддиҳанда, фаъолияти маърифатӣ.

## РАЗВИТИЕ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКЕ

В статье рассматривается проблема развития интеллектуальных способностей учащихся начальных классов в процессе обучения математике с позиций современной педагогики и возрастной психологии. Подчеркивается, что математика как базовый учебный предмет обладает широкими возможностями для формирования логического мышления, анализа, сравнения, классификации, абстрагирования и обобщения знаний учащихся. В ходе исследования показано, что использование развивающих методов обучения, проблемных заданий, логических упражнений и активных форм организации урока способствует повышению уровня познавательной активности и интеллектуального развития младших школьников. Особое внимание уделяется роли учителя как организатора учебного процесса, создателя благоприятной образовательной среды и стимулятора самостоятельной деятельности учащихся. Результаты анализа свидетельствуют о том, что при грамотной организации учебного процесса на уроках математики значительно развиваются не только знания, но и мыслительные способности, творческое мышление и самостоятельность учащихся начальных классов.

**Ключевые слова:** обучение математике, начальная школа, интеллектуальные способности, логическое мышление, развитие интеллекта, развивающее обучение, познавательная деятельность.

## DEVELOPMENT OF PRIMARY SCHOOL PUPILS' INTELLECTUAL ABILITIES IN THE PROCESS OF TEACHING MATHEMATICS

The article examines the development of intellectual abilities of primary school pupils in the process of teaching mathematics from the perspective of modern pedagogy and age-related psychology. It is emphasized that mathematics, as a core school subject, offers broad opportunities for developing logical thinking, analysis, comparison, classification, abstraction, and generalization of pupils' knowledge. The study shows that the use of developmental teaching methods, problem-based tasks, logical exercises, and active forms of lesson organization contributes to increasing pupils' cognitive activity and intellectual development. Special attention is paid to the teacher's role as an organizer of the educational process, a creator of a supportive learning environment, and a motivator of pupils' independent activity. The results of the analysis indicate that with proper organization of the educational process in mathematics lessons, not only knowledge levels but also thinking skills, creativity, and independence of primary school pupils are significantly developed.

**Keywords:** mathematics teaching, primary education, intellectual abilities, logical thinking, intellectual development, developmental learning, cognitive activity.

***Дар бораи муаллиф***
*Исмоилова Сабоҳат Иброҳимовна*
*Докторант (PhD) аз рӯи ихтисоси математика*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17*
*E-mail: isabohat668@gmail.com*

***Об авторе***
*Исмоилова Сабохат Иброхимовна*
*Докторант (PhD), специализация математики*
*Таджикский национальный университет*
*734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17*
*E-mail: isabohat668@gmail.com*

***About the author***
*Ismoilova Sabohat Ibrokhimovna*
*Doctoral (PhD), specializing in mathematics*
*Tajik National University*
*734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17*
*E-mail: isabohat668@gmail.com*

ТДУ 372.853(575.3)

# МЕТОДИКАИ ИСТИФОДАИ ОВЕЗАҲОИ ТАЪЛИМӢ ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ МАВЗУИ «ИНДУКСИЯИ ЭЛЕКТРОМАГНИТӢ» ДАР СИНФИ XI

***Умаров У. С., Раҷабов У. Х.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

**Муқаддима.** Дар раванди таълим овеза (плакат) ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми аёният маҳсуб меёбад, ки ба ташаккул додани тафаккури хонандагон равона шудааст. Принсипи аёният яке аз принсипҳои дидактика ба шумор меравад. Амалисозии ин принсип ба азхудкунии бошуурона ва мустаҳками маводди таълимӣ, рушди диққат, хотира, завқи эстетикӣ ва ташаккули малакаҳои амалӣ мусоидат менамояд. Ба андешаи муҳаққиқон [9] «таҳти мафҳуми аёният бояд умуман дарки эҳсосиро (ҳиссиро) фаҳмид. Истифодаи аёният дар пайвастагӣ бо суханони омӯзгор низомҳои якум ва дуюми сигналӣ (аломатӣ)-ро ба фаъолият меорад, ки ин боиси боз ҳам амиқтар азхуд намудани маводди таълимӣ мегардад» [9, с. 64].

Мо чунин андеша дорем, ки: «овезаҳо барои ба сохти асбобҳои мураккаб, намуди зоҳирӣ ва тарзи амали мошину иншооти техникӣ шинос намудани хонандагон хизмат мекунанд» [15, с. 197]. Дар таҷрибаи таълими муассисаҳои таҳсилоти миёёнаи умумӣ дастурҳои аёнии графикии деворӣ ва маводди тақсимотӣ ба таври густурда истифода мешаванд. Дар овезаҳо, одатан, расмҳое тасвир меёбанд, ки сохт ва принсипи амали асбобу таҷҳизоти техникиро ташреҳ намуда, намуди зоҳирии онҳоро намоиш медиҳанд. Ин имкон медиҳад, ки дар зеҳни хонандагон оид ба объектҳои омӯхташаванда тасаввуроти нисбатан мушаххас шакл гирад. Соли 2008 аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи овезаҳои таълимӣ аз фанни физика [16] омода гардида, ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дастрас карда шуд. Аксари онҳо бо ороиши ранга ва дар миқёси калон омода шудаанд, аз ин рӯ, хеле аёнӣ мебошанд. Ба андешаи мо, муҷаҳҳаз намудани кабинетҳои физика бо чунин овезаҳои таълимӣ барои баланд бардоштани сифати таҳсил зарур мебошад.

Истифодаи овезаҳои таълимӣ ҳангоми омӯзиши физика на танҳо як воситаи одии аёният, балки як механизми муҳимми ташаккули тафаккури илмӣ ва техникӣ ба шумор меравад. Аз нигоҳи дидактика ва психологияи таълим, аҳаммияти овезаҳоро дар асоси нуктаҳои илмии зерин асоснок кардан мумкин аст:

**1. Аёниятбахшии равандҳои абстрактӣ (ноаён)**

Физика бо ҳодисаҳое сарукор дорад, ки аксаран бо чашми одӣ дида намешаванд (масалан, хатҳои қуввагии майдони магнитӣ, ҳаракати электронҳо, индуксияи электромагнитӣ). Овеза ҳамчун **амсилаи визуалӣ** хидмат карда, ин равандҳои абстрактиро ба шакли мушаххас медарорад.

- **Асоси илмӣ:** мувофиқи принсипи аёнияти Коменский, иттилооте, ки тавассути биноӣ қабул мешавад, назар ба иттилооти шунавоӣ 90% бештар дар хотира нақш мебандад.

**2. Сарфаи вақти таълим ва ҳаҷми иттилоот**

Овеза имкон медиҳад, ки ҳаҷми калони маълумот (формулаҳо, графикҳо, нақшаҳо ва таърифҳо) дар як майдони маҳдуд ҷамъоварӣ карда шаванд. Ин ба омӯзгор имконият фарорҳам меорад, ки барои кашидани нақшаҳо дар тахтаи синф вақти зиёд сарф накарда, диққатро ба шарҳи моҳияти ҳодиса равона созад.

- **Асоси илмӣ:** овеза ба принсипи **ихчамсозии дониш** асос ёфта, сохтори мантиқии мавзуъро дар зеҳни хонанда мураттаб месозад.

**3. Ташаккули тафаккури низомманд (системавӣ)**

Овезаҳои муосир танҳо як расм нестанд, балки робитаи байни қонунҳои гуногунро нишон медиҳанд. Масалан, овеза оид ба қонуни Фарадей ҳамзамон таҷриба, формула ва татбиқи онро дар техника (генератор) нишон дода метавонад.

- **Асоси илмӣ:** ин метод ба хонанда кӯмак мекунад, ки физикаро на ҳамчун маҷмуи формулаҳои алоҳида, балки ҳамчун як **низоми воҳиди қонуниятҳо** дарк намояд.

**4. Истифодаи рамзҳо ва кодгузории иттилоот**

Дар физика истифодаи аломатҳои шартӣ (векторҳо, самти ҷараён, қутбҳои магнит) аҳаммияти калон дорад. Овезаҳо ба хонандагон кӯмак мекунанд, ки «забони графикии физика»-ро зудтар азхуд намоянд.

- **Асоси илмӣ:** ин раванд **функсияи семиотикии таълимро** иҷро карда, қобилияти

рамзкушоии иттилооти илмиро дар хонандагон ташаккул медиҳад.

**5. Таъсири эмотсионалӣ ва ҳавасмандгардонӣ**

Овезаҳое, ки дар онҳо таърихи кашфиёт ва чеҳраҳои олимон (масалан, Фарадей ё Нютон) тасвир ёфтаанд, ҷанбаи инсонии илмро нишон медиҳанд. Ин боиси пайдоиши шавқи маърифатӣ ва эҳтиром ба заҳмати олимон мегардад.

• **Асоси илмӣ:** мувофиқи психологияи педагогӣ, рангубор ва тарҳи дурусти овеза диққати иродавиро ба **диққати беихтиёр** табдил дода, хастагии зеҳниро кам мекунад.

**Хулосаҳои методӣ**

Барои он ки овеза самарабахш бошад, он бояд ба се талабот мувофиқат намояд:

1. **Илмӣ будан:** маълумот бояд дақиқ ва бехато бошад.
2. **Эстетикӣ будан:** рангҳо ва ҳуруфҳо бояд хоно ва ҷолиб бошанд.
3. **Интерактивӣ будан:** овеза набояд танҳо дар девор овезон бошад, балки омӯзгор бояд дар ҳар марҳилаи дарс (саволу ҷавоб, мустаҳкамкунӣ ва ғайра) ба он муроҷиат карда тавонад.

**Мавод ва усулҳо.** Оид ба методикаи истифодаи овезаҳои мазкур дар раванди таълими физика то ҳол ягон дастури мукаммали методӣ аз ҷониби омӯзгорон ё методистон таҳия нагардидааст. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки методикаи истифодаи онҳоро дар мисоли омӯзиши мавзуи “Ҳодисаи индуксияи электромагнитӣ” (синфи XI) мавриди коркард қарор диҳем.

Оид ба истифодаи овезаҳо зимни омӯзиши физика методистон А.И. Бугаев [1], Е.Н. Горячкин [3], П.А. Знаменский [4], А.В. Резников [12], А.В. Пёришкин [13], У.С. Умаров [15, 16] ва дигарон тадқиқоти арзишманд анҷом додаанд. Бояд қайд намуд, ки аксарияти ин адабиёт ба забони русӣ таълиф шуда, то ҳол ба забони тоҷикӣ пурра тарҷума нагардидаанд. Тадқиқоти мазкур метавонад ин холигоҳи ҷойдоштаро то андозае пур намуда, норасоии маводди методиро ба забони тоҷикӣ бартараф намояд.

Мавзуи «Ҳодисаи индуксияи электромагнитӣ» дар курси физикаи синфи XI яке аз бахшҳои асосии боби электродинамика ба шумор меравад. Мушкилии асосии таълими ин мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки раванди пайдоиши ҷараёни индуксионӣ хусусияти «ноаён» дорад. Бинобар ин, овезаҳои таълимӣ бояд на танҳо вазифаи аёният, балки нақши амсилаи визуалии равандҳои физикии «ноаён»-ро иҷро намуда, дарки моҳияти онҳоро барои хонандагон осон гардонанд.

Барои нишон додани аҳаммияти илмию амалии ин кашфиёти бузург ва шиносоии хонандагон бо рушди ғояҳои физикие, ки дар пешрафти техника (хусусан ихтирои генераторҳо) нақши калидӣ доранд, омӯхтани ҳаёту фаъолияти физикдони номдори англис Майкл Фарадей [5-7] хеле муфид ва бамавқеъ мебошад.

Яке аз марҳилаҳои муҳимми инқилоби илмӣ дар физикаи классикӣ бо номи Майкл Фарадей зич алоқаманд аст. Хонандагон аз курси таърихи синфи VIII оид ба табаддулоти саноатӣ дар Англия ва дар миёнаҳои асри XIX ба «устохонаи ҷаҳон» табдил ёфтани ин кишвар маълумоти кофӣ доранд. Маҳз дар ин давра, ки бо истифодаи густурдаи «муҳаррикҳои буғӣ» ва рушди босуръати металлургияву нақлиёт тавсиф меёбад, заминаҳои техникӣ барои кашфиёти нав дар соҳаи электродинамика фароҳам омаданд.

*Омӯзгор диққати хонандагонро ба тарафи чапи овеза, ки дар он ҷо расми олим, бо шарҳи мухтасари кашфиёташ оварда шудааст, ҷалб менамояд. Ин матнро омӯзгор метавонад ҳангоми истифодаи овезаи 1, ҳамчун муқаддимаи таърихӣ истифода кунад. Он ба хонандагон кӯмак мекунад, ки робитаи илмро бо пешрафти ҷомеа ва иқтисодиёт дарк намоянд.*

Майкл Фарадей боварии комил дошт, ки тамоми ҳодисаҳои табиат бо ҳам робитаи зич доранд ва як навъи «қувва» (энергия) метавонад ба навъи дигар табдил ёбад. Ин ақидаи ӯ, дар асли худ, ифодаи фалсафии қонуни бақои энергия буд. Маҳз ҳамин эътиқоди илмӣ ба Фарадей имкон дод, ки тӯли 10 сол роҳҳои аз магнетизм ҳосил кардани ҷараёни электриро ҷустуҷӯ намояд ва дар ниҳоят ба ҳадафи стратегии худ – «табдил додани магнетизм ба ҷараёни электрӣ» ноил гардад. Хонандагон аксар вақт чунин мепиндоранд, ки кашфиёти Фарадей тасодуфӣ ва сода буд: гӯё ӯ танҳо магнитро ба дохили ғалтак ворид карду ҷараёни электрӣ худ аз худ пайдо шуд. Чунин тасаввуроти содалавҳона моҳияти заҳмати даҳсола ва ҷустуҷӯҳои мураккаби илмии ин донишмандро комилан камранг месозад. Маҳз овезаи таълимӣ бояд «қадамҳои нобарорӣ» Фарадей ва занҷираи мантиқии таҷрибаҳои ӯро нишон диҳад, то хонанда дарк намояд, ки кашфиёт на тасодуф, балки натиҷаи тафаккури низомманд аст.

Дар он давра ба омӯзиши соҳаи магнетизм танҳо қадамҳои нахустин гузошта мешуд. Соли 1820 Х. Эрстед таъсири ҷараёни электриро ба ақрабаки магнитӣ кашф намуд. Дар ҳамон сол Д. Араго падидаи «магнитнокшавӣ тавассути ҷараён»-ро муайян кард. Робитаи мутақобилаи электр ва магнетизм комилан аён буд, аз ин рӯ, ғояи ҳосил кардани ҷараёни электрӣ аз ҳисоби магнетизм дар ҷомеаи илмӣ таваҷҷуҳи зиёдро ба худ ҷалб менамуд. Ин масъаларо як қатор олимон, аз ҷумла А. Ампер ва Ж. Колладон кӯшиш карданд, ки ҳал кунанд, вале ҷустуҷӯҳои онҳо бенатиҷа анҷом ёфтанд [2, с. 223].


Дар раванди таълим мувофиқи мақсад аст, ки хонандагон бо ғояи таҷрибаи нахустини М. Фарадей оид ба ҳосил кардани ҷараёни индуксионӣ дар ғалтаки сарбаста шинос карда шаванд. Ин раванд ҳангоми пайваст ва қатъ намудани ҷараёни электрӣ дар ғалтаки дуюме, ки нисбат ба аввалӣ беҳаракат аст, амалӣ мегардад. Дар ин маврид, ошкор намудани ҷараёни индуксионӣ тавассути галванометр, ҳамон тавре ки худи Фарадей анҷом дода буд, аҳаммияти калони омӯзанда дорад. Ночиз будани натиҷаи таҷриба ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар бораи шароитҳои душвори кашфиёт тасаввуроти воқеӣ пайдо намоянд (зеро Фарадей маҷбур буд ҳатто ноқилҳои изолятсияшударо бо дастони худ омода созад). Сипас, бо пайравӣ аз таърихи кашфиёт ва мантиқи мулоҳизаҳои олим, бори дигар пайдоиши ҷараёни индуксиониро ҳангоми ҳаракати ғалтакҳо нисбат ба ҳамдигар мушоҳида намудан зарур аст. Илова бар ин, намоиш додани усули истифодакардаи Фарадей ҷиҳати тақвияти падидаи мазкур мувофиқи мақсад аст. Олим бо наздик ва дур кардани ноқилҳо дар мувофиқа бо лаппишҳои ақрабак тавониста буд, ки таъсири ҷараёни индуксиониро ба таври назаррас афзун намояд [11, с. 6].

Дар охир Фарадей ба хулосаи сода, вале нобиғаона омад: агар шумораи хатҳои ноаёни магнитӣ, ки аз дохили контур мегузаранд, зиёд ё кам шавад, дар он ҷараён пайдо мешавад. Имрӯз мо мебинем, ки ин кашфиёт ҷаҳонро дигаргун кард. Чуноне ки Ҳелмҳолтс таъкид намудааст, «то даме ки инсоният аз имкониятҳои энергияи электрӣ истифода мебарад, номи Майкл Фарадей дар хотираи таърихии наслҳо бо миннатдории бепоён боқӣ хоҳад монд» [5, с. 439].

**Натиҷа.** Методикаи истифодаи овезаро дар марҳилаҳои дарс муоина мекунем.

**1. Лаҳзаи баёни мавзуи нав**

Омӯзгор таваҷҷуҳи хонандагонро ба таҷрибаи классикии олим ҷалб мекунад. Ин ҷо ба омӯзгор таъкид кардан лозим аст, ки ягон овеза ҷойи озмоиши ҳақиқиро гирифта наметавонад. Агар дар кабинети физика асбобу таҷҳозоти лозима барои гузаронидани таҷрибаи Фарадей набошанд, дар ин маврид омӯзгор албатта аз овезаи таълимӣ дар ҳамбастагӣ бо тахтаи электронӣ, ки дар он навори видеоии озмоиш нишон дода мешавад, самаранок истифода карда метавонад.



*Дар ин марҳила овеза бояд таҷрибаи классикии Майкл Фарадейро нишон диҳад. Омӯзгор овезаеро истифода мебарад, ки дар он ҳаракати магнит дар дохили ғалтак ва майлкунии ақрабаки галванометр тасвир ёфтааст. Тавсия: ба хонандагон нишон диҳед, ки ҷараёни индуксионӣ танҳо ҳангоми тағйирёбии сели магнитӣ (Ф) ҳосил мешавад. Овеза бояд фарқияти ҳолати оромӣ ва ҳаракатро равшан нишон диҳад.*

**Таҷрибан якум.** Дар расми 1 (*а*)-и овеза нишон дода шудааст, ки ҳангоми ба дохили ғалтаки бо галванометр пайвастбуда ворид кардани магнит, ақрабаки галванометр майл мекунад. Ин ҳолат аз пайдоиши ҷараёни индуксионӣ дар занҷири ғалтак шаҳодат медиҳад.

Ҷараёни индуксионӣ дар ноқил ҳамон ҳаракати ботартибонаи электронҳост, ки дар ҷараёни электрии тавассути элементи галванӣ ё аккумулятор ҳосилшаванда низ мушоҳида мегардад. Истилоҳи «индуксионӣ» танҳо ба сабаби ҳосилшавии он (яъне, тавассути индуксияи электромагнитӣ) ишора менамояд.

Ҳангоми аз ғалтак берун овардани магнит, дар галванометр боз майлкунии ақрабак мушоҳида мешавад, вале ин дафъа ба самти муқобил; ин аз пайдоиши ҷараёни самташ муқобил дар занҷири ғалтак шаҳодат медиҳад.

Ҳамин, ки ҳаракати нисбии магнит ва ғалтак қатъ мегардад, ҷараёни индуксионӣ низ аз байн меравад. Бинобар ин, ҷараёни индуксионӣ дар занҷир танҳо дар сурати ҳаракат кардани магнит нисбат ба ғалтак ҳосил мешавад.

Ин таҷрибаро метавон ба таври дигар низ гузаронид: агар ғалтакро ба магнити беҳаракат ворид ва ё аз он берун намоем, боз ҳам аён мегардад, ки ҳангоми ҳаракати ғалтак нисбат ба магнит дар занҷир ҷараёни индуксионӣ ҳосил мешавад [8, с. 40].

**Таҷрибаи дуюм.** Дар расми 2-и овеза (*ниг. ба овеза аз тарафи дасти рост ба боло*) ғалтаки А тасвир шудааст, ки ба занҷири манбаи ҷараён пайваст мебошад. Ин ғалтак дар дохили ғалтаки дигари С, ки бо галванометр пайваст аст, ҷойгир карда шудааст. Ҳангоми пайваст кардан ё кандани калиди занҷири электрии ғалтаки А, дар ғалтаки С ҷараёни индуксионӣ ҳосил мешавад.

Дар ғалтаки С ҷараёни индуксиониро, инчунин бо роҳи тағйир додани қувваи ҷараён дар ғалтаки А ва ё тавассути нисбат ба якдигар ба ҳаракат даровардани ин ғалтакҳо, ҳосил намудан мумкин аст.

«Ҳангоми пайваст кардани ҷараёни электрӣ, афзудани он ва ба ғалтаки калон ворид намудани ғалтаки хурд ақрабаки галванометр ба як тараф ва ҳангоми қатъ карданн ҷараён ё кам карданн он ва аз дохили ғалтаки калон баровардани ғалтаки хурд ба тарафи муқобил майл мекунад» [8, с. 40].

**Таҷрибаи сеюм.** Ғалтаки ноқилаш мулоими даҳҳо печакдоштаро дар назди магнит гузошта, онро ба галванометр пайваст мекунем (ниг. ба овеза, тарафи рост, баъд аз расми олим). Ҳангоми фишурдан ва дароз намудани ғалтак галванометр ҷараённ индуксионии самти муқобилдоштаро нишон медиҳад. Аз ин таҷрибаҳо Фарадей ба хулоса меояд, ки ҷараёни индуксионӣ ҳангоми печакҳои ғалтакро бурида гузаштани хатҳои магнитии шумораашон тағйирёбанда ҳосил мешавад.

Хатҳои магнитие, ки ягон сатҳро бурида мегузаранд, сели магнитиро ҳосил мекунанд. Дар таҷрибаҳои Фарадей ҷараёни индуксионӣ танҳо ҳангоми тағйирёбии сели магнитии печакҳои ғалтакро бурида гузаранда ҳосил мешавад.

Таҷрибаи дигареро анҷом медиҳем. Дар майдони магнитӣ рамкаи симпечи ҳамворро ҷойгир намуда, нӯгҳои онро ба галванометр пайваст мекунем (расми 5-и овеза). Ҳангоми чарх занонидани рамка, галванометр пайдоиши ҷараёни индуксиониро қайд менамояд. Инчунин, ҷараёни индуксионӣ дар ҳолате низ пайдо мешавад, ки агар дар наздикии рамка ва ё дар дохили он магнитро чарх занонем (расми 6-и овеза).

Дар тамоми таҷрибаҳои баррасишуда, ҷараёни индуксионӣ ҳангоми тағйирёбии сели магнитӣ, ки аз сатҳи иҳотакардаи ноқил мегузарад, ҳосил мешавад.

Барои ҳолатҳое, ки дар расмҳои 1 (*б, г*) ва 2 тасвир ёфтаанд, тағйирёбии сели магнитӣ аз ҳисоби тағйирёбии индуксияи майдони магнитӣ сурат гирифтааст. Дар ҳақиқат, ҳангоми ҳаракати нисбии магнит ва ғалтак (нигаред ба расми 1 (*б, г)*), ғалтак ба соҳаҳое ворид мешавад, ки дорои индуксияи магнитии зиёдтар ё камтар мебошанд (зеро майдони магнитии магнит якҷинса нест).

Ҳангоми пайваст кардан ва кандани калиди занҷири ғалтаки А, индуксияи майдони магнитии тавассути ин ғалтак тавлидшуда, аз ҳисоби тағйирёбии қувваи ҷараёни он дигаргун мешавад (расми 2-и овеза).

Ҳангоми чарх задани рамкаи симпеч дар майдони магнитӣ (нигаред ба расми 5-и овеза) ё чарх задани магнит нисбат ба рамка (нигаред ба расми 6-и овеза), сели магнитӣ аз ҳисоби тағйирёбии вазъияти ин рамка нисбат ба хатҳои индуксияи магнитӣ дигаргун мешавад.

Ҳамин тариқ, аз таҷрибаҳои Фарадей бармеояд, ки ҳангоми тағйирёбии сели магнитии сатҳи ноқили сарбастро бурида гузаранда, дар ноқил ҷараёни индуксионӣ ҳосил мешавад, ки дар тӯли вақти тағйирёбии сели индуксияи магиитӣ мавҷудияти худро нигоҳ медорад.

Кашфи ҳодисаи индуксияи электромагнитӣ ба қатори дастовардҳои барҷастатарини илм дар нимаи аввали асри XIX дохил мешавад. Он боиси пайдоиш ва рушди босуръати соҳаҳои электротехника ва радиотехника гардид. Ин кашфиёт робитаи мутақобилаи байни майдони электрӣ ва майдони магнитиро ба пуррагӣ муқаррар намуд. Принсипи амали генераторҳои ҷараёни электрӣ ва трансформаторҳо маҳз ба ҳодисаи индуксияи электромагнитӣ асос ёфтаанд.

Дар асоси ҳодисаи индуксияи электромагнитӣ генераторҳои пуриқтидори ҷараёни электрӣ сохта шуданд, ки дар коркарду такмили онҳо олимон ва муҳандисони кишварҳои гуногун ширкат варзидаанд. Дар байни онҳо Эмилий Христианович Ленс, Борис Семенович Якоби, Михаил Иосифович Доливо-Добровольский ва дигарон буданд, ки дар рушди соҳаи электротехника саҳми арзанда гузоштаанд. Маҳз дар асоси ин ҳодиса имрӯз тамоми генераторҳои неругоҳҳои барқӣ (аз ҷумла НБО-и Роғун ва Норак) ҷараёни электрӣ ҳосил мекунанд

**2. Марҳилаи таҳлили математикӣ ва назариявӣ**

Дар ин ҷо овезае лозим аст, ки Қонуни индуксияи электромагнитӣ ва Қоидаи Ленсро бо формулаҳо инъикос кунад.

Дар маркази овеза формулаи қонуни асосии ҚЭҲ-и индуксионӣ бояд намоён бошад:

$$\varepsilon_i = -\frac{\Delta\Phi}{\Delta t}$$

Дар овеза бояд самти ҷараёни индуксионӣ вобаста ба наздик ё дур шудани магнит возеҳ нишон дода шавад. Ин барои фаҳмидани Қоидаи Ленс муҳим аст.

**Муҳокима. 3. Мустаҳкамкунии мавзуъ**

Дар ин лаҳза овезаи саволдорро истифода мебарем.

Омӯзгор овезаеро нишон медиҳад, ки дар он танҳо самти ҳаракати магнит ва қутбҳои он дода шудаанд. Хонанда бояд дар тахта ва ё дафтараш самти ҷараёни индуксионии ҳосилшударо муайян кунад.

- Овезае, ки тасвири зичии хатҳои қуввагии майдони магнитиро таҷассум мекунад, барои фаҳмидани мафҳуми «суръати тағйирёбии сел» кӯмак мерасонад.

**Супоришҳои гурӯҳӣ** ба хонандагон пешниҳод карда мешаванд.

**Супориши 1.** Аз расми таҷрибаи Фарадей (ниг. ба овеза) истифода карда, ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:


- Дар кадом ҳолат акрабаки галванометр бештар майл мекунад: ҳангоми ба ғалтак оҳиста ворид намудани магнит ва ё тез ворид кардани он?
- Чаро ҳангоми дар дохили ғалтак беҳаракат мондани магнит, ҷараёни индуксионӣ ҳосил намешавад?

**Супориши 2.** Аз формулаи сели магнитӣ $\Phi = B\ S\ \cos\alpha$ истифода карда, ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

- Агар майдони магнитӣ (B) ду маротиба зиёд шавад, сели магнитӣ чӣ гуна тағйир меёбад?
- Дар овеза ҳолатеро нишон диҳед, ки кунҷи $\alpha = 90^0$ аст. Дар ин ҳолат сели магнитӣ ба чӣ баробар аст? Барои чӣ?

**Супориши 3.** Дар овеза нақшаи ҳаракати магнитро ба сӯйи ғалтак таҳлил намуда, ҳолатҳои зеринро шарҳ диҳед:

- «қутби ҷанубии магнит бо суръати муайян аз ҳалқаи металлӣ дур мешавад (ниг. ба расм). Самти ҷараёни индуксиониро дар ҳалқа муайян кунед» [14, с. 115].




- Ба дохили ғалтаки ба галванометр пайвастшуда як маротиба тез ва маротибаи дигар оҳиста магнит ворид карда шуд; а) Оё миқдори заряди тавассути ҷараёни индуксионӣ интиқолшаванда дар ҳар ду ҳолат якхелааст? б) Оё дар ҳар ду ҳолат кори қувваи даст, ки бар зидди қувваҳои электромагнитӣ ҳангоми ворид кардани магнит иҷро мешавад, якхела мебошад? [14, с. 118].

• Мувофиқи қоидаи Ленс фаҳмонед, ки чаро ҷараёни индуксионӣ ҳамеша кӯшиш мекунад, ки ба сабабгори пайдоиши худ (ҳаракати магнит) муқобилият нишон диҳад.

**Супориши 4.** Ба нақшаи генератори ҷараёни электрӣ, ки дар овеза тасвир шудааст, диққат диҳед:

• Кадом қисми генератор вазифаи тағйирдиҳандаи сели магнитиро иҷро мекунад?

• Дар ин дастгоҳ энергияи механикӣ ба кадом навъи энергия табдил меёбад?

*Ин супоришҳо хонандагонро водор месозанд, ки ба овеза на ҳамчун «сурат», балки ҳамчун «манбаи дониш» назар афкананд. Шумо метавонед синфро ба 4 гурӯҳ тақсим кунед ва ба ҳар гурӯҳ як супориш диҳед. Гурӯҳҳо бояд дар назди овезаи дахлдор истода, ҷавобро барои тамоми синф муаррифӣ намоянд. Ин ҷо на танҳо барои ҷавоби дуруст, балки барои қобилияти нишон додани қисмҳои зарурии дастгоҳ дар овеза баҳо гузошта мешавад.*

**Маслиҳат:** *Агар дар синф проектор дошта бошед, метавонед ин овезаҳоро ба таври анниматсионӣ нишон диҳед, ки ин фаҳмиши «Ҳодисаи индуксияи электромагнитӣ»-ро боз ҳам осонтар мекунад.*

**4. Татбиқи амалӣ.**

Барои хонандагони синфи XI муҳим аст, ки бинанд, ин ҳодиса дар куҷо татбиқи амалии худро ёфтааст истифода мешавад.

Дар овеза тасвири сохти генератор ё трансформатор муоина карда шуда, нишон дода мешавад, ки чӣ тавр энергияи механикӣ ба энергияи электрӣ табдил меёбад. Хонандагон бояд дар асоси овеза фаҳмонанд: кадом қисми генератор ҳаракат мекунад ва кадом қисми он «сели магнитӣ»-ро тағйир медиҳад, то ҷараёни электрӣ ҳосил шавад.

**Арзёбии дониш** тавассути тестҳо.

**1. Мувофиқи таҷрибаҳои Фарадей (расми 2-и овеза), ҷараёни индуксионӣ дар ғалтак танҳо вақте ба вуҷуд меояд, ки:**

А) Магнит дар дохили ғалтак беҳаракат бошад.

Б) Сели магнитии аз ғалтак гузаранда тағйир ёбад.

В) Ғалтак аз маводди диэлектрӣ сохта шуда бошад.

Г) Магнит хеле пуриқтидор бошад, новобаста аз ҳаракаташ.

**2. Агар тибқи расми 4-и овеза, кунҷи байни хатҳои индуксияи магнитӣ ва перпендикуляри ба сатҳ гузаронидашуда ($\alpha$) аз $0^0$ то $90^0$ зиёд шавад, сели магнитӣ:**

А) Зиёд мешавад.

Б) Тағйир намеёбад.

В) Кам мешавад (то сифр).

Г) Аввал кам шуда, сипас меафзояд.

**3. Аломати «минус» дар қонуни индуксияи электромагнитӣ чиро ифода мекунад?**

А) Қувваи ҷараёни индуксиониро.

Б) Самти ҷараёни индуксиониро.

В) Суръати ҳаракати магнитро.

Г) Миқдори заряди аз ноқил гузарандаро.

**4. Кадом дастгоҳи техникӣ (ниг. ба расми 5-и овеза) дар асоси ҳодисаи индуксияи электромагнитӣ амал мекунад?**

А) Реостат.

Б) Лампаи тафсон.

В) Генератори ҷараёни электрии тағйирёбанда.

Г) Аккумулятори сурбӣ.

**Тавсияи методӣ барои ҷамъбаст:** Пас аз анҷоми тест, тавсия дода мешавад, ки хонандагон бори дигар ба овезаи асосӣ нигоҳ кунанд. Аз онҳо пурсед: *«Кӣ метавонад дар асоси ин саволҳои тестӣ хулоса барорад, ки чаро бе индуксияи электромагнитӣ зиндагии имрӯзаамонро тасаввур кардан ғайриимкон аст?»* Ин савол тафаккури интиқодии онҳоро ташаккул медиҳад.

**Талабот ба овезаи «Индуксияи электромагнитӣ»**

1. Қутбҳои магнит (N ва S) ва хатҳои майдони магнитӣ бояд бо рангҳои гуногун (масалан, сурх ва кабуд) нишон дода шаванд.
2. Истифодаи тирчаҳо (стрелкаҳо) барои нишон додани самти ҳаракати магнит ва самти ҷараён ҳатмист.
3. Овеза набояд бо матни зиёд бор карда шавад; асос – расм, нақша ва формула.

**Тавсияҳои методӣ**

1. Овезаҳоро ба деворҳои кабинети физика наовезед. Онҳоро мувофиқи қадамҳои фақуззикр истифода кунед, то ки диққати хонандагон пароканда нашавад.

2. Аз гурӯҳи хонандагон хоҳиш кунед, ки назди овеза омада, бо нишондиҳак (указка) самти хатҳои магнитиро нишон диҳанд.

3. Аз тасвирҳои дар овеза таҷассумёфта истифода карда, таҷриба гузаронед ва онро шарҳ диҳед.

**Хулоса.** Хонандагони азиз, аз ин дарс шумо бояд як чизи асосиро дарк кунед: агар майдони магнитӣ тағйир ёбад, он ҳатман майдони электриро меофарад**.** Фарадей исбот кард, ки дар атрофи магнитҳо ва ноқилҳое, ки аз онҳо ҷараёни электрӣ мегузарад «чизи ноаёне» (ҳолати махсуси материя) – майдони магнитӣ мавҷуд аст. Мо инро танҳо вақте ҳис мекунем, ки он тағйир меёбад – маҳз ҳамин тағйирот боиси пайдоиши ҷараёни электрӣ мегардад.

***Адабиёт***


1. *Бугаев А.И. Методика преподавания физики в средней школе: Теоретические основы/ А.И. Бугаев. – М: Просвещение, 1981. - 288 с.*
2. *Буховцев Б.Б. Физика. Учебное пособие для 9 класса средней школы / Б.Б. Буховцев, Ю.Л. Климантович, Г.Я. Мякишев. – М.: Просвещение, 1982. – 272 с.*
3. *Горячкин Е.Н. Методика преподавания физики. Т.1. Общие вопросы методики физики /Е.Н. Горячкин. – М.: Просвещение, 1948. – 496 с.*
4. *Знаменский П.А. Методика преподавания физики / П.А. Знаменский. –Л., 1955. -552 с.*
5. *Кудрявцев П.С. История физики / П.С. Кудрявцев. -2-е изд., перераб и доп.. – Т. 2. – М.: Просвещение, 1956. – 486 с.*
6. *Кудрявцев П.С. Курс история физики / П.С. Кудрявцев. -М.: Просвещение, 1974. – 256 с.*
7. *Кудрявцев П.С. Фарадей / П.С. Кудрявцев. -М.: Просвещение, 1969. – 86 с.*
8. *Маҷидов Ҳ. Физика. Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми макотиби таҳсилоти умумӣ / Ҳ. Маҷидов, О. Нозимов. – Самара: Федоров, 2006. – 272 с.*
9. *Методика преподавания физики в 6-7 классах средней школы. Под ред. В.П. Орехова и А.В. Усовой. Изд. 3-е, перераб. – М.: Просвещение, 1976. – 384 с.*
10. *Методика преподавания физики в 8-10 классах средней школы. Ч.2 /В.П. Орехов, А.В. Усова, С.Е. Каменецкий и др.; Под ред. В.П. Орехова, А.В. Усовой. – М.: Просвещение, 1980. – 351 с.*
11. *Мякишев Г.Я. Физика (китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 11-уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ) / Г.Я. Мякишев, Б.Б. Буховсев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. – 368 с.*
12. *Основы методики преподавания физики. Общие вопроы. Под ред. Л.И. Резникова, А.В. Перышкина, П.А. Знаменского. – М.: Просвещение, 1965. – 374 с.*
13. *Перышкин А. В. Основы методики преподавания физики в средней школе / А.В. Перышкин. – М.: Просвещение, 1980. – 312 с.*
14. *Тульчинский М.Е. Качественные задачи по физике в средней школе. Пособие для учителей /М.Е. Тульчинский. – М.: Просвещение, 1972. – 240 с.*
15. *Умаров У.С. Методикаи таълими физика / У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов. –Душанбе: ДДОТ, 2025. – 560 с.*
16. *Умаров У.С. Овезаҳои (плакатҳои) таълимӣ аз физика барои синфҳои 7-11 / У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов. – Душанбе: Алиф, 2008. – 130 дона.*


## МЕТОДИКАИ ИСТИФОДАИ ОВЕЗАҲОИ ТАЪЛИМӢ ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ МАВЗУИ «ИНДУКСИЯИ ЭЛЕКТРОМАГНИТӢ» ДАР СИНФИ XI


Мақола ба методикаи истифодаи овезаҳои таълимӣ (плакатҳо) ҳангоми омӯзиши мавзуи «Индуксияи электромагнитӣ» дар синфи XI бахшида шудааст. Муаллифон аҳаммияти принсипи аёниятро дар ташаккули тафаккури системавии хонандагон асоснок намуда, овезаро на танҳо ҳамчун воситаи намоишӣ, балки ҳамчун амсилаи визуалии равандҳои физикии «ноаён» баррасӣ мекунанд. Дар мақола роҳҳои самарабахши ба кор бурдани овезаҳо дар марҳилаҳои гуногуни дарс, аз ҷумла баёни мавзуи нав, таҳлили таҷрибаҳои классикии М. Фарадей ва мустаҳкамкунии дониш тавассути супоришҳои гурӯҳӣ ва тестӣ пешниҳод шудаанд. Инчунин, ҷанбаҳои психологӣ ва дидактикии истифодаи аёнияти графикӣ дар таълими физика мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.



**Калидвожаҳо:** методикаи таълими физика, аёният, овеза, овезаи таълимӣ, индуксияи электромагнитӣ, тафаккур, галванометр, ҷараёни индуксионӣ, сели магнитӣ, супориш.


## МЕТОДИКА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ УЧЕБНЫХ ПЛАКАТОВ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ТЕМЫ «ЭЛЕКТРОМАГНИТНАЯ ИНДУКЦИЯ» В XI КЛАССЕ


Статья посвящена методике использования учебных плакатов при изучении темы «Электромагнитная индукция» в XI классе. Автори обосновывают значимость принципа наглядности в формировании системного мышления учащихся, рассматривая плакат не только как

демонстрационное средство, но и как визуальную модель «невидимых» физических процессов. В статье предложены эффективные способы применения плакатов на различных этапах урока: при изложении нового материала, анализе классических опытов М. Фарадея и закреплении знаний через групповые задания и тесты. Также анализируются психологические и дидактические аспекты использования графической наглядности в преподавании физики.

**Ключевые слова:** методика преподавания физики, наглядность, плакат, учебный плакат, электромагнитная индукция, мышление, гальванометр, индукционный ток, магнитный поток, задание.

## METHODS OF USING EDUCATIONAL POSTERS IN TEACHING "ELECTROMAGNETIC INDUCTION" IN GRADE XI

The article is devoted to the methodology of using educational posters when studying the topic «Electromagnetic Induction» in the 11th grade. The authors substantiate the significance of the principle of visual learning in the formation of students' systems thinking, considering the poster not only as a demonstration tool but also as a visual model of «invisible» physical processes. The article proposes effective ways to apply posters at various stages of the lesson: during the presentation of new material, the analysis of Michael Faraday's classical experiments, and the consolidation of knowledge through group assignments and tests. The psychological and didactic aspects of using graphic visualization in physics education are also analyzed.

**Keywords:** physics teaching methodology, visual learning, poster, educational poster, electromagnetic induction, thinking, galvanometer, induced current, magnetic flux, assignment.

***Дар бораи муаллифон***

*Умаров Умар Сулаймонович*
*Дотсенти кафедраи методикаи таълими физика*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: kurch66@mail.ru*

*Раҷабов Умед Хушвакович*
*Дотсенти кафедраи методикаи таълими физика*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: tgpu.mpf@mail.ru*

***Об авторах***

*Умаров Умар Сулаймонович*
*Доцент кафедры методики преподавания физики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: kurch66@mail.ru*

*Раджабов Умед Хушвакович*
*Доцент кафедры методики преподавания физики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: tgpu.mpf@mail.ru*

***About the authors***

*Umarov Umar Sulaymonovich*
*Docent of the Department of Physics Teaching Methods*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: kurch66@mail.ru*

*Rajabov Umed Khushvakovich*
*Docent of the Department of Physics Teaching Methods*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: tgpu.mpf@mail.ru*

ТДУ 372.853

# ФАЪОЛГАРДОНИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Алишери З., Муҳаббатов Х. Қ.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Замони муосир талаб менамояд, ки дар раванди омӯзиши фанҳои дақиқ, махсусан физика, ба ҷойи дарсҳои анъанавии омехта усул ва методҳои нави таълим мавриди истифода қарор дода шаванд. Аз ин рӯ, омӯзгорони имрӯзаро зарур аст, ки аз ин технологияҳои муосири педагогӣ самаранок истифода баранд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баъзе омӯзгорони дорои собиқаи тӯлонии корӣ ҳанӯз ҳам аз сохтори дарсҳои муқаррарӣ истифода мебаранд, ки дар методикаи таълим бо номи «дарсҳои омехта» маъруфанд. Дар шароити кунунӣ ин гуна дарсҳо маҳсулнокии баланд надошта, ба талаботи замони муосир пурра ҷавобгӯ буда наметавонанд. Аз ин рӯ, даст кашидан аз қолабҳои куҳнаи дарсгзарӣ ва гузариш ба усулҳои фаъоли таълим зарур мебошад. Методҳои нави таълим имкон медиҳанд, ки лаҳзаҳои дарс бо раванди ягонаи ташаккулёбии донишҳои нав ва санҷиши мустақилонаи маводҳои гузашта зич алоқаманд карда шаванд. Бо ин мақсад, дар раванди омӯзиши фанни физика истифодаи шаклу намудҳои гуногуни корҳои мустақилонаи хонандагон зарур ва саривақтӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси олии кишвар пайваста таъкид менамоянд, ки ҳукумати кишвар ба омӯзгорони ҷавони навовар, босавод ва соҳибкасб эҳтиёҷ дорад. Маҳз бо ҳамин мақсад, ҳамасола аз ҳисоби буҷети давлатӣ маоши вазифавии кормандони соҳаи маориф, аз ҷумла омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зиёд карда мешавад, то ки мутахассисони ҷавон дар ин ватани обод дилгармона кору фаъолият намуда, дар таълиму тарбияи насли наврас саҳми арзандаи худро гузоранд.

Махсусан, Пешвои миллат дар Паёми худ аз 23 декабри соли 2024 таъкид доштанд: «Мо рушди илму маорифро кафолати ояндаи дурахшони кишвар ва бақои давлат дониста, ба ин соҳаи ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамоем ва ғамхориро ба соҳаи маориф сармоягузорӣ ба ояндаи кишвар мешуморем». Дар ин раванд, роҳбари давлат даъват ба амал оварданд, ки ҷаҳонбинӣ ва маърифати хонандагон баланд бардошта шуда, таваҷҷуҳи онҳо ба соҳаи илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ бештар ҷалб карда шавад.

Дар натиҷаи таҳлили масъалаҳои зикршуда, мо ба хулосае омадем, ки дар омӯзиши фанни физика истифодаи усулҳои фаъоли таълим муҳим ва саривақтӣ мебошад. Бо ин мақсад, дар раванди омӯзиши мавзуъҳои гуногуни физикӣ пешниҳод намудани супоришҳои мустақилонаи гурӯҳӣ, инфиродӣ ва дастаҷамъона ба хонандагон натиҷаҳои дилхоҳ ба бор меорад.

«Ҳангоми истифодаи методҳои муосири таълими физика, ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон ба амалӣ гаштани мақсадҳои зерин нигаронида мешавад:

1. Мусаллаҳгардонии хонандагон бо донишҳое, ки ғояҳои асосии физикаи муосирро дар бар мегиранд;
2. Ташаккул додани тасаввурот дар бораи нақш ва мавқеи методҳои гуногуни фаъолгардонии раванди таълим дар курси ҳозираи физикаи мактабӣ;
3. Рушди маҳорати таҳлилию ҷамъбасткунии мафҳумҳои наве, ки ҳам дар китобҳои дарсӣ ва ҳам дар манбаъҳои иттилоотии беруназдарсӣ вомехӯранд;
4. Инкишофи тафаккури мантиқӣ, тасаввуроти фазоӣ ва маҳорати татбиқи донишҳои назариявии хонандагон дар иҷрои корҳои амалӣ» [6, с. 15].

Ба замони муосир мутобиқсозии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо ба азхудкунии донишҳои муайяни барномавӣ, балки ба инкишофи шахсият, қонеъгардонии талаботи маърифатӣ ва ташаккули қобилияти бунёдкории хонандагон нигаронида шудааст. Самаранок ба роҳ мондани таълими фанни физикаи мактабӣ дар шароити кунунӣ татбиқи усулҳои фаъолгардонии раванди таълимро тақозо менамояд. Хонандагон дар баробари азхудкунии қисми назариявӣ, инчунин қобилияти баланди ҳалли масъалаҳои физикиро доранд. «Барои ин, танҳо омӯзгори навовару донишманд лозим аст, ки аз методҳои гуногуни фаъолгардонии раванди таълим самаранок истифода бурда, сатҳи донишу қобилияти хонандагонро баланд бардорад» [10, с. 10].

«Кори мустақилонае, ки аз тарафи омӯзгор супорида мешавад, хонандагонро водор менамояд, ки маводҳои таълимиро бонизом (системавӣ) азхуд карда, унсурҳои асосиро аз онҳо ҷудо намоянд. Илова бар ин, дар ин раванд хонандагон донишҳои назариявии пештар гирифтаашонро дар амалия татбиқ намуда, онҳоро дар вазъиятҳои нави таълимӣ мавриди истифода қарор медиҳанд» [7, с. 35].

Барои тасдиқи ин гуфтаҳо, раванди мазкурро дар мисоли ҳалли масъалаҳои мушаххас аз курси физикаи мактабӣ дида мебароем.

1. Маълум аст, ки суръатҳои якум, дуюм ва сеюми кайҳонӣ мувофиқан ба 7,9км/с , 11,2км/с , 16,5км/с , баробаранд. Ин суръатҳоро бо (м/с) ва (км/ст) ифода намоед.

**Ҳал.** Пеш аз ҳалли масъалаи физикӣ, омӯзгорро зарур аст, ки аввал шарти масъала, яъне бузургиҳои маълум ва номаълумро дар шакли «Дода шудааст» ба хонандагон пешниҳод намояд. Танҳо пас аз таҳлили ҳамаҷонибаи шарти масъала ва табдили воҳидҳои андозагирӣ ба сиситемаи байналмилалӣ (СИ), таҳия ва пешкаш намудани раванди ҳалли он ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Д. ш. аст:**

$\vartheta_1 = 7{,}9\frac{\text{км}}{\text{с}} = 7{,}9 \cdot 10^3\frac{\text{м}}{\text{с}} = 7900\frac{\text{м}}{\text{с}} \cdot 3{,}6 = 28440\text{км/ст};$

$\vartheta_2 = 11{,}2\frac{\text{км}}{\text{с}} = 11{,}9 \cdot 10^3\frac{\text{м}}{\text{с}} = 11200\frac{\text{м}}{\text{с}} \cdot 3{,}6 = 40320\text{км/ст};$

$\vartheta_3 = 16{,}5\frac{\text{км}}{\text{с}} = 16{,}5 \cdot 10^3\frac{\text{м}}{\text{с}} = 16500\frac{\text{м}}{\text{с}} \cdot 3{,}6 = \frac{5940\text{км}}{\text{ст}}.$

Ҳангоми таҳлил ва ҳалли ин гуна масъалаҳо аз ҷониби омӯзгор, аз хонандагон таваҷҷуҳи хосса ва гӯш кардани бодиққат талаб карда мешавад. Ин амал имкон медиҳад, ки онҳо усулҳои ҳалли масъалаҳои навбатиро ба таври комил аз бар намоянд. Бо ин мақсад, дар зер намунаи масъалаи дигарро пешниҳод месозем

2. Велосипедрон дар 5ст 30дақ. масофаи 99км – ро тай кард. Суръати миёнаи ӯ чӣ қадар будааст.

**Д. ш. аст:**

$$\text{t} = 5\text{ст}30\text{дак.} = 5 \cdot 3600 + 30 \cdot 60 = 18000 + 1800 = 19800\text{с}.$$

$s = 99\text{км} = 99 \cdot 10^3\text{м}.$ ***Ҳал:*** $\vartheta_\text{м} = \frac{s}{t} = \frac{99 \cdot 10^3}{19800} = \frac{99 \cdot 10^3}{19{,}8 \cdot 10^3} = 5\text{м/с}$

$\vartheta_\text{м} = ?$

3. Суръати миёнаи ҳаракати лижасавореро ёбед, ки масофаи 20км – ро дар муддати 3ст тай кардааст?

**Д. ш. аст:**

$s = 20\text{км} = 20 \cdot 10^3 = 2 \cdot 10^4\text{м}$ **Ҳал:**

$$t = 3\text{ст} = 3 \cdot 3600\text{с} = 10800\text{с}\ \vartheta_\text{м} = \frac{s}{t} = \frac{2 \cdot 10^4}{10800} = 0{,}0001851\text{м/с} = 1{,}85\text{м/с}$$

$\vartheta_\text{м} = ?$

4. Муайян кунед, ки порчаи метали массаи 461,5г ва ҳаҷми 65см$^3$ дошта, кадом метал аст?

**Д. ш. аст**: **Ҳал:** $\rho = \frac{m}{v} = \frac{461{,}5 \cdot 10^{-3}\text{кг}}{65 \cdot 10^{-6}\text{м}^3} = 7{,}1 \cdot 10^3\frac{\text{кг}}{\text{м}^3};$

$m = 461{,}5\text{г} = 461{,}5 \cdot 10^{-3}\text{кг}$

$v = 65\text{см}^3 = 65 \cdot 10^{-6}\text{м}^3$ Ҷавоб: метал руҳ будааст.

$\rho = ?$

5. Массаи равғани растание, ки ҳаҷмаш 1 м$^3$-ро ташкил медиҳад, ба 920 кг баробар аст. Зичии равғани растаниро муайян кунед ва онро бо килограмм ба метри кубӣ (кг/м$^3$) ифода намоед.

**Д. ш. аст:Ҳал:**

$$v = 1\text{ м}^3\ \rho = \frac{m}{v} = \frac{920\text{ кг}}{1\text{ м}^3} = 920\frac{\text{кг}}{\text{м}^3}$$

$m = 920\text{кг}$

$\rho = ?$

6. Массаи ҳайвоноти гуногун - харгӯш, хирс, гург, каркадан ва фил мувофиқан ба 6кг, 400кг, 40кг, 2т ва 4т баробар аст. Ба ҳар кадоми онҳо чӣ қадарӣ қувваи вазнинӣ таъсир мекунад?

**Д. ш. аст:** **Ҳал:** $F_1 = m_1 g = 6 \cdot 10 = 60$ Н.

$m_1 = 6\text{кг}\ F_2 = m_2 g = 400 \cdot 10 = 4000\text{н} = 4\text{кН}.$

$m_2 = 400\text{кг}\ \ F_3 = m_3 g = 40 \cdot 10 = 400\text{н} = 0{,}4\text{кН}.$

$m_3 = 40$кг $F_4 = m_4 g = 2 \cdot 10^3 \cdot 10 = 2 \cdot 10^4$н $= 20$кН.

$m_4 = 2$т $= 2 \cdot 10^3$кг $F_5 = m_5 g = 4 \cdot 10^3 \cdot 10 = 4 \cdot 10^4$н $= 40$кН.

$\underline{m_5 = 4\text{т} = 4 \cdot 10^3\text{кг}}$

$F_1 - F_2 - F_3 - F_4 - F_5 - ?$

$g = 10\text{м/с}^2$

7. Керосине, ки ҳаҷмаш 18,75 литр аст, чӣ қадар вазн (Р) дорад?

**Д. ш. аст:** **Ҳал:** $\rho = \frac{m}{v}$; $m = \rho \cdot v = 800 \cdot 18{,}75 \cdot 10^{-3} =$

$v = 18{,}75\text{л} = 18{,}75 \cdot 10^{-3}\text{м}^3$; $= 15 \cdot 10^3 \cdot 10^{-3}\text{кг} = 15\text{кг}$ ;

$\underline{\rho = 800\,\frac{\text{кг}}{\text{м}^3}}$

Р=? Р= $mg = 15 \cdot 10 = 150\text{Н}$

8. Бензини ҳаҷмаш 25л чӣ қадар вазн дорад?

**Д. ш. аст:Ҳал:** $\rho = \frac{m}{v}$; $m = \rho \cdot v = 710 \cdot 25 \cdot 10^{-3} =$

$v = 25\text{л} = 25 \cdot 10^{-3}\text{м}^3$; $= 17750 \cdot 10^{-3}\text{кг} = 17{,}75\text{кг}$ ;

$\rho = 710\,\frac{\text{кг}}{\text{м}^3}$ Р= $mg = 17{,}75\text{кг} \cdot 9{,}8\text{м/с}^2 = 7395{,}95\text{Н}$

Р=? $g = 9{,}8\text{м/с}^2$

9. Дар нуги пружини овезон хиштчаи биринҷии андозаҳояш 10х4х5см – ро бастанд. Пружин бо чӣ гуна қувва кашида мешавад?

**Д. ш. аст**:

a=10см=0,1м **Ҳал:**

b=4см=0,04м V=a·b·c=0,1м·0,04м·0,05м=0,0002м$^3$

c=5см=0,05м $\rho = \frac{m}{v}$

g=9,8 м/с$^2$ m= $\rho \cdot v$ =8500кг/м$^3$·0,0002м$^3$=1,7кг

$\rho$=8500кг/м$^3$

F=?F=mg=1,7кг·9,8 м/с$^2$=16,66Н=17Н

10. Қандили дар шифти хона овехташуда ба шифт бо қувваи 49н. таъсир меоварад. Массаи қандил чӣ қадар аст?

**Д. ш. аст: Ҳал:**

$\underline{F = 49\text{Н}\ g = 9{,}8\text{м/с}^2\ F_\text{в} = m \cdot g}$

$m = ?\ m = \frac{F_\text{в}}{g} = \frac{49}{9{,}8} = 5\text{кг}$

11. Ба ҷисм қувваи вазнинии 329 Н таъсир меоварад. Массаи ҷисм чӣ қадар аст?

**Д. ш. аст: Ҳал:**

$F = 329\text{Н}\ g = 9{,}8\text{м/с}^2\ F_\text{в} = m \cdot g\ m = \frac{F_\text{в}}{g} = \frac{329}{9{,}8} = 33{,}57\text{кг} \approx 33{,}6\text{кг}$

$m = ?$

12. Вазни мототсикл 980 Н аст. Массаи мототсикл чӣ қадар аст?

**Д. ш. аст**: **Ҳал:**

$F = 980\text{Н}$

$g = 9{,}8\text{м/с}^2\ F_\text{в} = m \cdot g;\ m = \frac{F_\text{в}}{g} = \frac{980}{9{,}8} = 100\text{кг}$

$m = ?$

Ҳангоми ингуна ҳал намудани масъалаҳо аз ҷониби омӯзгор ба хонандагон барои пурсамар гузаронидани машғулиятҳои мустақилона бояд омӯзгор ба хонандагонн маводҳои ёрирасонро пешниҳод намояд. Ин маводҳо самараноки машғулиятҳои мустақилона бо роҳбарии устод таъмин менамояд. Бо ин мақсад, масъалаҳоро дар шаклҳои гуногун ҳангоми фаъолгардони раванди таълим дар омӯзиши курси физикаи мактабӣ пешниҳод менамоем.

***Варианти 1. Супориши гурӯҳии хонандагон***

1. Қатора муддати 3с ба суръати 72км/ст ҳаракати мунтазам кард. Дар ин муддат қатора чӣ қадар роҳ рафтааст?

Ҷавоб: 60 м.

2. Аҳмад дар дарё танҳо бо ҷараёни об равон аст. Суръати ҷараёни обро 0,5м/с гирифта ёбед, ки Аҳмад масофаи 15км – ро дар чанд вақт шино мекунад.

Ҷавоб: 8ст 20дақ.

3. Трактор дар 5с аввал масофи 600м – ро паймуд. Гӯед, ки агар трактор бо ҳамон суръат ним соат ҳаракат кунад, чӣ қадар роҳро мепаймояд?

Ҷавоб: 3600м.

4. Ғилофки металӣ массаи 3,9кг ва ҳаҷми 500см$^3$ дорад. Аз чӣ гуна метал ин ғилофакро сохтаанд?

Ҷавоб: $7{,}8 \cdot 10^3 \frac{\text{кг}}{\text{м}^3}$; (Пулод).

5. Хиштчаи андозаҳояш 15х5х2см 300г масса дорад. Зичии хиштро муайян кунед.

Ҷавоб: $\rho = 2 \cdot 10^3 \frac{\text{кг}}{\text{м}^3}$.

***Варинти 2. Супориши инфиродии хонандагон***

1. Мошин қисми аввали роҳ (30км) – ро бо суръати 15м/с ва қисми боқимондаи роҳ (40км) – ро дар муддати 1ст паймуд. Мошин аз аввал то охири роҳ бо чигуна суръати миёна ҳаракат кардааст?

Ҷавоб: $\vartheta_{\text{м}} = \frac{12{,}5\text{м}}{\text{с}}$.

2. Автобус 4км – и аввали роҳро дар 12 дақ паймуд ва 12км – и ояндаро дар 18дақ. Суръати миёнаи автобусро барои ҳар як қитъаи роҳ ва барои тамоми роҳ ёбед.

Ҷавоб: $\vartheta_1 = 20\text{км/ст}$, $\vartheta_2 = 40\text{км/ст}$, $\vartheta_{\text{м}} = 40\text{км/ст}$.

3. Як волесипедрон муддати 12с бо суръати 6км/с ҳаракат карду велосипедрони дигар ҳамаи қитъаи роҳро дар муддати 9с паймуд. Суръати миёнаи велосипедрони дуюм дар ин қитъаи роҳ чӣ қадар аст?

Ҷавоб: 8м/с.

4. Зичии газҳои метан, аргон, криптон ва ксенон мувофиққан ба $0{,}72\frac{\text{кг}}{\text{м}^3}$, $1{,}78\frac{\text{кг}}{\text{м}^3}$, $3{,}74\frac{\text{кг}}{\text{м}^3}$ ва $5{,}85\frac{\text{кг}}{\text{м}^3}$ баробар аст. Ин бузургиҳоро бо грамм бар сантиметри кубӣ (г/см$^3$) ифода намоед.

Ҷавоб: $\rho_1 = 0{,}72 \cdot 10^{-3}$ г/см$^3$, $\rho_2 = 1{,}78 \cdot 10^{-3}$ г/см$^3$,
$\rho_3 = 3{,}74 \cdot 10^{-3}$ г/см$^3$, $\rho_4 = 5{,}85 \cdot 10^{-3}$ г/см$^3$.

5. Массаи 1 см$^3$ -и тилло назар ба массаи 1 см$^3$-и сурб чанд маротиба зиёд аст?

Ҷавоб: 1,7 маротиба зиёд.

«Маҳз бо ҳамин усул омӯзгор метавонад хонандагонро ба азхудкунии фаъоли мавзуъҳои таълимӣ ҷалб намояд. Дар ин раванд, фаъолияти фикрии хонандагон тақвият ёфта, сатҳи тафаккур, қобилияти зеҳнӣ ва маҳорати худомӯзии онҳо ба таври назаррас баланд бардошта мешавад» [4, с. 50-70].

«Масъалаи асосии сиёсати муосири маориф таъмини сифати нави таълим дар асоси нигоҳдории усулҳои бунёдии он ва мутобиқгардонӣ ба талаботи шахсият, ҷомеа ва давлат мебошад» [3, с. 60–79]. Барои расидан ба ин ҳадаф, муносибати нав ба раванди таълим ва дастгирии истеъдодҳо зарур аст.

«Қайд кардан ба маврид аст, ки айни замон омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ норасоии адабиёти муосири методологиро барои кор бо хонандагони боистеъдод ҳис менамоянд» [8, с. 75]. Аз ин рӯ, таҳия ва пешниҳоди методҳои фаъоли таълим ва масъалаҳои комплексӣ, ки дар ин мақола баррасӣ шуданд, метавонанд ин холигиро то андозае пур созанд.

Дар ибтидои асри XXI дар кишвари мо миқдори зиёди муассисаҳои таълимии типи нав (мактабҳои Президентӣ барои хонандагони болаёқат, литсейҳо ва гимназияҳо) ба кор шуруъ намуданд, ки ба онҳо омӯзгорони ҷавону боистеъдод ҷалб карда шудаанд. Барои баланд бардоштани шавқу завқи хонандагон ба илмомӯзӣ, зарур аст, ки чунин мутахассисони навовар ба тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ҷалб карда шаванд.

Фаъолияти эҷодӣ ва маърифатии хонандагон ҷустуҷӯйи донишҳои навро тавассути усулҳои мустақилона интихобшуда ё тарҳрезишуда тақозо менамояд. Ҷолиби қайд аст, ки натиҷаҳои бадастовардаи хонандагон, чун қоида, ба илм аз қабл маълуманд. Аммо аз назари субъективӣ (шахсӣ), ин натиҷаҳо барои худи хонандагон як кашфиёти нав ва нотакрор ба ҳисоб мераванд, ки мустақилона ба даст оварда шудаанд.

«Супоришҳои эҷодӣ лаҳзаҳои махсуси мушкилотро (вазъиятҳои проблемавиро) ба вуҷуд меоранд, ки онҳо бо роҳҳои гуногун дар рафти дарс амалӣ мегарданд. Масалан, ин раванд метавонад бо роҳи гузориши масъалае, ки дар рафти ҳалли он хонанда мустақилона мушкилоти навро дарёфт мекунад, ё бо роҳи аз ҷониби омӯзгор дақиқ гузоштани вазъияти проблемавӣ, ва ё бо тавсияи шартҳое, ки таҳлили онҳо ба хонанда имкони пешниҳоди мустақилонаи проблемаро фароҳам месозад, амалӣ карда шавад» [6, с. 3].

Дар таҳқиқоти Ҷ. Шарифов «марҳалаҳои асосии фаъолияти эҷодии хонандагон ба таври зерин муайян карда шудаанд:

1. Мустақилона кӯчонидани донишу маҳорати азхудкардашуда ба вазъиятҳои нав;
2. Дарёфти мушкилоти нав дар вазъиятҳои барои хонандагон шинос;

3. Муайян намудани вазифаи (функсияи) нави объект;
4. Дарк намудани сохтори (структураи) объект;
5. Ҷустуҷӯ ва интихоби усулҳои самараноки ҳал;
6. Иваз намудани усулҳои пештараи ҳалли масъалаҳои проблемавӣ ба методҳои нав» [12, с. 25].

**Хулоса.** Таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои матраҳшуда нишон медиҳад, ки фаъолгардонии раванди таълими фанни физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва мубрами сиёсати муосири маориф ба шумор меравад. Дар шароити кунунии рушди илму техника, даст кашидан аз қолабҳои анъанавии дарсгузарӣ (дарсҳои омехта) ва гузариш ба методҳои фаъоли таълим, технологияҳои инноватсионии педагогӣ ва ташкили бонизомни корҳои мустақилонаи хонандагон тақозои замон аст. Ин раванд маҳз дар заминаи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ мегардад, ки пайваста таваҷҷуҳи ҷомеаро ба рушди илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ ҷалб менамоянд.

Таҳқиқоти мазкур нишон дод, ки ташкили корҳои мустақилона ва эҷодӣ дар дарсҳои физика ба амалӣ шудани ҳадафҳои зерини муҳим замина мегузорад:

1. **Рушди тафаккури мантиқӣ ва субъективии хонандагон:** Супоришҳои эҷодӣ лаҳзаҳои махсуси мушкилот (вазъиятҳои проблемавӣ)-ро ба вуҷуд меоранд, ки хонандагонро ба ҷустуҷӯи мустақилонаи донишҳои нав равона месозанд. Агарчи ин натиҷаҳо ба илм аз пеш маълуманд, вале аз назари субъективӣ барои худи хонанда кашфиёти илмии шахсӣ ва нотакрор ҳисоб меёбанд.
2. **Татбиқи амалии донишҳои назариявӣ:** Таҳлили масъалаҳои мушаххаси физикӣ (ба мисли ҳисобкунии зичӣ, қувваи вазнинӣ, вазни ҷисм ва қувваи чандирии пружина) исбот сохт, ки хонандагон дар баробари азхудкунии назария, қобилияти баланди таҳлили алгоритмӣ, кӯчонидани донишу маҳорат ба вазъиятҳои нав ва кор бо Системаи байналмилалии воҳидҳо (СИ)-ро пайдо мекунанд.
3. **Ташаккули марҳалаҳои фаъолияти эҷодӣ:** Дар асоси таҳқиқоти методии Ҷ. Шарифов, истифодаи методҳои фаъол ба хонандагон имкон медиҳад, ки сохтор ва вазифаҳои нави объектҳоро дарк намуда, усулҳои куҳнаи ҳалли масъалаҳоро ба методҳои муосир ва касбӣ иваз намоянд.

Дар ниҳоят, бояд таъкид кард, ки барои ноил шудан ба ин ҳадафҳои бузург, ҷалби омӯзгорони ҷавони навовар, босавод ва соҳибкасб ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нақши ҳалкунанда дорад. Маводди илмию методии дар ин мақола баррасӣ ва таҳлилшуда метавонад ҳамчун дастури амалӣ барои омӯзгорони ҷавон хизмат намуда, мушкилоти норасоии адабиёти муосири методологиро дар кор бо хонандагони боистеъдод то андозае бартараф созад. Умедворем, ки татбиқи ин усулҳо дар раванди таълим сифати таҳсилотро баланд бардошта, барои омода намудани кадрҳои ояндасози соҳаҳои техникӣ ва иқтисодии кишвар саҳми арзанда мегузорад.

***Адабиёт***


1. *Арабова, З. Масъалаҳои таҷрибавӣ аз физика (электродинамика): Дастури методӣ / З. Арабова, С. К. Каримов, Ҳ. О. Раҳмонов. – Кӯлоб, 1989. – 36 с.*
2. *Асадов, Ҳ. Фаъолгардонии таълими математика дар мактабҳои ҳаштсола / Ҳ. Асадов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 42 с.*
3. *Гладкова, Р. А. Сборник задач и вопросов по физике / Р. А. Гладкова, В. Е. Добронравов, Л. С. Жданов, Ф. С. Содиков. – Москва: Высшая школа, 1971. – 367 с.*
4. *Гурьев, А. И. Развитие самостоятельности и творческой активности учащихся при выполнении лабораторных экспериментальных работ: автореф. дисс. ... канд. пед. наук / А. И. Гурьев. – Челябинск, 1997. – 48 с.*
5. *Гусев, В. А. Изучение физических величин на уроках математики и физики в школе / В. А. Гусев, А. И. Иванов, О. Д. Шебалин. – Москва: Просвещение, 1981. – 79 с.*
6. *Каримов, С. К. Масъалаҳо аз физика ва методҳои ҳалли онҳо: Дастури таълимӣ. Ҷ. 1, 2 / С. К. Каримов, З. Арабова, С. Ғафоров, У. Гулматов. – Душанбе, 2018. – 233 с.*
7. *Лукашик, В. И. Китоби масъалаҳои physical: синфҳои 7–8 / В. И. Лукашик. – Душанбе: Маориф, 1990. – 212 с.*
8. *Маҷидов, Ҳ. Кори мустақилонаи донишҷӯён / Ҳ. Маҷидов, Б. Ҳусейнов, М. Худойдодов, Р. Мирзоев. – Душанбе: ЭР-граф, 2009. – 69 с.*
9. *Облобердиев, Р. Фаъолнокии хонандагон дар омӯзиши математика / Р. Облобердиев, С. Мамадҷонов. – Душанбе, 1979. – 65 с.*

10. *Парвинаи, У. С. Асосҳои педагогии ташаккули малакаи кори мустақилонаи хонандагон дар таълими фанни физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ: дисс. ... доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси педагогика / У. С. Парвинаи. – Кӯлоб, 2020. – 187 с.*
11. *Раҳмон, Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2024. – Душанбе, 2024.*
12. *Шарифов, Ҷ. Корҳои мустақилонаи хонандагон аз фанни геометрия / Ҷ. Шарифов, А. Пирназаров. – Кӯлоб, 1989. – 34 с.*
13. *Шарифов, Ҷ. Татбиқи усулҳои фаъоли таълим дар мактабҳои олӣ / Ҷ. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 38 с.*
14. *Lukasik, V. I. Задачи по физике для 6–7 классов средней школы / V. I. Лукашик. – Ленинград: Учпедгиз, 1958. – 212 с.*

## ФАЪОЛГАРДОНИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Дар мақолаи мазкур муаллифон ба масъалаҳои фаъолгардонии раванди таълими физика диққати махсус зоҳир намуда, ҷанбаҳои гуногуни истифодаи усулҳои фаъоли таълимро тавассути супоришҳои мустақилона баррасӣ кардаанд. Барои баланд бардоштани самаранокии таълими физика роҳу усулҳои татбиқи супоришҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ дар ҷараёни омӯзиши физикаи мактабӣ пешниҳод гардидааст. Дар мақола усулҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои физикаи мактабӣ истифода шудаанд, ки онҳо аз ҷиҳати педагогӣ санҷидашуда буда, ба рушди мустақилияти таълимии хонандагон ва донишҷӯён мусоидат менамоянд. Дар шароити муосир истифодаи усулҳои фаъоли таълим яке аз омилҳои муҳимми такмили раванди таълим ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, татбиқи чунин усулҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконият фароҳам меорад, ки сифати таълими физика ва сатҳи азхудкунии донишҳои хонандагон баланд бардошта шавад. Тавассути фаъолгардонии раванди таълими физика омӯзгор метавонад хонандагонро ба омӯзиши фаъоли мавзуъҳои таълимӣ ҷалб намояд. Ҳамзамон, фаъолияти фикрӣ, қобилияти зеҳнӣ ва шавқи маърифатии хонандагон инкишоф ёфта, сатҳи азбаркунии донишҳои онҳо беҳтар мегардад. Таъмини сифати муосири таълим дар заминаи нигоҳдории арзишҳои бунёдии он ва мутобиқсозӣ ба талаботи шахсият, ҷомеа ва давлат яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** фаъолгардонии раванди таълими физика, кори мустақилона, супоришҳои инфиродӣ, усулҳои пештараи ҳалли масъалаҳои физикӣ, дастаҷамъона, маҳорати таҳлилӣ, роҳи тайкардаи ҷисм, суръати ҷисм, зичии моеъҳо.

## АКТИВИЗАЦИЯ ПРОЦЕССА ПРЕПОДОВАНИИ ФИЗИКИ В СРЕДНИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

В данной статье авторы уделяют особое внимание вопросам активизации процесса обучения физике и рассматривают различные аспекты применения активных методов обучения посредством самостоятельных заданий. Для повышения эффективности преподавания физики предложены способы использования как групповых, так и индивидуальных заданий в процессе изучения школьного курса физики. В статье использованы различные методы решения задач по школьной физике, которые являются педагогически апробированными и способствуют развитию самостоятельности учащихся и студентов. В современных условиях применение активных методов обучения является одним из важнейших факторов совершенствования образовательного процесса. В связи с этим внедрение подобных методов в учреждениях общего среднего образования позволяет повысить качество преподавания физики и уровень усвоения знаний учащимися. Посредством активизации процесса обучения физике преподаватель может привлечь учащихся к активному освоению учебных тем. Одновременно развиваются мыслительная деятельность, интеллектуальные способности и познавательный интерес учащихся, что способствует улучшению уровня усвоения знаний. Обеспечение современного качества образования на основе сохранения его фундаментальных основ и соответствия требованиям личности, общества и государства является одной из важнейших задач системы образования.

**Ключевые слова:** активизация процесса обучения физики, самостоятельная работа, индивидуальные задания, предыдущие методы решения задач по физике, командная работа, аналитические навыки, траектория движения объекта, скорость объекта, плотность жидкост.

## STRENGTHENING THE PROCESS OF TEACHING PHYSICS IN SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS

In this article, the authors pay special attention to the issues of activating the process of teaching physics and examine various aspects of applying active teaching methods through independent assignments. In order to improve the effectiveness of physics education, methods for implementing both group and individual tasks in the study of school physics are proposed. The article applies various methods for solving school physics problems, which have been pedagogically tested and contribute to the development of

students’ and learners’ independent learning skills. In modern educational conditions, the use of active teaching methods is considered one of the key factors in improving the educational process. Therefore, the implementation of such methods in secondary education institutions creates opportunities to enhance the quality of physics teaching and increase students’ level of knowledge acquisition. Through the activation of the physics teaching process, teachers can engage students in the active learning of educational topics. At the same time, students’ cognitive activity, intellectual abilities, and learning motivation are developed, leading to better knowledge acquisition. Ensuring the modern quality of education while preserving its fundamental foundations and meeting the requirements of individuals, society, and the state is considered one of the major tasks of the educational system.

**Keywords:** enhanced learning process in physics, independent work, individual assignments, previous methods of solving physics problems, teamwork, analytical skills, trajectory of an object's motion, object velocity, density of liquids.

***Дар бораи муаллифон***

*Алишери Зукурё*
*Омӯзгори калони кафедраи физикаи экспериментали*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

*Муҳаббатов Хушнуд Қурбонович*
*Номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи физикаи экспериментали*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

***Об авторах***

*Алишери Зукурё*
*Старший преподователь кафедры экспериментальной физики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121*

*Мухаббатов Хушнуд Курбонович*
*Кандидат технических наук, доцент кафедры экспериментальной физики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121*

***About the authors***

*Alisheri Zukury*
*Head of the Experimental Physics Department*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

*Mukhabbatov Hukhnud Qurbonovich*
*Candidate of Technical Sciences, Associate Professor, Department of Experimental Physics*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

ТДУ 53:37.016

# ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ АНАЛОГИЯ ВА МУҚОИСА ДАР ДАРСҲОИ ФИЗИКА

***Раҷабов Т. Б., Аминзода Ғ. Р.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
*Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав*

**Муқаддима.** Таълими муосири физика на танҳо ба даст овардани донишҳои воқеӣ, балки инкишофи малакаҳои таҳқиқотӣ ва таҳлилии донишҷӯёнро низ талаб мекунад. Яке аз воситаҳои муассири рушди ин малакаҳо истифодаи қиёс ва муқоиса мебошад, ки ба донишҷӯён кӯмак мекунад, ки падидаҳои физикиро беҳтар дарк кунанд, қонуниятҳоро муайян кунанд ва тафаккури мантиқиро инкишоф диҳанд. Аналогия, ҳамчун усули тадқиқоти илмӣ, дар кашф ва ташаккули қонунҳои физика нақши махсус мебозад. Дар раванди таълим, он худро ҳамчун усули шарҳи маводди таълимӣ зоҳир мекунад. Раванди истифодаи аналогия якчанд марҳиларо дар бар мегирад:

1) Объекти таҳлилшаванда бодиққат омӯхта мешавад;
2) Мувофиқати он бо объект ё падидаи маълум муайян карда мешавад;
3) Хусусиятҳои объекти маълум ба объекти таҳқиқшаванда интиқол дода мешаванд.

Ба наздикӣ муайян карда шуд, ки агар объектҳо ба якдигар монанд бошанд, онҳо объектҳои изоморфӣ ҳисобида мешаванд. Изоморфизм як мувофиқати байни объектҳо мебошад, ки аналогияи сохтори онҳоро инъикос мекунад. Истифодаи ин равиш ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки қонунҳои физикиро амиқтар дарк кунанд ва малакаҳои таҳқиқотии онҳоро инкишоф диҳанд [3, с. 10].

**Мавод ва усулҳои тадқиқот.** Дар вақтҳои охир муқаррар шудааст, ки агар объектҳо байни ҳам мувофиқати аналогӣ доштан, он гоҳ дар муносибати изоморфӣ мебошанд. Изоморфизм – мувофиқати байни объектҳо, ки ифодагари аналогии сохтори онҳоро тақозо менамояд. Мисоли изоморфӣ баъзе хосияти системаи механикӣ ва электикиро ифода менамояд. Мавриди таълими хатҳои электромагнитии курси физика, аналогия ҳамчун методи мустақили дохилкунии ин ё он мавод мебошад. Ошкоркунии айёнияти байни қонунҳои лаппиши ақрабаки пружина ва лаппиши электрро, магнити дар контур муаллифони асбобҳои дарсии амалкунана тавассути аналогия мувофиқати зерини байни бузургиҳоро муайян намудан мумкин аст.

Ҷадвали 1. Мувофиқати байни бузургиҳо.

| Механикӣ | Электрикӣ |
|---|---|
| Ҳамҷояшавӣ $x$ | Зард $q$ |
| Суръат $\vartheta$ | Қувваи ҷараён $I$ |
| Суръатнокӣ $\alpha$ | Тағйирёбии қувваи ҷараён $\frac{\Delta u}{\Delta t}$ |
| Масса $m$ | Индуктивӣ $L$ |
| Пружинаи сахт | Бузургии баръакс ғунҷоиш $\frac{I}{C}$ |

Баъдан ин ҷадвал тавассути аналогия формулаи даври лаппиши маятники пружинӣ $T = 2\pi\sqrt{\frac{m}{k}}$ асоси пайдоиши формулаи Томсон барои лаппиши электромагнитӣ $T = 2\pi\sqrt{LC}$; мувофиқи аналогия энергияи кинетикии $E_k = \frac{m\upsilon^2}{2}$ – энергияи майдони магнитӣ $W = \frac{LI^2}{2}$, мувофиқи аналогия бо энергияи потенсиалӣ деформатсия $E_p = \frac{kx^2}{2}$ энергияи майдони электрикӣ $W = \frac{q^2}{2C}$ ва ғайраҳо.

Баъзе формулаҳо дар китобҳои дарсии амалкунанда ба таври дедуктивӣ пайдо карда мешаванд (масалан формулаи Томсон), ки ҳақатан он тавассути аналогия исбот мешавад. Оид ба интихоби аналогия бисёр эҳтиётkорона бояд рафтор кард, чунки ба ҳамагон маълум аст, такя ба симои берунаи объектҳо тавассути аналогия ба хулосаҳои нодуруст меорад.

Чунончи аналогияи сатҳи болоии моеъ ва иниқоли гармӣ бо дарназардошти ҳаракати моеъ нодуруст мебошад.

Хулосаҳо тибқи аналогия, ҳамчун қоида эҳтимолӣ мебошанд. Бинобар ҳамин, онҳо санҷиши таҷрибавӣ (озмоиширо) тақозо мекунанд. Дар таҳқиқотҳои илмӣ бисёр ба сифати пешниҳод намудани фарзияи амсилаонӣ истифода мешавад.

Дар заминаи мақоми эҳтимолии вай дар амалияи таълим бештар на ба сифати методи мустақили шарҳи маводди таълимӣ, инчунин ба сифати шарҳи аллакай воридоту мафҳумҳои душвори қонуниятҳо мусоидат менамояд. Ба ҳама маълум аст, ки аналогияи гидродинамикии занҷири электрикӣ, ки боиси шарҳи мафҳуми қувва ҳаракаткунандаи электрикӣ, шиддат, муқовимат, қувваи ҷараён, шарҳи нақши манбаи ҷараён дар занҷир, татбиқи қонуни параллел ва пайдарпайии пайвасти ноқилҳо дар занҷир ва ғайраҳо истифода мебаранд.

Методи муқоиса ҳамчун методи таҳқиқотӣ инъикоси худро дар таълими физика низ дорад. Истилоҳи «муқоиса» аз калимаи арабии «қиёс» бармеояд ва дар қомусҳо аз ҳар ҷиҳат шарҳу баён ёфтааст. Аз ҷумла, дар [2, с. 688] шумо ба муҳокимааш шуғл карда метавонед. Дар ҳамон ҷо [2, с. 149-150] овардаанд, ки «қиёс – андоза гирифтани миёни ду чиз ва баробар гардонидан дар фикр якеро бо дигаре дар ҳукм». Маънои ҳаётию фалсафавии онро муҳокима накарда, ин ҷо танҳо оиди дар физикаи мактабӣ чӣ тавр истифодакунии онро муоина менамоем.

Дар [1, с. 40] овардаанд: «муқоиса – муқарраркунии фикрии монандӣ ё гуногунии объектҳои омӯзиш мебошад. Ин методи таҳқиқотӣ дар физика натанҳо барои омӯзиши хосиятҳои физикии объектҳо, балки барои муқарраркунии худи он хосиятҳо низ татбиқ карда мешавад». Ҳамон ҷо, алоҳида қайд шудааст, ки ҳангоми истифодаи методи мазкур ба меъёрҳои зерин такя бояд кард:

1. Фақат чунин объектҳоро муқоиса метавон намуд, ки ба ҳамдигар робитаи муайян дошта бошанд (хосиятҳои бузургиҳои физикӣ, ҳодисаҳои физикӣ ва монанди инҳо).
2. Муқарраркунии хосиятҳои қиёсшаванда (кори механикӣ, дар механикаи ҷисмҳо ва дар ҷараёнҳои электрикӣ).
3. Муқоиса бояд пурра ва ҳамаҷониба бошад.

Методи мазкур умуман дар раванди таълими физика, мавқеи устуворро доро мебошад. Ба ақидаи К.Д. Ушинский «муқоиса дар дидактика бояд тарзи асосӣ ба шумор равад» [14, с. 110]. Бинобар ҳамин, мавқеи ин метод дар ҷараёни таълими физикаи мактабӣ ҳам басо устувор бошад.

Таҳқиқоти педагогиву психологии вақтҳои охир низ собит намуданд, ки истифодаи ин метод дар таълими физика барои омӯзиши мавзуъҳои мувофиқ ёрии амалӣ расонида метавонад.

Масалан, саёраҳои Миррих (Марс) ва Замин аз чандин ҷиҳат ба ҳамдигар монандӣ доранд: онҳо обу ҳаво доранд ва ғайра. Бинобар ҳамин, метавон гуфт, ки дар Миррих ҳам барои ҳаёт шароит вуҷуд дошта метавонад.

Агар аз боби хосиятҳо муколамаи монандии хосиятҳоро пеш гирем онгоҳ кашфи Христиан Хюгенс (Гюгенс) (1529-1695) оиди маҷосо паҳншавии рушноӣ ва садо равшан мегардад. Ин кашфиёт сони Клери Максвелл (1831-1879) ба майдони электромагнитӣ татбиқ месозад.

Муқоиса бисёр вақтҳо мавриди ба системоаврии маводҳои физикии аллакай азбаркардан хонандагон истифодаи паҳнгардида дорад. Масалан, дар ҷадвали 2 оид ба муқоисаи қувваи гравитатсионӣ ва электростатикиро меорем.

Ҷадвали 2. Муқоисаи қувваи гравитатсионӣ ва электростатикӣ.

| Хосиятҳои умумӣ | Хосиятҳои фарқкунанда |
|---|---|
| 1. Қувваҳои марказӣ | 1. Табиати қувваҳо гуногунанд |
| 2. Вобаста ба масофа якхела тағйир меёбанд | 2. Қувваи электромагнитӣ $10^{39}$ маротиба нисбати қуваи ҷозиба зиёд аст |
| 3. Универсалӣ | 3. Қувваҳои электромагнитӣ бавуқуъоии худ ба монанди қувваи ҷазбшавӣ, инчунин қувваҳои теладиҳанда, қувваи ҷозиба – қувва ҷазбшаванда |
| 4. Барои зарядҳои нуктагӣ ё масса дурустанд | |

Барои ҳамаи лапишҳои дар набудани қувваи муқовимат тавсифан: характери гармонии тағйирёбии бузургиҳо, вобастагии даври лапиш аз параметрҳои система, новобастагии аплетуда (мавриди хурди амплетуда) аз параметрҳои система. Ин боиси иҷрои муқоиса аз рӯи характеристика дода мешавад.

Системаи лапишҳои автоматикӣ аз сохтори системавии лапишҳои озод фарқ карда воситаи ангении лапишҳо мешаванд. Лекин байни лапишҳои автоматикӣ ва лапишҳои озод бе соиш (лапиши хос) баъзе умумият мавҷуд аст: характери гармоникӣ, вобастагии давр аз параметрҳои система.

Ҳамаи ҷисмҳо мавриди тасифан васеъ мешаванд. Лекин коэффитсиенти температуравии васъшавии ҳаҷмӣ барои ҳамаи моеъҳо ва ҷисмҳои сахт гуногунанд, аммо коэффитсиенти температуравии васеъшавии ҳаҷмии ҳамаи газҳо якхела мебошанд. Коэффитсиенти температуравии ҳаҷмии васеъшавии газҳо $x_2$, моеъҳо $x_{\text{м}}$, ҷисмҳои сахт $x_c$ нобаробарии $x_2 \geq x_{\text{м}} > x_c$ қаноат мекунанд.

Ҳамаи ҷисмҳо аз молекулаҳо (атомҳо ё ионҳо) иборатанд. Аммо ҷойгиршавии онҳо, масофа ва қувваи байни онҳо, характери ҳаракати онҳо дар ҳолатҳои гуногуни моддаҳо мебошанд.

Ҳамаи металлҳо, омехтаи электролитҳо, нимноқилҳо ҷараёни электикро мегузаронанд. Лекин механизми гузаронандагӣ, барандагони ҷараён ҳаракатнокӣ ва ғайраҳо гуногунанд.

Дар электродинамика мисолҳои хусусии майдони электромагнитӣ омӯзонида мешавад: электростатика, статсионарии электрикӣ (вихревое) электрикӣ ва магнитӣ.

Метавон хосиятҳои онҳо муқоиса карда дар онҳо умумият ва фаъолиятро муқаррар намоянд.

Муқоисакунии хосияти магнитии моддаҳо имконпазир мегардад (ферромагнетика, ҷуфт ва диамагнетика), хосиятҳои майдон ва моддаҳо, рафти нурҳо дар линзаҳо ва оинаҳо ва ғайраро дарёфт намоем. Дар курси физикаи мактабӣ силсилаи мисолҳоро барои супориш мувофиқ оиди санҷиши муқоисакунӣ барои хонандагон дарёфт кардан мумкин мебошад.

Чунончи дар синфи 8 пеш аз омӯзиши мафҳуми энергияи дохилӣ зарур аст, ки донишҳои хонандагонро зимни синфи 7 гирифтан онҳоро оиди сохтори модда ба система ва умумӣ намоем. Бо ин мақсад ба хонандагон метавонем пурракунии ҷадвали зеринро пешниҳод кунед.

Ҷадвали 3. Муайянкунии энергияи дохилӣ.

| | Газҳо | Моеъҳо | Ҷисмҳои сахт |
|---|---|---|---|
| Масофаи байни молекулаҳо | | | |
| Характери ҷойгиршавии молекулаҳо | | | |
| Характери ҳаракати молекулаҳо | | | |
| Суръати ҳаракати молекулаҳо | | | |
| Қувваи байни ҳамдигар таъсири онҳо | | | |

Барои ба системаоварии донишҳои хонандагон зимни муҳокимакунӣ оиди кинематика ва динамика метавонем пурракунии ҷадвали зеринро пешкаш намоем.

Ҷадвали 4. Нишондиҳандаҳои кинематикӣ ва динамикӣ.

| Намудҳои ҳаракат | Ҳаракати мунтазам | Ҳаракати мунтазам тезшаванда |
|---|---|---|
| Таъриф | | |
| Қонунҳои ҳаракат | | |
| Аломатҳои ҳаракат | | |
| Шароитҳои бавуқуъоии вай | | |

Дар дарси ҷамъбастӣ оиди мавзуи «Гузаронандагии зарядҳо дар муҳитҳои гуногун» ба хонандагон ҷадвали зеринро барои пуркунӣ пешниҳод кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҷадвали 5. Гузаронандаги зарядҳо дар муҳитҳои гуногун.

| Ҳолатҳо | Металлҳо | Электролитҳо | Газҳо | Вакум | Нимноқилҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| Барандагони зарядҳо | | | | | |
| Омехтакунии зарядҳо | | | | | |
| Ҳаракатнокии зарядҳо | | | | | |
| Вобастагии муқовимат аз ҳарорат | | | | | |

Ин супоришҳо таъсирбахши гуворои сифати донишҳои хонандагон мебошанд. Иҷрои онҳо аз хонандагон салоҳиятҳои таҳқиқотии таҳлилкунӣ, муқоисакунӣ, умумикуниро тақозо намуда, онҳо ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҷалб менамояд.

Муҳокима. Таҳлилкунӣ ва умумикуниро метавонем, на фақат мавриди омӯзиши мавод, инчунин методи омӯзиши он методи ошкорсозии моҳияти он истифода кунем. Зимни натиҷаи он хонандагон метавонанд бо осонӣ ҷалби баъзе умумикунӣ созем, ки воситаи асосии ҷалби онҳо ба фаъолияти таҳқиқотӣ мегардад. Таҷрибаи таълимии физика собит менамояд, салоҳияти иҷрои ин усули умумикунӣ боиси сатҳи баланди фаъолияти таҳқиқотии онҳо мегардад. Масалан, барои он ки хонандагон воридкунии воҳидҳои ченкунии бузургиҳои физикӣ азбар намояд, аз методҳои боло истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст. дар замин радиф дар яке аз дарсҳои синфи 9 (мавриди омӯзиши қонуни дуюми динамика) ба хонандагон хуб мешуд, ки ба онҳо принсипи созиши системаи воҳидҳоро дар системаи байналхалқӣ шинос намоем (СИ). Шиноскунии онҳо бо воҳидҳои асосӣ ва ҳосилшавӣ, оиди принсипи сохтори воҳидҳои ҳосилшавӣ ва ғайраҳо ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин баёнкунӣ бояд ба таҷриба донишҳои омӯхташудаи воҳидҳои бузургиҳои гуногуни синфи 7 ва 8 такя намояд. Дар рафти шарҳ зарурат аст, ки хонандагонро омодаи пешбурди воридкунии воҳидҳои ченкунии ҳолавӣ мусоидат кунем. Чунончи маълум аст вай аз зерин иборат мешавад. Барои он ки воҳидҳосилшавии бузургиро ворид кунем, зарур аст:

а) барои бузургии додашуда формулаи муайянкунандаро интихоб кардан лозим;

б) дар ҳамин формула қимати ҳамаи бузургиро (ғайр муайяншуда) баробари воҳид ҳисоб кардан лозим;

в) сабати номгузории воҳиди бузургии муайяншавандаро лозим;

г) таҳиякунии таърифи зарурӣ;

д) номгузории онро додан лозим.

Масалан, қонуни дуюми динамика, ин формулаи муайянкунандаи балки мафҳуми қувва мебошад. Бигузор дар формулаи $F = ma$ қимати масса ва суръатнокӣ ба воҳиди $m = 1\text{кг}, a = 1\frac{м}{\text{сон}^2}$ аст. Пас воҳиди қувва ба $1\text{ кг} \cdot 1\frac{м}{\text{сон}^2} = 1\frac{k^2 \cdot м}{\text{сон}^2}$ ё бо гуфтор ба воҳиди қувва дар системаи СИ чунин қувва қабул гардидааст, ки массаи 1 кг боиси суръатнокии 1м/сон$^2$ аст. Ин воҳидро Нютон меноманд. Навишт 1 н.

Хулоса. Ҳамин тавр зимни аналогия воҳиди ченкунии бузургиҳои дигарро (кор, энергия, импулс, моменти қувва ва ғайраро) ворид мекунанд.

***Адабиёт***


1. *Давлатов, А. Методикаи таълими физика дар мактабҳои асосӣ синфи 9. – Душанбе, 2008. – 171 с.*
2. *Крупская, Н. К. Педагогические сочинения в 10 т. Т. 3: / Н. К. Крупская. - Обучение и воспитание в школе, 1959. – 798 с.*
3. *Нурматова, Ғ.Р. Татбиқи унсурҳои таълими проблемавӣ ба мақсади рушди салоҳияти таҳқиқотии хонандагон дар дарсҳои физика / Ғ.Р. Нурматова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2025. – № 1-3(137). – С. 378-381.*
4. *Нурматова, Ғ.Р. Вазъияти проблемавӣ - омили рушди салоҳияти эҷодии хонандагон дар таълими физика / Ғ.Р. Нурматова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2024. – № 1-3 (125). – С. 355-360.*
5. *Нурматова, Ғ.Р. Омӯхтани методҳои маърифати илмӣ – воситаи ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагон дар дарсҳои физика / Ғ.Р. Нурматова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номит Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2021. – №1-2 (86). – С. 160-164.*
6. *Нурматова, Г.Р. Вазъи амалии ташаккули тасаввурот роҷеъ ба методҳои маърифати илмӣ дар раванди таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Г.Р. Нурматова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №9. – С. 299-303.*
7. *Нурматова, Г.Р. Отражение системы заданий в учебниках физики с целью формирования представления о методах научного познания / Г.Р. Нурматова, Д.С. Шерматов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2019. – №1-2(62). – С. 185-188.*

8. *Нурматова, Г.Р. Имитация методов научного познания выдвижением гипотезы и изучением законов в обучении физики / Г.Р. Нурматова, С. Холназаров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – №1-2(53). – С. 169-172.*
9. *Нурматова, Г.Р. Развитие идеи по формированию представлений о методах научного познания в истории образования / Г.Р. Нурматова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2017. – №1-3(47). – С. 157-166.*
10. *Раҷабов, Т.Б. Татбиқи усули таълими таҳқиқотӣ дар дарси физика / Т.Б. Раҷабов, Ғ.Р. Нурматова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2023. – Vol. 2, No.1-4 (116). – С. 67-71.*
11. *Раҷабов, Т.Б. Имкониятҳои шиносоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба унсурҳои назарияи эҳтимолият ва омор дар раванди таълими математика / Т.Б. Раҷабов, Ҳ.Х. Бегимов, М. Маҳкамов // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2023. – No.4-1 (18). – С. 74-85.*
12. *Раджабов, Т.Б. Решение задач с физическим содержанием на практических занятиях по математике - одно из основных средств профессиональной подготовки будущих учителей физики / Т.Б. Раджабов, Ф.Х. Саидова // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2021. – №1(5). – С. 15-21.*
13. *Шукурзода, Х.А. Ташаккули фаъолияти методии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди омӯзиши «Практикуми ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ» / Х.А. Шукурзода, Ҳ.Х. Бегимов, Т.Б. Раҷабов, А.М. Файзуллоев // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2023. – No.3(17). – Р. 123-129.*
14. *Ушинский, К.Д. Собр. Соч / К.Д. Ушинский. – М., 1950. Т. 10. – 668 с.*
15. *Формирование научного мировоззрения учащихся (под ред. Э.И. Моносзона, Р. Правдика, Р.М. Роговой). – М.: Педагогика. 1985. – 232 с.*
16. *Энгельс, Ф. Диалектика природы / Ф. Энгельс. – М., 1969. – С. 195-196.*

## ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ АНАЛОГИЯ ВА МУҚОИСА ДАР ДАРСҲОИ ФИЗИКА

Дар мақола масъалаи истифодаи методҳои аналогия ва муқоиса дар раванди таълими физика баррасӣ шудааст. Нишон дода мешавад, ки татбиқи ин методҳо ба фаҳмиши амиқтари мафҳумҳо ва қонунҳои физикӣ, рушди тафаккури мантиқӣ ва фаъолнокии маърифатии хонандагон мусоидат менамояд. Муаллифон аҳаммияти истифодаи мисолҳо, шабоҳатҳо ва муқоисаи падидаҳои гуногуни физикиро дар шарҳи маводди таълимӣ нишон дода, нақши онҳоро дар баланд бардоштани самаранокии дарсҳо таъкид мекунанд. Инчунин баъзе тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи самараноки ин усулҳо дар дарсҳои физика пешниҳод гардидаанд. Ҳамчунин нишон дода мешавад, ки истифодаи методҳои аналогия ва муқоиса ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон, рушди қобилияти таҳлил, муқоиса ва хулосабарории мустақилонаи онҳо мусоидат намуда, раванди омӯзиши физикаро барои хонандагон фаҳмотар ва ҷолибтар мегардонад.

**Калидвожаҳо:** физика, таълим, методи аналогия, методи муқоиса, рушди тафаккури мантиқӣ, фаъолнокии хонандагон, методикаи таълимӣ, мисолҳо ва шабоҳатҳо.

## ПРИМЕНЕНИЕ МЕТОДОВ АНАЛОГИИ И СРАВНЕНИЯ НА УРОКАХ ФИЗИКИ

В статье рассматривается вопрос применения методов аналогии и сравнения в процессе преподавания физики. Показано, что применение этих методов способствует более глубокому пониманию физических понятий и законов, развитию логического мышления и познавательной деятельности учащихся. Авторы демонстрируют важность использования примеров, аналогий и сравнений различных физических явлений при объяснении учебного материала, подчеркивая их роль в повышении эффективности уроков. Также предлагаются некоторые методические рекомендации по эффективному применению этих методов на уроках физики. Также показано, что использование методов аналогии и сравнения способствует формированию научного мировоззрения учащихся, развитию их способности к анализу, сравнению и самостоятельному формулированию выводов, а также делает процесс изучения физики более понятным и интересным для учащихся.

**Ключевые слова:** физика, образование, метод аналогии, метод сравнения, развитие логического мышления, деятельность учащихся, методика преподавания, примеры и аналогии.

**APPLICATION OF ANALOGY AND COMPARISON METHODS IN PHYSICS LESSONS**

This article examines the application of analogy and comparison methods in physics teaching. It is shown that these methods contribute to a deeper understanding of physical concepts and laws, as well as the development of logical thinking and cognitive activity in students. The authors demonstrates the importance of using examples, analogies, and comparisons of various physical phenomena when explaining educational material, emphasizing their role in enhancing the effectiveness of lessons. Some methodological recommendations for the effective use of these methods in physics lessons are also offered. It has also been shown that the use of analogy and comparison methods contributes to the formation of students' scientific worldview, the development of their ability to analyze, compare, and independently formulate conclusions, and also makes the process of studying physics more understandable and interesting for students.

**Keywords:** physics, education, analogy method, comparison method, development of logical thinking, student activity, teaching methods, examples and analogies.

***Дар бораи муаллифон***

*Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович*
*Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими ибтидоӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

*Аминзода Ғунчагул Раҳматулло*
*Унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими физика*
*Донишгоҳи давлатии Бохтар номи Носири Хусрав*
*735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67*
*E-mail: nurmatova63@internet.ru*

***Об авторах***

*Раджабов Тагоймурод Бобокулович*
*Доктор педагогических наук, профессор кафедры методики начального образования*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121*

*Аминзода Гунчагул Рахматулло*
*Соискатель кафедры методики преподавания физики*
*Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрав*
*735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67*
*E-mail: nurmatova63@internet.ru*

***About the authors***

*Rajabov Tagoymurod Boboqulovich*
*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Primary Education Methods*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

*Aminzoda Gunchagul Rahmatullo*
*Applicant of the Department of Methods of Teaching Physics*
*Bokhtar State University named after Nosir Khusrav*
*735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67*
*E-mail: nurmatova63@internet.ru*

ТДУ 372.853:004

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ДАРСИ ФИЗИКА

***Абдуллозода А. М.***
*Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*

Дар асри XXI, ки давраи рушди босуръати илм, техника ва иттилоот аст, низоми маорифи миллӣ вазифадор аст, ки дар ҷавоб ба талаботи замон шаклу усулҳои таълимро такмил диҳад. “Фанни физика, ки асоси фаҳмиши қонунҳои табиат” [10, с. 26] ва манбаи илмҳои муҳандисӣ ва техникӣ ба шумор меравад, дар ин раванд нақши муҳим мебозад. Омӯзиши самараноки он аз омӯзгор тақозо мекунад, ки на танҳо донишҳои амиқи фаннӣ, балки малакаи истифодаи технологияҳои инноватсиониро низ дошта бошад .

Дар шароити кунунии мактаб, ки ба “модели нави стандарти давлатии таҳсилот мегузарад” [11, с. 51], ҳадафи асосӣ дигар на додани маълумоти омода, балки ташаккули қобилияти фикрронӣ, эҷодкорӣ ва худомӯзии хонандагон аст. Тибқи равиши салоҳиятӣ, хонанда бояд на танҳо қонунҳои физикаро азёд кунад, балки онҳоро дар амал татбиқ карда тавонад. Барои ноил шудан ба ин мақсад, омӯзгор вазифадор аст, ки аз усулҳо ва технологияҳои муосири таълим истифода намояд.

“Технологияҳои инноватсионӣ дар таълим маҷмуи усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои омӯзишанд, ки бо истифодаи дастовардҳои навтарини илм ва техника барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълим равона шудаанд” [1, с. 142]. Дар шароити мактабҳои муосир ин метавонад истифодаи компютер, тахтаи электронӣ, проектор, шабакаҳои таълимии онлайн, симулятсияҳои таҷрибавӣ, барномаҳои интерактивӣ ва китобҳои электронии таълимиро дар бар гирад. Ҳадафи асосӣ аз истифодаи онҳо на танҳо осон кардани фаҳмиши мавод, балки ҷалби фаъолонаи хонандагон ба ҷараёни дарс мебошад.

Муаллим дар низоми таълими анъанавӣ нақши манбаи донишро дошт. Ӯ медонист, меомӯзонд ва аз хонанда интизори шунидан ва азёд кардан буд. Аммо дар шароити нави маориф нақши омӯзгор дигар шудааст: вай на танҳо муаллим, балки ташкилкунанда, роҳбалад ва илҳомбахши фаъолияти маърифатии хонанда мебошад. Омӯзгор бояд муҳити мусоиди таълимӣ эҷод кунад, ки дар он хонандагон мустақилона фикр кунанд, савол диҳанд, ҷустуҷӯ намоянд ва хулосаҳои илмӣ бароранд.

“Фанни физика аз ҷумлаи он фанҳост, ки бе таҷриба, мушоҳида ва моделсозӣ фаҳмиданаш душвор аст” [10, с. 26]. Аз ин рӯ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълими он як зарурати объективӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи компютер ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имкон медиҳад, ки равандҳои мураккаби физикӣ ба таври визуалӣ нишон дода шаванд. Бо истифодаи презентатсияҳои мултимедиявӣ, видеоҳо, аниматсияҳо ва таҷрибаҳои виртуалӣ, хонанда метавонад падидаҳои табиатро на танҳо шунавад, балки онҳоро бубинад ва таҷриба кунад. Ин равиш фаҳмиши қонунҳо ва назарияҳоро осон мегардонад, тафаккури илмиро рушд медиҳад ва шавқу завқи хонандагонро меафзояд.

Дар марҳилаҳои гуногуни дарс -шарҳи мавзуъ, мустаҳкамкунӣ ва назорат - технологияҳои рақамӣ васеъ истифода мешаванд. Масалан, дар оғози дарс омӯзгор метавонад тавассути слайдҳо ё аниматсияҳо мавзуъро тавзеҳ диҳад; дар қисми миёна хонандагон бо истифодаи барномаҳои махсус таҷрибаҳои виртуалӣ иҷро мекунанд; дар охир бошад, бо тестҳои электронӣ сатҳи дониши онҳо арзёбӣ мешавад. Ҳар як слайд ё видеошарҳ таваҷҷуҳи хонандаро бедор намуда, дар хотираи ӯ нақши устувор мегузорад.

Истифодаи технологияи лоиҳавӣ низ яке аз усулҳои муосир дар таълими физика мебошад. Дар ин раванд хонандагон бо иҷрои лоиҳаҳои амалӣ, масалан, сохтани модели муҳаррики баркӣ, ченкунии радиатсияи Офтоб ё таҳияи усули тозакунии об донишҳои назариявиро дар амал татбиқ мекунанд. Ин на танҳо фаҳмиши онҳоро чуқуртар мекунад, балки малакаи ҳамкорӣ, масъулият ва фикрронии мантиқиро рушд медиҳад.

“Технологияҳои тадқиқотӣ ва моделсозӣ ба хонанда имконият медиҳанд, ки таҷрибаҳои мураккабро бе хатари таҷҳизоти гаронбаҳо дар муҳити виртуалӣ иҷро кунанд. Барномаҳои мисли PhET ё Algodoo” [2, с. 14] барои ин хеле муфиданд: хонанда метавонад падидаҳоро тағйир дода, натиҷаро мушоҳида намояд ва хулоса барорад. Бо ин роҳ, ӯ таҷрибаи воқеиро тавассути симулятсия меомӯзад, ки аз нигоҳи дидактикӣ бисёр самаранок аст.

Ҳамчунин, усули омӯзиши омехта (blended learning) имконият медиҳад, ки қисми дарс бо усулҳои анъанавӣ ва қисми дигар бо усулҳои рақамӣ гузаронида шавад. Масалан, омӯзгор мавзуъро дар синф тавзеҳ медиҳад, вале хонандагон бо истифода аз платформаи онлайн маводро мустақилона такрор мекунанд ё машқҳо иҷро менамоянд. Ин усул малакаи худомӯзӣ ва масъулияти шахсиро тақвият медиҳад.

“Татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар мактабҳои Тоҷикистон солҳои охир ба як самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст [12, с. 90] Барномаҳои миллӣ оид ба рақамикунонии соҳаи маориф, таъмин намудани мактабҳо бо компютер ва интернет, инчунин курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон қадами муҳим дар ин самт мебошанд. Бо вуҷуди ин, мушкилоти муайян ҳамчунон боқӣ мондаанд: норасоии таҷҳизоти техникӣ дар баъзе мактабҳои деҳот, сатҳи пасти саводи рақамии омӯзгорон ва камбуди маводди электронии таълимӣ бо забони давлатӣ. Барои ҳалли ин масъалаҳо зарур аст, ки китобҳои электронии фанҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла физика, таҳия шаванд, омӯзгорон дониши методӣ ва техникии худро такмил диҳанд ва таҷрибаи беҳтарини таълими инноватсионӣ мубодила гардад.

“Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи усули инноватсионӣ ба натиҷаҳои воқеии таълим” [3, с. 74] таъсири мусбат мерасонад. Хонандагоне, ки бо чунин усулҳо таҳсил мекунанд, сатҳи баланди фаҳмиш, фаъолияти фаъолтар дар дарс ва шавқу рағбати бештар ба фан нишон медиҳанд. Онҳо на танҳо қонунҳои физикаро меомӯзанд, балки мефаҳманд, ки чӣ гуна ин донишҳоро дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқ кунанд. Ин раванд ба ташаккули тафаккури илмӣ ва зеҳнии онҳо мусоидат менамояд.

Аммо истифодаи технологияҳои нав аз омӯзгор омодагии баланд ва масъулияти касбӣ талаб мекунад. “Омӯзгор бояд тавонад дар байни истифодаи техника ва кори мустақили хонанда тавозун нигоҳ дорад” [4, с. 15], ҳар як марҳилаи дарсро дақиқ банақшагирӣ намояд ва аз технология на ҳамчун ороиши зоҳирӣ, балки ҳамчун воситаи воқеии омӯзиш истифода кунад. Технологияҳо ҳеҷ гоҳ ҷойи шахсияти омӯзгорро намегиранд, аммо метавонанд кори ӯро самараноктар ва таъсирбахштар гардонанд.

Ҳамин тариқ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар “дарси физика на танҳо як талаботи замон, балки шарти зарурии баланд бардоштани сифати таълим аст” [7, с. 98]. Онҳо имкон медиҳанд, ки раванди омӯзиш ҷолибтар, фаҳмотар ва самараноктар шавад. “Муаллим дар чунин шароит дигар танҳо манбаи дониш нест” [6, с. 14], балки роҳбалад ва ҳамсафари хонанда дар ҷаҳони илм аст. Омӯзгоре, ки бо шавқ ва ҳавас ба истифодаи технологияҳои нав рӯ меорад, метавонад ба хонандагони худ илҳом бахшад, то онҳо низ бо ишқ ба дониш ва илм муносибат намоянд.

Ояндаи маориф дар истифодаи технологияҳои инноватсионӣ нуҳуфтааст. Фанни физика, ки худ зодаи пешрафти илм ва техника аст, метавонад аз ҳамин воситаҳо барои омӯзиши самараноки худ истифода барад. Ба шарофати чунин равишҳо, насли наврас на танҳо донишманд, балки соҳибтафаккур, эҷодкор ва мутобиқ ба ҷаҳони рақамии имрӯз хоҳад шуд.

Муаррифии чунин усулҳои инноватсионӣ дар мактабҳои Тоҷикистон барои таъмини сифати таълим, баланд бардоштани сатҳи салоҳият ва тайёр кардани шаҳрвандони фаъоли ҷомеаи иттилоотӣ аҳаммияти бузург дорад. Омӯзгорони воқеан ботаҷриба медонанд, ки истифодаи дурусти технология на танҳо роҳи осон кардани дарс, балки роҳи эҳсоси ҳамзамонии завқ, илҳом ва масъулият аст.

Тавре ки олими бузург Лев Ландау гуфта буд: «Чизи асосӣ ин аст, ки ҳама чизро бо ҳавас анҷом диҳед» [8, с. 16] Агар омӯзгор ва хонанда дар раванди таълим ҳавас ва шавқро эҳсос кунанд, ҳар гуна технология танҳо василаест барои парвариши он ҳавас - ҳаваси донистан, офаридан ва пеш рафтан.

Бо пешрафти техника ва технологияҳои иттилоотӣ дар давраи ҳозира, “раванди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, бахусус физика, дигар монанди асри гузашта нест” [9, с. 74]. Дарс на танҳо барои додани дониш, балки барои ташаккули тафаккури илмӣ, эҷодкорӣ ва малакаҳои амалии хонанда равона гардидааст. Бо истифодаи технологияҳои инноватсионӣ хонандагон метавонанд худ шоҳиди қонунҳои физика шаванд, натиҷаҳо ба даст оварда, онҳоро таҳлил кунанд ва бо сабаби таҷрибаи мустақил фаҳмиш ва шавқу завқ пайдо кунанд. Масалан, тавассути симулятсияҳо ва барномаҳои моделсозӣ хонандагон метавонанд равандҳои электромагнитӣ, механикӣ ва оптикӣ, ки дар шароити анъанавӣ фаҳмиданашон душвор аст, бо чашми худ мушоҳида намоянд ва тағйирот дар параметрҳоро мустақилона

таҳлил кунанд. Ин равиш тафаккури мустақилро таҳким мебахшад ва хонандаро аз фаҳмидани мавод ба амал омӯхтан мебарад.

Илова бар ин, истифодаи технологияҳои рақамӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки донишҳои назариявиро бо таҷрибаи амалӣ омезиш диҳад. Масалан, таҷрибаҳои виртуалӣ метавонанд таҳлили равандҳои мураккаби термодинамикӣ ё электромеханикаро дар шароити бехатар пешниҳод кунанд. Ин на танҳо фаҳмиши назариявиро беҳтар мекунад, балки малакаи истифодаи техника ва муҳандисиро низ дар сатҳи аввалия ба хонанда меомӯзад. Ҳамзамон, ин равиш ба он кумак мекунад, ки хонандагон омӯзиши фанро ҳамчун раванди динамикӣ ва ҷолиб эҳсос кунанд, на ҳамчун корҳои якранг ва хастакунанда.

Истифодаи платформаҳои электронӣ ва барномаҳои интерактивӣ низ барои такмили малакаи таҳлилии хонандагон муҳим аст. Масалан, хонандагон метавонанд маълумотҳоро ҷамъоварӣ намуда, графикҳо ва диаграммаҳои заруриро бо ёрии компютер таҳия кунанд. Бо ин роҳ, онҳо на танҳо қонуни физикаро меомӯзанд, балки малакаҳои ҳисоббарорӣ, таҳлили иттилоот ва моделсозиро низ такмил медиҳанд. Ин таҷрибаҳо онҳоро барои тадқиқотҳои оянда ва ҳаёти воқеӣ омода мегардонанд, зеро ҳар як таҷриба равандҳои таҳлили мушкилот ва ҳал намудани масъалаҳоро такмил медиҳад.

Истифодаи технологияи лоиҳавӣ ва корҳои эҷодкоронаи гурӯҳӣ низ аҳаммияти калон дорад. Дар ин раванд хонандагон бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд, вазифаҳо тақсим мешавад ва натиҷаи омӯхташударо бо истифодаи техникаҳои рақамӣ пешниҳод мекунанд. Масалан, сохтани модели Системаи офтобӣ, таҳияи таҷрибаҳои энергетикӣ ё таҳлили ҷараёнҳои барқӣ метавонанд ҳамчун лоиҳаҳои гурӯҳӣ гузаронида шаванд. Ин равиш ҳамкориро тақвият медиҳад, масъулиятро меафзояд ва малакаи фикрронии систематикии хонандагонро таҳким мебахшад.

Технологияҳои инноватсионӣ инчунин ба муаллим имкон медиҳанд, ки раванди таълимро инфиродӣ гардонад. Бо ёрии системаи электронӣ муаллим метавонад сатҳи дониши ҳар як хонандаро назорат карда, нуқтаҳои заиф ва қувватро муайян намояд. Ин ба омӯзгор имкон медиҳад, ки барномаи таълимӣ ва стратегияҳои омӯзишро барои ҳар як синф ва ҳатто барои ҳар як хонанда фармоишӣ созад. Ҳамзамон, ин равиш ба арзёбии дониши хонандагон аз ҳама ҷиҳат равона гардида, натиҷаҳои таълимро беҳтар менамояд.

Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ раванди такрори мавод ва омӯзиши он ба таври дилхоҳро осон мекунад. Масалан, хонанда метавонад видеои дарсро такрор бубинад, таҷрибаҳои виртуалиро боз ҳам иҷро кунад ё файлҳои электронии китобҳои фаннӣ ва машқҳоро истифода барад. Ин равиш имконият медиҳад, ки хонандагон бо суръати худ таҳсил кунанд ва ҳар вақт ба маводди дарсӣ дастрасӣ дошта бошанд.

Илова бар ин, технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ барои ташаккули шавқу завқи хонандагон ба фан аҳаммияти калон доранд. Баъзе хонандагон одатан аз фанҳои дақиқ метарсанд ё саволи «Чаро ба ман ин фан лозим аст?» мекунанд. Бо истифодаи симулятсияҳо, моделҳо ва таҷрибаҳои интерактивӣ, хонандагон на танҳо қонуни назариявиро меомӯзанд, балки мушоҳида ва таҳлили натиҷаҳои таҷрибавиро низ анҷом медиҳанд. Ин равиш онҳоеро, ки қаблан ба фанҳои табиатшиносӣ бетараф буданд, ҷалб мекунад ва шавқу ҳаваси омӯзишро бармеангезад.

Истифодаи технологияи иттилоотӣ инчунин ба ҳамоҳангсозии фанҳои гуногун мусоидат мекунад. Масалан, омезиши физика бо математика ва информатика имконият медиҳад, ки хонандагон малакаҳои ҳисоббарорӣ, таҳлили маълумот ва моделсозиро ҳамзамон омӯзанд. Ин равиш ба таҳияи раванди фикрронӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳои мураккаб мусоидат мекунад.

Бо назардошти омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар мактабҳои Тоҷикистон зарур аст. Бо вуҷуди афзоиши дастрасӣ ба интернет ва компютер, ҳанӯз мушкилот бо норасоии таҷҳизоти техникӣ ва малакаи омӯзгорон вуҷуд дорад. Барномаи рушди маорифи рақамӣ ва семинарҳои такмили ихтисос барои омӯзгорон метавонанд ин камбудиҳоро бартараф кунанд ва сифати таълимро баланд баранд.

Ин равишҳои нав инчунин ба хонандагон малакаҳои ҳаётӣ меомӯзанд. Бо ёрии моделсозӣ, таҷрибаҳои виртуалӣ ва корҳои лоиҳаӣ хонандагон меомӯзанд, ки чӣ гуна донишҳои назариявиро дар ҳаёти воқеӣ татбиқ кунанд. Ин малакаҳо барои рушди фикрронии мустақил, эҷодкорӣ ва малакаҳои ҳаллу фасл кардани мушкилот зарур мебошанд.

Ҳамин тариқ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар дарси физика ба сатҳи баланди фаҳмиш, рушди малакаҳои амалӣ ва эҷодкорӣ, ҳамчунин ба афзоиши шавқу завқи хонандагон ба омӯзиш мусоидат мекунад. Муаллим, ки бо ҳавасу шавқ ба ин технологияҳо

рӯ меорад, метавонад ба хонандагон илҳом бахшад ва онҳоро барои омӯзиши мустақил ва эҷодӣ омода созад. Ин равиш на танҳо ба фаҳмиши қонунҳои физика, балки ба ташаккули шахсияти фаъоли иҷтимоӣ ва соҳибтафаккури насли наврас мусоидат мекунад.

Ояндаи таълим дар фанҳои табиатшиносӣ ва физика дар татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва интерактивӣ нуҳуфтааст. Танҳо тавассути ҳамкории омӯзгор ва хонанда бо технологияҳои рақамӣ метавон дониш, малака ва тафаккури эҷодии насли наврасро дар сатҳи зарурӣ рушд дод ва онҳоро барои ҳаёти муосир омода сохт. Ин равиш нишон медиҳад, ки технологияҳои инноватсионӣ на танҳо воситаи омӯзиш, балки воситаи ташаккули малакаҳои амалӣ, эҷодкорӣ ва фикрронии мустақил мебошанд ва метавонанд дар ояндаи наздик сатҳи таҳсил ва сифати маорифи миллӣ дар Тоҷикистонро ба сатҳи байналмилалӣ бардоранд.

***Адабиёт***


1. *Абдуллозода А.М. Методика преподавания ИКТ в вузах технического и естественнонаучного профиля // Вестник Педагогического университета. Серия педагогических и психологических наук. - 2025. - №4 (26). - С. 140-146.*
2. *Байденко В.И. Болонский процесс: поиск общности европейских систем образования. -М., 2006. - 211 с.*
3. *Байденко В.И. Болонский процесс: курс лекций. -М., 2004. - 158 с.*
4. *Бордовский Т.А., Нестеров А.А., Трапицын С.Ю. Управление качеством образовательного процесса. -СПб.: Изд-во РГПУ, 2001. –С. 13-28.*
5. *Горелов А.А., Кондаков В.Л., Усатов А.Н. К вопросу об использовании самостоятельной физической тренировки в образовательном пространстве современного вуза // Физическое воспитание студентов. -2013. -Вып. 1. - С. 17-26.*
6. *Ниёзов Т. Становление и развитие средних специальных учебных заведений Таджикистана в предвоенные годы: 1924–1941 гг.: автореф. дис. ... канд. ист. наук: 07.00.02. - 2003. - 25 с.*
7. *Олейникова О.Н. Разработка модульных программ, основанных на компетенциях: монография // М.: Профессионал, 2005. - 200 с.*
8. *Раҳмонқулов М. Формирование профессионально значимых качеств бакалавров в условиях кредитной системы образования: автореф. дис. ... канд. пед. наук. -Курган-Тюбе, 2012. – 26 с.*
9. *Сангинов Н.С., Салимов Н.С. Кредитная система образования. -Душанбе: Ирфон, 2005. - 200 с.*
10. *Хабибов С.Х., Маджидов Х.М., Рахмонкулов М. Повышение качества подготовки профессиональных кадров на основе кредитной технологии обучения // Сб. ТГУК, Душанбе: -2009. -С. 25-48.*
11. *Ҳабибов С.Х., Сагинов Н.С., Салимов Н.С., Исоев Р.С. Путеводитель студента Таджикского государственного университета коммерции (в условиях внедрения кредитной технологии обучения). - Душанбе: Ҳумо, 2006. - 30 с.*
12. *Шарипов М.М., Маҷидов Ҳ., Ҳабибов С.Ҳ., Мирзоев Р. Р. Внедрение и использование кредитной системы образования в Таджикском государственном университете коммерции // Вопросы психологии и педагогики. Курган-Тюбе, 2009. - № 4. - С. 82-91.*


## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ДАРСИ ФИЗИКА


Дар мақола масъалаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими фанни физика дар шароити навсозии низоми маориф мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Таъкид мегардад, ки дар асри XXI ҳадафи асосии таълим на танҳо интиқоли донишҳои омода, балки ташаккули тафаккури илмӣ, қобилиятҳои эҷодкорӣ ва малакаҳои фаъолияти мустақили маърифатии хонандагон мебошад. Диққати махсус ба нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, воситаҳои мультимедиявӣ, лабораторияҳои виртуалӣ, барномаҳои симулятсионӣ ва омӯзиши лоиҳавӣ дар баланд бардоштани самаранокии дарсҳои физика равона шудааст. Нишон дода мешавад, ки истифодаи усулҳои рақамӣ ва интерактивӣ ба визуализатсияи равандҳои мураккаби физикӣ, фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон ва рушди малакаҳои амалии онҳо мусоидат мекунад. Ҳамчунин дар мақола тағйирёбии нақши омӯзгор дар шароити муосир таҳлил гардида, таъкид мешавад, ки омӯзгор на танҳо манбаи дониш, балки ташкилкунанда ва роҳнамои раванди таълим мебошад. Мушкилоти асосии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар мактабҳои Тоҷикистон муайян гардида, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод шудаанд. Истифодаи равишҳои инноватсионӣ ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсил ва омода намудани хонандагон ба зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ мегардад.



**Калидвожаҳо:** технологияҳои инноватсионӣ, физика, раванди таълим, омӯзиши рақамӣ, усулҳои интерактивӣ, ТИК, лабораторияҳои виртуалӣ, омӯзиши лоиҳавӣ.

## ПРИМЕНЕНИЕ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ ФИЗИКИ

В статье рассматриваются вопросы использования инновационных технологий в процессе преподавания физики в условиях модернизации системы образования. Подчеркивается, что в XXI веке основной целью обучения является не только передача готовых знаний, но и формирование у обучающихся научного мышления, творческих способностей и навыков самостоятельной познавательной деятельности. Особое внимание уделяется роли информационно-коммуникационных технологий, мультимедийных средств, виртуальных лабораторий, симуляционных программ и проектного обучения в повышении эффективности уроков физики. Показано, что применение цифровых и интерактивных методов способствует визуализации сложных физических процессов, активизации познавательной деятельности учащихся и развитию практических умений. В статье также анализируется изменение роли учителя, который в современных условиях выступает не только источником знаний, но и организатором и наставником учебного процесса. Отмечаются основные проблемы внедрения инновационных технологий в школах Таджикистана и предлагаются пути их решения. Использование инновационных подходов рассматривается как важный фактор повышения качества образования и подготовки учащихся к жизни в информационном обществе.

**Ключевые слова:** инновационные технологии, физика, образовательный процесс, цифровое обучение, интерактивные методы, ИКТ, виртуальные лаборатории, проектное обучение.

## USE OF INNOVATIVE TECHNOLOGY IN PHYSICS LESSONS

The article examines the issues of using innovative technologies in the process of teaching physics in the context of modernization of the education system. It is emphasized that in the 21st century the main goal of education is not only the transmission of ready-made knowledge, but also the development of students' scientific thinking, creative abilities, and skills of independent cognitive activity. Special attention is paid to the role of information and communication technologies, multimedia tools, virtual laboratories, simulation programs, and project-based learning in increasing the effectiveness of physics lessons. It is shown that the application of digital and interactive methods contributes to the visualization of complex physical processes, the activation of students' cognitive activity, and the development of practical skills. The article also analyzes the transformation of the teacher's role, who in modern conditions acts not only as a source of knowledge, but also as an organizer and mentor of the educational process. The main problems of implementing innovative technologies in schools of Tajikistan are identified, and possible solutions are proposed. The use of innovative approaches is considered an important factor in improving the quality of education and preparing students for life in the information society.

**Keywords:** innovative technologies, physics, educational process, digital learning, interactive methods, ICT, virtual laboratories, project-based learning.

***Дар бораи муаллиф***
*Абдуллозода Амина Маназар*
*Ассистенти кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносӣ*
*Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Деҳоти, 1/2*
*E-mail: tguk2025@gmail.com*

***About the author***
*Abdullozoda Amina Manazar*
*Assistant of the Department of Higher Mathematics and Natural Sciences*
*Tajik State University of Commerce*
*734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti st., 1/2*
*E-mail: tguk2025@gmail.com*

***Об авторе***
*Абдуллозода Амина Маназар*
*Ассистент кафедры высшей математики и естественнонаучных дисциплин*
*Таджикский государственный университет коммерции*
*734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Дехоти, 1/2*
*E-mail: tguk2025@gmail.com*

ТДУ 378.147:004.9

# УСУЛИ РУШДИ МАСЪАЛА ВА РАВИШИ ФАРҚКУНАНДА АЗ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ УМУМИКАСБИИ «ЭЛЕКТРОНИКА ВА ЭЛЕКТРОТЕХНИКА»

***Ҷӯразода Х. Ш., Одиназода С. Ш.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*Донишгоҳи давлатии Данғара*

**Муқаддима.** Имрӯзҳо электроника ва электротехника ба технологияҳои рақамии баланди муосир асос ёфтааст. Эътимоднокӣ ва вазифаҳои таҷҳизоти барқӣ бевосита ба кори самаранок ва бехатари бисёр иншооти истеҳсолӣ ва системаҳои таъмини ҳаёт бо мақсадҳои гуногун таъсир мерасонад. Имрӯз, беш аз ҳарвақта, амалия бояд бо назария зич алоқаманд бошад ва ҳатто аз он пеш гузарад. Мувофиқ ба ин раванди инноватсионӣ фаъолияти комплексӣ оид ба таҳия (таваллуд, коркард, рушд), истифода ва паҳн кардани инноватсияҳо мебошад. Дар ин замина, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати салоҳиятнок ворид гаштааст. Омӯзиш ба муайян кардан, азхуд кардан ва нишон додани малака, дониш, рафтор ва муносибатҳое, ки барои кори мушаххас заруранд, асос ёфтааст. Принсипи асосии чунин омӯзиш тамаркуз ба натиҷаҳои марбут ба соҳаи таълим мебошад. Ҳадафи асосии татбиқи усулҳои технологияи рақамии инноватсионии таълим омода кардани одамон ба зиндагӣ дар ҷаҳони доимо тағйирёбанда мебошад. Моҳияти чунин омӯзиш дар он аст, ки раванди омӯзиш ба потенсиали шахс ва татбиқи он равона карда шавад [1; 2; 6; 10].

**Маводҳо ва усулҳои тадқиқот.** Технологияҳои рақамии инноватсионӣ бояд ба ин равиш барои омӯзиши электротехника асос бошад, ки ҷанбаҳои гуногуни ҳамкории муҳити иҷтимоӣ ва инноватсияро баррасӣ кунем, ки ҷанбаҳои ин ҳамкориҳо ба муваффақияти равандҳои инноватсионӣ таъсири бештар мерасонанд, ҳамзамон муайян ва масъалаи имконпазири амалияи инноватсиониро пешгӯӣ кунем. Таълими фанҳои умумикасбӣ ва махсус аз рӯи ихтисоси «Мошинҳои ҳисоббарорӣ, системаҳо ва шабакаҳо» ё «Радиофизика ва электроникаи» Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бе ҷорӣ кардани усулҳои инноватсионӣ ғайриимкон аст. Вақте ки донишҷӯен мундариҷаи ягон модули касбӣ, фанни умумии касбиро аз рӯи ихтисоси «Мошинҳои ҳисоббарорӣ, системаҳо ва шабакаҳо» пешниҳод мекунанд, байни назария ва амалия набояд фарқият вуҷуд дошта бошад. Агар усулҳои инноватсионии таълим ба таври органикӣ усулҳои самараноки ташкили маърифатӣ ва инчунин кори мустақили донишҷӯёнро дар бар гиранд, он гоҳ инро метавон ба даст овард. Дар кори ҳаррӯзаи худ, мо якчанд усулҳоеро истифода мебарем, ки ба назари мо ба амалия нигаронида шудаанд, ба монанди усули таҳияи масъала ва усули равиши фарқкунанда.

**Усули рушди масъала (УРМ)** вазифаҳоро барои истифодаи дониш дар ҳолатҳои ғайриодӣ, иҷрои вазифаҳои хусусияти мураккабӣ дошта, таҳлил ва ҷамъбаст, муқоиса ва системасозӣ истифода мебарад.

Маълум аст, ки танҳо коре ҷолиб аст ва барои ҳалли он саъйи доимиро талаб мекунад. Ин шакли кор дар дарсҳои «амалӣ ва лабораторӣ» истифода мешавад, вақте ки ба донишҷӯён масъала мегузорем ва онҳо ба ҳалли он тавассути иҷрои мустақилона, таҳлил, систематикунӣ ва муқоиса мераванд. Дар рафти чунин кор дар байни донишҷӯён, техникҳои оянда, зарур аст, ки андешаҳои худро ба таври далелнок баён кунанд, масалан, ҳангоми ҳалли масъалаҳо дар соҳаи электротехника, ба тавре ки камбудиҳои асосии таҷҳизоти барқиро бо сабабҳои пешниҳодшуда пайдо кунанд, ки бидуни он дониши онҳо амалӣ карда намешавад. дурустии ҳал нуқтаи назари шахсии онҳо мегардад.

Бо истифода аз ин усул дар дарсҳои амалии электроникӣ ва электротехникӣ, донишҷӯён диққати худро на ба натиҷа, балки ба таҳлили раванди ноил шудан ба он меомӯзанд. Қобилияти мустақилона истифода бурдан ва муаррифии дониши худ, таҳлили маълумоти гирифташуда, пешгӯи кардани заминаҳои гуногун ва ҳалли онҳо низ дар донишҷӯен ҳангоми иҷрои корҳои курсӣ ва тахассусии хатмкунӣ зоҳир мешавад. Корҳои курсӣ ва тахассусии хатмкунӣ амалӣ-нигаронидашуда: ин макетҳо ва стендҳои таълимӣ аз рӯи ихтисос, презентатсияҳо, видеоҳо аз рӯи мавзуъҳо, бахшҳои фанҳои умумикасбӣ, модулҳои касбӣ ва курсҳои байнисоҳавӣ мебошанд, ки дар ҳама намудҳои машғулиятҳои таълимӣ истифода мешаванд.

**Усули равиши фарқкунанда (УРФ)** одатан дарсҳои амалиро барои татбиқ ва бомуваффақият истифода бурдан аст, ки дар он омӯзгор кӯшиш мекунад ҳамаи имкониятҳои инфиродии қариб ҳар як донишҷӯро ба қадри имкон ба назар гирад. Ҳангоми назорати дониш аз рӯи фанни умумикасбӣ, модул вазифаҳои сатҳҳои гуногунро интихоб мекунад, ки ба ҳамаи донишҷӯён имкон медиҳанд, ки мувофиқи имконот ва малакаҳои худ дар дарс фаъолона иштирок кунанд. Дар ҳалли ин масъала саволҳои сатҳи гуногуни фарқият кӯмак мекунад, ки ҳадафи он таъмини ҳар як донишҷӯ бо сатҳи асосии тайёрӣ мебошад. Гузашта аз ин, донишҷӯ дар ин раванд тамошобини ғайрифаъол нест, вай на танҳо «пурсида мешавад» ва на танҳо «ҷавоб медиҳад», чунон ки аксар вақт дар дарсҳои муқаррарӣ рух медиҳад. Ба донишҷӯён имконият дода мешавад, ки шаклҳои ғайримуқаррарии ҳалҳоро таҳлил, инъикос ва татбиқ кунанд. Дарсҳои муосир, аз бисёр ҷиҳат ғайристандартӣ дар лабораторияҳои таълимӣ, дар заминаи биноҳои таълимӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ, сафарҳо ба истеҳсолот, бозиҳои корӣ, иштирок дар озмунҳои касбӣ ва такмили ихтисос ва дигар усулҳои самараноки таълим ба тайер кардани мутахассиси босавод ва касбии насли нав мусоидат мекунанд.


Ҷорӣ намудани раванди технологияҳои рақамии инноватсионии муҳити таълим дар системаи таълим боиси тағйир ёфтани хусусияти ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯ мегардад. Агар қаблан ин субъектҳои раванди таълим дар ҳамкории мустақим буданд, пас бо пайдоиши воқеияти нави инноватсионии таълим, чунин ҳамкорӣ, аз ҷумла тавассути омӯзиши электронӣ ва технологияҳои фосилавӣ ба амал омад, ки ба шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои таълим, инчунин ба тамоми вазифаҳои омӯзгор дар маҷмуъ таъсир мерасонад.

**Натиҷа.** Барои тасдиқи баёнотҳои боло схемаи занҷири баркии ҷараёни доимиро баррасӣ менамоем. Бо истифода аз қонунҳои Кирхгоф системаи муодилаҳо созед [8; 9; 11]. Тавоноӣ баркро дар ҳар як шохаи занҷир пайдо кунед. Ду роҳи ҳалли ин масъала вуҷуд дорад:

1) Бо истифода аз алгебраи матритса;

2) Бо истифода аз блоки "ҳалли овардашуда".

Намунаи ҳалли ин масъаларо дида бароем. Дар расми 1 схемаи занҷири ҷараёни доимӣ нишон дода шудааст.




Расми 1. Нақшаи занҷири ҷараёни доимӣ

Дар аввал УРМ-ро барраси менамоем. Пас УРФ-ро дида мебароем. Дар нақша додашудааст: $E_1 = 30\ В$, $E_4 = 100\ В$, $R_1 = 2\ Ом$, $R_2 = 6\ Ом$, $R_3 = 2{,}5\ Ом$, $R_4 = 10\ Ом$, $R_5 = 4\ Ом$.

Дар расми 1 схемаи асосии занҷири ҷараёни доимӣ нишон дода шудааст. Ин схема ҷузъҳои гуногун ва пайвастагиҳои онҳоро нишон медиҳад. Барои фаҳмидани схема, мо бояд самти ҷараён ва тартиби ҷойгиршавии схемаҳоро муайян кунем. Пас аз сохтани системаи муодилаҳо дар асоси қонуни Кирхгоф, мо метавонем системаи муодилаҳои хаттиро эҷод кунем. Раванди ҳалли ин система дар шакли матритса бо истифода аз Matlab дар алгоритми барномаҳои 1 ва 2 нишон дода шудааст.

Ҳангоми таҳияи системаи муодилаҳо бояд якчанд принсипҳои муҳим риоя карда шаванд:

1. Самти ҷараёнро мувофиқи самти қувваи электроҳаракатдиҳанда (ҚЭҲ) интихоб кунед.

2. Муодилаҳоро дар формати матритса бо рақамҳои сутун, ки ба ҷараёнҳои шохаҳо мувофиқанд ва индексҳо аз чап ба рост афзоиш меёбанд, нависед. Агар унсур намерасад, ба он сифр диҳед.

Мувофиқи баёноти боло, модели математикии зеринро тартиб медиҳем:

$$\begin{cases} I_1 - I_2 - I_3 - I_4 = 0, \\ I_3 + I_4 - I_5 = 0, \\ I_1 \cdot (R_1 + R_6) + I_2 \cdot R_2 = E_1, \\ I_3 \cdot R_3 - I_4 \cdot R_4 = -E_4, \\ I_4 \cdot R_4 + I_5 \cdot R_5 - I_2 \cdot R_2 = E_4. \end{cases}$$

Ин системаи алгебравиро ба намуди матритсави менависем:

$Ax = b,$

ки дар он $A = \begin{pmatrix} 1 & -1 & -1 & -1 & 0 \\ 0 & 0 & 1 & 1 & -1 \\ R_1 + R_6 & R_2 & 0 & 0 & 0 \\ 0 & 0 & R_3 & -R_4 & 0 \\ 0 & -R_2 & 0 & R_4 & R_5 \end{pmatrix}$ -матритсаи элементҳояш додашуда,

$b = \begin{pmatrix} 0 \\ 0 \\ E_1 \\ -E_4 \\ E_4 \end{pmatrix}$ - вектори координатаҳояш муайян ва $x = (I_1 \quad I_2 \quad I_3 \quad I_4 \quad I_5)$- вектори координатаҳояш номуайян мебошанд.

Модели компютерии масъала аз ҳалли системаи муодилаҳо иборат аст (ниг. ба [11, 12]), ки алгоритми оноро меорем.

**Алглоитми барномаи 1.** - Намунаи ҳалли масъала

```
% Дода шудааст
E1=30;
E4=100;
R1=2;
R2=6;
R3=2.5;
R4=10;
R5=4;
R6=1;
%Навишти муодила бо намуди қонуни Кирхгофа;
% Дар намуди матритса ва вектори озод;
A=[1 -1 -1 -1 0; 0 0 1 1 -1; R1+R6 R2 0 0 0; 0 0 R3 -R4 0; 0 -R2 0 R4 R5];
B=[0;0;E1;-E4; E4];
% Хисоби чараён дар занҷир;
I=A\B
Натиҷаи модели компютерӣ
I =
 6.6667
 1.6667
 -4.0000
 9.0000
 5.0000
```

Қадами навбатӣ табдил додани масъала ба шакли сирф матритса бо истифода аз матритсаҳои А ва В мебошад. Ин раванд одӣ аст ва онро бе ягон хатогӣ анҷом додан мумкин аст.

Аз алгебраи матритса мо медонем, ки вектори ҳалли системаи муодилаҳоро бо формулаи зерин ҳисоб кардан мумкин аст:

$X = A^{-1} b$

ки дар он $A^{-1}$ бузургӣ, баръакси матритсаи коэффитсиентҳо, b - вектори доимӣ ва X - вектори ҳаллест, ки мо муайян менамоем.

Модели компютерии масъаларо мураттаб менамоем.

**Алгоритми барномаи 2.** - Идомаи мисол барои ҳалли масъала

```
% Дода шудааст
E1=30;
E4=100;
R1=2;
R2=6;
R3=2.5;
R4=10;
R5=4;
R6=1;
A=[1 -1 -1 -1 0; 0 0 1 1 -1; R1+R6 R2 0 0 0; 0 0 R3 -R4 0; 0 -R2 0 R4 R5];
B=[0;0;E1;-E4; E4];
I=A\B
%Нуқта дар шохаҳо бо ёрии блок ҳал меёбем
% Шартҳои аввала додашудааст%
I1=2;
I2=1;
I3=-1;
I4=3;
I5=2;
%Саршавии блоки ҳисоб;
Z1=-I1+I2+I3+I4;
Z2=--I3-I4+I5;
Z3=I1-(R1+R6)+R2*I2;
Z4=E1;
Z5=I3*R3-R4*I4;
Z6=-E4;
Z7=I4*R4+R5*I5-I2*R2;
Z8=E4;
% Тани блок;
Ig=[6.6667 1.6667 -4.0000 9.0000 5.0000];
%Интиҳои блок
% Санҷиши иҷрои таносуби шиддат;
 D1=E1*I1+E4*I4
D2=I1.^2*(R1+R6)+I2.^2*R2+ I3.^2*R3+I4.^2*R4+I5.^2*R5
I =
 6.6667
 1.6667
 -4.0000
 9.0000
 5.0000
D1 =
 360
D2 =
 126.5000
```

Барои ҳалли системаи муодилаҳо бо истифода аз блоки "Додашуда", мо бояд блоки муодилаҳоро дар формати зерин муайян кунем:

1) Оғози блок бо калимаи калидии «додашуд» ишора карда мешавад.

2) Қисми асосии блок ҳамаи муодилаҳо ва маҳдудиятҳоро дар бар мегирад.

3) Охири блок бо дастури ёфтан қайд карда шудааст.

Пеш аз он ки ба ҳалли масъала шурӯъ кунем, мо бояд шартҳои ибтидоиро, ки қиматҳои ибтидоии миқдоран дилхоҳ мебошанд, муайян кунем. Азбаски ҳалли такрорӣ аст, мо набояд ҳангоми навиштани муодилаҳо баробарии қатъиро истифода барем. Ба ҷои ин, мо бояд оператори "тақрибан баробар"-ро истифода барем. Агар баробарии қатъӣ истифода шавад, системаи муодилаҳоро нодуруст ҳал кардан мумкин аст.

Тавре ки аз мисоли ҳисоб дида мешавад, ҷараёнҳои бо роҳи ҳалли бевоситаи муодилаҳо ва истифодаи блоки "Ҳисоб" ба даст овардашуда якхела мебошанд.

**Муҳокима.** Бо ҷорӣ шудани раванди технологияи рақамии инноватсионӣ нақши омӯзгор аз «таҳвили дониш» ба ҳамкории фаъол бо донишҷӯён дар нақши «мураббии бозӣ», мураббӣ тағйир меёбад. Дар муҳити инноватсионӣ, маркази идоракунии таълим ба донишҷӯён мегузарад, муаллим ба ташкили таълим ё кори мустақили донишҷӯ машғул аст ва дар рушди механизмҳои худомӯзии донишҷӯ кӯмак мекунад. Дар ин ҳолат донишҷӯ субъекти фаъолияти таълимии худ мегардад, ки малакаҳои худтаълимро дар муҳити рақамии таълимӣ ва инъикоси маълумоти гирифташуда инкишоф медиҳад [3-5, 7-9].

Сохтани раванди инноватсионии таълим, татбиқи электротехника ва истифодаи технологияҳои рақамии фосилавӣ аз омӯзгорон талаб мекунад, ки салоҳиятҳои нави касбии марбут ба малакаҳои муошират ва ҳамкорӣ дар муҳити инноватсиониро ба даст оранд: қобилияти ҳамкорӣ бо технологияҳои рақамӣ, донистани қоидаҳо ва меъерҳои рафтор дар раванди истифода ва иртибот дар муҳити рақамӣ, қобилияти мутобиқ кардани стратегияҳои иртиботӣ ба аудиторияи мушаххас, ба назар гирифтани гуногунии фарҳангӣ ва гуногунии наслҳо дар муҳити инноватсионӣ [3]. Салоҳияти иноватсионӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад, ки аз қобилияти омӯзгор барои эҷод ва таҳрири мундариҷаи рақамӣ дар форматҳои гуногун, тағйир додан ва беҳтар кардани сифати он муайян карда мешавад [1; 4; 7; 10].

Яке аз вариантҳои имконпазири ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорон дар заминаи раванди технологияҳои рақамии инноватсионӣ воқеияти таълимии марбут ба электротехника ба мо омӯзиши онҳо дар доираи курсҳои такмили ихтисос мебошад.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барномаи такмили ихтисоси «Таҳсилоти фосилавӣ»-ро таҳия ва бомуваффақият амалӣ мекунад, ки ба рушди салоҳиятҳои иловагии касбӣ ва малакаҳои устувор дар соҳаи омӯзиши электроника ва электротехника, аз ҷумла усулҳои гуногуни истифодаи технологияҳои иноватмионии таълимӣ (ба монанди технологияи фосилавии таълимӣ (ТФТ)) дар таълим равона шудааст.

**Хулоса.** Ҳамин тариқ, ба мо лозим аст, ки барои ҳадафҳои барномаи солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия»-ро татбиқ намоем, бояд УРМ ва УРФ аз истифодаи технологияҳои рақамии инноватсионӣ дар таълими фанни умумикасбии «Электроника ва электротехника» оғоз намоем. Тадбирҳои омоданамоӣ, ҷорӣ ва рушди УРМ ва УРФ дар таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва математика, аз ин ҷумла фанни «Электроника ва электротехника» тавассути таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, коромӯзӣ дар корхонаю идораҳо ва ғайра мақсади татбиқи ин барномаҳоро имкон медиҳад.

***Адабиёт***


1. *Волынский, Б.А. Электротехника / Б.А.Волынский, Е.Н. Зейн, В.Е. Шатерников. - М.: Энергоатомиздат, 1995. - 525 с.*
2. *Гладилов В.А. Контрольные задания по курсу «Электромеханика и электрические машины» / В.А. Гладилов, Н.Г. Панкова. - Н. Новгород: НГТУ, 2000. - 30 с.*
3. *Делиева А.П., Доценко А.В. Развитие профессиональных компетенций педагогов в условиях цифро-визации образования // Управление качеством образования. Образование в Донецкой Народной Республи-ке: проблемы и векторы развития: сб. материалов V Республиканской научно-практической конференции 9 ноября 2021 года / Под ред. О.Я. Жиренкиной, Н.А. Пашковой и др. Донецк, 2021. Т. 2. С. 175 – 178.*
4. *Джураев, Х.Ш. Педагогический потенциал использования современных информационных технологий при преподавании дисциплин электроника и электротехника студентам технических специальностей / Х.Ш. Джураев, С.Ш. Одинаев // Вестник института развития образования. Серия педагогических и психологических наук. -2024. - № 2 (46). - С. 309-316.*
5. *Захаревич Н.Б. Современная дидактика в зеркале цифрового образования // Академический вестник. Вестник Санкт-Петербургской академии постдипломного педагогического образования. 2021. № 1 (51). С. 28 – 33.*
6. *Касаткин, А.С. Электротехника / А.С. Касаткин, М.В. Немцов // -М.: Высшая школа. - 2000. - 542 с.*

7. *Медведева, Н. В. Инновационный подход к управлению системой образования / Н. В. Медведева// - Иванов: Материалы Ивановских чтений. – 2018. – Т. 1. – № 2.*
8. *Профессиональный стандарт «Педагог (педагогическая деятельность в дошкольном, начальном об-щем, основном общем, среднем общем образовании) (воспитатель, учитель)». URL: https://profstandart.rosmintrud.ru/_obshchiy-informatsionnyy-blok/natsiona lnyy -reestr-professionalnykh-standartov /reestr-professionalnykh-standartov /index.php? ELEMENT_ID= 56367 (дата обращения: 10.01.2022)*
9. *Профессиональный стандарт «Педагог дополнительного образования детей и взрослых». URL: https://profstandart.rosmintrud. ru/obshchiy-informatsionnyy-blok/natsionalnyyreestr professionalnykhstandar-tov/reestr-professionalnykh-standartov/index.php?ELEMENT_ID=48583 (дата обращения: 10.01.2022).*
10. *Ҷӯразода, Х.Ш. Технологияҳои рақамӣ дар таълим /Х.Ш. Ҷӯразода // Маорифи Тоҷикистон. -2025. - №2 (238). – С.34-38.*
11. *Ҷӯразода, Х.Ш. Корҳои амалӣ ва лабораторӣ азфанни электроника ва электротехника бо истифодаи Matlab /Х.Ш. Ҷӯразода, С.Ш. Одиназода, Р. Ҳамроқулов. - Душанбе: Простиж Сервис. - 2025. - 114 с.*
12. *Ҷӯраев, Х.Ш. Технологияи барномасозӣ (Муҳити барномасозии Matlab) / Х.Ш. Ҷӯраев, Ҳ.Ҳ. Муминов. – Душанбе: ЭР–граф, 2021. – 268 с.*

## УСУЛИ РУШДИ МАСЪАЛА ВА РАВИШИ ФАРҚКУНАНДА АЗ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ УМУМИКАСБИИ «ЭЛЕКТРОНИКА ВА ЭЛЕКТРОТЕХНИКА»

Дар мақола усули рушди масъала ва равиши фарқкунанда аз истифодаи технологияҳои рақамии инноватсионӣ дар таълими фанни умумикасбии «Электроника ва электротехника» барраси шудааст, ки вазифаҳоро барои истифодаи дониш дар ҳолатҳои ғайриодӣ, иҷрои вазифаҳои хусусияти мураккабӣ дошта, таҳлил ва ҷамъбаст, муқоиса ва системасозӣ, татбиқ ва бомуваффақият, имкониятҳои инфиродии қариб ҳар як донишҷӯро дар дарсҳо пешниҳод карда мешавад. Бо мисоли истифода ва татбиқи технологияҳои рақамии инноватсиониро дар таълими фанни умумикасбии «Электроника ва электротехника» оварда шудааст. Ҳамин тариқ, истифодаи технологияҳои рақамии инноватсионӣ дар таълими фанни умумикасбии «Электроника ва электротехника» як курси бунёдии муқарраршуда барои донишҷӯени ихтисосҳои техникӣ ва навъи фаъолияти касбии муҳандис мебошад, ки бо тамаркузи афзалиятнок ба рушди салоҳияти касбӣ, ташаккули тафаккури гуногунҷабҳа, ки қодир аст ба ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ, ҳаракати касбӣ ва ғайра саҳм гузорад.

**Калидвожаҳо**: усули рушди масъала, усули равиши фарқкунанда, технологияи рақамӣ. инноватсия, таҳлил ва ҷамъбаст, муқоиса ва системасозӣ.

## ПОДХОД К ПОСТАНОВКЕ ЗАДАЧ И ДИФФЕРЕНЦИРОВАННЫЙ ПОДХОД К ИСПОЛЬЗОВАНИЮ ИННОВАЦИОННЫХ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРЕПОДАВАНИИ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ДИСЦИПЛИНЫ "ЭЛЕКТРОНИКА И ЭЛЕКТРОТЕХНИКА"

В статье рассматривается методика постановки задач и дифференцированный подход к использованию инновационных цифровых технологий в преподавании общеобразовательной дисциплины "Электроника и электротехника", которая предлагает задания на применение знаний в нестандартных ситуациях, выполнение сложных заданий, анализ и обобщение, сравнение и систематизацию, внедрение и успешное завершение индивидуальные задания. возможность почти для каждого студента в "потерянном времени". На примере использования и внедрения инновационных цифровых технологий в преподавании общеобразовательного предмета "Электроника и электротехника". Таким образом, использование инновационных цифровых технологий при преподавании общепрофессиональной дисциплины "Электроника и электротехника" является классическим курсом, созданным для студентов технических специальностей и вида профессиональной деятельности инженера с приоритетной направленностью на развитие профессиональной компетентности, формирование разностороннего мышления, способного внести свой вклад. нестандартные решения, профессиональная мобильность и т.д.

**Ключевые слова**: метод постановки задач, метод дифференцированного подхода, цифровые технологии. инновация, анализ и обобщение, сравнение и систематизация.

## AN APPROACH TO PROBLEM SETTING AND A DIFFERENTIATED APPROACH TO THE USE OF INNOVATIVE DIGITAL TECHNOLOGIES IN TEACHING THE GENERAL EDUCATION DISCIPLINE "ELECTRONICS AND ELECTRICAL ENGINEERING"

The article discusses the methodology of setting tasks and a differentiated approach to the use of innovative digital technologies in teaching the general education discipline "Electronics and Electrical Engineering", which offers tasks for applying knowledge in non-standard situations, performing complex

tasks, analyzing and summarizing, comparing and systematizing, implementing and successfully completing individual tasks. an opportunity for almost every student in "lost time". Using the example of the use and implementation of innovative digital technologies in teaching the general education subject "Electronics and electrical Engineering". Thus, the use of innovative digital technologies in teaching the general professional discipline "Electronics and Electrical Engineering" is a classic course created for students of technical specialties and the type of professional activity of an engineer with a priority focus on the development of professional competence, the formation of versatile thinking capable of contributing. non-standard solutions, professional mobility, etc.

**Keywords**: problem setting method, differentiated approach method, digital technologies. innovation, analysis and generalization, comparison and systematization.

***Дар бораи муаллифон***

*Ҷӯразода Хайруллоҳ Шароф*
*Доктори илмҳои физика математика, профессори кафедраи мошинҳои ҳисоббарорӣ, системаҳо ва шабакаҳо*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17*
*E-mail: hayrullo_58@mail.ru*

*Одиназода Саломиддин Шовалӣ*
*Саромӯзгори кафедраи физика ва география*
*Донишгоҳи давлатии Данғара*
*735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.Данғара, кӯчаи Марказӣ 25*
*E-mail: asalmon@mail.ru*

***Об авторах***

*Джуразода Хайруллоҳ Шароф*
*Доктор физика математических наук, профессор кафедры вычислительный машины, системы и сетей*
*Таджикский национальный университета*
*734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17*
*E-mail: hayrullo_58@mail.ru*

*Одиназода Саломиддин Шовали*
*Старший преподаватель кафедры физики и географии*
*Дангаринский государственный университет*
*735320, Республика Таджикистан, р-н. Данғара, улица Маркази 25*
*E-mail: asalmon@mail.ru*

***About the authors***

*Jurazoda Khairulloh Sharof*
*Doctor of Sciences in Physics and Mathematics, Professor, Department of Computing Machines, Systems and Networks*
*Tajik National University.*
*734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17*
*E-mail: hayrullo_58@mail.ru*

*Odinazoda Salomiddin Shovali*
*Senior lecturer at the Faculty of Physics and Geography*
*Dangara State University*
*735320, Republic of Tajikistan Dangara district Markazi Street, 25*
*E-mail: asalmon@mail.ru*

УДК 378.01

# РОЛЬ ЦИФРОВЫЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ ТЕХНОЛОГИИ В ФОРМИРОВАНИИ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ФИЗИКИ

***Насриддинова Г. Х., Шерматов Д. С.***
*Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни*
*Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали ибни Сино*

В условиях стремительного развития цифровых технологий и их активного внедрения во все сферы общественной жизни система образования претерпевает существенные изменения. Процессы цифровизации образования обусловливают необходимость пересмотра целей, содержания, форм и методов обучения, а также требований к профессиональной подготовке педагогических кадров. Особую значимость в данном контексте приобретает проблема формирования профессиональной компетентности будущих учителей физики, деятельность которых напрямую связана с использованием современных научных достижений, экспериментальной базы и цифровых инструментов обучения.

Современное физическое образование ориентировано не только на усвоение обучающимися фундаментальных знаний и законов физики, но и на развитие исследовательского мышления, способности к анализу и интерпретации результатов экспериментов, а также на формирование устойчивой познавательной мотивации. В связи с этим возрастает роль цифровых образовательных технологий, которые открывают новые возможности для визуализации физических процессов, моделирования сложных явлений, проведения виртуальных и удалённых экспериментов, организации интерактивного и персонализированного обучения.

Будущий учитель физики должен быть готов к профессиональной деятельности в цифровой образовательной среде, уметь эффективно использовать электронные образовательные ресурсы, системы управления обучением, виртуальные лаборатории, симуляторы, мультимедийные материалы и средства онлайн-коммуникации. Это требует формирования у студентов педагогических вузов не только прочных предметных и методических знаний, но и развитой цифровой компетентности как неотъемлемой составляющей их профессиональной подготовки.

В условиях совершенствовании педагогического образования особую актуальность приобретает научное осмысление роли цифровых образовательных технологий в формировании профессиональной компетентности будущих учителей физики.

Анализ педагогического потенциала цифровых технологий, а также определение эффективных путей их интеграции в образовательный процесс педагогических вузов позволяют повысить качество подготовки специалистов, способных успешно реализовывать образовательные задачи в условиях цифровой трансформации школы.

Актуальность исследования роли цифровых образовательных технологий в формировании профессиональной компетентности будущих учителей физики обусловлена глубинными изменениями, происходящими в системе образования в условиях цифровой трансформации общества. Современная школа ориентируется на внедрение цифровой образовательной среды, использование электронных ресурсов, интерактивных платформ, виртуальных лабораторий и дистанционных форм обучения, что существенно повышает требования к уровню профессиональной подготовки педагогических кадров.

Особую значимость данная проблема приобретает в контексте национальной стратегии цифровизации и развития инновационной экономики. Согласно постановлениям государственных органов, 2025–2030 годы объявлены «Годами развития цифровой экономики и инноваций», что предопределяет ускоренную интеграцию цифровых технологий во все сферы общества, включая образование. В этих условиях подготовка педагогов, способных эффективно использовать цифровые образовательные технологии, становится приоритетной задачей системы педагогического образования.

Физика как фундаментальная естественнонаучная дисциплина требует широкого применения экспериментальных, исследовательских и моделирующих методов обучения [12, с. 58].

Однако в реальной образовательной практике школы и педагогических вузов нередко наблюдаются ограничения, связанные с материально-технической базой, недостатком лабораторного оборудования и времени для проведения полноценных экспериментов. В этих условиях цифровые образовательные технологии становятся эффективным средством компенсации указанных трудностей, обеспечивая доступ к виртуальным и удалённым лабораториям, компьютерному моделированию и образовательным симуляциям физических процессов.

Вместе с тем анализ состояния профессиональной подготовки будущих учителей физики показывает наличие противоречия между объективной необходимостью активного использования цифровых технологий в образовательном процессе и недостаточной сформированностью цифровой компетентности у студентов педагогических вузов. Это проявляется в затруднениях при выборе и педагогически целесообразном применении цифровых инструментов, интеграции их в методику преподавания физики и оценке образовательных результатов обучающихся.

В связи с этим особую значимость приобретает научное исследование роли цифровых образовательных технологий как фактора формирования профессиональной компетентности будущих учителей физики, включающей предметную, методическую, психолого-педагогическую и цифровую составляющие. Выявление педагогических условий и эффективных способов использования цифровых технологий в системе педагогического образования позволит повысить качество подготовки будущих учителей физики и обеспечить их готовность к профессиональной деятельности в современной цифровой образовательной среде.

Различные аспекты применения цифровых образовательных технологий в процессе обучения и развития профессиональных компетенций педагогов, в том числе будущих учителей физики, на протяжении последних лет изучались рядом исследователей. Среди них можно выделить работы Л.И. Анциферовой, Б.М. Игошева, В.В. Майера, И.В. Клевецкого, Г.Г. Никифорова, Т.Н. Шамало и В.Ф. Шилова, которые посвящены методам активизации учебного процесса, использованию учебного эксперимента и формированию ключевых компетенций у обучающихся.

В частности, в исследованиях показано, что применение современных образовательных технологий, включая интерактивные и цифровые инструменты, способствует развитию интеллекта учащихся (А.В. Усова, Т.Н. Шамало), формированию ключевых компетенций (П.В. Зуев), а также развитию научного мировоззрения и исследовательских навыков (Н.В. Шаронова). Эти результаты подтверждают образовательный потенциал технологий для организации учебного процесса по физике.

Однако аспект, связанный с подготовкой будущих учителей физики к эффективному использованию цифровых образовательных технологий для реализации развивающего и исследовательского потенциала учебного физического эксперимента, остаётся недостаточно изученным. Среди редких работ в этой области можно выделить исследование И.А. Ильдяева, посвящённое подготовке студентов к проведению школьного физического эксперимента в процессе организации учебно-исследовательской работы.

Таким образом, несмотря на накопленные теоретические и методические разработки, проблема формирования профессиональной компетентности будущих учителей физики с использованием цифровых образовательных технологий остаётся актуальной. Необходим комплексный подход, направленный на интеграцию предметной, методической, психолого-педагогической и цифровой составляющих компетентности, а также на изучение эффективных способов применения цифровых инструментов для моделирования физических процессов, организации виртуальных лабораторий и формирования исследовательских и профессиональных навыков у студентов педагогических вузов.

Современный учитель физики должен обладать не только глубокими предметными знаниями, но и развитой цифровой компетентностью, которая позволяет эффективно использовать разнообразные цифровые инструменты для организации учебного процесса. Это включает умение применять интерактивные платформы для проведения онлайн-занятий, использовать виртуальные и удалённые лаборатории для демонстрации физических экспериментов, создавать и адаптировать компьютерные модели физических явлений для визуализации сложных процессов, а также применять образовательные симуляции и мультимедийные материалы для повышения интереса и понимания учащихся.

Кроме того, цифровая компетентность современного учителя предполагает использование средств онлайн-коммуникации для организации коллективной и проектной работы, применение систем управления обучением (LMS) для контроля знаний и мониторинга успеваемости, а также цифровых инструментов для оценки образовательных результатов. Всё это способствует формированию у обучающихся устойчивой познавательной мотивации, развитию критического мышления, исследовательских навыков и способности самостоятельно приобретать знания. Например, проведение виртуального эксперимента по законам Ньютона может помочь студентам наблюдать эффекты силы и массы в условиях, недоступных для традиционной лаборатории, а симуляции по электродинамике позволяют наглядно увидеть распределение электрических полей и токов, что значительно повышает понимание материала.

Профессиональная компетентность будущего учителя физики рассматривается как интегративное образование, объединяющее несколько взаимосвязанных составляющих: предметную, методическую, психолого-педагогическую и цифровую [2, с. 52]. Каждая из этих составляющих играет ключевую роль в подготовке педагога, способного эффективно реализовать образовательные задачи в современных условиях цифровизации.

Предметная составляющая предполагает глубокое владение фундаментальными знаниями физики, понимание закономерностей физических процессов, умение анализировать, моделировать и объяснять явления природы. Учитель должен быть способен не только передавать знания, но и формировать у обучающихся исследовательские навыки, умение проводить эксперименты и наблюдать закономерности [5, с. 117].

Методическая составляющая включает владение современными методами и приёмами преподавания физики, умение строить образовательный процесс с учётом целей обучения, возрастных особенностей учеников, интеграции различных форм и методов работы, включая проектную деятельность, лабораторные работы и исследовательские практикумы [7, с. 18].

Психолого-педагогическая составляющая ориентирована на развитие у будущего учителя компетенций, необходимых для создания благоприятной учебной среды, мотивации обучающихся, индивидуального подхода, формирования критического мышления и коммуникативных навыков. Она обеспечивает способность педагога управлять процессом обучения с учётом психологических особенностей каждого ученика и коллективной динамики класса [15, с. 33].

Цифровая составляющая отражает современное требование к педагогам - умение использовать цифровые образовательные технологии для организации и поддержки учебного процесса. Это включает работу с интерактивными платформами, виртуальными лабораториями, симуляторами, мультимедийными материалами, средствами дистанционного обучения и системами управления обучением [10, с. 54].

Цифровая компетентность позволяет учителю моделировать физические явления, проводить виртуальные эксперименты и формировать у обучающихся устойчивую познавательную мотивацию.

Профессиональная компетентность будущего учителя физики рассматривается как комплексное образование, в котором синергетическое взаимодействие предметной, методической, психолого-педагогической и цифровой составляющих обеспечивает формирование высококвалифицированного педагога, способного эффективно работать в условиях современного цифрового образования и решать задачи подготовки учащихся к активной исследовательской и научной деятельности [17, с.156].

Особое внимание в формировании профессиональной компетентности будущего учителя физики уделяется цифровой составляющей, которая отражает современную потребность педагогов в уверенном владении цифровыми технологиями и их педагогически целесообразном применении. Цифровая компетентность предполагает готовность учителя использовать разнообразные электронные образовательные ресурсы и цифровые инструменты для организации, сопровождения и оценки учебного процесса [11, с. 10].

Ключевые направления цифровой компетентности включают:

Дар мақола ҳолати муосири барномаи таълимии фанни физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтааст. Барномаҳои мавҷуда (солҳои 2004, 2007 ва 2021) таҳлил шуда, камбудиҳо дар мундариҷа, сохтор ва тақсимоти соатҳои таълимӣ муайян карда шудаанд. Зарурати оғози омӯзиши системавӣ аз синфи VI ва азнавтақсимкунии мундариҷа ва соатҳо барои синфҳои VII–XI нишон дода шудааст. Тавсияҳо барои такмил додани барномаи таълим бо назардошти талаботи муосири «Стандарти давлатии таҳсилоти миёна», дастёбӣ ба пайванди байни фанҳо ва дохилии онҳо, самти амалӣ ва ҷалби хонандагон ба фан пешниҳод шудаанд.



**Калидвожаҳо:** физика, барномаи таълим, омӯзиши физика, омӯзгор, дониш, синф, мавод, таҳсилоти миёна, такмил, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**IMPROVEMENT OF THE PHYSICS CURRICULUM IN SECONDARY GENERAL EDUCATION INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: ANALYSIS, PROBLEMS, AND RECOMMENDATIONS**

The article examines the current state of the physics curriculum in secondary schools of the Republic of Tajikistan. Existing programs (2004, 2007, and 2021) are analyzed, highlighting deficiencies in content, structure, and allocation of instructional hours. The necessity of introducing systematic physics education from grade VI, as well as redistributing content and hours for grades VII–XI, is justified. Recommendations are presented for improving the curriculum in accordance with the modern requirements of the State Standard of Secondary Education, ensuring intra- and interdisciplinary connections, practical orientation, and student engagement.

**Keywords:** Physics, Curriculum, Physics Education, Teacher, Knowledge, Class, Material, Secondary Education, Improvement, Republic of Tajikistan.

***Об авторе***
*Ашуров Ашурмахмад Хусинович*
*Ассистент кафедры методики преподавания физики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: jumahonashurov2@gmail.com*

***Дар бораи муаллиф***
*Ашуров Ашурмаҳмад Ҳусинович*
*Ассистенти кафедраи методикаи таълими физика*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: jumahonashurov2@gmail.com*

***About the author***
*Ashurov Ashurmahmad Khusinovich*
*Assistant of the Department of Physics Teaching Methods*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: jumahonashurov2@gmail.com*

ТДУ 372.331:004

# ТАЪЛИМИ ФАЪОЛ ДАР ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ОМӮЗИШИ ХИМИЯИ БИОЛОГӢ

***Баротзода К. А., Хидиров Ғ. С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

**Муқаддима.** Марҳилаи муосири навсозии низоми маориф талаб мекунад, ки мутобиқатии байни афзоиши доимии ҳаҷми донишҳо ва имконоти маҳдуди раванди таълим муайян карда шавад. Дар ин раванд ба донишҷӯи мактаби олӣ лозим аст, ки маҷмуи салоҳиятҳоро соҳиб шавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми кушишҳоро ба харҷ дода, чораҳои амалиро баҳри ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ будани низоми маориф андешида истодаанд. Дар робита ба ин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2012 стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 ва соли 2020 Стратегияи милли рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва ғайра тасдиқ гардидаанд. Дар Стратегияи милли рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки низоми муосири таҳсилот бояд ба тамоюли ҷаҳонӣ мутобиқ бошад ва вобаста ба талаботи ҷамъият рушди таҳсилотро самтгирӣ намояд. Талаботи ҷамъият муносибати босалоҳиятро, ки мақсади он сифати таҳсилот, ташаккули маҳорати касбӣ ва салоҳиятҳо мебошад, тақаозо менамояд. Дар ҷаҳони имрӯза муваффақияти шахсии ҳар як шаҳрванд аз қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити тағйироти баамаломада ва таҳсилоти бефосила дар давоми ҳаёт вобастагӣ дорад. Дар навбати худ низоми маориф бояд шароити рушди ин салоҳиятро таъмин намояд.

**Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот.** Таълими интерактивии биохимия имкон медиҳад, ки муносибати босалоҳият татбиқ карда, шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯзиши ин фан бедору ташаккул дода шавад. Ин боиси бомуваффақият азхуд кардани маводди мураккаби назариявӣ, ҳалли мустақилонаи масъалаҳои таълимӣ, ташаккулёбии муносибатҳои эҳтиромона бо ҳамдигар, малакаҳои кори дастаҷамъӣ, инчунин салоҳиятҳои умумии фарҳангӣ ва касбии донишҷӯён мегардад.

Услуби муносибати байни омӯзгор ва донишҷӯён, нақши омӯзгорро ҳам пеш аз дарс ва ҳам баъди он дида мебарояд. Дар ин ҷо ба раванди мустақилона азхуд кардани мавод аз ҷониби донишҷӯён дар доираи фаъолияти муштарак афзалият дода мешавад. Ин равиш аҳаммияти иштироки фаъолонаи донишҷӯёнро дар раванди таълим таъкид намуда, на танҳо дониш, балки малакаҳои кори мустақилона, муошират ва ҳамкории фаъолонаи коллективро инкишоф медиҳад.

Чунин омӯзиши инноватсионӣ на танҳо ба дарки амиқтари мавод мусоидат мекунад, балки барои ташаккулёбии бомуваффақияти салоҳиятҳои калидӣ дар муҳити касбӣ ва дар маҷмуи ҷомеа замина мегузорад.

Татбиқи методҳои интерактивӣ дар таълими биохимия имкон медиҳад, ки муносибати босалоҳиятро дар омӯзиш истифода карда шавад, ки боиси бедор шудани шавқи донишҷӯён ба омӯзиши ин фан мегардад. Ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки маводди мураккаби назариявӣ ва амалиро азхуд карда, масъалаҳои таълимиро мустақилона ҳал кунанд, байни донишҷӯён муносибатҳои эҳтиромона ба вуҷуд оранд, кори дастаҷамъонаро омӯзанд ва малакаҳои умумии фарҳангӣ ва касбиро инкишоф диҳанд.

Омӯзгороне, ки дар кор бо гурӯҳ методҳои интерактивиро истифода мебаранд, бояд дорои маҷмуи воситаҳо ва малакаҳои касбӣ бошанд, аз ҷумла:

**1. Донистани амиқи маводди таълимӣ:** онҳо бояд на танҳо аз фанни худ огоҳ бошанд, балки маълумотро ба таври дастрас ва ҷолиб пешниҳод карда тавонанд.

**2. Истифодаи самараноки технологияи таълимӣ:** дониш ва малакаҳои истифодаи методҳои навтарини таълим ба мисли тахтаҳои интерактивӣ, барномаҳои муаррифӣ ва захираҳои интернетӣ.

**3. Муносибати эҷодкорӣ:** қобилияти эҷоди сенарияҳои омӯзиши ҷолиб ва инноватсионӣ, ки иштироки фаъоли донишҷӯёнро таъмин мекунанд.

4. **Чандирӣ ва мутобиқшавӣ:** қобилияти вокуниши мутобиқшавандагӣ ба шароити тағйирёбанда ва ниёзҳои гурӯҳ тавассути интихоби методҳои мувофиқи таълим.

5. **Муносибати бисёрнақшӣ**: қобилияти ба уҳда гирифтани нақшҳои гуногун: ташкилотчӣ, психолог, ҳамоҳангсоз ё коршинос, вобаста ба вазифаҳо ва шароити мушаххас.

Ин малакаҳои касбӣ барои фароҳам овардани муҳити мусоиди таълим, баланд бардоштани иштироки таълимгирандагон дар раванди таълим ва бомуваффақият татбиқ намудани методҳои интерактивии таълим заруранд. Ин, дар навбати худ, барои боз ҳам самараноктар таълим гирифтан ва мувофиқи талаботи таълими муосир ба камол расидани таълимгирандагон мусоидат мекунад.

Доираи малакаҳо, салоҳиятҳо ва саводнокии муошират барои иштирок дар ин чорабиниҳои нав бояд такмил дода шавад. «Ин имкон медиҳад, ки тахассуси омӯзгорон баланд шуда, ба натиҷаҳои беҳтари таълиму тарбия ноил гарданд» [4, с. 157]. Дар ҷараёни таълим пеш аз ҳама ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсиониро аз омӯзгорон талаб мекунад.

Омӯзгороне, ки донишҷӯёнро бо дарсҳо ба истифодаи технологияҳои интерактивӣ нигаронидашуда, омода мекунанд, аксар вақт бо интихоби методи самараноки таълим барои азхудкунии мавзуъ ё амсилаи мушаххас рӯ ба рӯ мешаванд. Як салоҳияти муҳим барои онҳо қобилияти мутобиқ будан дар ин интихоб ва омезиши методҳои гуногун бо мақсади таъмини беҳтар дарк намудани маводди нав аз ҷониби донишҷӯён мебошад.

Баъзан барои донишҷӯён муайян кардани мавқеи худ дар як мавзуи мушаххас душвор буда метавонад. Мушкилоти дастрасии маводди таълимӣ, мантиқи пешниҳод ва интихоб, инчунин сохторбандии иттилоот аз малакаҳои касбии омӯзгор ва методи таълими истифодашаванда вобаста аст. Лексияи интерактивӣ маҷмуи самаранокии ҷузъиёти лексияи анъанавӣ ва визуалӣ мебошад, ки муаррифии PowerPoint-ро муттаҳид мекунад. Ин муносибат ба самараноктар омӯхтани мавод мусоидат менамояд ва раванди таълимро осон мегардонад.

Вақте ки лектор нутқи худро бо тасвирҳо, диаграммаҳо ё видеоҳо пурра мекунад, донишҷӯён одатан маводди пешниҳодшударо самараноктар меомӯзанд. Курси лексияхо аз фанни биохимияи умумӣ барои амиқтар дарк намудани проблемахои илмии ҳозиразамон имкониятхои беназир фарохам оварда, маводди таълимиро барои дарк ҷолибтар мегардонад ва ба раванди азхудкунии фан хусусияти ҳаяҷонбахш медиҳад.

Муносибати босалоҳият фароҳам овардани шароити мусоидро барои тайёр кардани хатмкунандагонро ба касби оянда тақозо менамояд. Технологияи модулӣ-рейтингии таълим имкон медиҳад, ки муносибати босалоҳиятро дар таълим истифода баред. Донишҷӯён барои ҳар як фаъолияте, ки дар доираи модули таълимӣ ё қисмати ин фан иҷро мекунанд, хол мегиранд. Супоришҳои тестӣ ё коллоквиумҳо барои баҳодиҳии сатҳи дониши донишҷӯён аз рӯйи модулҳои фан истифода мешаванд. Низоми рейтингии баҳодиҳии мониторинги фаъолияти таълимӣ дар ҷараёни таҳсилот рақобатро ба вуҷуд оварда, ҳавасмандии донишҷӯёнро ба омӯзиши фан таъмин менамояд.

Портфолио воситаи муосири баҳодиҳии фаъолияти таълимии донишҷӯён буда, аз нуқтаи назари динамикаи азхудкунии фан баррасӣ мешавад. Портфолио кории электронӣ қобилиятҳои шахсӣ ва касбии мутахассиси ояндаро инъикос мекунад ва он тамоми дастовардҳои донишҷӯро дар давраи таҳсил дар бар мегирад.

Донишҷӯён метавонанд портфолиои электронии худро дар тамоми раванди таълим нигоҳ доранд, аз ҷумла ҳама маводе, ки рушди малака ва салоҳиятҳои онҳоро нишон медиҳанд. Ин восита имкон медиҳад, ки раванди омӯзиш ҳуҷҷатгузорӣ ва таҳлил карда шавад ва инчунин ҳамчун нишондиҳандаи рушди шахсӣ ва касбӣ хизмат намояд. Портфолиое, ки хатмкунанда пас аз хатми донишгоҳ мегирад, тамоми усулҳои тадқиқоти азхудкардаи ӯ, рӯйхати лоиҳаҳо, нақшҳо ва вазифаҳои мушаххас, муаррифиҳо, корҳои курсӣ ва дигар корҳои илмиро нишон медиҳанд. Ин далели ҳуҷҷатии омодагии ӯ ба касби дахлдор мебошад.

Биохимия яке аз фанҳои дақиқ мебошад, ки дар нақшаҳои таълими МТОК ворид карда шудаанд, донишҷӯён меомӯзанд. «Ин ба ду сабаб вобаста аст. Аввалан, маводе, ки дар он оварда шудааст, хеле печида аст, дуюм, мақоми номуайян дорад» [12, с. 126]. Дар асл, биохимия як фанни байнисоҳавӣ мебошад, ки бо якчанд илмҳо алоқаманд аст. Он дар байни химияи органикӣ, биологияи молекулавӣ, биологияи ҳуҷайра, физиологияи рустаниву ҳайвонот ва генетикаи молекулавӣ ҷойгир аст.

Мавзуъҳое, ки аз вазифаҳои сафедаҳо то марҳилаҳои фотосинтез ва аз сохтори аминокислотаҳо ва моносахаридҳо то таъсири энергетикии фосфоризатсияи оксидшавӣ иборатанд, шарҳи мантиқии чунин маводди васеъ ва мураккаб барои омӯзгорон душвор аст. Ин душвориҳо аз он сабаб зиёд мешаванд, ки машғулиятҳои лексионӣ аксар вақт маҳдуд буда, барои пурра азхуд кардани мавзуъҳо ба таълимгирандагон душворӣ пеш меорад.

Биохимия дар айни замон яке аз илмҳои динамиктарин мебошад. Ин фан ба омӯзиши равандҳо ва моддаҳои химиявӣ дар организмҳои зинда машғул аст. Биохимия бо биологияи молекулавӣ зич алоқаманд аст ва барои фаҳмидани равандҳои бунёдии ҳуҷайраҳо ва организмҳо муҳим мебошад.

Пешрафти биохимия дар соҳаҳои гуногун, аз қабили муҳандисии генетикӣ, тиб, фармасевтика, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист таъсири назаррас дорад. Тадқиқот дар ин соҳа, ба коркарди методҳои нави табобати бемориҳо, ба вуҷуд овардани доруҳои нав, инчунин дарк намудани механизмҳои кори организмҳои зинда мусоидат мекунад.

Биохимия дар саноати тиб, хӯрокворӣ ва кишоварзӣ пешомадҳои азим мекушояд, дар фаҳмидани равандҳои ҳаёт ва ба вуҷуд овардани равишҳои навоварона ба ҳалли мушкилоти гуногуни илмию амалӣ нақши асосӣ мебозад.

Аз сабаби васеъ истифода кардани донишхои биохимиявӣ, масъалаи аз маводди махсуси пешниҳодшуда интихоб кардани фақат хамон фаслҳое ба миён меояд, ки бевосита ё бавосита ба ихтисоси мушаххасе, ки шунавандагон донишҷӯён онро меомӯзанд, алоқаманданд.

Ин ба он далел аст, ки аксари ҷавонони муосир ба таҳсил диди воқеъбинона доранд ва бар ин назаранд, ки ҳар фанни омӯхташуда мавзуи асосии омӯзиш аст. Р. С. Хуанг тасдиқ мекунад, ки «аксари адабиёти биохимиявии ба забони англисӣ нашршуда аз ҷузъҳои зерин иборат аст: мафҳумҳо, забонҳо, истилоҳот, рамзҳо, блокҳо, сохтор, системаҳо, созмон, равандҳо, даврaҳо, табдили энергия; шинохт, муошират, гомеостаз, назорат ва танзим» [4, с. 156-157], ки инро мо эътироф мекунем.

Сохтори умумии курси биохимия дар сарчашмаҳои иттилоотӣ одатан ба ҳамдигар монанданд, гарчанде ки пайдарпайии пешниҳоди ҳар як бахш каме фарқ мекунад. Фаровонии мавзуъҳое, ки доираи васеи донишҳоро фаро мегиранд, ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки ба ниёзҳои мушаххас мутобиқ шаванд, вале дар айни замон барои донишҷӯён, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ душвориҳои муайянеро ба миён меорад.

Фаслҳои мухталифе, ки «ҳама чизро» фаро мегиранд, барои донишҷӯён аз ҷиҳати фаҳмиш ва омӯзиш душвор буда метавонанд, зеро аз онҳо талаб карда мешаванд, ки на танҳо дарки амиқи ҳар як мавзуи мушаххас, балки қобилияти дидани робитаҳои байни ҷанбаҳои гуногунро аз биохимия дошта бошанд. Раванди таълим дар сурате самараноктар мешавад, ки агар омӯзгорон маводро бодиққат сохторбандӣ карда, ба донишҷӯён дар робита бо мавзуъҳои гуногун, фароҳам овардани фаҳмиши муттаҳид дар соҳаи биохимия кӯмак расонанд.

«Мутаасифона, аксари адабиёти пешкашшуда танҳо биохимияи тиббӣ, як соҳаи хеле маҳдуди татбиқро фаро мегиранд, ки ин аз таҳлили шумораи зиёди нашрияҳои чопӣ ва электронӣ, ки ба масъалаҳо ва технологияи таълими биохимия бахшида шудаанд, нишон медиҳад»[12, с. 127]. Ҳатто дар ин замина ҳам мушкилоти зикршудаи таълими ин фан қайд карда мешавад. «Ба инҳо маълумоти зиёдатӣ, ки ба фаъолияти ояндаи касбӣ алоқаманд нестанд ва мушкилии омӯзиши худи ин фан барои аксари донишҷӯён дохил мешаванд» [13, с. 142].

Роҳи сатҳии омӯзиши биохимия, тавре ки О. И.Кузьмина ва Ш. Н. Галимов [7] нишон медиҳанд, бо хотираи механикии маводди таълимӣ бе фаҳмиши амиқи моҳияти равандҳои биохимиявӣ вобаста буда метавонад. Ин танҳо дар хотир нигоҳ доштани далелҳо, формулаҳо ва маълумотро бидуни дарки маъно, муносибатҳо ва татбиқи онҳо дар заминаи падидаҳои воқеии биологӣ мебошад.

Барои самараноктар омӯхтани биохимия методҳои фаъоли таълим, аз қабили мубоҳисаҳои гурӯҳӣ, корҳои лабораторӣ ва супоришҳои амалӣ тавсия дода мешавад, ки барои амиқ дарк кардани мавод мусоидат мекунанд.

Чунин методҳо ба донишҷӯён барои дидани татбиқи амалии донишҳои назариявӣ ва ташаккул додани малакаҳои таҳлилу татбиқи иттилооти гирифташуда, кӯмак мерасонанд [14].

М. Афшар ва З. Хан омилҳои зеринро муайян мекунанд, ки таваҷҷуҳи донишҷӯёни МТОК ба омӯзиши биохимия коҳиш медиҳанд:

1. Такрори маводди лексияҳои химияи органикӣ, микробиология ва дигар фанҳо дар таълими биохимия метавонад, ки якчанд сабаб ва мақсад дошта бошад: амиқ кардани дониш, робитаи байни фанҳо, пур карданинорасиҳои дониш ва омодагӣ ба омӯхтани мавзуъҳои мураккабтар.

2. Абстракт будани маводе, ки дар биохимия омӯхта мешавад, бо якчанд омилҳо сабаб шуда метавонад. Шояд ин барои дар донишҷӯён ташаккул додани фаҳмиши умумӣ доир ба равандҳои асосии биохимиявӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни илм ва амалия васеъ татбиқ карда мешавад, бошад. Ин равиш ба донишҷӯён кӯмак карда метавонад, ки асосҳои биохимия ва аҳаммияти онҳоро беҳтар дарк кунанд, ҳатто агар онҳо дар ин соҳа мутахассис набошандҳам.

3. Шояд набудани робитаи маводди омӯхташаванда ва фаъолияти касбии ояндаи донишҷӯён ҳамчун монеа дар роҳи ҳавасмандкунӣ ва дарки ҳадафҳои таълим қабул карда шавад. Ин шавқу рағбати донишҷӯёнро ба раванди таълим коҳиш дода, азхудкунии маводро душвор месозад. Ҳалли ин масъала аз нав тарҳрезии нақшаи таълими ягонаро тақозо менамояд, то он ба тахассуси ояндаи донишҷӯён мувофиқ бошад [1, с. 67-73].

Омӯзиши ба шахсият нигаронидашуда ба хусусиятҳои фардии донишҷӯён ва пайвастани маводди таълимиро бо таҷрибаву фаъолияти ояндаи касбии онҳо дар назар дорад. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, аз қабили муаррифиҳои ҷолиб ва равшани маводу мисолҳои ҷолиб ҳавасмандии дохилии донишҷӯёнро ба таври назаррас афзоиш дода метавонад. Ин ҷузъиёт кӯмак мекунанд, ки раванди таълим барои донишҷӯён ҷолибтар, фаҳмо ва мувофиқ бошад.

Р.С. Хуанг истифодаи равиши ба салоҳият асосёфтаро пешниҳод мекунад, ки «он ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки тавассути мушоҳидаи мустақими раванди таълим дар лексия ё ҳатто тавассути таҷрибаи амалӣ пеш аз шарҳи назариявии он, мавзуъро эҳсос кунад» [6, с. 41-47]. Ба андешаи мо ин ба ташаккулёбии шавқу ҳаваси донишҷӯён ба омӯзиши биохимия ёрӣ мерасонад.

А. Хофштейн ва В.Н. Лунетта [2, с. 142-151] барои ташаккулёбии ҳавасмандии донишҷӯён ба корҳои илмӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми омӯзиши бомуваффақият якҷоя кардани фаъолиятҳои лабораториро бо фаъолияти тадқиқотӣ тавсия медиҳанд. Ин муносибати мусбии донишҷӯёнро нисбат ба кори илмӣ баланд мебардорад, шавқу ҳаваси касбӣ ва шавқу ҳаваси онҳоро ба омӯзиши ин фан бедор мекунад.

Дастурҳои биохимиявии доир ба маҳсулоти ғизоӣ дар муҳити таълимӣ самаранок буда, аммо самаранокии онҳо аз ҳадафҳои мушаххаси таълимӣ вобаста аст. Агар ба инкишоф додани донишҳои фундаменталии биохимияи тиббӣ диққат дода шавад, аҳаммияти равандҳои асосии молекулавӣ ва мубодилаи моддаҳо бояд қайд карда шавад.

Инчунин, таъкид кардани робитаҳои байни биохимия, ғизо ва саломатӣ муҳим аст. Мунтазам нав кардани маводди таълимӣ бо ба назар гирифтани комьёбиҳои навтарини илм дар соҳаи биохимия мувофиқ будани фанро таъмин мекунад. Таъмини донишҷӯён бо имконият барои омӯхтани мавзуъҳои махсус, ба монанди таъсири ғизо ба эҳсосот, фаҳмиш ва ҷалби онҳоро бо мавод амиқтар карда метавонад. Ташкили курси мутавозин, ки асосҳои биохимияи тиббиро бо мавзуъҳои ҷолиб ва мувофиқ муттаҳид мекунад, ба ҳавасмандгардонии шавқ ва ғанӣ гардонидани таҷрибаи таълимии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Дар айни замон, масъалаи чӣ гуна истифода кардани технологияҳои муҳандисии генетикӣ барои эҷоди навъҳои рустаниҳо ва ҳайвонот бо хосиятҳои пешакӣ барномарезишуда, аллакай ҳамчун як масъалаи махсус ва касбӣ барои шунавандагони муайян баррасӣ карда мешавад.

«Катаболизми карбогидратҳо», дар марҳилаи анаэробӣ ва оксигенӣ, «мубодилаи липидҳо дар организм», «анаболизми сафедаҳо ва кислотаҳои нуклеинӣ» ва «ҳосилшавӣ ва вазифаи липидҳо» мавзуъҳои душвортаринанд ва онҳо ба маълумоти мавҷуда мувофиқат мекунанд [6, с. 41-47]. Зимни омӯзиши ин мавзуъҳо донишҷӯён ба мушкилӣ рӯ ба ӯ мешаванд.

Воқеан, равандҳои бисёрферментивии циклӣ ба монанди давраи Кребс ва гликолиз механизмҳои мураккаби биохимиявӣ мебошанд, ки бо таҷзия ё синтези пайвастагиҳои энергияи баланд алоқаманданд. Дар ин равандҳо аксари моддаҳои органикӣ бо номҳои душвор пешниҳод мешаванд, ки барои фаҳмидан ва дар хотир доштани иттилооти асосӣ душворӣ пеш меоранд.

Ин равандҳои даврӣ барои мубодилаи моддаҳо дар ҳуҷайраҳо муҳиманд ва барои ҳаёт энергияи заруриро таъмин мекунанд, аммо аз сабаби мураккабиашон, фаҳмидани онҳо барои донишҷӯён душвор буда, омӯзиши бодиққатро тақозо мекунанд.

Барои самаранокtар азхуд кардани ин мавод методҳои таълимро истифода бояд кард, ки ба визуализатсияи равандҳо, истифодаи аналогияҳо ё ташкили дарсҳои интерактивӣ нигаронида шудаанд. Ҷудо кардани равандҳои мураккаб ба қадамҳои содатар ва пайваст

кардани онҳо ба мисолҳои амалӣ барои донишҷӯён фаҳмидан ва нигоҳ доштани маълумотро осонтар мекунад.

С.Ф. Андрусенко ва дигарон чунин мешуморанд, ки «дар хотир нигоҳ доштани маълумоти мураккаби биохимиявиро бо истифода аз мнемотехникаи махсуси барои ин мақсади таҳияшуда, осон кардан мумкин аст» [2, с. 142-151]. Дар баробари ин Кузмина ва Галимов усули алтернативии таълимро «дар шакли кейс-стади муҳим» пешниҳод мекунанд [7]. Ба андешаи мо ин усул ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки ғояҳои асосии биохимиявиро бо калимаҳои худ омӯзанд, иттилооти муҳимро таҳлил ва тасниф намоянд, бо маводди гуногуни воқеӣ кор кунанд ва муносибатҳои гуногунро барои ҳалли мушкилот муттаҳид созанд.

С.П. Корочанская ва Т. Хвостова таъкид мекунад, ки «ба таълимгирандагон барои азёд кардани миқдори зиёди иттилооти биохимиявӣ, ки дар интернет ба осонӣ ёфтан мумкин аст, таълим додан лозим нест. Ба ҷойи ин, ба донишҷӯён лозим аст, ки иттилоотро аз нигоҳи интиқодӣ қабул намоянд ва бо миқдори зиёди маълумот кор кунанд, ки ин барои ҷомеаи муосири иттилоотӣ ва рушди густурдаи технологияҳои компютерӣ ниҳоят муҳим аст» [5, с. 166-169]. Мо ин андешаи олимонро зимни таълим ба назар мегирем.

Тавре ки дар боло зикр гардид, биохимия аксар вақт ҳамчун як фанни душвор, вале ҷолиб, як навъ «фанни зарурӣ» буда ягона ангезаи таҳсил баҳоҳои имтиҳонӣ ҳисобида мешавад. Омӯзиши интерактивӣ, аз қабили лексияҳои проблемавӣ, мубоҳисаҳо ва конфронсҳои таълимӣ ва дигар шаклҳои омӯзиши интерактивӣ, донишҷӯёнро барои омӯхтани мавзуъ дар асоси хоҳиши гирифтани маълумоти бештар дар бораи он ташвиқ мекунанд. Дар ин сурат аллакай доир ба зиёд кардани самараи таълими фанни биохимия сухан рондан мумкин аст.

**Натиҷа.** Бартарии методҳои интерактивӣ дар он аст, ки омӯзгор аз воситаҳои зерини педагогӣ «Ангезиши зеҳнӣ», «Кор дар гурӯҳҳои хурд», «Энерҷайзер», «Асбобҳои аёнии таълимӣ», «Маърузаи хурд», «Презентатсия», «Бозии нақшӣ», «Маводди тақсимотӣ» ва ғайра дар ҷараёни таълим истифода мебарад.

Ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълими муосир, бахусус дар заминаи таълими амалӣ ба як тамоюли асосӣ табдил меёбад. Дар айни замон мутахассиси мукаммал будан на танҳо такрор кардан, балки аз нав барқарор кардани донишҳои мавҷуда мебошад.

Нақшаҳои таълимии замонавӣ ташаккулёбии салоҳиятҳои касбиро аз зинаҳои аввали таҳсилот дар МТОК пешбинӣ менамоянд ки зарурати фаъолонаи ташаккул додани доираи васеи малакаҳои донишҷӯёнро инъикос менамояд (ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1. Салоҳиятҳои касбӣ дар фанни «Химияи биологӣ»***

| № | Мундариҷаи салоҳият |
|---|---|
| КШ-2 | Қобилият ва омодагӣ барои муайян кардани табиати илмии мушкилоте, ки дар ҷараёни фаъолияти касбӣ ба миён меоянд, малакаҳои асосии таълими муосир мебошанд. Ин малакаҳо қобилияти дарк кардани моҳияти мушкилотро дар бар мегиранд, ки муносибати илмиро ба ҳалли онҳо талаб мекунанд. Қисми муҳимми ин раванд истифода набурдани донишҳои мувофиқи физикию химиявӣ ва математикӣ барои самараноктар ва дурусттар ҳал намудани масъалаҳо мебошад. Ин малакаҳо дар шароити имрӯзаи касбӣ, ки дар он ҷо усулҳои илмӣ ва воситаҳои техникӣ барои ҳалли масъалаҳои соҳаҳои гуногун васеъ истифода мешаванд, аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. |
| КШ-3 | Қобилият ва омодагӣ барои истифодаи муносибати систематикӣ ба таҳлил бар пояи равандҳои ҳамаҷонибаи фаннӣ дар ҳалли мушкилот бо истифода аз донишҳои назариявиашон амалӣ барои такмил додани фаъолияти касбии худ. |
| КШ-5 | Натиҷаҳои таҳқиқоти ҳозиразамони лабораторӣ асбобҳои биохимиявиро шарҳ дода тавонистан. |
| КШ-15 | Омодагӣ ва қобилияти муайян кардани моддаҳо дар асоси тадқиқотҳои биохимиявӣ. |
| КШ-17 | Қобилият ва омодагӣ барои муайяну таҳлил кардани шаклҳои фаъолияти узвҳо ва системаҳои гуногун. |
| КШ-18 | Қобилият ва майлу хоҳиши омӯхтани методҳои ҳозиразамони назариявӣ ва таҷрибавии тадқиқоти илмӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани воситаҳои ояндабинӣ (перспективӣ), ташкили кор оид ба истифодаи амалии онҳо ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои тадқиқот. |

Солҳои охир дар раванди таълим ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад, ки ин аз хоҳиши ҷалби фаъолонаи онҳо ба раванди таълим ҳамчун иштирокчиёни фаъол шаҳодат медиҳад. Ин дар тамоюл додани нақши бештар дар омӯзиш ва рушди онҳо инъикос меёбад. Таҳияи дастурҳои таълимӣ барои кори мустақилона ва сохтани асбобҳои таълимӣ усули беҳтарини баланд бардоштани самаранокии таълим

мебошад. Корочанская С.П. қайд мекунад, ки «барои татбиқи бомуваффақияти системаи модул-рейтинг, инчунин муайян кардани салоҳиятҳои марбут ба ҳар як модул ва таҳияи меъёрҳои шаффофи арзёбӣ зарур аст» [5, с. 166-169]. Бо вуҷуди ин, бояд дар хотир дошт, ки татбиқи чунин тағйирот омодасозии омӯзгорон ва донишҷӯён, инчунин дастгирии институтсионалӣ мебошад.

Технология метавонад воситаи муассир барои омӯзиш ва арзёбии ин малакаҳо бошад. Муҳитҳои виртуалӣ ва сохтакориҳо ба донишҷӯён сенарияҳои амалиро барои рушди малакаҳои байнишахсӣ ва роҳбарӣ пешниҳод карда метавонанд.

Як ҷанбаи муҳим дастгирии донишҷӯён дар раванди таълим мебошад. Технологияҳои инноватсионӣ, аз қабили дарсҳои онлайнӣ, захираҳои омӯзишии мустақилона ва платформаҳои таълимии инфиродӣ ба беҳтар кардани эҳтиёҷоти донишҷӯён тавассути фароҳам овардани дастрасӣ ба маводди иловагӣ ва кӯмак дар саволҳои душворфаҳм мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, муносибати босалоҳият дар таҳсилоти олӣ, ки бо ҳамгироии технологияҳои анъанавӣ ва инноватсионӣ дастгирӣ карда мешавад, низоми фасеҳтар, мутобиқ ва муассири таълимро ба вуҷуд меорад, ки ба донишҷӯён на танҳо донишҳои назариявӣ, балки малакаҳои амалӣ барои фаъолияти бомуваффақияти касбӣ заруриро инкишоф медиҳад.

Принсипи асосии муносибати босалоҳият ба таълим, ки ба донишҷӯён на танҳо донишҳои ибтидоии назариявӣ пешниҳод мекунад, балки ташаккул додани қобилияти дар амал татбиқ намудани онҳоро барои иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои касбӣ низ нигаронида шудааст. Ҷанбаҳои асосии ин муносибатро қайд мекунем.

Донишҷӯён донишҳои асосии назариявиеро азхуд мекунанд, ки онҳо заминаи ҷудонашавандаи кори амалӣ ва хоҳиши мутахассиси босалоҳият шудан мебошад. Ин салоҳият иҷрои босифати вазифаҳои касбӣ ва майли доимӣ барои такмили худро дар бар мегирад. Донишҳои махсус ва малакаҳои амалӣ дар асоси донишҳои назариявии гирифташуда ташаккул меёбанд.

Таълимоти муосир барои самараноктар азхуд намудани биохимия методҳои гуногуни таълимро ҳам дар синф ва ҳам берун аз он фаъолона истифода мебарад. Технологияҳои таълими худтанзимшаванда ва муносибатҳои муосири таълими касбӣ дар ин раванд нақши асосӣ мебозанд, ки донишҷӯёнро бо воситаҳои идоракунии мустақилонаи таълим барои ташаккулёбии малакаҳои касбӣ таъмин мекунанд.

Инчунин, мо чунин мешуморем, ки омӯзиши фаъол дар заминаи ҳамкории доимии байни омӯзгорон ва донишҷӯён самараноктар аст. Ин муносибат сифати таълимро беҳтар намуда, ба донишҷӯён назорати самараноктар аз болои таълимашонро фароҳам меорад. Омӯзиши фаъол дараҷаи фаъолияти маърифатии донишҷӯён, ҳамкории байни онҳо ва омӯзгорон, инчунин татбиқи амалии маводди таълимиро дар бар мегирад.

Айни замон мубоҳисаҳо, семинарҳо, машқҳои амалӣ ва дигар методҳои фаъоли таълим ба қисми таркибии раванди таълим табдил ёфтаанд. Барои ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимгирандагон ва тафаккури эҷодӣ аз тренингҳо, бозиҳои нақшбозӣ, саволҳои мураккаби зеҳнӣ ва дигар методҳои нав васеъ истифода мешаванд.

Методҳое, ки муайян кардани мушкилот ва таҳияи усулҳои ҳалли онҳоро дар ҳолатҳои тақлидшуда дар бар мегиранд, муносибатеро инъикос мекунанд, ки ба рушди тафаккури интиқодӣ ва омӯзиши мушкилот нигаронида шудааст. Чунин методҳо аз донишҷӯён талаб мекунанд, ки на танҳо далелҳоро дар хотир нигоҳ доранд, балки донишҳои худро дар ҳолатҳои воқеӣ ё шартӣ истифода карда тавонанд.

Истифодаи сохтакориҳо, омӯзиши мисолҳо ё методҳои дигаре, ки дар он ба донишҷӯён имкони истифодаи донишҳои худ барои ҳалли масъалаҳои мураккаб дода мешавад, ба рушди малакаҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва ҳалли мушкилот мусоидат мекунад. Ин муносибат, инчунин ба донишҷӯён барои дарки амиқтар ва фасеҳтар дарки мавод кӯмак мерасонад, ки дар заминаи омодагӣ ба фаъолияти касбии оянда муҳим мебошад.

Ҷанбаи муҳим он аст, ки зимни татбиқи шаклҳои фаъоли таълим донишҷӯён бо душвориҳои муайяне рӯ ба рӯ мешаванд, ки бояд бартараф карда шаванд. Ин раванд ба муттаҳидшавии донишҳои андухташуда мусоидат мекунад, ки на танҳо ҳавасмандии онҳоро ба омӯзиш зиёд мекунад, балки эшонро барои мустақилона татбиқ намудани илмҳои асосӣ дар ҳолатҳои воқеӣ омода месозад.

1.Салоҳиятҳои касбӣ (фаҳмидани равандҳои асосии биохимиявӣ ва қобилияти таҳлили таркиби химиявии ҳуҷайраҳо ва бофтаҳо).

2. Салоҳиятҳои илмӣ, аз ҷумла қобилияти таҳия ва санҷидани фарзияҳо дар соҳаи биохимия, инчунин таҳлил ва баҳодиҳии интиқодӣ мақолаҳои илмӣ.

3. Салоҳиятҳои таҳлилӣ, ба монанди малакаҳои таҳлили маълумоти биохимиявӣ ва графикҳо.

4. Салоҳиятҳои муошират, аз ҷумла қобилияти муоширати муассир ва пешниҳоди натиҷаҳои тадқиқот.

5. Салоҳиятҳои ба масъала нигаронидашуда, ба монанди малакаҳои ҳалли масъалаҳои биохимиявӣ.

Курси лексионӣ акнун бо нишон додани далелу рақамҳо ва назарияҳо маҳдуд намешавад. Он бояд донишҷӯёнро роҳнамоӣ карда, иттилоот пешниҳод намояд ва мафҳумҳои асосиро барои рушди салоҳиятро оид ба ин мавзуъ таъмин кунад. Лексияҳо, инчунин воситаи ба раванди таълим фаъолона ҷалб намудани таълимгирандагон, ҳавасманд гардонидан ба кори мустақилона ва муносибати тадқиқотӣ мегарданд.

Ба таълимгирандагон ёрӣ расонидан, муҳити мусбати таълим фароҳам овардан ва иштироки фаъолонаи онҳоро ташвиқ кардан муҳим аст. Лексияҳо бояд на танҳо манбаи дониш, балки воситаи ташаккул додани малакаҳои тафаккури мустақилона, таҳлил ва ҳалли масъалаҳо ҳам бошад. Истифодаи методҳо ва шаклҳои гуногуни лексияҳо ба самараноктар омӯхтани мавод ва ташаккулёбии салоҳиятҳои донишҷӯён мусоидат мекунад. Ин муносибати хуб аст, ки на танҳо фаҳмиши ҷанбаҳои назариявии муболидаи моддаҳоро таъмин мекунад, балки дар донишҷӯён малакаҳои дар амал татбиқ намудани донишҳои худро инкишоф медиҳад.

Чунин саволи мақсаднок ба монанди нақши кислотаи пироангур донишҷӯёнро водор месозад, ки таҳлил ва фаҳмиши амиқи равандҳои муболидаи моддаҳоро ҳангоми рушди тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои амалиашон дар ин соҳа инкишоф диҳанд. Семинари биохимиявӣ дар ташаккули тафаккури табиатшиносии донишҷӯён ва рушди салоҳиятҳои биохимиявии онҳо нақши калидӣ мебозад. Ҳангоми таҷрибаомӯзӣ дар гурӯҳҳо бо масъалаҳои дараҷаҳои душвориашон гуногун таҷриба мегузаронанд, аз иҷрои реаксияҳои сифатӣ барои муайян кардани пайвастагиҳои аз ҷиҳати биологӣ муҳим оғоз кардашуда.

Сипас ба онҳо пешниҳод карда мешавад, ки дар объектҳои биологӣ мустақилона моддаҳои фаъоли биологиро пайдо намоянд. Ин муносибат ба ташаккулёбии салоҳиятҳои коммуникатсионӣ, зеҳнӣ, таҷрибавӣ ва назоратӣ-баҳодиҳии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Кор бо таҷҳизоти муосири илмӣ ва истифода кардани технологияи компютерӣ дар раванди таълим на танҳо таҷрибаи донишҷӯёнро ғанӣ мегардонад, балки онҳоро ба комёбиҳои имрӯзаи илму техникӣ шинос мекунад. Корҳои лабораторӣ ва таҷрибаомӯзии илмӣ барои татбиқи амалии донишҳои андухташуда, ҳавасмандкунии донишҷӯён ба тадқиқоти мустақил ва ташаккули малакаҳои методӣ шароит фароҳам меоранд. Илова бар ин, ҳамгироии методҳои муосири таҳлили молекулавӣ ва амсиласозии компютерӣ ба донишҷӯён мефаҳмонад, ки технологияҳои муосир ба рушди илми биохимия чӣ гуна таъсир мерасонанд.

Дар раванди таълим ҷорӣ намудани таҳлил таҷрибаи омӯзиши донишҷӯёнро ғанӣ гардонида, онҳоро ба тафаккури эҷодӣ ва дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ водор месозад. Омӯзиши мисолҳо дар асоси сенарияҳои ҳаёти воқеӣ ба донишҷӯён кӯмак мерасонад, ки аҳаммияти маводди омӯхтаашон ва татбиқи онҳоро дар ҳаёти воқеӣ беҳтар дарк намоянд.

Супоришҳои гуногуне, ки ба фаъолгардонии донишҷӯён ва ҳавасмандкунии ҳамкории онҳо нигаронида шудаанд, ба ташаккулёбии малакаҳои муошират ва роҳбарӣ мусоидат мекунанд.

Чунин муносибат на танҳо ҳавасмандии донишҷӯёнро ташаккул медиҳанд, балки онҳоро барои ҳалли мушкилоти воқеии фаъолияти касбии ояндаашон омода месозад. Илова бар ин, таҳлили муштарак ва ҳалли таҳлили вазъиятӣ тафаккури таҳлилии шогирдонро инкишоф дода, ба табодули дониш дар дохили гурӯҳ мусоидат мекунад. Чунин тарзи назорат ва баҳодиҳии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон хеле самаранок аст. Танаффусҳои аз ҷониби омӯзгор додашуда, дар ҷавобҳои донишҷӯён фазои дурустро ба вуҷуд меоранд ва на аксуламали зуд, балки фаҳмиши амиқи маводро таъмин менамоянд.

Ҳавасмандгардонии донишҷӯён ҳисси шаҳрвандии шахс ва истифодаи донишҳоро барои ҳалли мушкилоти ахлоқӣ ва таълимӣ, тафаккури интиқодӣ ва масъулият инкишоф медиҳад. Ин малакаҳо на танҳо барои таҳсил, балки барои фаъолияти ояндаи касбӣ низ муҳиманд.

Низоми назорат, ки ба арзёбии сатҳи натиҷаҳои таълим нигаронида шудааст, аҳаммияти фаъолияти фаъоли таълимии хонандагонро таъкид менамояд. Рефлексияи мунтазам, ки тавассути назорат ташвиқ карда мешавад, ба донишҷӯён дар ташаккул додани малакаҳои баҳодиҳии омӯзиши худ ва такмили доимӣ кӯмак мекунад.

Истифодаи воситаҳои гуногуни инъикоскунанда, аз қабили тестҳо, порчаҳои тестӣ ва намунаҳои компютерӣ, муҳити интерактивиро ба вуҷуд меорад, ки дар он донишҷӯён дониши худро дар амал татбиқ намуда, малакаҳои ҳалли масъалаҳои химиявиро инкишоф медиҳанд. Чунин методҳо на танҳо фаъолияти таълимгирандагонро баланд мебардоранд, балки раванди таълимро ғанӣ мегардонанд, онро шавқовар ва амалӣ мегардонанд. Аз ин рӯ, ҳама чизро дар шакли намуна, тарҳ ё диаграмма тасвир кардан мумкин аст. Омӯзиши рефлексивӣ ба донишҷӯён имкони хуб медиҳад, ки хатоҳояшон бароашон дарс шавад ва онҳоро аз раванди таълим огоҳтар созанд.

Он инчунин ба омӯзгорон ҷузъи муҳимеро барои назорат кардани фаъолияти донишҷӯён ва муайян кардани нуктаҳои душвори мавод фароҳам меорад ва ин ба онҳо имкон медиҳад, ки таҷрибаи омӯзишро мутобиқ созанд. Принсипи рефлексияи мунтазам барои омӯзгорон муҳим аст, ки ба онҳо имкони мунтазами азназаргузаронии кори худ, назорати пешрафти донишҷӯён ва ҳалли мушкилоти ба миёномадаро фароҳам меорад. Истифодаи технологияҳои муосир дар таълими МТОК ба ин раванд мусоидат намуда, ба омӯзгорон ва донишҷӯён воситаҳои муосир барои амалӣ намудани иқтидори эҷодии онҳо мусоидат мекунад.

Чунин равиш на танҳо барои донишҷӯён ба беҳтар азхуд кардани мавод кӯмак мерасонад, балки онҳоро ба фаъолияти ояндаи касбӣ омода мекунад, ки дар он қобилияти инъикос кардан ва пайваста аз ислоҳи хатоҳои худ омили асосии муваффақият мегардад.

**Хулоса.** Таълими интерактивӣ–ин шакли махсуси ташкили фаъолияти фикрӣ буда, барои рушди муошират равона шудааст, ки дар натиҷа ба ҳамдигарфаҳмӣ оварда мерасонад. Таълими интерективӣ дар якҷоягӣ ҳалли масъалаҳоеро дида мебарояд, ки барои ҳар як донишҷӯ муҳим буда, шавқу завқи онҳоро нисбат ба маводди таълим бедор мекунад ва ҳар як донишҷӯро барои иштироки фаъол дар раванди омӯзиш ҳавасманд мегардонад. Истифодаи методҳои интерактивӣ қобилияти хуби азхудкунии маводди таълимиро дар назар дошта, ба донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад. Зимни истифодаи усулҳои интерактивӣ дар таълими фанҳои табиӣ – риёзӣ робитаи хуби мутақобила байни омӯзгор ва донишҷӯён, инчунин донишҷӯ бо донишҷӯ пайдо мешавад. Истифодаи усулҳои интерактивӣ дар таълими фанҳои табиӣ–риёзӣ ақида ва малакаҳои ҳаётиро ташаккул медиҳанд.

***Адабиёт***


1. *Александров, А.Ю. На основе традиций — к инновациям / А.Ю. Александров, В.В. Афанасьев // Высшее образование в России. 2014. № 11. - С. 67-73.*
2. *Андрусенко, С.Ф. Из опыта преподавания биохимии в высшей школе / С.Ф. Андрусенко, Е.В. Денисова, А.М. Филиппова // Вестник северо-кавказского федерального университета. – 2018. – №2 (65). – С. 142–151.*
3. *Данилова, Л.А. Возрастная биохимия: уч. пособие / Л.А. Данилова, О.Б. Башарина, В.П. Будяк. – СПб., 2007. – 152 с.*
4. *Компетентностный подход как фактор повышения качества современного образования: Сборник научных статей /Под ред. С.Л. Коротковой, С.В. Фроловой. – Саратов: ИЦ «Наука», 2008. – 220 с.*
5. *Корочанская, С.П. Инновационные направления повышения качества преподавания биохимии студентам педиатрического факультета / С.П. Корочанская, Т.С. Хвостова // Инновации в образовании: сб. статей. – Краснодар, 2018. – С. 166–169.*
6. *Кочетков, М.В. Инновации и псевдоинновации в высшей школе / М.В. Кочетков // Высшее образование в России. 2014. № 3. С. 41-47.*
7. *Кузьмина, О.И. Кейс-технологии как способ повышения эффективности преподавания биохимии в медицинском вузе / О.И Кузьмина, Ш.Н. Галимов // Современные проблемы науки и образования. 2019. №6.*
8. *Лебедев, О.Е. Компетентностный подход в образовании / О.Е. Лебедев // Школьные технологии. - 2004. № 5. 31 с.*

9. *Леонтьев, А.А. Психология общения / А.А. Леонтьев. - М.: Смысл, 1999. - 365 с.*
10. *Лернер, И.Я. Дидактические основы методов обучения / И.Я. Лернер. - М.: Педагогика, 1981. - 186 с.*
11. *Набокова, У.Ю. Повышение уровня информационной компетентности студентов в процессе обучения в вузе / У.Ю. Набокова // Высшее образование сегодня. 2014. № 3. С. 64—68.*
12. *Педагогика: Учеб. пособие для студентов пед. учеб. заведений / В.А. Сластенин, И.Ф. Исаев, А.И. Мищенко, Е.Н. Шиянов. – 3-е издание – М.: Школа – Пресс, 2010. – 512 с.*
13. *Петровская, Л.А. Компетентность в общении: Социально-психологический тренинг / Л.А. Петровская. — М.: Изд-во МГУ, 2007. – 686 с.*
14. *Фатеев, А.М. Современные информационные и коммуникационные технологии в образовании / А.М. Фатеев. – М.: МГПУ, 2012.*

## ТАЪЛИМИ ФАЪОЛ ДАР ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ ХИМИЯИ БИОЛОГӢ

Дар мақола оид ба таълими фаъол дар татбиқи босалоҳият дар таълими химияи биологӣ маълумот пешниҳод шудааст. Бояд қайд намуд, ки истифодаи таълими интерактивӣ дар дарсҳои биохимия имкон медиҳад, ки муносибати босалоҳият татбиқ карда, шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯзиши ин фан бедору ташаккул дода шавад. Ин боиси бомуваффақият азхуд кардани маводди мураккаби назариявӣ, ҳалли мустақилонаи масъалаҳои таълимӣ, ташаккулёбии муносибатҳои эҳтиромона бо ҳамдигар, малакаҳои кори дастаҷамъӣ, инчунин салоҳиятҳои умумии фарҳангӣ ва касбии донишҷӯён мегардад. Татбиқи методҳои интерактивӣ дар таълими биохимия имкон медиҳад, ки муносибати босалоҳиятро дар омӯзиш истифода карда шавад, ки боиси бедор шудани шавқи донишҷӯён ба омӯзиши ин фан мегардад. Ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки маводди мураккаби назариявӣ ва амалиро азхуд карда, масъалаҳои таълимиро мустақилона ҳал кунанд, байни донишҷӯён муносибатҳои эҳтиромона ба вуҷуд оранд, кори дастаҷамъонаро омӯзанд ва малакаҳои умумии фарҳангӣ ва касбиро инкишоф диҳанд. Лексияҳо бояд на танҳо манбаи дониш, балки воситаи ташаккул додани малакаҳои тафаккури мустақилона, таҳлил ва ҳалли масъалаҳо ҳам бошад. Истифодаи методҳо ва шаклҳои гуногуни лексияҳо ба самараноктар омӯхтани мавод ва ташаккулёбии салоҳиятҳои донишҷӯён мусоидат мекунад. Ин муносибати хуб аст, ки на танҳо фаҳмиши ҷанбаҳои назариявии мубодилаи моддаҳоро таъмин мекунад, балки дар донишҷӯён малакаҳои дар амал татбиқ намудани донишҳои худро инкишоф медиҳад.

**Калидвожа:** муносибати босалоҳият, биохимия, донишҷӯён, омӯзгорон, метод, интерактивӣ, салоҳиятнокӣ, мубодилаи моддаҳо, лексия.

## АКТИВНОЕ ОБУЧЕНИЕ В РЕАЛИЗАЦИИ КОМПЕТЕНТНОГО ПОДХОДА К ОБУЧЕНИЮ БИОЛОГИЧЕСКОЙ ХИМИИ

В статье представлена информация об активном обучении грамотному применению в обучении биологической химии. Интерактивное обучение биохимии предоставляет возможность применять компетентностный подход, что способствует активному привлечению интереса студентов к предмету. Это приводит к тому, что студенты успешно осваивают сложный теоретический материал, самостоятельно решают учебные задачи, формируют уважительные взаимоотношения между собой, развивают навыки командной работы, а также раскрывают общекультурные и профессиональные компетенции. Применение интерактивных методов в обучении биохимии позволяет использовать компетентный подход в обучении, что приводит к пробуждению интереса студентов к изучению этой дисциплины. Это позволяет студентам овладевать сложным теоретическим и практическим материалом, самостоятельно решать образовательные задачи, строить уважительные отношения между студентами, учиться командной работе и развивать общие культурные и профессиональные навыки. Лекции должны быть не только источником знаний, но и средством развития навыков самостоятельного мышления, анализа и решения проблем. Использование различных методов и форм лекций способствует более эффективному изучению материала и формированию компетенций студентов. Это хороший подход, который не только обеспечивает понимание теоретических аспектов метаболизма, но и развивает у студентов навыки применения своих знаний на практике.

**Ключевые слова:** компетентный подход, биохимия, студенты, преподаватели, метод, интерактивность, компетентность, обмен веществ, лекция.

## ACTIVE LEARNING IN IMPLEMENTING A COMPETENT APPROACH TO TEACHING BIOLOGICAL CHEMISTRY

The article provides information about active learning and its proper application in teaching biological chemistry. Interactive teaching of biochemistry allows for the use of a competency-based approach, which helps to actively engage students in the subject. This results in students successfully mastering complex theoretical material, solving educational tasks independently, developing respectful relationships among themselves, and enhancing their teamwork skills, as well as developing their general cultural and

professional competencies. The use of interactive methods in teaching biochemistry allows for a competent approach to learning, which leads to students' interest in studying this discipline. This allows students to master complex theoretical and practical material, solve educational problems independently, build respectful relationships between students, learn teamwork, and develop general cultural and professional skills. Lectures should not only be a source of knowledge, but also a means of developing independent thinking, analysis, and problem-solving skills. The use of various methods and forms of lectures contributes to more effective learning and the development of students' competencies. This is a good approach that not only provides an understanding of the theoretical aspects of metabolism, but also develops students' skills in applying their knowledge in practice.

**Keywords:** competent approach, biochemistry, students, teachers, method, interest, competence, metabolism, lecture.

***Дар бораи муаллифон***

*Баротзода Камолиддин Ашур*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*730043 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе хиёбони Рудакӣ, 121*

*Хидиров Ғолибҷон Тошмуродович*
*Омӯзгори калони кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*730043 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе хиёбони Рудакӣ, 121*
*E-mail: khidirov1993@internet.ru*

***Об авторах***

*Баротзода Камолиддин Ашур*
*Кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей биологии и методики преподавания биологии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

*Хидиров Ғолибджон Тошмуродович*
*Старший преподователь кафедры общей биологии и методики преподавания биологии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: khidirov1993@internet.ru*

***About the authors***

*Barotzoda Kamoliddin Ashur*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General Biology and Methods of Teaching Biology*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

*Khidirov Golibjon Toshmurodovich*
*Senior teacher of the Department of General Biology and Methods of Teaching Biology*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: khidirov1993@internet.ru*

ТДУ 37.02.54

# ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ ВА УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР ТАЪЛИМИ ХИМИЯ

***Файзуллоева М. М., Бобизода Ғ. М., Раҷабзода С. И.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

**Муқаддима**. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати илму техника, инчунин густариши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ҷомеаи муосир ба тағйироти амиқ рӯ ба рӯ гардидааст. Ин тағйирот на танҳо ба соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, балки ба низоми таълим низ таъсири бевосита мерасонанд. Аз ин рӯ, низоми таълим ҳамчун як бахши калидии рушди ҷомеа бояд ҳамқадами замон бошад ва ба талаботи нав мутобиқ гардонида шавад. Дар чунин шароит масъалаи таҷдид, такмил ва навсозии равандҳои таълимӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Имрӯз талабот ба сифати таълим назар ба солҳои гузашта ба маротиб баланд шудааст. Вобаста ба ин С.М Алиев чунин ибрози назар намудааст: “Ҷомеа ба мутахассисоне ниёз дорад, ки на танҳо донишҳои назариявӣ дошта бошанд, балки қобилияти истифодаи онҳо дар амал, тафаккури интиқодӣ, малакаҳои таҳлилӣ ва қобилияти қабули қарорҳои мустақилро доро бошанд. Барои расидан ба ин ҳадафҳо, истифодаи назарияҳои муосири таълим ва технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим ҳатмӣ мебошад” [1, с. 85].

Яке аз самтҳои муҳимми ислоҳоти низоми таълим татбиқи назарияҳои муосири педагогӣ, аз ҷумла конструктивизм, когнитивизм ва гуманизм ба ҳисоб меравад. Ин назарияҳо ба рушди шахсият, фаъолгардонии донишҷӯён ва ташаккули донишҳои устувор равона шудаанд. Онҳо таъкид мекунанд, ки дониш бояд на танҳо аз ҷониби омӯзгор пешниҳод гардад, балки аз ҷониби худи донишҷӯён дар раванди фаъолона омӯхтан ва таҷриба кардан бадаст оварда шавад. Ин равиш имкон медиҳад, ки донишҷӯён ба иштирокчиёни фаъол ва эҷодкори раванди таълим табдил ёбанд. Дар баробари ин, истифодаи усулҳои интерактивӣ ҳамчун воситаи муҳим барои татбиқи назарияҳои муосир ба шумор меравад. Усулҳои интерактивӣ ба ҳамкории мутақобилаи омӯзгор ва донишҷӯён асос ёфта, муҳити таълимиро фаъол, ҷолиб ва самаранок мегардонанд. Дар чунин муҳит донишҷӯён имконият пайдо мекунанд, ки фикру андешаҳои худро озодона баён намоянд, дар муҳокимаҳо иштирок кунанд, масъалаҳоро таҳлил намоянд ва хулосаҳои мустақил бароранд. Хусусан дар таълими фанҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла химия, истифодаи усулҳои интерактивӣ аҳаммияти хоса дорад. Химия ҳамчун фанни таҷрибавӣ талаб менамояд, ки донишҷӯён на танҳо қоидаҳо ва формулаҳоро аз худ кунанд, балки равандҳои химиявиро дарк намоянд, онҳоро таҳлил кунанд ва дар амал татбиқ намоянд.

Таълими муосир ҳамчун як низоми мураккаб ва бисёрҷанба, маҷмуи усулҳо, равишҳо, шаклҳо ва технологияҳои педагогиро дар бар мегирад, ки ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият, ташаккули тафаккури мустақил, қобилияти таҳлил ва истифодаи амалии донишҳои андӯхташуда равона карда шудааст. Дар маркази таълими муосир на танҳо интиқоли дониш, балки ташаккули қобилиятҳо, малакаҳо ва салоҳиятҳои калидӣ қарор дорад, ки барои фаъолияти муваффақонаи инсон дар ҷомеаи муосир заруранд. Дар шароити имрӯза, ки ҷомеа ба иқтисодиёти донишбунёд ва технологияҳои пешрафта такя мекунад, мазмуни таълим низ тағйир меёбад. Агар дар низоми анъанавии таълим диққати асосӣ ба азхудкунии донишҳои тайёр дода мешуд, дар таълими муосир бештар ба рушди қобилияти мустақилона бадаст овардани дониш, коркарди иттилоот ва татбиқи он дар ҳолатҳои гуногун аҳаммият дода мешавад. Ин раванд ба гузариш аз модели анъанавии «омӯзгор – манбаи дониш, донишҷӯ – қабулкунанда» ба модели интерактивии «омӯзгор – роҳнамо, донишҷӯ – иштирокчии фаъол» оварда мерасонад. Яке аз хусусиятҳои муҳимми таълими муосир ин самтгирии он ба шахсият мебошад. Ин маънои онро дорад, ки раванди таълим бояд хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён, аз ҷумла сатҳи дониш, қобилият, шавқу ҳавас ва суръати азхудкунии онҳоро ба назар гирад. «Дар чунин муҳит донишҷӯ на ҳамчун объекти таълим, балки ҳамчун субъекти фаъол баромад мекунад, ки дар ташаккули донишҳои худ саҳми мустақим мегузорад. Илова бар ин, таълими муосир ба рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ аҳаммияти калон медиҳад» [8, с. 163].

Донишҷӯён на танҳо бояд маълумотро аз худ кунанд, балки қобилияти таҳлил, муқоиса, хулосабарорӣ ва арзёбии онро низ дошта бошанд. Ин хусусиятҳо махсусан дар омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла химия, муҳим мебошанд, зеро онҳо ба фаҳмиши амиқи равандҳои илмӣ ва қонуниятҳои табиат мусоидат мекунанд. Ҷанбаи дигари муҳимми таълими муосир истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад. Ин технологияҳо имконият медиҳанд, ки раванди таълим бештар ҷолиб, дастрас ва самаранок гардад. Масалан, истифодаи симулятсияҳо, моделсозӣ ва озмоишҳои виртуалӣ дар таълими химия метавонад фаҳмиши донишҷӯёнро нисбат ба равандҳои мураккаби химиявӣ хеле беҳтар намояд. Ҳамзамон, таълими муосир ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ равона шудааст. Ба ин салоҳиятҳо қобилияти кор дар гурӯҳ, муоширати самаранок, ҳалли масъалаҳо, қабули қарор ва мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда дохил мешаванд. Ин салоҳиятҳо барои фаъолияти касбӣ ва иҷтимоии шахс аҳаммияти калон доранд ва бояд дар раванди таълим пайваста рушд дода шаванд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон қайд намуд, ки таълими муосир як низоми динамикӣ ва инноватсионӣ мебошад, ки ба талаботи ҷомеаи имрӯза ҷавобгӯ буда, барои рушди шахсият ва омодасозии мутахассисони баландихтисос замина фароҳам меорад. Он на танҳо мазмуни таълимро таҷдид мекунад, балки усулҳо ва шаклҳои таълимро низ такмил медиҳад, то ки раванди омӯзиш бештар самаранок ва натиҷабахш гардад. Ҳамин тариқ, таълими муосир аз модели анъанавӣ бо он фарқ мекунад, ки дар он донишҷӯ ба маркази раванди таълим гузошта мешавад ва омӯзгор нақши роҳнамо ва ташкилкунандаро иҷро мекунад. Ин равиш имконият медиҳад, ки донишҷӯён ба шахсиятҳои мустақил, фаъол ва эҷодкор табдил ёбанд, ки қобилияти истифодаи донишҳои худро дар ҳаёти воқеӣ доранд.

Дар педагогикаи муосир якқатор назарияҳои таълим мавҷуданд, ки ҳар яке ба таври хоси худ равандҳои омӯзиш ва азхудкунии донишро шарҳ медиҳанд. Ин назарияҳо барои ташаккули усулҳо ва технологияҳои таълимӣ заминаи илмӣ фароҳам меоранд ва ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки равандҳои таълимиро самаранок ташкил намоянд. Аз ҷумла, назарияҳои конструктивизм, когнитивизм ва гуманизм дар низоми таълими муосир мавқеи муҳим доранд. Чуноне, ки муҳақиқи шинохта Шарифзода Ф дар робита ба ин мавзуъ қайд менамояд: «Гуманизм тарбият ва таълим ташкили чунин раванди таълиму тарбияро тақозо мекунад, ки дониш ба камолоти шахс ва ба рушди инсон хизмат намояд» [11, с. 10].

Назарияи конструктивизм яке аз равияҳои пешқадами педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад, ки асоси онро ғояи «сохтани дониш»-ро ташкил медиҳад. Мувофиқи ин назария, дониш як чизи тайёр нест, ки аз ҷониби омӯзгор ба донишҷӯ дода шавад, балки он дар раванди фаъолияти зеҳнӣ ва таҷрибавии худи донишҷӯ ташаккул меёбад. Яъне донишҷӯ дар раванди омӯзиш на қабулкунандаи пассив, балки иштирокчии фаъол ва эҷодкор мебошад. «Барои рушди фаъолияти илмии донишҷӯён дар равандҳои таълими фанни химия зарур аст, ки усули муосири интерактивӣ, инноватсионӣ ва таҳқиқоти татбиқ карда шавад» [5, с. 84].

Дар ин равиш омӯзгор нақши роҳнамо, мушовир ва ташкилкунандаи муҳити таълимиро иҷро мекунад. Ӯ шароит фароҳам меорад, ки донишҷӯён мустақилона фикр кунанд, масъалаҳоро таҳлил намоянд ва хулоса бароранд. Ин усул махсусан дар таълими фанҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла химия, хеле муҳим аст, зеро донишҷӯён метавонанд тавассути таҷриба ва мушоҳида қонунҳои илмиро дарк намоянд. Ҳамин тариқ, конструктивизм дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- омӯзиши фаъол ва иштирокчиёна
- таваҷҷуҳ ба таҷриба ва амалия
- рушди тафаккури интиқодӣ ва таҳлилӣ
- иштироки мустақили донишҷӯ дар раванди омӯзиш
- пайваст кардани донишҳои нав бо таҷрибаи қаблӣ

Бо истифодаи ин назария, донишҷӯён на танҳо дониш мегиранд, балки меомӯзанд, ки чи гуна омӯзанд, ки ин яке аз салоҳиятҳои муҳимми асри XXI ба ҳисоб меравад. Бо истифодаи ин назария, донишҷӯён на танҳо дониш мегиранд, балки меомӯзанд, ки чи гуна омӯзанд, ки ин яке аз салоҳиятҳои муҳимми асри XXI ба ҳисоб меравад.

Назарияи когнитивӣ ба омӯзиши равандҳои зеҳнӣ, аз ҷумла дарк, хотира, тафаккур, диққат ва ҳалли масъалаҳо равона шудааст. Ин назария таъкид мекунад, ки раванди омӯзиш

на танҳо аз қабули иттилоот иборат аст, балки аз коркарди фаъолонаи он дар зеҳни инсон вобаста мебошад.

Мувофиқи ин назария, донишҷӯён иттилоотро қабул мекунанд, онро таҳлил менамоянд, ба сохтори маърифатии худ ворид мекунанд ва дар ҳолатҳои гуногун истифода мебаранд. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд на танҳо маводро пешниҳод кунад, балки ба донишҷӯён ёрӣ диҳад, ки онро дуруст дарк ва таҳлил намоянд.

Дар таълими химия ин назария имкон медиҳад, ки донишҷӯён равандҳои мураккаби химиявиро на танҳо аз ёд кунанд, балки онҳоро дарк ва шарҳ диҳанд. Масалан, фаҳмидани механизми реаксияҳои химиявӣ талаб мекунад, ки донишҷӯ равандҳоро таҳлил намояд ва робитаҳои сабабу натиҷаро муайян кунад. Таваҷҷуҳ ба равандҳои фикрӣ ва зеҳнӣ аҳаммияти сохтори дониш ва тартиби мантиқии он, истифодаи усулҳои таҳлил, муқоиса ва хулосабарорӣ, рушди хотира ва қобилияти коркарди иттилоот.

Назарияи гуманистӣ ба рушди шахсият, эҳсосот, арзишҳо ва ҳавасмандии донишҷӯён диққати асосӣ медиҳад. Мувофиқи ин назария, таълим бояд на танҳо ба рушди зеҳнӣ, балки ба рушди равонӣ ва иҷтимоии шахс низ равона гардад.

Дар маркази ин назария шахсияти донишҷӯ қарор дорад. Омӯзгор бояд муҳити мусоид ва дастгиркунанда фароҳам оварад, ки дар он донишҷӯ худро озод, бовринок ва ҳавасманд ҳис намояд. Ин ба баланд шудани самаранокии таълим ва рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Дар таълими химия ин назария метавонад тавассути ташкили муҳити ҷолиб, истифодаи мисолҳои амалӣ ва дастгирии фаъолонаи донишҷӯён татбиқ гардад. Вақте, ки донишҷӯ ба фан шавқ пайдо мекунад, сатҳи азхудкунии дониш ба таври назаррас баланд мешавад. Самтгирӣ ба шахсият ва эҳтиёҷоти инфиродӣ, рушди ҳавасмандӣ ва шавқу ҳавас ба омӯзиш, муҳити мусоид ва дастгиркунанда, муносибати эҳтиромона байни омӯзгор ва донишҷӯ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва худшиносӣ.

Усули саволу ҷавоб яке аз усулҳои қадимтарин ва ҳамзамон самараноки таълим ба ҳисоб меравад, ки таърихи истифодаи он ба даврaҳои аввали рушди педагогика бармегардад. Бо вуҷуди ин, дар шароити таълими муосир ин усул аҳаммияти худро нигоҳ дошта, бо мазмун ва шаклҳои нав ғанӣ гардидааст. Моҳияти асосии ин усул дар он ифода меёбад, ки омӯзгор тавассути саволҳои мақсаднок донишҷӯёнро ба фаъолияти зеҳнӣ, фикрронӣ, таҳлил ва хулосабарорӣ ҷалб менамояд. Дар ин раванд донишҷӯён на танҳо ҷавобдиҳандагони одӣ, балки иштирокчиёни фаъоли раванди таълим мебошанд. Саволҳо ҳамчун воситаи асосии идоракунии фаъолияти маърифатии донишҷӯён хизмат мекунанд. Тавассути онҳо омӯзгор метавонад диққати донишҷӯёнро ба масъалаҳои муҳим равона намояд, сатҳи фаҳмишро муайян кунад ва равандро самаранок идора намояд.

Хусусияти муҳимми усули саволу ҷавоб дар он аст, ки он раванди таълимро дутарафа мегардонад. Агар дар усулҳои анъанавӣ омӯзгор бештар суханронӣ кунад, дар ин усул муошират фаъол байни омӯзгор ва донишҷӯён ба роҳ монда мешавад. «Дар марҳилаи имрӯзаи рушди ҷомеа масъалаи тарбия ва омодасозии насли наврас бо роҳу равишҳои равонӣ-педагогӣ масъалаи муҳим аст» [9, с. 169]. Ин раванд ба ташаккули муҳити интерактивӣ мусоидат намуда, имконият медиҳад, ки донишҷӯён фикру андешаҳои худро озодона баён намоянд. Дар таълими химия истифодаи усули саволу ҷавоб аҳаммияти махсус дорад. Ин фан на танҳо аз ёд кардани формулаҳо ва қоидаҳо иборат аст, балки дарки равандҳои мураккаби химиявиро талаб мекунад. Саволҳои дуруст тарҳрезишуда метавонанд донишҷӯёнро водор созанд, ки сабабу натиҷаи реаксияҳоро таҳлил кунанд, робитаҳои байни моддаҳоро муайян намоянд ва хулосаҳои илмӣ бароранд.

Самаранокии усули саволу ҷавоб аз он вобаста аст, ки саволҳо то чи андоза дуруст ва мувофиқ тарҳрезӣ шудаанд. Дар педагогика саволҳо вобаста ба сатҳи душворӣ ва мақсади таълим ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд:

*Саволҳои одӣ (репродуктивӣ).* Ин навъи саволҳо барои санҷиши донишҳои ибтидоӣ ва азхудкунии маводди гузашта истифода мешаванд. Онҳо асосан талаб мекунанд, ки донишҷӯ маълумоти омӯхташударо такрор намояд.

*Мисолҳо:*

Реаксияи химиявӣ чист? Намудҳои моддаҳоро номбар кунед. Ин саволҳо барои ташаккули пояи дониш муҳим мебошанд, аммо танҳо истифодаи онҳо кофӣ нест.

*Саволҳои таҳлилӣ.* Ин саволҳо донишҷӯёнро ба фикрронӣ, таҳлил ва муқоиса водор месозанд. Онҳо талаб мекунанд, ки донишҷӯ маълумотро дарк намуда, байни унсурҳои гуногун робита барқарор намояд.

**Мисолҳо:**

Чаро баъзе реаксияҳо зуд мегузаранд, баъзеи дигар суст? Чи гуна ҳарорат ба суръати реаксия таъсир мерасонад? Ин навъи саволҳо барои рушди тафаккури мантиқӣ ва фаҳмиши амиқи мавод аҳаммияти калон доранд.

*Саволҳои эҷодӣ (проблемавӣ).* Ин саволҳо сатҳи баландтарини фикрронӣ талаб мекунанд. Донишҷӯён бояд донишҳои худро дар ҳолатҳои нав истифода баранд, фикрҳои нав пешниҳод кунанд ва ҳалли масъалаҳоро ҷустуҷӯ намоянд.

**Мисолҳо:**

*Чи гуна метавон реаксияро идора кард, то маҳсули дилхоҳ ба даст ояд?*

*Кадом роҳҳо барои кам кардани ифлосшавии химиявӣ мавҷуданд?*

Ин саволҳо ба рушди тафаккури эҷодӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳо мусоидат мекунанд. Усули саволу ҷавоб дорои якқатор афзалиятҳои муҳим мебошад, ки онро ба яке аз усулҳои самараноки таълим табдил медиҳанд:

- *Баланд бардоштани фаъолият.* Ин усул донишҷӯёнро водор месозад, ки дар раванди дарс фаъолона иштирок намоянд. Онҳо на танҳо шунаванда, балки иштирокчии мустақими раванди таълим мешаванд.
- *Рушди тафаккури мантиқӣ ва интиқодӣ.* Саволҳои гуногунсатҳа донишҷӯёнро ба таҳлил, муқоиса ва хулосабарорӣ ҷалб мекунанд. Ин раванд ба рушди тафаккури мантиқӣ ва интиқодӣ мусоидат менамояд.
- *Беҳтар шудани хотир ва азхудкунии мавод.* Вақте, ки донишҷӯён ба саволҳо ҷавоб медиҳанд, онҳо маводро фаъолона коркард мекунанд, ки ин дар хотир мондани он таъсири мусбат мерасонад.
- *Муайян намудани сатҳи дониш.* Омӯзгор тавассути саволҳо метавонад сатҳи дониш ва фаҳмиши донишҷӯёнро муайян намояд ва дар ҳолати зарурӣ раванди таълимро ислоҳ кунад.
- *Рушди малакаи муошират.* Донишҷӯён меомӯзанд, ки фикри худро равшан ва мантиқӣ баён намоянд, ба саволҳо ҷавоб диҳанд ва дар муҳокима иштирок кунанд.
- *Баланд бардоштани шавқу ҳавас ба омӯзиш.* Муошарати фаъол ва муҳити интерактивӣ шавқу ҳаваси донишҷӯёнро зиёд намуда, раванди таълимро ҷолиб мегардонад.

Химия ҳамчун яке аз фанҳои асосии табиатшиносӣ мавқеи муҳимро дар низоми таълим ишғол мекунад. Хусусияти фарқкунандаи ин фан дар он аст, ки он на танҳо донишҳои назариявӣ, балки фаъолияти амалӣ ва таҷрибавиро низ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, таълими химия талаб менамояд, ки донишҷӯён на танҳо қонунҳо ва мафҳумҳоро аз худ намоянд, балки онҳоро дар амал татбиқ карда тавонанд. Яке аз хусусиятҳои асосии таълими химия ин зарурати рушди тафаккури илмӣ мебошад. Донишҷӯён бояд қобилияти таҳлил, муқоиса, хулосабарорӣ ва пешгӯии натиҷаҳои равандҳои химиявиро дошта бошанд. Ин қобилиятҳо танҳо тавассути иштироки фаъол ва истифодаи усулҳои интерактивӣ рушд меёбанд.

Дар раванди омӯзиши химия се унсури асосӣ нақши калидӣ мебозанд:

*Таҳлил* яке аз ҷанбаҳои муҳимми омӯзиши химия мебошад. Донишҷӯён бояд равандҳои химиявиро ба қисмҳо ҷудо карда, сабабу натиҷаҳои онҳоро муайян намоянд. Масалан, ҳангоми омӯзиши реаксияҳои химиявӣ, онҳо бояд фаҳманд, ки кадом омилҳо ба суръат ва самти реаксия таъсир мерасонанд.

*Озмоиш* асоси фанни химия мебошад. Тавассути таҷриба донишҷӯён метавонанд назарияро дар амал санҷанд ва дурустии онро тасдиқ намоянд. Озмоишҳо инчунин ба рушди малакаҳои амалии донишҷӯён, аз ҷумла истифодаи асбобҳои лабораторӣ ва риояи қоидаҳои бехатарӣ мусоидат мекунанд.

*Мушоҳида* қисми ҷудонашавандаи фаъолияти таҷрибавӣ мебошад. Донишҷӯён бояд тағйироти ба вуҷудомадаро (ранг, ҳарорат, пайдоиши газ ва ғайра) бодиққат мушоҳида намуда, онҳоро таҳлил кунанд. Ин раванд ба ташаккули диққатнокӣ ва дақиқии илмӣ мусоидат менамояд. Бо дарназардошти ин хусусиятҳо, равшан мегардад, ки истифодаи усулҳои интерактивӣ дар таълими химия на танҳо мувофиқ, балки зарур мебошад. Онҳо имкон медиҳанд, ки донишҷӯён ба раванди омӯзиш фаъолона ҷалб шаванд ва донишҳои худро дар амал татбиқ намоянд.

Барои нишон додани самаранокии усулҳои интерактивӣ, татбиқи онҳо дар як мавзуи мушаххаси химия баррасӣ карда мешавад.

*Мавзуъ: Реаксияҳои химиявӣ*

Ин мавзуъ дар курси химия асосӣ дар ба ҳисоб меравад ва барои фаҳмидани дигар мавзуҳо замина мегузорад. Аз ин рӯ, истифодаи усулҳои интерактивӣ дар омӯзиши он аҳаммияти махсус дорад.

*Марҳилаҳои дарс бо истифодаи усулҳои интерактивӣ*

*1. Саволи оғозӣ (фаъолсозии дониш)*

Дар оғози дарс омӯзгор бо истифода аз усули саволу ҷавоб донишҷӯёнро ба мавзуъ ҷалб менамояд.

*Савол:* Реаксияи химиявӣ чист?

Донишҷӯён фикрҳои худро баён мекунанд, омӯзгор ҷавобҳоро ҷамъбаст менамояд.

Ин марҳила барои фаъол сохтани донишҳои қаблӣ ва омода намудани донишҷӯён ба мавзуи нав муҳим аст.

*2. Муҳокима (дискуссия)*

Дар ин марҳила омӯзгор саволи проблемавӣ пешниҳод мекунад:

*Савол:* Чаро реаксияҳои химиявӣ ба вуҷуд меоянд?

Донишҷӯён дар гурӯҳҳо ё умумӣ фикрронӣ намуда, сабабҳоро муҳокима мекунанд (масалан, таъсири ҳарорат, фишор, консентратсия ва ғ.).

Ин раванд ба рушди тафаккури таҳлилӣ ва қобилияти баҳс мусоидат мекунад.

*3. Озмоиш (фаъолияти амалӣ)*

Дар ин марҳила донишҷӯён озмоиши одиро иҷро мекунанд, масалан, омехтани ду модда ва мушоҳидаи натиҷа.

*Қадамҳо:*

- пешгӯии натиҷа (гипотеза)
- гузаронидани таҷриба
- мушоҳида ва қайд кардани натиҷаҳо

Ин марҳила барои пайваст кардани назария бо амалия ва рушди малакаҳои таҷрибавӣ муҳим мебошад.

*4. Хулоса (таҳлил ва ҷамъбаст)*

Дар охири дарс донишҷӯён натиҷаҳои бадастомадаро таҳлил мекунанд ва хулоса мебароранд.

*Саволҳо барои ҷамъбаст:*

Чи гуна реаксия ба амал омад? Кадом нишонаҳои реаксия мушоҳида шуданд? Оё пешгӯиҳои шумо дуруст баромаданд?

Ин марҳила ба таҳкими дониш ва рушди қобилияти хулосабарорӣ мусоидат мекунад.

Аҳаммияти истифодаи татбиқи усулҳои интерактивӣ дар дарс имкон медиҳанд, ки:

- донишҷӯён фаъолона иштирок кунанд;
- маводро амиқтар дарк намоянд;
- назарияро дар амал татбиқ кунанд;
- қобилияти таҳлил ва фикрронӣ рушд ёбад.

Ҳамин тариқ, татбиқи усулҳои интерактивӣ дар таълими химия, махсусан дар мавзуъҳои асосӣ ба монанди реаксияҳои химиявӣ, имконият медиҳад, ки раванди таълим самаранок ва натиҷабахш гардад. Ин усулҳо на танҳо дониш медиҳанд, балки қобилияти амалии донишҷӯёнро рушд дода, онҳоро ба шахсиятҳои фаъол ва мустақил табдил медиҳанд.

Усулҳои интерактивӣ дар низоми таълими муосир яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сифати таълим ба ҳисоб мераванд. Онҳо на танҳо раванди омӯзишро ҷолиб ва фаъол мегардонанд, балки ба рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, иҷтимоӣ ва амалии донишҷӯён низ мусоидат мекунанд. «Усули интерактивӣ ба принсипҳои ҳамкорӣ, фаъолияти донишҷӯён такя ба таҷрибаи гурӯҳи ҳатми асос ёфтаанд» [7, с. 63]. Дар шароити имрӯза, ки талабот ба сифати таҳсил пайваста меафзояд, истифодаи чунин усулҳо аҳаммияти стратегӣ пайдо кардааст.

Яке аз нақшҳои муҳимтарини усулҳои интерактивӣ ин фаъолсозии донишҷӯён мебошад. Дар таълими анъанавӣ донишҷӯ бештар нақши қабулкунандаи иттилоотро иҷро мекунад, дар ҳоле ки дар усулҳои интерактивӣ ӯ ба иштирокчии фаъол ва баробарҳуқуқи

раванди таълим табдил меёбад. Дар чунин муҳит донишҷӯён на танҳо мешунаванд, балки фикр мекунанд, савол медиҳанд, баҳс мекунанд ва хулоса мебароранд. Ин раванд ба он мусоидат мекунад, ки онҳо ба омӯзиш бо масъулияти бештар муносибат намоянд. Фаъолсозии донишҷӯён инчунин ба баланд шудани шавқу ҳавас ба омӯзиш оварда мерасонад. Вақте ки донишҷӯ дар раванди дарс иштирок мекунад, ҳисси масъулият ва ҷалбшавии ӯ ба мавод зиёд мегардад, ки ин дар навбати худ ба беҳтар шудани натиҷаҳои таълим мусоидат мекунад.

Усулҳои интерактивӣ барои рушди малакаҳои зеҳнии донишҷӯён аҳаммияти махсус доранд. Малакаҳои дар зер овардашуда, асоси тафаккури илмӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳои мураккабро ташкил медиҳанд:

- донишҷӯён меомӯзанд, ки иттилоотро таҳлил намуда, робитаҳои байни онҳоро муайян кунанд. Ин малака махсусан дар фанни химия муҳим аст, зеро равандҳои химиявӣ хусусияти мураккаб доранд.
- донишҷӯён қодиранд падидаҳо ва равандҳои гуногунро муқоиса намоянд, монанди фарқи байни реаксияҳои зуд ва суст ё реаксияҳои эндотермикӣ ва экзотермикӣ.
- дар натиҷаи таҳлил ва муқоиса донишҷӯён хулосаҳои мустақил мебароранд, ки ин ба рушди тафаккури мантиқӣ ва илмии онҳо мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, усулҳои интерактивӣ на танҳо дониш медиҳанд, балки тарзи фикрронии илмии донишҷӯёнро низ ташаккул медиҳанд.

Ҳамин тариқ, тадқиқотҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки истифодаи усулҳои интерактивӣ ба таври назаррас сатҳи азхудкунии донишро баланд мебардорад. Ин ба он вобаста аст, ки донишҷӯён дар раванди омӯзиш фаъолона иштирок намуда, донишро на танҳо мешунаванд, балки онро коркард ва истифода мекунанд.

Дар натиҷаи истифодаи чунин усулҳо: сатҳи фаҳмиши мавод баланд мешавад, дониш устувортар дар хотир мемонад, қобилияти истифодаи дониш дар амал инкишоф меёбад, натиҷаҳои умумии таълим беҳтар мегарданд. Илова бар ин, муҳити интерактивӣ ба паст шудани сатҳи хастагӣ ва дилгиршавӣ дар дарс мусоидат намуда, раванди омӯзишро самаранoктар мегардонад.

Ҳарчанд усулҳои интерактивӣ бартариҳои зиёд доранд, дар раванди татбиқи онҳо якқатор мушкилот низ ба назар мерасанд.

*Камбуди таҳҳизот.* Дар баъзе муассисаҳои таълимӣ норасоии воситаҳои техникӣ ва лабораторӣ вуҷуд дорад, ки татбиқи пурраи усулҳои интерактивиро маҳдуд мекунад.

*Тайёр набудани омӯзгорон.* Баъзе омӯзгорон бо усулҳои муосири таълимӣ пурра шинос нестанд ё таҷрибаи кофии истифодаи онҳоро надоранд.

*Маҳдудияти вақт.* Дарсҳои кӯтоҳ ва барномаи сермазмун имконияти истифодаи пурраи усулҳои интерактивиро баъзан маҳдуд мекунанд.

*Роҳҳои ҳалли мушкилотҳо чунинад:*

Ташкили курсҳои омӯзишӣ ва семинарҳо барои омӯзгорон метавонад сатҳи касбии онҳоро баланд бардорад.

Ҳатто дар шароити маҳдуд метавон усулҳои одии интерактивиро, ба монанди саволу ҷавоб ва муҳокима истифода бурд.

Омӯзгор бояд вақт ва мазмуни дарсро дуруст ба нақша гирад, то ки ҳамаи усулҳо самаранок истифода шаванд.

Барои баланд бардоштани самаранокии таълим бо истифодаи усулҳои интерактивӣ тавсияҳои зерин пешниҳод мешаванд:

- истифодаи саволҳои сатҳҳои гуногун (одӣ, таҳлилӣ, эҷодӣ);
- ташкили кори гурӯҳӣ барои рушди ҳамкорӣ;
- пайваст кардани назария бо амалия тавассути озмоишҳо;
- ҳавасмандгардонии донишҷӯён барои иштироки фаъол дар дарс;
- Истифодаи мисолҳои воқеӣ аз ҳаёт ва таҷриба.

Ҳамин тариқ, истифодаи назарияҳои муосири таълим ва усулҳои интерактивӣ, махсусан усули саволу ҷавоб, дар таълими химия имконият медиҳад, ки сифати таълим ба таври назаррас баланд бардошта шавад. Ин усулҳо раванди омӯзишро фаъол, ҷолиб ва самаранок мегардонанд. Онҳо на танҳо ба азхудкунии дониш мусоидат мекунанд, балки ба ташаккули шахсияти эҷодкор, мустақил ва тафаккури илмии донишҷӯён низ замина фароҳам меоранд.

***Адабиёт***

1. *Алиев, С.М. Педагогика ва дидактикаи муосир. Душанбе: Дониш, 2018. – 312 с.*
2. *Саидова М. Усулҳои фаъолгардонии фаъолияти зеҳнии хонандагон дар омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2020. – 221 с.*
3. *Назарова Ш. Интегратсияи фанҳои табиатшиносӣ дар даванди таълим. //Маҷаллаи «Маориф ва илм». - 2019. - №4 – С. 45-51.*
4. *Фридман Л.М. Методы обучения в современной школе. Москва: Академия, 2003. -320с.*
5. *Файзуллоева, М. М. Инкишофи фаъолияти илмии донишҷӯён тавассути таҳқиқоти илмӣ ҳангоми таҷрибаҳои химиявӣ / М. М. Файзуллоева, Ғ. М. Бобизода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2025. – No. 4(52). – С. 83-89. – EDN UXHLWW.*
6. *Файзуллоева, М. М. Аҳаммияти кори мустақилона дар ташаккули маҳорату малакаҳои хонандагон дар омӯзиши фанни химия / М. М. Файзуллоева, С. А. Чариева // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2022. – No. 2(12). – С. 200-205.*
7. *Файзуллоева, М. М. Аҳаммияти методҳои интерактивии таълим дар омӯзиши химия / М. М. Файзуллоева, С. А. Чариева // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2024. – No. 1(19). – С. 137-140.*
8. *Файзуллоева, М. М. Таълими химия тавассути таҳқиқоти муосир дар муқоиса бо равиши таърихӣ / М. М. Файзуллоева // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2022. – No. 2(43). – С. 73-79.*
9. *Файзуллоева, М. М. Усулҳои муосири таълими химия бо имкониятҳои мавҷуда / М. М. Файзуллоева, С. Салоҳиддини // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2025. – No. 1(23). – С. 169-175.*
10. *Холназаров С. /Асосҳои методикаи таълими химия (қисми II)/. Душанбе, Авесто, 2009-221с*
11. *Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. – Душанбе: Ирофон, 2010. – 543 с.*

## ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ ВА УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР ТАЪЛИМИ ХИМИЯ

Мақолаи мазкур ба омӯзиш ва таҳлили назарияҳои муосири таълим ва истифодаи усулҳои интерактивӣ дар раванди таълими химия бахшида шудааст. Дар кор моҳияти таълими муосир, назарияҳои асосии педагогӣ (конструктивизм, когнитивизм ва гуманизм) ва нақши онҳо дар ташкили раванди таълим баррасӣ мегардад. Ҳамчунин, усулҳои интерактивӣ, аз ҷумла усули саволу ҷавоб, муҳокима, кори гурӯҳӣ, брейнстorming ва озмоишҳои амалӣ таҳлил карда шудаанд. Дар мақола махсусан ба нақши усули саволу ҷавоб дар баланд бардоштани сифати таълим, рушди тафаккури мустақил, фаъолсозии донишҷӯён ва беҳтар шудани натиҷаҳои таълим таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки истифодаи усулҳои интерактивӣ дар таълими химия ба ташаккули шахсияти эҷодкор ва мустақил мусоидат намуда, сатҳи азхудкунии донишро баланд мебардорад.

**Калидвожаҳо:** таълими муосир, усулҳои интерактивӣ, усули саволу ҷавоб, химия, конструктивизм, когнитивизм, гуманизм, сифати таълим, методикаи таълим.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ И ИНТЕРАКТИВНЫЕ МЕТОДЫ В ПРЕПОДАВАНИИ ХИМИИ

Данная статья посвящена изучению и анализу современных теорий образования и использованию интерактивных методов в процессе преподавания химии. В работе рассматривается сущность современного образования, основные педагогические теории (конструктивизм, когнитивизм и гуманизм) и их роль в организации учебного процесса. Также анализируются интерактивные методы, включая метод вопросов и ответов, дискуссию, групповую работу, мозговой штурм и практические эксперименты. В статье особое внимание уделяется роли метода вопросов и ответов в повышении качества обучения, развитии самостоятельного мышления, активизации учащихся и улучшении результатов обучения. Результаты анализа показывают, что использование интерактивных методов в преподавании химии способствует формированию творческой и самостоятельной личности и повышает уровень усвоения знаний**.**

**Ключевые слова:** современное образование, интерактивные методы, метод вопросов и ответов, химия, конструктивизм, когнитивизм, гуманизм, качество образования, методика преподавания.

## THEORETICAL ANALYSIS AND INTERACTIVE METHODS IN CHEMISTRY TEACHING

This article is devoted to the study and analysis of modern educational theories and the use of interactive methods in the process of teaching chemistry. The work discusses the essence of modern education, the main pedagogical theories (constructivism, cognitivism and humanism) and their role in organizing the educational process. Interactive methods, including the question-and-answer method, discussion, group work, brainstorming and practical experiments, are also analyzed. The article pays special

attention to the role of the question-and-answer method in improving the quality of education, developing independent thinking, activating students and improving educational outcomes. The results of the analysis show that the use of interactive methods in teaching chemistry contributes to the formation of a creative and independent personality and increases the level of knowledge assimilation.

**Keywords:** modern education, interactive methods, question and answer method, chemistry, constructivism, cognitivism, humanism, quality of education, teaching methodology.

***Дар бораи муаллифон***

*Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими химия*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: fmukarrama@mail.ru*

*Бобизода Ғуломқодир Мукаммал*
*Доктори илмҳои биологӣ ва фармасевтӣ, профессори кафедраи химияи органикӣ ва биологӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: bobievgm@mail.ru*

*Раҷабзода Сироҷиддин Икром*
*Доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи органикӣ ва биологӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: ikromovich80@mail.ru*

***Об авторах***

*Файзуллоева Мукаррама Махмуджоновна*
*Кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания химии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: fmukarrama@mail.ru*

*Бобизода Гуломкодир Мукаммал*
*Доктор биологических и фармацевтических наук, профессор кафедры органической и биологической химии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: bobievgm@mail.ru*

*Раджабзода Сироджиддин Икром*
*Доктор химических наук, профессор кафедры органической и биологической химии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: ikromovich80@mail.ru*

***About the authors***

*Fayzulloeva Mukarrama Makhmudjonovna*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Chemistry Teaching Methods*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: fmukarrama@mail.ru*

*Bobizoda Gulomkodir Mukammal*
*Doctor of Biological and Pharmaceutical Sciences, Professor of the Department of Organic and Biological Chemistry*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: bobievgm@mail.ru*

*Rajabzoda Sirojiddin Ikrom*
*Doctor of Chemical Sciences, Professor of the Department of Organic and Biological Chemistry*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: ikromovich80@mail.ru*

ТДУ 372.854

# МАСОИЛИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ ХИМИЯ

***Имомова Л. Ч.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

**Муқаддима.** Дар ҷаҳони босуръат тағйирёбанда аз шахс бештар талаб карда мешавад, ки аз имкониятҳои эҷодии худ истифода барад. Шахси эҷодкор на танҳо қодир аст ба тағйирот мутобиқ шавад, балки ҳадафҳоро муқаррар ва ба даст орад, бо дигарон муошират созанда кунад, мушкилотро муайян кунад ва роҳҳои ҳалро пайдо кунад ва фаъолияти худро арзёбӣ кунад.

Бо қобилиятҳои эҷодӣ, мо маҷмуи хусусиятҳои зеҳнӣ ва шахсиро мефаҳмем, ки ба шахс имкон медиҳанд, ки дар вазъиятҳои навоварӣ, номуайянӣ, маълумоти ибтидоии нопурра ва набудани алгоритми равшани ҳалли мушкилот самаранок амал кунад ва ба натиҷаҳои инноватсионӣ ноил гардад.

Фаъолияти эҷодии шахс натиҷаи тарбия, худомӯзӣ, таҳсил ва таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Ҳамаи ин ба таври боварибахш нишон медиҳад, ки рушди фаъолияти эҷодӣ аз фароҳам овардани шароит ва пешшартҳои зарурӣ вобаста аст, ки ифода ва рушди неруи эҷодии шахсро ба ҳадди аксар ҳавасманд мекунанд.

**Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот.** Аксари олимон розӣ ҳастанд, ки густариши неруи эҷодии шахс, аз ҷумла неруи наврасон, инҳоро талаб мекунад:

- рушди пойгоҳи дониш ва малакаҳо, ҷамъоварӣ ва банизомдарории маълумоти зарурӣ барои эҷоди чизи нав, инчунин такмил додани малакаҳои зарурӣ барои фаъолияти мувофиқ;
- фароҳам овардани фазои мусоид барои эҷодкорӣ. Хусусияти асосии ин фазои эҷодӣ набудани танқид дар марҳилаи тавлиди идеяҳо мебошад, ки имкон медиҳад маҳдудиятҳои дохилиро, ки ба шахс имкон намедиҳанд мушкилотро аз нигоҳи нав бубинанд, бартараф кунад;
- ҷустуҷӯи қиёсҳо. Имконияти ҳалли эҷодии мушкилот агар қодир бошад қиёсҳоро байни он ва дигар вазъиятҳои мушкил муайян кунад, ҳатто агар онҳо дар назари аввал монанд набошанд ҳам, меафзояд.

Барои рушди тафаккури эҷодӣ, алгоритми зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Омӯзед, объект ва равандро таҳлил кунед. Ҷаҳони мо аз системаҳо иборат аст. Фломастер, сӯзанак, истироҳат, мошин, оила - ҳамаи инҳо мисолҳои системаҳо мебошанд. Бояд қодир бошад, ки диаграммаҳои “Таркиб-Пайвастҳо-Ҳамкорӣ”-ро созад ва таҳлил кунад.
2. Омӯзед, ки тафаккури бисёрҷузъа ё ба истилоҳ “васеъ”-ро истифода баред. Ҳар як шахс бояд қодир бошад, ки ҳар як объект ё раванд (система)-ро на танҳо алоҳида, балки “зерсистемаҳо” (ҷузъҳо) ва “суперсистемаҳо”-и онро (системаҳое, ки объекти таҳлили мо дар онҳо дохил мешавад; одатан якчандто ҳастанд) бубинад. Дар айни замон, бояд гузашта, ҳозира ва ояндаи система, зерсистемаҳо ва суперсистемаҳоро бубинад.
3. Таҳлили рушди системаро омӯзед. Ин маънои онро дорад, ки қодир будан ба татбиқи қонунҳои рушди система - дидани марҳилаи кунунии рушди система, зерсистемаҳои он ва суперсистемаҳое, ки он ба онҳо дохил мешавад. Омилҳои муҳити берунаеро, ки ба рушди система таъсир мерасонанд ва захираҳои дохилии система ва зерсистемаҳои онро муайян кунед. Системаҳои зиддисистема (рақибон) ва параллелӣ (дӯстона) ва тамоюлҳои рушди онҳоро муайян кунед. Онҳоро барои пешгирӣ аз онҳо ё истифодаи онҳо барои мақсадҳои худ муайян кунед.
4. Пешгӯии рушди системаро омӯзед. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми банақшагирии ояндаи ҳар як система, мо бояд шароити объективии суперсистемаҳои болотар ва тамоюлҳои рушди онҳоро ба назар гирем. Омӯзед, ки робитаи байни захираҳои дохилии худ ва таъсири муҳити беруна таҳлил кунед. Қодир бошед, ки захираҳои системаҳои параллелиро ҷалб кунед.
5. Қодир бошед, ки мушкилотро дар вазъияти мушаххас дуруст муайян ва таҳлил намоед, инчунин роҳҳои воқеии ҳалли онҳоро бинед. Дар бораи он ки барои ҳалли масъалаҳои нодуруст баёншуда чӣ қадар вақт, қувва ва захираҳо беҳуда сарф мегарданд, мақолаҳо ва таҳқиқоти зиёде вуҷуд доранд. Аз ҳамин сабаб, дуруст гузоштани масъала худ як қадами муҳимми тафаккури эҷодӣ ва самаранок ба шумор меравад.

6. Аз сатҳи баланди тахайюл ва хаёл фаъолона истифода баред. Муҳим аст, ки шахс тавонад ҳатто роҳҳои ҳалли ғайриодӣ ва ба назари аввал ғайримумкинро ба вазъияти мушаххас “пайванд” кунад. Баъзан маҳз дар як идеяи ба назар афсонавӣ ядрои мантиқӣ ва оқилона пинҳон мешавад. Аммо барои пайдо кардани чунин ядро инсон бояд дорои маҳорати махсус — «танқиди эҷодӣ» бошад. Ин гуна малакаҳо тавассути усулҳое чун ҳамлаи ақлӣ, таҳлили оқибатҳои қарорҳо ва дигар методҳои эҷодии фикрронӣ ташаккул меёбанд ва такмил меёбанд.

6. Қодир бошед, ки роҳҳои пешниҳодшудаи ҳалли масъалаҳоро дар амал татбиқ намоед. Дар назари аввал чунин менамояд, ки ин хусусият бештар ба ирода ва хислати шахс вобаста аст, на ба тафаккур. Аммо хусусияти муҳимми методологияи таълими тафаккури эҷодӣ дар он ифода меёбад, ки ҳангоми омӯзиши таҳлил ва ҳалли масъалаҳои гуногуни ғайристандартӣ инсон на танҳо тарзи фикрронии худро, балки худи шахсияташро низ тағйир медиҳад. Тағйир ёфтани малакаҳо ва усулҳои фикрронӣ шахсро водор месозад, ки ба масъалаҳои шахсии худ низ аз дидгоҳи нав назар кунад: вазифа ва мақоми худро дар ҷомеа муайян намояд, муносибаташро бо дигарон, гурӯҳҳо ва созмонҳо бознигарӣ кунад. Инсон тадриҷан меомӯзад, ки муносибатҳои худро ба таври самаранок ва бо назардошти ҳадафҳои шахсӣ бунёд намояд. Дар ин раванд ӯ табиатан ҳадафҳо, самтҳои рушд ва имкониятҳои муҳити атрофро низ ба ҳисоб мегирад [1; 6].

**Тавсифи мухтасари усулҳои асосии фаъоли таълим (дастҷамъона, гурӯҳӣ, инфиродӣ)**

Химия ҳамчун фанни таълимӣ дар мактаб хусусияти махсус дорад. Ин илм пеш аз ҳама ба таҷриба ва мушоҳидаҳои амалӣ такя мекунад, зеро химия илми эмпирикӣ ба шумор меравад. Аммо натиҷаҳои таҷрибаҳои химиявӣ на ҳамеша ба қонунҳои қатъии табиат ё формулаҳои дақиқи математикӣ мутобиқ меоянд. Бисёр вақт таҷрибаҳо бо як модда, вале дар шароити гуногун, натиҷаҳои тамоман фарқкунанда медиҳанд. Барои шарҳи чунин ҳолатҳо дониши васеи назариявӣ зарур аст.

Дар баробари ин, омӯзиши химия одатан аз синфҳои болоии мактаб оғоз мегардад — дар даврае, ки қисми зиёди хонандагон аллакай шавқи худро ба таҳсил, махсусан ба азхудкунии маводди назариявӣ, то андозае аз даст медиҳанд. Аз ин рӯ, ба назари мо, ташаккули муносибати эҷодӣ ба омӯзиши химия бояд пеш аз ҳама ба аҳаммияти амалии он асос ёбад [7, с. 14].

Мо чунин мешуморем, ки асоси омӯзиши самараноки химия аз он иборат аст, ки раванди таълим ба шавқи амалӣ нисбат ба фанн тобеъ карда шавад. Хонанда бояд тавонад арзиш ва аҳаммияти маводди омӯзиширо барои ҳалли масъалаҳои мушаххас дарк намояд. Танҳо дар ин сурат омӯзиш барои ӯ маънои воқеӣ пайдо мекунад.

Аслан, қариб дар ҳар як деҳа, шаҳрак ё шаҳр метавон корхона ё муассисаеро пайдо кард, ки фаъолияти он ба табдилёбии моддаҳо вобаста аст. Муҳим он аст, ки равандҳои истеҳсолӣ ва мисолҳои ҳаётӣ бо маводди назариявии дарс пайваст карда шаванд. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, албатта, зарур аст, ки шакл ва усулҳои гузаронидани дарсҳо низ тағйир дода шаванд.

Дар ин замина, шаклҳо ва усулҳои ғайрианъанавии таълим аҳаммияти махсус пайдо мекунанд. Ба онҳо метавон дохил кард:

- дарсҳо бо усулҳои тағйирёфтаи ташкилӣ;
- дарсҳое, ки ба тахайюл ва тасаввурот такя мекунанд;
- дарсҳое, ки фаъолияти амалӣ ё намудҳои гуногуни корро моделсозӣ менамоянд;
- дарсҳо бо унсурҳои рақобат ва бозӣ;
- дарсҳое, ки шаклҳои анъанавии ташкилиро дигаргун месозанд;
- ҳафтаҳои мавзуӣ ва чорабиниҳои эҷодии таълимӣ [3; 7].

Дар айни замон, низоми таҳсилоти миллӣ тадриҷан ба стандартҳои насли нави таълим мегузарад. Ин раванд аҳаммияти компютерикуниро боз ҳам бештар намуда, воридшавии ҷомеаро ба марҳилаи ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ тасдиқ мекунад.

Танҳо дар давоми даҳсолаи охир технологияҳои нави иттилоотӣ – Интернет, алоқаи мобилӣ ва технологияҳои рақамӣ – ба таври васеъ паҳн гардиданд. Махсусан, кӯдакон ва наврасон ба чунин навгониҳои техникӣ таваҷҷуҳи зиёд доранд. Аз ҳамин сабаб, муҳим аст, ки кунҷковӣ ва фаъолияти баланди маърифатии хонандагон ба рушди мақсадноки шахсияти онҳо равона карда шавад.

Дар дарсҳое, ки таҳти роҳбарии омӯзгор баргузор мегарданд, хонандагон метавонанд истифодаи технологияҳои компютериро барои мақсадҳои таълимӣ омӯзанд, усулҳои дарёфти

иттилоотро аз худ намоянд ва онҳоро барои ҳалли масъалаҳои таълимӣ истифода баранд. Дар натиҷа, онҳо на танҳо донишҳои нав мегиранд, балки малакаҳое ҳосил мекунанд, ки имкон медиҳанд дар оянда мустақилона таҳсил ва худомӯзиро идома диҳанд.

Татбиқи равиши нав ба таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Компютер ва воситаҳои рақамӣ метавонанд самаранокии раванди таълимро дар ҳар як марҳилаи дарс баланд бардоранд, шавқи хонандагонро бештар намоянд ва барои рушди тафаккури мустақилу эҷодии онҳо замина муҳайё созанд [9].

Масалан, ҳангоми омодагӣ ба дарс компютер ба омӯзгор имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Аз ҷумла, он имкон медиҳад:

- моделҳои компютерии нақшаи дарс, мавзуъҳои алоҳида ва ҳатто тамоми курс таҳия карда шаванд;
- маводди таълимӣ ба таври самаранок ва мантиқӣ тартиб дода шавад;
- маводди асосӣ бо маълумоти иловагӣ ва манбаъҳои муосир ғанӣ гардонида шавад;
- мавод бо назардошти хусусиятҳои синф ва имкониятҳои хонандагони алоҳида интихоб ва мутобиқ карда шавад.

Дар ҷараёни худи дарс истифодаи компютерҳо имконият медиҳад, ки:

- вақти таълим сарфа гардад;
- таъсири эҳсосӣ, эстетикӣ ва илмии маводди таълимӣ бештар гардад;
- азхудкунии дониш тавассути таъсир ба намудҳои гуногуни қабул ва таҳлил беҳтар шавад;
- раванди таълим фардикунонида шавад;
- диққати хонандагон ба масъалаҳои муҳимтарини дарс ҷалб гардад;
- дар вақти дилхоҳ ба маводди қаблан омӯхташуда бозгашт карда шавад;
- хонандагон мустақилона аз маводди таълимӣ истифода баранд [10].

Ғайр аз ин, компютерҳо ҳамчун воситаи назорати дониш, васеъ намудани дастрасӣ ба манбаъҳои иттилоотӣ ва ба роҳ мондани робитаи бозгашт байни омӯзгор ва хонанда низ истифода мешаванд. Барои ташкили фаъолияти омӯзгор дар синф моделҳои гуногуни истифодаи технологияҳои компютерӣ мавҷуданд [8].

Муҳим аст, ки технологияҳои иттилоотӣ ба сохтори ҳар як дарс ба таври табиӣ ва бефосила ворид карда шаванд. Дар чунин ҳолат хонандагон метавонанд дар фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқотӣ дар сатҳи сифатан нав иштирок намуда, ангезаи омӯзиш ва салоҳиятҳои калидии худро инкишоф диҳанд.

Ҳамин тавр, компютеркунонӣ дар соҳаи маориф муҳити махсуси иттилоотиро ба вуҷуд меорад, ки шавқу ҳавас ва кунҷковии хонандагонро фаъол месозад. Ин муҳит ба дарк ва ҳалли масъалаҳои зеҳнӣ мусоидат намуда, барои рушди қобилиятҳои маърифатӣ, ташаббуси эҷодӣ ва ташаккули шахсияти ҳар як хонанда шароити мусоид фароҳам меорад.

Ҷалби мақсадноки технологияҳои нави иттилоотӣ дар раванди таълим ба навсозии пайвастаи мундариҷа, шакл ва усулҳои таълиму тарбия мусоидат мекунад. Инчунин, он ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки масъалаҳои таҳия ва истифодаи барномаҳои таълимиро дар сатҳи сифатан нав ҳал намоянд [12].

**Тавсифи мухтасари технологияҳои дидактикӣ, ки омӯзиши фаъолро мусоидат мекунанд**

Муддати дароз маълум аст, ки арзиши таҳсилот на танҳо аз ҳаҷми дониш ва малакаҳои амалии хатмкунанда вобаста аст. Муҳимтар аз ин, қобилияти татбиқи дониш дар амал, доштани ҷаҳонбинии равшан, боварӣ ба амалҳои худ ва эҳсоси муваффақият мебошад. Дар ташаккули чунин ҷаҳонбинӣ на танҳо худи хонанда, балки мактаб ва оила низ саҳми назаррас доранд.

Ба андешаи муҳаққиқ Ҷ. Мусоҷонзода, “ҷалби хонандагон ба раванди таълим бевосита аз шахсияти омӯзгор ва сатҳи омодагии касбии ӯ вобаста аст. Пешниҳоди маводди таълимӣ метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад, аммо дар ҳар сурат муҳити мусбати эҳсосӣ, суръати мувофиқи дарс, сатҳи дурусти душворӣ ва баҳогузории одилона аҳаммияти калон доранд” [13, с. 222].

Имрӯз технологияҳои гуногуни таълими фаъол маълуманд. Яке аз онҳо технологияи модулии таълим мебошад, ки аз ҷониби В.М. Монахов ва В.П. Беспалко таҳия шудааст. Мавзуъҳои химия намунаи хуби модулҳои дидактикӣ ба шумор мераванд, зеро онҳоро метавон ба қисмҳои алоҳида ҷудо, сохторбандӣ ва систематизатсия намуд. Барои ҳар як модул натиҷаи ниҳоии таълимро пешакӣ муайян кардан мумкин аст.

Дар ин раванд диққати асосӣ бояд ба таҳияи худи модул равона карда шавад:

• кам намудани импровизатсия дар ҷараёни дарс;
• муайян намудани ҳадафҳои дақиқ;
• тарҳрезии педагогӣ;
• таъмин намудани якпорчагии раванди таълим.

Ҳамзамон, ҳамеша бояд дар хотир дошт, ки омӯзиш хусусияти шахсӣ дорад. Ҳангоми интиқоли дониш омӯзгор нохоста муносибат, арзишҳо, эътиқод, афзалиятҳо ва ҷаҳонбинии худро низ ба хонандагон мерасонад. Аз ин рӯ, дар раванди таълим на танҳо маълумоти илмӣ, балки тачрибаи шахсии омӯзгор низ иштирок мекунад.

Дар бисёр ҳолатҳо омӯзгор ҳамчун донандаи ҳақиқат баромад намуда, донишро ба таври тайёр пешниҳод мекунад, аммо худи раванди кашфи ин ҳақиқатҳо берун аз доираи омӯзиш мемонад. Маҳз дар ҳамин ҷо зарурати рушди тафаккури эҷодии хонандагон ба миён меояд. Шарти муҳимми татбиқи он дар амал коҳиш додани нақши бартаридоштаи омӯзгор дар раванди ба даст овардани дониш ва тачриба мебошад.

Ба ибораи дигар, хонанда бояд на танҳо қабулкунандаи дониш, балки иштирокчии фаъоли ҷустуҷӯ, таҳлил ва кашфи дониш гардад. Танҳо дар чунин ҳолат омӯзиш воқеан фаъол, самаранок ва ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ хоҳад буд.

Ҷорӣ намудани унсурҳои фаъолияти таҳқиқотии хонандагон ба технологияҳои педагогӣ ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки на танҳо дониш диҳанд, балки ба хонандагон дар мустақилона омӯзиш кардан ва идора намудани фаъолияти маърифатии худ низ кумак расонанд. Яке аз шаклҳои маъмултарини чунин фаъолият имрӯз усули лоиҳа ба ҳисоб меравад. Ин технология пеш аз ҳама на ба азхудкунии механикии донишҳои тайёр, балки ба татбиқи амалии онҳо ва ба даст овардани донишҳои нав равона шудааст. Иштироки фаъолонаи хонандагон дар таҳия ва иҷрои лоиҳаҳои гуногун ба онҳо имконият медиҳад, ки усулҳои нави фаъолияти инсонро дар муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз худ намоянд [10].

**Фаъолиятҳои беруназсинфӣ дар химия ва ҷойгоҳи онҳо дар раванди таълим**

Тавре маълум аст, фаъолиятҳои беруназсинфӣ дар фанн он фаъолиятҳое мебошанд, ки хонандагон ихтиёран, таҳти роҳбарии омӯзгор ва берун аз вақти дарсӣ анҷом медиҳанд. Чунин фаъолиятҳо берун аз доираи барномаи ҳатмии таълимӣ сурат мегиранд. Роҳнамоии омӯзгор метавонад мустақим бошад ё дар он мутахассисони даъватшуда аз муассисаҳои дигар, донишҷӯён ва ҳатто хонандагони синфҳои болоӣ иштирок намоянд.

Яке аз ҳадафҳои муҳимми фаъолияти беруназсинфӣ дар химия рушди қобилияти хонандагон барои мустақилона кор кардан бо адабиёти илмӣ ва ташаккули малакаҳои озмоишии лабораторӣ мебошад. Илова бар ин, чунин фаъолиятҳо аҳаммияти тарбиявии калон доранд, зеро иҷрои супоришҳои иҷтимоӣ ва амалии гуногун дар хонандагон ҳисси масъулият, муносибати эҳтиромона ба арзишҳои моддӣ ва эҳтиром ба меҳнатро инкишоф медиҳад.

Мисли ҳар як фанни мактабӣ, мазмуни фаъолияти беруназсинфӣ дар химия низ тасодуфӣ интихоб намешавад. Мавзуъҳои он метавонанд хеле гуногун бошанд, аммо онҳо бештар аз ҳама ба шахсияти омӯзгор, ҷаҳонбинӣ, шавқу рағбат ва омодагии назариявию ахлоқии ӯ вобастаанд. Дар айни замон, муҳтавои чунин фаъолиятҳо бояд ба як қатор талабот ҷавобгӯ бошад:

• аҳаммияти илмӣ — яъне робитаи мундариҷаи фанни мактабӣ бо донишҳои илмӣ таъмин гардад;
• дастрасӣ — мавод бояд ба синну сол ва имкониятҳои хонандагон мувофиқат кунад ва онҳоро ба омӯзишу таҳқиқи иловагӣ ҳавасманд намояд;
• аҳаммияти амалӣ — пайванди фан бо ҳаёти воқеӣ ва фаъолияти амалӣ таъмин карда шавад;
• ҷолибият — фаъолияти беруназсинфӣ бояд таваҷҷуҳи хонандагонро бедор кунад ва онҳоро ба иштирок водор созад.

Ҳадафҳои асосии фаъолияти беруназсинфӣ дар химия инҳоянд:

1. Парвариши шавқу ҳавас ба омӯзиши химия;
2. Такмил додани малакаҳои гузаронидани тачрибаҳои химиявӣ;
3. Рушди эҷодкорӣ, ташаббускорӣ ва мустақилияти хонандагон;
4. Омода намудани хонандагон ба фаъолияти амалӣ;
5. Ташкили дурусти вақти холии хонандагон дар якҷоягӣ бо тарбияи эстетикӣ ва ахлоқии онҳо [5].

Фаъолиятҳои беруназсинфиро дар химия одатан ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд: оммавӣ, гурӯҳӣ ва инфиродӣ. Ин намудҳо на танҳо аз рӯи шумораи иштирокчиён, балки аз рӯи шакл, усул ва мазмуни ташкилии худ низ фарқ мекунанд.

Дар фаъолияти инфиродӣ ду шакли асосӣ мушоҳида мешавад. Аввалан, хонандагон метавонанд супоришҳои алоҳида ва гоҳ-гоҳиро иҷро намоянд, то тадриҷан ба кори мунтазам ҷалб карда шаванд. Чунин усул махсусан дар ҳолатҳое муфид аст, ки фаъолияти гурӯҳӣ ҳанӯз пурра ташкил нашудааст. Бо зиёд шудани шавқи хонанда ба фанн, чунин фаъолияти инфиродӣ метавонад ба кори доимӣ ва мақсаднок табдил ёбад.

Дуюм, фаъолияти инфиродӣ бо он хонандагоне алоқаманд аст, ки аллакай огоҳона тасмим гирифтаанд дар соҳаи химия ё фанҳои наздик ба он ихтисос пайдо кунанд ва сатҳи корҳои гурӯҳии мактабӣ дигар барои онҳо кофӣ нест [3].

Фаъолияти гурӯҳӣ асосан хонандагонеро муттаҳид мекунад, ки ба химия ё ба самти муайяни он таваҷҷуҳи ҷиддӣ доранд. Дар чунин машғулиятҳо на танҳо омӯзиши назариявӣ, балки фаъолияти амалӣ низ мавқеи муҳим дорад. Зери роҳбарии омӯзгори химия хонандагон метавонанд таҷҳизот созанд, воситаҳои аёнӣ омода намоянд, корҳои тарғиботӣ анҷом диҳанд ё барои хонандагони синфҳои хурдсол чорабиниҳои омӯзишӣ ташкил кунанд [4, с. 15].

Ба шаклҳои оммавии фаъолияти беруназсинфӣ конфронсҳои илмӣ-амалӣ, шабҳои мавзуӣ, вохӯриҳои касбӣ, олимпиадаҳои химия, рӯзҳо, моҳҳо ва даҳсолаҳои химия дохил мешаванд. Хусусияти асосии чунин чорабиниҳо дар он аст, ки онҳо на танҳо хонандагони махсусан шавқманд, балки доираи васеи иштирокчиёнро фаро мегиранд.

Имрӯз танҳо бо гузаронидани чорабиниҳои гоҳ-гоҳӣ маҳдуд шудан дигар кофӣ нест. Зарур аст, ки фаъолияти беруназсинфӣ ҳамчун низоми ягона ва хуб андешидашуда ташкил карда шавад. Он бояд бо барномаи таълимӣ, ҷадвали дарсӣ, имкониятҳои мактаб ва шавқу майли хонандагон мувофиқ гардонида шавад. Илова бар ин, фаъолияти беруназсинфии химия бояд бо чорабиниҳои дигар фанҳо, махсусан фанҳои алоқаманд, ҳамоҳанг бошад.

Фаъолиятҳои беруназсинфӣ дар химия инчунин ба дастгирии маъмурияти мактаб ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ такя мекунанд. Дар баробари ин, имкониятҳои васеи берун аз мактаб низ бояд истифода шаванд: иштирок дар олимпиадаҳои химия, озмунҳо, намоишгоҳҳои эҷодиёти техникӣ, озмунҳои илмӣ ва баррасиҳои лабораторияҳои химиявӣ. Ҳамаи ин ба рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва маърифатии хонандагон мусоидат намуда, шавқи онҳоро ба фан боз ҳам бештар мегардонад.

**Натиҷа.** Ҳамин тариқ, таҳқиқот нишон дод, ки истифодаи усулҳо ва технологияҳои фаъоли таълим дар раванди омӯзиши химия аҳаммияти калон дорад. Дар шароити муосир танҳо интиқоли донишҳои тайёр дигар кофӣ нест. Зарур аст, ки хонанда ба иштирокчии фаъоли раванди таълим табдил ёбад, мустақилона фикр кардан, таҳлил намудан, хулоса баровардан ва донишро дар амал татбиқ карданро омӯзад.

Химия ҳамчун илми таҷрибавӣ барои истифодаи шаклҳо ва усулҳои фаъоли таълим имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Пайвастани донишҳои назариявӣ бо таҷрибаҳои амалӣ, равандҳои истеҳсолӣ ва масъалаҳои воқеии ҳаётӣ шавқи хонандагонро ба фан зиёд намуда, барои ташаккули тафаккури эҷодӣ ва малакаҳои таҳқиқотии онҳо мусоидат мекунад.

Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои компютерӣ имкониятҳои нави таълимиро ба вуҷуд меоранд. Истифодаи компютер, Интернет ва технологияҳои рақамӣ на танҳо сифати дарсро беҳтар месозад, балки ба фардикунонии таълим, рушди фаъолияти мустақилона ва баланд гардидани ангезаи омӯзиш низ таъсири мусбат мерасонад. Муҳити иттилоотии муосир барои рушди қобилиятҳои маърифатӣ, ташаббуси эҷодӣ ва малакаҳои худомӯзии хонандагон шароити мусоид фароҳам меорад.

Инчунин муайян карда шуд, ки технологияҳои фаъоли педагогӣ, аз ҷумла усули лоиҳа, таълими модулӣ ва фаъолияти таҳқиқотӣ, дар рушди тафаккури эҷодӣ ва мустақилияти хонандагон нақши муҳим доранд. Дар чунин шароит омӯзгор дигар танҳо манбаи асосии дониш набуда, бештар ҳамчун роҳнамо ва ташкилкунандаи фаъолияти маърифатии хонандагон баромад мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки фаъолияти беруназсинфӣ низ қисми муҳимми раванди таълим ба шумор меравад. Маҳз чунин фаъолиятҳо ба хонандагон имконият медиҳанд, ки дониш ва малакаҳои худро дар амал санҷанд, қобилиятҳои эҷодӣ ва таҳқиқотии худро инкишоф диҳанд, масъулиятшиносӣ ва малакаҳои ҳамкориро ташаккул диҳанд. Олимпиадаҳо, озмунҳо, маҳфилҳои химиявӣ, конфронсҳо ва чорабиниҳои мавзуӣ барои бедор намудани шавқу ҳавас ба фан аҳаммияти махсус доранд.

**Хулоса.** Ҳамин тавр, истифодаи усулҳо ва технологияҳои фаъоли таълим дар омӯзиши химия ба баланд гардидани самаранокии раванди таълим, рушди шахсияти хонанда, ташаккули тафаккури эҷодӣ ва омодасозии онҳо ба фаъолияти мустақилона мусоидат мекунад. Дар шароити рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ чунин равиш ба таълим яке аз шартҳои асосии омода намудани насли рақобатпазир, фаъол ва дорои ҷаҳонбинии муосир ба ҳисоб меравад.

***Адабиёт***


1. *Алексинский В. Занимательные опыты по химии. – М.: Просвещение, 1980. – 127 с.*
2. *Андреев В.И. Педагогика творческого саморазвития. - Казань, 1996. – 566 с.*
3. *Архарова Д.И., Долинина Т.А. Играем – учимся, учимся играя, Екатеринбург, Уральский ГПУ, 1998. – 132 с.*
4. *Байкова В.М. Химия после уроков. В помощь школе. – Петрозаводск: Карелия, 1974. – 175 с.*
5. *Гольдфельд М.Г. Внеклассная работа по химии. – М.: Просвещение,1976. – 191 с.*
6. *Грецов А., Тренинг креативности для старшеклассников - М., Питер», 2007. – 202 с.*
7. *Кульневич С.В., Лакоценина «Совсем необычный урок», Воронеж, Учитель, 2001.*
8. *Курдюмова Т. Н. Компьютерная технология обучения: достоинства и недостатки // Химия в школе, 2002. - №8.*
9. *Зумратов А., Эшова Г.Т. Бозӣ ҳамчун усули фаъоли таълим ва истифодаи он дар дарси химия // Маҷмуаи мақолаҳои омӯзгорони фаъоли шаҳри Душанбе - "Дурахши истеъдод". Китоби 1. - Душанбе, нашриёти ҶДММ "Бебок", - 2020. - С. 153-158.*
10. *Левашов В. Занимательная химия. - М.: Просвещение, 1991.*
11. *Нечиталова Е. В. Информационные технологии на уроках химии // Химия в школе, 2005. - №3.*
12. *Фельдман И. Д. Создание и использование тематических компьютерных презентаций // Химия в школе, 2005. - №7.*
13. *Мусоҷонзода Ҷ.М. Ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди тадриси химия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2025. - № 6. - С. 222-227.*
14. *Давлатов С.С., Баротзода К.А. Особенности обучения учеников школы при методах познания на занятиях биологии и химии // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2020. – № 2(2). – С. 131-134.*
15. *Зубайдов У.З. Равияҳо дар таълим – талаботи замон: Васоити таълимӣ. - Душанбе, 2007. - 127 с.*
16. *Musojonzoda J.M. On issues concerning students` research competencies formation of secondary educational institutions while teaching chemistry // International Research Journal. - № 11 (161). - С. 1-5.*


**МАСОИЛИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ ХИМИЯ**


Мақолаи мазкур ба масъалаи муҳимми рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон дар дарсҳои химия бахшида шудааст. Муаллиф ба дурустӣ қайд мекунад, ки дар ҷаҳони имрӯза, ки бо суръати баланд тағйир меёбад, қобилияти эҷодӣ на танҳо як хусусияти иловагӣ, балки як зарурати асосӣ барои муваффақият дар ҳама соҳаҳои ҳаёт мебошад ва қобилиятҳои эҷодиро на танҳо ҳамчун як маҷмуи хусусиятҳо, балки ҳамчун қобилияти самаранок амал кардан дар шароитҳои номуайян ва норавшан, ки ба натиҷаҳои инноватсионӣ оварда мерасонад, муайян мекунад. Дар мақола, ҳамчунин, баён карда шудааст, ки рушди қобилияти эҷодӣ натиҷаи тарбия, худомӯзӣ ва муҳити мусоид буда, се нуктаи асосӣ барои рушди қобилияти эҷодӣ (рушди пойгоҳи дониш, фароҳам овардани фазои мусоид ва ҷустуҷӯи қиёсҳо) ба таври возеҳ ва мушаххас баён шудаанд.



**Калидвожаҳо:** салоҳиятҳои эҷодӣ, дарс, химия, қобилияти эҷодӣ, тарбия, худомӯзӣ, фазои мусоид, натиҷаи инноватсионӣ, қобилият, шароити педагогӣ.


**ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ НА УРОКАХ ХИМИИ**


Данная статья посвящена важному вопросу развития творческих способностей учащихся на уроках химии. Автор справедливо отмечает, что в современном быстро меняющемся мире творческие способности являются не просто дополнительной чертой, а базовой необходимостью для успеха во всех сферах жизни, и определяет творческие способности не только как совокупность характеристик, но и как умение эффективно действовать в неопределенных и неоднозначных условиях, приводя к новаторским результатам. В статье также утверждается, что развитие творческих способностей является результатом воспитания, самопознания и благоприятной среды, и четко и конкретно обозначены три основных направления развития творческих способностей (развитие базы знаний, создание благоприятной атмосферы и поиск аналогий).



**Ключевые слова:** творческие компетенции, урок, химия, творческие способности, образование, самообразование, благоприятная атмосфера, инновационный результат, способность, педагогические условия.

**ISSUES OF DEVELOPING STUDENTS' CREATIVE ABILITIES IN CHEMISTRY LESSONS**

This article is devoted to the important issue of developing students' creative abilities in chemistry lessons. The author rightly notes that in today's rapidly changing world, creative abilities are not just an additional feature, but a basic necessity for success in all areas of life, and defines creative abilities not only as a set of characteristics, but also as the ability to act effectively in uncertain and ambiguous conditions, leading to innovative results. The article also states that the development of creative abilities is the result of upbringing, self-study and a favorable environment, and three main points for the development of creative abilities (development of the knowledge base, creation of a favorable atmosphere and search for analogies) are clearly and specifically stated.

**Keywords:** creative competencies, lesson, chemistry, creative ability, education, self-study, favorable atmosphere, innovative outcome, ability, pedagogical conditions.

***Дар бораи муаллиф***
*Имомова Лайло Чаировна*
*Унвончӯи кафедраи методикаи таълими химия*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
*734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: imomova-l@mail.ru*

***About the author***
*Imomova Laylo Chairovna*
*Applicant at the Department of method of teaching of chemistry*
*Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni*
*734003, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121*
*E-mail: imomova-l@mail.ru*

***Об авторе***
*Имомова Лайло Чаировна*
*Соискатель кафедры методики преподавания химии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни*
*734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121*
*E-mail: imomova-l@mail.ru*

ТДУ 378.046:577.1:37.026

# ҶОРӢ НАМУДАНИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНИИ TBL ЗИМНИ ОЗМОИШҲОИ ХИМИЯВӢ ВА НАТИҶАИ КОРҲОИ ОЗМОИШӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ БИОХИМИЯ

***Хидиров Ғ. Т.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

**Муқаддима.** Имрӯзҳо дар назди донишгоҳҳои омӯзгории кишвар вазифаи умдаву мубрам истодааст, ки ин баланд бардоштани сатҳу сифати тайёр кардани омӯзгорони оянда мебошад. Ин вазифа барои он умдаву мубрам аст, ки дар ҷомеа имрӯз дигаргуниҳои куллии иҷтимоиву иқтисодию маданӣ ба амал омада истодаанд. Дар ҷомеаи зудтағйирёбанда омӯзгоре лозим аст, ки раванди таълиму тарбияро ба он тавъам мутобиқ гардонида тавонад.

Дар «Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъкид карда мешавад, ки ғояи ташаккули насли нав - одамони дорои тафаккури навоварона, мутахассисони баландихтисоси дорои фарҳанги ташаккулёфта ва аз ҷиҳати ахлоқӣ арзишманду дар назди ҷаҳониён масъул вазифаи стратегии ислоҳоти соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Муқаррароти Консепсияро зарурати тайёр кардани мутахассисони оянда, ки дорои дониш, малака ва маҳоратҳои касбӣ буда, дар шароити комилан нави воқеъияти педагогии ҷомеаи муосир мебошад, вале аз ин мутахасисон самаранок ва эҷодкорона кор карда тавонанд, ташкил медиҳад.

Вазифаҳои нави омодасозии омӯзгорон, аз ҷумла ташаккулёбии салоҳиятҳои касбии онҳо дар заминаи фарқияти сатҳ ва мушаххасот, таълими маҷмуӣ ва элективӣ, истифодаи методҳо ва васоити нави педагогиву таълимӣ аз ҷумла иттилоот, технология, дастурҳои таълимӣ ва таҷҳизотро дар бар мегирад. Дар ҳамин росто зарур аст, ки таълими фанҳои тахассусӣ барои омӯзгорони оянда дар Донишгоҳи омӯзгорӣ ба вазифаҳои марҳалаи имрӯзаи ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ таъмин карда шавад [1, с. 71].

**Маводҳо ва методҳои таҳқиқот.** Дар доираи ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии TBL ба раванди таълими биохимия марҳилаи ташаккули таҷрибаҳои химиявӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар гурӯҳи озмоишӣ дарсҳо бо истифода аз технологияи TBL ва дар гурӯҳи назоратӣ ба таври анъанавӣ гузаронида шуданд. Дар доираи озмоиши дарсҳои лексионӣ бо намоиши муаррифиҳо ва дарсҳои семинарӣ бо истифода аз технологияҳои TBL якҷо гузаронида шуданд. Дар раванди дарсҳо муаррифиҳо дар сохтори технологияи таълими ба гурӯҳ нигаронидашуда (TBL) истифода шуданд. Ҳангоми татбиқи технологияҳои TBL дар бахшҳои «Аминокислотаҳо», «Пептидҳо», «Сафедаҳо» лексияҳо таҳия ва истифода шуданд. Муаррифиҳо дар асоси талаботи эҷоди онҳо таҳия карда шуданд. Ин бахшҳо аз ҷиҳати мазмуни худ хеле мураккабанд, бинобар ин мавзуъҳои ба сохтори онҳо дохилшуда ҳангоми машғулиятҳои лексионӣ бо истифода аз муаррифиҳои таҳиякардаи омӯзгор омӯхта мешаванд [7, с. 20].

Дар бахши «Аминокислотаҳо» яке аз мавзуъҳои душвор «Изомерияи оптикии аминокислотаҳо» мебошад. Ин мавзуъ барои фаҳмидани вазифаҳои биологии аминокислотаҳо хеле муҳим аст, аммо таҷрибаи кор нишон медиҳад, ки фаҳмидани он барои донишҷӯён хеле душвор аст. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи муаррифии ин мавзуъ, дар слайди аввал формулаҳои проексияи Фишер барои глисералдегид ва серин нишон дода шуданд. Ин слайд равандҳои изомерияи оптикиро шарҳ медиҳад. Дар слайди навбатӣ “Стереоизомерияи аминокислотаҳо" бо тавсифи L-изомерҳои аминокислотаҳо тасвир шудаанд.

Илова бар ин, дар слайд радикалҳои аминокислотаҳо ҳангоми навишти изомерҳо ба силсилаи R ё S нишон дода шудааст. Бо маводди ин слайд қоидаҳои муайян кардани конфигуратсияи аминокислотаҳо, ки бояд ба донишҷӯён фаҳмонида шаванд, илова карда шуд. Дар слайди навбатӣ маводҳо бо намунаҳои номҳои аминокислотаҳо аз рӯйи се номгӯй - таърихӣ, эмпирикӣ ва IUPAC оварда шудаанд. Баъдан, ба воситаи слайдҳо номгӯйи аминокислотаҳои ивазшаванда ва ивазнашаванда пешниҳод карда шуда, вазифаҳои онҳо шарҳ дода мешаванд. Инчунин, аз тарафи омӯзгор хусусиятҳои кислотагию асосии аминокслотаҳо фаҳмонида мешавад.

Хусусиятҳои кислотагӣ ва асосии аминокислотаҳо барои донишҷӯён мавзуи хеле душвор аст. Азбаски мафҳуми хосиятҳои амфотерии моддаҳо, ки дар курси химияи ғайриорганикӣ мавриди муҳокима қарор гирифта буд, аз хосиятҳои кислотагию асосии

пайвастагиҳо дар химияи органикӣ фарқ мекунад. Ҳангоми омӯзиши биохимия, донишҷӯён бояд фаҳманд, ки хосияти амфотерӣ чист ва ин дар слайд низ нишон дода шудааст. Дигар слайдҳои минбаъда ба мувозинати кислотаҳо дар маҳлулҳои аминокислотаҳо ва хосиятҳои химиявии онҳо бахшида шудаанд [10].

Омӯзиши мавзуъҳои бахши «Пептидҳо» низ бо намоиши муаррифӣ гузаронида мешавад. Слайди аввал мафҳуми пептидҳо, пептидҳои хатӣ ва сиклиро муаррифӣ мекунад. Дар слайди навбатӣ параметрҳои пайванди пептидӣ нишон дода шудаанд. Мазмуни мавзуъҳои «Изомерияи пайванди пептидҳо» ва «Номгӯйи пептидҳо» дар шакли маводди муаррифӣ нишон дода мешавад. Ин мавзуъҳо аз ҷиҳати мазмун хеле мураккаб буда, фаҳмиданашон барои донишҷӯён душвор аст. Дар слайди мавзуи «Номгузории пептидҳо» қоидаҳои номгузории пептидҳоро аз рӯйи шумораи боқимондаҳои аминокислотаҳо, қоидаҳои номгузории ратсионалӣ, номгузории пептидҳои хаттӣ, α-пептидҳо ва пайвастагии γ-пептидҳо пешниҳод карда мешавад.

Механизмҳои таъсири гормонҳои пептидӣ ва хосиятҳои биологии онҳо, пептидҳои аз ҷиҳати биологӣ бо воситаи слайдҳо ба донишҷӯён нишон дода мешавад. Инчунин дар бораи пептидҳои фаъоли биологӣ маълумот пешниҳод мегардад, чунончӣ:

- гормонҳои пептидӣ (вазопрессин, окситотсин, кортикотропин, глюкагон, калтситонин);
- пептидҳое, ки дар раванди ҳозима иштирок мекунанд (гастрин, секретин);
- пептидҳои фраксияи α-2-глобулини хуноба (ангиотензин, брадикинин ва каллидин); - нейропептидҳо (энкефалинҳо, эндорфинҳо).

Пас аз лексияҳо донишҷӯён муаррифиҳои таҳиякардаи омӯзгорро мувофиқи меъёрҳои пешниҳодкардаи ӯ баҳогузорӣ мекунанд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Меъёрҳои баҳодиҳии мундариҷа ва тарҳрезии муаррифиҳо (холҳо)

| № | Меъёри арзёбии муаррифиҳо | Холи гузошташуда (аз 1 то 3 хол) |
|---|---|---|
| 1 | Робитаи мундариҷаи слайдҳои муаррифиҳо бо нақшаи нутқи омӯзгор | 3 |
| 2 | Мундариҷаи муаррифӣ | 3 |
| 3 | Хулосаи муаррифӣ | 3 |
| 4 | Баррасии маводди муаррифӣ | 3 |
| 5 | Маълумоти графикӣ (расмҳо, графикҳо, ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва ғ.) | 3 |
| 6 | Тарҳрезии графикӣ | 3 |
| 7 | Бахши техникӣ | 3 |
| 8 | Самаранокии истифодаи муаррифӣ ҳангоми гузаронидани лексия | 3 |
| | **Хулосаи шумораи холҳо** | 24 |

Дар тарҳрезии слайдҳои муаррифӣ мо ранги шрифти сиёҳро дар заминаи сафед истифода кардем. Истифодаи ин рангҳо имкон медиҳад, ки хотири донишҷӯён аз таъсири рангҳо парешон нашаванд.

Дарсҳои семинарӣ доир ба мавзуъҳои фавқуззик бо истифода аз технологияи TBL гузаронида шуданд. Технологияи TBL технологияи таълимиест, ки ба омӯзиши фаъол ва рушди малакаҳои донишҷӯён дар самти таҳсили пайваста ва худомӯзӣ ва малакаҳои муошират нигаронида шудааст.

Марҳилаҳои асосии дарс бо истифода аз ин технология инҳоро дар бар мегиранд:

- омӯзиши мустақилонаи мавод пеш аз дарс (сайтҳои интернетӣ, китобхона);
- ташкили як гурӯҳ барои кор (дар як гурӯҳ 5-6 нафар);
- арзёбии сатҳи ибтидоии дониш (ҳар донишҷӯ санҷиш месупорад, аз он ҷумла 20 савол дар асоси MCQ, барои пур кардан 20 дақиқа вақт дода мешавад);
- санҷиши гурӯҳӣ. Ба донишҷӯён 20 савол дар асоси MCQ пешниҳод карда мешавад, ки ҳар як супориши тестиро алоҳида иҷро менамоянд, аммо онҳо метавонанд бо сарчашмаҳои адабии ба онҳо додашуда кор кунанд. Барои анҷом додани санҷиш 40 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад.

**Шикояти гурӯҳи бо асоснокунӣ**. Саволҳои тестӣ дар дохили гурӯҳҳои ташкилшуда муҳокима карда мешаванд, агар касе саволҳои баҳснок дошта бошад, намояндагони ҳар як даста дар алоҳидагӣ шарҳ медиҳанд.

**Робитаи баръакси омӯзгор.** Омӯзгор оид ба масъалаҳои мураккаб тавзеҳот медиҳад.

**Вазифа барои иҷро**. Гурӯҳҳои ташкилшуда ба гурӯҳҳои хурд тақсим карда мешаванду омӯзгор ба ҳама вазифаҳои вазъиро тақсим мекунад ва донишҷӯён роҳҳои ҳалли онҳоро меёбанд.

**Ҳисоботи муаррифиҳо.** Донишҷӯён ҷавобҳоро дар шакли гузориши муаррифӣ дар формати PowerPoint пешниҳод мекунанд.

**Арзёбии ҳисоботҳои муаррифӣ.** Дар дохили коллектив аввалан баҳодиҳии худ ва сипас баҳодиҳии гурӯҳӣ, ки дар он нақши ҳар як аъзои коллектив муайян карда мешавад.

**Хулоса** (ҷамъбасти дарс).

Намунаи истифодаи технологияи TBL дар дарси семинарӣ аз фанни биохимия.

**1. Омӯзиши мустақилонаи мавод пеш аз дарс (сайтҳои интернетӣ, китобхона);**

**2. Ташкили даста барои кор (дар як гурӯҳ 5-6 нафар);**

**3. Санҷиши инфиродӣ. Намунаи супоришҳои тестӣ:**

1.Аминокислотаҳое, ки ба сафедаҳо хусусиятҳои асосӣ медиҳанд.

1) систеин ва метионин
2) аргинин ва лизин
3) триптофан ва фенилаланин
4) лейтсин ва изолейтсин
5) глитсин ва аланин.

2. Атомҳои асосии занҷири полипептидҳо бо тартиби зайл ҷойгир шудаанд:

1) C-N-N-C
2) C-C-C-H
3) S-S-N-S
4) C-O-C-H.

**2. Санҷиши гурӯҳӣ.**

1. Дар одам норасоии аминокислотаҳои ивазнашаванда муайян карда шудааст. Ба инҳо дохил мешаванд: фенилаланин, триптофан, валин, треонин, метионин, лейцин, изолейцин, лизин. Ба фикри шумо, барои таъмин кардани бадан, инсон бояд кадом меваю сабзавотро истеъмол намояд. Талаботи ҳаррӯзаи ин аминокислотаҳо дар зер оварда шудааст:

1. Талаботи якшабонарӯза ба аминокислотаҳо:

- изолейтсин - 4-6 г
- валин - 7 г
- лейтсин - 5 г
- лизин - 3 г
- метионин - 0,75 г
- триптофан - 4 г
- фенилаланин - 1,5 г
- треонин - 1,5 г

**5. Шикояти гурӯҳӣ бо асоснокунӣ.**

**6. Робитаи баръакси омӯзгор.**

**7. Вазифа барои иҷро.**

1. Маълум аст, ки консентратсияи ибтидоии субстратҳо дар маҳлул 3,3 ммол/л аст. Дар фермент, фосилаи байни марказҳои пайвастшавии субстрат 0,5 нм аст. Муайян кунед, ки реаксия аз сабаби наздик будани субстратҳо дар фермент чӣ қадар суръат мегирад? Агар:

а) 3,3 мол модда 3,3 х$10^{-3}$ х $610^{23}$ молекула дорад ва 1 литр = $10^{24}$ нм3;

б) дар фермент 2 молекулаи субстрат дар ҳаҷми (0,5 $нм^3$) = 0,1 $нм^3$ мавҷуд аст;

в) энергияи пайвастшавӣ дар “a-b” ба 75 кҶ/мол баробар аст (яъне, агар 1 мол “а-б” ба таври гидролитикӣ ба “а” ва “б”, “c-b” - 50 кҶ тақсим шавад, чӣ қадар энергия ҷудо мешавад). Дар реаксия (Ereak) чӣ қадар энергия хориҷ мешавад?

г) дар вақти реаксия аввал абри электрониро дар «а-б» ва «в» дароз кардан лозим аст, ки дар сурати набудани фермент барои «а-б» 60 кҶ/мол ва барои «в» 40 кҶ/мол лозим мешавад. Энергияи фаъолшавии реаксияи ғайриферментативӣ ба чӣ баробар аст?

**8. Ҳисоботи муаррифиҳо.** Ҷавоб ба масъалаи вазъият дар шакли муаррифӣ нишон дода мешавад.

Дар маҳлули ибтидоӣ барои 2 молекулаи субстрат ҳаҷми $10^{24}$:$10^{21}$ $нм^3$ лозим аст. Барои фермент ҳаҷми 0,1 $нм^3$ лозим аст. Ин маънои онро дорад, ки консентратсияи молекулаҳои субстрат дар фермент назар ба маҳлули озод 10000 маротиба зиёдтар аст. Дар асоси ин метавон гуфт, ки ба ҳамин миқдор:

- суръати реаксия зиёд мешавад.

- баровардани энергия дар реаксия ба фарқияти байни энергияи субстрат ва маҳсулот баробар аст, яъне 75–50 = 25 кҶ/мол.

- барои фаъолсозии ҳарду субстрат энергияи 60 + 40 = 100 кҶ/мол лозим аст.

**9. Арзёбӣ.**

**10. Хулоса**

**Натиҷа.** Дар ҷараёни татбиқи технологияи TBL дар дарсҳои семинарӣ аз фанни биохимия ҳар як гурӯҳ супориши алоҳида мегирад. Бартариҳои технологияи TBL кадомҳоянд:

- муҳокимаи масъалаҳо дар гурӯҳҳо, ин барои мустаҳкам намудани дониш мусоидат мекунад;

- донишҷӯён дар як гурӯҳ кор карданро меомӯзанд, ки дар он ҷо онҳо метавонанд ба дигарон дар фаҳмидан ва омӯхтани донишҳои нав кӯмак расонанд;

— ҳар як донишҷӯ дастгирии коллективро ҳис мекунад, ин ба вай боварӣ ва майлу хоҳиши такмил додани худро таъмин мекунад. Фаъолияти гурӯҳӣ ба дарк намудан ва фикру ҳал кардани масъалаҳои мураккаби мавзуъ мусоидат мекунад. Бояд қайд кард, ки донишҷӯён дар як гурӯҳ кор карда, маҳорати муштараки ҳамкориро инкишоф медиҳанд, инчунин:

- ба ҳадафи худ бо ҳамкории дастаҷамъона расидан мумкин аст;

- технологияи таълими ба гурӯҳ нигаронидашуда ба рушди малакаҳои кори дастаҷамъӣ ва муошират муҳассилинн нигаронида шудааст;

- таълими фанни биохимия бо истифода аз технологияи TBL ба дарки мақсади омӯзиши курс, мазмуни мавзуъ ва дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ, мусоидат мекунад;

- самаранокии истифодаи технологияи TBL – ро озмоишӣ махсусан ҳангоми гузаронидани семинарҳо нишон медиҳад. Дар ҷараёни гузаронидани семинарҳо оид ба ин технология:

- донишҷӯён худро нишон дода, шармгинӣ ва ноуҳдабароиро аз худ дур мекунанд ва бо омӯзгор бо боварӣ муошират мекунанд;

— муҳассилин фаъолияти худро нишон дода, дар ҷарайни таълим маводро нағз азхуд мекунанд ва дар мавридҳои зарурӣ онро такрор карда метавонанд. Инчунин, малакаҳои ба шунавандагон расондани фикру зикри худро инкишоф медиҳанд. Донишҷӯён қодиранд дар мубоҳисаҳо ширкат варзанд, чунки дар онҳо малакаи суханварӣ дар назди коллектив ташаккул ёфтааст. Онҳо малакаҳои муошират расмӣ доранд;

— омӯзгор барои таҳлили амиқи маводди дарси семинарӣ вақти хеле зиёд дорад. Ин имкон медиҳад, ки бо донишҷӯён суҳбат кунад ва бо онҳо хубтар шинос шавад;

- бо истифода аз ин технология омӯзгор метавонад, дар ҷавобҳои донишҷӯён иштибоҳҳои мавҷудбударо ёбад ва онҳо низ метавонанд хатоҳои худро мушоҳида кунанд. Албатта, ин технология имкон медиҳад, ки хаторо ба ҳисоб гирифта, ба маводди дарс ислоҳот ворид кунанд [1, с. 78].

Истифодаи технологияи TBL дар дарсҳои семинарии фанни «Биохимия» ба беҳтар азхудкунии маводди таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён мусоидат карда, дар дониш, малака ва маҳоратҳои ташаккулёфтаи онҳо ифода меёбад [14, с. 201].

Самаранокии истифодаи муаррифӣ дар сохтори технологияи TBL тавассути пурсиши такрории донишҷӯён дар марҳилаи ҷамъбасти натиҷаҳо муайян карда шуд. Пас аз гузаронидани лексияҳо бо муаррифиҳо ва истифодаи технологияи TBL дар дарсҳои семинарӣ аз донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ хоҳиш карда шуд, ки ба саволҳои зерин ҷавоб диҳанд (ҷадвали 2). Якчанд саволҳо аз пурсиш гирифта шуданд.

Ҷадвали 2. Самаранокии истифодаи муаррифӣ дар сохтори технологияи TBL зимни омӯзиши биохимия

| № | Саволҳои пурсиш | Баҳои миёна (хол) | |
|---|---|---|---|
| | | Гурӯҳи озмоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| 1 | Дар проексияи Фишер навиштани ҳамаи формулаҳои аминокислотаҳо | 4,4 | 4,9 |
| 2 | Ба аминокислотаҳо бо IUPAC номгузорӣ кардан | 3,5 | 3,8 |
| 3 | Навиштани аминокислотаҳои ивазшаванда ва ивазнашаванда | 4,4 | 4,8 |
| 4 | Навиштани хусусиятҳои кислотагӣ ва асосии аминокислотаҳо | 4,1 | 4,5 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5 | Хусусиятҳои химиявии аминокис лотаҳо (навиштани реаксияҳо) | 4.0 | 4,3 |
| 6 | Навиштани сис ва трансформаҳои депептиди аланил-валин | 4,7 | 4,9 |
| 7 | Навиштани формулаи ду трипептидҳо (интихобӣ) | 4,8 | 5 |
| 8 | Нишон додани гурӯҳҳое, ки ба пептидҳои фаъоли биологӣ ҷудо мешаванд | 4,7 | 5 |
| 9 | Номбар кардани пептидҳои фаъоли биологӣ | 4,5 | 4,9 |

Мундариҷаи ҷадвали 2 шаҳодат медиҳад, ки муаррифиҳо дар сохтори технологияҳои TBL дар таълими донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ истифодашуда, имкон медиҳанд, ки самаранокии таълими фанни «Биохимия» баланд гардад. Ба ғайр аз пурсиши дар боло овардашуда, мо ба таври илова аз хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ аз рӯйи саволҳои зерин пурсиш гузаронидем (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. Натиҷаҳои пурсиши хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ барои муайян кардани сатҳи дониши онҳо аз фанни «Биохимия»

| № | Саволҳои пурсиш | Баҳои миёна (хол) | |
|---|---|---|---|
| | | Гурӯҳи назоратӣ | Гурӯҳи озмоишӣ |
| 1 | Ба савол ҷавоб гардонед: Сафедаҳо дар организм кадом вазифаҳоро иҷро мекунанд? | 4,4 | 4,9 |
| 2 | Ба савол ҷавоб гардонед: Массаи молекулавии бисёрии сафедаҳо дар ҳудуди<br>1) аз 6000 то 1000000 ва зиёдтар,<br>2) зиёдтар аз 50000,<br>3) аз 30000 ва зиёдтар,<br>4) аз 100000 зиёдтар<br>ҷойгиранд. | 3,5 | 3,8 |
| 3 | Мувофиқатро маълум кунед | 4,3 | 4,8 |
| 4 | Якҷояшавии дурустро интихоб кунед Электрофорези сафеда дар pH 8,6 1) овалбумин (ИЭТ 4,6)<br>2) β-лактоглобулин (ИЭТ 6,3)<br>3) химотрипсин (ИЭТ 9,5)<br>а) дар ибтидо мемонад<br>б) ба сӯйи катод ҳаракат мекунад<br>в) ба сӯйи анод ҳаракат мекунад | 4,1 | 4,5 |
| 5 | Ба савол ҷавоб гардонед: Усули ҷудокунии сафедаҳо дар асоси фарқияти андозаи молекулаҳои сафеда мебошад.<br>1) кристаллизатсия (сахтшавӣ)<br>2) диализ<br>3) хроматографияи мубодилаи ион<br>4) полоиши гел<br>фокуси изоэлектрикӣ<br>Дурустии гуфтаҳо ва робитаи байни онҳоро муайян кунед.<br>Ба гурӯҳи сафедаҳои одӣ дохил мешаванд<br>1) инсулин<br>2) казеин<br>3) гемоглобин А<br>4) кортикотропин<br>5) албумини зардоби хун<br>6) глютелин<br>Ба савол ҷавоб диҳед: Сафедаҳои одӣ: тавсифи умумии албуминҳо. Глобулинҳо, гистонҳо, протаминҳо, проламинҳо, глютелинҳо | 3,9 | 4,3 |
| 6 | 4,7 | 4,8 | |
| 7 | 4,5 | 4,7 | |
| 8 | 4,7 | 5 | |
| | 4,27 | 4,6 | |
| | 85,2 | 91,8 | |

Таҳлили ҷадвали 3 самаранокии истифодаи муаррифиҳоро дар сохтори технологияи TBL дар лексияҳо ва семинарҳо дар гурӯҳи озмоишии донишҷӯён нишон медиҳад. Бешубҳа, метавон гуфт, ки ҷорӣ намудани технологияи мазкур дар раванди таълими фанни «Биохимия» ба ташаккулёбии раванди азхудкунии маводди таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён ва кори омӯзгорӣ ҳамчун роҳбари дарс мусоидат мекунад [8].

Дар ҷараёни озмоиш мо ба малакаҳои ҳалли масъалаҳои биохимиявӣ аз ҷониби донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ диққат додем. Дар рафти дарс мо ба донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ барои ҳал чанд навъи масъалаҳоро пешниҳод намудем.

**1 Супоришҳо бо маълумоти нокифояи ибтидоӣ**

1. Дар бораи таркиби аминокислотаҳои муҳимми маҳсулоти хӯрокворӣ маълумот пайдо кунед ва ҷавоби худро пешниҳод намоед.

Муайян карда шудааст, ки шахс норасоии аминокислотаҳои муҳим дорад. Тавре ки шумо медонед, ба инҳо дохил мешаванд: фенилаланин, триптофан, валин, треонин, метионин, лейцин, изолейцин, лизин. Ба фикри шумо, барои таъмини организм, кадом меваю сабзавотро истифода кардан лозим аст? Талаботи ҳаррӯзаи ин аминокислотаҳо дар зер оварда шудааст: [5, с. 169].

**1. Талаботи якшабонарӯза ба аминокислотаҳо:**

- изолейтсин - 4-6 г
- валин - 7 г
- лейтсин - 5 г
- лизин - 3 г
- метионин - 0,75 г
- триптофан - 4 г
- фенилаланин - 1,5 г
- треонин -1,5г

**II. Супоришҳо бо маълумоти ибтидоии зиёдатӣ**

Маълум аст, ки барои ҳаёти организми зинда дар як шабонаруз 84,4—87,5 г протеин лозим аст. 23% аминокислотаҳо аз ин меъёр ба хун мегузаранд. Барои он ки миқдори глисин 1 мг/мл бошад, чӣ қадар сафеда лозим аст? Бо назардошти он, ки ҳаҷми хун дар ҷисми зинда бояд 6 литр бошад.

**III. Супоришҳо бо номуайянӣ дар таҳияи савол**

Дар катализи ферментативӣ металлҳо:

а) ферментро бо субстрат мепайвандад;

б) эффекторро ба маркази аллостерӣ мепайвандад;

в) ферментро бо кофермент мепайвандад;

г) сохтори чоруми ферментро устувор мегардонад.

**IV. Супоришҳое, ки дорои маълумоти мухолиф (қисман нодуруст) дар шарташон ҳастанд**

Тиамин пирофосфат, кислотаи липоид ва коэнзим А ҳамзамон ба сифати кофакторҳо дохил мешаванд:

а) синтетазаҳои кислотаҳои равғании олӣ;

б) лактатдегидрогеназаҳо;

в) глутаматдегидрогеназаҳо;

г) декарбоксилкунандаи пируватдегидрогеназаҳо;

д) каталазаҳо.

**V. Масъалаҳое, ки имкони танҳо ҳалли эҳтимолиро медиҳанд.**

Барои ҳар як сатҳи сохтори сафеда консепсияи мувофиқро интихоб кунед (ибтидоӣ, дуюмдараҷа, сеюм ва чорумӣ):

1) конформатсияи устухони пептидӣ, ки дар ташаккули он алоқаҳои гидрогенӣ байни ҳамаи гурӯҳҳои пептидӣ дар бар мегирад;

2) тартиби ивазшавии аминокислотаҳо дар сафедаҳо;

3) ҷойгиршавии фазоӣ ва хусусияти таъсири мутақобилаи занҷирҳои пептидӣ дар сафедаи олигомерӣ;

4) конформатсияи занҷири полипептидӣ, ки тавассути пайвандҳои байни радикалҳои аминокислотаҳо устувор карда мешавад.

**VI. Супоришҳое, ки истифодаи объектҳои дорои функсияи ғайриодиро талаб мекунанд**

Реаксияҳои боришот имкон медиҳанд, ки:

1) хосиятҳои сафедаҳоро меомӯзад;

2) моеъро аз мавҷудияти сафеда озод мекунад;

3) арзиши сафеда дар моеъҳои биологиро муқаррар мекунад;

4) бо роҳи хушк кардани консентратсияи гуногуни намакҳои нейтралӣ ё спирт барои ҷудо кардани фраксияҳои сафедаи алоҳида.

**VII. Супориш барои ошкор кардани хатоӣ дар ҳалли масъала**

Фарз мекунем, ки консентратсияи ибтидоии субстратҳо дар маҳлул 3,3 ммол/л аст ва дар фермент масофаи байни марказҳои пайвастшавии субстрат 0,5 нм аст. Аз сабаби наздик будани субстратҳо дар фермент реаксия чанд маротиба тез мешавад? Эзоҳҳо:

а) 3,3 мол модда 3,3 $x10^{-3}x6x10^{23}$ молекула дорад ва 1 литр = $10^{24}$ $нм^3$;

б) дар фермент 2 молекулаи субстрат дар ҳаҷми (0,5 $нм^3$) = 0,1 $нм^3$ мавҷуд аст;

в) энергияи пайвастшавӣ дар “a-b” ба 75 кҶ/мол баробар аст (яъне, агар 1 мол “а-б” ба таври гидролитикӣ ба “а” ва “б”, “c-b” - 50 кҶ тақсим шавад, чӣ қадар энергия ҷудо мешавад). Миқдори энергия дар реаксия (Ereak) чӣ қадар аст?

г) ҳангоми реаксия аввал абри электрониро дар «а-б» ва «в» «дароз кардан» лозим аст, ки дар сурати набудани фермент барои «а-б» 60 кҶ/мол ва барои «в» 40 лозим аст.

Энергияи фаъолшавии реаксияи ғайрифермент чӣ гуна аст?

Натиҷаҳои инкишофи малакаҳо дар ҳалли масъалаҳо аз фанни «Биохимия» дар **ҷадвали 4** оварда шудаанд:

| № масъалаи ҳалшаванда | Баҳои миёна (хол) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи назоратӣ | Гурӯҳи озмоишӣ |
| 1 | 4,2 | 4,25 |
| 2 | 4,3 | 4,25 |
| 3 | 4,6 | 4,65 |
| 4 | 4,7 | 4,8 |
| 5 | 4,6 | 4,75 |
| 6 | 4,3 | 4,5 |
| 7 | 4,2 | 4,6 |
| Баҳои миёна | 4,41 | 4,54 |
| Нағз хондан, % | 88,2 | 90,8 |

Аз ҷадвали 4 маълум мешавад, ки дар донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ баҳои миёна ба рушди малакаҳои ҳалли масъала ба 4,54 хол ё 90,8 фоиз ва дар гурӯҳҳои назоратӣ ба 4,41 хол ё 88,2 фоиз баробар аст.

Бар асоси ин метавон гуфт, ки лексияҳо дар бахшҳои «Аминкислотаҳо», «Пептидҳо», «Сафедаҳо» бо муаррифии намоишӣ ва семинарҳо оид ба ин бахшҳо бо истифода аз технологияҳои TBL натиҷаи самарабахшро додааст, зеро фаъолияти донишҷӯён дар гурӯҳи озмоишӣ афзудааст (нигаред ба ҷадвали 4)

**Хулоса.** Натиҷаи озмоишҳо нишон медиҳад, ки ба роҳ мондани технологияи инноватсионии TBL ҳавасмандии донишҷӯёнро ба омӯзиши фанни мазкур зиёд мекунад. Технологияи инноватсионии TBL ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки сифатҳои ҳамкорӣ ва қобилияти кор карданро дар як гурӯҳ тарбия кунанд. Ин қобилиятҳо мутаассифона, на ҳамеша дар байни донишҷӯён хуб ташаккул меёбанд. Технологияи инноватсионии TBL ба мо имкон медиҳад, ки санҷишро ҳамчун яке аз шаклҳои санҷиши дониши донишҷӯён ва усули робитаи баръакс баррасӣ кунем.

***Адабиёт***


1. *Баротзода, К.А. Асосҳои назариявии тайёрии касбӣ-методии омӯзгорони оянда ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ зимни истифодаи технологияи тарзи коллективии омӯзиш дар дарсҳои биология / К.А. Баротзода, // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – Душанбе, 2024. – № 3 (21). – С. 71-80.*
2. *Бочарникова, М.А. Компетентностный подход: история, содержание, проблемы реализации / М.А. Бочарникова // Начальная школа. - 2009. №3. - С. 86-92.*
3. *Брайтермен М.Д., Соколов А.С., Архипов В.В. Коллективный способ обучения. СПб, 2001.*
4. *Гордеева, И.В. Опыт преподавания биохимии бакалаврам индустрии питания / И.В. Гордеева // Международный научно-исследовательский журнал Часть 4 -2020. № 12 (102). - С. 19-23.*
5. *Грачёва, Е.Л., Л.Н. Методика формирования компетентности студентов в области биохимии / Е.Л. Грачёва, Л.Н. Сухорукова // Ярославский педагогический вестник – 2012 – №*

*2 – Том II (Психолого-педагогические науки). - С. 169.*
6. *Груденов, Я. И. Психолого-дидактические основы методики обучения математики / Я. И. Груденов // –М.: Просщевение. – 1976. –160 с. – С. 48.*
7. *Грудзинская, Е.Ю. Активные методы обучения в высшей школе. Учебно-методические материалы по программе повышения квалификации «Современные педагогические и информационные технологии» / Е.Ю. Грудзинская, В.В. Марико. – Нижний Новгород, 2007. – 182 с.*
8. *Дьяченко В.К. Коллективный способ обучения. Дидактика в диалогах / В.К. Дьяченко. – М. Народное образование. – 2004.- 352 с.*
9. Колеченко, А. К. Энциклопедия педагогических технологий*: учебное пособие / А. К. Колеченко. — Санкт-Петербург: КАРО, 2008. — 368 с.*
10. *Кузьмина, О.И. Кейс-технологии как способ повышения эффективности преподавания биохимии в медицинском вузе / О.И Кузьмина, Ш.Н Галимов // Современные проблемы науки и образования. 2019. №6. - С. 136-139.*
11. *Курамаева, Т.А. Компетентностный подход к развитию профессиональной деятельности учителя / Т.А. Курамаева // Международный журнал экспериментального образования. – 2018. – № 5 – С. 11-16.*
12. *Реутова, Е. А. Применение активных и интерактивных методов обучения в образовательном процессе вуза (методические рекомендации для преподавателей Новосибирского ГАУ) / Е. А. Реутова. – Новосибирск: Изд-во, НГАУ,2012.–58 с.*
13. *Симоненко, Н. Н. Управление образовательными услугами с применением инновационных методов обучения / Н. Н. Симоненко // Вестник Тихоокеанского государственного университета. — 2012. — № 2. — С. 201–206.*

## ҶОРӢ НАМУДАНИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНИИ TBL ЗИМНИ ОЗМОИШҲОИ ХИМИЯВӢ ВА НАТИҷАИ КОРҲОИ ОЗМОИШӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ БИОХИМИЯ

Дар мақола муаллиф оид ба ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии TBL зимни озмоишҳои химиявӣ ва натиҷаи корҳои озмоишӣ дар раванди таълими биохимия маълумот додааст. Тайёр намудани омӯзгорони ояндаи фанни биохимия ҳамчун шахсияти мустақил ва соҳиби тафаккури интиқодӣ, ки ба тавлиди низомҳои таълимии худ қодир аст, танҳо дар ҳолати соҳиби таҷрибаи корӣ ва фаъолияти эҷодӣ, ки онҳоро дар раванди таҳсил дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ андӯхтаанд, имконпазир аст. Дар доираи ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии TBL ба раванди таълими биохимия марҳилаи ташаккули таҷрибаҳои химиявӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар гурӯҳи озмоишӣ дарсҳо бо истифода аз технологияи TBL ва дар гурӯҳи назоратӣ ба таври анъанавӣ гузаронида шуданд. Дар доираи озмоиши дарсҳои лексионӣ бо намоиши муаррифиҳо ва дарсҳои семинарӣ бо истифода аз технологияҳои TBL якҷо гузаронида шуданд. Дар раванди дарсҳо муаррифиҳо дар сохтори технологияи таълими ба гурӯҳ нигаронидашуда (TBL) истифода шуданд. Ҳангоми татбиқи технологияҳои TBL дар бахшҳои «Аминокислотаҳо», «Пептидҳо», «Сафедаҳо» лексияҳо таҳия ва истифода шуданд. Муаррифиҳо дар асоси талаботи эҷоди онҳо таҳия карда шуданд. Ин бахшҳо аз ҷиҳати мазмуни худ хеле мураккабанд, бинобар ин мавзӯъҳои ба сохтори онҳо дохилшуда ҳангоми машғулиятҳои лексионӣ бо истифода аз муаррифиҳои таҳиякардаи омӯзгор омӯхта мешаванд.

**Калидвожаҳо:** салоҳиятҳои касбӣ, тайёрии касбии омӯзгорон, тарзи коллективии омӯзиш, тарзи гурӯҳии омӯзиш, муаррифиҳо, технологияи TBL, биохимия, лексия, дарсҳои амалӣ.

## ВНЕДРЕНИЕ ИННОВАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ TBL В ХОДЕ ХИМИЧЕСКИХ ИСПЫТАНИЙ И РЕЗУЛЬТАТЫ ЭКСПЕРИМЕНТАЛЬНЫХ РАБОТ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ БИОХИМИИ

В статье автор рассказал о внедрении инновационной технологии tbl в ходе химических экспериментов и о результатах экспериментальных работ в процессе обучения биохимии. Подготовка будущих преподавателей биохимии как самостоятельных личностей и обладателей критического мышления, способных создавать свои собственные образовательные системы, возможна только при наличии накопленного ими опыта работы и творческой деятельности в процессе обучения в педагогических вузах. В рамках внедрения инновационной технологии TBL в учебный процесс биохимии планируется этап формирования химических экспериментов. В экспериментальной группе занятия проводились с использованием технологии TBL, а в контрольной группе-традиционным способом. В рамках эксперимента лекционные занятия были совмещены с демонстрационными презентациями и семинарскими занятиями с использованием технологий ТВЛ. В процессе занятий использовались презентации в структуре технологии обучения, ориентированной на группы (TBL). При внедрении технологий ТБЛ были разработаны и использованы лекции по разделам «аминокислоты», «пептиды», «белки». Были разработаны презентации, основанные на требованиях к их созданию. Эти разделы очень сложны по своему содержанию, поэтому темы, включенные в их структуру, изучаются во время лекционных занятий с использованием презентаций, подготовленных преподавателем.

**Ключевые слова:** профессиональные компетенции, профессиональная подготовка учителей, коллективный стиль обучения, групповой стиль обучения, презентации, технология TBL, биохимия, лекции, практические занятия.

## IMPLEMENTATION OF INNOVATIVE TBL TECHNOLOGY DURING CHEMICAL TESTS AND THE RESULTS OF EXPERIMENTAL WORK IN THE PROCESS OF TEACHING BIOCHEMISTRY

In the article, the author described the implementation of innovative tbl technology during chemical experiments and the results of experimental work in the process of teaching biochemistry. The training of future biochemistry teachers as independent individuals and critical thinkers who can create their own educational systems is only possible if they have accumulated experience and creative activity during their studies at pedagogical universities. As part of the implementation of innovative TBL technology in the teaching process of biochemistry, the stage of formation of chemical experiments is planned. In the experimental group, classes were conducted using TBL technology, while in the control group, classes were conducted using traditional methods. As part of the experiment, lecture classes were combined with demonstration presentations and seminar classes using TBL technologies. During the classes, presentations were used in the structure of group-oriented learning technology (TBL). When implementing TBL technologies, lectures on the topics of "amino acids," "peptides," and "proteins" were developed and used. Presentations have been developed based on the requirements for their creation. These sections are very complex in their content, so the topics included in their structure are studied during lectures using presentations prepared by the teacher.

**Keywords:** professional competencies, professional training of teachers, collective learning style, group learning style, presentations, TBL technology, biochemistry, lectures, and practical classes.

***Дар бораи муаллиф***
*Хидиров Голибҷон Тошмуродович*
*Омӯзгори калони кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*730043 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе хиёбони Рудакӣ, 121*
*E-mail: khidirov1993@internet.ru*

***Об авторе***
*Хидиров Голибджон Тошмуродович*
*Старший преподователь кафедры общей биологии и методики преподавания биологии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: khidirov1993@internet.ru*

***About the author***
*Khidirov Golibjon Toshmurodovich*
*Senior teacher of the Department of General Biology and Methods of Teaching Biology*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: khidirov1993@internet.ru*

ТДУ 373.2:745/749(575.3)

# МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ НАҚШУ НИГОРИ МИЛЛИИ ТОҶИКӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МУСАВВИРИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

***Қурбонова Г. А., Ҷамшедзода Ф. Ҷ.***
*Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Шиносо намудани кӯдакони синни томактабӣ бо нақшу нигори миллӣ яке аз самтҳои муҳимми тарбияи эстетикӣ ва фарҳангӣ маҳсуб меёбад. Ин раванд на танҳо барои рушди қобилияти дарки зебоӣ ва ташаккули малакаҳои эҷодӣ мусоидат мекунад, балки ҳамчун воситаи муассири тарбияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба мероси фарҳангии ниёгон низ хизмат менамояд. Дар ин замина, фаъолияти мусаввирӣ аҳаммияти махсус касб намуда, барои ташаккули завқи бадеӣ, мустақилияти фикрронӣ ва инкишофи қобилияти эҷодии кӯдак шароити мусоид фароҳам меорад.

Таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки асарҳои санъати ороишии халқӣ бо гуногунрангӣ, шаклҳои ҷолиб ва хусусиятҳои бадеии худ диққати кӯдаконро ба осонӣ ҷалб мекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми шинос намудани онҳо бо намунаҳои санъати ороишии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, мураббиён бояд на танҳо хусусиятҳои эстетикии онҳоро шарҳ диҳанд, балки эҳтиром нисбат ба меҳнати ҳунармандон, ҳисси ифтихор аз фарҳанги миллӣ ва муносибати эҳтиёткорона ба арзишҳои фарҳангиро низ дар онҳо ташаккул диҳанд.

Дар сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи ҳифз ва омӯзиши мероси миллӣ ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд. Вобаста ба ин масъала Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааст: «Яке аз сарчашмаҳои худшиносии миллӣ, ки решаҳои шукуфони маънавию фарҳангии халқи моро шодоб мегардонад, ин мероси таърихӣ бо мафҳуми васеаш ва хотираи таърихӣ мебошад, ки дар дастовардҳои фарҳангии илмӣ, дар хираду заковати давлатдорӣ ва ҳашамату бузургии руҳи гузаштагонамон инъикос ёфтааст. Бетакя ба ин гузаштаи пурмазмун мо дар ҳеҷ соҳае ба пешравӣ ноил гардида наметавонем» [12]. Ин андеша аҳаммияти омӯзиши арзишҳои фарҳангии миллӣ, аз ҷумла нақшу нигори тоҷикиро дар низоми тарбия ва таҳсилоти томактабӣ боз ҳам асоснок менамояд.

Аз нуқтаи назари педагогӣ, омӯзиши нақшу нигори миллӣ ба рушди дарки эстетикӣ ва тафаккури образии кӯдак мусоидат мекунад. Ҳангоми мушоҳида ва тасвир намудани унсурҳои ороишӣ диққати кӯдакон ба сохтор, таркиб, рангу шакл ва мутаносибии ҷузъҳои нақш равона гардида, қобилияти таҳлил ва муқоисаи онҳо тадриҷан инкишоф меёбад. Дар натиҷа кӯдак на танҳо тарзи офаридани нақшро меомӯзад, балки робитаи байни шакл, мазмун ва вазифаи ороиширо низ дарк менамояд.

Яке аз вазифаҳои муҳимми мураббӣ дар ин раванд ташаккул додани қобилияти дарки ягонагии ҳамаи унсурҳои нақшу нигор мебошад. Кӯдак бояд фаҳмад, ки ҳар як хат, шакл ва ранг дар таркиби нақш вазифаи муайяни бадеӣ дошта, маҳз ҳамоҳангии онҳо симои ягонаи асари ороиширо ба вуҷуд меорад. Чунин муносибат барои рушди тафаккури мантиқӣ ва зебоишиносии кӯдак аҳаммияти калон дорад.

Дар ҷараёни омӯзиши расмкашии ороишӣ азхуд намудани мафҳумҳои ритм ва симметрия аҳаммияти махсус дорад, зеро маҳз ин унсурҳо асоси сохтори аксари нақшу нигори миллӣ мебошанд. Ҳамзамон, рушди ҳисси рангшиносӣ низ яке аз ҳадафҳои асосии машғулиятҳои ороишӣ ба ҳисоб меравад. Дар санъати ороишӣ ранг на ҳамчун унсури ҷудогона, балки дар ҳамбастагӣ бо таркиби нақш истифода шуда, таъсири эстетикии асарро пурра месозад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ омӯзиши унсурҳои нақшу нигори миллӣ мутобиқи талаботи “Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз таваллуд то 7 (6)-солагӣ)” ба роҳ монда шудааст. Дар доираи машғулиятҳои фаъолияти мусаввирӣ кӯдакон тадриҷан бо нақшҳои «ислимӣ» ва «гиреҳ» шинос гардида, мувофиқи хусусиятҳои синнусолии худ ичро намудани унсурҳои онҳоро аз худ мекунанд [13].

Дар байни ҳамаи намунаҳои санъати ороишии тоҷик нақши «Ислимӣ» яке аз мукаммалтарин ва зеботарин маҳсуб мешавад. Ин нақш аз хатҳои печдарпеч, навдаҳо, баргҳо ва ғунчаҳои ба ҳам пайваста иборат буда, иҷрои он диққатнокӣ, сабру таҳаммул, ҳамоҳангии ҳаракатҳои даст ва рушди маҳорати майдаи моторикиро тақвият мебахшад [5]. Бо вуҷуди ин, сохтори мураккаби он талаб менамояд, ки дар муассисаҳои томактабӣ омӯзиши нақши мазкур мутобиқ ба имкониятҳои синнусолии кӯдакон ба роҳ монда шавад. Аз ин рӯ, дар амалияи педагогӣ истифодаи нақши «Ислимӣ» дар асоси чанд принсипи методӣ амалӣ

мегардад: содагардонии унсурҳои нақш, омӯзиши пайдарпайи ҷузъҳои таркибӣ, истифодаи рангу тобишҳои хоси нақшу нигори маҳаллӣ ва фароҳам овардани имконият барои интихоби мустақилонаи ранг аз ҷониби кӯдак. Ин равиш на танҳо азхудкунии маводро осон менамояд, балки фаъолияти эҷодӣ ва ташаббускории кӯдаконро низ тақвият медиҳад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ, омӯзиши нақши «Ислимӣ» аз унсурҳои сода оғоз гардида, баъдан тадриҷан ба шаклҳои мураккаб мегузарад. Дар ин раванд аввал хатти «морпеч», сипас «навда», «ғунча», «гулбаст», «моҳу ситора», «думи товус» ва дигар унсурҳои таркибӣ омӯзонида шуда, баъди азхудкунии онҳо кӯдакон ба тартиб додани композитсияҳои мустақил дар шаклҳои гуногуни геометрӣ ҷалб карда мешаванд. Чунин пайдарҳамӣ ба принсипи маъруфи дидактикии «аз сода ба мураккаб» ҷавобгӯ мебошад.

Дар гурӯҳҳои миёнаи муассисаҳои томактабӣ, махсусан барои кӯдакони синни 4–5-сола, омӯзиш аз машқҳои омодагӣ оғоз меёбад. Дар ин марҳила тавассути усулҳои бозӣ кӯдакон кашидани хатҳои амудӣ, уфуқӣ, каҷ, мавҷдор ва шаклҳои асосии геометриро аз худ менамоянд. Масалан, пешниҳоди супоришҳои бозӣ, аз қабили «пайраҳаи морро мекашем», «мавҷи дарёро тасвир мекунем» ё «доирача ва чаҳоркунҷа месозем», барои рушди ҳамоҳангии ҳаракати даст, рушди тафаккури образӣ ва омодасозии онҳо ба омӯзиши минбаъдаи нақшҳои «Ислимӣ» ва «Гиреҳ» заминаи мусоид фароҳам меорад.

Марҳилаи дуюми омӯзиш барои кӯдакони синни 5–6 сола пешбинӣ гардида, дар он омӯзиши унсурҳои нисбатан мураккаби нақшу нигори миллӣ, аз ҷумла «Шохаи гулдор», «Себарга», «Маҷнунбед», «Лола», «Аноргул», «Райҳон» ва дигар шаклҳои монанд амалӣ карда мешавад. Дар ин марҳила кӯдакон тадриҷан ба хатти асосии «морпеч» унсурҳои иловагӣ ҳамроҳ намуда, тарзи ташаккули композитсияи ороиширо меомӯзанд. Маҳз дар ҳамин раванд онҳо мафҳумҳои ритм, таносуб ва такроршавии унсурҳоро аз худ намуда, дарк мекунанд, ки ҳар як ҷузъи нақш бояд дар асоси низоми муайян ва ҳамоҳанг ҷойгир карда шавад. Барои таҳкими ин малакаҳо ба кӯдакон супоришҳои амалӣ пешниҳод мегарданд, масалан, ҷойгир намудани баргҳо ё ғунчаҳо дар болои хатҳои каҷ, ки ба рушди тафаккури бадеӣ ва ҳамоҳангии ҳаракатҳои даст мусоидат менамояд.

Марҳилаи сеюми омӯзиш барои кӯдакони синни 6–7 сола пешбинӣ гардида, ҳадафи асосии он ташаккули қобилияти эҷоди композитсияҳои мустақили ороишӣ мебошад. Дар ин давра кӯдакон бо тасвири намунаҳои нисбатан мураккаб, аз қабили «Қолинчаи ранга», «Сӯзанӣ», «Куртаи чакан», «Табақу коса» ва «Чойникҳои нақшин» шинос шуда, кӯшиш менамоянд унсурҳои нақши «Ислимӣ» ва «Гиреҳ»-ро дар дохили шаклҳои гуногуни геометрӣ, аз ҷумла доира, чаҳоркунҷа ва дигар композитсияҳо мустақилона ҷойгир намоянд. Чунин фаъолият барои ташаккули тафаккури фазоӣ, ҳисси таркибсозӣ ва рушди қобилияти эҷодии кӯдак аҳаммияти калон дорад.

Таҷрибаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ нишон медиҳад, ки самаранокии омӯзиши нақшу нигори тоҷикӣ бештар ба интихоби дурусти усулҳои таълим вобаста мебошад. Аз ин рӯ, дар амалияи педагогӣ маҷмуи усулҳои фаъоли таълимӣ мавриди истифода қарор гирифта, онҳо мутобиқ ба имкониятҳои синнусолии кӯдакон татбиқ карда мешаванд [10].

Яке аз усулҳои самаранок усули «Нусхабардорӣ» (трафарет) мебошад. Дар ин усул ба кӯдакон қолабҳои омодашудаи нақши «Ислимӣ» пешниҳод гардида, онҳо танҳо аз болои хатҳо бо қалам ё мӯқалам ҳаракат мекунанд. Истифодаи чунин тарзи кор барои инкишофи маҳорати майдаи моторика, мустаҳкам гардидани мушакҳои даст ва омодасозии кӯдак ба расмкашии мустақил мусоидат мекунад.

Усули амалӣ низ дар омӯзиши нақшу нигори миллӣ мавқеи муҳим дорад. Ҳангоми истифодаи пластилин кӯдакон унсурҳои асосии нақши «Ислимӣ»-ро ба шакли ҳаҷмӣ иҷро намуда, онҳоро дар рӯи тахтача ба таври пайдарпай ҷойгир мекунанд. Ин усул имкон медиҳад, ки кӯдак на танҳо шакли нақшро бинад, балки сохтори онро ба таври воқеӣ дарк намояд ва тасаввуроти фазоии худро инкишоф диҳад.

Дар қатори усулҳои муассир, истифодаи бозиҳои таълимӣ низ натиҷаи назаррас медиҳад. Масалан, дар машғулиятҳо бозиҳои «Шаклро муайян намо», «Нақши дурустро ёб» ва «Нақшро пурра намо» ба таври васеъ истифода мешаванд. Дар чунин фаъолият мураббӣ қисми аввали нақшро иҷро намуда, кӯдак онро идома медиҳад. Ин шакли ҳамкорӣ шавқи кӯдаконро ба фаъолияти эҷодӣ зиёд намуда, малакаи таҳлил, муқоиса ва идомадиҳии мантиқии нақшро ташаккул медиҳад [2].

Ҷузъи муҳимми омӯзишро ташкили суҳбатҳои маърифатӣ оид ба нақшу нигори миллӣ ташкил медиҳад. Дар чунин суҳбатҳо мураббӣ на танҳо хусусиятҳои зоҳирии нақшҳоро мефаҳмонад, балки мазмун ва рамзҳои онҳоро низ барои кӯдакон ба таври фаҳмо шарҳ медиҳад. Масалан, ба кӯдакон фаҳмонида мешавад, ки нақши «Ислимӣ» аз олами наботот сарчашма гирифта, рамзи ҳаёт, рушд ва сарсабзӣ мебошад. Инчунин таъкид карда мешавад, ки ҳангоми тасвир намудани чунин нақш инсон муҳаббати худро нисбат ба табиат ва зебоии

сарзамини Тоҷикистон ифода мекунад. Дар баробари ин, нақши «Гиреҳ» ҳамчун нақши геометрии аз хатҳои пайваста ва такроршаванда иборат буда, дар меъморӣ, гулдӯзӣ, қолинбофӣ ва кандакорӣ васеъ истифода мешавад ва рамзи ягонагӣ, пайвастагӣ ва зебоӣ ба шумор меравад [15]. Барои таҳкими донишҳои кӯдакон дар раванди чунин суҳбатҳо бозиҳои дидактикӣ, аз ҷумла «Дар бораи нақшу нигор нақл намо» ва «Ду мусаввара» истифода бурда мешаванд.

Ҳадафи асосии омӯзиши нақши «Гиреҳ» дар гурӯҳҳои калони муассисаҳои томактабӣ аз шиносо намудани кӯдакон бо унсурҳои санъати миллӣ, рушди тафаккури мантиқӣ ва тасаввуроти фазоӣ, такмили ҳаракатҳои панҷа ва ангуштон, тарбияи завқи эстетикӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва ифтихор аз фарҳанги миллӣ, инчунин рушди мустақилият ва қобилияти эҷодӣ иборат мебошад.

Барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ барои омӯзиши нақши «Гиреҳ» истифодаи чанд усули асосии педагогиро тавсия медиҳад. Пеш аз ҳама, усули мушоҳида ва суҳбат ба роҳ монда мешавад, ки дар ҷараёни он кӯдакон намунаҳои нақшро мушоҳида намуда, хусусиятҳои сохтории онҳоро таҳлил мекунанд. Бо ёрии саволҳои роҳнамо, аз ҷумла «Хатҳо чӣ гуна пайваст шудаанд?» ё «Дар ин нақш кадом шаклҳои геометриро мебинед?», онҳо робитаи байни унсурҳои нақшро дарк менамоянд [2]. Дар натиҷа кӯдак шаклҳои геометриро хубтар мешиносад ва хусусияти такроршавии унсурҳоро фаҳмида метавонад.

Дар баробари ин, усули иҷрои пайдарпайи амалҳо аҳаммияти калон дорад. Дар доираи ин усул кӯдакон аввал шаклҳои геометрӣ, аз қабили чоркунҷа, секунҷа ва ромбро тасвир намуда, баъдан онҳоро бо хатҳои муайян ба ҳам пайваст мекунанд, унсурҳоро такрор намуда, нақшро мувофиқи намуна рангубор менамоянд. Истифодаи чунин равиш имконият медиҳад, ки кӯдак тадриҷан нақши содаи «Гиреҳ»-ро мустақилона иҷро намояд.

Усули бозӣ низ яке аз воситаҳои муассири омӯзиши нақши «Гиреҳ» ба ҳисоб меравад. Дар машғулиятҳо истифодаи бозиҳои дидактикӣ, аз ҷумла «Нақшро идома деҳ» ва «Фарқиятро ёб», фаъолияти маърифатии кӯдаконро фаъол намуда, шавқи онҳоро ба омӯзиши нақшу нигори миллӣ афзоиш медиҳад. Бо назардошти он ки мутобиқи Барномаи таълимии таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозӣ фаъолияти пешбарандаи кӯдак маҳсуб мешавад, истифодаи мунтазами чунин усулҳо аз ҷониби мураббиён аҳаммияти махсус дорад [2]. Истифодаи пазлҳои геометрӣ ва сохтани нақши «Гиреҳ» бо ёрии чӯбчаҳо ё риштаҳои ранга низ дар рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон нақши муҳим мебозад. Ин воситаҳо диққат, хотира, тафаккури мантиқӣ, нутқи гуфтугӯӣ ва малакаҳои ҳамкориро инкишоф дода, ҳамзамон шавқи кӯдаконро нисбат ба нақшу нигори миллӣ зиёд менамоянд.

Омӯзиши нақши «Гиреҳ» асосан дар машғулиятҳои расмкашии ороишӣ ва гулмонӣ амалӣ гардида, мазмун ва сатҳи мураккабии он бо дарназардошти синну сол, қобилият ва шавқу завқи кӯдакон муайян карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки ҳар як кӯдак мувофиқи имкониятҳои инфиродии худ дар фаъолияти эҷодӣ фаъолона иштирок намояд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми омӯзиши нақшу нигори тоҷикӣ шинос намудани кӯдакон бо рамзшиносии рангҳо мебошад. Дар фарҳанги тоҷикӣ интихоби ранг хусусияти тасодуфӣ надошта, ҳар як ранг дорои мазмун ва маънои рамзии муайян мебошад [15]. Аз ин рӯ, дар машғулиятҳои фаъолияти мусаввирӣ ва суҳбатҳои тарбиявӣ мураббӣ бояд ба кӯдакон маънои рамзии рангҳоро фаҳмонад, то онҳо ҳангоми офаридани нақш на танҳо маҳорати расмкашӣ, балки қобилияти ифодаи эҳсосоти худро низ инкишоф диҳанд.

Дар нақшу нигори тоҷикӣ ранги сурх рамзи шодӣ, гармӣ ва хушбахтӣ буда, бештар дар тасвири гулҳо ва унсурҳои марказии нақш истифода мешавад. Ранги зард нур, баракат ва фаровониро ифода намуда, асосан дар маркази гулҳо ва унсурҳои равшанкунандаи нақш истифода мегардад. Ранги сабз рамзи табиат, ҳаёти нав ва баҳор буда, дар аксари унсурҳои нақши «Ислимӣ», аз ҷумла «Маҷнунбед», «Райҳон», «Себарга» ва «Гулбаст» мавқеи асосиро ишғол мекунад. Ранги кабуд ё фирӯзагӣ бошад, рамзи оромӣ, покизагӣ ва осоиштагӣ маҳсуб гардида, бештар дар нақшҳои қошинкорӣ, ҳошияҳои сӯзанӣ ва дигар унсурҳои ороишӣ истифода мешавад [15].

Бо мақсади таҳкими донишҳои кӯдакон оид ба хусусиятҳои рангҳо истифодаи машқи амалии «Рангҳои сеҳрнок» тавсия дода мешавад. Дар ҷараёни иҷрои ин машқ кӯдакон вобаста ба эҳсосот ва тасаввуроти худ рангҳоро интихоб намуда, хусусиятҳои гарму хунук, оромӣ ё фаъолиятнокии онҳоро дар амал дарк мекунанд. Ин равиш на танҳо ҷаҳонбинии эстетикии кӯдаконро васеъ мегардонад, балки барои рушди мустақилияти эҷодӣ ва ташаккули завқи бадеии онҳо низ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳангоми истифодаи машқи амалии «Рангҳои сеҳрнок» ба мураббиён тавсия дода мешавад, ки озодии эҷодии кӯдакро маҳдуд насозанд. Дар раванди рангомезӣ кӯдак набояд маҷбур карда шавад, ки танҳо мувофиқи намуна ё қоидаи муайян амал намояд. Агар кӯдак, масалан, нақши «Анор»-ро бо ранги бунафш тасвир кардан хоҳад, чунин интихоб бояд ҳамчун зуҳури аввалини мустақилияти эҷодӣ ва ҷустуҷӯи услуби инфиродии ӯ қабул карда

шавад. Танҳо баъд аз иҷрои амал мураббӣ метавонад бо роҳи муқоиса ва шарҳи нарм ба кӯдак фаҳмонад, ки дар намунаҳои анъанавии сӯзанӣ ин нақш одатан бо ранги сурх ифода меёбад, зеро сурх рамзи гармӣ, шодӣ ва неруи ҳаёт аст.

Дар гурӯҳи миёна, яъне барои кӯдакони синни 4–5-сола, вазифаҳои тарбияи зебоипарастӣ ва санъати тасвирӣ дар асоси нақшу нигори миллӣ бештар хусусияти шиносоӣ ва омодагӣ доранд [13]. Дар ин марҳила кӯдакон бо нақшу нигори миллӣ шинос шуда, ҷудо намудани ҷузъҳои асосии тасвирҳои тоҷикӣ, аз қабили пахта, бодом, лола ва рангҳои хоси онҳоро меомӯзанд. Ҳамзамон, ба онҳо тарзи кашидани унсурҳои содаи нақшҳои «Ислимӣ» ва «Гиреҳ», ҷойгир намудани нақш дар давра, чаҳоркунҷа ва тарҳи ашёҳои маишӣ, аз ҷумла коса, пиёла, кӯза ва чойник омӯзонида мешавад. Истифодаи тамғаҳо ва дигар воситаҳои ёрирасон дар ин синнусол барои ташаккули малакаҳои аввалияи композитсиясозӣ мусоидат менамояд.

Вазифаҳои мазкур дар раванди фаъолияти мусаввирӣ бо истифодаи методу усулҳои гуногуни таълимӣ амалӣ гардида, ба рушди мушоҳидакорӣ, ҳаракатҳои майдаи даст, ҳисси рангшиносӣ ва таваҷҷуҳи кӯдак ба унсурҳои фарҳанги миллӣ равона карда мешаванд. Аз ин рӯ, дар ин зина муҳим аст, ки омӯзиш хусусияти маҷбурӣ надошта, тавассути бозӣ, мушоҳида, тақлид ва иҷрои амалҳои сода ба роҳ монда шавад.

Дар гурӯҳи калон, яъне барои кӯдакони синни 5–6 сола, вазифаҳои таълимӣ нисбатан васеъ ва мураккабтар мегарданд [13]. Дар ин синнусол шиносоии кӯдакон бо маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ идома ёфта, донишҳои онҳо оид ба бозичаҳои тоҷикӣ, нақшу нигори онҳо, сохт ва таркиби рангҳо мустаҳкам карда мешаванд. Кӯдакон тадриҷан ба тасвир намудани нақшҳои ороишӣ аз рӯи мазмуни санъати халқӣ ҷалб гардида, хусусиятҳои пайдоиши гулҳои ороишӣ, истифодаи шаклҳои набототӣ ва таркиби ҷузъҳои композитсиониро меомӯзанд.

Дар ин марҳила ба кӯдакон инчунин ҷузъҳои хоси нақшу нигори тоҷикӣ, аз ҷумла ғунча, гул, барг, алаф, мӯйлабча ва зулфҳо нишон дода мешаванд. Онҳо тарзи ҷойгир намудани нақшро дар варақи қоғаз ё дар шаклҳое, ки ба маҳсулоти халқӣ монанданд, аз қабили тақсимча, рафида, коса, пиёла, кӯза ва сӯзанӣ, меомӯзанд. Чунин равиш ба кӯдакон имконият медиҳад, ки робитаи байни шакли ашё ва мазмуни ороиширо беҳтар дарк намоянд.

Вазифаҳои пешниҳодгардида бо дарназардошти синну сол, сатҳи инкишофи равандҳои фикрӣ, малакаҳои амалии кӯдакон ва хусусиятҳои фаъолияти эҷодии онҳо муайян карда мешаванд. Аз ин рӯ, истифодаи усулҳои фаъоли таълимӣ, аз ҷумла бозӣ, мушоҳида, муқоиса, нусхабардорӣ, кори амалӣ ва суҳбат, барои баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо аҳаммияти муҳим дорад.

Дар синни калони томактабӣ, яъне барои кӯдакони 6–7-сола, донишу тасаввуроти аз муҳити атроф гирифташуда тадриҷан ба заминаи муҳим барои омодагӣ ба таҳсил дар мактаб табдил меёбанд [13]. Дар ин давра азхуд намудани мафҳумҳо, мустаҳкам ва васеъ гардонидани донишҳо, инчунин ташаккули малакаҳои ибтидоии таҳлил ва эҷодкорӣ ба интихоби дурусти методу усулҳои таълиму тарбия вобаста мебошад. Пайдарҳамӣ дар истифодаи усулҳои педагогӣ имкон медиҳад, ки кӯдакон дониш, маҳорат ва малакаҳоро бошуурона аз худ намуда, қобилияти фикрӣ ва эҷодии худро барои марҳилаи минбаъдаи таҳсил инкишоф диҳанд. Дар ин синнусол идома додани шиносоии кӯдакон бо маҳсулоти касбу ҳунарҳои халқӣ, мустаҳкам намудани донишҳо оид ба бозичаҳои тоҷикӣ ва нақшу нигори онҳо, такмили малакаҳои расмкашии ороишӣ ва мушоҳидаи намунаҳои санъати ороишии миллӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ба кӯдакон намунаҳои гулдӯзӣ дар матоъ, маҳсулоти кулолӣ, заргарӣ ва дигар ҳунарҳои мардумии хоси маҳалли зист нишон дода шуда, донишу тасаввуроти онҳо оид ба санъати тасвирӣ васеъ гардонида мешавад. Ҳамзамон, шинос намудани онҳо бо қурокдӯзӣ ва тарбияи қобилияти дидан, эҷод намудан ва эҳсос кардани зебоӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти педагогӣ ба шумор меравад.

Амалисозии ҳар як вазифаи таълимӣ ба сатҳи омодагии касбӣ, малакаи методӣ ва маҳорати эҷодии мураббӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки мураббӣ оид ба нақшу нигори миллии тоҷикӣ маълумоти кофӣ дошта, тарзи тасвир, буридан, ҷойгир намудан ва тартиб додани унсурҳои онро хуб донад. Донистани ин масъалаҳо ба ӯ имкон медиҳад, ки дар раванди омӯзиш душворӣ накашида, фаъолиятро бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва қобилияти инфиродии кӯдакон дуруст ба роҳ монад. Унсурҳои нақшҳои «Ислимӣ» ва «Гиреҳ» метавонанд дар расмкашии ороишӣ самаранок истифода шаванд, зеро онҳо ба таври пайдарпай такрор гардида, барои тасвир аз ҷониби кӯдакон нисбатан қулай мебошанд.

Ҳангоми интихоби асарҳои санъат барои кӯдакон мураббиён ва волидон бояд як қатор талаботи муҳимро ба назар гиранд. Пеш аз ҳама, мазмуни асарҳои бадеӣ бояд ба вазифаҳои таълиму тарбия ва талаботи замони муосир мувофиқат намояд. Намунаҳои санъат бояд воқеаҳо ва ҳодисаҳои ҳаётро ҳаққонӣ инъикос карда, ба кӯдакон барои васеътар дарк

намудани муҳити атроф мусоидат намоянд. Ҳамзамон, асарҳои интихобшуда бояд дорои мазмуни баланди маънавӣ буда, кӯдакро ба дарки мустақими образи бадеӣ равона созанд.

Дар робита ба ин, андешаи В.Г. Белинский оид ба нақши адабиёти бадеӣ дар тарбияи маънавӣ ва эстетикии кӯдакон аҳаммияти назариявӣ дорад. Ӯ таъкид менамояд, ки ба кӯдакон набояд мустақиман гуфта шавад, ки кадом навъи санъат хуб ва кадомаш манфӣ аст; баръакс, бояд намунаҳои беҳтарин чунон пешниҳод гарданд, ки худи кӯдакон зебоии онҳоро эҳсос ва дарк намоянд. Ҳамчунин, ҳангоми нишон додани образҳои манфӣ низ зарур аст, ки кӯдак дар асоси фаҳмиш ва эҳсоси худ ба хулосаи ахлоқӣ бирасад [8]. Ин андеша зарурати истифодаи усулҳои ғайримустақим, эҳсосӣ ва таъсирбахши тарбияи эстетикиро дар муассисаҳои томактабӣ асоснок менамояд.

Илова бар ин, санъате, ки барои кӯдакон интихоб мегардад, бояд диққатҷалбкунанда, фараҳбахш ва аз ҷиҳати мавзуъ ва шакли бадеӣ гуногун бошад. Якрангӣ дар мазмун ва шакл ба рушди завқи эстетикӣ мусоидат намекунад, бинобар ин мураббӣ бояд кӯдаконро бо намунаҳои мухталифи санъати миллӣ, аз ҷумла наққошӣ, гулдӯзӣ, кулолӣ, заргарӣ, қурокдӯзӣ ва дигар навъҳои ҳунарҳои мардумӣ шинос намояд.

Дар раванди омӯзиш мураббиён бояд талаботи зикршударо ба инобат гирифта, фаъолияти таълимиро дар муҳити созгор, фаъол ва эҷодкорона ташкил намоянд. Ҳар як талабот танҳо дар сурате самаранок амалӣ мегардад, ки бо усулҳои фаъоли таълимӣ, шароити мусоиди омӯзишӣ ва муносибати инфиродӣ ба кӯдак пайваст карда шавад.

Ҳамзамон, мураббӣ бояд пайваста назорат намояд, ки ҳангоми омӯзиши нақшу нигор ва ороишоти миллӣ хусусиятҳои хоси фарҳанги тоҷикӣ аз байн наравад. Пеш аз он ки ба кӯдакон имконияти кори мустақилонаи эҷодӣ дода шавад, бояд дар онҳо захираи муайяни дониш, маҳорат ва малакаҳои марбут ба амали ороишӣ ва нақшу нигори тоҷикӣ ташаккул дода шавад. Танҳо дар чунин ҳолат фаъолияти мустақилонаи кӯдак на танҳо озод ва эҷодӣ, балки бо мазмун ва анъанаҳои санъати миллӣ алоқаманд мегардад.

***Адабиёт***


1. *Аркин Е. А. Дошкольный возраст. – М., 1948. – 336 с.*
2. *Барномаи таълимии томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – 66 с.*
3. *Богатеева З. А. Мотивы народных орнаментов в детских аппликациях: кн. для воспитателей детского сада. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Просвещение, 2004. - 207 с.*
4. *Дадабоева М., Қурбонова Г. Худ бисоз, бо мо бисоз. – Душанбе, 2009.*
5. *Дадобоева М. Н., Юсупова Д. М., Шамсиева А. Н. Кашидадӯзӣ. – Хуҷанд, 2018. – 70 с.*
6. *Кириенко С. Д. Шиносоии кӯдакони синни томактабӣ бо анъанаҳои миллӣ тавассути фарҳанги этнографӣ. – Москва, 1999. – 345 с.*
7. *Козлова С. А., Куликова Т. А. Дошкольная педагогика: учеб. пособие для студентов сред. пед. учеб. заведений. – М.: Академия, 2008.*
8. *Комарова Т. С. Изобразительная деятельность в детском саду. – М., 2006. – 320 с.*
9. *Маҷидова Б. Фаъолиятҳои кӯдакон: китоб барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ, кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва хонаҳои кӯдакон. – Душанбе, 2015. - 234 с.*
10. *Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ. Қисми 1. – Душанбе, 2011. – 235 с.*
11. *Нарзуллоева М. Машғулиятҳо оид ба тарбияи маданияти сенсории кӯдакони 3–4 сола. – Душанбе, 2004.*
12. *Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 10.*
13. *Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак: аз таваллуд то 7 (6) солагӣ. – Душанбе, 2023.*
14. *Сластёнин В. А. Педагогика. – М.: Академия, 2013.*
15. *Хижняк Ю. Н., Фролова Л. А. Амали ороиш дар асоси нақшу нигори тоҷик. – Душанбе, 1986.*


## МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ НАҚШУ НИГОРИ МИЛЛИИ ТОҶИКӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МУСАВВИРИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ


Дар мақола масъалаҳои назариявӣ ва амалии омӯзиши нақшу нигори миллии тоҷикӣ дар фаъолияти мусаввирии кӯдакони синни томактабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аҳаммияти нақшу нигори миллӣ ҳамчун воситаи рушди завқи эстетикӣ, тафаккури эҷодӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва эҳтиром ба мероси фарҳангии халқ нишон дода шудааст. Марҳилаҳои омӯзиши нақшҳои «Ислимӣ» ва «Гирех» мутобиқ ба хусусиятҳои синнусолии кӯдакон тавсиф гардида, усулҳои самараноки таълим, аз ҷумла усулҳои бозӣ, амалӣ, мушоҳида, суҳбат ва нусхабардорӣ таҳлил шудаанд. Ҳамчунин, вазифаҳои таълимӣ барои гурӯҳҳои миёна, калон ва омодагӣ ба мактаб, хусусиятҳои истифодаи рангҳо дар нақшу нигори тоҷикӣ ва тавсияҳои методӣ барои мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ пешниҳод гардидаанд.



**Калидвожаҳо:** нақшу нигори миллӣ, нақши ислимӣ, нақши гирех, фаъолияти мусаввирӣ, кӯдакони синни томактабӣ, тарбияи эстетикӣ, усулҳои таълим, фаъолияти эҷодӣ, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ.

## МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ ТАДЖИКСКОМУ НАЦИОНАЛЬНОМУ ОРНАМЕНТУ В ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты обучения таджикскому национальному орнаменту в изобразительной деятельности детей дошкольного возраста. Раскрывается значение национального орнамента как средства формирования эстетического вкуса, творческого мышления, патриотических чувств и уважительного отношения к культурному наследию народа. Охарактеризованы этапы обучения орнаментам «Ислими» и «Гирех» с учетом возрастных особенностей дошкольников, проанализированы эффективные методы обучения, включая игровые, практические, наблюдение, беседу и работу по образцу. Представлены программные задачи для различных возрастных групп, особенности использования цветовой символики таджикского орнамента, а также методические рекомендации для педагогов дошкольных образовательных учреждений.

**Ключевые слова:** национальный орнамент, орнамент «Ислими», орнамент «Гирех», изобразительная деятельность, дети дошкольного возраста, эстетическое воспитание, методы обучения, творческое развитие, дошкольное образование.

## METHODOLOGY FOR TEACHING TAJIK NATIONAL ORNAMENTATION IN THE VISUAL ARTS ACTIVITIES OF PRESCHOOL CHILDREN

The article examines the theoretical and practical foundations of teaching Tajik national ornamentation in the visual arts activities of preschool children. It highlights the educational value of national ornamentation as an effective means of developing aesthetic perception, creative thinking, patriotic values, and respect for the cultural heritage of the Tajik people. The paper describes age-appropriate stages of teaching the traditional *Islimi* and *Gireh* ornamental patterns and analyzes effective instructional methods, including play-based, practical, observational, discussion-based, and tracing activities. The study also presents educational objectives for different preschool age groups, discusses the symbolism of colors in Tajik ornamental art, and offers methodological recommendations for preschool educators.

**Keywords:** Tajik national ornamentation, Islimi ornament, Gireh ornament, visual arts activities, preschool children, aesthetic education, teaching methods, creative development, preschool education

***Дар бораи муаллифон***

*Курбонова Гулрухон Абдуалимовна*
*Омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ*
*Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф*
*E-mail: kurbonova-73@mail.ru*

*Чамшедзода Фарогат Чамшед*
*Унвончӯи кафедраи педагогика*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121*

***Об авторах***

*Курбонова Гулрухон Абдуалимовна*
*Старший преподаватель кафедры методики преподавания учебных дисциплин в дошкольных, начальных и средних общеобразовательных учреждениях*
*Республиканский институт повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования*
*E-mail: kurbonova-73@mail.ru*

*Джамшедзода Фарогат Джамшед*
*Соискатель кафедры педагогики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121*

***About the authors***

*Kurbonova Gulrukhon Abdulalimovna*
*Senior Lecturer, Department of Teaching Methodology for Academic Subjects in Preschool, Primary, and Secondary General Education Institutions*
*Republican Institute for Advanced Training and Retraining of Education Personnel*
*E-mail: kurbonova-73@mail.ru*

*Jamshodzoda Farogat Jamshed*
*Research Applicant (PhD Candidate), Department of Pedagogy*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121*

ТДУ 37.026:821

# ТАСНИФОТИ МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМИ АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР ШАРОИТИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

***Исломов Ш., Ҷамшедзода Ф. Ҷ.***
*Гимназияи "Донишвар"*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар дидактика таснифоти методҳои таълим яке аз масъалаҳои меҳварӣ ба ҳисоб рафта, олимону муҳаққиқони соҳа методҳои таълимро аз рӯи мақсаду вазифаҳои таълимӣ дар чандин шакл гурӯҳбандӣ намудаанд. Аз ин дидгоҳ методҳои таълим дар асоси назария ва амалияи таълим, ҷамъбасти таҷрибаҳои илмию амалии равандҳои таълимӣ, ки ба мазмуну мундариҷаи таҳсилот тағйироти сифатӣ ворид месозанд, тасниф мекунанд. Чунин таснифот рӯидаи фарзияҳои илмӣ, озмоишҳои таълимӣ ва ниҳоят таҷрибаи зинда ва амалҳои ба анҷомрасидаи омӯзгору хонанда дар ҷараёни таълим аст. Бинобар ин дар тӯли асрҳо системаҳои гуногуни педагогӣ методҳои хеле зиёди таълимиро пайдо карданд, ки то ба имрӯз барои амалӣ намудани мақсадҳои таълимӣ дар истифодаанд. Дар методикаи таълими адабиёти тоҷик методҳои таълими адабиёт гурӯҳбандӣ ва ё таснифот нашудаанд ва дар ин масъала таҳқиқоти бунёдие алҳол ба вуҷуд наомадааст. Азбаски методҳои таълими фанҳо аз методҳои умумидидактикӣ сарчашма мегиранд ва асоси методологии онҳоро ташкил медиҳанд, лозим донистем, ки доир ба асосҳои методологӣ, рушди методҳои таълим дар дидактика, таъсирпазирӣ ва алоқамандии онҳоро пайгирӣ намуда, консепсияи имрӯзаи таснифоти методҳои таълими адабиёти тоҷикро вобаста ба асосҳои методологии он муаррифӣ намоем. Чунки методология ҳамчун системаи донишҳо ва фаъолиятҳо дар соҳаи педагогика ва методикаи таълим нақши муҳим дорад. Он барои муҳаққиқон ва илм самтҳои нави таҳқиқоти илмӣ, яъне объектҳо, предмет, проблемаҳо, вазифаҳо, моҳияти илмӣ, методҳо ва ҳамзамон восита ва роҳу тарзҳои ҳалли онҳоро муайян мекунад. Бинобар ин "Методология ба маънои васеъяш моҳияти принсипҳои умумии ҳалли вазифаҳои назариявӣ ва амалӣ буда, он мавқеи ҷаҳонбинии муҳаққиқ аст" [17, с.133]. Пас таснифоти методҳои таълим ҳодисаи тасодуфӣ ва амали механикӣ набуда, ба инкишофу пешрафти илм, ғояҳои нав, инноватсияҳои педагогӣ, муносибатҳои нав, тафаккури нав, натиҷаи таҳқиқу мушоҳидаҳои педагогӣ ва билохира ба натиҷаҳои пурмаҳсули амалӣ вобаста аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таснифоти методҳои таълим дар баъзе китобҳои дарсии педагогика барои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (3; 14; 15; 20; 21) кӯтоҳу мухтасар баён ёфтаанд. Дар дидактикаи хусусии муосир таснифотҳо бештар ба методикаи таълими ибтидоӣ [10, с. 19-21] марбут аст. Таснифотҳои анҷомёфта асосан дар таъсири дидактикаи шуравӣ таҳия шудаанд, ки сабабҳои воқеии худро дорад. Яъне ба дидактикаи шуравӣ асосан олимони пурнуфузи Россия машғул буданд ва таҳқиқотҳои фундаменталии онҳо барои тамоми ҷумҳуриҳои дигар асоси методологӣ ҳисоб шуда, дар таҷрибаи илму маориф баробар истифода мешуданд. Ҳамин аст, ки дар китоби дарсии "Дидактика" (15) консепсияи дидактикии таснифоти методҳои таълим ба таври фишурда ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст. Муаллифи китоб Н.Сангинов се гурӯҳи таснифоти Ю.К. Бабанскийро мухтасар шарҳ дода, хулоса кардааст, ки "Азбаски дидактика ҳамчун илм мунтазам инкишоф меёбад, аз ин рӯ, дар солҳои минбаъда боз методҳои нав, таснифотҳои навтарини методҳои нав ба миён хоҳад омад."[15,с.42]. Пешгӯиҳои муҳаққиқ дуруст баромаданд ва солҳои 20-уми қарни XX1 дар Федератсияи Россия таснифоти нави методҳои таълим аз ҷониби педагоги машҳури рус А.В. Хуторский (18) пешниҳод шудааст, ки поёнтар доир ба он маълумот хоҳем дод.

Дар китоби "Педагогикаи умумӣ ва касбӣ" (20) методҳои таълими умумидидактикӣ мухтасар ҳам бошад, тасниф шудааст. Муаллифони китоб Ф. Шарифзода Ф. , А. Миралиев методҳои таълимро ба ду гуруҳ - методҳое , ки ба сарчашмаи дониш такя мекунанд: 1) усулҳои шифоҳӣ, 2) аёнӣ, 3 амалӣ) ва методҳое, ки фаъолияти маърифатии хонандагонро рушд мебахшанд: 1) тавзеҳӣ- тасвирӣ, 2) репродуктивӣ, 3) шарҳӣ - проблемавӣ, 4) таҳқиқӣ, ҷудо кардаанд [20,с.346-347]. Таснифоти мазкур ба таснифоти педагоги рус И.Я Лернер ( 9) шабоҳат дорад ва хоси педагогигаки солҳои 70-80-уми асри гузашта аст. Илова ба ин дар гуруҳбандии дуюми методҳо мантиқи таснифот коҳиш ёфтааст. Чунки муаллифон гурӯҳи дуюми методҳоро метоҳои ташаккули фаъолияти хонандагон номгузорӣ кардаанд, вале ба ин гурӯҳ методҳои тавзеҳӣ - тасвирӣ ва репродуктивиро ворид намудаанд, ки онҳо хоси ин гурӯҳ нестанд. Онҳо методи тавзеҳӣ-тасвириро дар аввал ба қатори методҳои сарчашмаи дониш, - шарҳ, ҳикоя, лексия, суҳбат,- ворид карда, боз дар гурӯҳи "усулҳои фаъолияти маърифатӣ" бо номи "усули тавзеҳӣ - тасвирӣ" (шарҳ, ҳикоя, лексия) номбар кардаанд [20, с.

346-347]. Илова ба ин методи репродуктивиро чунин шарҳ додаанд: “Усули репродуктивӣ, ки нишонаи асосиаш таҷдид ва такрори тарзи фаъолият аз рӯи вазифаҳои омӯзгор мебошад” [20, с. 347]. Тавсифи мазкур печида ва номуайян аст. Зери мафҳуми ин метод чиҳо дар назар аст, ногуфта мондааст. Дар илми педагогика ва методикаи таълим методи репродуктивӣ ин ҳамон методҳои шифоҳӣ (нақл, лексия, суҳбат, аз ёд кардан, аз ёд гуфтан, луғатомӯзӣ ва ғайра) методҳои аёнӣ (намоиши расму сурат, мусаввараҳо, воситаҳои техникӣ, шунавонидани оҳангу суруд ва ғайра), методҳои амалӣ (машқи хат, рӯбардор кардани матн, кашидани тасвирҳои графикӣ, корҳои амалии истеҳсолӣ, таҷрибавӣ ва ғайра) мебошанд, ки аксаран онро аз ҷумлаи методҳои “ғайрифаъол” ҳисоб мекунанд. Дар таснифоти мазкур методи эвристикӣ умуман ҳузур надорад, ҳол он ки методи мазкур (методи суқротӣ) ибтидои тамоми методҳои таълим ба ҳисоб меравад. Муаллифон методҳои шифоҳиро хоси методҳои репродуктивӣ надониста, онҳоро алоҳида шарҳ додаанд. Дар тавсифи методҳои таълим қисмате омадааст бо номи “Мубоҳиса ҳамчун усули таълими интерактивӣ”. Муаллифон кӯшиш кардаанд, ки моҳияти мубоҳисаро тавассути методҳои интерактивӣ дар мисоли истифодаи методикаи таълими кооперативӣ (ҳамкории таълимӣ) нишон диҳанд ва то андозае ба он муваффақ шудаанд. Технологияи ташкили мубоҳиса дар гурӯҳҳои хурдро аз ҷиҳати назариявӣ нисбатан васеъ шарҳ дода, оғози дигаргуниҳои куллиро дар илми педагогикаи ватанӣ ҳамчун унсури навгониҳои таълимӣ падид овардаанд. Зеро нашри китоби мазкур ба замоне марбут аст, ки дар педагогикаи миллӣ ҳанӯз истилоҳи “салоҳият” маъруф набуд ва талаботи гузоштаи муаллифони китоб башорате аз муносибати босалоҳият ба таълим дар даҳаи аввали мелоди нав мебошад.

Дар методикаи таълими адабиёти тоҷик кӯшиши пайдо намудани гурӯҳбандии методҳои таълим дар таҳқиқи олимони алоҳида, ба мисли Ш.Исломов, М.Аҳмадов, З.Бобоева, М.Султонмамадова ва чанде дигарон ба таври умумӣ баён шуда бошад ҳам, вале гурӯҳбандии онҳо дар асоси назария ва амалияи дидактикаи муосир ба сомон нарасидааст. Дар таҳқиқоти Ш.Исломов ишора меравад, ки методистони рус ба монанди Н.И. Кудряшев, З.Я Рез, С.К. Бирюкова ва чанде дигарон дар асоси консепсияҳои илмии олимони шинохтаи замони шуравӣ М.Н. Скаткин, Ю.К. Бабанский, И.Я. Лернер, М.Махмутов методҳои таълими адабиётро гурӯҳбандӣ намуда, як таснифоти хеле мушаххаси ба илмҳои педагогика, психология ва методикаи таълим асосёфтаро рӯи кор овардаанд, ки то ба имрӯз мавриди истифода аст [6, с.81-83]. Адабиётшинос ва методист М.Аҳмадов низ кӯшиши баёни таснифи методҳои таълими адабиётро кардааст (2.101. Дар мундариҷаи китоби ӯ бо номи “Таснифоти усулҳои таълим”сарлавҳае низ омадааст. Вале ба ҷои тасниф методҳои алоҳидаи таълими адабиёт тавсиф шудаанд.

Дар муқаррар намудани мақсаду вазифа ва мавқеи истифода бурдани методҳои таълимӣ, нақши муҳаққиқони рус Ю.К. Бабанский, М.Н. Скаткин, И.Я. Лернер, А.В.Хуторский, Н.И. Кудряшев ва чанде дигарон хеле калон аст. Олимони номбурда дар асоси назария ва таҷрибаҳои амалӣ принсипҳои асосии гурӯҳбандӣ намудани методҳои таълимро дар дидактикаи умумӣ муайян намуда, дар даврaҳои гуногуни инкишофи илми педагогика мавқеи илмию амалии онҳоро вобаста ба шароитҳои таърихӣ муайян намудаанд. Маълум аст, ки дар ибтидо метоҳои таълим аз методҳои муаллим (нақл, шарҳ, саволу супориш), методҳои хонанда (хондан, аз ёд кардан, машқ, ҷавоб додан) ва методҳои ҳамкории муаллиму хонанда (суҳбат кардан, пурсидан, ислоҳ кардан ва ғайра) иборат буд. Бо инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва талабот ба касбу кор, муошират, ҳамкориҳои бисёрҷабҳа, рушди илму техника ва ғайра, ҳадафҳои таълим низ доман густурданд ва ба талаботи иҷтимоии ҷомеа мувофиқ шуданд. Масалан, методи ҳамкории омӯзгор ва хонанда, ки имрӯз бо номи методҳои интерактивӣ ё ҳамфаъол машҳур шудааст, дар даврaҳои гуногуни таърихӣ яке аз методҳои ҳамкории омӯзгору хонанда будааст, ки баъдтар дар асоси назария ва таҷрибаҳои амалии нав мавқеи истифодаи он васеъ гардидааст ва имрӯз яке аз методҳои меҳварӣ дар ҳамаи гурӯҳбандиҳо ширкат дошта “инноватсияи педагогӣ” ном гирифтааст. Агар ба осори илмии дар ин самт анҷомёфтаи муҳаққиқон ва таҷрибаи амалии омӯзгорон назар афканем, маълум мегардад, ки қариб ҳар метод дар меҳвари гурӯҳбандиҳои гуногун давр мезанад, ҳарчанд ки таснифотҳо номҳои гуногун доранд. Бинобар ин истифодаи як ё ду метод дар тамоми марҳалаҳои як дарс натиҷаи хубе ба бор намеорад. “Агар омӯзгор ҳар дарс бо як-ду усули маъмулӣ хонандаро тавассути онҳо чарх занонад, ҳосили кори ӯ дарсгурезӣ, беҳавсалагӣ, бедор нашудани эҳсосоти мууҳаббат, ҳамкорӣ, муошират беиртибот ва ҳатто бадбинии хонанда нисбати фан, омӯзгор ва мактаб мегардад” [7,с.28]. Дар ин масъала метавон хулоса намуд, ки ҳар қадаре дониши назариявӣ ва таҷрибаи амалии омӯзгор барои бамавқеъ истифода намудани методҳои таълим бисёр ва рангоранг бошад, ҳамон қадар ҳавасмандии хонанда ба омӯзиши фан бештар мешавад. ”Истифодаи маҷмуи усулҳо аз вазъияти таълимӣ ва маҳорати омӯзгор вобастагӣ дорад” [7, с.28]. Ин ҳолатро дар методикаи таълими адабиёт муҳаққиқ Н.И.Кудряшев дар китоби худ

“Взаимосвязь методов обучения на уроках литературы” (8) аз ҷиҳати илмию амалӣ батафсил шарҳ дода, ба ҳисоб гирифтани муносибати байни методҳои таълимро яке аз шартҳои зарурии интихоби методҳо дар ҷараёни таълими адабиёт ҳисобидааст. Методистони тоҷик Ш.Исломов ва З.Бобоева низ дар ин масъала таъкид кардаанд, ки “усулҳо дар алоҳидагӣ не, балки дар ҳамбастагӣ ва вобаста ба мавқеъ ва вазъият бояд истифода шаванд, вагарна ҳар як метод дар алоҳидагӣ моҳияти оптималӣ касб намекунанд ва занҷири асосии мазмуну мундариҷаи ягонаи таълим гусаста мегардад” [7, с.28. ] Аз ин рӯ, гурӯҳбандии мухталифи методҳои таълимро як ҳодисаи тасодуфӣ ва ғайриилмӣ набояд донист. Гуногуннавъии методҳои таълим зарурати ба миён омадани таснифотҳои гуногуни илмӣ гардидааст. Ба қавли академик Ю. К. Бабанский, “... методологияи таснифоти методҳо аз бисёррангии методҳо ва имконияти пайдо шудани методҳои нав сарчашма мегирад” [4, с.290]. Маҳз ҳамин гуногуннавъӣ тамоюли илмию амалиро ҷониби ҷараёни таълимӣ равона сохтааст ва дар натиҷа чандин консепсияҳои илмӣ рӯи кор омадаанд, ки консепсияҳои илмии Ю.К. Бабанский, И.Я. Лернер, М.Н. Скаткин А.В. Хуторский ва дигарон аз ҳамин қабиланд. Ю.К.Бабанский педагоги хеле машҳури замони шуравӣ буд ва то пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ назарияҳои илмию педагогии ӯ асоси дидактикаи замони шуравиро ташкил медод ва нуфузи таҳқиқотҳои илмии ӯ берун аз Иттиҳоди Шуравӣ убур карда буд. Ӯ консепсияи И.Я. Лернер ва М.Н. Скаткинро омӯхта, бо назардошти вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву илмии замон проблемаҳои соҳаи таълиму тарбия, аз ҷумла камбудӣ ва норасоиҳои соҳаро дар асоси таҷрибаҳои илмию амалӣ, экспериментҳои калонмиқёс ва назарияҳои мавҷудаи илмӣ воқеъбинона ошкор намуда, назарияи оптимизатсияи ҷараёни таълимро пешниҳод намуд, ки он як таҳқиқоти сершохаи бунёдӣ дар нимаи дуюми қарни ХХ пазируфта шуда буд, ки имрӯз низ моҳияти илмию амалии худро чандон гум накардааст. Дар таҳқиқоти мазкур таснифоти методҳои таълим як рукни муҳимми оптимизатсияи низоми таълим маънидод шуда, таснифоти И.Я. Лернер, М.Н. Скаткин ва дигар педагогҳо оид ба таснифоти методҳои таълим сифатан такмил дода шудааст.

Дар солҳои 80-уми асри гузашта И.Я. Лернер таснифоти зерини методҳои умумидидактикиро пешниҳод намуда буд:

- эзоҳӣ -тасвирӣ - омӯзгор иттилоъ медиҳад, хонандагон онро қабул менамоянд;
- репродуктивӣ-дониши тайёре, ки хонанда аз сухани омӯзгор, китоб ва дигар сарчашмаҳо ҳосил мекунад;
- гузориши проблемавӣ- омӯзгор дар назди хонанда проблема мегузорад, намунаеро худаш ҳал мекунад ва роҳи ҳали илмии проблема ва эмбриологияи донишро ба хонанда нишон медиҳад;
- ҷузъан ҷустуҷӯӣ ё эвристикӣ- омӯзгор проблемаро ба қисмҳо ҷудо мекунад, хонандагон дар ҳалли проблемаҳо қадами аввал мегузоранд;
- таҳқиқӣ –фаъолияти ҷустуҷӯӣ- эҷодии хонандагон доир ба ҳалли проблемаҳои нав [9, с. 181] .

Академик Ю.К. Бабанский зарурати такмил додани таснифоти мазкурро дар миқдоран зиёд шудани шумораи методҳо ва аз нав гурӯҳбандӣ намудани онҳо ва принсипҳои нави оптимизатсияи таълим дида, таснифоти наверо пешниҳод намудааст. Ӯ дар таснифоти худ методҳои таълимро ба се гурӯҳи калон тақсим намудааст: а) методҳои ташкили фаъолияти таълимию донишандӯзӣ; б) методҳои ҳавасмандгардонии фаъолити таълимии донишандӯзӣ; в) методҳои назорат ва худназораткунӣ дар таълим. самараи фаъолияти таълимии идрок [4, с. 285]. Дар гуруҳи аввал методҳои таълим ба чор зергуруҳ-методҳои персептивӣ (шифоҳӣ), мантиқӣ (индуктивӣ, дедуктивӣ, аналитикӣ, синтетикӣ, дар гуруҳи дуюм ба ду зергуруҳ-методҳои ҳавасмандгардонӣ ба хондан, методҳои ҳавасмандгардонӣ ҳамчун қарз ва масъулият барои хондан ва дар гуруҳи сеюм ба се зергуруҳ-методҳои назорати шифоҳӣ, методҳои назорати хаттӣ ва методҳои лабораторӣ-амалии назорат ҷудо намудааст. Дар маҷмуъ дар таснифоту ӯ беш аз 40 методи таълимӣ ворид шудаанд, ки муҳаққиқ доир ба аксарияти онҳо маълумоти назариявӣ ва амалӣ додааст.

Аз ибтидои мелоди нав сар карда дар педагогика, махсусан дар дидактикаи хусусӣ, ному истилоҳоти нав мисли “инноватсияҳои педагогӣ”, “методҳои интерактивӣ”, “методҳои когнитивӣ”, “методҳои креативӣ”, “муносибати босалоҳият”, “арзёбии ташаккулдиҳанда”, “методи таҳияи лоиҳаҳо”, “аттестатсия”, “методи инсерт”, “тестҳои санҷишӣ”, “рефлексияи таълимӣ”, “методи синквейн”, “рӯзномаи дубахша”, “методи дунафарӣ” ва ғайра арзи вуҷуд карданд. Ин раванди табиие мебошад, ки ба зарурати пайдоиши консепсияҳои нав, аз ҷумла консепсияи А.В.Хуторский сабаб гардидааст.

Консепсияи илмии А.В Хуторский мағзи ратсионалии консепсияҳои илмии замонҳои гузашта, аз ҷумла консепсияҳои Ю.К. Бабанский, М.Н. Скаткин ва И.Я.Лернерро дар худ ҷабидааст, вале бо афкори иноватсионӣ, ки аз талаби замон, рушди илм ва тафаккури иҷтимоии ҷомеаи имрӯза сарчашма мегирад, тафовут дорад. Он ба сифати як консепсияи

муосири педагогӣ, ки ҳам аз таҷрибаи низоми педагогикаи шуравӣ, ҳам аз низоми педагогии мамолики Аврупову ИМА ва ҳам аз таҷрибаи илмию амалии муассисаҳои илмию таълимии Федератсияи Россия маншаъ гирифтааст. А.В. Хуторский дар ду китоби худ [17,с.18] гурӯҳбандии методҳоро дар асоси таснифоти қаблӣ (Ю.К.Бабанский, М.Н. Скаткин, Т.А . Илъина, Б.П.Есипов, И.Я.Лернер ва ғайра) як навъ ҷамъбаст бахшида, ба хулоса омадааст, ки муҳаққиқони пешин методҳои таълимро дар асоси принсипҳои гуногуни дидактикӣ тасниф намудаанд, ки мухтасаран инҳоянд: **Методҳо аз рӯи сарчашмаи дониш:** 1. *Шифоҳӣ*: нақл, шарҳ, суҳбат (муқаддимавӣ, эврестикӣ, мустаҳкамкунӣ, суҳбати як ба як), мубоҳиса, лексия, кор бо китобҳои таълимӣ (конспект кардан, нақша сохтан, иқтибос гирифтан, аннотатсия, тақриз навиштан; 2. *Аёнӣ:* намоиш додан (овезаҳо, расмҳо, ҷадвалҳо, харитаҳо, тасвирҳо, муляжҳо, макетаҳо), намоишҳои телевизионӣ, видеофилмҳо, диафилмҳо, кодопозитивҳо, барномаҳои компютерӣ; 3. *Амалӣ*: машқҳо (шифоҳӣ, хаттӣ, графикӣ, овозӣ), машқдиҳӣ, эзоҳӣ, таълимӣ-меҳнатӣ, корҳои лабораторӣ, корҳои амалӣ, бозиҳои дидактикӣ [18,с.213].

Таснифоти А.Хуторский дар асоси муносбати эвристикӣ ба таълим таҳия шуда, муҳаққиқ тамоми методҳои таълимро шомили чунин муносибат медонад. Ӯ методи эвристикиро, ки дар таснифотҳои дигар дар зергурӯҳҳо мавқеъ гирифтаанд, ба дараҷаи як муносибати фарогири ҷараёни таълим дониста, мегӯяд, ки "методҳои таълими эвристикӣ ин методҳои педагогие мебошанд, ки хонандаро ба эҷоди чизи нав мерасонанд" [18,с.217]. А.В. Хуторский методҳои аз замони Суқрот ва пайравони ӯ то методҳои имрӯзаро шомили методҳои таълими эвристикӣ медонад. Ӯ таснифоташро дар ҷадвали зер чунин гурӯҳбандӣ намудааст [18, с. 219]:

*Ҷадвали № 1*

| МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМИ ЭВРИСТИКӢ | | |
|---|---|---|
| Когнитивӣ | Креативӣ | Ташкилӣ фаъолият |
| *Методҳои илмӣ* | *Ҳиссӣ (интуитивӣ)* | *Методҳои хонанда* |
| *Методҳои фанҳои таълимӣ* | *Методҳои алгоритм* | *Методҳои омӯзгор* |
| *Методҳои фарофанӣ* | *Эвристикӣ* | *Методҳои маъмурӣ* |

Муҳаққиқ таснифоти педагогҳои гузаштаро инкор ё рад накардааст, балки онҳоро дар таснифоти худ чунон ғунҷонидааст, ки онҳо дар иҷрои мақсадҳои таълимӣ характери инноватсионӣ гирифтаанд. Масалан, қисмати сеюми таснифоти ӯ "Фаъолияти ташкилӣ" номгузорӣ шудааст, ки дар зергуруҳҳои он методҳои зерин ширкат доранд: методҳои хондан, навиштан, нақл кардан, аз ёд кардан ва ғайра (методи хонанда); баён кардан, шарҳ додан, пурсидан, назорат кардан ( методҳои омӯзгор); методҳои ҳамкорӣ (методҳои омӯзгор ва хонанда). Инҳо ҳамон методҳои классикие мебошанд, ки дар тамоми таснифотҳо арзи вуҷуд доранд. Вале А.В.Хуторский мавриду мавқеи истифодаи онҳоро дар алоқамандӣ бо методҳои дигар донистааст. Методҳои когнитивӣ ва креативӣ (методи эмпатия, методи биниши тасвириии образҳо, методи дарк ва биниши рамзҳо, методи саволҳои эвристикӣ, методи муқоиса, методи далелҳо, методи таҳқиқ, методи дарки созандагӣ, методи фарзия, методи ислоҳи ғалатҳо ва ғайра) ҳамон методҳое мебошанд, ки қисман дар консепсияҳои Л.С. Выгодский, Ю.К. Бабанский, М.Н. Скаткин, И.Я. Лернер ва дигарон дар ин ё он мафҳум дар шакли методҳои ҷузъан-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ, проблемагузорӣ, ҳавасмандкунӣ, мотиватсия, назорат ва худназоратӣ қисман ё пурра ифода шудаанд. Дар консепсияи А.В.Хуторский рабт додани ҳамаи методҳои таълим ба методҳои таълими эвристикӣ, тавсифи методҳои нав (креативӣ, когнитивӣ, интерактивӣ, рефлексияи таълимӣ, методи синквейн ва ғайра) ҳамчун инноватсияи илмию педагогӣ ҳисоб шудааст, ки худи муҳаққиқ ба он ишорае низ дорад:"...фишанги идоракунии ҷараёни таълим, тағйири инноватсионии он мебошад" [18,с. 215]. Илова ба ин, назарияи мазкур аз тамоюл ба низоми таълим (метод ва роҳу тарзҳои таълим) ва таҳсилоти мамолики Ғарб ва ИМА дарак медиҳад. Консепсияи мазкур , ба назари мо, шояд дар оянда яке аз таснифотҳои умда дар соҳаи педагогикаи асри XXI Россия пазируфта шавад. Чунки тӯли чанд даҳсола аст, ки андешаҳои ин муҳаққиқ дар масъалаҳои муносибати босалоҳият, таълими фарофаннӣ (метапредметӣ), таснифоти методҳои нави таълим, методиҳои таълими эвристикӣ, рефлексияи таълимӣ ва ғайра фазои илмии на танҳо Россия, балки фаротар аз онро гирифтааст ва ин асарҳо сериқтибостарин осори илмӣ дар марҳилаи имрӯза дониста шудаанд. Олими мазкур муаллифи беш аз ҳазор китобу дастурҳои таълимӣ мебошад. Бо вуҷуди печида ва мураккаб тасниф шудани баъзе аз методҳои таълим, консепсияи мазкур инноватсияҳои зиёди илмю педагогӣ дорад, ки натанҳо аз набзи педагогикаи имрӯзаи Россия дарак медиҳад, балки дар рушди системаҳои педагогии ИДМ таъсиргузор низ ҳаст.

Аз мулоҳизаҳои фавқуззикр ба хулосае омадан мумкин аст, ки методҳои таълими адабиёт худ аз худ пайдо намешаванд. Асосҳои методологии методҳои таълими адабиётро методҳои умумидидактикӣ ва назаарияҳои илмию амалии таҳқиқшуда ташкил медиҳанд. Агар ба таснифоти методҳои таълими адабиёт нигарем, айнан ҳамин чизро мушаххас

мебинем, ки нахустин таснифоти методҳои таълими адабиёт дар асоси консепсияи М.Н.Скаткин ва И.Я. Лернер рӯи кор омадаанд. Дар методикаи таълими адабиёти рус методҳои таълим солҳои 70-уми асри гузашта аз ҷониби методист Н.И. Кудряшев тасниф шудааст, ки муҳаққиқ чунин менигорад: “Системаи пешниҳодшудаи метоҳои умумидидактикии М.Н. Скаткин ва И.Я. Лернер дар методикаи фанҳои гуманитарӣ, аз ҷумла дар методикаи таълими адабиёт, беш аз ҳама маъруфияти зиёд пайдо кардааст” (8,с.11.). Муҳаққиқ иброз медорад, ки “Дар соли 1970 аз рӯи системаи умумидидактикии М.Н.Скаткин ва И.Я Лернер методҳои зерини таълими адабиёт пешниҳод шуда буд: методи хониши эҷодӣ, методи эвристикӣ, методи таҳқиқотӣ, методи репродуктивӣ” [8,с.16]. Агар таснифоти ин ду муҳаққиқро ба қиёс гирем, тафовути зиёде ба назар намерасад:

*Ҷадвали №2*

| Методҳои таълим дар таснифоти М.Н. Скаткин ва И.Я. Лернер | Методҳои таълим дар таснифоти Н.И. Кудряшев |
|---|---|
| • Эзоҳӣ-тасвирӣ<br>• Репродуктивӣ<br>• Проблемагузорӣ<br>• Ҷузъан ҷустуҷӯӣ ё эвристикӣ<br>• Таҳқиқотӣ | • Хониши эҷодӣ<br>• Репродуктивӣ<br>• Эвристикӣ<br>• Таҳқиқотӣ |

Дар таснифоти дуюм Н.И. Кудряшев шумораи методҳоро кам карда, методи проблемагузориро сарфи назар кардааст. Ба андешаи методист методи мазкур дар методҳои эврестикӣ, ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқотӣ омехта аст. Ин андеша дар китоби “Методика преподавания русской литературҷ в 5-8 классахниз таъкид шудааст”[13,с.68]. Инчунин ба ҷойи методи “эзоҳӣ-тасвирӣ” методи “хониши эҷодӣ”- ро ворид намудааст, ки ба андешаи мо дуруст аст. Н.И Кудряшев дар таснифоти худ консепсияи М.Н.Скаткин ва И.Я Лернерро ҳамчун асоси методологӣ ба ҳисоб гирифта ҷойгоҳи методҳои умумидидактикиро дар таълими адабиёт муқаррар намудааст. Илова ба ин Н.И Кудряшев дар таҳқиқоти худ (8) алоқамандии методҳо ва мавқеи дар ҳамбастагӣ истифода бурдани ҳар як методи таълимиро дар дарсҳои адабиёт хеле муфассал баён намудааст. Дар консепсияи Н.И.Кудряшев методҳои назорат, худназоратӣ, санҷиш ва худсанҷӣ, такрор, аз ёд кардан ва ғайра мавқеъ наёфтааст, чунки ин намуди методҳо дар таснифоти И.Я. Лернер ва М.Н. Скаткин низ ба ин ё он гурӯҳ ворид нашудаанд. Консепсияи Н.И. Кудряшев охирин консепсияи таснифоти методҳои таълими адабиёт дар замони шуравӣ ба ҳисоб меравад. Дар китоби дарсии “Методика преподавния литературы” , ки соли 2025 барои муассисаҳои таҳсилоти олии Федератсияи Россия (равияи педагогӣ-филологӣ) таълиф шудааст, асосан сухан дар бораи технологияҳои инноватсионӣ (технологияҳои тафаккури танқидӣ, технологияҳои ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон, технологияи информатсионӣ, технологияҳои бозӣ, кейс, синквейн, кортҳои интелектуалӣ ва ғайра рафта, методҳои таълим тасниф нашудаанд [1, с. 38].

Асоси методологии таснифоти методҳои таълими адабиёти тоҷик аз сарчашмаҳои зерин маншаъ гирифтааст:

- “Стратегия рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон“ ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми давлатӣ, ки муносибати нави илмию педагогиро дар соҳаи маориф ва илми ҷумҳурӣ тақозо дорад;

- назария ва амалияи таҳқиқу тавсифи методҳои таълими адабиёти тоҷик дар таҳқиқоти олимону методистони тоҷик (М.Қозиҷонов, А. Ваҳҳобов, М. Шакурӣ, М.Лутфуллоев, Ф. Шарифов, Ш.Исломов, М. Аҳмадов, З.Бобоева ва дигарон);

- консепсияҳои илмии олимони рус ( таснифоти М.Н.Скаткин ва И.Я Лернер, Ю.К. Бабанский, Н.И. Кудряшев, З.Я.Рез, С.К. Бирюкова А.В.Хуторский ва дигарон);

- дастуру маводҳои методие, ки бо дастгирии лоиҳаҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва паҳн шудаанд [5, с. 12-16];

- типологияи салоҳиятнокӣ дар таълим ( фаъолияти когнитивӣ, креативӣ, коммуникативӣ, ташкилотчигӣ, арзишҳои маънавӣ).

Гурӯҳбандии методҳои таълими адабиёти тоҷикро дар асоси гуфтаҳои боло чунин муқаррар намудем:

**Гурӯҳи I . Методҳои репродуктивӣ.** Ба ин гурӯҳ шомиланд метоҳое, ки *а*) *сарчашмаи дониш* ҳисоб мешаванд: баён кардан, нақл кардан, луғатомӯзӣ, аз ёд кардан, аз ёд гуфтан, лексия, такрор кардан, дастур додан (инструктаж); *б) методҳои аёнӣ*: истифодаи расму суратҳо, мусаввараҳо, кортҳо, харита, суроб(муляж)-ҳо, кино, мултфилм, барномаҳои компютерӣ, машқи хат, *в) методҳои амалӣ*: нақшофарӣ, бозиҳои дидактикӣ, эмитатсия (ба ҳаракат даровардани ҷисмҳо), расмкашӣ аз руи мазмуни матн, тасвирҳои графикӣ (ҷадвало, нақшаҳо), асбобҳои мусиқӣ, шунавонидани мусиқӣ, суруд .... рӯбардор кардани матн ва ғайра.

**Гурӯҳи II. Методҳои ташаккули фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ.** Методҳои ин гурӯҳ методҳое мебошанд, ки ба андешамандӣ, мақсадгузорӣ, тахаюли бадеӣ, тасвирҳои абстрактӣ, савол ё ҷавобҳои ғайримаъмулӣ, дар алоқамандӣ дидани робитаҳо, ҳодисаҳо, воқеаҳо, аз шеър ҷудо кардани шоҳбайтҳо, дидану кушодани рамзҳо, ёфтани ташбеҳу истиора, киноя, фарқияту монандии ашёҳо, ҳодисаҳо, образҳо, хислатҳо, ҷудо кардани фикри асосӣ аз матн, дар ҷои қаҳрамон тасаввур кардани худ, муқоисаи қаҳрамони асар бо қаҳрамони кино ё драмма ва ғайра ҳидоят менамояд.Истифодаи ин методҳо аз муаллим омодагии пешакӣ, хуб донистани психологияи хонандагон, дониши хуб доштан аз назария ва амалияи психологияи мактабӣ ва маҳорати баланди касби доштанро тақозо менамояд. Ба ин гуруҳ метоҳои зерин шомиланд: методҳои когнитивӣ, креативӣ, эвристикӣ, муқоиса, методи ҷустуҷӯӣ, таҳқиқӣ, прблемагузорӣ, мубоҳиса, методи “чизе фикр карда баровардан”, методи “Агар...”, методи расмҳои образдор ва рамздор кашидан, эссе, иншо, реферат, маърӯза, гузориш, тақриз, лоиҳа, методи гиперболизация (аз будаш калон ё хурд нишон додан), методи агглютсинатсия (алоқаманд нишон додани ашё ё равандҳои беалоқа), ҳуҷуми зеҳнӣ, кейс, синквейн ва ғайра.

**Гурӯҳи III. Методҳои идоракунии таълим.** Зергурӯҳи методҳи мазкур иборатанд аз: методҳои интерактивӣ: лоиҳасозӣ, ҳамкорӣ дар гурӯҳҳои хурду калон), методҳои арзёбӣ, методҳои санҷиш ( худсанҷӣ, ҳамдигарсанҷӣ, тест, корҳои хаттии санҷишӣ (ба саволҳо ҷавоби хаттӣ навиштан,эссе, иншо), рефлексия ( варақгардонии хотира ва мақсадҳои барои аз худ намудани дониш, малака ва маҳорати нав)

**Гурӯҳи аввали** методҳо (репродуктивӣ) ба фаълияти иҷрои кору амалҳои зарурӣ, ки барои пайдо намудани ангезаҳои зеҳнию эҷодӣ ва фаъолияти ташкилӣ замина мегузоранд, методҳои анъанавӣ буда, дар давоми садсолаҳо дар гардиши ҷараёни таълим суфтаву устувор гардидаанд. **Гурӯҳи дуюми** методҳо методҳое мебошанд, ки ба фаъолияти зеҳнӣ, иҷрои амалҳои абстрактӣ, дарки мазмуни таълим, олами атроф, ҳодисаву воқеаҳо, мустақилӣ, гуфтану баҳо додан, ҷустану нишон додан, дарк карда истифода намудан, баҳо додан, эҷодкорӣ кардан ва ғайра равона гардидаанд. Омӯзиши масъала нишон дод, ки гуруҳи дуюму сеюми методҳо дар таҷрибаи амалии омӯзгорон дар нисбати гуруҳи аввал кам андар кам истифода мешавад. **Гурӯҳи сеюми** методҳо барои фаъол намудани хонанда дар ташкили таълим, шарик будан, ҳамкорӣ кардан, натиҷа бардоштан ва ғайра пешбинӣ шудааст. Ҳар гурӯҳи калони методҳо боз ба зергуруҳҳо ҷудо шудаанд, ки вазифаи онҳо дастрасии хонанда ба мақсадҳои гузошташуда, дарк кардани куллу ҷузъи ҳодисаву воқеаҳо, баҳо дода тавонистан ба амалҳои образҳои асар ва ҳамзамон ба дараҷаи фаҳмиши иҷрои амал аз ҷониби худи ӯ ва ҳамсабақи ӯ, ширкати хонанда дар лоиҳа, муқаррар намудани ҷойи худ дар он ва ташаббуси вай дар иҷтимоишавии худ ва дигарон иборат мебошад.

Таснифоти мазкур барои ба низом даровардани методҳои таълими адабиёти тоҷик, муқаррар намудани ҷойгоҳи онҳо дар таълими фан, алоқаманд намудани фанни адабиёт бо фанҳои дигар, меъёри интихоби дурусти методҳо дар рафти таълим, ҳамкории мақсадноки омӯзгору хонанда ва ба ин васила ба боло бурдани сатҳу сифати таҳсиолоти хонандагон кӯмак расонида метавонад. Таснифоти мазкур наметавонад охирин таснифот бошад ва дар пасманзараи он таҳқиқи масоили мазкур идома ёфта, такмил хоҳад ёфт.

Таҳқиқот собит намуд, ки дар барнома ва китобҳои дарсӣ ин масъала ба таври зарурӣ инъикос наёфтааст. Омӯзгорон барои фаъол намудани зеҳн ва қобилият аксаран методҳои репродуктивиро истифода мекунанд, ки дар бисёр мавридҳо натиҷаи дилхоҳ ба даст намеояд. Чунки талаботи барнома, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ асосан дар сатҳи талаботи методҳои репродуктивӣ тавсия шудаанд. Бинобар ин фаъолияти ҳамкорӣ, пешихудкорӣ, тасаввуроти абстрактӣ, худбаҳодиҳӣ (рефлексия), эҷодкорӣ ва ғайра дар хонандагон ба қадри зарурӣ рушд наёфтааст ва яке аз сабабҳои каммутолиа будани хонандагон маҳз дар онҳо инкишоф наёфтани қобилиятҳои когнитивӣ ва креативӣ мебошад. Дарк кардан ба умқи маънӣ расидан аст. Дар ин мавриди технологияҳое ҳастанд, ки бори маъниро то тафаккуру андешаву ҳиссу идроки хонанда мерасонанд.

***Адабиёт***


1. *Алексеева, М.А.Методика преподавания литературы. - М.: Юрайт, 2025. – 98 с.*
2. *Аҳмадов М. Таълими адабиётт тоҷик.Қ.1. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2018.- 252 с.*
3. *Афзалов Х.,Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1994.- 185 с.*
4. *Бабанский Ю.К. Избранные педагогические труды. -М.: Педагогика, 1989. – 560 с.*
5. *Воситаҳои истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда барои рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон. - Душанбе, 2019. - 44 с.*
6. *Исломов Ш. Изучение лироэпических произведениеий на уроках родной литературҷ в IX-X классах /Ш.Исломов. Диссертаця на соискание ученое степени кандидата педагогических наук [Текст ] – М., 1990.*
7. *Исломов Ш., Бобоева З. Таълими интерактивии омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ // Маърифати омӯзгор. №12. – С. 24-30.*

8. *Кудряшев Н.И. Взаимосвязь методов обучения на уроках литературы. - М.: Просвещение, 1981. - 190 с.*
9. *Лернер И.Я. Методы обучения. В кн. Дидактика средней школе./Под ред. М.Н. Скаткина. М.: Просвещение, 1982.-319 с.*
10. *Лутфуллозода М., Абдуллозода И., Ҷалилова М. Методики таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Душанбе, 2016.-216 с.*
11. *Лутфуллоев М. Дарс. Душанбе: Маориф, 1995. – 191 с .*
12. *Маводди методӣ оид ба тақвияти салоҳияти хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ (барои омӯзгорон).Душанбе.: 2018.- 319 с.*
13. *Методика преподавания русской литературы в 5-8 классах. /С.К.Бирюкова, Р.С.Бозиев, Д.Л.Бруднҷй и др./Ленинград, Просвешение, 1988.- 368 с.*
14. *Раҳимов Х. Педагогика..Душанбе: Маориф, 1997.-248 с.*
15. *Сангинов Н. Дидактика. Душанбе, 1992.- 81 с.*
16. *Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Модули 4. – Душанбе, 2007.-76 с.*
17. *Хуторский А.В. Педагогика. СПБ.: Юрайт, 2019.- 608 с.*
18. *Хуторский А.В. Современная дидактика .3-е изд.М.: Юрайт, 2025.- 406 с.*
19. *Шарифзода Ф. Пдаггикаи ҳамгиро. - Душанбе: Ирфон, 2011.- 511с.*
20. *Шарифзода Ф. , Миралиев А. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. – Душанбе: Ирфон, 2012.-562 с.*
21. *Шарифзода Ф. Педагогика. Назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 543 с.*

## ТАСНИФОТИ МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМИ АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР ШАРОИТИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

Мақола ба таснифоти методҳои таълими адабиёти тоҷик дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим бахшида шуда, зимни пажуҳиш маълум гардидааст, ки дар методикаи таълими адабиёти тоҷик методҳои таълими адабиёт гурӯҳбандӣ ва ё таснифот нашудаанд ва дар ин масъала таҳқиқоти бунёдие алҳол ба вуҷуд наомадааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таснифоти методҳои таълим дар баъзе китобҳои дарсии педагогика барои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯтоҳу мухтасар баён ёфтаанд. Таснифоти анҷомёфта асосан дар таъсири дидактикаи шуравӣ таҳия шудаанд, ки сабабҳои воқеии худро дорад. Дар методикаи таълими адабиёти тоҷик кӯшиши пайдо намудани гурӯҳбандии методҳои таълим дар таҳқиқи олимони алоҳида, ба мисли Ш.Исломов, М.Аҳмадов, З.Бобоева, М.Султонмамадова ва чанде дигарон ба таври умумӣ баён шуда бошад ҳам, вале гурӯҳбандии онҳо дар асоси назария ва амалияи дидактикаи муосир ба сомон нарасидааст. Зимни пажуҳиш муаллифони мақола гурӯҳбандии методҳои таълими адабиёти тоҷикро ба се гурӯҳ - методҳои репродуктивӣ, методҳои ташаккули фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ ва методҳои идоракунии таълим дастабандӣ намуда, илман собит намудаанд, ки таснифоти мазкур барои ба низом даровардани методҳои таълими адабиёти тоҷик, муқаррар намудани ҷойгоҳи онҳо дар таълими фан, алоқаманд намудани фанни адабиёт бо фанҳои дигар, меъёри интихоби дурусти методҳо дар рафти таълим, ҳамкории мақсадноки омӯзгору хонанда ва ба ин васила ба боло бурдани сатҳу сифати таҳсиолоти хонандагон кӯмак расонида метавонад.

**Калидвожаҳо**: китоби дарсӣ, барномаи таълимӣ, адабиёти тоҷик, методҳои таълим, муносибати босалоҳият, таснифот, гурӯҳбандӣ, репродуктивӣ, ташаккули фаъолияти зеҳнӣ.

## КЛАССИФИКАЦИЯ МЕТОДОВ ПРЕПОДАВАНИЯ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ КОМПЕТЕНТНОГО ПОДХОДА К ОБУЧЕНИЮ

Статья посвящена классификации методик преподавания таджикской литературы в контексте компетентного подхода к образованию. В ходе исследования было установлено, что в методике преподавания таджикской литературы методы обучения литературе не сгруппированы и не классифицированы, и фундаментальных исследований по этому вопросу до сих пор не проводилось. В Республике Таджикистан классификация методик преподавания кратко и лаконично описана в некоторых педагогических учебниках для высших учебных заведений Республики Таджикистан. Классификации разрабатывались в основном под влиянием советской дидактики, что имеет свои реальные причины.Хотя в методологии преподавания таджикской литературы предпринимались попытки найти классификацию методик преподавания в исследованиях отдельных ученых, таких как Ш. Исломов, М. Ахмадов, З. Бобоева, М. Султонмамадова и некоторые другие, их классификация, основанная на теории и практике современной дидактики, до сих пор не установлена. В ходе исследования авторы статьи сгруппировали методы обучения таджикской литературе в три группы: репродуктивные методы, методы формирования интеллектуально-творческой деятельности и методы управления обучением, и научно доказали, что такая классификация может помочь систематизировать методы обучения таджикской литературе, определить их место в преподавании предмета, связать предмет литературы с другими предметами, установить критерии правильного выбора методов в учебном процессе и способствовать целенаправленному взаимодействию учителя и ученика, тем самым повышая уровень и качество обучения учащихся.

**Ключевые слова:** учебник, учебная программа, таджикская литература, методика преподавания, компетентностный подход, классификация, группировка, воспроизведение, формирование интеллектуальной деятельности.

## CLASSIFICATION OF METHODS OF TEACHING TAJIK LITERATURE IN THE TERMS OF COMPETENCE-BASED ATTITUDE TO EDUCATION

This article is devoted to the classification of teaching methods for Tajik literature in the context of a competency-based approach to education. The study revealed that teaching methods in Tajik literature are not grouped or classified, and fundamental research on this issue has not yet been conducted. In the Republic of Tajikistan, the classification of teaching methods is briefly and concisely described in some pedagogical textbooks for higher education institutions. These classifications were developed primarily under the influence of Soviet didactics, which has its own real-world reasons. Although attempts have been made to classify teaching methods in the methodology of teaching Tajik literature in the research of individual scholars, such as Sh. Islomov, M. Akhmadov, Z. Boboeva, M. Sultonmamadova, and others, their classification, based on the theory and practice of modern didactics, has not yet been established. In their study, the authors grouped methods for teaching Tajik literature into three categories: reproductive methods, methods for developing intellectual and creative activity, and learning management methods. They scientifically demonstrated that this classification can help systematize methods for teaching Tajik literature, determine their place in teaching the subject, connect literature with other subjects, establish criteria for the correct selection of methods in the educational process, and facilitate purposeful interaction between teacher and student, thereby improving the level and quality of student learning.

**Keywords:** textbook, curriculum, Tajik literature, teaching methods, competency-based approach, classification, grouping, reproduction, developing intellectual activity.

***Дар бораи муаллифон***

*Исломов Шамсулло*
*Номзади илмҳои педагогӣ, мушовири гимназияи "Донишвар"*
*734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 7*
*E-mail: islomovsh@mail.ru*

*Ҷамшедзода Фарзона Ҷамшед*
*Унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: farzonai.chamshed@mail.ru*

***Об авторах***

*Исломов Шамсулло*
*Кандидат педагогических наук, советник гимназии «Донишвар»*
*734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Бохтар, 7*
*E-mail: islomovsh@mail.ru*

*Джамшедзода Фарзона Джамшед*
*Соискатель каф. методики преподавания таджикского языка и литературы*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: farzonai.chamshed@mail.ru*

***About the authors***

*Islomov Shamsullo*
*Candidate of pedagogical sciences, adviser at the Donishvar gymnasium*
*734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Bokhtar Street, 7*
*E-mail: islomovsh@mail.ru*

*Jamshedzoda Farzona Jamshed*
*Applicant, Department of Methods of Teaching Tajik Language and Literature*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: farzonai.chamshed@mail.ru*

ТДУ 373.5.016

# ТАЪЛИМИ ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ ҒАЗАЛИЁТИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ ДАР СИНФИ 9

***Турсунова М. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Таълими босалоҳияти фанни адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз масъалаҳои таҳқиқталаби соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Мақсади асосии муаллими адабиёт пеш аз ҳама ба камол расонидани инсон ва тарбияи шахсият аст, ки бешубҳа барои ҷомеаи мутамаддин муҳимтарин дастовард ба шумор меравад. Фаромӯш набояд кард, ки муаллими воқеии адабиёт тавассути таълими фанни мазкур якбора се натиҷаро ба даст меорад:

- хонандагон дар доираи барномаи таълими адабиёт мазмун, маънавият, ҷаҳонбинӣ, хусусан, забон, сохтори шаклию ҳунарии мероси гузаштаро меомӯзанд;
- онҳо барои дар оянда идома додани омӯзиши осори бузургони сухан омода ва ҳавасманд мешаванд;
- шогирдони дар сатҳи зарурӣ тарбиятёфтаи муаллими адабиёт барои наслҳои оянда дастовардҳои илмиву адабиро нигоҳ медоранд.

Мувофиқи талаботи барнома яке аз мавзуъҳое, ки дар зинаи таърихи адабиёт мавқеи хоса дорад, таълими босалоҳияти хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ маҳсуб меёбад. Умуман, таҳлилу баррасии мавзуи мазкур дар меҳвари тамоми мавзуъҳои омӯзиши Камоли Хуҷандӣ нақши муҳим дорад, зеро тамоми ғазалиёти шоир бо руҷуъҳои лирикии панду ахлоқӣ ва муҳтавои андарзомӯзи ҳаёт бахшида шудааст.

Муаллими адабиёт вазифадор аст, дар заминаи талаботи барномаи таълим ва нақшаҳои корӣ (нақшаи тақвимӣ, нақшаи мавзуӣ ва нақшаи тавзеҳӣ) таълими босалоҳияти ғазалиёти Камоли Хуҷандиро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монад. Яке аз ҳадафҳои муҳимтарини таълими босалоҳияти мавзуъҳои адабиёт татбиқи унсурҳо (донад, тавонад, аз ёд кунад ва татбиқ кунад) ва марҳилаҳои (дарки матн, арзёбии матн, тағйири матн ва таҳияи матни худ) таълими босалоҳият дар раванди дарс ба шумор меравад.

Дар асоси китоби дарсии фанни адабиёт (Адабиёти тоҷик (китоби дарсӣ барои синфи 9) таҳиякунандагон: Мирзоди Маонӣ., Сунатуллоҳи Давлатзода–Душанбе, 2009.-367 саҳ) барои синфҳои 9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ намунаҳои зерини таълими босалоҳияти ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ барои баҳрабардории хонандагон пешниҳод шудааст.

**Салоҳиятҳо:**

- омӯзонидани услубу хусусиятҳои бадеӣ осори Камоли Хуҷандӣ;
- мушаххас намудани содагию равонӣ ва ҳамафаҳм будани ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ

**Мақсади дарс: хонандагон бояд:**

- Хонандагон услубу хусусиятҳои бадеӣ осори Камоли Хуҷандиро донанд;
- Фарқи ғазалҳои Камолро аз дигар шоирон аниқ гуфта тавонанд;
- Гуфта тавонанд, ки Камол аз кадом санъатҳои бадеӣ истифода бурдааст;
- Муҳокимаронӣ, хулосабарориҳою натиҷагириҳо, қиёсро ибтидоӣ бошад ҳам, сарфаҳм раванд;
- Доир ба ҳаёт ва паҳлӯҳои фаъолияти Камоли Хуҷандӣ иншо ё эссе навишта тавонанд.

**Маводди таълим:**

Китоби дарсӣ, “Таърихи адабиёти тоҷик”-и Холиқ Мирзозода, “Камоли Хуҷандӣ”-и Аълохон Афсаҳзод, варақаҳо, кластерҳо, саволномаҳои тестӣ. Ҳамчунин, маъмулан дар раванди дарс “расми шоир, асарҳои асосии ӯ, магнитофон бо сабти овози шоир, китоби дарсӣ ва дар ватман сабти гуфтаҳои шахсони маъруф доир ба шахсият ва волоияти эҷодиёти ӯ мавриди намоиш ва истифода қарор дода мешавад” [11, с. 136].

**Ҷараёни дарс:**

**Лаҳзаи оғози дарс** –назорати тозагии синф, риояи одоби муошират, ба ҳисоб гирифтани давомот ва ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**:

А) гурӯҳбандӣ карда, ба гурӯҳҳо номгузорӣ намуда шавад;

Б) порчаҳои шеърӣ ба хонандагон тақсим карда шавад, то онҳо онҳоро таҳлил намоянд ва луғатҳояшро шарҳ диҳанд;

В) гурӯҳҳо кластерҳо тартиб дода тавонанд ва доир ба ҳаёту фаъолияти шоирон ва адибони дигар маълумот дода тавонанд;

**Саволҳои умумӣ барои хонандагон:**

1. Мухтасар дар бораи лаҳзаҳои вопасин умри Камол нақл кунед.
2. Камоли Хуҷандӣ кай ва дар куҷо ба дунё омадааст?
3. Чаро Камол натавонистааст, ки ба ватани аҷдодиаш баргардад?
4. Дар бораи Тӯхтамишхон чӣ медонед?
5. Бо кадом мақсад Тӯхтамишхон Камолро ба Сарой бурдааст?
6. Аз харита шаҳри Саройро нишон диҳед.
7. Айни замон шаҳри Сарой чӣ ном дорад?
8. Чаро камол ба зодгоҳаш неву баргашта ба Табрез рафтааст?
9. Мероси адабии Каморо гуфта метавонед?
10. Дар гуфтани ғазал Камол ба киҳо пайравӣ кардааст?
11. Ҳофизи Шерозӣ Камоли Хуҷандиро мешинохт?
12. Дар бораи Хуҷандӣ будани худ Камол чӣ гуфтааст?
13. Чаро дигарон ба Хуҷандӣ будани Камол шубҳа доштанд?

**Баёни мавзуи нав:**

А. **Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон:**

Услуби ғазалсароии Камол хеле содаву равон ва оммафаҳм аст, вале ғазали Камол дорои маъниҳои баланди тарбиявӣ –ахлоқӣ мебошад. Бештар такя ба халқ намуда, барои тарбияи насли наврас як маводди тарбиявии хубу олиро офаридааст.

Камол дар ғазалҳояш ифтихор аз Ватан кардан, тамаъ накардан, сар хам накардан ва хулоса, ҳама ҷанбаҳои тарбияро талқин намудааст. Андешаҳои риндона дар ғазалиёти ӯ хеле зиёд ба чашм мерасанд. Бештар шоир ба зоҳид рӯ меорад ва таъкид мекунад, ки барои ба даст овардани Биҳишт кӯшиш намудан шарт аст. Бо номи Худоро ба забон овардану аз ӯ талаб намудан Худованд ҳамаро барои ту ба осонӣ муҳайё намекунад, яъне шоир гуфтанист, ки агар бандагон ҳаракат барои беҳбудии рӯзгори худро ба харҷ диҳанд, Худованд барояшон баракатро ба ризқу рӯзиашон ато мекунад.

Аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро,
Бо дигар кас ошноӣ хуш намеояд маро.
Гӯиям: “Рав! Султони вақти хеш бош!”
Баъди султонӣ гадоӣ хуш намеояд маро [5, с. 23].

Камоли Хуҷандӣ, ки бештари ашъорашро ғазал дар бар мегирад, қариб бо ҳамаи намудҳои санъати бадеӣ ғазал гуфтааст. Масалан, ғазали “Ту донӣ” дар санъати саволу ҷавоб сароида шудааст:

Рақиб гуфт: “ Ту донӣ, Камол, қимати ман?”
Бигуфтам: “Эй дили сахтат ба ғусса арзонӣ”.
Туро ба соҳили Уммон ба сад дирам бихаранд,
Барои лангаркиштӣ, ки бас гаронҷонӣ [4, с. 350].

Дар ғазали “Навбаҳорон зи гулам бӯйи ту хуш меояд” санъати ташбеҳ истифода шудааст ва ё дар дигар ғазалҳояш шоир санъатҳои киноя, муқобала, ташбеҳ, истиора, маҷоз ва ғайраҳоро истифода намудааст. (ин ғазалро дар боло аз худ карда будем).

Камоли Хуҷандӣ дар ашъори худ аз ташбеҳу истиора, муболиға, тазоду таҷнис ва дигар воситаҳои тасвири бадеӣ нодиракорона истифода намуда, ба таносуби сухан низ диққат мегуморад. Дар байти зер маҳбуба ҳам ба шаҳ ва ҳам ба шаҳи шатранҷ ташбеҳ дода шудааст:

Ба чӣ мансуба надонам, ки баремат ба висоқ,
Ту шаҳӣ, менатавон бурд ба бозӣ шаҳро [2, с. 35].

Камол ба воситаи муболиға, иғроқ ва ғулув воқеаву ҳодисаҳоро барҷастатар тасвир менамояд. Барои намуна ин байтро мулоҳиза фармоед:

Бодбезан чун касе бар мани бемор занад,
Аз заифӣ чу магас бод барад пайкари ман [4, с. 199].

Дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ аксар санъатҳои гуногуни лафзию маънавӣ, радиф ва забон дар якҷоягӣ ҳусни олии ғазалро ба вуҷуд оварда, ҷиҳатҳои эмосионалии гуфтаҳои шоирро барҷастатар ифода менамояд. Масалан, дар ғазали зер радифи «Гуфт, ки ҳарду» ташбеҳоти дақиқ, тазоду муқобила ва муболиғаҳои гузаро, ки дар назари аввал аз ҳамдигар аз замин то ба осмон фарқ доранд, байтҳоро муттаҳид намуда, ба ғазал оҳангу таровати махсусе мебахшад, ки дар натиҷа анъанавӣ будани ташбеҳу истиораҳоро касе пайхас карда наметавонад:

Гуфтам: Малакӣ ё башарӣ?- Гуфт, ки ҳар ду,
« Кони намакӣ ё шакарӣ ?» - Гуфт, ки ҳар ду.
Гуфтам: « Ба латофат гулӣ, эй сарви қабопӯш,
Ё найшакарӣ, ё гуҳарӣ ?» - Гуфт, ки ҳар ду.
Гуфтам: « Ба хати сабзу лаби лаъли равонбахш,
Оби Хизирӣ ё Хизирӣ ?» - Гуфт, ки ҳар ду.
Гуфтам: « Ба ҷабине, ки ба он рӯй тавон дид,
Ё ойинаӣ, ё қамарӣ ?» - Гуфт, ки ҳар ду.
Гуфтам: « Дили моӣ, ки надонем куҷоӣ ,
Ё дидаи аҳли назарӣ ?» - Гуфт, ки ҳар ду.
Гуфтам, ки ба як ишва рабоӣ зи сарам ақл,
Ё ҳуши манн аз тан бибарӣ ? - Гуфт, ки ҳар ду.
Гуфтам: «Зи Камоли ту чунин бехабару бас ,
Ё худ зи ҷаҳон бехабарӣ ?» - Гуфт, ки ҳар ду [5, с. 398].

«Дар аксарияти байтҳои Камол санъати лутф, яъне ба мавқеъ ва устодона ба кор бурдани суханҳои ду ё чанд маънидор зиёд дида мешаванд» (А.Деҳотӣ. саҳ 37).

Намунае чанд аз ин байтҳо:

Гуфтам: Давои дарди диламро хате навис,
Гуфто: Даво-т чун бинависам, давот нест [5, с. 78]

Дар ин байт калимаи «давот» аввал ба маъноӣ «давои ту» омада бо «давот» (сиёҳидон) таҷнис карда шудааст, вале дар мавриди дуюм калимаи мазкур якбора ҳар ду маъноро низ ифода мекунад.

Дар байти зерин калимаи «ҷигар» дар мисраи дуввум ду маъно – маънои аслӣ ва «нотарсӣ»-ро ифода карда ба василаи маънои дуюм ба калимаи «ҷигар»-и мисраи якум таҷнисро ташкил кардааст.

Гуфтӣ: Бизанам бар ҷигарат тири ҷафое,
Аз тир натарсам, ки маро ҳам ҷигаре ҳаст [5, с. 144].

Дар байти поён бошад «вафот» дар ҳар ду мисраъ ҳам ба ду маъно – «вафоят» ва «марг» истифода шуда, бо маъноҳои духӯра дар ҳар ду мисраъ санъати лутфро ташкил мекунад:

Камол ҷон ба лаб овард бар умеди вафо-т,
Дилаш бичӯй, ки вақти вафот наздик аст [5, с. 82].

Камол на танҳо санъати сачъ ва лутфро зиёд ба кор мебарад, балки санъати иҳом низ аз санъатҳои дӯстдоштаи ӯст. Бисёр байтҳои ӯ дар баробари маънои наздик маънои дурр ҳам доранд, ки барои ин танҳо овардани байти зайл кофист:

То ғам нахӯрду дард, наяфзуд қадри мард,
То лаъл хун накард ҷигар, қимате наёфт [5, с. 74].

Бо хуни ҷигар лаъл гардидани санг маънои бо заҳмати зиёд ба мақсад расиданро дорад.

Дар ғазали “Ошӯби ҷонӣ” се санъати бадеӣ истифода шудаанд: тавсиф, такрор, саволу ҷавоб. Калимаҳои “ошӯби ҷон, шӯхи ҷаҳон, беэътиқод, номеҳрубон” чун шаддаҳои марҷон ва дурру марворид бамаврид омада, матлаи ғазалро рангин, дилнишин ва зебою равон намудаанд. Дар байтҳои дуюму сеюм санъати тазод ҳолати руҳӣ, дунёи ботинии қаҳрамони лирикӣ (шоир)-ро нисбати маъшуқа ифшо кардааст. Боз дар ҳамин байтҳо шоир ба

тарзи саволу ҷавоб ҳолати хеш ва ёри бевафои худро хеле табиӣ ва шоирона ба қалам додааст. Камол дар мақтаи ғазал аз рафтору номеҳрубонии дилдодаи хеш ошуфтаю малоли хотир шуда мегӯяд, ки агар аз ман малоли хотир шуда бошӣ, ман бо оби чашму оҳу нола аз наздат меравам. Ғазал бо санъати ҳусни мақтаъ ҷамъбаст гардидааст.( Ин ғазалро низ дар дарсҳои гузашта омӯхта будем)

Б. **Ангезиши зеҳн:**

Хонандагон бояд шумо донед, ки бештари ғазалиёти камоли Хуҷандиро ҳофизону мутрибон дар ҳама давру замон ба оҳанг дароварда, бо оҳанги “Шашмақом” замзама мекунанд.

Устод Айнӣ дар “Ёддоштҳо”-яш бо камоли эҳтиром ва самимият дар бораи хушоҳангию равонӣ оммафаҳм будани ғазалиёти Камол чунин гуфтаанд:

“Дар асри XIX дар Самарқанду Бухоро халқи одӣ ба ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ меҳру муҳаббати хосса доштанд. Бахусус, ҳофизи бузург ва мардумии он давра Ҳоҷӣ Абдулазиз бо як маҳорати фавқуллода ғазалҳои Камоли Хуҷандиро ба “Шашмақом” дароварда месароид ва мардум аз таассуроти ин гуна ғазалу мусиқӣ як ҷаҳон ҳаловат мебурданд” [7, с. 217].

**Супориш ба гурӯҳи 1.** Хонандагони гурӯҳи 1-ум бояд ёбанд, ки кадом шашмақомсароёни машҳур ғазалҳои Камолро сароидаанд.

**Супориш ба гурӯҳи 2.** Дастрас намудани ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ, ки бо оҳанги "Шашмақом" сароида шудааст.

**Супориш ба гурӯҳи 3.** Дастрас намудани ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ дар иҷрои ҳофизон ва мутрибони эстрадаи тоҷик.

Мақсади дарс аз он иборат аст, ки хонандагон бояд донанд, ки Камоли Хуҷандӣ низ дар пайравии дигар адибони классик аз истифода бурдани таъбир, зарбулмасал ва мақоли халқӣ дар эҷодиёти худ қафо намондааст. Дар ғазалсароӣ беҳамто буда, дар истифода намудани таъбир, зарбулмасал ва мақоли халқӣ низ маҳорати фавқуллода доштааст.

Вақте ғазали "Ёри гандумгун"-ро мехонӣ гумон мекунӣ, ки суруди халқиеро мутолиа дорӣ ва дар ин ғазали худ Камол аз истифодаи мақоли халқӣ худдорӣ накардааст:

Ёри гандумгуни ман, гӯ, рӯйи гандумгун бипӯш,
В-арна хоҳад сӯхт хирман ҳар киро ақл асту ҳуш [5, с. 323].

Ошиқ аз маъшуқааш илтиҷо мекунад, ки ҳусну ҷамоли худодашро, ки хирмансӯз аст, пинҳон кунад, зеро агар ин корро накунад дилро ва ҳама тару хушкро месӯзонад.

Рӯйи гандумгун намуду ҷони мо як ҷав фурӯхт,
Аз чӣ шуд ёр инчунин гандумнамои ҷавфурӯш [5, с. 323].

Дар байти дуввум шоир ба ёр мурочиат карда мегӯяд, ки олиҳаи ӯ суханони ошиқро гӯш накард, ба инобат нагирифт ва ҷони ширини ӯро (ошиқро) ба ҳусну ҷамоли худ сӯзонд. Камол барои пурра кардани фикраш, барои ҷазобу ширин баромадани суханаш аз мақоли халқии "Гандумнамои ҷавфурӯш" –ро истифода кардааст.

Инчунин, дар ғазали "Ид шуд" калимаи дӯстро рамзӣ нишон додааст.

Дар асл ин ғазал тараннумгари ишқи илоҳӣ аст:

Ид шуд, хоҳем дидан моҳ, яъне рӯйи дӯст,
Рӯзадорон моҳи нав бинанду мо абрӯи дӯст [5, с. 121].
Роҳ паймуд басе дар талаби дӯст Камол,
Дӯст дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем [9, с. 211].

Камоли Хуҷандӣ дар ин ғазали худ гуфтааст: Дӯсте, ки дар талаби он аст, ин Худо мебошад. Қаҳрамони лирикӣ дар талаб ва ҷустуҷӯйи Худованд аст. Вале пай намебарад, ки дӯст дар хонаи ӯст, яъне дар дилу имони ӯст, вале ӯ саргардони ҷустани он аст. Дар ин ҷо аз мақоли халқии

"Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем,
Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем" [9, с. 212].

дуруст ва хеле мувофиқ ҳам истифода намудааст.

Муаллим дар лаҳзаи фаҳмонидани назарияи адабиёт такя ба ашъори худи шоир намуда, санъатҳои истифодашударо бо овардани намунаҳо ба хонандагон мефаҳмонад.

Масалан: Камоли Хуҷандӣ аз шоиронест, ки дар асарҳои худ мувофиқи мавзуъ ва талаботи жанр ва боигарии забони зиндаи гуфтугӯи халқ фаровон истифода бурдааст. Ӯ забони шеъри классикиро ба забони гуфтугӯи халқ хеле наздик кардааст. Аз ашъори шоир гуфтугӯ ва тарзи баёни халқи одиро эҳсос менамоем. Дар осори Камоли Хуҷандӣ калимаву ифода ва таъбирҳои халқӣ пай дар пай ва мунтазам мавриди истифода қарор гирифтаанд. Чунон ки аз осори Камоли Хуҷандӣ дида мешавад, шоир барои боз ҳам бештар содаву

табиӣ ва ба халқ наздику фаҳмо гардидани шеър ба забони гуфтугӯии халқ мурочиат намудааст. Дар натиҷа забони осори Камоли Хуҷандӣ аз ҳар ҷиҳат бой ва рангину шавқангез гардидааст. Дар кор фармудани мақолу зарбулмасалҳо Камол назир надорад. Қариб дар тамоми ғазалҳои ӯ як-ду ва ҳатто се- чаҳор мақолу зарбулмасал истифода шудааст, ки дар осори ягон адиб ин миқдор мақолу зарбулмасал истеъмол нашудааст.

Байтҳои поён ҳам маҳорати Камолро дар кор фармудани мақолу зарбулмасалҳо нишон медиҳад:

Дил зи зулфу холи хубон тираву ошуфта аст,
Хонаро чун дӯст бону, лоҷарам норӯфта аст [5, с. 94].
Бистонд рақибам сари зулфат зи кафу рафт,
Нав шуд масали куҳна, ки хар рафту расан бурд [2, с. 40].
Ё дӯст гузин , Камол, ё ҷон,
«Як хона ду меҳмон нағунҷад» [5, с. 200].

Ба хонандагон аз девони Камол ғазалҳои алоҳида пешниҳод карда мешавад ва бояд онҳо аз ин ғазалҳо таъбир, мақол ва зарбулмасалҳои халқиро ҷустуҷӯ намуда ёбанд.

**Супориш ба гурӯҳи 1.** Хонандагони гурӯҳи 1-ум аз се ғазали Камоли Хуҷандӣ таъбир, мақол ва зарбулмасалҳои халқиро ёбед;

**Супориш ба гурӯҳи 2.** Ёфтани маъноҳои зарбулмасалу мақолҳои халқие,ки дар се ғазали Камоли Хуҷандӣ истифода шудааст?

**Супориш ба гурӯҳи 3.** Таҳлили ғазали "Хуш меояд".

Саволҳои умумӣ:

**Кадом таъбир ва зарбулмасалу мақолҳои халқӣ дар осори Камоли Хуҷандӣ дастраси шумо гардид?**

**Ҷамъбаст ва арзёбии мавзуъ:** эълони баҳо дар вақташ бояд гузаронида шавад; баҳогузорӣ ба фаъолияти гурӯҳҳо ва хонандагони алоҳида.

**Вазифаи хонагӣ:** Хондани саҳифаи 212-218. Ёфтани таъбир ва зарбулмасалу мақолҳои халқӣ аз осори Камоли Хуҷандӣ ва тартиб додани кластерҳо оиди ин мавзуъ.

Баъд аз иҷроиши соатҳои таълимие, ки дар барнома дода шудааст, муаллим ҳатман аз хонандагон як эссе (иншои синфӣ ва ё хонагӣ) доир ба мавзуъҳои додашуда мегирад.

Инкишофи нутқи даҳонӣ ва хаттӣ , тарбияи малакаи ибораю ҷумласозӣ ва содаву равон ифода кардани фикр аз вазифаҳои асосии дарсҳои адабиёт ба шумор мераванд. Дарси адабиёт дар як вақт дарси инкишофи тафаккур, нутқ, малака ва маҳорат аст.

Бояд гуфт, ки сифати нутқи даҳонӣ ва хаттӣ ба дараҷаи омӯзиш ва таҳлили асар вобаста аст. Асари бадеӣ чӣ қадаре, ки ҳарҷонибатар таҳлил ёбад, моҳияти иҷтимоӣ ва ғоявию бадеии он равшан карда шавад, корҳои хаттие, ки аз рӯи он гузаронида мешаванд, натиҷанок мегарданд.

Дар баробари ин баъди омӯзиши мавзуъҳои таълимӣ ба миқдори ду соат иншои санҷишӣ гирифта мешавад. Бояд гуфт, ки иншои хонандагони синфи IX доир ба эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ гуногун мешавад: **«Тасвири Ватан дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ», «Таҳлили ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ », «Камол шоири худшинос ва Ватандӯст»** ва монанди инҳо. Чунин мавзуъҳо ба муаллим имконият медиҳад, ки ба воситаи корҳои гуногуни хаттӣ донишу маҳорат ва малакаи хонандагонро доир ба эҷодиёти шоир такрор ва мустаҳкам намояд. Хонандагони синфи IX доир ба эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ камаш ду кори хаттӣ менависанд: як иншои хонагӣ ва як иншои синфӣ (ҳоло бошад эссе). Иншои хонагиро дар ҷараёни омӯзиши эҷодиёти шоир чун кори мустақилона дар хона иҷро мекунанд. Иншои санҷишӣ бошад, дар поёни мавзуи монографӣ дар синф дар ҷараёни ду соат гузаронида мешавад.

Чунон ки аз натиҷаи таҷрибаи омӯзгорони пешқадам маълум гардидааст, дар синфҳои болоии мактаби миёна дар як дарси ду соатаи кори хаттӣ дар ду-се мавзуъ пешниҳод намуда, гузаронидани иншо хеле қулай ва ба мақсад мувофиқ аст. Масалан, муаллим доир ба эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ се мавзуъ пешниҳод намуда, ба хонандагон мефармояд, ки дар яке аз ин мавзуъ иншо нависанд. Азбаски интихоби мавзуъҳо ихтиёрист, хонандагон дар мавзуъҳои дилхоҳи худ иншо менависанд.

Муаллим пеш аз интихоби мавзуъ бо хонандагон суҳбати муқаддимавӣ гузаронида, хусусияти мавзуъҳои пешниҳодшударо эзоҳ дода мегузарад. Инчунин барои фикр кардан ва интихоби мавзуъ вақт ҷудо карда мешавад.

Тайёрӣ ба навиштани кори хаттиро аз соатҳои аввали омӯзиши мавзуъҳои монографӣ сар кардан лозим аст. Дар ҷараёни кори хаттӣ низ ёрии муаллим зарур аст. Муаллим байни қаторҳои миз гардиш карда, рафти кори синфро аз назар мегузаронад ва ба хонандагони сустхон бо маслиҳат ёрӣ расонида меистад.

Дар охири дарс корҳои хаттии хонандагон ҷамъ карда мешавад.Таҳлили корҳои хаттӣ дар қисми аввали дарси навбатӣ ва ё берун аз ҷадвали дарсҳо дар машғулиятҳои иловагӣ мегузарад. Дар ин гуна дарсҳо ҳангоми таҳлили корҳои хаттӣ қоидаҳои грамматикӣ хотиррасон карда мешавад.

Дар ин дарс муаллим доир ба нақшаи кор, мазмуни кор, саводнокӣ ва услуб мухтасар истода мегузарад. Баъди ин ба хонандагон дафтарҳоеро , ки тафтиш карда шудаанд, супурда, ҳангоми эзоҳи хатоҳо, қоидаҳо шарҳу эзоҳ дода мешаванд. Хонандагон дар зери назорати муаллим хатоҳои худро ислоҳ мекунанд. Муаллим хонандагони ҷудогонаро ба назди тахтаи синф даъват намуда, ҷумлаҳои услубан вайронро нависондаву ислоҳ мекунад.

Муаллим метавонад барои аз ёд набаровардани ҳаёт ва эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ аз намунаи саволҳои зер истифода барад.

1. Ҳофизи Шерозӣ ба кадом ғазали Камол баҳои баланд додааст? Аз он порчаеро қироат намоед.

2. Доир ба ҷанбаҳои мавзуи ғазали Камол чӣ медонед?
3. Оё Камол ишқи замининро дар ғазалҳои худ тараннум кардааст? Мисол оред.
4. Камол оид ба ишқи илоҳӣ ё ғазали ирфонӣ чизе гуфтааст? Агар гуфта бошад барои исботи он мисолҳо оред.
5. Ғазали “Ошӯби ҷонӣ” аз кадом ҷиҳат ба сурудаҳои халқӣ монандӣ дорад?
6. Ғазали “Ошӯби ҷонӣ”-ро аз ёд қироат намоед.
7. Камол бо Саъдӣ ва Ҳофизи Шерозӣ чӣ гуна муносибат дошт?
8. Камоли Хуҷандӣ оё шоири ватандӯсту худшинос аст?
9. Ватанашро дар ғазалиёташ чӣ гуна васф намудааст?
10. Бо мисолҳои мушаххас фикрҳои ватандӯстонаи Камолро исбот намоед.
11. Чаро Камол Шерозро бо Хуҷанд муқоиса кардааст? Мақсади шоир дар чист?
12. Ба чӣ мақсад шоир мегӯяд: “Бовар намекунанд, ки гӯям хуҷандиям”?
13. Чаро Камол ба Табрез он қадар меҳр баста буд ва онро дар ғазалҳояш васф кардааст?
14. Бисотӣ ном шоири дарборӣ Камолро таҳқир кардааст. Оё шумо дар ин бора маълумоте доред? Агар дошта бошед он ҳикояро ба тафсил нақл кунед.
15. “Дасти султонон намебӯсад Камол”- гуфтани шоир чӣ маъно дорад?
16. Чаро ғазалиёти Камол дар байни мардум маҳбубият пайдо кардааст?
17. Гуфтаҳои Айниро дар бораи Камоли Хуҷандӣ ба хотир оварда метавонед?
18. Кадом мақомсароён ғазалҳои Камоли Хуҷандиро бо оҳанги “Шашмақом” сароидаанд?
19. Ғазалҳои машҳури Камолро, ки аз тарафи шашмақомсароён суруда шудаанд номбар кунед.
20. Аз сарояндагон ва мутрибони имрӯза киҳо ба ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ оҳанг бастаанд ва онро сароидаанд?
21. Сарояндаи мардумии асри XIX, ки ғазалҳои Камолро бо оҳанги “Шашмақом” сароидааст кӣ буд?
22. Оё Камол дар ғазалҳояш аз таъбир, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ истифода намудааст?
23. Мақоли халқии “Гандумнамои ҷавфурӯш” чӣ маъно дорад ва онро Камол дар кадом ғазали худ истифода намудааст?
24. Мақоли халқии “Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем,Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем” дар ғазали Камол ба шумо вохӯрдааст?
25. “Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем, Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем” – мақолро Камол чаро истифода намудааст? Мақсади шоирро гӯед.
26. Дар бораи санъатҳои бадеие, ки Камол дар ғазалиёташ бештар истифода намудааст маълумот диҳед.
27. Дар ғазали “Навбаҳорон зи гулам бӯйи ту хуш меояд” кадом санъатҳои бадеӣ истифода шудааст?
28. Дар ғазали “Ошӯби ҷонӣ” бештар се санъати бадеӣ истифода гардидааст. Онҳоро номбар карда метавонед?
29. Оё Камол дар ғазалҳои худ аз санъати саволу ҷавоб истифода бурда тавонистааст? Бо мисол фикратонро исбот намоед.
30. Дар бораи он шоироне, ки ба бозии шоҳмот машғуланд чизе медонед?
31. Камоли Хуҷандӣ низ ба бозии шоҳмот майл доштааст. Онро дар эҷодиёташ дар ягон ҷой истифода намудааст?
32. Шатранҷе, ки Камол дар мавридҳои мувофиқ истифода намудааст ба кадом маънӣ омадааст?
33. Дар бораи Камоли Хуҷандӣ ва эҷодиёти ӯ барои худатон чизе гирифта тавонистед?
34. Оё дар навиштани иншо оид ба эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ ба душворӣ рӯбарӯ намешавед?
35. Камол дар бораи мутрибон ва оҳангсозон чӣ ақида дорад? Муносибаташ бо онҳо чӣ гуна аст?

Ҳамин тавр, Камоли Хуҷандӣ дар таърихи адабиёти тоҷик на танҳо шоири тараққидиҳандаи соҳаҳои гуногуни назм ва навовар мебошад, балки ӯ ҳамчун шоир ифодакунандаи барҷастаи ғояҳои табақаҳои меҳнатӣ , инчунин дар назм дохилкунандаи хусусиятҳои зиндатарини забони халқ намоён мегардад. Аз ин рӯ Камоли Хуҷандӣ дар таърихи адабиёти тоҷик мавқеи калонро ишғол менамояд.

Таълими ҳаёт ва фаъолияти Камоли Хуҷандӣ дар синфҳои VII-IX худ ба худ пайдо нашудааст, балки он дар асоси ҷустуҷӯҳои пайвастаи афкори педагогӣ ва методӣ сар задааст, ки дар он фаъолонидани ҷараёни дарс, мустаҳкам намудани алоқаи таълим ба ҳаёти гузаштаву имрӯзаи халқ, ташаккули назари шахсии хонанда, маҳаки асосӣ ва ҷиҳати зарурӣ ба шумор меравад.

Омӯзиши “Таълими хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ дар синфи 9” як қисмати таркибии фаъолгардонии ҷараёни дарси ҳозиразамон аст, ки муаллим бо ин роҳ ҷаҳонфаҳмиву ҳисси зебопарастии хонандаро ташаккулу такомул дода, роҳҳои беҳтару амиқтар ва чукуру ҳаматарафа дарк намудан ва аз худ кардани мавзуъро пеш мегузорад.

Муаллими тачрибадор дар ҳар лаҳзаи дарс метавонад бо овардани намунаҳои ғазалҳои пурмазмуни шоир хонандаро дар руҳияи омӯхтани илму ҳунар, ба сабру тааммул, нотарсӣ, қаноату шуҷоатмандӣ, вафодорию садоқатмандӣ, меҳнатдӯстӣ ва ғайраҳо ҳидоят намояд.

***Адабиёт***


1. *Аминов, А. Иншо дар мактаби миёна / А. Аминов, З. Воҳидов. – Душанбе: Маориф, 1985. – 120 с.*
2. *Афзаҳзод, А. Камоли Хуҷандӣ / А. Афсаҳзод. - Душанбе: Дониш, 1976. - 40 с.*
3. *Барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои V- XI / Таҳиякунанда: У. Тоиров. - Душанбе: Маориф, 2007. - 71 с.*
4. *Камоли Хуҷандӣ. Девон. Иборат аз ду ҷилд / Тартибдиҳандагон: Ш. Ҳусейнзода, Н. Қаҳҳорова, С. Асадуллоев. - Душанбе: Ирфон, 1984. - 464 с.*
5. *Камоли Хуҷандӣ. Девон. Силсилаи Ахтарони адаб. Ҷ. 30 / Бо муқаддима, таҳия ва тасҳеҳи Б. Мақсудов. – Душанбе: Адиб, 2015. - 480 с.*
6. *Мақсудов, Б. Чанд шеъри тозаи Камоли Хуҷандӣ / Б. Мақсудов // Омӯзгор. – 1989. – 3 октябр. – С. 9.*
7. *Мирзоди, М. Адабиёти тоҷик барои синфи 9 (китоби дарсӣ) / М. Мирзод, Д. Сунатуллоҳ. - Душанбе, 2009. - 367 с.*
8. *Миров, Т. Методикаи таълими адабиёти тоҷик / Т. Миров, Қ. Хоҷаев, Ш. Исломов Ш. – Душанбе, 1991. – 214 с.*
9. *Сайфиев, Н. Таърихи адабиёти тоҷик / Н. Сайфиев. - Душанбе: Бухоро, 2012. – 442 с.*
10. *Тоиров, У. Адабиёти тоҷик барои синфи 7 (китоби дарсӣ) / У. Тоиров, М. Солеҳов, Н. Ширинзода. - Душанбе: Маориф, 2018. - 278 с.*
11. *Турсунова, М. Таълими тарҷумаи ҳоли Лоиқ Шералӣ дар синфи XI / М. Турсунова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2012. – № 4(47). – С. 135-139.*


## ТАЪЛИМИ ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ ҒАЗАЛИЁТИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ ДАР СИНФИ 9


Мақолаи мазкур ба яке аз мавзуъҳои муҳим дар таълими адабиёт, яъне «Таълими хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ дар синфи 9» бахшида шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки мебояд ба ин мавзуъ дар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ таваҷҷуҳи бештар дод. Чунки норасоии маълумот дар бораи хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ дар барномаҳои таълимӣ боиси он мегардад, ки на ҳама муаллимон ин мавзуъро ба таври бояду шояд ба шогирдон муаррифӣ мекунанд. Зарурати ҷудо кардани соатҳои махсус барои таълими ин мавзуъ дар раванди омӯзиши таҳлили хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ асоснок карда шудааст. Ҳамзамон зарурати таваҷҷуҳ ба тачрибаи таълими ин мавзуъ дар синфҳои болоӣ зикр шуда, намунаҳои мушаххаси дарсҳо пешниҳод мешаванд, ки дар онҳо хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ таҳлил меёбанд. Муаллиф усулҳои гуногуни таълим, аз қабили мубоҳиса, нақл, таҳлили ғазалро аз руйи истифодаи санъатҳои бадеӣ истифода мебарад.



**Калидвожаҳо:** хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ, таълими адабиёт, ғазал, санъатҳои бадеӣ, зарбулмасалу мақол, ватандӯстӣ, усулҳои таълим, шеър, дарс, муносибати босалоҳият.


## ОБУЧЕНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫМ ОСОБЕННОСТЯМ ГАЗЕЛЕЙ КАМОЛА ХУДЖАНДИ В 9 КЛАССЕ


Данная статья посвящена одной из важных тем в преподавании литературы — «Обучению художественным особенностям газелей Камола Худжанди в 9 классе». Автор подчёркивает, что этому вопросу необходимо уделять больше внимания в учебных программах и учебниках. Недостаток информации о художественных особенностях газелей Камола Худжанди в учебных программах приводит к тому, что не все учителя представляют эту тему ученикам должным образом. Обосновывается необходимость выделения специальных часов для изучения данной темы в процессе анализа художественных особенностей газелей Камола Худжанди. В то же время отмечается важность внимания к опыту преподавания этой темы в старших классах и предлагаются конкретные примеры уроков, в которых анализируются художественные особенности газелей Камола Худжанди.

Автор использует различные методы обучения, такие как дискуссия, пересказ, а также анализ газели с точки зрения использования художественных средств (поэтических фигур).

**Ключевые слова:** художественные особенности газелей Камола Худжанди, преподавание литературы, газель, художественные средства (поэтические фигуры), пословицы и поговорки, патриотизм, методы обучения, стихотворение, урок, компетентностный подход.

## TEACHING THE ARTISTIC FEATURES OF KAMOL KHUJANDI'S GHAZALS IN GRADE 9

This article is dedicated to one of the important topics in literature education, namely "Teaching the artistic features of Kamol Khujandi's ghazals in grade 9". The author emphasizes that more attention should be paid to this topic in curricula and textbooks. The lack of information about the artistic features of Kamol Khujandi's ghazals in educational programs results in not all teachers presenting this topic to students properly. The necessity of allocating specific hours for teaching this topic within the process of analyzing the artistic features of Kamol Khujandi's ghazals is justified. At the same time, the need to focus on the experience of teaching this topic in high school is mentioned, and concrete examples of lessons analyzing the artistic features of Kamol Khujandi's ghazals are provided. The author utilizes various teaching methods, such as discussion, narration, and the analysis of ghazals based on the use of literary devices (rhetorical figures).

**Keywords:** artistic features of Kamol Khujandi's ghazals, literature teaching, ghazal, literary devices, proverbs and sayings, patriotism, teaching methods, poem, lesson, competency-based approach.

***Дар бораи муаллиф***
*Турсунова Мунаввара Аъзамовна*
*Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: omuzgori22@gmail.com*

***Об авторе***
*Турсунова Мунаввара Аъзамовна*
*Кандидат филологических наук, доцент кафедры методики преподавания языка и литературы*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: omuzgori22@gmail.com*

***About the author***
*Tursunova Munavvara A'zamovna*
*Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Language and Literature*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: omuzgori22@gmail.com*

ТДУ 372.882

# УСУЛИ ТАЪЛИМИ РОМАНИ «ҒУЛОМОН»-И С. АЙНӢ ДАР КУРСИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТ

***Юлдошева З. И.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Зинаи охири омӯзиши фанни адабиёт дар МТМУ курси таърихи адабиёт, яъне синфҳои VIII-XI мебошад, ки дар ин зина осори бадеӣ бояд ҳаматараф таълим дода шавад. Дар барномаи таълими адабиёт дар мактаб омӯзиши масъалаҳои назарияи адабиёт бо мавзуъҳои адабӣ ҳамроҳ бо роҳ монда мешавад. М. Аҳмадов, ки дар китоби худ «Таълими адабиёти тоҷик» методикаи таълими романро дар мисоли романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ баррасӣ намудааст, дар ин масъала менависад: «Мувофиқи талаботи барномаи таълим омӯзиши масъалаҳои назарии адабиёт тавъам бо мавзуъҳои адабӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ҳамин асос, омӯзгор дар доираи масъалаҳои назарӣ баробари таълими романи «Ғуломон»-и устод Айнӣ перомуни жанри роман маълумот медиҳад» [1, с. 48]. Воқеан тибқи барномаи таълимӣ, романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ аввалин роман аст, ки барои таълим пешниҳод шудааст. Вале бояд таъкид кард, ки аввалин роман дар адабиёти муосири тоҷик романи «Дохунда»-и С. Айнӣ мебошад ва муаллифони барнома бе пешниҳоди соати таълими романи «Дохунда»-и С. Айниро пеш аз омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти адиб, ҳангоми таълими жанри роман салоҳ донистаанд. Аз ин рӯ бояд хонандагон пеш аз таҳлили романи мазкур дар бораи жанри роман маълумот дошта бошанд, зеро бе донистани чигунагии жанри роман ва мушаххасоти он, дарки ин ё он роман он аз имкон берун аст. Дар барномаи синфи XI баъд аз омӯзиши «Адабиёти Шуравӣ» ва пеш аз омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти «Садриддин Айнӣ» таълими жанри роман пешниҳод шуда, вале соат муқаррар нашудааст: «Маъно ва мафҳуми роман, пайдоиши навъи адабии роман. Хусусиятҳои роман аз ҷиҳати сужет, образҳо, вусъати воқеаҳо. Романи «Дохунда»-и С. Айнӣ: оғози асар, гиреҳбандӣ, банду баст, амалиёт, гиреҳкушоӣ, анҷом, қаҳрамонони асар» [2, с. 63].

Омӯзгор мувофиқи салоҳдиди худ жанри романро ё баъд аз баррасии адабиёти Шуравӣ ва дар дохили соати ба ин мавзуъ ихтисос дода шуда ва ё пеш аз таълими ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ таълим медиҳад. Озмоишҳои педагогӣ ва таҷрибаҳо нишон доданд, ки таълими жанри романро тавъам бо таълими романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ ва дар муқоиса бо романи «Дохунда»-и ӯ ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст. Ин амал имкон медиҳад ҳам талаботи барнома, ки барои таълими жанри роман дар мисоли «Дохунда»-и С. Айнӣ соат ҷудо нашудааст, иҷро гардад ва ҳам хонандагон пеш аз омӯзиши романи «Ғуломон» аз мушаххасоти жанри роман огоҳ шаванд. Қобили зикр аст, ки методисти варзидаи тоҷик Ш. Исломов дар рисолаи «Таълими достонҳои лироэпикӣ дар синфҳои IX-X» [3], ки як тадқиқоти фундаменталӣ дар методикаи таълими адабиёти форсу тоҷик мебошад ва ҳамчунин дар мақолаи методиаш, монанди «Таълими «Хирадномаи искандарӣ»-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 1X» [4] дар муқоиса таълим додани асарҳои ҳамосиро роҳи хуби даст ёфтани хонандагон ба дониш, дарки асар ва хулосабарорӣ медонад. Воқеан, дар ин рисола ва мақолаҳои муҳаққиқ, ки бо дарназардошти методҳои таҳқиқотӣ, ҷустуҷӯӣ ва муқоиса таҳррезӣ шуда, ба андеша водор намудани хонандагон, ҷустуҷӯ бо воситаи муқоиса ва ба даст овардани донишу маълумот ва бардошту хулосабарорӣ маҳаки корро ташкил медиҳанд, ки аксари тавсияҳои методии он ҷавобгӯ ба талаботи МБТ мебошанд.

Тибқи талаботи МБ омӯзгор доир ба масъалаи жанри роман ба хонадагон ҳамон маълумотеро бояд пешниҳод кунад, ки онҳо ба шинохти жанри мазкур ва дарки асарҳое, ки дар ин жанр иншо шудаанд, ёрӣ расонад. Хонандагон дар синфҳои поёнӣ доир ба ҷинсҳои адабӣ, монанди ҷинсҳои лирикӣ, ҳамосӣ ва драмавӣ огоҳанд ва медонанд, ки ба ҳар як ҷинси адабӣ кадом жанҳо дохил мешаванд. Пурсиши ин савол аз хонандагон, ки ба ҷинси ҳамоса кадом жанрҳои адабӣ дохил мешаванд, аз фоида холӣ нест. Ҳамчунин таъкиди ин нукта, ки дар баробари жанрҳои латифа, ҳикоя, афсона, қисса, достон, ёддошт, роман низ аз жанрҳои маъруфи ҷинси ҳамосист, муфид буда метавонад. Барои фаҳмондани хусусиятҳои асосии жанри роман бояд онро дар муқоиса бо дигар жанри ҳамосӣ таълим дод, зеро, ба гуфтаи педагоги шаҳир К.Д. Ушинский, «ҳама чизро дар олам танҳо бо воситаи муқоиса кардан дарк мекунем» [9, с. 448]. Масалан, романро ба повест (қисса) ва ё ҳикоя дар муқоиса фаҳмондан мумкин аст. Хонандагони синфи XI албатта, як ё ду-се қиссаву ҳикоя, повест ё роман

хондаанд. Асарҳои хондаи худи хонандагонро дар муқоиса кашидан аҳаммияти бештар дорад ва онҳоро ба дарки масъала мерасонад.

Яке аз фарқиятҳои асосии роман аз дигар жанрҳои ҳамосӣ дар он аст, ки замону макон дар роман нисбат ба дигар жанрҳои ҳамосӣ пурвусъату фарох буда, солҳои зиёд, ҳатто асрҳоро фаро мегирад. Масалан, романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ ҳодисаҳои таърихи беш аз 100 соли халқи тоҷикро, ки дар маҳалҳои гуногуни Мовароуннаҳру Хуросон рӯй додаанд, фаро мегирад ва дар он персанажҳои зиёде иштирок мекунанд. Аммо дар қисса ё ҳуд повест як ё ду-се ҳодисаи ба ҳам алоқаманд дар замони нисбатан кӯтоҳ тасвир меёбанд ва персанажҳо низ хеле камтар аз романанд. Вуқуи воқеаҳо ва ҷарайёни ҳодисаҳо дар романҳо низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, дар романи «Дохунда» ҳодисаҳои солҳои охири Аморати Бухоро ва солҳои аввали Инқилоб дар саргузашти Ёдгор, ки қаҳрамони асосист ва дигар персонажҳо, ки барои кушодани амалиёти образи асосӣ хидмат мекунанд, тавсир ёфтаанд. Макони тасвири воқеаҳо ҳам дар романи «Дохунда» нисбат ба романи «Ғуломон» маҳдудтар аст. Барои дарки дурусти жанри роман хонандагон бояд муҳимтарин хусусиятҳои онро донанд. Роман ба гурӯҳи жанрҳои муҳташами ҳамосӣ дохил мешавад ва аз рӯйи муҳтаво ва масоили фарогирандааш аз дигар жанрҳои ҳамосӣ фарқ мекунад. Дар роман ҳама унсурҳои адабӣ ба таври васеъ тасвир мешаванд ва дар тасвири онҳо нависанда ҳеҷ маҳдудияте надорад.

Дар мавриди фарқи роман аз эпопея таъкиди ин нукта барои хонандагон кофист, ки романҳои бузургҳаҷме, ки дар онҳо ҳодисаву воқеаҳои зиёд бо тамоми ҳастиашон мураккабу тӯлонӣ ва мутаассилу печдарпеч ба тасвир омадаанд, эпопея пеноманд. Романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ, ки ин хусусиятҳоро дорост, монанди «Ҷанг ва сулҳ»-и Л.Н. Толстой, «Дони ором»-и М. Шолохов эпопея меноманд. Ҳамчунин романҳо метавонанд, дугона (дилогия), сегона (трилогия) ва ҳатто чаҳоргона (тетралогия) бошанд. Яъне, агар образу персанажҳои як роман дар рамонҳои дигар идома ёбанд, чунин ном мегиранд. Аз ҷумла дар адабиёти муосири тоҷик романҳои «Духтари оташ», «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» ва «Тахти вожгун»-и Ҷалол Икромӣ романи сегона (трилогия) мебошанд. Зикри ин нукта ҳам зарур аст ва мумкин аст хонандагон савол диҳад, ки оё дар адабиёти гузашта мо адибон роман эҷод кардаанд?

Омӯзгор бояд тавзеҳ диҳад, ки дар адабиёти гузаштаи мо ва дар рисолаҳои адабиётшиноси асримиёнагӣ истилоҳи повест ё роман мавҷуд набуд. Дар адабиёти гузаштаи мо асарҳои повестмонандро қисса мегуфтанд. Истилоҳи повест, роман ва монанди инҳо дар адабиёти муосир ба миён омад, ки таъсир аз адабиётшиносии русу Аврупо мебошад. Аммо асарҳои монанди «Корномаи Ардашери Бобакон», «Самаки айёр», «Доробнома», Абӯмуслимнома», «Чаҳор дарвеш» ба талаботи жанри роман ҷавобгӯянд.

Барои мустаҳкамкунӣ ва муайян намудани сатҳи дониши хонандагон доир ба жанри роман омӯзгор метавонад ба тариқи зер пурсишнома тартиб диҳад:

| № | Савол | Зинаи қобилияти маърифатӣ |
|---|---|---|
| 1 | Чаро романро ба гурӯҳи жанрҳои муҳташами ҳамосӣ дохил мекунанд? | |
| 2 | Жанри роман аз повест бо кадом хусусияташ фарқ мекунад? | |
| 3 | Кадом романро эпопея мегӯянд ва барои чӣ? | |
| 4 | Сабаби дугона, сегона ва чаҳоргона ном гирифтани баъзе романҳо дар чист? | |
| 5 | Оё дар адабиёти муосири тоҷик романҳои сегона вуҷуд дорад? | |
| 6 | Нахустромани адабиёти муосири тоҷик кадом роман аст? | |
| 7 | Оё дар адабиёти асримиёнагии мо роман ва ё роман-эпопея вуҷуд дорад? Агар ҳаст нобар кунед. | |

Ин пурсишнома сатҳи маърифатии хонандагонро доир ба жанри роман муайян мекунад ва баъд аз ин омӯзгор метавонад ҳамроҳи хонандагон ба таҳлили романи «Ғуломон» шуруъ намояд. Ҳамчунин бо таҳлили романи «Ғуломон» ва муқоисаи он бо «Дохунда» ва ё «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода омӯзгор бояд хусусиятҳои дигари жанри романро бо мисолҳо аз ин романҳо нишон диҳад ва дониши хонандагонро дар ин масъала комил гардонад.

Муаллифони «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» барои таълими романи «Ғуломон» дар синфи XI чунин тавсия додаанд: «Романи «Ғуломон»», қисмҳои асосии роман ва мазмуни онҳо: ғулом кардан, ғулом фурӯхтан, зиндагии ғуломон ва раҳоӣ аз ғуломӣ, образи се насли як авлдоди ғуломон, ғояи марказии асар» [2, с. 41]. Аммо омӯзгор

набояд бо ин тавзеҳи мухтасар ва нокомили барнома маҳдуд гардад. Романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ бояд ҳаматара таҳлил гардад, то хонандагон ба салоҳиятҳои таъйиншуда даст ёбанд.

Муаллифони китобҳои дарсии «Методикаи таълими адабиёти тоҷик» Т. Миров, Қ. Хоҷаев, Ш. Исломов, М. Аҳмадов дар китоби «Таълими адабиёти тоҷик», А. Мулло дар китоби «Методикаи таълими адабиёти тоҷик» дар бораи усули таълими роман изҳори назар кардаанд. Аз ҷумла, М. Аҳмадов дар зерфасли «Таълими роман дар мисоли «Ғуломон»-и Садриддин Айнӣ» усули суннатии таълими романи мазкурро баррасӣ кардааст, ки ҳангоми таълими он истифодаи пешниҳодҳои муҳаққиқи мазкур аз фоида холӣ нест. Ҳангоми таълими романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ вобаста ба талаботи МБ дар курси таърихи адабиёт бояд омӯзгор чанд масъаларо зери назар дошта бошад:

а) Хонандагон бояд пеш аз дарс романро мустақилона хонда бошанд, зеро романи «Ғуломон» аз ҷумлаи муҳимтарин асарҳоест, ки дар оғози соли таҳсил барои хониши беруназсинфӣ ва мустақилона пешниҳод мешавад.

б) Филми бадеии «Ҳеҷ будагон» дар асоси романи мазкур ба навор гирифта шудааст, онро метавон ба сифати асбоби аёнӣ ва барои муқоиса кардан колективона тамошо кард.

в) Омӯзгор бояд нақша тартиб диҳад, ки ҳангоми таълими романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ кадом салоҳиятҳоро метавон дар хонандагон ташаккул дод.

Дар дарси озмоишӣ мо салоҳиятҳои фанниро доир ба мавзуи романи «Ғуломон» чунин ба нақша даровардем:

| **Мавзуъ: «Романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ»** | | |
|---|---|---|
| **Табақамандии мавзуъҳо** | **Салоҳияти адабӣ** | **Зарурат** |
| Мавзуъ ва мудариҷаи романи «Ғуломон» | Салоҳияти нақли сужети роман; салоҳияти нақли ҳодисаву воқеаҳои роман; салоҳияти фаҳм ва муқоисаи ҳодисаҳои гузашта бо воқеаҳои имрӯза; салоҳияти маърифати ҳодисаҳо ва шарҳи таъсири онҳо ба муҳити имрӯза. | Таҳлили ҳодисаҳои гузашта ва баҳодиҳӣ ба онҳо; хулосабарорӣ аз ҳаводиси гузашта; муқоисаи рафторҳои неку бади одамон; ташхиси амали нек ва рафтори бади инсонҳо. |
| Таҳлили образҳои асосии роман | Салоҳияти шарҳу таҳлили қаҳрамони асари бадеӣ; салоҳияти баҳо додан ба рафтори қаҳрамони асари бадеӣ ва муқоисаи он бо амали инсонҳо дар ҷомеа; Салоҳияти шинохти қаҳрамони асари бадеӣ ва баҳодиҳӣ ба амалу рафтори худу дигарон бо такя ба асари бадеӣ. | Арзёбӣ ва таҳлилу баррасии рафтори худ дар муомила бо дигарон ва ибрат гирифтан аз амали қаҳрамони асари бадеӣ; хулосабарорӣ аз воқеияти зиндагӣдар муқоиса бо асари бадеӣ; шинохти мавқеъ ва вазифаҳои худ дар ҷомеа. |
| Ғояи асосии роман, мақсади нависанда аз ин роман | Салоҳияти шинохт ва таъйини ғояи асар; салоҳияти маърифат намудани идеяҳои инсонсози нависанда бо такя ба асари бадеӣ;салоҳияти истифодаи андешаҳои инсонсози адиб дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии худ; салоҳияти иқтибос кардан ва бо далел собит намудани андешаи худ дар масъалаҳои гуногун | Дар маъракаҳои гуногун, ҷашнҳо, конференсияҳо, семинарҳо ва дигар нишастҳои корӣ; сайқал додани андешаронии мантиқӣ; мустаҳкамкунии мустақилият ва озодфикрии худ дар маърифативоқеаҳои зиндагӣ |
| Забону услуби роман | Салоҳияти шинохт ва маърифати асари бадеӣ; салоҳияти таҳлили асар ва таъйин намудани ҳунари нависандагии адиб | Ҳангоми таҳлил ва доварӣ ба ҳодисаҳоирӯзмарраи зиндагӣ;истифода идеяҳои инсонсози нависанда дар сухароиҳо ва ҳангоми муомила бо дигарон |
| Тасвирҳои бадеӣ, пейсаж ва таъйини ҳунари эҷодкории нависанда | Салоҳияти маърифат намудани асари бадеӣ ва баҳодиҳӣ ба он; салоҳияти шинохт ва таъйини ҳунари офарандагии адиб. | Муқоисаи неку бад дар зиндагӣ; ташхиси ҳунари тасвироропӣ дар наср; Шинохти ҳунари адиб ва корбурди он дар зиндагӣ |

Чунон ки ёдрас намудем, ҳам дар методикаи таълими анъанавии таълим ва ҳам дар МБТ таҳлили асари бадеӣ бо мутолиаи матни он шуруъ мешавад. Методистон барои таълими романи «Ғуломон» ҷудо намудани 3-соатро муносиб медонанд. Воқеан, омӯзгор метавонад дар муддати 3-соат романро ҳамаҷониба таълим диҳад. Дар оғози дарс аз он ҷо ки

хонандагон бо мазмуну мундариҷаи романи «Ғуломон» шиносанд, барои омода сохтани хонандагон ба таҳлили асар омӯзгор дарсро бо саволҳо ифтитоҳ мекунад. Дар озмоиши педагогӣ, ки мо дар синфи Х1 «а» мактаби №70 гузаронидем, чунин саволҳо пешниҳод карда шуданд:

1. Чаро нависанда номи романи хуро «Ғуломон» гузоштааст? Оё дар асар танҳо дар бораи ғуломон сухан меравад?
2. Оё дар асл онҳо ғулом буданд ва ё асир афтода ғулом шуданд?
3. Қаҳрамони асосии ҳар се насли як авлоди ғуломонро номбар кунед?
4. Фарқияти байни наслҳои ғуломонро вобаста ба характер ва рафтори онҳо шарҳ диҳед?
5. Оё озодие, ки баъд аз муоҳидаи сулҳи Бухорову Русия ба ғуломон дода шуд, озодии воқеӣ буд?
6. Насли сеюми ғуломон одамони озод буданд ё ғулом?
7. Фарқи ғулом аз молу ашё дар чист?
8. Нависанда дар роман чӣ ғояро талқин мекунад?
9. Оё романи «Ғуломон»-ро метавон асари таърихӣ номид?

Омӯзгор тавассути саволнома ва супоришҳо дараҷаи дарку фаҳмиши хонандагонро аз хониши мустақилонаи роман барои худ муайян мекунад ва тибқи фаҳмиши хонандагон раванди дарсро таъйин мекунад. Маълум аст, ки дараҷаи фаҳмиши хонандагон гуногун аст ва аз ҳамин ҷиҳат дар марҳалаи аввал, ки «дарки матн» аст, бояд фаҳмиши хонандагон аз матни асар таъмин гардад. Саволҳои дар боло овардашуда хонандагонро маҷбур месозад, ки дар бораи романи хондаашон фикр кунанд ва ҳамин кӯшиши фикр кардан салоҳияти андешиданро дар онҳо ташаккул медиҳад ва иштироки фаъоли онҳоро дар раванди дарс муҳайё менамоянд. Ин саволҳо хонандагонро, ки романро хонданду филми «Ҳеҷбудагон»-ро тамошо карданд, водор менамояд, то ҷавоби саволҳоро ёбанд. Бо ин роҳ яке аз талаботи МБ, яъне салоҳияти андешидан ва фикри худро доир ба матни хонда мустақилона баён кардани хонандагон иҷро мегардад.

Методист Ш. Исломов дар таълими осори ҳамосӣ методи муқоисаро муҳим мешуморад. Ин методи таълими осори адабӣ дар шаклгирии тафаккури мантиқӣ, ҷаҳонбинӣ ва салоҳияти муқоиса кардану натиҷа бардоштан дар хонандагон муассир буда метавонад, аммо бояд объекти муқоиса дуруст таъйин карда шавад. Масалан, «Ғуломон»-и С. Айниро бо романи дигари ӯ «Дохунда» ва ё романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода дар муқоиса таълим додан натиҷаи беҳтар дода метовонад. Бино ба қавли А.В. Текучев, «муқоиса ва муқоисакунӣ муҳимтарин воситаи дарки ҳақиқату воқеият аст» [8, с. 16]. Мутахассисон усулҳои гуногуни дар муқоиса таълим додани асари ҳамосиро пешниҳод кардаанд ва таъкид кардаанд, ки маҳз бо воситаи муқоисаи як асари ҳамосӣ бо асари дигари ҳамосӣ асари бадеӣ ба дурустӣ шинохта мешавад ва ҳунару мақсади нависанда ошкор мешавад. Дар муқоиса таълим додани романи «Ғуломон» бо «Дохунда» аз чанд ҷиҳат судманд аст: Аввалан, ҳарду асари таърихӣ буда, давраи мушаххаси таърихи халқи тоҷикро фаро мегиранд. Сониян, ҳар ду асар ғояи ягона доранд, яъне, қаҳрамонони асосии ҳар ду роман барои озодӣ мубориза мебаранд, озод будану озод зистан ва зиндаги шоиста доштан марому мақсади онҳост. Аз он сабаб, ки барои таълими романи «Ғуломон» 3-соат ҷудо карда мешавад, асарро ба се қисм ҷудо карда таълим додан мувофиқи мақсад аст. Бештари омӯзгорон вобаста ба саҳифаҳои асар онҳоро ба қисматҳо тақсим намуда таълим доданро дуруст меҳисобанд. Аммо озмоишҳои педагогӣ собит менамоянд, ки асари ҳамосӣ, монанди романи «Ғуломон»-ро вобаста ба хатти сужети асар тақсим намудан беҳтар аст. Дар романи мазкур зиндагию мубоизаи се насли як авлоди ғуломон тасвир шудааст. Аз ин рӯ, ба зиндагинома ва фаъолияти ҳар се насли як авлод як соатӣ ихтисос дода шавад, беҳтар аст: Дар дарси аввал, саргузашти фоҷиабори насли якум, ки қаҳрамони марказии ин насл Раҳимдод (Некқадам, Бобоғулом) буда, Ашӯр, Фарҳод, Ҳошим, Очил, Зебо, Гулсум намояндагони он мебошанд. Дар дарси дуюм мубоизаю талоши насли дуюми ғуломон барои зиндагии озоду шоиста, ки қаҳрамони марказии ин насл Эргаш-писари Бобоғулом ва намояндагони он Сафарғулом, Ғуломҳайдар, Наркалла, Нормурод ва дигар заҳматкашон мебошанд. Насли сеюм, ки намояндагони он Фотимаю Муҳаббат ва қаҳрамони марказии он Ҳасан- писари Эргаш ва набераи Бобоғулом мебошад, дар даврони Советӣ зиндагӣ мекунанд, ки дар тасвири нависанда озода хушбахтанд.

Дар марҳалаи аввал барои дарки матни асар шиносоии хонандагон бо он ба ҳисоб меравад. Саволҳое, ки омӯзгор дар оғози дарс ба хонандагон дода буд, сатҳи дарки хониши мустақилонаи онҳоро муайян менамояд. Аммо барои дарки комили асари ҳамосӣ омӯзгор ба

хониши мустақилонаи хонандагон маҳдуд нашуда, дар синф таҳлили ҳаматараи онро ба роҳ мемонад. Дар муқоиса бо романи «Дохунда» ва повести «Одина» таълим додани романи «Ғуломон» аз чанд ҷиҳат судманд аст: Аввалан, хонандагон дар бораи се асари адиб маълумот мегиранд ва муқоиса қаҳрамонони се асар имкон медиҳад, ки салоҳиятҳои таъйиншуда дар хонандагон ташаккул ёбад; сониян, аз он ҷо, ки барои таълими қиссаи «Одина» ва романи «Дохунда» дар барнома соат ҷудо нашудааст, имкон медиҳад ин асарҳои С. Айнӣ низ баррасӣ гарданд.

Дар дарси аввал ҳангоми иҷрои марҳалаи нахуст бояд хатти сужет вобаста ба насли аввал, алалхусус саргузашти Раҳимдод пурра зери назари омӯзгор бошад: Зиндагии фоҷиаангези ғуломону канизон дар аморати Бухорои охири асри XIX; дар Ҳирот асир афтодани Раҳимдод ба дастаи ғоратгарони Абдурраҳмон- сардор ва бо номи Некқадам ба ғуломфурӯши хевагӣ Муҳаммад Каримбой фурӯхта шудани ӯ; дар Бухоро ба 40 тангаи тилло ба бойи шофиркомӣ фурӯхта шудани Раҳимдод; тамғаи ғуломӣ задани бой ба дасти Раҳимдод (Некқадам) ва бо ҳамин ба қатори молҳои тамғадори бой даромадани ӯ; меҳнати сахт ва азобу уқубати ғуломӣ; «озод» шудани Некқадам баъд аз муоҳидаи сулҳи Бухоро ва Русия дар соли 1868 ва дар шакли дигар идома ёфтани ғуломии ӯ; Гулсумро ба зани гирифтани Некқадам ва дар пирӣ ронда шудани ӯ аз хонаи бой; вафоти пурфоиҷаи Бобоғулом (Некқадам) дар танҳоӣ ва ғайра. Дар роман калимоту таъбирот ва истилоҳоте ба кор рафтаанд, ки марбут ба замони гузаштаанд. Хонандагон бо ёрии муаллим ва бо истифода аз луғатномаҳо онҳоро шарҳ медиҳанд, то ба моҳияти масъала огоҳ гарданд.

Дар марҳалаи дувум, ки баҳодиҳӣ ба матни асари бадеист, хонандагон бояд ба қаҳрамони асар ва персанажҳои он баҳо диҳанд. Тарҷриба ва мушоҳидаҳо аз озмоишҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки дар дарси аввал хонандагон танҳо ба насли аввали авлоди ғуломон баҳо диҳанд, беҳтар аст. Дар ин марҳала нахуст омӯзгор диққати хонандагонро ба замону макони воқеаҳои се асари номбаршудаи С. Айнӣ ҷалб мекунад ва хонандагон бо роҳнамоии омӯзгор ин масъаларо баррасӣ мекунанд. Масалан, воқеаҳои қиссаи «Одина» аслан дар Қаротегин (Ноҳияи Рашт) ва «Дохунда» дар Кангурт (ноҳияи Кӯлоб), ки ҳар ду аз навоҳии Тоҷикистони имрӯзаанд, шуруъ мешаванд, аммо ҳодисаҳои романи «Ғуломон» дар зодгоҳи нависанда, тумани Ғиждувони аморати Бухоро мегузарад. Аз тарҷумаи ҳоли нависанда медонем, ки С. Айнӣ ба водии Рашту Кӯлоб сафар накардааст, аммо аз тарзи зиндагии ин мардум ба хубӣ бохабар буд ва барои ҷалб диққати роҳбарони Ҳукумати Шуравӣ маҳз ин водиҳоро ба сифати тасвири зиндагии мардуми кӯҳистони тоҷик интихоб намудааст. Аммо тумани Ғиждувон, ки макони тасвири романи «Ғуломон» аст, зодгоҳи нависанда мебошад ва ба қавли худаш барои ӯ «навиштани ин китоби арзишнок осон буд». Муқоиса образи Раҳимдод (Неккадам) бо Одинаю Ёдгор ва ҳатто бо падари Ёдгор-Бозор имкон медиҳад, ки мавзуъ парра ҳал қадад ва хонандагон ба салоҳиятҳои таъйиншуда ноил гарданд.

Омӯзгор, ки дар раванди дарс нақши довар ва раҳнаморо мебозад, бо саволномаҳо метавонад диққати хонандагон ба масъалаҳои асосӣ ҷалб кунад ва онҳоро ба андеша намудану муқоиса кардан водор намояд. Дар дарси озмоишӣ барои ҷалби диққати хонандагон муаллим чунин саволҳоро пешниҳод намуд:

1. Одина, Ёдгор ва Некқадам ҳар се хидмати бойҳоро мекарданду маҷбур буданд корҳои сахтро анҷом диҳанд. Пас фарқи хидматгор аз ғулом дар чист?
2. Оё Одина ва Ёдгор низ монанди Некқадам ғулом буданд?
3. Раҳимдод (Некқадам) дар 7-солагӣ ба ғуломӣ фурӯхта шуд, Одинаю Ёдгор дар чандсолагӣ ба хидмати хӯҷаинонашон даромаданд?
4. Се образ Некқадам, Одина ва Ёдгорро бо ҳам муқоиса кунед, ба фаъолияти онҳо баҳо диҳед ва фарқияти онҳоро муайян кунед.

Чунин саволҳо имкон медиҳад, ки хонандагон маҳорати баҳодиҳӣ ва муқоиса кардани образҳои асари бадеиро ёд гиранд ва салоҳиятҳо дар онҳо ташакукул ёбанд, ки мақсади асосии МБТ низ ҳамин аст.

Дар марҳалаи сеюм, ки тағйири матн аст, омӯзгор метавонад ин марҳаларо низ бо методи муқоиса амалӣ гардонад. Замони оғози ҳар се асар ба ҳам наздиканд, яъне ҳар се асар дар оғоз марбут ба давраи феодалӣ ва тасвири зиндагии пурзаҳмати халқи меҳнаткаш аст. Аз сӯи дигар, маконҳо рӯйдоди воқеаҳои низ чандон аз ҳамдигар дур нестанд: Қаротегин, Кӯлоб ва Ғиждувон, ки маҳалли сукунати мардуми тоҷиканд. Мақсади асосии марҳалаи сеюм ташаккул додани салоҳияти эҷодкорӣ дар хонандагон аст. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки бо такя ба тахайёлоту фаҳмиши худ дар раванди воқеаҳои роман дар асоси

саргузашти насли якуми ғуломон дигаргунӣ ворид кунанд. Метавонанд дар муқоиса бо Ёдгор Раҳимдодро фаъол тасвир кунанд, аммо набояд аз ҳақиқати воқеӣ, яъне аз матни асар дур раванд.

Озмоиши педагогӣ нишон дод, ки агар дар марҳалаи сеюм ба хонандагон бештар озодӣ дода шаванд, мақсади марҳала ҳосил мешавад. Хонандагон, ки ҳар се асари С.Айниро хондаанд, вобаста ба фаҳмиш ва тахайюлоти худ Некқадамро исёнкор муаррифӣ мекарданд. Аксари хонандагон Некқадамро монанди Ёдгор дидан мехоҳанд, на монанди Одина. Нуктаи ҷолиб дар он буд, ки хонандагон танҳо ба муқоисаи образҳои Некқадаму Ёдгор маҳдуд нашуда, образҳои дигар монанди Гулсуму Гулнор, Зебову Гулбибӣ, Шарифу Ашур ва дигар персанажҳоро аз се асари нависанда ба ҳам муқоиса мекарданд. Марҳалаи сеюм дар баробари ташаккул додани салоҳияти мустақилӣ, эҷодкорӣ дар инкишофи нутқи шифоҳии хонандагон низ таъсир расонида метавонад.

Вазифаи марҳилаи чаҳоруми МБ ташаккул додани салоҳияти эҷодкорӣ дар хонандагон ва ба ин васила равнақ бахшидан ба нутқи хаттиии онҳо мебошад. Таҷриба ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми таълими асарҳо бузургҳаҷме монанди «Ғуломон»-и С. Айнӣ иҷрои марҳалаи чаҳорум («таҳияи матни худ»)-ро баъд аз таҳлили пурраи асар ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст. Асалан, тибқи пешниҳоди мутахассисон, дар марҳалаи чаҳорум хонандагон бояд натиҷа ё бардошти худро аз роман (ё қисмате аз он) ба таври хаттӣ пешниҳод кунанд, зеро вазифаи ин марҳала ташаккул додани салоҳиятҳои эҷодкорӣ, мутақилӣ ва равнақ бахшидан ба нутқи хаттии хонандагон мебошад. Имкон дорад, ки баъд аз таҳлили қисмати аввали роман, яъне саргузашти насли якуми ғуломон иҷрои ин марҳаларо аз хонандагон талаб карда шавад. Ин марҳаларо хонандагон метавонанд ба шакли эссе ё иншо вобаста ба саргузашти Раҳимдод ва муқоиса ӯ бо Ёдгор ё Одина иҷро намоянд. Аз сӯйи дигар, озмоиши педагогӣ нишон дод, ки дар ҳар дарси таълими «Ғуломон» иҷрои марҳалаи чаҳорум вақти зиёдеро мегирад ва аз он сабаб ки роман пурра таҳлил нашудааст, кори хаттии хонандагон ноқису номукаммал мебарояд. Мушоҳидаҳо нишон дод, ки ҳангоми таълими романи «Ғуломон» дар дарси аввал саргузашти насли якум ва дар дарси дуюм омӯзиши ҳаёту муборизаи наслҳои дуюму сеюмро ба роҳ иондан натиҷа хуб медиҳад. Дарси сеюмро метавон комилан ба иҷрои марҳалаи чаҳорум, яъне таҳияи матни худ бахшид. Дар ин сурат хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки дар муддати 1-соати дарсӣ (45 дақиқа) бо такя ба мавзуъ ва ғояи роман матни худро пешниҳод намоянд.

Дарси дуюм аз ҳамон ҷо шуруъ мешавад, ки насли дуюми ғуломон ба майдон меоянд, монанди Сафарғулом, Нормурод, Урун Норкалла, ғулом Ҳайдар ва дигар намояндагони аҳли заҳмат монанди чӯпонону ҳезумкашон. Қаҳрамони марказии ин насл Эргаш, писари Неққадам ё худ Бобоғулом мебошад, ки баръакси падараш муборизу ҷасур барои зиндагии инсонвору озода мубориза мебарад. Насли сеюм, ки дар даврони Советӣ зиндагии озодона мекунанд, хушбахтанд. Дар тасвири ин насл нависанда бештар аз ишқу муҳаббат ва ҳаёти хушбахтона онҳо сухан мекунад. Қаҳрамони марказии ин насл набераи Бобоғулом ва писари Эргаш-Ҳасан ва ҳамсафони ӯ Муҳаббат, Фотима мебошанд.

Дар дарси дуюм низ ҳар се марҳалаи МБ риоя карда мешавад. Дар марҳалаи аввал ҳар ҷо ки хонандагон дар фаҳмиши асар душворӣ кашиданд, омӯзгор бояд қироати лаҳзаҳои ҳассос ва ҳалкунандаро дар синф ташкил кунад, то хонандагон матни асарро пурра дарк кунанд. Дар марҳалаи дуюм, ҳангоми баҳодиҳӣ ба матн методи муқоиса нақши ҳалкунанда мебозад. Хусусан муқоиса образи Эргаш бо Ёдгор ва дигар персанажҳои ёрирасон имкон медиҳад, ки дар хонандагон салоҳиятҳои коммуникативӣ, адабӣ ва иртиботӣ ташаккул ёбад. Дар марҳалаи сеюм, ки хонандагон дар асоси фаҳмиш ва пиндорҳои худ раванди муборизаҳои образҳои асарро тағйир медиҳанд, заминаи барои иҷрои марҳалаи чаҳорум фароҳам меоварад. Аз он ҷо ки хонандамеҳварӣ яке аз талаботи асосии МБТ аст, омӯзгор бояд ба хонандагон имконияти бештар фароҳам оварад, хусусан дар марҳалаи сеюм, то онҳо бардошти худро аз асар ва қобилияти худро дар тағйир додани матн озод баён кунанд.

Марҳалаи чаҳорум, ки «таҳияи матни худ» аст, маънии онро надорад, ки хонандагон комилан матни нав пешниҳод кунанд. Аз он сабаб ки хонандагони синфи Х1 таҷрибаи кофии кор бо матни бадеиро доранд ва дар навиштани кори хаттӣ низ соҳибтаҷрибаанд, аз онҳо талаб карда мешавад, ки доир ба мавзуъ ва ғояи романи «Ғуломон» назар ва идеяи худро ба таври хаттӣ пешниҳод намоянд. Мутахассисон навиштани эссеро дар ин марҳала мувофиқи мақсад донистаанд. Аз он сабаб ки МБТ дар МТМУ ба таври бояду шояд татбиқ нашудааст, бештари хонандагон дар навиштани эссе доир ба матни бадеии таҳлилшуда омода нестанд. Таҷриба ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ташаккули салоҳиятҳо дар як ё ду-се дарс сурат

намегирад, балки дар давоми соли таҳсил ва ҳатто ду-се сол зарур аст, то дар хонандагон салоҳиятҳои таъйиншуда шакл гирад. Аз ин рӯ, марҳалаи чаҳорум, ки аз марҳалаи ҳалкунанда мебошад, аз омӯзгор масъулияти бештар талаб мекунад. Дар дарсҳои аввал дар марҳалаи чаҳорум ба ҷои эссе иншои озодро пешниҳод кардан мумкин аст. Омӯзгор дар асоси мавзуъ ва ғояи асари бадеии таҳлилшуда, мавзуъҳо барои иншои озод пешниҳод мекунад. Масалан, дар дарси озмоишӣ омӯзгор доир ба романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ мавзуъҳои зеринро барои иншои озод пешниҳод кард:

1. Ғулом кист ва ғуломӣ чист?
2. Инсон озод офарида шудааст, набояд ғулом бошад.
3. Ғулом ва ғуломдорӣ дар асри XX1.
4. Худшиносӣ- беҳтарин роҳ бар зидди ғуломӣ.

Агар дар пешниҳоди мавзуъҳо доир ба асари таҳлилшуда хонандагон иштирок кунанд, марҳалаи чаҳорум натиҷаи беҳтар медиҳад, зеро салоҳиятҳо маҳз дар ҳамин лаҳзаҳо дар хонандагон шакл мегирад.

Хулоса, озмоиши педагогие, ки ҳангоми таълими романи «Ғуломон» вобаста ба талаботи МБ дар синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №70 шаҳри Душанбе гузаронидем, моро ба натиҷа овард, ки аз 3 соати ҷудошуда барои таълими роман 2- соатро барои таҳлили асар ва соати сеюмро барои кори хаттӣ, яъне марҳалаи чаҳорум ихтисос додан самараи хуб медиҳад. Аз соатҳои барои корҳои хаттӣ пешниҳодшуда як соати дигар барои марҳалаи чаҳорум ҷудо шавад, имкон медиҳад, ки ин марҳала пурра дар синф иҷро гардад. Марҳалаи чаҳорумро дар синф иҷро кардан аз чанд ҷиҳат судманд аст: аввалан, хонандагон, ки аз таҳлил асар нав фориғ шуданд, фикрҳои тоза дар сар доранд, метавонанд ҳам дар пешниҳод мавзуъ ва ҳам дар навиштани кори хаттӣ фаъол бошанд. Сониян, раҳнамоии омӯзгор имкон медиҳад, ки хонандагон дар интихоби мавзуъ ва пешниҳоди назару идеяи худ ба хатоӣ роҳ надиҳанд. Иншои озоди навиштаи хонандагон метавонад аз яку ним ва ё ду–се саҳифа иборат бошад. Ҳаҷми навишта муҳим нест, балки муҳим он аст, ки хонанда аз асари таҳлилшуда чӣ натиҷа бардоштааст ва оё дониши андухтаашро метавонад дар амал татбиқ намояд. Иншои озоди навиштаи хонанда бояд дар синф таҳлил шавад ва омӯзгор муайян намояд, ки салоҳиятҳои дар ибтидои дарс таъйиншуда ба даст омадааст ё не.

***Адабиёт***


1. *Аҳмадов, М. Таълими адабиёти тоҷик [Матн] / М. Аҳмадов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2016. – 380 с.*
2. *Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V - XI.Муҳаррирони масъул: Х. Шарифов ва У. Тоиров. – Душанбе, 2007. – 73 с.*
3. *Исломов, Ш. Изучение лироэпических произведений на уроках родной литературы в 1X-X классах [Текст] / Ш.Исломов. Диссертация на саискание учёной степени кандидакта педагогических наук. – Москва,1990. – 197 с.*
4. *Исломов, Ш. Таълими "Хирадномаи Искандарӣ"-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 1X [Матн] /Ш. Исломов // Мактаби Советӣ, – 1989. – №11. – С. 15-20.*
5. *Мулло, А. Методикаи таълими адабиёти тоҷик [Матн] / А.Мулло. - Душанбе, 2014.-394 с.*
6. *Миров, Т., Хоҷаев, Қ., Исломов, Ш. Методикаи таълими адабиёти тоҷик [Матн] /Т.Миров, Қ. Хоҷаев, Ш. Исломов.- Душанбе, 1991.-254 с.*
7. *Низоми таълими салоҳиятнокӣ. Модули 1. Мураттибон:Ниёзов, Ф., Зиёев, М., Алиев, А., Нусратов,Б., Ҷонмирзоев,Э., Қодиров,Н., Иргашева,М., Зиёев, Қ. –Душанбе, 2016.– 36 с.*
8. *Текучев, А.В. Методика русского языка в средней школе [Текст] / А.В. Текучев . – Москва: Просвещение, 1988.*
9. *Ушинский, К.Д. Изб.пед.соч [Текст] / К.Д. Ушинский. – Москва, 1954.*
10. *Қозиҷонов, М. Корҳои хаттӣ дар машғулиятҳои хониши адабӣ [Матн] / М. Қозиҷонов.- Сталинобод, 1958.*


**УСУЛИ ТАЪЛИМИ РОМАНИ «ҒУЛОМОН»-И С. АЙНӢ ДАР КУРСИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТ**

Озмоишҳои педагогӣ ва таҷрибаҳо нишон доданд, ки таълими жанри романро тавъам бо таълими романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ ва дар муқоиса бо романи «Дохунда»-и ӯ ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст. Ин амал имкон медиҳад ҳам талаботи барнома, ки барои таълими жанри роман дар мисоли «Дохунда»-и С. Айнӣ соат ҷудо нашудааст, иҷро гардад ва ҳам хонандагон пеш аз омӯзиши романи «Ғуломон» аз мушаххасоти жанри роман огоҳ шаванд. Тибқи талаботи МБ омӯзгор доир ба масъалаи жанри роман ба хонадагон ҳамон маълумотеро бояд пешниҳод кунад, ки онҳо ба шинохти жанри мазкур ва дарки асарҳое, ки дар ин жанр иншо шудаанд, ёрӣ расонад. Хонандагон дар синфҳои поёнӣ доир ба ҷинсҳои адабӣ, монанди ҷинсҳои лирикӣ, ҳамосӣ ва драмавӣ огоҳанд ва медонанд, ки ба ҳар як ҷинси адабӣ кадом жанрҳо дохил мешаванд. Пурсиши ин савол аз хонандагон, ки ба ҷинси ҳамоса кадом жанрҳои адабӣ дохил мешаванд, аз фоида холӣ нест. Ҳамчунин, таъкиди ин нукта, ки дар баробари жанрҳои латифа, ҳикоя, афсона, қисса, достон, ёддошт, роман низ аз

жанрҳои маъруфи ҷинси ҳамосист, муфид буда метавонад. Ба ақидаи муаллиф, тибқи талаботи МБ омӯзгор доир ба масъалаи жанри роман ба хонадагон ҳамон маълумотеро бояд пешниҳод кунад, ки онҳо ба шинохти жанри мазкур ва дарки асарҳое, ки дар ин жанр иншо шудаанд, ёрӣ расонад.

**Калидвожаҳо:** муносибати босалоҳият ба таълим, методика, метод, матни бадеӣ, С. Айнӣ, нависанда, адиб, нутқи шифоҳӣ, жанрҳои адабӣ, таълими адабиёт.

## МЕТОД ПРЕПОДАВАНИЯ РОМАНА «ГУЛОМАН» С. АЙНӢ НА КУРСЕ ИСТОРИИ ЛИТЕРАТУРЫ

Педагогические эксперименты и исследования показали, что целесообразно проводить изучение жанра романа в сочетании с изучением романа «Гуломон» С. Айнӣ и в сравнении с его романом «Духунда». Это позволит как выполнить требования программы, которая не предусматривает часа на изучение жанра романа на примере «Духунды» С. Айнӣ, так и ознакомить студентов со спецификой жанра романа до изучения романа «Гуломон». В соответствии с требованиями МК, преподаватель должен предоставить студентам информацию о жанре романа, которая поможет им распознать этот жанр и понять произведения, написанные в этом жанре. Учащиеся младших классов знакомы с литературными жанрами, такими как лирический, эпический и драматический, и знают, к какому жанру они относятся. Вопрос о том, к какому жанру относится эпический, не лишен пользы. Также полезно подчеркнуть, что наряду с такими жанрами, как анекдот, рассказ, легенда, сказка, эпос, мемуары и роман, хорошо известны и другие эпические жанры. По мнению автора, в соответствии с требованиями МК, учитель должен предоставить учащимся информацию о романе, которая поможет им распознать этот жанр и понять произведения, написанные в этом жанре.

**Ключевые слова:** компетентный подход к образованию, методология, метод, литературный текст, С. Айнӣ, писатель, писатель, устная речь, литературные жанры, преподавание литературы.

## METHOD OF TEACHING THE NOVEL “GULOMAN” S. AINI ON THE COURSE OF LITERATURE HISTORY

Pedagogical experiments and research have shown that it is beneficial to study the novel genre in conjunction with S. Aini's novel "Gulomon" and in comparison with his novel "Dukhunda." This will both fulfill the curriculum requirements, which do not include an hour devoted to studying the novel genre using S. Aini's "Dukhunda," and familiarize students with the specifics of the novel genre before studying "Gulomon." In accordance with the requirements of the master class, the teacher must provide students with information about the novel genre, which will help them recognize it and understand works written in this genre. Elementary school students are familiar with literary genres such as lyric, epic, and dramatic, and know which genre they belong to. The question of what genre the epic belongs to is not without merit. It is also useful to emphasize that, along with genres such as the anecdote, short story, legend, fairy tale, epic, memoir, and novel, other epic genres are also well known. According to the author, in accordance with the requirements of the master class**,** teachers should provide students with information about the novel, which will help them recognize this genre and understand works written in this genre.

**Keywords:** competence-based approach to education, methodology, method, literary text, S. Aini, writer, writer, oral speech, literary genres, teaching literature.

***Дар бораи муаллиф***
*Юлдошева Зарина Ихтиёровна*
*Докторант Phd-и кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: zokirovhusrav690@gmail.com*

***Об авторе***
*Юлдошева Зарина Ихтиёровна*
*Phd докторант кафедры методики преподавания языка и литературы*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: zokirovhusrav690@gmail.com*

***About the author***
*Yuldasheva Zarina Ikhtiyorovna*
*Phd doctoral student in the Department of Method of Teaching Language and Literature*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: zokirovhusrav690@gmail.com*

ТДУ 373:37.015.3

# ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ҲИССИ ШАФҚАТ ДАР ХУРДСОЛОН

***Маҷидова Б., Рустамова З. Т.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар илми муосир оид ба тарбия ва ташаккули меҳру шафқат нисбат ба кӯдакон ҳамчун арзиши маънавӣ-ахлоқӣ равия, андешаҳо, таҷриба ва корҳои озмоишию таҷрибавӣ дар солҳои охир зиёд шуда истодаанд. Рушди иин раванд аз он бармеояд, ки дар тамаддуни умумибашарӣ бо баробари ростгӯӣ ва поквичдонӣ, ватанхоҳиву ватандӯстӣ, сулҳоварию сулҳхоҳӣ, накуӣ ва накукорӣ, дустию рафоқат, инчунин меҳру шавқат ҳамчун арзиши маънавӣ эътироф гардидааст. Дар фарҳанги машриқзамин чунин сифатҳои волои ахлоқӣ аз тарафи шоиру нависандагон, ҳакимону фозилон, мутафаккирону хирадмандон чун арзишҳои маънавӣ - ахлоқӣ талқину таҳким дода шудаанду халқ дар таҷрибаи зиндагии худ аз онҳо баҳрабардорӣ намудааст, дар ҳамаи давру замонҳо мазмуну муҳтавои онро бою ғанӣ гардондааст.

Таҷрибаи таърихии тамаддун, ки пояи асосии пешрафти маънавӣ – ахлоқии инсон ташкил медиҳад, дар риояи қойда ва меъёрҳои гуфтор, рафтор, одоб ва кулли рафтори арзишманд ифода гардида мавқеи ҳар як одамро дар ҷомеа муайян менамояд. Набояд фаромӯш кард, ки дар ҷомеа қонун ва қойдаҳои одоб, рафтор, кирдор, гуфтор он дар заминаи ҳатман иҷро намудани талаботҳои ахлоқӣ таҳия ва қабул карда шудаанд. Онҳо дар навбати худ манфиатҳои ҳар як фарду кулли ҷомеаро ҳимоя менамоянд. Дар қойда ва меъёрҳои ахлоқӣ ва амалӣ гардондани онҳо сифати маънавӣ – шахсиятии инсон меҳру шавқат мақоми хоса дорад.

Шафқат дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” чун ифодагари амалҳои меҳрубонӣ, дилсузӣ, ғамхорӣ, марҳамат тавзеҳ дода шудааст. Рочеъ ба андешаи М.Авфӣ “Дар ҳар коре, ки бозӣ, марҳамат ва шафқат ба як ҷой овар” таъкид гардидааст [14, с. 573].

Раҳму шафқат, ки кулли сифатҳои дилсузӣ, меҳрубонӣ, ғамхорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, бахшандагӣ саховатпешагӣ ва инсонгароиро дарбар мегирад, ифодагари ғановати ботинии инсон аст. Тавсифи раҳму шафқат ва зарурияти тарбия, истифодаи он чун арзишҳои ахлоқӣ дар мероси классикони адабиёти тоҷик мавқеи хосро ишғол намудааст. Он дар мафҳуми сират, нексиристӣ иброз мегардад ва онро дар ҷои аввал гузошта Ҳусейн Воизи Кошифӣ дар асараш “Ахлоқи Муҳсинӣ” мегӯяд:

Ҳар ки дар ӯ сирати неку бувад,
Одамӣ аз одамиён ӯ бувад.
Некии мардум на некурӯӣ аст,
Хӯйи неку мояи некӯӣ аст [5, с. 133].

Инсон ба ғайр аз лаҳзаҳои гуворои зиндагӣ: хушхолию хурсандӣ, боз бо омаду наомади кор, беморию хастахолӣ дучор мегардад ва дар чунин ҳолатҳо ниёз ба раҳму шафқат, дӯстдорию дастгирӣ, мададу ҳамдигарфаҳмӣ дорад.

Раҳму шафқат, дилсузию меҳрубонӣ ҳисси ёрии байнаҳамдигарӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, майлу рағбати мадад расондан, дастгирӣ намудан, дилбардорӣ кардан, сухани неку беғаразро дареғ надоштан ва ҳатто оташи каҳру ғазабро паст намуда, бахшидани гуноҳу мурувват намуданро ба вуҷуд меорад.

Вақте, ки бо чеҳраи инсони хурду бузург назар меандозем, зодаи хусусияту хислатҳои шахсию иҷтимоиро мебинем ва дар ҳар яки онҳо сифатҳои волои ахлоқиро дидан мехоҳем, ки дар байни онҳо меҳру шафқат мавқеи хоса дорад. Вобаста аз он, ки дар ин ё он лаҳзаи ҳаёт сифатҳои инсонгароӣ зоҳир мешаванд, дар сифатҳои фосиқӣ, ҳарисию молу пулпарастӣ, кинаю адоват, шаҳват, тамаъҷӯӣ, худпарастӣ, мағрурӣ, дасисакорӣ ва ғайраҳо низ пӯшида нигоҳ дошта мешаванд, ки онҳо ифодагарӣ дурӣ ва норасоӣ аз меҳру шафқатро ифода менамоянд.

Аз намунаи гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки бераҳму бешафқат будан дар афкори педагогии мардуми тоҷик маҳкум карда шуда аст. Аҳаммияти озор надодану хору залил накарданро Ҳофизи Шерозӣ чунин таъкид намудааст:

Мабош аз пайи озору ҳарчи хоҳӣ кун,
Ки дар шариати мо ғайр аз ин гуноҳе нест [6, с. 48].

Бояд шарҳ дод, ки дар дини мубини ислом мафҳуми шариат риояи ҳатмии қонунҳои динӣ ва тариқат – роҳу усулҳои гуногуни тарбияи ахлоқиро тибқи талаботҳои динӣ талаб мекунад. Аз ин байти шоир чунин бармеояд, ки яке аз зинаҳои тариқат ин мулоҳизакорона амал намудан, боандешагӣ, ҳарому ҳалолро ҷудо намудан, покӣ, парҳезкорӣ аст. Ва амалҳои озор додан, хору залил кардан, беандешагӣ, бемулоҳизагӣ маҳкум карда мешавад, ки онҳо низ аз норасоӣ аз раҳму шафқат гувоҳӣ медиҳад.

Муносибате, ки бо меҳру шафқат ва муҳаббат асос меёбад, ба хурдсолон барои бартараф кардани мушкилоту нокомиҳо болу пар мебахшад. Набояд фаромӯш кард, ки меҳру шафқат мояи асосии қонеъ гардондани талаботи маънавии инсон аст. Кӯдаке, ки ташнаи меҳру шафқат ба воя мерасад, на танҳо тарбияро дуруст қабул намекунад, инчунин ба атрофиён меҳру дилсузӣ, дилбастагию меҳрубонӣ, ҳатто бо волидону пайвандони худ онро дода наметавонад.

Дар педагогикаи халқи тоҷик меҳру шафқат, дустдорию дилсузӣ ҳамчун омили муҳимми тарбия ва ташаккули шахсияти фарзанд мақоми ба худ хосро ишғол намудааст, ки мо таҳлилу тавзеҳи онро китоби Раҳимов Б. ва Нуров А. “Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик” мебинем.

Раҳму шафқат ифодагари ғановати ботинии инсон буда он дар ҳамаи давру замонҳо дар ғамхорию дилсӯзӣ ба хурдсолону бузургсолон, маъюбону беморон, ятимону барҷомондагон, осебдидагону муҳтоҷон, ҷабрдидагони ҷангу ҷидол, зуроварию ҳодисаҳои нохуши табиат (заминларза, обхезӣ, сӯхтор) ва дигар ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ ифода мегардиданд.

Эмпатия (ҳамҳиссӣ) қобилиятест, ки асосан аз феълу атвори кӯдак ва ба дигар хусусиятҳои инфиродии ӯ вобаста аст: баъзе кӯдакон ҳассосӣ, кушодадил, муоширатдӯст ва ба одамон таваҷҷуҳ доранд, дар ҳоле ки дигарон дар зуҳуроти эмотсияи худ симои шахсияти интроверт, яъне шахсоне ҳастанд, ки ба олами ботинӣ майл доранд. Ба онҳо водоркуниҳои беруни лозим нест ва ин махсусияти одамонро ташаккул медиҳад. Бо таври дигар онҳо шахсони худро аз муошират канораҷӯикунанда ё барқароркунандаи муоширати ноустувору руякӣ мегарданд [3, с. 96]. Дуюм, қобилияти ҳамҳиссӣ аз муошират, тарбия ва муҳите вобаста аст, ки кӯдак дар он ба воя расида истодааст.

Рушди ҳамҳиссӣ, дилсӯзӣ ва ҳисси шафқат дар якчанд марҳила сурат мегирад. Ҳангоми тарбияи кӯдак инро ба назар гирифтан муҳим аст. Ҳар як марҳилаи ҳамдардӣ ва инкишофи хислатҳои дар боло зикршударо на танҳо аз нигоҳи психологӣ, балки аз нигоҳи педагогӣ низ таҳлил карда мешаванд.

Марҳилаи аввал "давраи эмотсионалӣ" аст. Ин хислат дар соли аввали ҳаёт ташаккул меёбад. Дар ин ҷо эҳсосоти бартаридошта дар муошират модар бо кӯдакаш муҳиманд: шодӣ ва муҳаббат ё асабоният ва рад кардани хоҳишу рағбат ба муошират муносибат. Кӯдак онро аз худ мекунад, дарк мекунад ва сипас ба дарки аввалини худ бармегардад.

Марҳилаи дуюм "давраи ҳисси шафқат" аст, ки дар соли дуюми ҳаёт инкишоф меёбад. Дар ин давра кӯдак ба кӯдакон ва калонсолони дигар таваҷҷуҳи фаъол зоҳир мекунад. Онҳо аллакай метавонанд эмотсияи хоси дигаронро дарк кунанд ва онҳоро ҳамчун эмотсияи худ эҳсос кунанд. Масалан, онҳо метавонанд вақте, ки кӯдаки дигар гиря мекунад ё вақте, ки волидонаш механданд, гиря кунанд. Бо дархости калонсол, кӯдак метавонад ба модараш, кӯдаки дигари хонаводаро меҳрубонӣ ва сила кунад. Ин аст, ки чӣ тавр аввалин нишонаҳои ҳамҳиссӣ ва ҳисси шафқат пайдо мешаванд.

Марҳилаи сеюм – “қобилияти фаҳмидани дигарон” - дар байни 3 ва 4 солагӣ инкишоф меёбад. Дар ин давра кӯдак худро аз ҷаҳони атроф фарқ мекунад ва инкишоф меёбад. Дар ин марҳила, онҳо ба фаҳмидани он шурӯъ мекунанд, ки дигарон низ эмотсия ва хоҳишҳои худро доранд. Маълум мешавад, ки ин на танҳо "Ман гуруснаам, инчунин дигарон низ" аст; на танҳо "Ман хашмгинам, аммо дигарон низ". Ҳамин тариқ, кӯдак ба дарки дигарон шурӯъ мекунад; онҳо баъзан метавонанд ҳамҳиссӣ ва хоҳиши кӯмак карданро нишон диҳанд, хусусан ба пайвандону наздиконашон. Аммо дар айни замон, аз сабаби синну солаш, кӯдак хеле худхоҳ аст; эмотсияи худи онҳо ҳама чизро фаро мегиранд ва онҳоро майлу хоҳиш, талаботҳои махсус комилан фаро мегиранд. Аз ин рӯ, кӯдаки ин синнусол аксар вақт эмотсия ва хоҳишҳои дигаронро нодида мегирад.

Марҳилаи чорум, "давраи ҳамҳиссӣ" дар кӯдакони аз 4 то 6-сола инкишоф меёбад. То ин дам, кӯдак метавонад ба мушкилоти дигарон диққат диҳад, эмотсияи худро бо эмотсияи дигарон алоқаманд кунад ва оқибатҳои амалҳои худ ва дигаронро пешбинӣ намояд. Онҳо

хоҳиши кӯмак карданро нишон медиҳанд, гарчанде, ки ҳанӯз ва на ҳамеша медонанд, ки чӣ кор кунанд ё чӣ гуна ба шахси ниёзманд кӯмак расонанд.

Марҳилаи панҷум — «давраи шодишарикӣ» (эҳсос кардани шодмонӣ ва муваффақиятҳои дигарон) ва алтруизм (ғамхории беғаразона нисбати дигарон ва омодагӣ барои қурбон кардани манфиатҳои худ) — дар байни синни аз шаш то нуҳсолагӣ инкишоф меёбад. Дар ин давра, агар рушди кӯдак дуруст пеш рафта бошад ва шахсияти ӯ пурра ташаккул ёфта бошад, вай аллакай ба мушкилоти ҳамсолон хеле зуд вокуниш нишон медиҳанд ва ба онҳо дастгирии муносиб ва муассир мерасонанд.

Асоси тарбия намудани меҳру шафқат ин намунаи калонсолон аст, ки асоси психологии онро таъсиррасонӣ ба шуур, ҳиссиёт ва рафтори кӯдакону наврасон ташкил менамояд. Мушфиқу меҳрубон, дилсузу раҳмдил будани ҳар як одам маҳз аз хонавода, намунаи волидон ва аз намунаи ибрат гирифтан аст.

Суоле ба миён меояд шафқат яъне меҳрубонӣ, дилсузӣ, ғамхорӣ, дилбастагӣ нисбати хурдсолон дар чӣ зоҳир мегардад? Мо баъзе усулҳои шафқат ба кӯдакону наврасонро баррасӣ менамоем, ки волидону пайвандон, мураббиёну омӯзгорон дар фаъолияти тарбиявӣ ва ташаккулдиҳии шахсияти тарбиягирандагон метавонанд аз онҳо баҳрабардорӣ намоянд.

–зоҳир накардан ва қаҳру ғазаби худро идора кардан, ки иҷрои ин амал аз зарурияти баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии кӯдакон бармеояд. Ҳангоми дар ҳолати каҳру ғазаб будани калонсолон кӯдакро тарсу ваҳм фаро мегирад, руҳия ва ҳолати эмотсионалии ӯ осеб дида сабаби гирифтор шудан ба дигар нуқсонҳо мегардад. Ба монанди забонгирӣ, дамдуздӣ, канораҷӯӣ, дуруғгӯӣ, тарсончакӣ, бо дунёи ботинии худ фурӯ рафтан, асабоният ва ғайраҳо;

–бо диққат гӯш кардани суханҳои хурдсолон ва ба ақидаи онҳо бо далелу мисолҳо баҳои арзишманду мувофиқ додан, ки дар онҳо эътимод ба он пайдо мегардад, ки “волидайн маро дӯст медоранд”: Махсусан, оромона ва бо чашми хурдсолон нигоҳ карда муколама намудан имконият медиҳад худро арзишманд ҳис намоянд, тарсу ваҳмро бартараф созанд, зуҳуроти ҳиссиёти каҳру ғазаб, гиряву якравиро пешгирӣ намоянд. Инчунин ин амал ҳисси дилбастагию ҳамдигарфаҳмӣ, ҳифзшуда будан ва амниятро ба вуҷуд меорад. Чунин амал дар шаклгирии боварию эътимод ба нерӯи шахсӣ, арзишмандӣ ва устувории мавқеи иҷтимоии кӯдак мусоидат менамояд.

–кӯдакро ба оғӯш гирифта ва оромона, бо овози маҳину паст аз гуфтани “Ман туро дӯст медорам. Ту барои ман азиз ҳастӣ.”- натарсидан ва зиёдтар бо хубию хушахлоқӣ ба қудрату тавоноии ӯ боварӣ изҳор намудан. Иҷрои ин амал на танҳо ба хурдсолон, инчунин ба пайвандону наздикон ҳаловатбахшу гуворо буда он омили руҳбаландӣ ва эътимоду эҳтироми байниҳамдигарӣ дар зиндагӣ мегардад;

–ҳангоми муошират муносибат, иҷро накардани супоришу талаботи худ ба ҳиссиёт дода нашудан хеле муҳим аст. Дар ҳолати ба қаҳру ғазаб дода шудан ва ранҷондани хурдсолон аз онҳо бахшиш пурсидан ҳеҷ айбе надорад. Ин амали калонсолон, намунаи ибрат барои ҳамдигарфаҳмӣ, бахшида тавонистан, ҳамкорӣ намудан, шаклгирии тасаввуротҳои ахлоқӣ мусоидат менамояд ва ба вуҷуд омадани норозигӣ, нописандӣ, нофаҳмиҳо, нафрату бадбиниро пешгирӣ менамояд;

–бадтарин амале, ки арзишмандии меҳру шафқатро рахна месозад ин ба хурдсолон раво дидани ҷазои ҷисмонӣ мебошад, ки дар ҳолати беасос, беадолатона будани ҷазо хурдсолон ва ҳатто мо, калонсолон, тамоми умр онро фаромӯш намекунем ва сабаби дуршавӣ, канораҷӯи аз наздикону пайвандон мешавад. Истифодаи ҷазои ҷисмонӣ дар айёми болиғият метавонад сабаби шаклгирии худписандӣ, худдӯстдорӣ, дағалӣ, бадҷаҳлӣ ва минбаъд ба бемеҳриву беҳурматӣ оварда мерасонад, ки зиёде аз волидони кунунӣ баркамолу бузургсол аз чунин хислати фарзандон дар ҳолати нороҳатӣ мегарданд. Шояд фарзандони зиёди ҷазои ҷисмонӣ дида волидони худро чун шахсони ҷоҳилу бераҳм қабул карда бошанд;

–дар ҷомеаи муосир амалҳои ҷиноятқорӣ, дуздӣ, нашъамандӣ, сигору носкашӣ ва дигар рафторҳои номатлуб (девиантӣ) дар байни кӯдакону наврасон зиёд ба чашм мерасад. Шояд онҳо меҳру шафқати самимии волидону пайвандонро ҳис карда наметавонанд. Дар навбати худ волидон дар оила, омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилотӣ бо сабаби нарасидани вақт, мушкилотҳои пулию молӣ, аксаран муҳоҷирати меҳнатӣ ва ғайраҳоро далел оварда ҷазодиҳӣ ва душвориҳоро асоснок карданӣ мешаванд. Набояд фаромӯш кард, ки барои изҳори дилсӯзию ғамхорӣ беҳтарин восита ин сухан аст, ки бо оҳангу лаҳни ором, тарзи гуворои махсуси баёну муносибати самимӣ қалби хурду бузургро саршори меҳру муҳаббат гардондан мумкин аст;

–бахшанда шуда тавонистан барои хурдсолон хеле муҳим аст, чунки онҳо метавонанд аз самими қалб ба айби худ иқрор шуда, аз кардаи худ изҳори пушаймонӣ намоянд, узр пурсанд, айбу гуноҳи худро бо кору амали хуб ҷуброн карданро изҳор менамоянд. Набояд мо калонсолон ба он роҳ диҳем ҳиссиёти айбдорию гуноҳкорсозии хурдсолон муддати тулонӣ, гоҳҳо тамоми умр дар қалби онҳо боқӣ монаду гирифтори азоби руҳию равонӣ бошанд. Бахшида тавонистани на танҳо хурдсолон, балки кулли одамоне, ки моро иҳота кардаанд, яке аз хислатҳои неки одамӣ аст, ки онро Тошхоҷаи Асирӣ чунин ба қалам додааст:

*Одамият чист? – Худро дур аз шар доштан,*

*Хайрхоҳӣ халқ будан, нафъи безар доштан.*

Боиси таасуф аст, ки зиёде аз ҷавонону бузургсолон меҳру шафқатро дар қонеъ гардондани талаботҳои моддии хурдсолон дидан мехоҳанд, ки ин андешаро қобили қабул донистан нашояд. Тарбияи инсони комил, махсусан, дар аёми хурсолӣ ва наврасӣ меҳру муҳаббат ва раҳму шафқати самимии волидайну омӯзгоронро талаб мекунад. Дар ҳолати эътироф намудан ва қонеъ гардондани талаботу эҳтиёҷоти маънавии кӯдакон бояд ба ҳисоб гирифта шаванд. Ҳангоме ки кӯдаки хурдсол ташнаи меҳру шафқат ба воя мерасад, тарбияро дуруст ва пурра қабул намекунад ва дар оянда нисбати наздикону пайвандон роҳу усулҳои дастрас намудани меҳру дӯстдории худро дарёфт карда наметавонад:

Дар ҷомеаи муосир кадом омилҳо ва иллатҳо ба косташавии меҳру шафқат таъсиргузор гардидааст, ки мо онҳоро хеле дер дарк мекунем?

Агар мо омилҳоро ҳам воситаи таъсиррасони берунӣ ба шуур, ҳиссиёт ва рафтору амали хешро мутаалиқ донем, иллат ин бероҳашавӣ, гумроҳӣ, ноустуворӣ, табоҳкорӣ ва дигар сифатҳои ғаразнок аст, ки инсони комил набояд ба он роҳ диҳаду дар рафтору амали худ аз онҳо бархурдор гардад.

Хусусиятҳои психологии алоқаи байни калонсоли наздик ва кӯдак ҳам дар хонаи кӯдакон ва ҳам дар оила вобаста ба синнусоли кӯдак тағйир меёбад. Умумият ва фарқияти ин алоқаи психологӣ дар оила ва хонаи кӯдакон мавҷуд аст. Умумияташ дар он зоҳир мегардад, ки кӯдакон вобаста ба синнусол зиндадилӣ, хушхолӣ, зоҳирнамоии эмотсия, барқарор намудани муносибатҳои гуногунро нишон медиҳанд. Фарқияташ бошад дар он аст, ки дар хонаи кӯдакон мураббияҳо камтар бо кӯдакон ҳамкорӣ мекунанд, кӯдакон дар навбати худ кам эмотсияҳои манфиро зоҳир менамоянд, ҳолати эмотсионалии худро идора намуда, ба ҳолати эмотсионалии мураббияҳои худ диққат зоҳир менамоянд. Дар хонаи кӯдакон синнусоли кормандон низ дар барқарор намудани муносибат бо кӯдакон нақши муҳимро ишғол менамояд. Кормандони синнусоли калон нисбати кӯдакон серталаб ҳастанд, рафтори консервативӣ дар онҳо зиёд мушоҳида мегардад. Боиси таасуф аст, ки дар навбати худ кӯдакон ба он метавонанд бо агрессия ва рафтори негативӣ реаксияи ҷавобӣ гардонанд. Дар соли дуюми ҳаёт ҳам дар оила ҳам дар хонаи кӯдакон духтарчаҳо нисбат ба писарон фаъолтар мегарданд, ки он дар майли зиёд ба муошират зоҳир мегардад. Кормандони хонаи кӯдакон нисбат ба модарон хеле дар ҳолати хуби эмотсионалӣ қарор доранд, аммо онҳо ҳаракаткуниҳои ҷисмонӣ (давидан, паридан) ва бозии кӯдаконро маҳдуд месозанд. Дар натиҷа рафтори кӯдакон якхела, мисли ёддодашуда ба назар мерасад, ки онро стреотипҳои (одатҳои) рафтор низ номидан мумкин аст. Одатан дар хурдсолӣ манъкунии зиёд сабаби ба вуҷуд омадани рафтору одатҳои манфӣ, ба монанди гапнодаро, пассив, изтиробнок шудан мегардад [9, с. 137].

Дар заминаи таҳлили адабиётҳои илмию оммавӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, суҳбат ба хурду бузургсоли ҷомеа, ки синнусол, мавқеи гуногуни иҷтимоӣ доранд, мушоҳидаи ҳодисаю воқеаҳо монанди он ки “ҳамсояҳо чӣ мегӯянд!” омилҳои гуногуни таъсиррасон ба шаклгирӣ ва зуҳуроти меҳру шафқатро арзёбӣ намудан мумкин аст. Таъсири ин омилҳо ба пайдошавӣ ва зуҳуроти иллатҳо дар самти устувории меҳру шафқат бо хурдсолон, ба хусусиятҳои шахсиятӣ ва синнусолии ҳар як фард, таҷрибаи ҳаётӣ ва андешаю неруи ақлию зеҳнӣ вай алоқаманд аст. Инчунин таъсири омилҳои номбаршаванда андешаи субъективии муаллифон буда ҳар яке ба таҳлилу таҳқиқоти илмӣ, натиҷагирии илмию амалӣ ниёз доранд:

–муҳити солими маънавӣ – психологии хонавода, ки сарвари он падар ва модар бояд намунаи ибрат барои фарзандону пайвандон дар меҳру шафқат барои имрӯзу оянда насли ҷомеасоз бошанд;

–дар муассисаҳои таҳсилотӣ мураббиёну омӯзгорон дар дастрасии меҳру шафқат бо кӯдакони наврасон адолатпеша бошанд, чун онҳо дар ин давраи синнусолӣ зиёдтар ва махсус ба меҳру шафқат ниёз доранд, дар сазовор шудан ба он бо “адолатпешагӣ”- и атрофиён ҳассосу серталаб ҳастанд;

–расонаҳои иҷтимоӣ, ки ҷомеаи иттилоотии ҷомеаи муосирро ба миён овардааст ва онҳоро ба ғояву андешаҳои солимро “истилоъ” карданд, бояд ҳангоми таҳия ва паҳн намудани маводди хонаднӣ ва намоишии худ хусусиятҳои синнусолӣ, равонию руҳӣ, махсусан кӯдакону наврасонро, ки имрӯз яке табақаи зиёд истифодабарандаи онҳо мебошанд, ба ҳисоб гиранд. Набояд фаромӯш кард, ки мо хурдсолону бузургсолонро аз он маҳрум карда наметавонем, вале имконияту тавоноии то андозае идора кардани вақту замон, макону тарзи истифодабариро дорем. Расонаҳо – телевизион, интернет, сомонаҳои иҷтимоӣ, кулли маводҳои намоишӣ, аудиоӣ на танҳо қудрату тавоноии фарҳангофарӣ, инчунин дигаргунсозии пурнуфуз ва муассир доранд, ки онро ҷомеа дар ҳамаи ҷабҳаҳои олами маънавии хурду бузург, кору фаъолият, ҳаёту зиндагӣ мавриди омӯхтан, азхудкардану тақлидкорона истифодабарӣ қарор додаанд. Вазифа ва масъулияти волидону омӯзгорон бо қадри имкон ҳифз кардани руҳу равони кӯдакону наврасон аз ин падидаҳои осебрасон мебошад.

Раванди ҷаҳонишавӣ аз хурду бузург, намояндагони илму маърифат, аҳли зиё новобаста ба макону мансаб, вазифаю мақом ба ҳамдигар дастгиру мададгор будан, мушфиқу сулҳофар гардиданро талаб мекунад, ки бинои он дар пойдевори меҳру шафқат бунёд мегардад.

Дар ҷаҳони имрӯза махсусан кӯдакони ятим, бепарастор, маҳрумгашта аз муҳити хонаводагӣ, бемор, ки имкониятҳои маҳдуди иҷтимоӣ ва талаботҳои махсуси таҳсилотӣ доранд ба меҳру шафқати атрофиён ниёз доранд. Имрӯз дар кишвари мо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, сарвари он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президент Эмомалӣ Раҳмон нисбати ин табақаи кӯдакону наврасон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда дасти мадади беғаразонаи худро дареғ намедоранд. Кӯшиш менамоянд онҳоро аз ҷиҳати моддию маънавӣ дастгирӣ намуда, барои бунёдиояндаи нек роҳнамо ҳастанд.

Вазъи кунунии номуътадили кишварҳои ҷангзадаи Араб, Афғонистон, обхезию сухтори ҷангалу киштзорҳо, хавфу хатари терроризм ва экстремизм, ки кулли онҳо хатарбор ба зиндагии одамон ва табақаи аз ҳама осебпазири он кӯдакону наврасон мебошанд бояд аҳли ҷаҳонро ба раҳму шафқат оварад.

Таҷрибаи зиндагӣ, таҳқиқотҳои олимони соҳаи психологияи бачагона (Лисина М.И., Харлоу Г., Матейчик З., Лангмейр Й., Боулби Ҷ., Хоментуская С.Т., Прихожан А.М., Толстых Н.Н. ва дигарон) муайян намудаанд, ки дар кӯдакони тифлони дур аз оила – хонаҳои кӯдакон тарбияёфта, дар натиҷаи норасоии меҳру муҳаббат, дӯстдорӣ, навозишу муносибати эмотсионалии калонсолон, махсус модар, дар аввал қафомонии психикӣ – яъне депривatсия дар самтҳо инкишофи ҷисмонӣ (ҳаракаткуниҳо), иҷтимоӣ, ҳиссӣ – эҳсосотӣ, маҳдудияти таасуроту тасаввуротҳо доир ба олами гирду атроф ба вуҷуд меоянд. Чунин нуқсону норасоӣ минбаъд метавонад сабаби ба вуҷуд омадан ва зуҳуроти бадҷаҳлӣ (агрессивнокӣ), бераҳмӣ ва ғайраҳо гарданд. Дар синни наврасӣ бошад норасоии шафқат ва меҳру дӯстдорӣ мушкилотро дар интихобу истифодаи арзишҳои самтгирии муносибатҳои иҷтимоӣ, азхудкунӣ ва риояи қойдаҳои меъёр ва рафторҳои маънавӣ – ахлоқӣ, худшиносӣ, интихоби рафиқ муошират муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва ғайраҳоро ба вуҷуд меорад. (Юферова Т.И.). Норасоии меҳру шафқат дар аёми кӯдакӣ ба ташаккулёбии шахсияти инсон таъсир мерасонад ва онро “мушкилоти аёми кӯдакӣ” ҳисобидан мумкин аст [11, с. 160].

Бояд қайд кард, ки дар ҳамаи фарҳангҳову илмҳои дунявию динӣ масъулияти тарбияи фарзанд дар навбати аввал бар души падару модар гузошта шудааст. Ниҳоди падару модар пур аз муҳаббат, меҳру дӯстдорӣ, шафқату меҳрубонӣ ба фарзанд буда онҳо набояд фарзанди хешро барвақт аз он маҳрум созанд. Лутфу меҳрубонии пайвандон барои кӯдак ғизои пуразриши равонию ҷисмонӣ аст, ки барои тамоми умр ӯро роҳнамоӣ мекунад.

Омӯхтан ва таҳлили таҳқиқиҳои муосири тиббӣ, психологӣ, иҷтимоӣ, педагогӣ (Мухамедрахимов Р.Ж., Лисина М.И., Авдеева Н.Н. ва дигарон) нишон медиҳанд, ки дар тарбия ва ташаккули ҳисси шафқат, меҳрубонӣ ва дӯстдорӣ дар кӯдакони дур аз муҳити хонавода – оила ниёз ба мададу дастгирӣ доранд, яъне дахолати барвақтӣ ба рушди равонию руҳӣ, тиббӣ – иҷтимоӣ, психологӣ педагогии чунин табақаи кӯдаконро тақозо мекунанд. Мушкилоти аввалини кӯдакони дар чунин муассисаҳо тарбия ва инкишофёбанда дур аз меҳру навозиш, раҳму шафқат ва дӯстдории тифлон аз модар мебошад, ки фақат ӯ метавонад, кулли талаботҳои фарзандро қонеъ гардонад. Бинобарин дар шароити кунунии Тоҷикистон низ зарурияти омӯхтан, таҳлилу таҳқиқ ва баррасии беҳдошти тарбияи шафқат дар кӯдакони аз канори модар дурмонда, оилаҳои камбизоат, модарони танҳо бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя дар заминаи такя намудан ба арзишҳои миллию умумибашарӣ

ба миён омадааст. Хуб мешуд дар ин раванд самти афзалиятнок ва арзишманди оила ҳамчун ниҳоди таърихӣ – фарҳангии аз насл ба насл додани таҷрибаи тарбиятӣ, ғояҳои инсонгаронаи миллӣ ва умумибашарӣ махсусдошта ба ҳисоб гирифта шаванд. Ин раванд фаъолияти якҷояи кормандони тиб, иҷтимоӣ, осебшиносон, психологҳо ва кулли аҳли ҷомеаро талаб мекунад. Инчунин ин раванд барои амалӣ гардидани талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак”, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ – ҳуқуқии кишварро таъмин хоҳад кард.

***Адабиёт***


1. *Авдеева, Н.Н. Ранее вмешательства и эмоционально – личностные нарушения в раннем возрасте. Электронный журнал “Психологическая наука и образование / Н.Н. Авдеева. - Санкт – Петербург, 2010, №5, С. 140 – 146.*
2. *Давлатов, М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон / М. Давлатов. - Душанбе, 2014 – 214 с.*
3. *Донишномаи психологӣ. Мураттибон Саидзода Н., Раззоқов Х., А. Аминов. - Душанбе, 2025. – 380 с.*
4. *Кембелл, Росс Агар фарзанди худро аз самимии қалб дӯст доред... Маслиҳатҳо барои ҳамаи падару модарон. Тарҷума аз забони англисӣ / Росс Кембелл. - Душанбе, 2010.–150 с.*
5. *Кошифӣ, Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи “Ҳотамия” / Ҳ.В. Кошифӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.*
6. *Куллиёти Ҳофизи Шерозӣ. Таҳти назари Муҳаммади Борӣ. Теҳрон, 1379/2001. – 356 с.*
7. *Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогикаи Аҷам / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 1997 – 149 с.*
8. *Маҷидова, Б. Тарбияи ахлоқии хурдсолон. Луғат оид ба “Тарбия ва инкишофи ахлоқии кӯдакон / Б. Маҷидова. - Душанбе, 2011. – 52 с.*
9. *Маҷидова Б. Нақши калонсолон дар шаклгирии ҳисси дилбастагӣ дар кӯдакони синни барвақти бачагӣ // Б. Маҷидова, З. Рустамова. Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. - 2022, №4 (14). С.134 – 140*
10. *Мухамедрахимов, Р.Ж. Научные основы ранней помощи детям младенческого и раннего возраста и их семьям том 14. Выпуск 4. / Р.Ж. Мухамедрахимов // Вестник Санкт – Петербургского университета психологии. 2024, С. 571 – 587*
11. *Прихожан, А.М. Дети без семьи. Детский дом: заботы и тревоги общества / А.М. Прихожан, Н.Н. Толстых. – Москва: «Педагогика», 1990. – 160 с.*
12. *Раҳимов, Б. Педагогикаи этникӣ ва мардуми халқи тоҷик / Б. Раҳимов, А. Нуров. - Душанбе, 2008. – 296 с.*
13. *Сайидзода, З. Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба пайомадҳои манфии ҷомеашавӣ / З. Сайидзода. - Душанбе, 2014. – 260 с.*
14. *Семейное воспитание. Краткий словарь. Москва, 1990 – 319 с.*
15. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 қисм. Қисми дуйӯм. М., 1969. – 1004 с.*


## ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ҲИССИ ШАФҚАТ ДАР ХУРДСОЛОН


Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои ташаккули ҳисси шафқат дар кӯдакон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Афкори мутафаккирон, таҳқиқотҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ вобаста ба ташаккули ҳисси шафқат дар кӯдакон, омилҳои таъсиррасон ба ин ҳиссиёт аз тарафи муаллифон шарҳ дода шудааст. Мавриди қайд аст, ки ташаккули ҳисси шафқат дар кӯдакони хурдсолӣ дар консепсияҳои гуногуни илмӣ низ хуб нишон дода шудаанд. Урфу одат, анъанаҳои миллӣ, муносибати калонсолони оила – бобою бибӣ, падару модар, фарзандони калони оила ё дигар пайвандон ба ташаккули ҳисси шафқат, дилбастагӣ, дилсузию ғамхорӣ дар кӯдакон таъсири худро мегузорад. Инчунин дар мақола усулҳои зуҳуроти ҳисси шафқат, меҳрубонӣ, дилсузӣ, ғамхорӣ, дилбастагӣ нишон дода шудааст, ки барои волидону пайвандон, мураббиёну омӯзгорон хеле бо маврид аст, ки дар фаъолияти корӣ ва муносибат бо кӯдакони хурдсол аз он истифода мебаранд. Омилҳо ва иллатҳои косташавии меҳру шафқат таҳлил гардидааст.



**Калидвожаҳо:** меҳру шафқат, дилбастагӣ, кӯдакон, синни барвақт, ташаккул, даврaҳо, одобу ахлоқ, раҳмдилӣ, волидон, таъсири муҳит, афкор, зуҳурот, омил, иллат.


## ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ СОСТРАДАНИЯ У МАЛЕНЬКИХ ДЕТЕЙ


В данной статье анализируются особенности развития сострадания у детей. Авторы излагают идеи успешных людей, исследования зарубежных и отечественных ученых по развитию сострадания у детей, а также факторы, влияющие на это чувство. Стоит отметить, что развитие сострадания у маленьких детей также хорошо описано в различных научных концепциях. Обычаи, национальные традиции, отношения взрослых в семье — бабушек и дедушек, родителей, старших детей в семье или других родственников — оказывают свое влияние на развитие сострадания, привязанности, сочувствия и заботы у детей. В статье также представлены методы проявления сострадания, доброты, сочувствия, заботы и привязанности, которые весьма актуальны для родителей и родственников,

педагогов и учителей, использующих их в своей работе и отношениях с маленькими детьми. Анализируются факторы и причины снижения сострадания и заботы.

**Ключевые слова:** привязанность, дети, ранний возраст, формирование, периоды, нравы и этика, сострадание, родители, влияние окружающей среды, мысли, явления, факторы, причины.

**FACTORS FOR THE DEVELOPMENT OF COMPASSION IN YOUNG CHILDREN**

This article analyzes the features of the development of compassion in children. The authors explain the ideas of successful people, studies of foreign and domestic researchers on the development of compassion in children, and the factors affecting this feeling. It is worth noting that the development of compassion in young children is also well described in various scientific concepts. Customs, national traditions, the relationship of adults in the family - grandparents, parents, older children in the family or other relatives - have their own impact on the development of compassion, affection, sympathy and care in children. The article also shows the methods of manifestation of compassion, kindness, sympathy, care and affection, which are very relevant for parents and relatives, educators and teachers who use them in their work and relationships with young children. The factors and causes of the decline in compassion and care are analyzed.

**Keywords:** affection, affection, children, early age, formation, periods, manners and ethics, compassion, parents, environmental influence, thoughts, phenomena, factors, causes.

***Дар бораи муаллифон***

*Маҷидова Бибиҳафиза*
*Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

*Рустамова Зарина Тоирҷоновна*
*Омӯзгори кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: zara_1426@mail.ru*

***Об авторах***

*Маджидова Бибихафиза*
*Доктор педагогических наук, профессор кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121*

*Рустамова Зарина Тоирджоновна*
*Преподователь кафедры общей и педагогической психологии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: zara_1426@mail.ru*

***About the authors***

*Majidova Bibikhafiza*
*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

*Rustamova Zarina Toirjonovna*
*Lecturer of the Department of General and Pedagogical Psychology*
*Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: zara_1426@mail.ru*

ТДУ 159.921 (575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ОМОДАСОЗИИ ҶАВОНОН БА ҲАЁТИ ОИЛАДОРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Олимов Т. Ш.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Интихоби ҷуфти муносиб ва бунёди оилаи солим яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳаёти ҳар як шахс ба ҳисоб меравад, ки тамоми муваффақиятҳои зиндагӣ, кору фаъолият, саодату хушбахтӣ ва комёбиҳои инсон аз он вобаста аст. Интихоби дурусти ҳамсар ҷавҳари аслии хонаводаро ташкил медиҳад, ки дар заминаи он тарбияи фарзандони ҷисман солиму хушахлоқ дар назар дошта мешавад. Омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона яке аз мушкилоти мубрами ҷомеаи мо маҳсуб ёфта, он барои таъмини ояндаи дурахшон нақши муҳим мебозад. Барои он ки ҷавонон ба зиндагии мустақилона омода бошанд, чӣ бояд кард? Кадом корҳоро то вақти издивоҷ бояд ба сомон расонид? Ҷуфти мувофиқу муносиб дар зиндагӣ кӣ шуда метавонад?

Посухи ин пурсишҳо дар вуҷуди ҳар кадоми мо нуҳуфтааст. Яъне, ҳар кас ба худ суол бидиҳад, ки оё барои оғози зиндагии бо каси дигар омодааст? Ҳамсари ояндаро то кадом андоза мешиносем, аз ахлоқу одобаш огоҳ ҳастем ё не? Ҳадафи асосӣ барои ташкили зиндагии муштарак дар чист? Оё ҷавонони мо қудрати ташкили оила, иҷрои масъулиятҳои бадӯшдоштаи хонаводагиро доранд? Оё онҳо метавонанд дар ҳар вазъиятҳои мухталифи ҳаёт шакли рафтору муносибати якдигарро қабул намоянд? Оё онҳо дар ҳар вазъиятҳои дӯвори муҳити хонаводагӣ бо ҳам ҳамфикр шуда метавонанд? Асрори як хонаводаи муваффақ дар чист? Бинобар ин, барои оғози як зиндагии беҳтар бояд бидонем, ки ҳар чи қадар шиносоии пеш аз издивоҷ дошта бошем ҳам, он кофӣ нест. Дар баробари ин, бояд дарк намуд, ки олами зоҳирию ботинии ҳамсари интихобкардаи мо дарҳол ифшо намешавад.

Бештари ҷавонон нисбат ин масъала бетаваҷҷуҳӣ зоҳир намуда, ҳалли ин масъаларо чандон муҳим намеҳисобанд, аммо ин хатои маҳз аст. Яке аз мушкилоти асосии ташкили оила дар бисёр оилаҳои ҷомеи мо ба бисёр омилҳои ахлоқию психологӣ алоқамандӣ доранд, ки хонаводаҳо ба он эътибор намедиҳанд. Наомӯхтани хислатҳои якдигар боиси ҷудошавӣ ва вайрон гардидани оилаҳо мешаванд. Аз ин лиҳоз омили асосӣ ба ҳёти оилдорӣ омода намудани ҷавонон мебошад. Волидон бояд аз овони хурдсолӣ бо фарзандон дар ҳама намудҳои кору фаъолияти зиндагӣ доир ба ин масаъала ҳамкориро ҷиддӣ ба роҳ монда, ба онҳо маҳорати рӯзгордориро ташаккул ва рушд диҳанд. Психологи соҳаи оила В. А. Сисенко, ки доир ба масоили демографӣ ва проблемаҳои иҷтимоии аҳолӣ замони шуравӣ бисёр тадқиқот бурдааст, дар масъалаи мазкур бар ин назар аст, ки «омодасозии ҷавонон ба издивоҷ аз рӯйи хусусият ва мундариҷаи худ бисёрҷониба мебошад. Вай бояд ба таври методӣ, муттасилу мунтазам ва мақсаднок пеш бурда шавад. Ҳамзамон ҷавононро бо тайёрии махсус барои издивоҷ кардан дар марҳалаҳои ибтидои ҳаёти оилавӣ ташаккул додан зарур аст. Омода будан маънои ташаккули донишҳои муайян ва зарурӣ оид ба психогигенаи ҳаёти давраи балоғат, дар бораи тарзу воситаҳои пешгирии ҳомиладорӣ, доир ба гигиенаи ҳомиладорӣ, дар мавриди реҷаи меҳнату истироҳат ва хӯроки зани ҳомиладор, роҷеъ ба мушкилоти нигоҳубини кӯдаки навзод, дар бораи махсусиятҳои психикии инкишофи кӯдак ва ғайраро дорад» [12, с. 201].

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҳамаи одамон, дар баробари рушди комили шахсиятӣ доштан, инчунин баъзан дар рафтору кирдорашон айбу нуқсонҳои ахлоқӣ мушоҳида мегардад. Аксари ин норасоиҳои шахсиятӣ ба сабку равиши тарбияи замони кӯдакии онҳо иртибот дорад. Пӯшида нест, ки ҳеҷ кас аз камбудиву норасогиҳо орӣ нест. Ҳунар ва маҳорати ҳар ҳамсар ин аст, ки битавонад дар раванди зиндагии муштарак рафтору муносибати худро бо ахлоқ ва рафтору нуқсонҳои ҳамсараш мувофиқу мутобиқ созад. Ин маънои онро надорад, ки бояд ҳама ҷурму одатҳои аҳмақонаи онҳоро қабул намоем. Беҳтараш ҷиҳати тағйир додани рафтору муносибати нодурусти худ кӯшиш ба харҷ диҳем. Ба қавли аҳли фалсафа ҳар як инсон микроолами алоҳида буда, ба таври комил олами ботинии касе ба каси дигар пурра шабоҳат надорад.

Ҳадафи мо дар масири оиладорӣ бояд талоши тағйир додани рафтору кирдорҳои нохуби дигаре набояд бошад, зеро ҳаргиз шахсияти дигареро пурра тағйир додан ва аз ӯ инсоне сохтан ки комилан мувофиқ бо идеалҳо ва хоҳишҳои мо бошад, мумкин нест.

Бинобар ин, кӯшиш бояд намуд, ки бо рафторҳои оқилона ва бо меҳру муҳаббат ин дигаргуниҳоро бо мурури вақт тадриҷан эҷод намоем ва рушд диҳем. Ба ҳамсар нишон додан лозим аст, ки барои ӯ ва зиндагии якҷоя эҳтироми ҷонибҳо муҳим буда ҳамеша барои расидан ба як ҳадаф, яъне ба хушбахтии хонавода талош кардан зарур аст.

Вобаста ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва тиббии тарбияи оилавӣ, банақшагирии оила, мувофиқати ҳамсарон аз ҷониби як қатор олимон: В. П. Левкович, А. Л. Литвинова, С. М. Пителин, О. Г. Прохорова, В. А. Сисенко, В. С. Торохтий, О. Г. Харчев, Л. Б. Шнейдер ва дигон таҳқиқоти зиёде ба анҷом расидааст. Масъалаи мазкур дар осори муҳаққиқони тоҷик А. М. Абдураҳмонов, Х. Раҳимзода, М. Юнусова, Б. Ш. Алиева, М. В. Раҷабов, М. И. Гаҷиева, М. Давлатов, А. М. Муҳаммадов, М. Ш. Ризохонова ва дигарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз рӯи таҳлилҳои иҷтимоӣ дар интихоби ҳамсар асосан ду чизро ба ҳисоб гирифтан шарт ва зарур аст:

1) рафтуомади хонаводагиро ба оилаҳое ба роҳ мондан лозим аст, ки онҳо аз бисёр ҷиҳат ба хонаводаи шумо шабоҳат дошта бошанд ва аз миёни чунин оилаҳо ҳамсари муносибро интихоб намудан осонтар аст. Чунки яке аз омилҳои асосии вайрон шудани оилаҳо ин огоҳӣ надоштани ҳамсарон аз тафовутҳои ҳамдигарӣ, нафаҳмидани сатҳи фарҳангу муносибатҳои хонаводагии якдигар ба ҳисоб меравад;

2) дар интихоби ҳамсар худи ҳамон ҷавондухтар ё ҷавонписар қадами аввалро гузорад, яъне дахолати дигар шахсони наздик бояд набошад;

Дар расму оин ва фарҳанги оиладории мо анъанае мавҷуд аст, ки тибқи он волидони рӯзгордидаву таҷрибаандӯхта бо тадбир пеш аз замони маросими ақди издивоҷ баъзе аз асрори хонадорию хешутабориро ба фарзандон фаҳмонда, ба онҳо поси урфу одат, одобу ахлоқ, эҳтироми калонсолон ва пеш аз ҳама, волидони ҳамсарашонро талқин мекунанд. Риояи ҳамаи ин, албатта, пояи бинои навбунёди оилавии навхонадоронро мустаҳкам мекунад. Аммо риоя нагардидани ин омилҳо ва боз бисёр омилҳои дигар ба он бино садама зада, риштаҳои пайвастшудаи хешутабориро канда мегардонад. Беҳуда нагуфтаанд: «Кушки роҳату фароғати оилавӣ, ки аз гилу хишти ишқ ва меҳр бино меёбад, чун гул нозук буда, боди тундхӯе расад, фано гардад, парастише бинад нумуъ ёбад» [5, с 48 ].

Ҳайҳот, ки зиндагии оилавӣ аз пастию баландиҳо, омаду ноомадҳо, барору нобарориҳо, муваффақияту нокомиҳо, дороиву нодориҳо иборат аст, боди тундхӯи садамаовар ҳам кам нест. Баъзан ин боди тунд ҷуфти навхонадорони ҳанӯз дар марҳилаи аввали зиндагӣ қарордоштаро дар гирдоби тӯфони сард сарнагун мегардонад. Масалан, агар сатҳи дорой ва иқтисоди навхонадорон нобаробар бошад ё сатҳи маърифати яке аз навхонадорон паст бошад, гумон аст, ки онҳо якдигарро зери таънаву маломатҳо қарор дода, сабаби ба вуқуъ омадани низоъҳои хонаводагӣ мегарданд.

Дар зиндагии оилавӣ сабру таҳаммул ва тоқатпазирӣ аз хислатҳои накутарини ахлоқи ҳамида ба шумор меравад ва ҳар фарде, ки ин хислатҳоро дорост, мудом ба муроди дил мерасаду дар ҳар кор комёб мегардад. Вале ин на ҳамеша ва на ба ҳама муяссар мегардад. Баъзан мешавад, ки зану шавҳари ҷавон ин ё он масъаларо маслиҳат мекунанду ба қарори ягона омада наметавонанд. Дар ин сурат ҳар кас масъаларо вобаста ба манфиати худ ҳал кардан мехоҳад. Бинобар ҳамин ҳамдигарфаҳмии ҳамсарон, ҳамфикрию рафтори худро бо талабот рафторҳои ҳамсар мувофиқ намудан яке аз омилҳои асосӣ ва боиси мустаҳакам гардидани муносибатҳои оилавӣ мебошад. *Худи калимаи мувофиқӣ - ин бо ҳам наздик будан ё фарқ намудани хусусиятҳо, одатҳои бо ҳам монанде мебошад, ки хусусияти хусуматомезӣ надоранд ва ҳамдигарро пурра мекунанд.* Барои устувор гардидани муносибатҳои байниҳамдигарӣ, зану шавҳар бояд аз ҷиҳати эмотсионалӣ, руҳию равонӣ, моддӣ, маънавӣ, шаҳвонӣ мувофиқ бошанд. Чӣ қадаре, ки мувофиқӣ зиёдтар бошад, ҳамон қадар мустаҳакамии муносибат байни ҳамсарон дида мешавад. Муайян карда шудааст, ки талабот аз ақди басташуда ҳамон вақт қонеъ мегардад, ки хусусияти психологии ҳамсарон аз бисёр ҷиҳат ба ҳамдигар монанд бошанд ё ба ҳамдигар мувофиқат кунанд.

Аз ин рӯ, асоси ҳар гуна ихтилофҳое, ки дар байни ҳамсарон рӯй медиҳад, дар мувофиқ набудани баъзе хусусиятҳои фардиашон аст.

Ҷуфти муносиберо барои зиндагии якҷоя вақте интихоб мекунанд, ки агар ҷониҳо чун фарди муносиби ҳамдигар ташаккул ёфта бошанд. Ҳатто агар ҷуфти муносиберо ба унвони ҳамсар интихоб кардан муяссар шавад, вале фарди муносиб набошем, дар ин ҳолат робитаи дохили оилавӣ заиф шуда, мушкилиҳои аз ин бешро пеш меорад. Оадмони зиёдеро мебинем, ки ҷуфти муносибу мувофиқро мечӯянд, ҳол он ки онҳо бояд худашон ба он саъй кунанд, ки

ба каси дигар ҷуфти мувофиқ бошанду дар муваффақият ва ҳифзи музаффарияти рӯзгордорӣ талошу саҳми назаррас дошта бошанд.

Барои расидан ба муваффақиятҳои хонаводагӣ равоншиносони соҳавӣ чунин меъёрҳоро пешниҳод менамояд, ки баҳисобгирии онҳо ба манфиати кор аст:

- ***Қабл аз издивоҷ ҷонибҳо бояд мустақил ва омода бошанд.***

Омодагии иҷтимоӣ ва кофӣ будани синну сол тадриҷан бо мурури вақт ба вуҷуд меояд ва ҳамин метавонад далели хубе барои сабр кардан ва издивоҷ дар синни муносиб бошад. Зеро шитобкорӣ ба издивоҷ, ки онро мардум “савдои умр” меноманд, оқибати хуб надорад. Беҳтарин омили пешбиникунандаи издивоҷи муваффақ дар асоси таҳқиқот ин омодагӣ ба ҳаёти оиладорӣ ва синни муносиби ҳамсарон ҳангоми издивоҷ мебошад.

Чунон ки Имоми Аъзам дар “Панднома”-и худ мегӯяд: «Замоне издивоҷ кун, ки яқинат комил гардид, ту метавонӣ масъулияти аҳли аёли хешро бар дӯш бигирӣ, зеро издивоҷ кардан ин ҷиҳати комил кардани шаҳват нест, балки издивоҷ дар асл бардоштани масъулиятҳост» [8, с. 46].

Ҳар қадар ки синни издивоҷӣ барвақттар яъне, аз меъёри муқарраршуда камтар бошад, эҳтимол аст пошхӯрии оилаҳо афзоиш ёбад. Ба назар мерасад, ки афроди куҳансол аз пастию баландӣ ва таҷрибаи рӯзгор бештар бархӯрдоранд ва дақиқтар медонанд, ки аз издивоҷ чӣ мехоҳанд.

- ***Ҳар ду нафар ба ҳамон андоза, ки ҳамдигарро дӯст медоранд, худашонро ҳам дӯст дошта бошанд.***

Дар робитаи ошиқона иззати нафс бисёр муҳим аст. Дар воқеъ, агар шумо худатонро дӯст надоред, ба дигаре ошиқ шуданатон бисёр мушкил аст. Дӯстдории яктарафа бо гузашти замон боиси дилсардиву дилмондагӣ мегардад. Пас, пеш аз он ки ошиқ шавему дӯст дорем, бояд моҳияти ишқро донем, ниёз ба эҳсоси амният ва иззати нафс дошта бошем.

- ***Дар шуғл ва ҳунари худ боирода ва қавӣ будан.***

Шуғл ё ҳунар метавонад амнияти молиявии хонаводаро таъмин созад. Ҷавононе, ки оила бунёд мекунанд, соҳиби ҳунару касбе бошанд ва ҳамроҳ дар амнияти молиявии хонавода ширкат варзанд, ки ин метавонад дар муносибати хонаводагии онҳо ба вуҷуд оварад. Агар баръакс бошад, метавонад дар муносибати хонаводагии онҳо мушкилии зиёди иқтисодиро эҷод кунад.

- ***Ҳар ду нафар талош варзанд, ки худхоҳ набошанд ва хостаҳои ҳамдигарро бароварда созанд.***

Вақте ки мо ба ниёзҳои дигарон диққати худро равона месозем, онҳо низ ба хоҳишу ниёзҳои мо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Ҳақиқат ин аст, ки худхоҳии камтар беҳтарин силоҳи фард аст, зеро ки ба робитаи ҳамкорона ва самимона кумак мекунад, ки он барои ҳарду ҷониб судманд мебошад. Зану шавҳар барои расидан ба ҳамаи мақсаду орзуҳояшон бояд дастаҷамъона талош варзанд. Ба қавли шоир Фаридуддуни Аттор:

Ҳар ки ӯ бо дӯстон якдил бувад,
Ҷумла мақсуди дилаш ҳосил бувад [9, с. 223].

- ***Муваффақиятҳои пеш аз издивоҷ***

Ба забони сода гӯем, омӯхтани рафтори ду нафар пеш аз издивоҷ нишондиҳандаи хубест, ки баъд аз издивоҷ чӣ гуна бо ҳам муносибатҳои дуҷонибаро барпо намоянд. Мутахассисони соҳа ба он назаранд, ки қисми бештари сардшавии муносибатҳои ҳамсарон ин номувофиқии хусусиятҳои фардӣ - психологии онҳо шуда метавонад. Яъне, фарқияти хусусиятҳои психологии онҳо сабаби номувофиқии онҳо мегардад. Омӯхтан ва дониста гирифтани хусусиятҳои психологии ҳамсарон барои дар муносибат чӣ гуна муваффақ шудани онҳо мусоидат менамояд.

- ***Кӯшиш барои расидан ба ҳамдигарфаҳмӣ***

Ҳамсарон кӯшиш намоянд, ки дар ҳар мавзуъ якдигарро дарк намоянд.

Дар бисёр маврид вақте ба ҳамсарон бо саволи барои издивоҷи муваффақ кадом лаҳзаҳо муҳиманд чунин посух медиҳанд, ки яке аз лаҳзаҳои муҳимм дар муносибати ҳамсарон якдигарфаҳмӣ мебошад. Онҳое, ки якдигарро мефаҳманд, ба хушиву хуррамӣ, якдилона бо ҳам рӯзгори хубе мегузаронанд.

***Барои он ки дар ҳаёти оиладорӣ як зиндагии бомуҳаббат ва рӯзгори осудае дошта бошем, ба аломатҳои дуруст ташкил кардани он эътибор додан зарур аст:***

1. Пайдо намудани як шахси мунису ҳамсафари зиндагӣ шарти асосӣ ва муносибе барои хонавода аст. Будани шахси мунису ғамхор ба ин маънӣ аст, ки дар сафари зиндагӣ ҳадафи муштарак дошта бошанд, то ҷодаҳои душвор ва пурпечутоби зиндагиро ҳамроҳ

сипарӣ кунанд. Ҳамроҳи ҳамсафаре, ки мақсади муайяне надорад, чандон боварибахш нест ва агар шахс номувофиқро бо худ ҳамсафар созанд, боз ин дилнишин ва гуворо нахоҳад буд. Дар ин бора Сайидои Насафӣ фармудааст:

Ҳамин як сӯзани беришта хоре гашт Исоро,
Балое бадтар аз ҳамроҳи ноқобил намебошад.

2. Рушди тарафайн дар зиндагии якҷоя, кӯшиш кардан барои ноил шудан ба муваффақиятҳои якдигар ва пуштибонии самимонаи ҳамдигар метавонад муносибатҳои зану шавҳарро устувор намуда, умеди онҳоро ба ояндаи нек тақвият бахшад. Издивоҷи мувофиқ метавонад беҳтарин интихоб барои муваффақияти ҳамсарон бошад. Аммо агар яке аз онҳо фақат дар фикри мақсад ва ниёзҳои худ бошад, он гоҳ издивоҷ наметавонад устувор ва умри ҷовидона дошта бошад. Ғаразҳо боиси дилсардӣ ва рахнаи дӯстию муҳаббат мешаванд.

3. Издивоҷ роҳе аст барои бартараф намудани ниёз ва рафторҳои ҷинсӣ. Аммо агар робитаи ҷинсӣ сабаби аслии издивоҷ бошад, мо аз ин гуна издивоҷ муваффақ нахоҳем шуд. Чунки ҳадафҳои издивоҷ танҳо аз бартараф намудани талаботи шаҳвонӣ ва ниёзҳои шахсӣ иборат нест.

4. Ба мақому мартабаи падарию модарӣ расидан яке аз масъалаҳое аст, ки аҳаммияти он дар миёнсолӣ (синни миёни 40-60-солагӣ) бештар намоён мешавад, ки метавонад ба саломатию ҳолати равонии шахс кумак кунад. Ҳаёт, зиндагӣ ба волидайн мушкиливу зиддиятҳои зиёдеро пеш мегузорад. Аз як сӯ, тарбияти фарзанд вазифаи мушкил ва бисёр дилгиркунанда аст, аммо аз тарафи дигар, коре бисёр зарур аст. Вақте фарзандон бузург мешаванд ва ба ҳадди кофӣ мустақил мегарданд, аксари волидайн иброз медоранд, ки ин таҷриба барои ҳамаи умри онҳо кофӣ будааст ва дигар намехоҳанд, ки соҳиби фарзанд шаванд. Аммо хато мегӯянд ва агар як бори дигар ҳам ба дунё биёянд, боз ҳам тасмим мегиранд, ки фарзанддор шаванд. Ҳар фарде наметавонад падару модари хубе бошад ва ин албатта, вазифаи душвор аст. Ба дунё омадани фарзанд метавонад ба издивоҷ таъсири мусбат ва ё баръакс, таъсири манфӣ расонад. Волидоне, ки бомуваффақият фарзандони худро бузург карда, таълиму тарбияи хубе додаанд, эҳсоси хушнудӣ ва фахр мекунанд.

Ниёзҳо ва далелҳое мавҷуданд, ки шахс ба хотири он издивоҷ мекунад, вале ин ниёзҳо боз метавонад издивоҷро ба мушкилот ва зиддиятҳое мувоҷеҳ намоянд. Далелҳои нодурусти издивоҷ инҳо шуда метавонад:

1. *Нофармонбардорӣ ва хилофи хостаҳои волидайн:* Вақте ки зану шавҳар дар муҳити хонавода зиндагӣ мекунанд, баъзе ҳолатҳое рух медиҳад, ки боиси таҳқир шудану паст задани иззати нафси ё келин ё хушдоман шуда, ба назар мерасад, ки онҳо тадриҷан барои фирор аз чунин муҳит фурсат меҷӯянд. Онҳое, ки дар гирдоби дарозмуддати таънаву маломатҳои волидайн ё аҳли оила ва хонавода ё дучори озорҳои ҷисмонӣ ва психологӣ дар хонавода қарор доштанд, далелҳои қатъие доранд, то аз хонавода ба баҳонае гурезанд ва аз он дур шаванд. Дар ин гуна маврид беҳтар аст, дар ибтидо шахс истиқлоли шахсии худро ба даст биёрад ва бо хонаводаи худ биандешанд ва барои ҳалли мушкилоту масоил роҳе ё усуле ҳале пайдо карда, ин муҳитро аз ҷиҳати психологӣ хуб созанд, то ин ки даргири издивоҷ шаванд. Бо издивоҷ метавон аз як шароити фоҷиабор бигурехт, аммо оё метавонед пешбинӣ кунед, ки он ҷо шароити беҳтаре дорад ё на? Бисёре аз шахсоне, ки аз сахтгириҳои волидайн ба издивоҷ паноҳ бурдаанд, издивоҷи онҳо низ озордиҳанда будааст. Бинобар ин, дар чунин мавқеъ фард бояд барои худшиносӣ вақт ҷудо намояд ва баррасӣ кунад, ки то чӣ андоза дар ин робитаи хонаводагӣ гунаҳкор аст ва саҳми ӯ то чӣ андоза барои бароварда кардани хонавода аз ин буҳрон чӣ иқдоме метавонад анҷом диҳад, на ин ки осонтарин роҳ, яъне фирорро интихоб кунад. Ин гуна шахсон ҳатман дар нобасомониҳои зиндагии заношӯӣ тоқатпазирӣ накарда кӯшиш аз он хона фирор карданро роҳи ягона меҳисобанд.

2. *Дарёфти истиқлол:* Ҷавонон кӯшиши зиёде ба харҷ медиҳанд то ин ки масоили рӯзгор ва корҳояшонро худашон мустақилона анҷом диҳанд ва ё дар иҷрои коре мустақил бошанд, аммо истиқлол ва озодӣ арзише аст, ки фард фақат ба танҳоӣ метавонад онро касб кунад. Бо такя кардан ба ҳамсар фард ба истиқлол нахоҳад расид. Бисёре ҷавононе ҳастанд, ки издивоҷ мекунанд, то мустақил шаванд, аммо барои мустақил шудан солҳову моҳҳои зиёде лозиманд.

3. *Ҷуброни як робитаи ба шикаст дучоршуда:* Беҳ шудани ранҷҳо ва дардҳои як робитаи заволпазируфтаи охир далели манфии дигаре барои издивоҷ аст. Дар баъзе ҳолатҳо фақат барои ҷуброн ва бартараф кардани ранҷҳои як робитаи аз даст рафта дар пайи издивоҷ ҳастем. Таъкиди мо барои ин гуна афрод ин аст, ки барои дур шудан аз ин гуна макон вориди чунин робита нашаванд. Ҳадди ақал барои ба ҳам омадан тақрибан 6-12 моҳ вақт лозим аст,

ба шарте ки дар издивоҷи навбунёди худ далелашро барои издивоҷ дуруст арзёбӣ кунанд, зеро маъмулан дар ин ҳолат посухи дурусти мо ба ин таъкид ин аст, ки “на! Ман мефаҳмам, ки шумо чӣ мегӯед, аммо ин маротиба аз дафъаи қаблӣ фарқ дорад”. Издивоҷ замоне муваффақтар хоҳад буд, ки ҳамдигар “бихоҳанд” издивоҷ кунанд ва“эҳтиёҷ” ба издивоҷ дошта бошанд. Робитае, ки бар асоси пайвастани яке аз ду нафар шакл бигирад, аз ҳамон замон дар ҳолати хатар аст, барои он ки меҳрубонӣ байни он ду нафар на танҳо ба далели дӯстӣ ва ишқ нест, балки ба хотири шифобахшӣ ва беҳ шудани захмҳо ва ҷароҳати дигаре аст, ки қаблан рух додааст.

4. *Фишори иҷтимоӣ ва ё хонавода:* Бархе аз хонаводаҳо тибқи одоб ва русуми анъанаии авлодӣ барои издивоҷ ба ҷавонон фишор меоваранд. Дар як ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд чунин фишороварӣ қобили қабул нест.

5. *Издивоҷи маҷбурӣ:* Як издивоҷи аз қабл тартибдодашуда метавонад далели фишор барои издивоҷ бошад. Гоҳе вақт аз замони кӯдакӣ барои издивоҷи ду нафар суҳбат мекунанд, гаҳворабахш ҳам мегӯем. Ҳамаи хонавода бар ин эътиқод буданд, ки ин ду нафар бо ҳам издивоҷ хоҳанд кард ва ҳоло ки ин афрод бузург шудаанд, эҳсоси фишор ва иҷбор мекунанд, ки бояд бо ҳам издивоҷ кунанд. Ин навъ издивоҷи маҷбурӣ яке аз далелҳои талоқ ё мушкилоти ҳалношуданӣ аст.

6. *Сиришти ҷинсӣ:* Тавре ки қаблан таъкид намудем, издивоҷ фақат барои рафъи ниёзи ҷинсӣ эҳтимолан наметавонад ба издивоҷи муваффақе расида бошад. Дар ин гуна издивоҷ зебоиҳои зоҳирии ҳамсар бештар мадди назар қарор мегирад ва шитобкориву саросемагӣ низ омили таъсиргузори манфии дигаре мебошад. Ин масъала бештар дар мардон мушоҳида мешавад, ё афроде, ки бисёр мазҳабӣ ҳастанд. Дар фарҳанги омма одаме китанҳо ризои ниёзи ҷинсиро ҳадаф қарор медиҳад, бемориҳои равонӣ дониста мешавад. Масалан, барои беҳбуди ҳоли беморони равонӣ баъзеҳо тавсия ба издивоҷ мекунанд, ки аз он на танҳо ҳоли бемор беҳтар намешавад, балки стересс ва фишори равонии аз пештара бештареро эҷод хоҳад кард, ки метавонад бемориро авҷ диҳад.

7. *Эҳсоси гуноҳ ё тараҳҳум:* Гоҳе дар робита бо як нафар аз рӯи тараҳҳум ва дилсӯзӣ тасмим ба издивоҷ мегирем. Масалан, ба хотири эҳтироми падару модар ва наранҷонидани шахсони бароямон наздик. Эҳсоси гуноҳ ё эҳсоси тараҳҳум ба ҳар далеле, ки эҷод шуда бошад, як далели нодуруст барои издивоҷ аст.

Бештари издивоҷҳо бо далели дуруст ва нодурусти омехта бо ҳам шакл мегиранд. Ҳар чи ки далели дурусти издивоҷ бештар бошад, эҳтимоли муваффақият ва пойдории издивоҷ афзоиш меёбад.

Дар он сурат метавонед фарди муносиберо барои издивоҷ пайдо кунед, ки худатон фарди муносиб шуда бошед.

Ба шарте метавонед иртиботи хубе бо ҳамсаратон дошта бошед, ки иртиботи хубе бо падар, модар, бародар ва хоҳари худ дошта бошед.

Фардеро барои ҳамсарии худ интихоб кунед, ки:

- Хусусиятҳои хуби падару модаратонро дошта бошад.
- Ҳамтои беҳтарин бародар ё хоҳари шумо бошад.
- Бихоҳед аз ӯ фарзанде дошта бошед.
- Аз ин ки шабеҳ ба ӯ шавед, эҳсоси баде надошта бошед.
- Ӯро ҳамон гуна, ки ҳаст, бидуни ҳеҷ тағйире бипазиред.
- Битавонад барои фарзанди шумо падаре беҳтар аз падаратон ё модаре беҳтар аз модаратон бошад.
- Шабеҳи беҳтарин мард ё зане бошад, ки аз кӯдакӣ мешиносед.

Хулоса, оиладорӣ аз арзишҳои муқаддаси ҷомеаи башарӣ буда, истеҳкому бақои он ба меҳру муҳаббат, якдигарфаҳмӣ ва дурандешии тарафайн вобаста аст. Бояд оиладорон ба ҳам аз лиҳози руҳию равонӣ ҷуфти муносиб бошанд, то дар ин ҷодаи душвор ҳамеша комёб гарданд. Ин масъала ҳамеша дар мадди назари ҷомеа бояд қарор дошта бошад, зеро аз оилаи солим фарзанди солим ба дунё меояд ва ба воя мерасад. Эҳтироми ҳамдигар, гузашт кардан ва мувофиқи таъбу завқи ҳамдигар зистан яке аз тарзҳои муҳимми барпо намудани оилаи муваффақ маҳсуб меёбад. Сарфаю сариштакорӣ дар муҳити оила, бахусус оилаи ҷавон нақши муҳим дорад. Дар ин бобат ҳақ бар ҷониби шайх Саъдист, ки дуруст ва бамавқеъ фармудааст:

Зани хубу фармонбари порсо,
Кунад марди дарвешро подшо.

***Адабиёт***

1. *Алиакбар М. Ҷавонон ва интихоби ҳамсар / Алиакбар М. - Теҳрон 1373.- 189 с.*
2. *Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон / М. Давлатов. - Душанбе: Ирфон, 2014. - 220 с.*
3. *Дилафрӯзи Қ. Розҳои оиладорӣ/Д. Қурбонӣ.-Душанбе 2014.- 68 с.*
4. *Мирмуҳаммад Орашӣ. Издивоҷ / Маҳдӣ О.М. - Теҳрон, 1384 с.*
5. *Расулов С.Х. Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон/С.Х.Расулов, Қ.М.Каримов - Душанбе: 2014. - 318 с.*
6. *Раҳимзода Х. Оилаи ва ҷомеа. Х. Раҳимзода - Душанбе: - 1999. - 189 с.*
7. *Сисенко А.В. Молодежь вступает в брак/А.В.Сисенко-Москва: Мысль, 1986. - 254 с.*
8. *Худойдодова Ф., Офтоби тарбият / Ф. Худойдодова, А. Муродӣ, С. Суннатӣ. - Душанбе: «Маориф», 2021.-287 с.*
9. *Шнайдер Л.Б.Семейная психология /Л.Б.Шнайдер - Екатеринбург: Деловая книга, 2006. – 568 с.*
10. *Фозилов М. Панду ҳикмат/М. Фозилов.-Душанбе: «Адиб», 2016. – 479 с.*
11. *Шнейдер, Л.Б. Психология семейных отношений/Л.Б. Шнейдер. Москва - 2001. - 512 с.*
12. *Юнусова, Н. М. Три подхода к исследованию психологической совместимости/Н.М. Юнусова // Вопроси психологии.- 2018. - №7 (45).*

## МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ОМОДАСОЗИИ ҶАВОНОН БА ҲАЁТИ ОИЛАДОРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Мақолаи мазкур ба таҳлилу таҳқиқи яке аз масъалаи мубрами рӯз - издивоҷ, ки дар ҷомеаи мо ҷиҳати бунёди оилаи солим нақши муҳим дорад, бахшида шудааст. Дар ҳақиқат, издивоҷи саросемавор суратгирифта, ки ҷонибҳо ҳамдигарро дуруст намешиносанд, дар ҷомеаи мо ба вуқуъ омадани ҷудошавии оилаҳои ҷавон, канда шудани меҳру муҳаббати ҳамсарон, коста гардидани ахлоқу одоби ҷавонон ва дар маҷмуъ хатарҳои дигареро ба вуҷуд оварда, ба пояи устувории оилаю арзишҳои оиладорӣ таъсири манфии худро мерасонад. Ба андешаи муаллифи мақола, муваффақу музаффарияти ҳар як шахс дар оила аз омодагии ӯ ба ҳаёти оиладорӣ ва интихоби дурусти ҳамсари оянда вобастагии зиёд дорад. Қайд гардидааст, ки бештари ҷавонон дар интихоби ҳамсар бисёр бетавҷуҳӣ намуда, ба ин масъала на он қадар аҳаммият медиҳанд. Муаллиф ба он назар аст, ки хонаводаҳо бояд бо бештар бо оилаҳое рафтуомад намоянд, ки аз бисёр ҷиҳат бо хонаводаашон шабоҳат дошта бошанд ва аз миёни онҳо ҳамсари муносибро интихоб намудан аҳаммияти зиёд дорад. Чунки яке аз омилҳои асосии ҷудошавии оилаҳо, ки таъсири он ба ояндаи ҷавонон хеле зиёд аст, ин огоҳӣ надоштани ҳамсарон аз тафовутҳои ҳамдигарӣ, воқиф набудан аз сатҳи фарҳангию муносибатҳои хонаводагии ҳамдигар ба ҳисоб меравад. Дар такя ба манбаъҳои илмӣ муаллиф меъёрҳоеро пешниҳод намудааст, ки баҳисобгирии онҳо барои расидан ба муваффақиятҳои оиладорӣ ба манфиати кор аст.

**Калидвожаҳо:** мувофиқати психологӣ, издивоҷ, оила, маҳорати оиладорӣ, интихоби дуруст, оилаи солим, ҳамдигарфаҳмӣ, омодагӣ.

## АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ ПОДГОТОВКИ МОЛОДЕЖИ К СЕМЕЙНОЙ ЖИЗНИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Данная статья посвящена анализу и исследованию одной из актуальных проблем современности – брака, (супружества) играющего важную роль в нашем обществе в построении здоровой семьи. В действительности, поспешные браки, когда супруги плохо знакомы друг с другом, в нашем обществе приводят к распаду молодых семей, разрушению любви и привязанности между супругами, упадку морали и этики молодежи, и в целом создают другие опасности, негативно влияющие на стабильность семьи и семейные ценности. По мнению автора статьи, успех и процветание каждого члена семьи во многом зависят от его готовности к семейной жизни и правильного выбора будущего супруга. Отмечено, что большинство молодых людей очень небрежно подходят к выбору супруга и не уделяют этому вопросу должного внимания. Автор считает, что семьям следует больше общаться с семьями, во многом похожими на их собственные, и выбор подходящего супруга из их числа имеет большое значение. Поскольку одним из главных факторов расставания в семье, оказывающих большое влияние на будущее молодежи, является недостаточная осведомленность супругов о своих различиях, их недостаточная осведомленность об уровне культуры и семейных отношениях друг друга. На основе научных данных автор предложил критерии, полезные для достижения семейного успеха.

**Ключевые слова:** психологическая совместимость, брак, семья, семейные навыки, правильный выбор, здоровая семья, взаимопонимание, готовность.

## TOPICAL ISSUES OF PREPARING YOUTH FOR FAMILY LIFE IN MODERN CONDITIONS

This article examines one of the significant social issues of contemporary society-marriage-and its crucial role in the formation of a stable and healthy family within an independent society. In many cases, premature or hastily arranged marriages, in which partners have insufficient knowledge of each other, lead to

the disintegration of young families. Such circumstances often result in the erosion of emotional bonds between spouses, a decline in moral and ethical values among young people, and the emergence of various social challenges that negatively affect family stability and the preservation of family values. The study emphasizes that the well-being and success of family members largely depend on their preparedness for marital life and the informed selection of a future spouse. However, observations indicate that many young individuals approach the choice of a life partner with insufficient responsibility and fail to give this decision the necessary consideration. The author argues that families should foster closer communication and interaction with families that share similar cultural and social values, as selecting a suitable spouse from such environments can significantly contribute to family harmony. Furthermore, one of the primary causes of family breakdown is the lack of awareness among spouses regarding their personal differences, cultural backgrounds, and expectations within marital relationships. These factors may create misunderstandings that negatively influence the long-term stability of the family unit. Drawing on relevant scientific data, the study proposes several criteria that may contribute to achieving family stability and success.

**Keywords:** psychological compatibility, marriage, family, family competence, spouse selection, healthy family, mutual understanding, marital readiness.

***Дар бораи муаллиф***
*Олимов Тағайбек Шодиевич*
*Номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: tagoubek.olimov@mail.ru*

***Об авторе***
*Олимов Тагайбек Шодиевич*
*Кандидат педагогических наук, заведующий общеуниверситетской кафедры психологии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: tagoubek.olimov@mail.ru*

***About the author***
*Olimov Tagaibek Shodievich*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of University Psychology*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: tagoubek.olimov@mail.ru*

ТДУ 159.34 (575.3)

# АҲАММИЯТИ ПСИХОЛОГИИ МЕХАНИЗМИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ ДАР РУШДИ ШАХСИЯТИ ФАРЗАНДОН

***Саидзода Б. Х.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Омӯзиши масъалаи таъсири психологии муҳити оила ба рушди шахсияти фарзандон дар илми психология асрҳо боз мавриди таҳқиқи муҳаққиқону мутафаккирон қарор гирифтаат. Вале бо назардошти он, то ба имрӯз мубрамияти худро гум накардааст, зеро оила рукни доимӣ ва муътамади ҷомеаи инсонӣ маҳсуб меёбад. Оила иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки аъзои он бо ҳаёти умумӣ, масъулияти маънавӣ ва ба ёрии тарафайн алоқаманд мебошанд. Дар оила низоми муносибатҳои зану шавҳар, падару модар ва фарзандон сурат мегирад, ки хусусияти бо ҳам таъсиррасониро дорад. Вазифаҳои чамъиятро нисбат ба оила, оиларо нисбат ба ҷамъият, оиларо нисбат ба шахс ва шахсро нисбат ба оила ҷудо кардан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, вазифаҳои оиларо метавон ҳамчун асоси ҷамъият ва рушди шахсияти ҳар як нафар баррасӣ кард. Оила як навъи махсуси гурӯҳи иҷтимоиест, ки дар рушди ҳамаҷонибаи шахс нақши асосӣ ва меҳварӣ мебозад. «Оила на танҳо иттиҳоди одии фардиятҳои бо муносибати хешутаборӣ алоқаманд аст, балки низоми таърихию фарҳангие мебошад, ки асоси ҷомеаро ташкил медиҳаду рукни ибтидоии ҷамъият буда, ба сифати танзимгари муносибатҳои байни одамон баромад менамояд ва нахустин пойдевори рушди ҳамаҷонибаи инсон, аз қабили сифатҳои шахсии ӯ мебошад» [7, с. 245].

Бинобар ин, масъалаи ташаккулёбии дурусти шахсияти фарзандон дар муҳити оила низ яке аз масъалаҳои асосии ҷомеаи ҳама давру замон буд, ҳаст ва хоҳад монд. Яъне, маҳз оила нахустин муҳит ва сарчашмаи рушди шахсияти комил ба шумор меравад, чунки дониш, таҷриба, ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии аввалияи ҳар як инсон дар доираи муносибатҳои оилавӣ сурат мегирад. Ин таъсиррасониҳо пеш аз ҳама ба пиндор, гуфтор ва рафтори фарзандон таъсири бевосита мерасонад, ки маҷмуи шахсиятро дар бар мегирад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар муҳити оила омилҳои психологии ба рушди шахсияти фарзандон таъсиррасонанда, сифатҳои шахсии падару модар, уҳдадориҳои онҳо дар ташаккулёбии бомароми фарзанд ҳамчун шахсият, ба роҳ мондани шаклҳои тарбия дар оила, муносибати байнишахсии ҳамсарону дигар шахсони калонсоли оила ва ғайра ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, мебоист ки падару модар ва дигар калонсолони оила оид ба хусусиятҳои синнусолии фарзандон ва мавқеи иҷтимоии онҳо маълумоти кофӣ дошта бошанд, зеро ҳар як марҳилаи синну сол тағйиротҳои муайянро ба миён оварда, таъсиррасониҳои гуногунро дар рушди шахсияти фарзандон талаб мекунад. Масалан, дар синни наврасӣ (11-15 сола) [10, с. 151] дар шахсияти фарзанд бо дарназардошти тағйиротҳои анатомию физиологӣ буҳронҳои психологӣ ба миён меояд, ки худро ҳамчун шахсияти комил эътироф мекунанд ва дар ин замина ба худаш баҳои баланд дода, ҳисси калонсолӣ, якравӣ, баландшавии агрессия, зудранҷӣ ва дигар хусусиятҳоро зоҳир менамояд. Баинобатгирии ин раванд ва муносибату муошират созандаю самаранокро дар муҳити оила ба роҳ мондан, механизми дурусти ҳамдигафаҳмӣ ва рушди шахсияти бомароми фарзанд маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, «мувофиқи консепсияи муҳаққиқи амрикоӣ Ст. Холл, ҳар як кӯдак дар рушди инфиродии худ аз ҳама марҳилаҳои эволютсияи инсон мегузарад, ки буҳронҳо аз ҷумлаи он мебошад» [8, с. 31]. Бинобар ин, таъсири психологии муносибатҳои оилавӣ дар ин давра метавонад рушди бомароми шахсияти фарзандонро таъмин намояд ё ба шаклгирӣ ва рушди номуназзами шахсияти фарзандон заминагузор бошад, ки ҳамчун кӯдакони дорои рафтори девиантию деликветидошта ба камол мерасанд. Чунин муҳити иҷтиомоиро ҷомеашиноси фаронсавӣ Э. Диюркгейм бо мафҳуми «аномия» шарҳу тавзеҳ медод [4, с. 5]. Яъне, ин ду тарзи бакамолрасии фарзанд аз механизмҳои психологии муносибатҳои дохилиоилавӣ вобастагии калон дорад.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, муҳити оила дар ҳаёти ҳар як шахс нақши ниҳоят муҳимро мебозад, зеро аз шаклгирӣ то ба сифатан зоҳир шудани хусусиятҳои шахсияти фарзандон маҳз дар заминаи таъсири психологии муносибатҳои оилавӣ сурат мегирад. Маҳз дар фарҳанги оиладории тоҷикона аз рӯзи таваллуд то ба синни камолот ва ҳатто то синни пиронсолӣ мудом падару модар таъсиррасониҳои психологии худро ба фарзанд мерасонад ва ин ҳамчун арзиши ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад. Яъне, ташаккули хислатҳои шахсияти фарзандон аз таъсири психологии муносибати падару модар ва дигар калонсолон дар муҳити

оила вобастагии калон дорад. Ин раванд бештар ба он вобаста аст, ки талаботҳои асосии фарзандон дар оила чӣ тавр ва то кадом андоза қонеъ гардонида мешаванд. Масалан, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки қисме аз падарону модарон дар қонеъ намудани талаботҳои моддию маънавии фарзандон моҳиятан саҳлангкорӣ менамоянд, ки дар рушди шахсияти фарзандон таъсири амиқи худро мегузорад. Яъне, падарону модарон танҳо бо амалинамоии ниёзҳои аввалиндараҷа, ба монанди хуронидан, пушонидан, ба макони зист таъмин намудан, ва нигоҳдоштан аз бемориҳои тиббӣ маҳдуд мешаванд, ки ин ҳама ба қатори талаботҳои моддӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳол он ки дар ҳаёти фарзандони онҳо эҳтиёҷоти дигаре низ мавҷуд аст, ки ба сифати талаботи асосии маънавӣ баромад мекунаду онҳо ба он ниёз доранд ва ин пеш аз ҳама алоқаи эмотсионалии онҳо бо падару модар ва дигар аъзоёни оила ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, дар қонеъ намудани талаботҳои моддию маънавии фарзандон дар муҳити оила ҳамоҳангиро набояд сарфи назар намуд. Масалан, барои он ки фарзанд худро хуб ҳис кунад, рушди ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоии ӯ дуруст сурат гирад, талаботҳои моддию маънавии ӯ бояд баробар қонеъ карда шаванд. Дар ин сурат фарзанд эҳсос ва дарк менамояд, ки шахсони ӯро иҳота карда, аз мавҷудияти ӯ розианду нисбати ӯ навозишу меҳрубониҳоро зоҳир менамоянд, зеро онҳо такиягоҳ барои ҳалли мушкили мебошанд. Дар ин маврид, дараҷаи мувофиқи иддао, худбаҳодиҳӣ, мустақилият, эмпатия, хусусиятҳои равияи ҷамиятию корӣ дар шахсияти фарзандон шакл мегираду рушд мекунад. Бояд хотирнишон намуд, ки «рушд ҳамчун раванди гузариш аз як ҳолат ба ҳолати дигар, гузариш аз ҳолати куҳнаи сифатӣ ба ҳолати нави сифатӣ, аз сода ба мураккаб, аз пасттар ба баландтар баррасӣ мешавад» [1, с. 6].

Маврид ба тазаккур аст, ки дар муҳити оила барои қонеъ намудани талаботҳои моддию маънавии фарзандон ва фароҳам овардани фазои хуби эмотсионалӣ аз дигар шахсони калонсоли оила дида, нақши падару модар аҳаммияти калон дорад ва моҳияти инро бояд онҳо пеш аз таваллуди фарзанд дарк намоянд. Чунки маҳз падару модар масъули батанзимдарории муносибатҳои оилавӣ мебошанд, зеро салоҳиятмандии падару модарӣ нисбати фарзандон раванди ниҳоят мураккабе мебошад, ки аз шахс саъю кӯшиш ва арзёбии амиқро нисбат ба моҳияти зиндагӣ талаб мекунад. Дар муҳити оила бояд муносибати падару модар тавре ба роҳ монда шаванд, ки таъсири психологии он ба кӯдакон боварӣ ба худ ва амниятро ба вуҷуд оварда тавонад ва ин раванд талаботи асосии кӯдак аз робитаи доимӣ бо падару модар, ҳузури фаъоли онҳо ва муошрати наздик иборат гардад. Фарзанд бояд дар ҳама амалу гуфтори худ ҳисси таваҷҷуҳро аз тарафи падару модар эҳсос намояд ва дар ин замина ба ҳаёти падару модар ё муносибатҳои оилавӣ мароқ зоҳир менамоянд. Масалан, вақте ки падару модар дар муҳити оила фазои солими психологиро фароҳам меоранду бо меҳру навозиш онҳоро дар оғуш мегиранд, он гоҳ робитаи эмотсионалии волидону фарзандон мустаҳакам мегардад ва яке аз талаботҳои маънавии шахсии онҳо қонеъ мегардад. Ба ибораи дигар «шумо муҳити оилаи худро ба макони амну осоиш ва пур аз муҳаббат мубаддал гардонед, зеро дар чунин муҳит рушди шахсияти фарзандон хуб сурат мегирад» [6, с. 98]. Ҳамзамон фарзандоне, ки дар чунин муҳит ба воя мерасанд, одатан хушҳол, самимӣ, қавиирода, гуманист ва бо мавҷудияти ҳисси бехатарӣ - шуҷоъ ва далер мешаванд. Аз ин рӯ, хуб мешавад, ки падару модар ва дигар аъзои оила аз тарзи муносибату муошрати созандаю самаранок истифода баранд, зеро чун қоида, дар фарзанд нисбат ба худ ва падару модар эътимод пайдо мешавад, дар ин замина барои маслиҳат ва ёрӣ онҳо бе ягон душворӣ ба падару модар ва дигар калонсолони оила мурочиат менамоянд, ки ин шаҳодат аз фазои хуби эмотсионалӣ дар оила ва таъсиррасони психологии мутақобила миёни аъзои оила мебошад. Бояд гуфт ки «дар раванди муошират ва ҳамкорӣ бо калонсолон, кӯдак рушд мекунад ва ин далелест, ки ҳам таҳқиқоти илмӣ (С.Ю. Курганов, 1989; В.А. Петровский, 1996; Е.О. Смирнова, Г.Н. Рошка, 1987; А.В. Суворов, 1988; Г.А. Сукерман, 1994 ва дигарон) ва ҳам мушоҳидаҳои ҳаётӣ тасдиқ менамоянд» [5, с. 142]. Чунин муҳити мусоиди эмотсионалӣ дар фарзандон муносибати устувор ва қобилияти дарки рафтору гуфтори одамони иҳотакардаро ба вуҷуд меорад, ки ин ҳолат боиси пайдо шудани ҳисси масъулиятшиносӣ дар фаъолият (бозӣ, таълимӣ, меҳнатӣ), рафтору гуфтори худ мегардад. Аммо дар сурати бар акси ҳол муносибату муоширатро ба роҳ мондани калосолони оила, аз ҷумла падару модар фарзандон ҳамчун шахсе ба воя мерасанд, ки дар онҳо қобилияти барқарор намудани робитаҳои эмотсионалию иҷтимоӣ бо наздикон, ҳимояи бехатарии худ, шахси заифу нотавон ва аз ҷиҳати эмотсионалӣ ноустувор ташаккул меёбанд. Чунин шахсон ба таъсироти амалҳои зиддииҷтимоӣ зуд талқин шуда, аксар вақт онҳо суботкорӣ ва мутаммарказият дар фаъолият (таълимӣ ва меҳнатӣ)-ро аз даст медиҳанд, дар онҳо нобоварӣ, мавҷудияти тарс ва ихтилоф бо аъзои оила ҳамсолон ва ғайра сурат мегирад. Инчунин, ҳангоми ба душвори рӯ ба рӯ шудан ба падару модар ва шахсони наздик барои ёрӣ мурочиат намекунад. Яъне, рушди

хусусиятҳои шахсияти фарзандон дар чунин муҳити оилавӣ мақрои худро ба таври манфи берун менамояд ва барои чунин кӯдакон муҳити дӯстон арзишмандтарин макон маҳсуб меёбад ва кӯдакони аз хона фироркунанда аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Бинобар ин, дар ҳаёти ҳар як шахс раванди рушди шахсият аз таъсири психологии муносибатиҳои оилавӣ, махсусан падару модар вобастагии калон дорад ва рафтори фарзандон таҳти назорати онҳо қарор мегиранду ба танзим дароварда мешавад. Инчунин, ҷаҳонбинӣ, ташаккули хислатҳои характер, пояҳои ахлоқӣ, муносибат ба арзишҳои маънавӣ ва моддӣ дар фарзандон дар муҳити оила, пеш аз ҳама аз ҷониби падару модар рушд дода мешаванд. Дар ин раванд барои ворид намудан ба муҳити иҷтимоӣ ва аз худ кардани арзишҳои он фарзандон ба корҳои хоҷагидории оила ҷалб карда мешаванд, ки муносибати мутақобилаи сетарафа сурат меги рад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки фарзандон дар баробари рушди бомароми шахсият иҷтимоӣ низ гарданд, ки худ иҷтимоишавӣ яке аз хусусиятҳои рушди шахсият ба ҳисоб меравад. Аммо бо вуҷуди ин, падарону модароне ҳастанд, ки сифатҳои манфии шахсияти фарзандонашонро аз муҳити оила берун ҷустуҷӯ мекунанд. Яъне, «волидон аксар вақти мушкилоти муносибату муошарати фарзандонро ба камбудиҳои кӯдаконе нисбат медиҳанд, ки писар ё духтарашон бо онҳо дар робита аст» [3, с. 112].

Механизми психологии дигари муносибатҳои оилавие, ки ба рушди шахсияти фарзандон таъсири амиқ мерасонад, ин тарзу усул ё раванди таълиму тарбия мебошад, ки аз ҷониби падару модар ба роҳ монда мешавад. Ин раванд аз нуқтаи назари синнусолӣ, муносибатҳои шахсию байнишахсии аъзоёни оила ва махсусаан аз ҷониби падару модар то кадом андоза дуруст ба роҳ монда мешавад, ба сифати омили таъсиргузор баромад мекунад. Раванди тарбияи оилавӣ намудҳои гуногунро дар бар мегирад ва дар заминаи хусусиятҳои фардӣ-психологӣ, дониш, ҷаҳонбинӣ, таҷрибаи падару модар ва дигар калонсолони оила ба роҳ монда мешавад, ки ба шаклгирӣ ва рушди шахсияти фарзандон-кӯдакон бевосита таъсир мерасонад. Ин нуқтаро муҳаққиқи тоҷик Алиев М. чунин шарҳ медиҳад: «Захираҳои шахсӣ, аз ҷумла сатҳи маълумоти аъзоёни калонсоли оила, мақоми иҷтимоии онҳо, сатҳи машғулият, маром ва талаботҳои онҳо ба мақсад ва усулҳои тарбияи оилавӣ таъсир мерасонанд» [2, с. 41-12]. Ногуфта намонад, ки ҳар як усули тарбияи оилавӣ дар шаклгирӣ ва рушди шахсияти фарзандон хусусиятҳои алоҳидаро зоҳир менамояд. Масалан, аз усули демократии тарбия истифода бурдан чунин хусусиятҳо ва амалкард аз ҷониби калонсолони оила, аз ҷумла падару модар корбари мешавад: дараҷаи баланди муошарати шифоҳӣ байни фарзандон ва падару модар, ҷалб намудани фарзандон дар муҳокима намудани масъалаҳои оилавӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, маҳдуд намудани муносибати субъективии худ дар баҳодиҳии рафтори фарзандон, ба таври равшан ва аниқ ба кӯдакон фаҳмонидани маҳдудиятҳои нисбати онҳо ҷорӣшуда, фаҳмонидани меъёрҳои муносибат байни падару модар ва дигар ашхоси калонсол аз зумраи хусусиятҳои муносибату муошарати демократӣ мебошад. Инчунин, фарзандро барои ҳар як ташаббусе, ки муносибати мусбати ӯро ба фаъолияти бозӣ, таълимӣ ва меҳнатӣ нишон медиҳад дастгирӣ карда, таъриф менамоянд ва баҳодиҳии мусбат мекунанд, ки ин ҳама объективӣ мебошад. Моҳияти ин гуна баҳодиҳиро вобаста ба фаъолияти иҷронамудаи фарзанд, бо назардошти ҷинс ва синну сол дар бар мегирад. Ҳамин тавр, кӯдак назорат кардан ва баҳо доданро ёд мегирад ва яке аз роҳҳои муҳимми ташаккули мустакилияти фарзанд дар оила мебошад. Яъне, зери таъсиррасонии ин усул, инкишофи хуби ҷисмонӣ, равонӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ дар шахсияти фарзандон ба миён меояд. Аммо ҳангоми муносибату муошират ва тарбияи авторитарӣ дар оила роҳандозӣ шудан, аз ҷониби калонсолони оила, махсусан падару модар нисбати фарзандон чунин шакли муносибату муошират ва тарбия ба роҳ монда мешавад: набудани дастгирии эмотсионалӣ, дараҷаи пасту нокифояи муошарати шифоҳӣ байни фарзандон ва падару модар, маҳрум намудани фарзандон дар муҳокимаи масъалаҳои оилавӣ, баҳои субъективӣ додан дар амалкарди фарзандон, норавшан будани маҳдудиятҳо нисбати кӯдакон ва ғайра. Ҳамзамон, падару модар ва дигар калонсолони оила сарфи назар аз ҷинс ва синну сол вазифаи худро ҳангоми таълиму тарбияи фарзанд дар ёрӣ расонидан барои иҷрои вазифаи таълимӣ ба таври маҷбур кардани онҳо ба хондану навиштан ва иҷрои корҳои хоҷагидории оила мустақилона иҷро намудани супоришҳо мебинанд, ки ин нодуруст буда, барои тарбияи ҳисси худсобитнамоии мусоид, мустақилият, фаъолнокӣ ва имконияти ҷустуҷӯйи эҷоди таъсири манфӣ мерасонад. Бояд танҳо иҷрои супоришҳо дар доираи боварии тарафайн зери назорат гирифта шаваду халос ва ба фарзандони худ мустақилиятро диҳанд, яъне кӯдак бояд худаш, бидуни иштирок ва маҷбурнамоии калонсолон вазифаҳои ба дӯшаш бударо анҷом диҳад. Кӯдак дар ин сурат масъулият ва мустакилиятро дарк менамояд, зеро беэътиноӣ ва сабукфикрона муносибат намудан нисбати фарзанд, ӯро таҳқиру танқид ва пайваста сарзанишу насиҳат кардан ба он

бурда мерасонад, ки ӯ нисбат ба худ бовариро аз даст медиҳад, худбаҳодиҳии пастро соҳиб мешавад, хусусиятҳои характерро ба таври манфӣ зоҳир менамояд ва ба имкониятҳояш баҳои паст дода, мавқеи иҷтимоияшро дар назди атрофиёну ҳамсолон паст меҳисобад. Инчунин, дорои ҳассосии баланди эмотсионалӣ, набудани кунҷковӣ ва зудии ақлу хирад, харобии фантазия, одамгурезӣ ва дигар хусусиятҳои манфӣ мегардад.

В. Бауренас дар заминаи таҳқиқотҳои амиқу бисёрсолааш зуҳуроти рафторҳои ношояму ноҳамвори кӯдаконро ба чунин шаклҳои тарбияи оилавӣ алоқаманд медонад:

-«бошуурона таъсиррасониро ба роҳ намондан ҳангоми тарбияи кӯдак;

-дар раванди тарбия фишор ва ҳатто зӯроварӣ истифода бурдан;

-мустақилии кӯдакро аз меъёр зиёд ҳавола кардан;

- бенизомию гуногунандешӣ дар тарбияи кӯдак бо сабаби муносибатҳои носолиму хусусияти зӯроваридоштаи падару модар ва ғайра» [9, с. 84.]

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки агар ҳар як падару модар раванди тарбияро хуб ба роҳ монад, он гоҳ дар ташаккули шахсияти фарзандони худ таъсири мусбӣ мерасонад. Тарбияи оилавӣ барои он ба ҳайси механизми асосии инкишофдиҳандаи шахсияти фарзанд баромад мекунад, ки рушдиҳанда ва зоҳиркунандаи сифатҳои шахсӣ ба ҳисоб меравад. Махсусан дар фарҳанги оиладоии тоҷикон, аз рӯзи таваллуд то ба марг тарбия ҳамчун механизми рушди шахсият зери таъсири калонсолони оила давом мекунад ва ин ба сифати психология ва фарҳанги оиладории миллӣ баромад менамояд.

Хулоса, таъсири психологии муҳити оила ба рушди шахсияти фарзандон ба тари бояду шояд дида мешавад. Ин нуқта дар таҳқиқотҳои муҳаққиқон, осори мутаффакирон ва пажуҳиши илмии мо амиқан исботи худро пайдо намудааст. Бояд гуфт, ки яке аз механизмҳои таъсиррасон ба рушди шахсияти фарзандон, рафтору гуфтори падару модар ва дигар шахсони калонсоли оила ҳамчун идеали фарзанд-кӯдакон баромад мекунад. Инчунин, аз ҷониби падару модар ва дигар калонсолони оила кӯшишҳо, қобилиятҳои синнусолиӣ ва дастгирии эмотсионалии фарзанд-кӯдаконро ҷиддӣ қабул кардан ҷанбаи дигари таъсиррасонии муносибатҳои оилавӣ ба рушди шахсияти фарзанд мебошад. Чунин амалкарди калонсолони оила фазои солими психологиро фароҳам оварда, дар кӯдакон нисбат ба худ ва имкониятҳояшон боварӣ пайдо мешавад, ки ба сифати омили рушдиҳандаи шахсият баромад мекунад.

***Адабиёт***


1. *Артемьева Т.В. Психология развития. - Казань, 2010. – 145 с.*
2. *Алиев М. Тарбияи оилавӣ ҳамчун омили асосии рушди психологияи кӯдак //Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ), Нашри 2. – Душанбе, 2016. – С. 41-48.*
3. *Груздева О.В., Вербианов О.М. Психология развития (возрастная). – Красноярск, 2011. - 184*
4. *Комилова М.Д., Расулов С.Х., Каримзода М.И. Девианталогия. -Душанбе, 2021. – 192 с.*
5. *Кудрявцев В.Т. Психология развития человека (Основания культурно-исторического подхода) Часть 1. – Рига, 1999. – 160 с.*
6. *Саидзода Б.Х. Таъсири психологии низоъҳои хонаводагии ҳамсарон ба шахсияти фарзандон // Маҷаллаи байналмилалии илмии «Фурӯғи илм»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ).–2026, 1 (09). – С. 190-199.*
7. *Саидзода Б.Х. Таъсири муносибатҳои оилавӣ ба рушди худбаҳодиҳии фарзандон //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ (Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ).–2026, 1 (27).– С. 245– 249.*
8. *Смирнова Е.О. Детская психология. – Москва, 2008. – 366 с.*
9. *Шарифова О.Қ. Назаре ба шаклҳои тарбияи фарзанд дар оила // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф (Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ).–2025, 3 (52). – С. 184-187.*
10. *Шаповаленко И.В. Возрастная психология. – Москва, 2005. – 353 с.*


**АҲАММИЯТИ ПСИХОЛОГИИ МЕХАНИЗМИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ ДАР РУШДИ ШАХСИЯТИ ФАРЗАНДОН**

Мақсад аз таҳияи мақолаи мазкур ошкор намудани таъсири психологии муносибатҳои оилавӣ ба рушди шахсияти фарзандон мебошад. Ҳангоми омӯзиши масъалаи матраҳшаванда маълум гардид, ки таъсири психологии муҳити оила ба рушди шахсияти фарзандон ба таври бояду шояд дида мешавад. Ин нукта дар таҳқиқотҳои муҳаққиқон, осори мутафаққирон ва пажуҳиши илмии мо амиқан исботи худро пайдо намудааст. Оила як навъи махсуси гурӯҳи иҷтимоиест, ки дар рушди ҳамаҷонибаи шахс нақши асосӣ ва меҳварӣ мебозад, зеро оила рукни асосӣ ва муътамади ҷомеаи инсонӣ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо вазифаҳои оиларо метавон ҳамчун асоси ҷамъият ва рушди шахсияти ҳар як нафар баррасӣ кард. Бинобар ин, дар ҳаёти ҳар як шахс раванди рушди шахсият аз таъсири психологии муносибатҳои оилавӣ, махсусан падару модар вобастагии калон дорад ва рафтори фарзандон таҳти назорати онҳо қарор мегиранду ба танзим дароварда мешаванд.

Инчунин, ҷаҳонбинӣ, ташаккули хислатҳои характер, пояҳои ахлоқӣ, муносибат ба арзишҳои маънавӣ ва моддӣ дар фарзандон дар муҳити оила, пеш аз ҳама аз ҷониби падару модар рушд дода мешаванд.

**Калидвожаҳо:** оила, падару модар, фарзандон, шахсият, рушд, синну сол, тарбия, характер, таъсири психологии муҳити оила, ҷомеа.

## ПСИХОЛОГИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ МЕХАНИЗМА СЕМЕЙНЫХ ОТНОШЕНИЙ В РАЗВИТИИ ЛИЧНОСТИ ДЕТЕЙ

Цель данной статьи - раскрыть психологическое влияние семейных отношений на развитие личности детей. При изучении рассматриваемого вопроса стало ясно, что психологическое влияние семейной среды на развитие личности детей отчетливо прослеживается. Этот тезис был убедительно доказан в исследованиях ученых, трудах мыслителей и наших научных исследованиях. Семья - это особый тип социальной группы, играющий фундаментальную и ключевую роль в всестороннем развитии личности, поскольку семья считается главной и надежной опорой человеческого общества. В этой связи, на наш взгляд, функции семьи можно рассматривать как основу общества и развития личности каждого человека. Таким образом, в жизни каждого человека процесс развития личности во многом зависит от психологического влияния семейных отношений, особенно родителей, и поведение детей контролируется и регулируется ими. Также мировоззрение, формирование черт характера, моральных основ и отношения к духовным и материальным ценностям у детей в семейной среде формируются в первую очередь родителями.

**Ключевые слова:** семья, родители, дети, личность, развитие, возраст, воспитание, характер, психологическое влияние семейной среды, общество.

## THE PSYCHOLOGICAL SIGNIFICANCE OF THE MECHANISM OF FAMILY RELATIONS IN THE DEVELOPMENT OF CHILDREN'S PERSONALITY

The purpose of this article is to explore the psychological influence of family relationships on children's personality development. While studying this issue, it became clear that the psychological influence of the family environment on children's personality development is clearly evident. This thesis has been convincingly proven in scientific research, the works of thinkers, and our own scientific research. The family is a special type of social group that plays a fundamental and key role in the comprehensive development of the individual, as the family is considered the main and reliable support of human society. Therefore, in our opinion, the functions of the family can be viewed as the foundation of society and the development of the individual. Thus, in every person's life, the process of personal development depends largely on the psychological influence of family relationships, especially parental relationships, and children's behavior is controlled and regulated by them. Furthermore, children's worldview, character development, moral foundations, and attitudes toward spiritual and material values are shaped primarily by parents within the family environment.

**Keywords:** family, parents, children, personality, development, age, upbringing, character, psychological influence of family environment, society.

***Дар бораи муаллиф***
*Саидзода Баҳрулло Хол*
*Доктори фалсафа (Phd), аз рӯйи ихтисоси психология, дотсент, докторанти ҳабилитати кафедраи психология*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17*
*E-mail: bahrullo90@mail.ru*

***Об авторе***
*Саидзода Бахрулло Хол*
*Доктор философии (PhD), по специальности психология, доцент, докторант-хабилитат кафедры психологии*
*Таджикский национальный университет*
*734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рӯдакӣ, 17*
*E-mail: bahrullo90@mail.ru*

***About the author***
*Saidzoda Bahrullo Khol*
*Doctor of philosophy (PhD) in psychology, associate professor, posdoctoral habilitatus of psychology*
*Tajik National University*
*734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17*
*E-mail: bahrullo90@mail.ru*

ТДУ 376.352:376.36

# ХОНАНДАГОНИ ДОРОИ НУҚСОНИ НУТҚИДОШТАИ НОБИНО ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОНҲО

***Рамазонова Р. С., Маҳмадиева М. П.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Яке аз шохаҳои психологияи махсус омӯзиши психологии хонандагони нобино (тифлопсихология) мебошад, ки фаъолияти равандҳои равонии инсонро дар шароити нуқсони биноӣ ё нотавонии рушд меомӯзад. Дар баробари ин фаъолияти равандҳои равонии инсонро дар шароити нуқсони нутқ логопсихология ба ҳисоб меравад, ки барои ислоҳ намудани нутқсони нутқи хонандагон мусоидат менамояд.

Рушди нобиноӣ бо пайдоиши системаҳои махсуси таълимӣ (ислоҳкунанда ва табобатӣ) барои таълими нобиноён, ки дар охири асри ХУ ва аввали асри Х1Х аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд, масъалаҳои тарбия ва таълими хонандагони нобиноёнро дар бар мегирифт. Рушди логопедия бошад яке аз соҳаи нав ба ҳисоб рафта дар ҷумҳурии Тоҷикистон дар асри ХХ илман асоснок гардида, барои корҳои ислоҳӣ истифода бурда мешавад. Логопедия илмест дар бораи таълим ва тарбияи хонандагони нуқсони нутқдоштаро дар бар мегирад [5, с. 196].

Хонандагони дорои нуқсони биноидошта, ки аз рӯшноӣ комилан вокуниш надоранд, нисбат ба муҳити атроф тасавуроти на он қадар бой доранд. Аз ҳамаи намудҳои вайроншавии узвҳо, маҳз вайроншавии узви биноӣ мураккабтарин ҳисобида мешавад ва хусусиятҳои худро дорад. Кӯдак метавонад бо нуқсони биноӣ таваллуд мешавад ё дар давоми ҳаёт метавонад онро аз даст диҳанд. Дар баъзеи ин кӯдакон на танҳо нуқсони биноӣ, балки нуқсони нутқӣ низ дида мешавад. Аз ин лиҳоз мо дар мақола кушиши менамоем, ки хусусияти ислоҳ намудани нуқсони нутқи хонандагони нобиноро ва сабабҳои тиббӣ, равонӣ доранд баррасӣ намоем.

Тарбия ва таълими хонандагони нобино таҷрибаи мушаххас ва дониши махсусро талаб мекунад. Ташкили гузаронидани фаъолиятҳои таълимӣ барои хонандагони нобино дар асоси маълумоте, ки тавассути мушоҳидаҳо ҷамъоварӣ шудаанд, онҳо барои муайян кардани хусусиятҳои мушаххаси равонии нобиноён мусоидат мекунад. Пеш аз таъсиси аввалин мактабҳо барои нобиноён, маълумот дар бораи хусусиятҳои равонии онҳо тавассути таҷрибаҳои тиббӣ аз ҷониби табибот -офтальмологҳо дар асоси шаҳодати шахсони нобино, инчунин маълумот дар бораи сабабҳои нобиноӣ ё биноии паст ҷамъоварӣ карда мешуданд. Бо рушди системаҳои таълимӣ барои одамони дорои нуқсони биноӣ, омӯзиши хусусиятҳои равонии нобиноён низ тағйир ёфт.

Образование всегда идет в ногу со временем, иногда опережая его чтобы новые граждане могли не отставать в своем развитии и пополнять свои знания согласно условиям новой эпохи. При этом учитель должен грамотно управлять своим психическим состоянием чтобы сохранить не только свое профессиональное «лицо», но и физическое здоровье. Педагогическая культура и профессиональное выгорание взаимодополняющие особенности, которыми должен грамотно управлять учитель чтобы сохранить не только свое профессиональное «лицо», но и физическое здоровье. Автор статьи анализирует причины эмоционального выгорания учителей в таджикских общеобразовательных учреждениях. Определяются психологические факторы, которые стимулируют учителей к сохранению педагогической культуры в критических ситуациях. Выявляются взаимозависимости между соблюдением педагогического этикета и умениями контролировать свои эмоционально-волевые состояния. В статье даются рекомендации по поднятию профессиональной энергии и заинтересованности учителей в совместной деятельности с учащимися.



**Ключевые слова:** педагогическая культура, эмоциональное выгорание, этикет, стрессовые состояния, психическая перегрузка, толерантность, образование, школы, психологические проблемы.


## ФАРСУДАГИИ ЭҲСОСӢ ДАР ФАРҲАНГИ ПЕДАГОГӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МАНФИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГӢ


Маориф ҳамеша бо ҳамқадами замон буда, баъзан аз он пеш меравад, то шаҳрвандони нав аз рушд ақиб намонда, дониши худро мувофиқи талаботи даврони нав такмил диҳанд. Дар ин раванд омӯзгор бояд ҳолати равонии худро оқилона идора намояд, то на танҳо «симои» касбӣ, балки саломатии ҷисмонии худро низ ҳифз кунад. Фарҳанги педагогӣ ва фарсудагии касбӣ хусусиятҳои ба ҳам алоқаманд мебошанд, ки идораи дурусти онҳо барои фаъолияти босамари муаллим зарур аст. Муаллифи мақола сабабҳои фарсудагии эҳсосии омӯзгоронро дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон таҳлил мекунад. Омилҳои равоние муайян карда мешаванд, ки омӯзгоронро барои ҳифзи фарҳанги педагогӣ дар вазъиятҳои буҳронӣ ҳавасманд мекунанд. Инчунин вобастагии байни риояи одоби педагогӣ ва қобилияти назорати ҳолатҳои эҳсосию иродавии онҳо ошкор карда мешавад. Дар мақола ҷиҳати баланд бардоштани неруи касбӣ ва таваҷҷуҳи омӯзгорон ба фаъолияти муштарак бо хонандагон тавсияҳо пешниҳод шудаанд.



**Калидвожаҳо:** фарҳанги педагогӣ, фарсудагии эҳсосӣ, одоб, ҳолатҳои стрессӣ, сарбории равонӣ, таҳаммулпазирӣ, маориф, мактабҳо, мушкилоти равонӣ.

**EMOTIONAL EXHAUSTION IN PEDAGOGICAL CULTURE AS A NEGATIVE SIDE OF PEDAGOGICAL TECHNOLOGY**

Education always keeps pace with the times, sometimes even staying ahead, so that new citizens can keep up with modern development and enrich their knowledge according to the demands of the new era. In this process, a teacher must competently manage their psychological state to preserve both their professional identity and physical health. Pedagogical culture and professional burnout are complementary aspects that a teacher needs to manage wisely to maintain their efficiency. The author of the article analyzes the causes of emotional burnout among teachers in Tajik general education institutions. The psychological factors that stimulate teachers to maintain their pedagogical culture in critical situations are determined. Furthermore, the paper reveals the interdependence between the adherence to pedagogical etiquette and the ability to control one's emotional and volitional states. The article provides practical recommendations for boosting professional energy and increasing teachers' engagement in collaborative activities with students.

**Keywords:** pedagogical culture, emotional exhaustion, burnout, etiquette, stress states, mental overload, tolerance, education, schools, psychological problems.

***Об авторе***
*Сулейманова Алла Гумаровна*
*Доцент кафедры общей психологии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

***About the author***
*Suleymanova Alla Gumarovna*
*Docent of the Department of Psychology*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

***Дар бораи муаллиф***
*Сулейманова Алла Гумаровна*
*Дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии психология*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

ТДУ 159.922.76-056.34

# АУТИЗМИ КЎДАКОНА: МУШКИЛИИ ҲАЛТАЛАБИ ҶОМЕАИ МУОСИР

***Гулматзода М. Қ.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

**Муқаддима.** Аз соли 2007-ум инҷониб бо Қарори Маҷлиси Умумии Созмони Милали Муттаҳид (A/RES/62/139) ҳар сол 2-юми апрел дар ҷаҳон Рӯзи умумиҷаҳонии паҳннамоии иттилоот оид ба бемории аутизм ҷашн гирифта мешавад. Бемории аутизм ин халалдор гардидани инкишофи равонии кӯдак буда, дар шаклҳои гуногун зуҳур меёбад. Аз соли 2007-ум бо қарори СММ ҷомеаи башарӣ ба таъмини пурраи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии одамони гирифтори аутизм диққати махсус ва ҷиддӣ дода шуда, онҳо ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеа шинохта мешаванд.

Бемории аутизм дар кӯдакон дар баробари нобиноӣ ва ё кару гунги ба як ҳолати хеле маъмул табдил ёфтааст, ки мо дар ҷомеаи муосир тамоили зиёдшавии онро мушоҳида менамоем. Вале мутаассифона дар ҷумҳурии мо мутахассисоне, ки ин бемории дар заминаи халалдор гардидани системаи асаб ва психикаи кӯдакон зоҳиршавандаро муоина, ташхис ва табобат кунанд хеле кам вомехӯранд ва оилаҳое, ки кӯдакони гирифторри бемории аутизм доранд, солҳо тулонӣ бе кӯмаки тахассусӣ мемонанд. Волидайн барои ташхис ва дарёфти кӯмаки касбӣ, хароҷотҳои зиёде намуда, ба давлатҳои низоми тиб ва тандурустиашон пешрафта саргардониҳои зиёдеро аз сар мегузаронанд.

**Мавод ва усулҳои тадқиқот.** Одатан кӯдакони гирифтори бемории аутизм пеш аз ҳама ба маркази мушоҳидаи одамоне меафтанд, ки доимо фаъолияти онҳо бо кӯдакон алоқаманд мебошад. Кӯдакони гирифтори аутизмро, ки аз инкишофи муътадили ақлонӣ ва нутқ бозмондаанд дар кӯдакистонҳо, муассисаҳои таълимӣ, сайргоҳҳо, боғ, роҳрав ва бозор мушоҳида намудан мумкин аст, ки бо рафтор ва муносибати ғайриоддии худ фарқ карда, дар муносибат ва муошират бо дигарон ба душворӣ дучор мешаванд.

Чуноне, ки муҳаққиқ Б.Ҷ. Асозода қайд мекунад «Аутизм ба ҳолати вайроншавии психикие дохил мешавад, ки бо маҷмуи умумии пайдоиши нишонаҳо ва зуҳуротҳои хоси рафтор: вайроншавии тафаккур, норасоии зуҳуроти эмотсионалӣ-иродавӣ, дезадаптатсияи иҷтимоӣ, тангназарӣ ба ҳодисаҳои муҳити атроф, маҷмуи ҳаракатҳои стереотипӣ ва ихтилоли доираи муошират падид мегардад» [1, с. 279]. Муошират ва мутобиқшавии онҳо бо муҳити иҷтимоӣ душвор сурат гирифта, аксар вақт дар шакли нофаҳмӣ, радкунӣ, вокуниши шадиди эмотсионалӣ рух дода, кӯдакро ба азобу уқубати шадид дучор менамояд.

Паҳншавии аутизми кӯдаконаро дар чанд давлат мавриди таҳқиқ қарор дода, ба натиҷае расиданд, ки аломатҳои он, ба ҳисоби миёна, дар ҳар 10000 нафар кӯдакон 3 - 6 ҳолат мушоҳида гардида, дар писарон нисбат ба духтарон 3-4 маротиба бештар рух медодааст [5, с. 14].

Мутаассифона, дар бораи шумораи кудакони гирифтори аутизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муфассале ба даст оварда натавонистем.

Аммо тибқи маълумоти бадастовардашуда, имрӯз дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шуъбаи дастгирии ҳамаҷонибаи «Оила ва кӯдак» Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии саломатии равонии кӯдакон ва наврасон» ташкил карда шудааст, ки фарогири тамоми шароит, барои ба машғулият фаро гирифтани беморони гирифтори аутизм буда, кормандони он бо одитарин ашё ба ин кӯдакон сохтани ҳар гуна чизҳоро меомӯзанд. Инчунин ин марказ бо таҷҳизоти махсус барои ба ҳаракат даровардани дасту пойи кудакони гирифтори синдроми аутизм ва мустақилони ҳаракат намудани онҳо таъмин карда шудааст.

Масъалаи шахсиятҳои аҷиб, вале нисбатан худписанд, ки бо баъзе рафтор ва қобилиятҳои худ эҳтироми хоса нишон дода, дар муносибатҳо бо ҷомеа содалавҳона рафтор намуда, гоҳо оҷиз мемонанд аз замонҳои қадим инҷониб диққати ҷомеаро ба худ ҷалб менамуд. Онҳо табиати пурасрор дошта, ҳамчун дӯстони Худо муаррифӣ мегардиданд. Чуноне, ки адабиёти пурғановати мо персонажҳои аҷоибе дорад, ки бо зоҳир намудани нодонию содагӣ баъзан чизҳоеро дарк менамоянд, ки инсонҳои солиму неруманди зеҳнӣ оҷиз меомӯзанд, онҳо дар он ҷое, ки ҷомеа нисбати ҳамдигар беинсофанд, ҳақиқатро дарк намуда, ошкоро ва нотарсона дар шаклҳои гуногун, махсусан масхараомез эътироз карда метавонанд. Барои иҷтимоишавии мусоид, ислоҳи рафтор ва табобати онҳо асосан тариқи

хондани дуоҳо ва ё муроҷиат ба фолбину мазор ва ғайраҳо муроҷиат карда мешуд. Аммо омӯзиши илмии масъала ва гузаронидани корҳои ислоҳии илман асоснок асри гузашта оғоз меёбад, ки онро ҳамчунин оғози зоҳиршавии педагогикаи махсус ва ё педагогикаи ислоҳнамоӣ низ меноманд.

Дар ибтидои асри гузашта, дар наздикии шаҳри Авейрони Франсия кӯдаке ваҳшигаштае ёфт мегардад, ки аломатҳои аутизмро дошт. Ба муҳити ҷомеаи инсонӣ ба зудӣ мутобиқ нагардидани он боис гардид, ки олими машҳур Е.М.Итард барои иҷтимоикунонии он сафарбар карда шавад. Ба кӯдак номи «Виктори ваҳшӣ» гузошта шуда, ҳамин тавр рушди таҳсилоти махсуси муосир бо фаъолияти доктор Е.М. Итард баробари иҷтимоикунонии он оғоз мешавад.

**Натиҷаҳо.** Дар асоси корҳои Е.М. Итард, баъдтар дар клиникаи махсуси амрикоӣ, соли 1943 Л. Каннер мушоҳидаҳои худро бо 11 нафар кудакони дорои ин гуна нуқсонҳо гузаронида, ба хулосае меояд, ки нуқсонҳои маъмулии инкишофи руҳӣ хусусиятҳои махсуси равониро доранд ва онҳоро «синдроми аутизми барвақтии кӯдакона» номид. Доктор Каннер на танҳо аломатҳои бемори аутизмро тавсиф менамояд, балки хусусиятхои характерноктарини клиникии онро низ муайян кард.

Ин тадқиқот боис гардид, ки ба ин бемори номи дуюм - «синдроми Каннер» гузошта шавад.

Ин марҳилае буд, ки мушкилии бемории аутизм ва роҳҳои ислоҳнамоии вазъ чунон мубрам меистод ва новобаста аз Л. Каннер онро соли 1944 олими австрияги Х. Аспергер ва соли 1947 тадқиқотчии рус С.С.Мухин низ мавриди омӯзиш ва тавсиф қарор дода буданд.

Нигораҳои гуфтугӯҳои саримизии Мартин Лютер, суҳбати ӯ бо як писарбачаи дувоздаҳсолаеро дар бар мегирад, ки нишонаҳои аутизми шадидро дошта аст. Ҳамасри Лютер ва муаллифи китоби «Ҷадвал» Матесиус менависад, ки Лютер ин кӯдакро ҳамчун як пораи гӯшти беҷоне, ки ба он шайтон ворид гардидааст тавсиф намуда, маслиҳат додааст, ки ӯро буғӣ кунанд.

Миёнаҳои солҳои 60-уми асри XX масъалаи мазкур нисбатан муфассалтар омӯхта шуда табиати устувор, давомнокии мутаассили он, бо нишон додани фарқияти он аз маъюбии ақлонӣ, шизофрения ва дигар ихтилолҳои рушд исбот карда шуд. Исбот гардид, ки ҷалби волидон ба барномаҳои фаъоли ислоҳнамоӣ ва табобати аутизм самараи хуб дода метавонад.

Вале то миёнаҳои солҳои 70-ум, дар бораи пайдоиши генетикӣ (ирсӣ) доштани аутизм ақидае вуҷуд надошт. Аммо баъдтар нақши ирсият дар рушди ин беморӣ ба исбот расида айни замон аз муассиртарин омилҳои зуҳуроти ин бемрорӣ дар байни дигар нуқсонҳои равонӣ ба ҳисоб меравад.

Зуҳуроти зоҳирии синдроми аутизми кӯдаконаро О.С. Николская, Е.Р. Баенская ва М.М. Либлинг дар меъёрҳои клиникӣ ҷамъбаст шудаанд, ки мухтасаран дар зер меорем:

- худи аутизм, яъне танҳоии шадиди кӯдак, паст шудани қобилияти барқарор кардани алоқаи эмотсионалӣ, муошират ва рушди иҷтимоӣ.

- рафтори стереотипӣ, ки бо хоҳиши шадиди нигоҳ доштани шароити доимии шинос алоқаманд аст;

- ҳаракат ва нутқ: ҷунбиш, ҷунбондан ва задани дастҳо, ҷаҳидан, такрори як садо, калима ва ибораҳо;

- таъхири вазифаи коммуникативии мушаххас ва хоси инкишофи нутқ [6, с. 13-14].

Баъзан дар калонсолон низ ин гуна рафтори монандро ба монанди зиёд такрор намудани як гапро мушоҳида намудан мумкин аст.

Халалдор гардидани инкишофи нутқ, маъмулан дар шакли халалдоршавии нисбтан зиёди муошират зоҳир мешавад: кӯдакони гирифтори ин беморӣ дар вақти сухан гуфтан аз тариқи мимикаи чеҳра ё имову ишораро ифода намудани фикр истифода мебаранд.

Ҳамзамон дар нутқи онҳо суръати ғайриодӣ, ритм, оҳанг ва интонацияи нутқ ғайриодӣ ба назар мерасад. Аммо ба гуфтаи мутахассисон, ин ҳодисаи аз инкишоф мондан набуда, балки як халалдоршавии хоси барвақти рушди равонии кӯдак аст.

Ҳолати ба ин монанд, ки аломатҳо ва нишонаҳои нисбатан сабуктарро ншон медиҳанд, халалдоршавии спектри аутизм номида мешаванд.

Аксари коршиносон ва муҳаққиқон дар бораи унсурҳои асосии таъмини ниёзҳои кӯдакони гирифтори аутизм сухан рондаанд, ки мухтасаран дар зер меорем.

- Дастгирии инфиродӣ ва хидматрасонӣ барои ин хонандагон ва оилаҳои онҳо;

- Дастурҳои бонизом;

- Сохтори махсуси таълимӣ;

- Мундариҷаи махсуси барномаи таълимӣ;
- Муносибати вазифавӣ ба равнади инкишофи мушкилот,
- Иштироки фаъоли оила дар ин раванд.

Бояд зикр намуд, ки баробари ивазшавии вазъ ва ё ҳолати муҳити иҷтимоӣ, кудакони гирифтори синдроми аутизм ба бухрони шадиди равонӣ дучор мешаванд.

Чуноне ки Н.В. Симашкова қайд менаояд, «Вақте ки вазъиятҳои иҷтимоӣ тағйир меёбанд, кӯдакони гирифтори ихтилоли спектри аутизм стресси шадидро аз сар мегузаронанд, ки бо ноустуворӣ ва нотавонӣ дарки дурусти маълумоти гирифташуда ва истифодаи он барои рушди худ тавсиф мешавад» [9, с. 48.].

Рафтори худкомагӣ ва ё якравии шадид аз мушкилоти маъмултаринест, ки муаллимон ва волидони кӯдакони гирифтори ин синдром мушоҳида мекунанд. Тадқиқотҳо исбот намудаанд, ки майнаи кӯдаки гирифтори ихтилоли аутизм бо ҷузъиёти барқароркунандаи робитаҳои иҷтимоӣ соҳиб набуда, маҷбур мешавад, ки фаъолияти зеҳнии кӯдакро бо амалҳои содае оро диҳанд, ки моҳиятан муносибатҳои рафтории якранг ва содаро ташкил медиҳанд.

Ба ақидаи С. А. Морозов, ташхиси барвақтии халалдоршавии инкишофи системаи асаб, ки боиси аутизм бо мушкилоти зиёде руй ба рӯй мегардад. Ин аз он сабаб аст, ки нишонаҳои аутизм ба дигар нишонаҳои дигар мушкилоти халалдоршавии рушди ситемаи асаб дар кӯдакон монандии зиёде дошта қариб якхелаанд [4, с. 18].

Аз ин рӯ, ташхиси аломатҳои аутизм дар синни 3-4 солагӣ боэътимодтар сурат мегирад. Н. К. Панюшкина қайд менамояд, ки марҳилаи синну солии кӯдакии барвақтӣ барои ташхис намудани ҳолат ва сатҳи кӯдакони гирифтори аутизм мусоидат намуда, дар корҳои ислоҳнамоӣ самараи хуб дода метавонад: намунаҳои рафтори худхоҳиро коҳиш медиҳад, муоширатро барқарор мекунад ва мутобиқшавии иҷтимоиро ба муҳити боғчаю мактаб суръат мебахшад [7, с. 31].

Арзёбии барвақтии объективии рушди зеҳнии кӯдак ҳатман бояд аз ҷониби мутахассисони зерин: равоншиносон, муаллими дорои таҳсилоти махсус ва терапевт сурат гирад. С.В. Ихсанова таъкид менамояд, ки ҳар қадар ташхис дақиқтар бошад, ҳамон қадар барномаи интихобшудаи таълимӣ, ислоҳӣ, равонӣ, педагогӣ нисбати ба табобат тавассути доруворӣ муваффақтар сурат хоҳад гирифт [3].

Ба гуфтаи профессор С. Гриспен, яке аз коршиносони пешбари ин соҳа, дар ҷаҳон кӯдаке нест, ки бо ӯ робита барқарор кардан ғайриимкон бошад ва бо ин васила барои лаззат бурдан аз муносибатҳо бо дигарон ва ворид шудан ба ҷаҳони беруна замина гузорад [10].

Ҳамин тавр заминаи асосии смаранокӣ ва муваффақии корҳои ислоҳии минбаъдаи психологӣ-педагогӣ бо кӯдакони дорои нуқсони аутизм, ин муайян кардани шакли ташкили таълиме мебошад, ки нерӯи ақлонии кӯдакро то ҳадди ниҳоӣ баланд мебардорад. Интихоби мутахасисони психолог-педагогӣ, ки ба корҳои ислоҳӣ ҷалб карда мешаванд, муҳиммияти бештаре дошта, мутаассифона, муассисаҳои таълимии махсус қариб, ки ин гуна мутахассисони соҳавиро надоранд ва ё умуман худи чунин муассисаҳо вуҷуд надоранд ва барои ниёзмандон дастрас нестанд.

Дар ин самт ақидаи Г. А. Мишина, Е. А., Стребелева, М. М. Семаго, Н. Я. Семаго ва дигарон бо фикри мо пурра мувоффиқат мекунад [8, с. 11].

Ҳамзамон дар раванди баррасӣ ва омӯзиши масъалаи мазкур ба мушкилии дигаре мувоҷеҳ гардидем, ки дар замони муосир боз ҳам ҳалталаб боқӣ мемонанд. Ин мушкилӣ дар он зоҳир мегардад, ки аломатҳои ин беморӣ бо аломатҳои дигар бемориҳои кӯдакон, ки аз ҷиҳати равонӣ аз рушд мондаанд ва ё кам рушд кардаанд, бениҳоят монанд ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо ягона ба назар мерасанд.

Чуноне, ки муаллифон М. Дадобоева ва Б. Туманова қайд мекунанд «Камақлӣ шакли мураккаби инкишоф наёфтани фаъолияти психикии шахс буда, дар даврaҳои гуногуни инкишофи ҷанин дар батни модар ба вуҷуд меояд ва ҳангоми ба системаи асаб ва майнаи сар таъсир расонидани ҳар гуна сирояткунандаҳо (захрҳо, зарбҳо) ва ё дар синни барвақтии ҳаёт аз сар гузаронидани ягон намуди бемориҳои сирояткунанда (менингит, энсефалит, менингоэнсефалит, зуком, зардпарвин, домана) пайдо шуданаш мумкин аст. Дар вақти таваллуд ва баъди таваллуд зарб хурдани системаи марказии асаб ва майнаи сар, никоҳи хешутаборӣ низ сабабгори ин нуқсон шуда метавонанд» [2, с. 39].

Албатта дар ин ҷо сухан дар бораи бемории ақлан ақибмондагии қудакон меравад. Мушкилии ба раванди таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдакони гирифтори бемории аутизм нав набуда, дар замони муосир ҳам мубрам, ташкил ва таҳҷизонидани синфхонаҳои махсус хеле муҳим боқӣ мемонад. Фаро гирифтани ин кӯдакон ба таълими босифат шароити

махсуси психологию педагогиро, бо дарназардошти эҳтиёҷоти махсуси таълимии онҳо, инчунин ба онҳо расондани ёрии муттасил ва бонизоми гуногунҷабҳаро тақозо менамояд.

Халалдор гардидани фаъолиятҳои равонии кӯдак дар асоси халал ворид гардидан ба як қатор хусусиятҳои физиологӣ-психологии системаи асаб дар организм сурат гирифта, шакли доираи васеъи рафторҳои ғайримуқаррарӣ ва ё бо мушкилӣ иҷро намудани муошират ва муносибат, зуд-зуд такрор намудани як амал, инчунин мушкилот дар иҷтимоишавии кӯдак зоҳир мегардад.

Ҳангоми мушоҳида намудани ин сифатҳо дар кӯдак ҳатман ба мутахассисони соҳавӣ муроҷиат намудан лозим аст.

Мақсади асосии аввалиндараҷаи субъектҳлои таълиму тарбия, махсусан муассисаи таълимие, ки ба тарбияи кӯдакони гирифтори бемории аутизм сарукор доранд, ин таҳия намудан ва фароҳам овардани шароити махсуси таълимӣ-тарбиявӣ барои азхудкунии барномаҳои таълимӣ ва иҷтимоишавии онҳо мебошад. Ин раванд пеш аз ҳама дар таҳти таъсиррасонии мусоиди фазои равонӣ мутобиқшавии нарму бароҳати кудакони дорои аутизми сабук мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф пеш аз ҳама фароҳам овардани шароити оптималии рушди мусбати ҳар як кӯдаки дорои нуқсони аутизм ба шумор меравад.

Бе ҳамкории зичи мутахассисони соҳаҳои гуногун, ки ба мушкилии мазкур алоқамандии бевосита ва ё бавосита доранд, махсусан омӯзгорони фаннии дорои маҳрорату малакаҳои касбии кор бо кудакони гирифтори бемории аутизм, равоншиносони касбӣ, синнусолӣ, мутахассисони логопед, кормандони соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, мутиахассисони соҳаи таҳсилоти иловагӣ ба натиҷаҳои дилхоҳи педагогӣ расидан ғайриимкон аст. Дар муассисаи таълимӣ таҳсил намудан, ҳамчун як сохтори иҷтимоӣ аз марҳилаҳои муҳимми иҷтимошавии кӯдакони гирифтори бемории аутизм ба шумор меравад, ки бидуни он инкишофи минбаъдаи онҳо ба таври назаррас халалдор гардад. Бинобар ин, муҳим аст, ки роҳҳои ҳамгиро гардонии инфиродии ҳар як фаъолияти таълимӣ таҳия шуда, имконияти мутобиқшавии кӯдаки гирифтори аутизм васеъ гардонида шуда, аз ҳолатҳои стрессовар пешгирӣ шуда, роҳҳои гуногуни рафъи мукшкилиҳои алоқаманд ба аутизм коркард карда шаванд.

Ҳадафҳои тарбиявии таълим барои як кӯдаки гирифтори аутизм бояд ба дарки маънои васеъи мафҳум нигаронида шаванд.

Барои он ки омӯзиши кӯдакони гирифтори аутизм ба натиҷаҳои зарурӣ оварда расонад, иштироки фаъоли ин кӯдак дар раванди омӯзиш зарур аст. Адабиёти илмӣ, иштироки фаъоли ин кӯдаконро, ҳамчун таъсири мутақобилаи дутарафаи рафтории омӯзгор ва хонанда, дар посух ба талаботи стандарти таълими кӯдакони осебпазир муайян карда мешавад.

Иштироки фаъоли таълимӣ-маърифтӣ рафторҳоеро ба монанди иштироки фаъолона ва саривақтӣ дар дарс, иҷрои супоришҳо, дуруст ҷавоб додан ба супоришҳо, риояи дастурҳои роҳбари синф ва омӯзгорон, иҷрои бефосилаи вазифаҳои мураккаби таълимиро дар бар мегирад.

Муҳаққиқон инчуни бар он назаранд, ки арзёбии чунин паҳлӯҳои муҳимми рафтори хонандагони гирифтрри бемории аутизм, ба мисли танзими эҳсосот, иштироки фаъол дар дарс, сатҳи мустақилияти муошират дар ҷомеа, қобилияти оғоз кардани муносибат ва мутобиқшавии сабук ба тағйирот дар муҳити синф зарур аст .

Барои кӯдакони гирифтори бемории аутизм, бинобар сабаби бухрони гардидани фаъолияташон дар муносибат ва муошират бо муҳити иҳотанамудаашон, таҳия намудани шароити махсус барои фаъолияташон зарур аст. Чунки хусусиятҳои кӯдакони аутизм аксар вақт метавонанд ба фаъолияти маърифатӣ дар синф халал расонанд.

Аксари муҳаққиқон дар ин ақидаанд, ки дар як ҳафта кудакони гирифтори бемории аутизм бояд зиёда аз 25 соат фаъолона дар фаъолиятҳои маърифати, ки ба азхудкунии натиҷаҳои мусбати таълими нигаронида шудаанд иштирок намоянд.

Ҷанбаи калидии фардикунонии таълим барои кудакони гирифтори аутизм ҷузъиётеро дар бар мегиранд, ки сатҳи баланди иштироки фаъолро таъмин мекунанд.

Яке аз роҳҳои ноил гардидан ба ин ҳадаф ин таъмини самараноки дар ташкили таълим барои хонандагони гирифтори бемории аутизм мебошад. На танҳо таъмин намудани дастрасии таълим барои ҳар як кӯдаки бемор, балки таҳияи таълими инфиродӣ низ зарур аст, ки масири гузариши бонизоми кӯдаки гирифтори аутизмро ба шакли ташкили нисбатан мураккабтари таълим фароҳам меоварад.

Умуман, мутобикгардонии кӯдаки гирифтори аутизмро ба мактаб, ба марҳилаҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

- марҳилаи дарсҳои инфиродӣ;
- марҳилаи дарсҳои гурӯҳӣ (синфи хурди махсуси 6-8 нафар);

- синфи ҳамгиро ё фарогир (12-20 кӯдак).

Ҳар яке аз ин марҳилаҳо барои марҳалаи болои дониш ва малакаҳои муайяни заминавиро ташаккул дода, ба кӯдаки гирифтори аутизм имкон медиҳанд, ки дар ҷомеа маком пайдо намояд ва дар муҳити мураккабтари иҷтимоӣ иштироки фаъолона дошта бошад.

Қайд кардан зарур аст, ки кӯдаки гирифтори бемории аутизм имкон дорад маҳорат ва малакаҳои заруриро ҳатто пеш аз ба мактаб рафтан ба даст орад. Агар корҳои ислоҳӣ дар синни барвақти кӯдаки оғоз шаванд, кӯдак таҷрибаи мусбати муоширатро дар синни томактабӣ ҳосил намуда, дар муошират муваффақият нишон диҳад, пас таълим дар синфи ҳамгиро ё фарогир барои ӯ мувофиқ аст.

Бинобар ҳамин пеш аз оғози таҳсил, барои муайян кардани имкониятҳои мутобиқшавии кӯдаки гирифтори аутизм дар бораи ӯ донистани маълумоти объективӣ муҳим аст. Маълумоте, ки ҳангоми чунин мушоҳида ба даст оварда мешаванд, инҳоянд:

- муоширати оптималӣ, дараҷаи иштироки калонсолон дар фаъолиятҳои онҳо;
- фаъолиятҳои дӯстдошта, ки бехато иҷро карда метавонад;
- муоина ва таҳқиқ карда тавонистани ашёи атроф, давомнокии ҳар як фаъолият;
- сатҳи ташаккули малакаҳои истифодаи ҳаррӯза;
- сатҳи рушди нутқ;
- рафтор дар вазъиятҳои манфӣ;
- вокуниш ба мамнуият;
- рафтор дар ҳолати хурсанди;
- роҳҳои муассири оромнамоии дар холати ҳаяҷон.

Дар натиҷаи ташхиси аввалия, мо метавонем муайян кунем, ки кадом дар марҳилаи аввали таҳсил мувофиқтар аст ва ӯ дар муасиссаи таълими ба кадом шароит ниёз дорад. Муҳим аст, ки кӯдак лар раванди инкишоф бояд имконияти гузаштан ба шаклҳои нисбатан мураккабтари ташкилии таълимро дошта бошад.

Нотавонӣ дар муносибатҳои мураккаби иҷтимоӣ метавонад ба рушди минбаъдаи иҷтимоишавии кӯдак таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳангоми гузаштан аз як марҳилаи таълими инфиродӣ ба марҳилаи баъдина зарур аст кӯдаки гирифтори аутизм дастгирӣ ва кӯмак карда шавад.

Бояд зикр намуд, ки баъзе кӯдакони гирифтори бемории аутизм бояд таҳсили худро дар мактаб аз марҳилаи таълими инфиродӣ оғоз кунанд. Инхо кӯдаконеанд, ки аз муошират бо шахси калонсоли ношинос худдорӣ мекунад, воситаҳои фаҳмои муоширатро надошта, намедонад, ки дар ҳолати зарурӣ аз шахси калонсол кӯмак пурсидан зарур аст ва рафтори кӯдак аз ҷониби шахси калонсол танзимнашаванда мебошад.

Яъне, кӯдак намедонад, ки чӣ тавр ва чи гуна бо калонсолони ношинос тамос барқарор кунад, ки қариб ҳамаи муаллимон дар мактаб хоҳанд буд.

Имрӯз зарурате ба миён омадааст, ки барои ин кӯдакон шароит ва қоидаҳои рафторе коркард ва таҳия карда шаванд, ки барои дар шароит ва ҳолатҳои гуногун муттасил татбиқ намудани ҳадафҳои педагогӣ-психологии гузошташуда мусоидат намуда, иҷтимоишавии муваффақона, дарёти мақоми сазовор дар ҷомеа, инкишофи малакаҳои муоширатии онҳоро таъмин карда тавонанд.

Масъалаи доғ ва дардноки ҷомеаи муосир боз ин саволест, ки бо таври доимӣ дар зеҳни волидайни ингуна кӯдакон чарх мезанад: “Оё кӯдакони гирифтори аутизм ақибмонии ҷиддӣ ва ислоҳнопазири руҳӣ доранд ё не?».

Чуноне ки болотар зикр кардем сабаби ба миён омадани ин суол ин шабоҳати аломатҳои аутизм бо аломатҳои ақлан ақибмонӣ дар кӯдакони хурдсол мебошад.

Албатта табобати пурраи ин бемориҳо ғайриимкон аст, аммо бояд зикр намуд, ки корҳои ислоҳӣ ва табобатӣ барои гирифторони аутизм натиҷаҳои назаррас медиҳанд ва мо мушоҳида менамоем, ки имрӯз онҳо дар ҷомеа ҳаёти муқаррарӣ ва пурмазмун дошта, мақомҳои гуногуни иҷтимоиро соҳиб гардидаанд.

**Хулоса.** Тавассути дуруст ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани ин корҳо бо кӯдакони гирифтори аутизм дар онҳо нутқи нисбатан хубтарро инкишоф дода, маҳорату малакаҳои муоширатиашонро то андозае барқарор кардан мумкин аст. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки дар ҷомеа мақоми иҷтимоӣ пайдо намуда, соҳиби касбҳое, ки алоқаи зиёд бо меҳнати зеҳнӣ доранд гардида, маҳорату малакаҳои мустақилона таъмин намудани маишати худро ҳосил намоянд. Ва дар охир бояд зикр намуд, ки дар синни кӯдакии барвақтӣ дар корҳои ислоҳнамоӣ фаъолияти бозӣ самараи хуб дода, марказҳои ҳаракатии майнаашонро фаъол мегардонад.

***Адабиёт***

1. *Асозода, Б. Ҷ. Муоина ва ташхиси аутизм дар кӯдакон / Б. Ҷ. Асозода. // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2025. - №2 (24). - С. 279-284.*
2. *Дадобоева, М. Хусусиятҳои омода намудани кӯдакони ақланақибмонда ба саводомӯзӣ / М.Дадобоева, Б. Туманова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. - № 5-1 (77). - С. 39-43.*
3. *Ихсанова, С. В. Система диагностико-коррекционной работы с аутичными дошкольниками / С. В. Ихсанова. - СПб.: Детство Пресс, 2017.-208 с.*
4. *Морозов, С. А. Выявление риска развития расстройств аутистического спектра в условиях первичного звена здравоохранения у детей раннего возраста. Методическое пособие / С. А. Морозов. - М.: Фонд содействия решению проблем аутизма в России «Выход», 2014.-104 с.*
5. *Никольская, О. С. Аутичный ребенок. Пути помощи / О. С. Никольская, Е. Р. Баенская, М. М. Либлинг. - М: Теревинф, 2007.-288 с.*
6. *Никольская, О.С. Эмоциональные нарушения в детском возрасте и их коррекция / О.С. Никольская, В.В. Лебединский, Е.Р. Баенская, М.М. Либлинг. – М.: Изд-во МГУ, 1990. –197 с.*
7. *Панюшкина Н. К. Проблемы реализации ФГОС ОВЗ для детей с РАС в условиях массовой школы / Н. К. Панюшкина. - М.: Omni Scriptum Publishing KS, 2019. – 52 с.*
8. *Семаго, Н. Я. Создание специальных условий в образовательном учреждении для детей с расстройствами аутистического спектра. Методический сборник / Н. Я. Семаго, М. М. Семаго. - М.: Инклюзивное образование, 2012. - 56 с.*
9. *Симашкова, Н. В. Расстройства аутистического спектра у детей / Н. В. Симашкова. - М.: Авторская Академия, 2013.-264 с.*
10. *Стенли Гринспен, На ты с аутизмом: использование методики Floortime для развития отношений, общения и мышления [Электронный ресурс] / Стенли Гринспен, Уидер. – 2-е изд. (эл.). – Электрон. текстовые дан. (1 файл pdf: 513 с.). – М. : Теревинф (санаи вуруд 09.01.2026).*
11. *Стребелева, Е. А. Педагогическое сопровождение семьи, воспитывающей ребенка раннего возраста с отклонениями в развитии / Е. А. Стребелева, Г. А. Мишина. - М.: Парадигма, 2015. - 212 с.*

## АУТИЗМИ КӮДАКОНА: МУШКИЛИИ ҲАЛТАЛАБИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Дар мақола мушкили марбут ба бемории аутизм дар кӯдакон, ки дар баробари нобиноӣ ва ё кару гунгӣ ба як ҳолати хеле маъмул табдил ёфтааст ва дар ҷомеаи муосир тамоили зиёдшавӣ дорад мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зикр мегардад, ки дар ҷумҳурии мо мутахассисоне, ин бемориро дар кӯдакон муоина, ташхис ва табобат кунанд хеле кам вомехӯранд ва оилаҳое, ки кӯдакони гирифторри бемории аутизм доранд, солҳо тулонӣ бе кӯмаки тахассусӣ мемонанд. Ошкор карда шудааст, ки кӯдакони гирифтори аутизмро, ки аз инкишофи муътадили ақлонӣ ва нутқ бозмондаанд дар кӯдакистонҳо, муассисаҳои таълимӣ, сайргоҳҳо, боғ, роҳрав ва бозор мушоҳида намудан мумкин аст, ки бо рафтор ва муносибати ғайриоддии худ фарқ карда дар муносибат ва муошират бо дигарон душворӣ мекашанд. Муайян карда шудааст, ки интихоби мутахасисони психолог-педагог, ки ба корҳои ислоҳӣ ҷалб карда мешаванд муҳиммияти бешаре дошта, мутаасифона муассисаҳои таълимии махсус қариб, ки ин гуна мутахассисони соҳавиро надоранд ва ё умуман худи чуни муассисаҳо вуҷуд надоранд ва барои ниёзмандон дастрас нестанд. Муаллиф ба хулосае расидааст, ки заминаи асосии самаранокӣ ва муваффақии корҳои ислоҳии минбаъдаи психологӣ-педагогӣ бо кӯдакони дорои нуқсони аутизм, ин муайян кардани шакли ташкили таълиме мебошад, ки нерӯи ақлонии кӯдакро то ҳадди ниҳоӣ баланд мебардорад.

**Калидвожаҳо:** кӯдак, беморӣ, аутизм, ақланақибмонӣ, инкишоф, нутқ, ақл, психология, педагогика, ислоҳнамоӣ.

## ДЕТСКИЙ АУТИЗМ: АКТУАЛЬНАЯ ПРОБЛЕМА СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

В статье рассматривается проблема аутизма у детей, который, наряду со слепотой или глухотой, стал очень распространенным и находится на подъеме в современном обществе. Стоит отметить, что в нашей республике очень мало специалистов, способных обследовать, диагностировать и лечить это заболевание у детей и семьи с детьми-аутистами годами остаются без специализированной помощи. Выявлено, что дети с аутизмом, отстающие в нормальном умственном и речевом развитии, могут наблюдаться в детских садах, учебных заведениях, парках, на тротуарах и рынках, отличающиеся необычным поведением и отношением, а также испытывающие трудности во взаимодействии и общении с окружающими. Установлено, что отбор психолого-педагогических специалистов, участвующих в коррекционной работе, имеет первостепенное значение и к сожалению, почти ни в одном специализированном учебном заведении таких специалистов нет, или такие учреждения вообще отсутствуют и недоступны нуждающимся. Автор приходит к выводу, что основной основой эффективности и успеха дальнейшей коррективно-психологической и педагогической работы с детьми с расстройствами аутистического спектра является определение такой формы организации обучения, которая максимально раскрывает интеллектуальный потенциал ребенка.

**Ключевые слова:** ребенок, болезнь, аутизм, умственная отсталость, развитие, речь, разум, психология, педагогика, коррекция.

**CHILDHOOD AUTISM: A PRESSING PROBLEM IN MODERN SOCIETY**

This article examines the problem of autism in children, which, along with blindness and deafness, has become very common and is on the rise in modern society. It is worth noting that in our republic, there are very few specialists capable of examining, diagnosing, and treating this condition in children, and families with autistic children often go without specialized care for years. It has been found that children with autism, who are delayed in normal mental and speech development, can be observed in kindergartens, educational institutions, parks, on sidewalks, and markets. They exhibit unusual behavior and attitudes, as well as experiencing difficulties interacting and communicating with others. It has been established that the selection of psychological and pedagogical specialists involved in special needs work is of paramount importance. Unfortunately, almost no specialized educational institutions have such specialists, or such institutions do not exist at all and are inaccessible to those in need. The author concludes that the main basis for the effectiveness and success of further corrective psychological and pedagogical work with children with autism spectrum disorders is the determination of a form of educational organization that maximizes the child's intellectual potential.

**Keywords:** child, illness, autism, mental retardation, development, speech, mind, psychology, pedagogy, correction.

***Дар бораи муаллиф***
*Гулматзода Мавзуна Қурбоналӣ*
*Сармутахассиси раёсати таълим*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: mavzunagulmadzoda@gmail.com*

***About the author***
*Gulmatzoda Mavzuna Qurbonali*
*Chief Specialist of the Department of Education*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: mavzunagulmadzoda@gmail.com*

***Об авторе***
*Гулматзода Мавзуна Курбонали*
*Главный специалист учебного управления*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: mavzunagulmadzoda@gmail.com*

## ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО

Идораи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақолаҳо ба идораи маҷалла дар шакли электронӣ ва чопӣ пешниҳод карда мешаванд.
2. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати А4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,0 бошад.
3. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 10 то 16 саҳифа мебошад.
4. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.
5. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.
6. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.
7. Аннотатсия бояд 100 - 200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи муҳтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад. Истифодаи ибораҳои умумӣ ва ҷузъиёти беаҳаммияти мавзуъ зарурат надорад.
8. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 5-10 калима ва ибораҳои зарурии мавзуъ бошанд.
9. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].
10. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда шуда, дар он нахуст номгӯи адабиёти кириллӣ ва сипас адабиёти хориҷӣ меояд.
11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.
12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.
13. Тавсия дода мешавад, ки аз таҳқиқотҳои доир ба мавзуи мақола қаблан дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, хусусан дар маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ» нашргардида истифода бурда шавад. Инчунин ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.
14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз ду ҳаммуаллиф мебошанд (ба истиснои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад.
15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.
16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.
17. Матни маводди пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.
18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

## ПРАВИЛА ОФОРМЛЕНИЯ СТАТЕЙ

Редакция журнала «Вестник педагогического университета. Серия педагогических и психологических наук» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статьи предоставляются в редакцию журнала в электронном и печатном виде.

2. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,0.

3. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 10 до 16 страниц.

4. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.

5. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.

6. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.

7. Аннотация должна содержать 100-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования. Использование общих фраз и несущественных деталей темы нецелесообразно.

8. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 5-10 слов и основных фраз темы.

9. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].

10. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа, в нем сначала дается литература на кириллице, затем - на латинице.

11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.

12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.

13. Рекомендуется использовать исследования по теме статьи, ранее опубликованные в рецензируемых научных журналах, особенно в журнале «Вестник педагогического университета. Серия педагогических и психологических наук». Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.

14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).

15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.

16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.

17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).

18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

## RULES FOR THE DESIGN OF ARTICLES

The editorial board of the journal of «Herald of the Pedagogical University. Series of Pedagogical and Psychological Sciences» accepts scientific articles on topics corresponding to the journal's for publication profile. During preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. Articles are submitted to the editorial board of the journal in electronic and printed form.
2. The article should be typed in the text editor WinWord (A4 format) in Times New Roman font, with margins of 2 cm, font size 14 and line spacing 1.0.
3. The optimal volume of the article jointly with the abstract and list of references is from 10 to 16 pages.
4. The UDC index is placed on the left side of the page at the beginning of the article.
5. Information about the author(s), the title of the article, the abstract text and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.
6. The author's(s) surname, first name and patronymic (in full), academic title, academic degree, position, place of work and its address, e-mail and phone number are written on separate lines.
7. The abstract should contain 100-200 words and should outline the content of the article and the results of the research. The use of general phrases and insignificant details of the topic is not advisable.
8. Keywords, separated by commas, should contain 5-10 words and main phrases of the topic.
9. The text of the article must contain references to the used sources. The reference to the source is given after the quoted text with the indication of the serial number of the source and the page in square brackets, for example: [5, p. 24].
10. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order in the form of a bibliographic list. The bibliographic list is drawn up in accordance with the requirements of GOST; it first lists literature in Cyrillic, then in Latin.
11. During describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books in the list of references, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, abstract, chapter or section of a book, etc. - their pages.
12. The list of references should contain at least 10 scientific research sources, at least 30% of them should be scientific papers published in the country. The author's bibliography should not exceed 25% of the list of references in the article.
13. It is recommended to use research on the topic of the article, previously published in peer-reviewed scientific journals, especially in the journal «Herald of the Pedagogical University. Series of Pedagogical and Psychological Sciences». Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.
14. Scientific articles with more than two co-authors (except for experimental research) will not be published in the journal.
15. Articles of postgraduate students, applicants and PhD students are accepted for publication on the recommendation of the scientific supervisor, and articles of master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.
16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit the scientific article.
17. The text of the submitted material is the final version, it must be proofread and free of errors. The author(s) is responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.
18. In case of non-observance of the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

**ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия педагогических и психологических наук**

**2026, № 2 (28)**

---

**Издательский центр**
**Таджикского государственного педагогического**
**университета им. С. Айни**
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Сайт журнала: www.pedagog.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-36-91

Формат 60х80/8. Бумага офсетная.
Печать офсетная. Тираж 100 экз. П.л.30.
Подписано в печать 27.06.2026 г. Заказ № 83
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С. Айни